К И Т О Б И Р Ӯ И М И З И И Х И З М А Т Ч И И Д А В Л А Т Ӣ

АГЕНТИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ СОҲАИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ

Нашри шашум

Ба ифтихори 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 20-солагии таъсисёбии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр ва тақдим карда мешавад

Душанбе

«Полиграф групп» 2021

ББК. 67.99.6. (575.3)
С-12

Агентии хизмати давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон, 734003, шаҳри Душанбе,
кӯчаи Саид Носир-33
Тел./факс: (+992 37) 221-12-49, 224-89-81, 224-02-74
Веб-сайт: www.ahd.tj
Почтаи электронӣ:

info@ahd.tj

ISBN 978-99975-71-99-1

ПЕШГУФТОР

Ташаккули хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чун ҷузъи ҷудонопазири низоми идоракунии давлатӣ бо раванди таҳкими Истиқлолияти давлатӣ пайвандию гусастанї дорад.

Давоми солҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон такмили низоми идоракунии давлатӣ ва ташаккули хизмати давлатӣ - вазифаҳои афзалиятнок муайян гардиданд.

Зимни татбиқи ҳамин сиёсати созанда аз оғози соҳибистиқлолии Тоҷикистон масъалаҳои таъминоти кадрӣ ва истифодаи оқилонаи иқтидорҳои кадрӣ, тайёр намудани мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ, такмили ихтисос ва азнавтайёркунии хизматчиёни давлатӣ ба вазифаҳои муҳими давлатӣ табдил ёфтанд.

Марҳилаи навини рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол тақозо менамуд, ки хизмати давлатӣ ҳамчун ниҳоди кадрсозӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва идоракунӣ дар байни давлат ва ҷомеа бояд аз ин бештар нақши васлкунанда дошта, барои амалӣ намудани афзалиятҳои миллӣ ва фаъолияти самараноки мақомоти давлатӣ мусоидат намояд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» нахустин маротиба аз 13 ноябри соли 1998 ва дар таҳрири нав аз 5 марти соли 2007 қабул гардида, ба ташаккул ва рушди хизмати давлатӣ заминаи воқеӣ гузошт. Дар асоси онҳо қабули зиёда аз 200 санади меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳа, аз ҷумла, Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳо оид ба ташкил ва баргузории озмунҳо, аттестатсияҳо, кор бо захираи кадрҳо, баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатӣ, ҷойивазкунии кадрҳои роҳбарикунанда ба тасвиб расида, масъалаҳои тарбия, интихоб, ҷобаҷогузории кадрҳои хизмати давлатӣ ва дар маҷмӯъ идоракунии захираҳои инсонии мақомоти давлатӣ пурра танзим гардиданд.

Дар асоси фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 25 январи соли 2001 Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, минбаъд 13 ноябри соли 2013 бо мақсади баланд бардоштани мақом ва нақши он ба Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд.

Ниҳоди хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин солҳо ташаккул ёфта, боз ҳам дар марҳилаи рушду такомул қарор дорад.

Дар амалигардонии ислоҳоти идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии

Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006, №1713, Консепсияи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2007, №289, Барномаи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2007, №448, Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, №582 ва Барномаи татбиқи Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2016, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2009, №252 тасдиқ карда шудаанд, мавқеи муҳим доранд.

Бо мақсади ташаккули низоми хизмати давлатӣ бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2015, №591 Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 10 марти соли 2016, №647 Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ, аз 19 июли соли 2019, №1287 Қоидаҳои гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 22 июли соли 2019, №1328 Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ва боз даҳҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар қабул карда шуданд.

Дар маҷмӯъ барои ташкили хизмати давлатии касбии Тоҷикистон заминаи мустаҳкам бунёд шудааст.

Маҷмӯаи мазкур санадҳои меъёрии ҳуқуқии муҳимтарини соҳаи хизмати давлатиро фаро гирифта, барои доираи васеи хизматчиёни давлатӣ пешбинӣ гардидааст. Шакли электронии ин китоб дар сомонаи Агентии хизмати давлатӣ бо нишонии - www.ahd.tj ҷой дода шуда, ба он мунтазам тағйиру иловаҳои дахлдор ворид мегарданд.

Итминони комил дорем, ки ин маҷмӯа барои истифодаи хизматӣ ба омӯзиши масъалаҳои соҳаи хизмати давлатӣ ба хизматчиёни давлатӣ, муҳаққиқон ва онҳое, ки ба соҳаи хизмати давлатӣ таваҷҷуҳ доранд, мусоидат хоҳад кард.

Бо эҳтиром,
директори Агентии хизмати
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷ.Давлатов

КОНСТИТУТСИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст ва ба он 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 тавассути раъйпурсии умумихалқӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд

МО, ХАЛҚИ ТОҶИКИСТОН,
қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳон буда, худро дар назди наслҳои гузашта, ҳозира ва оянда масъул ва вазифадор дониста, таъмини соҳибихтиёрии давлати худ ва рушду камоли онро дарк намуда, озодӣ ва ҳуқуқи шахсро муқаддас шумурда, баробарҳуқуқӣ ва дӯстии тамоми миллату халқиятҳоро эътироф карда, бунёди ҷомеаи адолатпарварро вазифаи худ қарор дода,

ҲАМИН КОНСТИТУТСИЯРО ҚАБУЛ ВА ЭЪЛОН МЕНАМОЕМ.

БОБИ ЯКУМ
АСОСҲОИ СОХТОРИ КОНСТИТУТСИОНӢ

Моддаи 1

Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад.

Шакли идораи Ҷумҳурии Тоҷикистон президентӣ мебошад.

Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тоҷикистон ҳаммаъноянд.

Моддаи 2

Забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст.

Забони русӣ ҳамчун забони муоширати байни миллатҳо амал мекунад.

Ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунанд, ҳуқуқ доранд аз забони модариашон озодона истифода кунанд.

Моддаи 3

Рамзҳои давлатии Тоҷикистон Парчам, Нишон ва Суруди Миллӣ аст.

Моддаи 4

Пойтахти Тоҷикистон шаҳри Душанбе аст.

Моддаи 5

Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд.

Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд.

Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд.

Моддаи 6

Дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад.

Ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот аст.

Халқи Тоҷикистонро сарфи назар аз миллаташон шаҳрвандони Тоҷикистон ташкил менамоянд.

Ҳеҷ як иттиҳодияи ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, гурӯҳи одамон ва ё фарде ҳуқуқ надорад, ки ҳокимияти давлатиро ғасб намояд.

Ғасби ҳокимият ва ё тасарруфи салоҳияти он манъ аст.

Аз номи тамоми халқи Тоҷикистон фақат Президент, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи якҷояи худ ҳуқуқи сухан гуфтан доранд.

Моддаи 7

Ҳудуди Тоҷикистон тақсимнашаванда ва дахлнопазир мебошад.

Тоҷикистон аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, шаҳракҳо ва деҳаҳо иборат аст.

Соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии Тоҷикистонро давлат таъмин менамояд. Тарғиб ва амалиёти ҷудоиандозӣ, ки ягонагии давлатро халалдор мекунад, манъ аст.

Тартиби таъсис ва тағйири воҳидҳои маъмурию ҳудудиро қонуни конституцсионӣ танзим менамояд.

Моддаи 8

Дар Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад.

Мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурӯҳе наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад.

Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ дар доираи Конституцсия ва қонунҳо таъсис меёбанд ва амал мекунанд.

Иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷудо буда, ба корҳои давлатӣ мудохила карда наметавонанд.

Таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгарой, хусумат, бадбинии иҷтимой ва

мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конституцсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст.

Дар Тоҷикистон фаъолияти ҳизбҳои сиёсии дигар давлатҳо, таъсиси ҳизбҳои хусусияти миллӣ ва динидошта, инчунин маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ аз ҷониби давлатҳо ва созмонҳои хориҷӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандони хориҷӣ манъ аст.

Моддаи 9

Ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад.

Моддаи 10

Конституцсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конституцсияанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд.

Давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конституцсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд.

Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд.

Қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, пас аз интишори расмӣ амал мекунанд.

Моддаи 11

Тоҷикистон сиёсати сулҳҷӯёнаро ба амал татбиқ намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром менамояд ва муносибатҳои хориҷиро дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ муайян мекунад.

Ташвиқоти ҷанг манъ аст.

Тоҷикистон вобаста ба манфиатҳои олии халқ метавонад ба иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ дохил шавад, аз онҳо барояд, бо кишварҳои хориҷӣ робита намояд.

Давлат бо ҳамватанони берунмарзӣ ҳамкорӣ мекунад.

Моддаи 12

Асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳанд.

Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад.

Моддаи 13

Замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар боигарии табиӣ моликияти истисноии давлат мебошанд ва давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад.

БОБИ ДУЮМ
ҲУҚУҚ, ОЗОДӢ, ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД

Моддаи 14

Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конституцсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд.

Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалӣ мешаванд. Онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракуниро муайян мекунанд ва ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин мегарданд.

Маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конституцсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад.

Моддаи 15

Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсе ҳисоб меёбад, ки дар рӯзи қабули Конституцсия шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон буд ё мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро соҳиб шуда бошад.

Мансубияти шаҳрванди Тоҷикистон ба шаҳрвандии давлати дигар эътироф намешавад, ба истиснои мавридҳое, ки дар қонун ё шартномаҳои байнидавлатии Тоҷикистон нишон дода шудааст.

Тартиби соҳиб шудан ва қатъ гардидани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қонуни конституцсионӣ танзим менамояд.

Моддаи 16

Шаҳрванди Тоҷикистон дар хориҷи кишвар таҳти ҳимояи давлат мебошад. Ҳеҷ як шаҳрванди ҷумҳуриро ба давлати хориҷӣ супурдан мумкин нест. Супурдани ҷинояткор ба давлати хориҷӣ дар асоси шартномаи тарафайн ҳал мешавад.

Шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд аз ҳуқуқ ва озодиҳои муқарраргардида истифода мебаранд ва баробари шаҳрванди Тоҷикистон вазифа ва масъулият доранд, ба истисноии ҳолатҳое, ки қонун пешбинӣ намудааст.

Тоҷикистон ба шаҳрвандони хориҷие, ки гирифтори вайронкунии ҳуқуқи инсон гаштаанд, метавонад паноҳгоҳи сиёсӣ диҳад.

Моддаи 17

Ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молумулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад.

Мардон ва занон баробарҳуқуқанд.

Моддаи 18

Ҳар кас ҳуқуқ ба ҳаёт дорад.

Ҳеҷ кас аз ҳаёт маҳрум карда намешавад, ба истисноии ҳукми суд барои ҷинояти махсусан вазнин.

Дахлнопазирии шахсро давлат кафолат медиҳад. Ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад. Мавриди озмоиши маҷбурии тиббӣ ва илмӣ қарор додани инсон манъ аст.

Моддаи 19

Ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад. Ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд.

Ҳеҷ касро бе асоси қонунӣ дастгир, ҳабс кардан мумкин нест. Ҳар шахс аз лаҳзаи дастгир шудан метавонад аз ёрии адвокат истифода кунад.

Моддаи 20

Ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад.

Ҳеҷ кас баъди гузаштани муҳлати таъқиби ҷиноятӣ, инчунин барои содир кардани рафторе, ки ҳангоми воқеъ шуданаш ҷиноят ҳисоб намеёфт, ба ҷавобгарӣ кашида намешавад. Барои як ҷиноят ҳеҷ кас такроран ҷазо намебинад.

Қонуне, ки баъд аз содир шудани рафтори ғайриқонунии шахс қабул шудааст ва он ҷазои шахсро вазнин мекунад, қувваи бозгашт

надорад. Агар баъд аз содир шудани рафтори ғайриқонунӣ барои он ҷазо пешбинӣ нашуда бошад ва ё ҷазои сабук пешбинӣ шуда бошад, қонуни нав амал мекунад.

Мусодираи пурраи молу мулки шахси маҳкумшуда манъ аст.

Моддаи 21

Ҳуқуқи ҷабрдидаро қонун ҳифз мекунад. Давлат ҳифзи судӣ ва ҷуброни зарарро барои ҷабрдида кафолат медиҳад.

Моддаи 22

Манзили шахс дахлнопазир аст.

Ба манзили шахс зӯран даромадан ва касеро аз манзил маҳрум кардан манъ аст, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муқаррар кардааст.

Моддаи 23

Маҳрамияти мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти шахс таъмин карда мешавад, ба истиснои мавридҳое, ки дар қонун нишон дода шудааст.

Дар бораи ҳаёти шахсии инсон бе розигии ӯ ҷамъ намудан, нигоҳ доштан, истифода ва паҳн кардани маълумот манъ аст.

Моддаи 24

Шаҳрванд ба мусофират, интихоби озоди маҳалли зист, тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба он ҳуқуқ дорад.

Моддаи 25

Мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва шахсони мансабдор вазифадоранд ба ҳар кас имконияти пайдо намудан ва шинос шуданро ба ҳуҷҷатҳое, ки ба ҳуқуқ ва манфиати ӯ дахл доранд, таъмин намоянд, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун муайян кардааст.

Моддаи 26

Ҳар кас ҳуқуқ дорад муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон динеро пайравӣ намояд ва ё пайравӣ накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд.

Моддаи 27

Шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд.

Шаҳрвандон ба хидмати давлатӣ ҳуқуқи баробар доранд.

Шаҳрванд аз синни 18 ҳуқуқи дар раъйпурсӣ иштирок кардан, интихоб намудан, инчунин аз синни муқаррарнамудаи Конституцсия, қонунҳои конституцсионӣ ва қонунҳо ҳуқуқи интихоб шуданро дорад.

Шаҳрвандоне, ки аз тарафи суд ғайри қобили амал дониста шудаанд ва ё мувофиқи ҳукми суд дар ҷойҳои аз озодӣ маҳрумшудагон нигоҳ дошта мешаванд, ҳуқуқи дар интихобот ва раъйпурсӣ иштирок кардан надоранд.

Тартиби гузаронидани интихоботро қонунҳои конституцсионӣ ва қонунҳо танзим менамоянд. Баргузории раъйпурсӣ тибқи қонуни конституцсионӣ сурат мегирад.

Моддаи 28

Шаҳрвандон ҳуқуқи муттаҳид шудан доранд. Шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ иштирок намояд, ихтиёран ба онҳо дохил ва аз онҳо хориҷ гардад.

Ҳизбҳои сиёсӣ дар асоси гуногунандешии сиёсӣ барои ташаккул ва ифодаи иродаи халқ мусоидат мекунанд ва дар ҳаёти сиёсӣ иштирок менамоянд. Сохтор ва фаъолияти онҳо бояд ба меъёрҳои демократӣ мувофиқ бошанд.

Моддаи 29

Шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар маҷлис, гирдиҳамоӣ, намоиш, раҳпаймоии осоишта, ки қонун муқаррар кардааст, ширкат варзад.

Ҳеҷ касро ба ин тадбирҳо маҷбуран ҷалб кардан мумкин нест.

Моддаи 30

Ба ҳар кас озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор кафолат дода мешавад. Таблиғот ва ташвиқоте, ки бадбинӣ ва хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ва забониро бармеангезанд, манъ аст.

Сензураи давлатӣ ва таъқиб барои танқид манъ аст.

Номгӯи маълумотҳоеро, ки сирри давлатӣ доранд, қонун муайян мекунад.

Моддаи 31

Шаҳрванд ҳуқуқ дорад шахсан ва ё якҷоя бо дигарон ба мақомоти давлатӣ муроҷиат намояд.

Моддаи 32

Ҳар кас ҳуқуқ дорад соҳиби моликият ва мерос бошад.

Ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад ҳуқуқи шахсро ба моликият бекор ва маҳдуд кунад. Молу мулки шахсро барои эҳтиёҷоти ҷамъият фақат дар

асоси қонун ва розигии соҳиби он бо пардохти арзиши пурраaш давлат гирифта метавонад.

Товони зарари моддӣ ва маънавие, ки шахс дар натиҷаи амали ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, дигар шахсони ҳуқуқӣ ва ё шахсони алоҳида мебинад, мувофиқи қонун аз ҳисоби онҳо рӯёнида мешавад.

Моддаи 33

Давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад.

Ҳар кас ҳуқуқи ташкили оила дорад. Мардон ва занон, ки ба синни никоҳ расидаанд, ҳуқуқ доранд озодона ақди никоҳ банданд. Дар оиладорӣ ва бекор кардани ақди никоҳ зану шавҳар баробарҳуқуқанд.

Бисёрникоҳӣ манъ аст.

Моддаи 34

Модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлатанд.

Падару модар барои таълиму тарбияи фарзандон ва фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъминоти иҷтимоии падару модар масъул мебошанд.

Давлат барои ҳифзи кӯдакони ятим, маъюб ва таълиму тарбияи онҳо ғамхорӣ менамояд.

Моддаи 35

Ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳуқуқ дорад. Музди кор аз ҳадди ақали музди меҳнат набояд кам бошад.

Дар муносибатҳои меҳнатӣ ҳама гуна маҳдудият манъ аст. Барои иҷрои кори якхела музди баробар дода мешавад.

Ҳеҷ кас ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб карда намешавад, ба истисноии мавридҳое, ки қонун муайян кардааст.

Дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок истифодаи меҳнати занон ва ноболиғон манъ аст.

Моддаи 36

Ҳар кас ба манзил ҳуқуқ дорад. Ин ҳуқуқ бо роҳи сохтмони манзили давлатӣ, ҷамъиятӣ, кооперативӣ ва хусусӣ таъмин карда мешавад.

Моддаи 37

Шаҳрванд ҳуқуқи истироҳат дорад. Ин ҳуқуқ бо роҳи муқаррар кардани ҳафта ва рӯзи корӣ, рухсатии ҳарсолаи пардохтшаванда, рӯзҳои ҳарҳафтаинаи истироҳат ва шароитҳои дигаре таъмин карда мешавад, ки қонун муайян кардааст.

Моддаи 38

Ҳар шахс ҳуқуқи ҳифзи саломатӣ дорад. Шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун аз ёрии тиббии ройгон дар муассисаҳои нигаҳдории тандурустии давлатӣ истифода менамояд. Давлат барои солимгардонии муҳити зист, инкишофи оммавии варзиш, тарбияи ҷисмонӣ ва сайёҳӣ тадбирҳо меандешад.

Шаклҳои дигари ёрии тиббиро қонун муайян мекунад.

Моддаи 39

Ҳар шахс дар пиронсолӣ, ҳангоми беморӣ, маъюбӣ, гум кардани қобилияти кор, маҳрум шудан аз сарпараст ва мавридҳои дигаре, ки қонун муайян кардааст, кафолати таъмини иҷтимоӣ дорад.

Моддаи 40

Ҳар шахс ҳуқуқ дорад озодона дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа, эҷоди бадеӣ, илмӣ ва техникӣ ширкат варзад, аз дастовардҳои онҳо истифода кунад.

Сарватҳои фарҳангӣ ва маънавиро давлат ҳимоя мекунад.

Моликияти зеҳнӣ таҳти ҳимояи қонун аст.

Моддаи 41

Ҳар шахс ҳуқуқи таҳсил дорад. Таълими умумии асосӣ ҳатмист. Давлат таълими умумии асосии ҳатмии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ кафолат медиҳад.

Шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун дар муассисаҳои таълимии давлатӣ метавонад ба таври ройгон таълими миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ гирад.

Шаклҳои дигари таълимро қонун муайян мекунад.

Моддаи 42

Дар Тоҷикистон ҳар шахс вазифадор аст, ки Конституцсия ва қонунҳоро риоя кунад, ҳуқуқ, озодӣ, шаъну шарафи дигаронро эҳтиром намояд. Надонистани қонун ҷавобгариро истисно намекунад.

Моддаи 43

Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амнияти ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст.

Тартиби хизмати ҳарбиро қонун муайян мекунад.

Моддаи 44

Ҳифзи табиат, ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ вазифаи ҳар як шахс аст.

Моддаи 45

Супоридани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян кардааст, ҳатмист.

Қонунҳое, ки андози навро муқаррар мекунанд ва ё шароити андозсупорандагонро вазнин менамоянд, қувваи бозгашт надоранд.

Моддаи 46

Ҳангоми таҳдиди бевосита ба ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, истиқлолияти давлат, тамомияти арзии он ва офатҳои табиӣ, ки дар натиҷаи он мақомоти конституцсионии ҷумҳурӣ наметавонад ба таври муътадил фаъолият намояд, ҳамчун тадбири муваққатӣ барои амнияти шаҳрвандон ва давлат вазъияти фавқулода эълон мегардад.

Муҳлати вазъияти фавқулода то се моҳ аст. Дар мавридҳои зарурӣ ин муҳлатро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дароз намояд.

Моддаи 47

Дар давраи вазъияти фавқулода ҳуқуқ ва озодиҳое, ки дар моддаҳои 16, 17, 18, 19, 20, 22, 25, 28-и Конституцсия пешбинӣ шудааст, маҳдуд карда намешавад.

Низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулодаро қонуни конституцсионӣ муайян мекунад.

БОБИ СЕЮМ
МАҶЛИСИ ОЛӢ

Моддаи 48

Маҷлиси Олӣ–парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон–мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Маҷлиси Олӣ аз ду Маҷлис–Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон иборат аст.

Муҳлати ваколати Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон 5 сол аст. Ваколати Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон дар рӯзи оғози фаъолияти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони даъвати нав қатъ мегардад.

Ташкил ва фаъолияти Маҷлиси Олиро қонуни конституцсионӣ танзим мекунад.

Моддаи 49

Интихоботи Маҷлиси намояндагон ба таври умумӣ, баробар, мустақим ва бо овоздиҳии пинҳонӣ сурат мегирад. Маҷлиси намояндагон доимоамалкунанда ва касбӣ мебошад. Вакили Маҷлиси намояндагон шахсе интихоб шуда метавонад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошад ва синни ӯ аз 30 кам набуда, дорои таҳсилоти олӣ бошад.

Аз чор се ҳиссаи аъзои Маҷлиси миллӣ ба таври ғайримустақим дар маҷлисҳои якҷояи вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳои он, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои онҳо, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (якҷоя) бо овоздиҳии пинҳонӣ интихоб мегардад. Дар Маҷлиси миллӣ Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ намояндагони баробар доранд.

Аз чор як ҳиссаи аъзои Маҷлиси миллиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин мекунад.

Фаъолияти Маҷлиси миллӣ даъватӣ мебошад.

Узви Маҷлиси миллӣ шахсе интихоб ё таъин шуда метавонад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошад ва синни ӯ аз 30 кам набуда, дорои таҳсилоти олӣ бошад.

Ҳар Президенти собиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон узви якумраи Маҷлиси миллӣ мебошад, агар ӯ аз истифодаи ин ҳуқуқ даст накашад.

Узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон баъди интихоб ё таъин шудан дар иҷлосияи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ба халқи Тоҷикистон савганд ёд мекунанд.

Шумораи аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон, тартиби интихоб ё таъин гардидани онҳоро қонуни конституцсионӣ муайян менамояд.

Моддаи 50

Аъзои Ҳукумат, судяҳо, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ ва шахсони дигаре, ки қонуни конституцсионӣ муайян кардааст, наметавонанд узви Маҷлиси миллӣ бошанд.

Шаҳрванд наметавонад дар як вақт узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон бошад. Узви Маҷлиси миллӣ наметавонад вакили зиёда аз ду мақоми намояндагӣ бошад.

Вакили Маҷлиси намояндагон наметавонад вакили дигар мақомоти намояндагӣ бошад, вазифаи дигареро иҷро кунад, фаъолияти соҳибкорӣ намояд, ба истиснои фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ.

Моддаи 51

Узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон ба амри интихоб кунандагон тобеъ набуда, ҳуқуқ дорад фикри худро озодона изҳор намояд, мувофиқи ақидаҳои худ овоз диҳад.

Узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон ҳуқуқи дахлнопазирӣ дорад, ӯро ҳабс кардан, дастгир кардан, маҷбуран овардан, кофтуков кардан мумкин нест, ба истиснои дастгир шуданаш дар ҷойи содири ҷиноят. Узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон ҳамчунон мавриди кофтукови шахсӣ қарор дода намешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун барои таъмини амнияти дигарон муқаррар намудааст. Масъалаи маҳрум намудани дахлнопазирии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон бо пешниҳоди Прокурори генералӣ аз ҷониби маҷлиси дахлдор ҳал карда мешавад.

Ваколати узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон ҳангоми вафот, истеъфо, ғайри қобили амал эътироф шудани онҳо аз ҷониби суд, эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми айбдоркунандаи суд, қатъи шаҳрвандӣ, соҳиб шудан ба шаҳрвандии давлати дигар, тарки доимии ҷумҳурӣ, ишғоли вазифае, ки ба ваколати узви Маҷлиси миллӣ мувофиқ нест, парокандашавии Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон қатъ мегардад.

Вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагонро қонуни конституцсионӣ танзим менамояд.

Моддаи 52

Иҷлосияи якуми Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагонро дар давоми як моҳи баъди интихоби онҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват мекунад.

Иҷлосияи якуми Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагонро узв ва вакили синну солаш калонтарин мекушояд ва то интихоб шудани раисони ин Маҷлисҳо онро мебарад.

Фаъолияти Маҷлиси миллӣ дар шакли иҷлосия сурат мегирад. Иҷлосияи Маҷлиси миллӣ соле на камтар аз чор бор аз тарафи Раиси Маҷлиси миллӣ даъват карда мешавад.

Фаъолияти Маҷлиси намояндагон дар шакли иҷлосия сурат мегирад. Иҷлосияи навбатии Маҷлиси намояндагон дар як сол як маротиба аз рӯзи аввали кории моҳи октябр то рӯзи охирини кории моҳи июн гузаронида мешавад.

Дар давраи байни иҷлосияҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ҳангоми зарурат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷлосияҳои ғайринавбатии онҳоро даъват менамояд. Дар ин иҷлосияҳо

танҳо он масъалаҳое баррасӣ мешаванд, ки боиси даъвати ин иҷлосияҳо гаштаанд.

Моддаи 53

Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон аз байни аъзо ва вакилон раисони Маҷлисҳо, муовинони якум ва муовинони онҳоро интихоб менамоянд. Яке аз муовинони Раиси Маҷлиси миллӣ аз ҳисоби намояндагони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мебошад.

Раиси Маҷлиси миллӣ ва Раиси Маҷлиси намояндагон бо овоздиҳии пинҳонӣ бо тарафдории аксарияти шумораи умумии аъзо ва вакилони онҳо интихоб мешаванд. Тартиби интихоби муовинони Раиси Маҷлиси миллӣ ва Раиси Маҷлиси намояндагонро Дастури Маҷлисҳо танзим мекунад.

Раисони Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон дар назди Маҷлиси дахлдор ҳисоботдиҳанда мебошанд ва онҳо метавонанд бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии аъзо ва вакилон бозхонда шаванд.

Раисони Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, муовинони якум ва муовинони онҳо ба иҷлосия роҳбарӣ мекунанд ва дигар масъалаҳои дахлдорро ҳал менамоянд.

Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон мақомоти ҳамоҳангсозанда ва кории худро мустақилона ташкил медиҳанд, инчунин кумита ва комиссияҳои дахлдорро таъсис менамоянд ва аз рӯи масъалаҳои ба Маҷлисҳо тааллуқдошта муҳокимаҳои парламентӣ доир мекунанд.

Мақомоти ҳамоҳангсозандаи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон дар алоҳидагӣ ҷаласа мегузаронанд.

Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон Дастури фаъолияти худро қабул мекунанд.

Моддаи 54

Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон алоҳида ҷаласа мегузаронанд.

Ҷаласаҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ҳамон вақт гузаронида мешавад, ки агар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии аъзо ва вакилони онҳо ҳузур дошта бошанд. Ҷаласаҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ошкоро гузаронида мешаванд. Дар ҳолатҳои пешбиникардаи қонун ва Дастури Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон мумкин аст ҷаласаи пӯшида гузаронида шавад.

Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон дар ҳолатҳои пешбининамудаи Конституцсия ҷаласаҳои якҷоя мегузаронанд.

Моддаи 55

Салоҳияти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ҳангоми гузаронидани ҷаласаҳои якҷоя:

1. Тасдиқи фармони Президент дар бораи таъин намудан ва озод кардани Сарвазир ва дигар аъзои Ҳукумат;

2. Тасдиқи фармони Президент дар бораи ҷорӣ намудани ҳолати ҷангӣ ва вазъияти фавқулода;

3. Ризоият ба истифодаи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон берун аз ҳудуди он барои иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон;

4. Таъини интихоботи Президент;

5. Қабули истеъфои Президент;

6. Сарфароз гардонидани Президент бо мукофотҳои давлатӣ ва рутбаи олии ҳарбӣ;

7. Баррасии масъалаи дахлнопазирии Президент.

Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон дар ҷаласаҳои якҷояи худ аз рӯйи масъалаҳои зикршудаи салоҳияташон қарор қабул мекунанд. Қарори якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон бо тарафдории аксарияти шумораи умумии аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон, ки ҳар яке аз маҷлисҳо дар алоҳидагӣ овоз медиҳанд, қабул мегардад, агар тартиби дигари қабули қарорро Конституцсия муқаррар накарда бошад.

Дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон Президент савганд ёд мекунад ва бо паёми худ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ баромад менамояд.

Моддаи 56

Салоҳияти Маҷлиси миллӣ:

1. Таъсис ва барҳам додани воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва тағйири онҳо;

2. Интихоб ва бозхонди раис, муовинон ва судяҳои Суди конституцсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ бо пешниҳоди Президент;

3. Ҳалли масъалаи бекор кардани дахлнопазирии раис, муовинон ва судяҳои Суди конституцсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ;

4. Ризоият барои таъин ва озод намудани Прокурори генералӣ ва муовинони ӯ;

5. Амалӣ намудани ваколатҳои дигаре, ки Конституцсия ва қонунҳо муайян кардаанд.

Маҷлиси миллӣ аз рӯйи масъалаҳои дар салоҳияташ буда қарор қабул мекунад. Қарори Маҷлиси миллӣ бо тарафдории аксарияти

шумораи умумии аъзои он қабул мегардад, агар тартиби дигари қабули қарорро Конституцсия муқаррар накарда бошад.

Моддаи 57

Салоҳияти Маҷлиси намояндагон:

1. Таъсиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, интихоб ва бозхонди раис, муовин ва аъзои он бо пешниҳоди Президент;
2. Ба муҳокимаи халқ пешниҳод намудани лоиҳаи қонунҳо ва дигар масъалаҳои муҳими давлатию ҷамъиятӣ;
3. Тасдиқи барномаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ;
4. Ризоият ба додугирифти қарзи давлатӣ;
5. Тасдиқ ва бекор кардани шартномаҳои байналмилалӣ;
6. Таъини раъйпурсӣ;
7. Таъсиси судҳо;
8. Тасдиқи рамзҳои давлатӣ;
9. Тасдиқи мукофотҳои давлатӣ;
10. Тасдиқи фармонҳои Президент дар бораи таъин ва озод намудани раиси Бонки миллӣ ва муовинони ӯ;
11. Муқаррар намудани рутбаҳои ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо ва унвонҳои махсус;
12. Муайян намудани маоши Президент;
13. Амалӣ намудани ваколатҳои дигаре, ки Конституцсия ва қонунҳо муайян кардаанд.

Маҷлиси намояндагон аз рӯйи масъалаҳои дар салоҳияташ буда қарор қабул мекунад. Қарори Маҷлиси намояндагон бо тарафдории аксарияти шумораи умумии вакилон қабул мегардад, агар тартиби дигари қабули қарорро Конституцсия муайян накарда бошад.

Дар ҷаласаи Маҷлиси намояндагон роҳбарони давлатҳои хориҷӣ метавонанд суханронӣ кунанд.

Моддаи 58

Аъзои Маҷлиси миллӣ, вакили Маҷлиси намояндагон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Тоҷикистон, Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ доранд.

Моддаи 59

Лоиҳаи қонунҳо ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мешаванд.

Лоиҳаи қонун дар бораи авф аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мешавад.

Лоиҳаи Қонун дар бораи буҷет, оид ба муқаррар кардан ва бекор кардани андозҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мешавад.

Моддаи 60

Қонунҳоро Маҷлиси намояндагон қабул менамояд. Қонун бо тарафдории аксарияти шумораи умумии вакилон қабул мегардад, агар тартиби дигарро Конституцсия муқаррар накарда бошад.

Қонунҳое, ки Маҷлиси намояндагон қабул намудааст ба Маҷлиси миллӣ пешниҳод мешаванд, ба истиснои қонунҳо дар бораи буҷети давлатӣ ва авф.

Маҷлиси миллӣ қонунро бо тарафдории аксарияти шумораи умумии аъзои худ ҷонибдорӣ мекунад. Дар мавриди дастгирӣ наёфтани қонун аз ҷониби Маҷлиси миллӣ қонун такроран дар Маҷлиси намояндагон баррасӣ мешавад.

Дар сурати бо қарори Маҷлиси миллӣ норозӣ будани Маҷлиси намояндагон, қонун ҳамон вақт қабулшуда ҳисоб мешавад, ки агар Маҷлиси намояндагон онро такроран бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилон тасдиқ намояд.

Қонунҳо дар бораи буҷети давлатӣ ва авф танҳо аз ҷониби Маҷлиси намояндагон қабул карда мешаванд. Маҷлиси намояндагон иҷрои буҷети давлатиро назорат мекунад.

Моддаи 61

Қонунҳои конституцсионӣ оид ба масъалаҳое қабул мешаванд, ки Конституцсия муайян намудааст. Қонунҳои конституцсионӣ бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилони Маҷлиси намояндагон қабул мегарданд ва Маҷлиси миллӣ бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи аъзои худ ҷонибдорӣ мекунад.

Дар сурати бо қарори Маҷлиси миллӣ норозӣ будани Маҷлиси намояндагон, қонуни конституцсионӣ ҳамон вақт қабулшуда ҳисоб мешавад, ки агар Маҷлиси намояндагон онро такроран бо тарафдории на камтар аз чор се ҳиссаи шумораи умумии вакилон тасдиқ намояд.

Тафсири Конституцсияро тибқи тартиби мазкур Маҷлиси намояндагон дар шакли қонуни конституцсионӣ қабул намуда, Маҷлиси миллӣ онро ҷонибдорӣ менамояд.

Моддаи 62

Қонунҳо барои имзо ва интишор ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешаванд. Агар Президент ба қонун ё қисми он розӣ набошад, қонунро дар муддати понздаҳ рӯз бо далелу эродҳо ба Маҷлиси намояндагон бармегардонад. Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон бо тартиби муқарраркардаи Конституцсия қонуни мазкурро такроран баррасӣ менамоянд. Дар сурати баррасии такрорӣ қонун дар матни пештар қабулшудааш бо аксарияти аз се ду ҳиссаи шумораи

умумии аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон дастгирӣ ёбад, Президент дар муддати даҳ рӯз ба қонун имзо мегузорад ва онро интишор менамояд.

Ҳангоми баррасии қонуни аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардонидашуда, ки онро пештар Маҷлиси намояндагон бо аз се ду ҳиссаи овозҳо қабул намуда буд, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон онро такроран бо аксарияти на камтар аз се ду ҳиссаи овозҳо тарафдорӣ мекунанд.

Агар Президент қонуни конституцсиониро баргардонад, Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллӣ бо тартиби муқарраркардаи Конституцсия қонуни мазкурро такроран баррасӣ менамоянд. Дар сурати баррасии такрорӣ қонуни конституцсионӣ дар матни пештар қабулшудааш бо аксарияти аз чор се ҳиссаи шумораи умумии аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон тасдиқ шавад, Президент дар муддати даҳ рӯз ба қонуни конституцсионӣ имзо мегузорад ва онро интишор менамояд.

Моддаи 63

Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон метавонанд пеш аз муҳлат дар ҷаласаи якҷояи худ бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон ихтиёран пароканда шаванд.

Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон дар давраи вазъияти фавқулода ва ҳолати ҷангӣ пароканда намешаванд.

БОБИ ЧАҲОРУМ
ПРЕЗИДЕНТ

Моддаи 64

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) аст.

Президент ҳомии Конституцсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад.

Моддаи 65

Президентро шаҳрвандони Тоҷикистон ба тарзи умумӣ, мустақим, баробар ва овоздиҳии пинҳонӣ ба муҳлати 7 сол интихоб менамоянд.

Шахсе ба номзадии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда метавонад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии

Тоҷикистонро дошта бошад, синни ӯ аз 30 кам набуда, дорои таҳсилоти олӣ бошад, забони давлатиро донад ва дар ҳудуди ҷумҳурӣ на камтар аз 10 соли охир истиқомат дошта бошад.

Шахсе ба номзадии Президент ба қайд гирифта мешавад, ки ҳадди ақал 5 фоизи интихобкунандагон ба пешниҳоди номзадии ӯ имзо гузошта бошанд.

Як шахс ба вазифаи Президент бештар аз ду муҳлат пай дар пай интихоб шуда наметавонад.

Маҳдудияти дар қисми чоруми ҳамин модда пешбинигардида нисбат ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат татбиқ намегардад. Вазъи ҳуқуқӣ ва ваколатҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллатро қонуни конституцсионӣ муайян мекунад.

Моддаи 66

Интихоботи Президент вақте боэътимод шумурда мешавад, ки дар он аз нисф зиёди интихобкунандагон ширкат варзида бошанд.

Номзаде Президент интихобшуда ҳисоб меёбад, ки ба тарафдории ӯ бештар аз нисфи интихобкунандагони ширкатварзида овоз дода бошанд.

Тартиби интихоби Президентро қонуни конституцсионӣ муайян мекунад.

Моддаи 67

Президент пеш аз шурӯъи вазифа дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон савганд ёд мекунад:

«Ман, ҳамчун Президент савганд ёд мекунам, ки Конституцсия ва қонунҳои ҷумҳуриро ҳимоя менамоям, таъмини ҳуқуқ, озодиҳо ва шарафи шаҳрвандонро кафолат медиҳам, сарзамин, истиқлолияти сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистонро ҳифз мекунам, ба халқ содиқона хидмат менамоям».

Ваколати Президент баъд аз савганд ёд кардани Президенти нав қатъ мегардад.

Моддаи 68

Президент наметавонад вазифаи дигарро иҷро намояд, вакили мақомоти намояндагӣ бошад, ба соҳибкорӣ машғул шавад.

Моддаи 69

Салоҳияти Президент:

1. Самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳуриро муайян мекунад;

2. Тоҷикистонро дар дохили кишвар ва дар муносибатҳои байналмилалӣ намояндагӣ мекунад;

3. Вазоратҳо ва кумитаҳои давлатиро таъсис ва барҳам медиҳад;

4. Сарвазир ва дигар аъзои ҳукуматро таъин ва озод мекунад; фармон дар бораи таъин ва озод кардани Сарвазир ва дигар аъзои Ҳукуматро ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд;

5. Раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро таъин ва озод мекунад ва ба тасдиқи Маҷлиси дахлдори вакилони халқ пешниҳод менамояд;

6. Санадҳои мақомоти ҳокимияти иҷроияро ҳангоми мухолифати онҳо ба Конституцсия ва қонунҳо бекор мекунад ва ё бозмедорад;

7. Раиси Бонки миллӣ ва муовинони ӯро таъин ва озод мекунад ва фармонро барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд;

8. Номзадии раис, муовинон ва судяҳои Суди конституцсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодиро барои интихоб ва бозхонд ба Маҷлиси миллӣ пешниҳод менамояд;

9. Бо ризоияти Маҷлиси миллӣ Прокурори генералӣ ва муовинони ӯро таъин ва озод мекунад;

10. Дастгоҳи иҷроияи Президентро таъсис медиҳад;

11. Шӯрои амниятро таъсис ва роҳбарӣ мекунад;

12. Судяҳои суди ҳарбӣ, судҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия ва судҳои иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанберо таъин ва озод мекунад;

13. Раъйпурсӣ, интихоботи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ва мақомоти намояндагии маҳаллиро таъин мекунад;

14. Ба қонунҳо имзо мегузорад;

15. Низоми пулиро муайян менамояд ва маълумотро ба Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд;

16. Ихтиёрдор ва масъули сармояи захиравӣ мебошад;

17. Ба татбиқи сиёсати хориҷӣ роҳбарӣ мекунад, шартномаҳои байналмилалиро имзо ва ба тасдиқи Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд;

18. Сарони намояндагиҳои дипломатиро дар давлатҳои хориҷӣ, намояндаҳои ҷумҳуриро дар ташкилотҳои байналмилалӣ таъин ва озод мекунад;

19. Эътимодномаҳои сарони намояндагиҳои дипломатии давлатҳои хориҷиро қабул менамояд;

20. Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон мебошад; фармондеҳони қӯшунҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистонро таъин ва озод мекунад;

21. Ҳангоми таҳдиди хатари воқеӣ ба амнияти давлат ҳолати ҷангро эълон менамояд ва фармонро ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод мекунад;

22. Барои иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро берун аз ҳудуди он бо ризоияти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон истифода мебарад;

23. Дар саросари ҷумҳурӣ ва ё дар маҳалҳои алоҳидаи он вазъияти фавқулода эълон намуда, фармонро фавран ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд ва ба Созмони Милали Муттаҳид хабар медиҳад;

24. Масъалаҳои шаҳрвандиро ҳал мекунад;

25. Паноҳгоҳи сиёсӣ медиҳад;

26. Масаълаҳои бахшиши ҷазоро ҳал мекунад;

27. Бо рутбаҳои олии ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо ва унвонҳои махсус сарфароз мегардонад;

28. Шаҳрвандонро бо мукофотҳои давлатӣ, ҷоизаҳои давлатӣ, нишонҳо ва унвонҳои ифтихории Тоҷикистон сарфароз мегардонад;

29. Ваколатҳои дигареро, ки Конституцсия ва қонунҳо муайян кардаанд, амалӣ менамояд.

Моддаи 70

Президент дар доираи салоҳияти худ фармон мебарорад ва амр медиҳад, дар бораи вазъи кишвар ба ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон маълумот медиҳад, масъалаҳоеро, ки заруру муҳим мешуморад, ба муҳокимаи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд.

Моддаи 71

Ҳангоми вафот, истеъфо ва ғайри қобили амал донистани Президент вазифаи ӯ то ба вазифааш шурӯъ намудани Президенти нав ба зиммаи Раиси Маҷлиси миллӣ мегузарад. Дар ин маврид ваколати Раиси Маҷлиси миллӣ ба зиммаи муовини якуми ӯ мегузарад.

Дар ҳолатҳои зикршуда дар муҳлати се моҳ интихоботи Президент гузаронида мешавад.

Ваколатҳои Президент дар ҳолате, ки ӯ дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон дар бораи ба истеъфо баромаданаш хабар медиҳад, бо тарафдории аксарияти аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон, ки ҳар яке аз онҳо дар алоҳидагӣ овоз медиҳанд, қатъ карда мешавад.

Дар сурате, ки Президент бинобар беморӣ вазифаҳои худро иҷро карда натавонад, ҳарду Маҷлис дар ҷаласаи якҷояи худ дар асоси хулосаи комиссияи тиббии давлатии ташкил кардаашон, дар бораи пеш аз муҳлат аз мансаб озод намудани Президент бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи овозҳои шумораи умумии аъзо ва вакилони ҳар яке аз Маҷлисҳо қарор қабул мекунанд.

Таъминоти иҷтимоӣ, хизматрасонӣ ва муҳофизати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро қонуни конституционӣ танзим менамояд.

Моддаи 72

Президент ҳуқуқи дахлнопазирӣ дорад.

Дахлнопазирии Президент дар сурати аз тарафи ӯ содир шудани хиёнат ба давлат дар асоси хулосаи Суди конституционӣ ва бо тарафдории аз се ду ҳиссаи шумораи умумии аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон, ки ҳар яке аз онҳо дар алоҳидагӣ овоз медиҳанд, бекор карда мешавад.

БОБИ ПАНҶУМ
ҲУКУМАТ

Моддаи 73

Ҳукумати ҷумҳурӣ аз Сарвазир, муовини якум ва муовинони ӯ, вазирон, раисони кумитаҳои давлатӣ иборат аст.

Ҳукумат роҳбарии самараноки соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иҷрои қонунҳо, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ, қарорҳои Маҷлиси намояндагон, фармону амрҳои Президенти Тоҷикистонро таъмин мекунад.

Аъзои Ҳукумат баъди аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин шудан ва тасдиқ гардидани фармон дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон савганд ёд мекунанд.

Аъзои Ҳукумат бояд танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошанд ва онҳо наметавонанд вазифаи дигареро иҷро намоянд, вакили мақомоти намояндагӣ бошанд, ба соҳибкорӣ машғул шаванд, ба истиснои фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ.

Моддаи 74

Ҳукумат мувофиқи Конституцсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ қарор мебарорад ва фармоиш медиҳад, ки иҷрои онҳо дар ҳудуди Тоҷикистон ҳатмист.

Ҳукумат ваколаташро дар назди Президенти нав интихобшуда вомегузорад.

Ҳукумат дар мавриди ғайриимкон донистани иҷрои фаъолияти муътадили худ метавонад ба Президент аз хусуси истеъфо арз намояд. Ҳар як узви Ҳукумат ҳуқуқи истеъфо дорад.

Тартиби ташкил, фаъолият ва салоҳияти Ҳукуматро қонуни конституцсионӣ муайян мекунад.

Моддаи 75

Ҳукумат барномаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсати додугирифти қарзи давлатӣ ва ёрии иқтисодӣ ба дигар давлатҳо, лоиҳаи буҷети давлатӣ, масъалаи андозаи имконпазири касри буҷети давлатӣ ва манбаи ҷуброни онро ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд.

БОБИ ШАШУМ
МАҚОМОТИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ХУДИДОРАКУНӢ

Моддаи 76

Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз мақомоти намояндагӣ ва иҷроия иборат буда, дар доираи салоҳияти худ амал мекунад. Онҳо иҷрои Конституцсия, қонунҳо, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ, қарорҳои Маҷлиси намояндагон, санадҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамоянд.

Моддаи 77

Мақомоти намояндагии маҳаллӣ дар вилоят, шаҳр ва ноҳия Маҷлиси вакилони халқ аст, ки онро раис роҳбарӣ мекунад. Муҳлати ваколати Маҷлиси вакилони халқ 5 сол аст.

Маҷлиси вакилони халқ буҷети маҳаллӣ ва ҳисоботи иҷрои онро тасдиқ мекунад, роҳҳои инкишофи иқтисодиву иҷтимоии маҳалро муайян менамояд, андоз ва пардохти маҳаллиро мувофиқи қонун муқаррар мекунад, дар доираи қонун тарзи идора ва ихтиёрдории моликияти коммуналиро муайян менамояд ва ваколатҳои дигареро амалӣ месозад, ки Конституцсия ва қонунҳо муайян кардаанд.

Моддаи 78

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро раиси вилоят, шаҳр ва ноҳия роҳбарӣ менамояд.

Мақомоти намояндагӣ ва иҷроияро дар воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ раис сарварӣ мекунад.

Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро Президент таъин ва озод мекунад ва ба тасдиқи Маҷлиси вакилони халқи дахлдор пешниҳод менамояд.

Раис дар назди мақомоти болоӣ ва Маҷлиси вакилони халқи дахлдор масъул аст.

Тартиби ташкил, ваколат ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро қонуни конституцсионӣ танзим менамояд.

Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот Ҷамоат аст, ки тартиби ташкил, ваколат ва фаъолияти онро қонун танзим менамояд.

Моддаи 79

Мақомоти намояндагӣ ва раис дар доираи салоҳияти худ санадҳои ҳуқуқӣ қабул мекунанд, ки иҷрояшон дар он ҳудуд ҳатмист.

Дар сурати бо Конституцсия ва қонун мувофиқат накардани санадҳои мақомоти намояндагӣ ва раис онҳо аз тарафи мақомоти болоӣ, худи ин мақомот, раис ва ё суд бекор карда мешаванд.

Моддаи 80

Дар сурати талаботи Конституцсия ва қонунро мунтазам иҷро накардани Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия Маҷлиси миллӣ метавонад онро пароканда намояд.

БОБИ ҲАФТУМ
ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН

Моддаи 81

Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон қисми таркибӣ ва ҷудонопазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

Ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бе ризоияти Маҷлиси вакилони халқи вилоят тағйир дода намешавад.

Моддаи 82

Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дорад.

Моддаи 83

Салоҳияти Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар соҳаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ваколатҳои дигари вилоятро қонуни конституцсионӣ танзим мекунад.

БОБИ ҲАШТУМ
СУД

Моддаи 84

Ҳокимияти судӣ мустақил буда, аз номи давлат ва аз тарафи судяҳо амалӣ мегардад. Ҳокимияти судӣ ҳуқуқ, озодии инсону шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолатро ҳифз менамояд.

Адолати судиро Суди конституцсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе амалӣ мекунанд.

Тартиби таъсис, ташкил ва фаъолияти судро қонуни конституцсионӣ муайян мекунад.

Муҳлати ваколати судяҳо 10 сол аст.

Таъсиси суди фавқулода манъ аст.

Моддаи 85

Ба вазифаи судяҳои Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, судҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят ва шаҳри Душанбе шахсе интихоб ё таъин мешавад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошад, дорои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ буда, синни ӯ аз 30 кам набошад ва ҳадди ақал 5 сол собиқаи кории судягӣ дошта бошад.

Ба вазифаи судяҳои судҳои шаҳр ва ноҳия, суди ҳарбӣ, судҳои иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят ва шаҳри Душанбе шахсе таъин мешавад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошад, дорои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ буда, синни ӯ аз 25 кам набошад ва ҳадди ақал 3 сол собиқаи кории касбӣ дошта бошад. Синни ниҳоии дар вазифаи судя фаъолият намуданро қонуни конституцсионӣ муайян менамояд.

Шахсе, ки бори аввал ба вазифаи судя таъин шудааст, дар вазъияти тантанавӣ савганд ёд мекунад.

Моддаи 86

Судяҳои Суди ҳарбӣ, судяҳои Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, судяҳои Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят ва шаҳри Душанберо бо тартиби муқарраркардаи қонуни конституцсионӣ Президент таъин ва озод мекунад.

Моддаи 87

Судяҳо дар фаъолияти худ мустақил буда, танҳо ба Конституцсия ва қонун итоат мекунанд. Дахолат ба фаъолияти онҳо манъ аст.

Моддаи 88

Судяҳо парвандаҳоро ба таври дастҷамъӣ ва ё танҳо баррасӣ мекунанд.

Мурофиа ба тарзи мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо сурат мегирад.

Мурофиа дар ҳамаи судҳо ба тарзи ошкоро мегузарад, ба истисноии мавридҳое, ки қонун муайян кардааст.

Мурофиа ба забони давлатӣ ва ё забони аксарияти аҳолии маҳал баргузор мегардад. Шахсоне, ки забони мурофиаро намедонанд, бо тарҷумон таъмин карда мешаванд.

Моддаи 89

Суди конституцсионӣ аз 7 нафар иборат буда, яке аз онҳо намояндаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мебошад.

Ба вазифаи судяи Суди конституцсионӣ шахсе интихоб мешавад, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошад, дорои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ буда, синни ӯ аз 30 кам набошад ва ҳадди ақал 7 сол собиқаи кории касбӣ дошта бошад. Синни ниҳоии дар вазифаи судяи Суди конституцсионӣ фаъолият намуданро қонуни конституцсионӣ муайян менамояд.

Шахсе, ки бори аввал ба вазифаи судяи Суди конституцсионӣ интихоб шудааст, дар иҷлосияи Маҷлиси миллӣ савганд ёд мекунад.

Салоҳияти Суди конституцсионӣ:

1) муайян намудани мувофиқати қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, Маҷлиси миллӣ, Маҷлиси намояндагон, Президент, Ҳукумат, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ ва дигар мақомоти давлатию ҷамъиятӣ, шартномаҳои ба қувваи қонун надаромадаи Тоҷикистон ба Конституцсия;

2) ҳалли баҳсҳои байни мақомоти давлатӣ доир ба салоҳияти онҳо;

3) иҷрои ваколатҳои дигаре, ки Конституцсия ва қонунҳо муайян кардаанд.

Санадҳои Суди конституцсионӣ қатъист.

Моддаи 90

Судя наметавонад вазифаи дигареро иҷро намояд, вакили мақомоти намояндагӣ, узви ҳизб ва созмонҳои сиёсӣ бошад, ба соҳибкорӣ машғул гардад, ба истисноии фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ.

Моддаи 91

Судя ҳуқуқи дахлнопазирӣ дорад. Ӯро бе ризоияти мақомоте, ки интихоб ё таъин кардааст, ҳабс кардан ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест. Судяро дастгир кардан мумкин нест, ба истиснои дастгир кардани ӯ ҳангоми содири ҷиноят.

Моддаи 92

Ёрии ҳуқуқӣ дар тамоми марҳилаҳои тафтишот ва мурофиаи судӣ кафолат дода мешавад.

Тарзи ташкил ва тартиби фаъолияти адвокатура ва дигар шаклҳои ёрии ҳуқуқиро қонун муайян мекунад.

БОБИ НУҲУМ
ПРОКУРАТУРА

Моддаи 93

Назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар ҳудуди Тоҷикистон Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеи он дар доираи ваколати худ татбиқ менамоянд.

Моддаи 94

Низоми ягонаи марказонидашудаи прокуратураи Тоҷикистонро Прокурори генералӣ сарварӣ мекунад. Прокурори генералӣ дар назди Маҷлиси миллӣ ва Президент масъул аст.

Моддаи 95

Прокурори генералии Тоҷикистон ба муҳлати 5 сол таъин мешавад.

Прокурори генералӣ прокурорҳои тобеи худро таъин ва озод мекунад. Муҳлати ваколати прокурорҳо 5 сол аст.

Фаъолият, салоҳият ва сохтори мақомоти прокуратураро қонуни конституцсионӣ танзим мекунад.

Моддаи 96

Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеи он бе дахолати дигар мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор мустақилона дар асоси қонун фаъолият мекунанд.

Моддаи 97

Прокурор наметавонад вазифаи дигареро иҷро намояд, вакили мақомоти намояндагӣ, узви ҳизб ва созмонҳои сиёсӣ бошад, ба соҳибкорӣ машғул шавад, ба истиснои фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ.

БОБИ ДАҲУМ
ТАРТИБИ ТАҒЙИРИ КОНСТИТУТСИЯ

Моддаи 98

Тағйиру иловаҳои Конституцсия бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ сурат мегирад.

Раъйпурсиро Президент ва ё Маҷлиси намояндагон бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилон таъин мекунанд.

Моддаи 99

Тағйиру иловаҳоро ба Конституцсия Президент ё ҳадди ақал аз се як ҳиссаи умумии аъзо ва вакилони Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод мекунанд.

Пешниҳоди тағйиру иловаҳои Конституцсия се моҳ пеш аз раъйпурсӣ дар матбуот чоп мешавад.

Моддаи 100

Шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлат тағйирнопазиранд.

МУҚАРРАРОТИ ИНТИҚОЛӢ

1. Тағйиру иловаҳо ба Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз эълони натиҷаи раъйпурсии умумихалқӣ ва аз рӯзи интишори расмиаш эътибори ҳуқуқӣ пайдо мекунанд.

2. Қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки то ворид намудани «Тағйиру иловаҳо ба Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» амал мекарданд, дар он қисме, ки ба тағйиру иловаҳо мухолиф нестанд, амал мекунанд.

3. Интихоби пай дар пайи Президент барои ду муҳлат, ки дар қисми чоруми моддаи 65 пешбинӣ шудааст, баъд аз ба охир расидани ваколати Президенти амалкунанда оғоз меёбад.

4. Аъзои Маҷлиси миллӣ, вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзои Ҳукумат баъд аз эътибори ҳуқуқӣ пайдо кардани «Тағйиру иловаҳо ба Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби муқаррарнамудаи Конституцсия ва қонунҳои конституцсионӣ савганд ёд мекунанд.

ҚОНУНИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2001, №4, мод. 215; с.2003, №4, мод. 152; с. 2008, №1, қ.1, мод.1; с.2009, №12, мод. 813; с. 2016, №7, мод. 602)

(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.04.2003, №22; аз 5.01.2008, №346; аз 3.12.2009, №575; аз 23.07.2016, №1325: аз 18.07.2017, №1455, аз 18.03.2022 № 1851)

БОБИ 1. МУҚАРРАРОТ ИУМУМӢ

Моддаи 1. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ҳокимияти иҷроияи давлатӣ мебошад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро дар асоси дастаҷамъӣ амалӣ намуда, системаи мақомоти идоракунии давлатиро роҳбарӣ, фаъолият ва мутобиқати ҳамкории онҳоро таъмин менамояд.

Моддаи 2. Асоси ҳуқуқии фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро дар асоси Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамин Қонуни конституцсионӣ, дигар қонунҳо, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки онҳоро Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, ба амал мебарорад *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.07.2016, №1325)*.

Моддаи 3. Принсипҳои асосии фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти худ принсипҳои волоияти қонун, ҳокимияти халқ, таҷзияи ҳокимият, ошкорбаёнӣ,

дастаҷамъӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандонро ба роҳбарӣ мегирад.

Моддаи 4. Фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини иҷрои қонунҳо ва дигар санадҳои меъерии ҳуқуқӣ *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009, №575)*

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ваколатҳои худ иҷрои Конституцсия, дигар қонунҳо, фармонҳо ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалиеро, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, таъмин намуда, аз ҷониби мақомоти идоракунии давлатӣ иҷро шудани онҳоро мунтазам назорат мекунад.

БОБИ 2. РАИСИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, СОХТОР ВА ҲАЙАТИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Моддаи 5. Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарӣ намуда, барои татбиқи самарабахши ваколатҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳо меандешад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботдиҳанда мебошад *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009, №575)*.

Моддаи 6. Сохтори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сохтори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вазоратҳо ва кумитаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст.

Вазоратҳо ва кумитаҳои давлатиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва барҳам медиҳад.

Моддаи 7. Ҳайати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Сарвазир, муовини якум ва муовинони ӯ, вазирон, раисони кумитаҳои давлатӣ иборат мебошад.

Аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсоне шуда метавонанд, ки танҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дошта бошанд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.07.2016, №1325)*.

Моддаи 8. Ба вазифа таъин кардан ва озод намудани Сарвазир ва дигар аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сарвазир ва дигар аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин ва озод мекунад ва фармонро дар ин хусус ба ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ пешниҳод менамояд.

Агар фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба таъин ва озод кардани узви Ҳукумат Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи якҷоя тасдиқ накунанд, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад фармони мазкурро такроран ба ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ пешниҳод намояд ё дар бораи таъин намудани шахси дигар фармон пешниҳод кунад.

Аъзои Ҳукумат баъди аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин шудан ва тасдиқ гардидани фармон дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон савганд ёд мекунанд:

«Ҳамчун аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарки масъулият ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон савганд ёд мекунам, ки манфиатҳои миллат ва давлатро аз ҳама боло гузошта, тамоми неру ва дониши худро барои рушди иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон содиқона ва поквиҷдонона сарф намуда, Конституцсия, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро қатъиян риоя мекунам, адолат ва қонуниятро сарчашмаи фаъолияти худ қарор дода, ба хотири дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд бардоштани шӯҳрати ватанам софдилона хизмат менамоям *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.07.2016, №1325)*.

Макон ва тартиби баргузории савгандёдкунии аъзои Ҳукуматро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.07.2016, №1325)*.

Риоя накардани савганд аз ҷониби узви Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон асос барои ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани ӯ мегардад. (Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.07.2017, №1455).

Моддаи 9. Мӯҳлати фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлати ваколати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатҳои худро дар назди Президенти навинтихобшудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон вомегузорад ва мутобиқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои худро то тасдиқ шудани ҳайати нави Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро менамояд.

Моддаи 10. Истеъфои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди ғайриимкон донистани иҷрои фаъолияти мӯътадили худ метавонад ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз хусуси истеъфо арз намояд. Ҳар як узви Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ба истеъфо рафтан дорад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад ҳар вақт Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҳайати пурра ё аъзои алоҳидаи онро ба истеъфо фиристад ва фармонро дар ин хусус барои тасдиқ ба ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд

Моддаи 11. Фаъолияте, ки ба иҷрои вазифаи аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ нест

Узви Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ надорад:

вакили мақомоти намояндагӣ бошад;

дигар вазифаро ишғол намояд;

шахсан ё ба воситаи шахсони боваринок ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шавад;

бо дигар фаъолияти музднок, ғайр аз фаъолияти омӯзгорӣ, илмӣ ва эҷодӣ машғул шавад.

Узви Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин наметавонад:

ахборот, воситаҳои таъминоти моддию техникӣ, молиявӣ ва иттилоотиро, ки танҳо барои фаъолияти хизматӣ пешбинӣ шудаанд, ба мақсадҳои ғайрихизматӣ истифода намояд;

барои осори нашршуда ва суханрониҳо ба сифати узви Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаққи қалам гирад *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009, №575)*.

Хориҷ карда шуд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009, №575)*.

Эъломиякунонии даромадҳо ва вазъи молумулкии узви Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба коррупсия" ва қонунгузории

андози Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад (Қонуни конст.ҶТ аз 18.07.2017 № 1455, аз 18.03.2022 № 1851).

БОБИ 3. САЛОҲИЯТИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Моддаи 12. Роҳбарӣ ба вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомоти идоракунии давлатӣ

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кори вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомоти идоракунии давлатӣ роҳбарӣ менамояд ва фаъолияти онҳоро назорат мекунад.

Вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомоти идоракунии давлатӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низомномаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомоти идоракунии давлатӣ ва сохтори дастгоҳи марказии онҳоро мувофиқи тартиби муқарраргардида тасдиқ мекунад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муовинони вазирҳо, муовинони раисони кумитаҳои давлатӣ, роҳбарони кумитаҳо ва дигар мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони онҳо, роҳбарони мақомоти идоракунии давлатӣ ва ташкилотҳоеро, ки қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардаанд, ба вазифа таъин мекунад ва аз вазифа озод менамояд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009, №575)*.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои коллегияҳои вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомоти идоракунии давлатиро тасдиқ мекунад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҳудуди маблағҳое, ки дар буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъминоти мақомоти идоракунии давлатӣ муқаррар шуданд, таъсис диҳад ва низомномаи онҳоро тасдиқ намояд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009, №575)*.

Моддаи 13. Салоҳияти умумии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

дар татбиқи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок мекунад;

роҳбарии самараноки иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангиро таъмин мекунад;

ба системаи мақомоти ҳокимияти иҷроия роҳбарӣ мекунад;

барномаҳои мақсадноки давлатиро таҳия менамояд ва татбиқи онҳоро таъмин мекунад;

ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дорад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми зарурат ҳалли баъзе масъалаҳои идоракунии давлатиро, ки ба салоҳияти вай дохил мешаванд, ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, вазоратҳо ва кумитаҳои давлатии ҷудогонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар мақомоти идоракунии давлатӣ дода метавонад, агар ҳалли ин масъалаҳо мутобиқи Конституцсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба салоҳияти истисноии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мансуб набошанд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009, №575)*.

Моддаи 14. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи иқтисодиёт

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

раванди иқтисодиро танзим мекунад;

фазои ягонаи иқтисодӣ ва фаъолияти озоди иқтисодӣ, гардиши озодонаи мол, хизматрасонӣ, сармоя ва қувваи коргариро таъмин менамояд;

дурнамои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешгӯӣ мекунад, барномаҳои рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиётро таҳия ва амалӣ менамояд;

барномаҳои давлатии иқтисодӣ ва сармоягузориро таҳия менамояд ва барои татбиқи он тадбирҳо меандешад;

моликияти давлатиро идора мекунад;

барои соҳибкорӣ ва рушди озодонаи тамоми шаклҳои моликият дар шароити муносибатҳои бозорӣ шароит фароҳам меорад;

сиёсати давлатиро дар соҳаи ҳамкории байналмилалии иқтисодӣ, молиявӣ ва сармоягузорӣ таҳия менамояд ва дар амал татбиқ мекунад;

роҳбарии умумии фаъолияти гумрукиро ба амал мебарорад;

дар бобати муҳофизати манфиатҳои истеҳсолкунандагони молҳои ватанӣ, иҷрокунандагони кор ва хизматрасониҳо тадбирҳо меандешад;

фаъолияти саноати мудофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамояд;

зарурати ҷалб намудани қарзи давлатӣ ё қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад, муайян мекунад.

Моддаи 15. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи буҷет, молия, пул, қарз ва андоз

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

татбиқи сиёсати ягонаи молиявӣ, қарзӣ, пулӣ ва андозситониро таъмин менамояд;

лоиҳаи қонуни буҷетро таҳия намуда ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекунад ва иҷрои онро таъмин менамояд;

лоиҳаи қонунҳоро дар бораи муқаррар кардан ва бекор намудани андоз таҳия менамояд ва ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекунад;

ризоияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба доду гирифти қарзи давлатӣ мегирад;

дар бобати танзими бозори қоғазҳои қиматнок тадбирҳо меандешад;

идоракунии қарзи давлатии дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба амал мебарорад;

ба фаъолияти молиявӣ дар муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ роҳбарӣ менамояд;

сиёсати ягонаи нархро бо назардошти талаботи иқтисоди бозорӣ таҳия менамояд ва барои дар амал татбиқ намудани он тадбирҳо меандешад.

Моддаи 16. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи иҷтимоӣ

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

гузаронидани сиёсати ягонаи давлатии иҷтимоӣ, татбиқи ҳуқуқи конституцсионии шаҳрвандонро дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ амалӣ мекунад, ба рушди таъминоти иҷтимоӣ ва хайру эҳсон мусоидат менамояд;

барномаҳои иҷтимоию иқтисодиро ба тасдиқи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

дар бобати татбиқи ҳуқуқи шаҳрвандон ба меҳнат тадбирҳо меандешад;

барномаҳои таъмини шуғли аҳолиро таҳия менамояд ва доир ба татбиқи ин барномаҳо тадбирҳо меандешад;

пешбурди сиёсати ягонаи давлатии муҳоҷиратро таъмин менамояд;

дар бобати татбиқи ҳуқуқи шаҳрвандон барои ҳифзи саломатӣ ва таъмини некӯаҳволии санитарию эпидемиологӣ тадбирҳо меандешад;

ба ҳалли масъалаҳои оила, падару модарон ва фарзандон мусоидат менамояд, оид ба татбиқи сиёсати ҷавонон тадбирҳо меандешад *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.07.2017, №1455);*

оид ба рушди тарбияи ҷисмонӣ, варзиш ва туризм, инчунин соҳаи табобати курортию санаторӣ ва истироҳатӣ тадбирҳо меандешад ва онҳоро амалӣ менамояд.

Моддаи 17. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм, фарҳанг, маориф ва тандурустӣ

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

доир ба дастгирии давлатии инкишофи илм, фарҳанг, маориф ва тандурустӣ тадбирҳо меандешад ва онҳоро амалӣ менамояд;

пешбурди сиёсати ягонаи давлатиро дар соҳаи илм, фарҳанг, маориф ва тандурустӣ таъмин намуда, самтҳои асосии рушду такомули онҳоро муайян менамояд;

ба рушди забон, адабиёт, санъати касбӣ, танзими анъанаҳо ва расму оинҳо мусоидат менамояд ва муҳофизати ёдгориҳои таърих ва фарҳангро таъмин мекунад *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009, №575)*.

Моддаи 18. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи истифодабарии табиат ва муҳофизати муҳити зист

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

пешбурди сиёсати ягонаи давлатиро дар соҳаи истифодаи табиат, ҳифзи муҳити зист ва бехатарии экологӣ таъмин менамояд;

доир ба татбиқи ҳуқуқи шаҳрвандон барои муҳити зисти мусоид ва оид ба таъмини беҳбудии экологӣ тадбирҳо меандешад;

фаъолияти мақомоти идоракунии давлатиро дар бобати якҷоя гузаронидани чорабиниҳои ҳифзи табиат ва татбиқи барномаҳои экологии аҳамияти ҷумҳуриявӣ ва баиналмилалӣ доштаро ҳамоҳанг месозад, дар бобати рафъи оқибатҳо ва кам кардани хатари сар задани ҳолатҳои фавқулоддаи хислати табиӣ, техногенӣ ва экологӣ дошта тадбирҳо меандешад *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009, №575)*;

ҳифз ва истифодаи окилонаи захираҳои табиӣ, танзими истифодаи табиат ва ҳифзи захираи маъдан ва ашёи хоми Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил менамояд.

Моддаи 19. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъмини қонуният, ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

дар таҳия ва татбиқи сиёсати давлатии таъмини амнияти шахс, ҷамъият ва давлат чораҳо меандешад;

доир ба таъмини қонуният, ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон дар бобати муҳофизати моликият ва тартиботи ҷамъиятӣ, оиди мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ ва дигар ҳодисаҳои барои ҷамъият хатарнок тадбирҳо меандешад;

доир ба таъминоти ташкилӣ, рушд, таҳким бахшидани заминаи моддию техникии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тадбирҳо меандешад ва онҳоро амалӣ мекунад.

Моддаи 20. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини мудофиа ва амнияти давлатӣ

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

оид ба таъмини мудофиа ва амнияти давлатӣ тадбирҳо меандешад;

Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар воҳидҳои ҳарбиро бо аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ, воситаҳои моддӣ, захираҳо ва хизматрасониҳо таъмин мекунад;

иҷрои барномаҳои мақсадноки давлатӣ ва нақшаҳои такмили яроқу аслиҳа, инчунин барномаҳои тайёр кардани шаҳрвандонро аз рӯи ихтисосҳои касби ҳарбӣ таъмин мекунад;

барои хизматчиёни ҳарбӣ ва дигар шахсоне, ки мувофиқи қонунҳо ба мақсади таъмини мудофиа ё амнияти давлат ҷалб карда мешаванд, кафолати иҷтимоиро таъмин менамояд;

муҳофизати сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамояд:

ба мудофиаи гражданӣ роҳбарӣ мекунад.

Моддаи 21. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009, №575)*

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

дар амалӣ намудани сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок менамояд;

намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналхалқӣ аз ҷиҳати моддӣ таъмин менамояд;

иҷрои ӯҳдадориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро мувофиқи шартномаҳои байналмилалӣ таъмин менамояд, инчунин аз ҷониби иштироккунандагони шартномаҳои мазкур ба иҷро расидани ӯҳдадориҳои онҳоро назорат мекунад;

ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро берун аз ҳудуди он ҳимоя менамояд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.07.2016, №1325);*

танзим ва назорати давлатиро дар соҳаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ҳамкории байналмилалии илмию техникӣ ва фарҳангӣ анҷом медиҳад.

Моддаи 22. Салоҳиятии дигари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар салоҳиятеро, ки Конституцсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи он гузоштаанд, ба амал мебарорад *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009, №575)*.

Фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми эълони ҳолати ҷангӣ ё вазъияти фавқулодда тибқи қонунҳое, ки ин ҳолатҳоро ба танзим медароранд, муайян карда мешавад.

БОБИ 4. ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Моддаи 23. Маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шакли асосии фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ҳангоми зарурат, бо иҷозати хаттии Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ё бо супориши ӯ бо иҷозати хаттии Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорҳо ва фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи масъалаҳои алоҳидаи хусусияти оперативӣ дошта, мумкин аст бе гузаронидани маҷлис бо роҳи пурсиши хаттии аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тарафдории аз нисф зиёди аъзои Ҳукумат қабул карда шаванд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.04.2003, №22)*.

Маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳе камаш як маротиба гузаронида мешаванд ва дар сурате салоҳиятнок ҳисоб мегарданд, ки агар дар онҳо камаш аз се ду ҳиссаи аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок дошта бошанд.

Дар маҷлисҳо масъалаҳое, ки ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ доранд, баррасӣ мешаванд.

Дар маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорҳо бо тарафдории аксарияти шумораи умумии аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул мешаванд.

Дар маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсони дигар низ ҳуқуқ доранд мутобиқи тартиби муқарраркардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намоянд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад маҷлисҳои пӯшида доир намояд.

Тартиби тайёр ва гузаронидани маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад, сурат мегирад.

Маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё бо супориши ӯ Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузаронад.

Рафти маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои он бо тартиби муқарраркардаи Ҳукумат метавонанд аз тариқи воситаҳои ахбори омма пахш гарданд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18..07.2017, №1455)*.

Моддаи 24. Раёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Барои пешакӣ тайёр кардани масъалаҳое, ки дар маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мегарданд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми машвараті -Раёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис медиҳад.

Ҳайати Раёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якум ва муовинони ӯ иборат мебошад. Ба ҳайати Раёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин дигар аъзои Ҳукумат дохил шуда метавонанд, ки онҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд

Маҷлисҳои Раёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи зарурат гузаронида мешаванд.

Маҷлисҳои Раёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳангоми набудани ӯ муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузаронад.

Раёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳияи рӯзномаи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорҳои дорои хусусияти тавсиявӣ қабул мекунад.

Моддаи 25. Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бо супориши Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон:

кори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил мекунад;

вазифаҳоро дар байни муовини якум ва муовинони Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон тақсим мекунад;

маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро мегузаронад;

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар муносибатҳои байналмилалӣ намояндагӣ мекунад ва шартномаҳои байниҳукуматиро имзо менамояд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18..07.2017, №1455)*;

оид ба таъмини иҷрои қарорҳо ва фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон супоришҳо медиҳад;

ваколатҳои дигареро, ки қонун пешбинӣ намудааст, амалӣ мегардонад.

Ҳангоми набудани Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои ӯро муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро менамояд.

Моддаи 26. Муовини якум, муовинони Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон

Муовини якум, муовинони Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи тақсимоти вазифаҳо ҳамоҳангсозии фаъолияти вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба амал мебароранд, ба кори онҳо назорат мекунанд ва оид ба таъмини иҷрои қарорҳо ва фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон супоришҳо медиҳанд, пешниҳодот ва лоиҳаҳои қарорҳо ва фармоишҳоро, ки ба маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бароварда мешаванд, пешакӣ баррасӣ менамоянд, барои вазъи ин корҳо масъуланд.

Моддаи 27. Вазирон ва Раисони кумитаҳои давлатӣ

Вазирон ва Раисони кумитаҳои давлатӣ:

барои фаъолияти вазоратҳо, кумитаҳои давлатие, ки онҳо роҳбарӣ мекунанд ва барои фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ масъуланд;

дар баррасии масъалаҳо дар маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок мекунанд;

ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи баррасии масъалаҳое, ки ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд, таклифҳо пешниҳод мекунанд;

ваколатҳои дигареро, ки қонун пешбинӣ намудааст, амалӣ мегардонанд.

Моддаи 28. Комиссияҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон комиссияҳои доимӣ таъсис медиҳад, вазифа, тартиби фаъолияти онҳоро муайян мекунад ва низомномаҳои онҳоро тасдиқ менамояд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тайёр кардани лоиҳаи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баррасии ихтилофот оид ба лоиҳаи қарорҳо, инчунин барои иҷрои қарорҳои алоҳидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон комиссияҳои муваққатӣ ва гурӯҳҳои корӣ таъсис медиҳад.

Моддаи 29. Санадҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Конституцсия, ҳамин Қонуни конституцсионӣ ва Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорҳо ва фармоишҳо қабул мекунад, ки иҷрои онҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмист *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.07.2016, №1325)*.

Санадҳое, ки хусусияти меъёрӣ доранд дар шакли қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешаванд. Санадҳо оид ба масъалаҳои таъҷилӣ ва дигар масьалаҳои ҷорӣ, ки хусусияти меъёрӣ надоранд дар шакли фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешаванд.

Ба санадҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо мегузорад.

Санадҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми онҳо) дар мавриди мухолифати онҳо бо Конституцсия ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Суди конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бекор карда мешаванд ё амали онҳо боздошта мешавад.

Санадҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми онҳо) аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон беэътибор дониста шуда ё амали онҳо боздошта мешаванд.

Нисбати санадҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд бо тартиби муқарраркардаи қонун шикоят кардан мумкин аст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад муроҷиатномаҳо ва изҳоротҳоро, ки хусусияти ҳуқуқӣ надоранд, қабул намояд.

БОБИ 5. МУНОСИБАТИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Моддаи 30. Иштироки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти қонунгузорӣ

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дорад.

Ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли пешниҳоди лоиҳаи қонунҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, лоиҳаи қонунҳо дар бораи тағйир додан ё бекор кардани қонунҳои ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин шакли пешниҳоди хаттӣ дар бораи қабул кардани қонунҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дохил намудани тағйирот ба қонунҳои ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон (таклифҳои қонунгузорӣ) ба амал мебарорад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи тайёр намудани лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро, ки Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд, таҳия ва тасдиқ мекунад *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009, №575)*.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба лоиҳаи қонунҳо хулосаи хаттӣ медиҳад, ки онҳо ба субъекти ташаббуси қонунгузорӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода мешаванд.

Моддаи 31. Иштироки аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷаласаҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд дар ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷаласаҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кумита ва комиссияҳои онҳо мутобиқи талаботи Дастури онҳо иштирок намоянд ва баромад кунанд.

БОБИ 6. МУНОСИБАТИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО МАҚОМОТИ СУДӢ, МАҚОМОТИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ИТТИҲОДИЯҲОИ ҶАМЪИЯТӢ

(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009, №575)

Моддаи 32. Муносибати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо судҳо

Муносибати Ҳукумат бо судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Конституцсия, ин Қонуни конституцсионӣ ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

Моддаи 33. Муносибати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр, ноҳия, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияти худ роҳбарӣ, назорат ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро амалӣ менамояд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009, №575)*.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳои раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳо, маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқро, ки ба ваколати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дохиланд, баррасӣ менамояд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот ва гузоришҳои роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро дар

бораи татбиқи Конституцсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ, қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳо ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳо ва фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мешунавад *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009, №575)*.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳо ва дигар мақомоти идоракунии давлатиро бо раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот таъмин менамояд, ҳамзамон масъалаҳои баҳсноки ба вуҷуд омадаро ҳал менамояд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009, №575)*.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар буҷети давлатӣ ҳаҷми маблағҷудокуниро барои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пешбинӣ менамояд (*Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009, №575)*.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низомнома ва сохтори намунавии дастгоҳи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр, ноҳия ва лимити шумораи ниҳоии хизматчиёни давлатии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро тасдиқ менамояд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009,№575)*.

Хориҷ карда шуд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009, №575)*.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳои ҷумҳуриро, ки ба Конституцсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат доранд, бекор мекунад.

Моддаи 34. Муносибати Ҳукумати Ҷумҷурии Тоҷикистон бо ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои динӣ

Муносибати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои динӣ дар асоси Конституцсия, ҳамин қонуни конституцсионӣ, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009, №575)*.

БОБИ 7. ТАЪМИНИ ФАЪОЛИЯТИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Моддаи 35. Таъмини фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таъмини Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маводи таҳлилӣ, иттилоотӣ ва дигар санадҳо, ташкили назорат ба иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, омода кардани маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

Вазъи ҳуқуқии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро Низомномаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, муайян мекунад *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009, №575)*.

Моддаи 35[1]. Муҳофизати давлатии Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои оилаи ӯ ва дигар аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бо мақсади таъмини амнияти ҳаёт ва фаъолияти Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои оилаи ӯ ва дигар аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи рӯйхати шахсони мансабдор, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд, мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои муҳофизати давлатии муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба амал мебарорад *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009, №575)*.

Сарвазир ва дигар аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлати ваколати худ ҳуқуқ надоранд, ки аз муҳофизати давлатӣ даст кашанд *(Қонунҳои конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.04.2003, №22, аз 23.07.2016, №1325)*.

Моддаи 36. Пардохти музди меҳнат, таъминоти моддию маишӣ ва ҳимояи иҷтимоии аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Андозаи маоши мансабӣ, иловапулӣ барои рутбаи тахассусӣ ва собиқаи хизмати давлатӣ, инчунин шартҳо ва тартиби пардохти музди меҳнат, давомнокии рухсатии меҳнатии ҳарсолаи аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009, №575)*.

Хизматрасонии тиббӣ, таъминоти иҷтимоию маишии аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад.

Ба Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ба нафақа баромадан, нафақа дар ҳаҷми ҳаштод фоизи музди миёнаи меҳнаташ таъин карда шуда, новобаста аз ҳадди ниҳоии пардохти нафақа пурра пардохта мешавад *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5.01.2008, №346)*.

Моддаи 37. Хароҷоти таъминоти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи тартиби муқарраргардида аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешавад.

Хароҷоти таъминоти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар буҷети давлатӣ дар сатри алоҳида муайян карда мешавад.

Моддаи 38. Аз эътибор сокит донистани Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 ноябри соли 1995 «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1995, №21, мод. 218) аз эътибор сокит дониста шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

ш.Душанбе
12 майи соли 2001, №28

ҚОНУНИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ МАҚОМОТИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ»

(*Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №5, мод. 339; с. 2006, №11, мод. 472; с. 2009, №12, мод. 814; с. 2010, №12, қ. 1, мод. 800; с. 2013, № 3, мод. 179, №7, мод. 500; с. 2017, №5, қ. 1, мод. 268, № 7, мод. 464; с. 2020, №1, мод. 1)*

(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.11.2006, №211; аз 3.12.2009, №576; аз 29.12.2010, №653; аз 19.03.2013, №960; аз 22.07.2013, №1012; аз 30.05.2017, №1411; аз 19.07.2019, №1641, аз 2.01.*2020, №1670; аз 17.12.2020, №1748 аз 25.01.2021 № 1800, аз 08.06.2022 № 1872)*

Қонуни конституцсионии мазкур тартиби ташкил, ваколат ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро танзим мекунад *(Қонунҳои конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1411, аз 2.01.2020, №1670)*.

БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ

Мафҳумҳои асосие, ки дар Қонуни конституцсионии мазкур истифода мешаванд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1411)*:

- мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ - мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ буда, дар доираи салоҳияти худ амал мекунанд;

- мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ - Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, ки аз тарафи интихобкунандагони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия интихоб шуда, дар доираи ваколати худ масъалаҳои дорои аҳамияти маҳаллиро ҳал мекунанд;

- иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия - шакли асосии фаъолияти мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ буда, ба воситаи он ваколати ин мақомот амалӣ мегардад;

- мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ - мақомоте, ки дар ҳудуди воҳидҳои маъмурию ҳудуди дахлдор иҷрои Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии

Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдори мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро таъмин менамоянд *(Қонунҳои конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.12.2010, №653; аз 30.05.2017, №1411);*

- Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия мақоме, ки ҳокимияти иҷроияро дар ҳудуди воҳидҳои маъмурию ҳудуди дахлдор амалӣ гардонида, ба мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ роҳбарӣ менамояд *(Қоуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1411);*

- дастгоҳи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия - сохтори ёрирасон ва таъминкунандаи фаъолияти раис мебошад;

- сохтори маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия - воҳиди мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия буда, дар ҳудуди маъмурию ҳудуди дахлдор дар доираи ваколати худ вазифаҳои мақомоти иҷроияи марказиро амалӣ менамояд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1411);*

- сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии тобеи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия - сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллие, ки дар сохтор ё нақшаи идоракунии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия қарор надошта, роҳбарони онҳо бевосита аз ҷониби раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009, №576);*

- машварати назди раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия - мақоми машваратии ташкили кори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки барои баррасии масъалаҳои дахлдор даъват карда мешавад *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009, №576);*

- вазифа - самти масъулияти мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошад;

- ваколати вогузоршаванда - ваколати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия, мақомоти иҷроияи маҳаллии хокимияти давлатии болоӣ, ки тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё дар асоси шартномаи тарафҳо ба ихтиёри мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии дахлдор вогузошта мешавад;

- ваколати муштарак - ваколате, ки барои иҷрои он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дигар мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия ё

мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз як тараф ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии дахлдор аз тарафи дигар масъулияти муштарак доранд;

- ваколати истисноӣ - ваколате, ки тибқи қонун ба мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тааллуқ дорад ва барои иҷрои он танҳо ин мақомот масъул мебошанд.

Моддаи 2. Қонунгузории *Ҷумҳурии Тоҷикистон* дар бораи мақомоти маҳаллии Ҳокимияти давлатї *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.07.2019, №1641)*

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатї ба Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни конституцсионии мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

Моддаи 3. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ

Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ иборат мебошанд.

Мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия иборат мебошанд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии тобеи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия ва сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия иборат мебошанд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009, №576)*.

Моддаи 4. Асосҳои иқтисодӣ ва молиявии фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ

Асосҳои иқтисодӣ ва молиявии фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро ташкил медиҳанд:

- буҷети Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия;

- моликияти коммуналии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия;

- манбаъҳои дигаре, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардаанд.

Моддаи 5. Принсипҳои фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ

Фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба принсипҳои зерин асос меёбад *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1411):*

- қонуният ва адолати иҷтимоӣ;
- ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- мутобиқати манфиатҳои маҳаллӣ ва умумидавлатӣ;
- ба таври демократӣ, ошкоро ва бо назардошти гуногунандешии сиёсӣ ҳал намудани масъалаҳо;
- масъулият барои натиҷаҳои фаъолияти худ дар назди аҳолӣ;
- изҳори иродаи аҳолӣ ба воситаи Маҷлиси вакилони халқи дахлдор;
- мустақилияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ҳалли масъалаҳои ваколати худ;
- ҳатмӣ будани иҷрои санадҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки дар доираи ваколаташон қабул шудаанд;
- дастаҷамъӣ будани фаъолияти мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
- яккасардории фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ.

Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ фаъолияти худро бо роҳи фароҳам овардани шароити мусоид барои аз ҷониби шаҳрвандон амалӣ намудани ҳуқуқҳои конституцсионии худ оид ба иштирок дар идоракунии корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ анҷом медиҳанд.

Моддаи 6. Муносибати мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот

(Қонуни конституцсионии ҶТ аз 25.01.2021 № 1800)

Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба амалӣ гаштани вазифаҳои онҳо мусоидат менамоянд ва тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯмаки ташкилӣ, молиявӣ ва иқтисодӣ мерасонанд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳия метавонанд тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи баъзе ваколатҳои худро ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот вогузоранд.

Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои ташкилу амалисозии фаъолияти мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ шароитҳои зарурии ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва дигар шароитҳоро муҳайё ва ба аҳолӣ дар амалӣ намудани ҳуқуқҳои онҳо мусоидат менамоянд (Қонуни конституцсионии ҶТ аз 25.01.2021 *№ 1800*).

БОБИ 2. ТАШКИЛ, ВАКОЛАТ ВА ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ НАМОЯНДАГИИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ

Моддаи 7. Тартиби ташкили Маҷлиси вакилони халқ

Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро интихобкунандагони воҳидҳои маъмурию ҳудудии дахлдор дар асоси принсипҳои умумӣ, баробар, мустақим, бо овоздиҳии пинҳонӣ ба мӯҳлати 5 сол интихоб мекунанд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1411)*.

Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз синни 18 қатъи назар аз миллат, нажод, ӣинс, забон, эътиқоди динҳ, мавқеи сиёсҳ, вазъи ийтимоҳ, таҳсил ва молу мулк метавонад вакили Маҷлиси вакилони халқи дахлдор интихоб шавад *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.07.2019, №1641)*.

Шумораи вакилони Маҷлиси вакилони халқи дахлдорро Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия дар доираи меъёрҳои зерин муайян мекунад:

- барои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят ва шаҳри Душанбе - то 70 нафар;
- барои шаҳр ва ноҳия - то 40 нафар;

Маҷлиси вакилони халқ дар сурати интихоб шудани на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии муқарраршудаи вакилони он ваколатдор мебошад.

Тартиби интихоби вакилони Маҷлиси вакилони халқро Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» танзим менамояд.

Ҳангоми аз нав ташкилдиҳии (ҳамроҳшавии, муттаҳидшавии, табдилдиҳии, тақсимшавии ё ҷудошавии) воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ вакили Маҷлиси вакилони халқи ин воҳиди маъмурию ҳудудӣ вакили Маҷлиси вакилони халқи азнавташкилшудае мебошад, ки ба ҳайати он аксарияти интихобкунандагони вакил дохил мешаванд ва то оғози фаъолияти иҷлосияи даъвати нав ваколати худро нигоҳ медорад *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1411)*.

Моддаи 8. Ваколати Маҷлиси вакилони халқ

Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия чунин ваколат дорад:

- буҷети маҳаллиро қабул мекунад, ҳангоми зарурат ба он тағйиру иловаҳо ворид менамояд, иҷрои онро назорат намуда, ҳисоботи онро тасдиқ мекунад;

- роҳҳои инкишофи иқтисодию иҷтимоии маҳалро муайян намуда, барномаҳои рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаи дахлдорро тасдиқ ва иҷрои онҳоро назорат мекунад *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.12.2010, №653);*

- андоз ва пардохти маҳаллиро мувофиқи қонун муқаррар мекунад;

- дар доираи қонун тарзи идора ва ихтиёрдории моликияти коммуналии ҳудуди маъмурию ҳудудии дахлдорро муайян менамояд ва истифодаи самараноки онро назорат мекунад *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1411);*

- дар доираи ваколати худ барномаҳои ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиии ҳудуди воҳиди маъмурию ҳудудии дахлдорро тасдиқ ва иҷрои онҳоро назорат мекунад *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1411);*

- дар доираи ваколати худ барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатиро тасдиқ ва иҷрои онҳоро назорат мекунад;

- дар доираи ваколати худ муносибатҳои вобаста ба истифодаи об, замин ва дигар сарватҳои табииро тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамояд;

- Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудааст, тасдиқ мекунад;

- ба Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия ҳангоми мавҷуд будани асос бо овоздиҳии пинҳонӣ ва бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилони Маҷлиси вакилони халқи дахлдор нобоварӣ изҳор намуда, ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи *аз мансаб* озод намудани ӯ масъала мегузорад *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.07.2019, №1641)*;

- ҳисоботи роҳбарони сохтори маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия ва ташкилотҳои дахлдорро оид ба масъалаҳое, ки ба ваколати Маҷлиси вакилони халқ мансубанд, баррасӣ менамояд ва ҳангоми зарурат ба мақомоти дахлдор дар хусуси ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони мансабдори онҳо пешниҳод ирсол медорад;

- Дастури Маҷлиси вакилони халқро қабул ва ба он тағйиру иловаҳо ворид менамояд;

- бо пешниҳоди раиси Маҷлиси вакилони халқ комиссияҳои доимӣ, муваққатӣ ва мақомоти дигари Маҷлиси вакилони халқро таъсис медиҳад, низомномаи онҳоро тасдиқ мекунад, ҳайати комиссияҳоро интихоб менамояд ва ҳисоботро оид ба фаъолияти онҳо мешунавад *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.07.2019, №1641)*;

- ваколати вакилони Маҷлиси вакилони халқи дахлдорро дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз мӯҳлат қатъ менамояд;

- санадҳои мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатии дахлдори поёниро дар сурати ба Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат накарданашон бекор мекунад *(Қонунҳои конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.12.2010 №653, аз 30.05.2017, №1411);*

- мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорҳои раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро тасдиқ ё бекор мекунад *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.12.2010. №653);*

- тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмин ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тадбирҳои зарурӣ меандешад *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.12.2010, №653);*

- дар доираи ваколати худ тибқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаҳоеро муайян менамояд, ки барои вайрон намудани онҳо ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ карда мешавад *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009, №576);*

- масъалаҳои тағйир додани сарҳади Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, таъсис ва барҳам додани воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ, муқаррар намудан ва ба ҷои дигар кӯчонидани маркази маъмурии онҳо, мансуб донистани маҳалҳои аҳолинишин ба категорияи шаҳрҳои тобеи ҷумҳурӣ ва вилоят, шаҳрак ва деҳа, номгузорӣ ва номивазкунии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишинро баррасӣ намуда, қарори худро ба мақомоти дахлдор пешниҳод менамояд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.03.2013, №960, аз 30.05.2017, №1411);*

- лоиҳаи Нақшаи генералии шаҳр, маркази маъмурии ноҳия ва маҳалҳои аҳолинишинро баррасӣ менамояд, ки он мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад, Нақшаи минтақавии тарҳрезии шаҳр, ноҳия ва Нақшаи умумии сохтмони маркази шаҳр, ноҳия, инчунин нақшаҳои муфассали банақшагирии маҳалро тасдиқ менамояд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.07.2019, №1641)*;

- шартномаҳо оид ба ваколатҳои вогузоршаванда (шартномаи маъмурӣ) ва муштарак, созишномаҳо доир ба муқаррар намудани муносибатҳо ва ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо шаҳрҳои давлатҳои хориҷиро бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии

Тоҷикистон баррасӣ ва ҷонибдорӣ менамояд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.07.2019, №1641)*;

- бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ нашрияи расмӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма, инчунин сомонаи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро таъсис дода, тартиб, номгӯйи маълумот ва масъалаҳое, ки мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сомона ҷойгир карда мешаванд, муайян менамояд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.07.2019, №1641)*;

- қарорҳои раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро дар бораи ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани муовини якум, муовинон, роҳбари дастгоҳи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, роҳбарони сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии тобеи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, роҳбарони дахлдори сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия тасдиқ менамояд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009, №576;*

-дигар ваколатҳоро, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд, амалӣ менамояд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.12.2010, №653)*.

Моддаи 9. Санадҳои Маҷлиси вакилони халқ

Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия дар доираи ваколати худ қарор қабул мекунад.

Қарорҳои Маҷлиси вакилони халқ, ки дар ҳудуди дахлдор дорои хусусияти умумиҳатмӣ мебошанд, ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баҳисобгирии давлатӣ, санҷиш ва бақайдгирӣ фиристода мешаванд.

Тартиби интишори расмӣ ва мавриди амал қарор додани санадҳои Маҷлиси вакилони халқро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

Иҷрои қарорҳои Маҷлиси вакилони халқ, ки дар доираи ваколатҳояш қабул шудаанд, дар ҳудуди дахлдор барои мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхонаҳо, муассисаю ташкилотҳо, новобаста ба тобеияти идоравӣ, шакли ташкилию ҳуқуқӣ, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон ҳатмӣ мебошанд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.07.2019, №1641)*.

Маҷлиси вакилони халқ метавонад қарорҳои худро тағйир диҳад ва ё бекор кунад.

Дар сурати ба Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат накардани санадҳои Маҷлиси вакилони халқ онҳо аз тарафи худи Маҷлиси вакилони халқ, мақомоти болой ва ё суд бекор карда мешаванд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.12.2010, №653; аз 30.05.2017, №1411)*.

Маҷлиси вакилони халқ метавонад муроҷиатнома ва изҳорот қабул намояд.

Моддаи 10. Дастури Маҷлиси вакилони халқ

Тартиби гузаронидани иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, ҷаласаҳои мақомоти онҳо, пешниҳод ва баррасии масъалаҳо, ташкил ва интихоби мақомоти Маҷлиси вакилони халқ, шунидани ҳисоботи онҳо, баррасии дархости вакилон, тартиби овоздиҳӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба фаъолияти онҳоро дастури Маҷлиси вакилони халқи дахлдор муайян менамояд *(Қонуни конституцсионии ҶТ аз 25.01.2021 № 1800)*. .

Моддаи 11. Шакли асосии фаъолияти Маҷлиси вакилони халқ

Шакли асосии фаъолияти Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия иҷлосия буда, дар он масъалаҳое баррасӣ мешаванд, ки ба ваколати Маҷлиси вакилони халқ дохиланд.

Ҷараёни иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқ дар шакли протокол ба расмият дароварда шуда, ба он раисикунанда имзо мегузорад.

Моддаи 12. Тартиби даъвати иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқ

Иҷлосияи якуми Маҷлиси вакилони халқи аз нав интихобшудаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия на дертар аз як моҳи баъди интихоботи Маҷлиси вакилони халқ аз тарафи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия даъват карда мешавад.

Иҷлосияҳои Маҷлиси вакилони халқ аз тарафи раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо дар як сол на камтар аз чор маротиба даъват карда мешаванд ва ҳангоми набудани онҳо иҷлосияҳои Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияҳо аз тарафи яке аз муовииони онҳо, ки вакили ин Маҷлиси вакилони халқ мебошад, даъват карда мешаванд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.12.2010, №653)*.

Иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқ метавонад бо ташаббуси на камтар аз се як ҳиссаи шумораи умумии вакилони он низ даъват карда шавад *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.12.2010, №653)*.

Қарор дар бораи даъвати иҷлосия на дертар аз 10 рӯзи то оғози баргузоршавии иҷлосия ва дар ҳолатҳои зарурӣ фавран қабул карда шуда, ба маълумоти вакилон расонида мешавад.

Моддаи 13. Тартиби гузаронидани иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқ

Иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқро раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия мекушояд ва ба он раисӣ мекунад. Ҳангоми набудани раис ба иҷлосия яке аз муовинони ӯ, ки вакили Маҷлиси вакилони халқ мебошад, раисӣ мекунад. Дар ҳолати вакил набудани иҷрокунандаи вазифаи раис ва муовинони ӯ иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқро вакили синну солаш калонтарин мекушояд ва то интихоб шудани раиси Маҷлиси вакилони халқ ба кори он раисӣ мекунад *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009, №576)*.

Дар иҷлосия аз ҳисоби вакилон котибот интихоб карда мешавад.

Аз рӯи масъалаҳое, ки дар иҷлосия баррасӣ мешаванд, Маҷлиси вакилони халқ бо овоздиҳии ошкоро ё пинҳонӣ, бо тарафдории аз нисф зиёди шумораи умумии вакилон қарор қабул мекунад *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009, №576)*.

Иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқ дар сурате ваколатдор ҳисобида мешавад, ки дар он на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи муқарраршудаи вакилон иштирок дошта бошанд.

Иҷлосия ба таври ошкоро гузаронида мешавад.

Дар ҳолатҳои зарурӣ бо қарори Маҷлиси вакилони халқ мумкин аст иҷлосияи пӯшида низ гузаронида шавад *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.12.2010, №653)*.

Роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия, роҳбарон ва дигар шахсони мансабдори ташкилотҳое, ки дар ҳудуди маъмурию ҳудудии дахлдор ҷойгиранд, бо даъвати раиси Маҷлиси вакилони халқ ба иҷлосия ҳозир мешаванд ва дар ҳолати зарурӣ оид ба масъалаҳое, ки ба ваколати Маҷлиси вакилони халқ дохиланд, ахборот медиҳанд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1411)*.

Моддаи 14. Таъсис ва фаъолияти комиссияҳои доимӣ ва муваққатӣ

Маҷлиси вакилони халқ барои баррасии пешакии масъалаҳо ва ба иҷлосия манзур намудани онҳо, мусоидат ба татбиқи қарорҳои Маҷлиси вакилони халқ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон комиссияҳои доимӣ ва муваққатӣ таъсис медиҳад.

Маҷлиси вакилони халқ бо пешниҳоди раиси Маҷлиси вакилони халқ номгӯй ва шумораи ҳайати комиссияҳои доимӣ ва муваққатиро муқаррар намуда, аз ҳисоби вакилон раис ва аъзои онҳоро интихоб менамояд. Вакили Маҷлиси вакилони халқ метавонад танҳо узви як комиссияи доимӣ бошад.

Комиссияҳои доимӣ дар назди Маҷлиси вакилони халқ масъул буда, ба он ҳисобот медиҳанд.

Ба ҳайати комиссияҳои доимӣ раиси Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия интихоб шуда наметавонад.

Комиссияҳои доимӣ ҳуқуқ доранд:

- ба Маҷлиси вакилони халқ ва раис оид ба рӯзномаи маҷлис ва дигар масъалаҳое, ки дар иҷлосия баррасӣ мешаванд, пешниҳод ирсол намоянд;

- оид ба масъалаҳое, ки дар иҷлосия баррасӣ мешаванд, хулоса диҳанд;

- дар иҷлосия мувофиқи ваколаташон маърӯза ва маърӯзаи иловагӣ кунанд;

- дар доираи ваколаташон ба иҷлосия оид ба шунидани ҳисоботи роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пешниҳод манзур намоянд.

Комиссияҳои доимӣ метавонанд дигар вакилони Маҷлиси вакилони халқ, намояндагони мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва инчунин шаҳрвандонро ба кори худ ҷалб намоянд.

Шахсони мансабдори сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳои воқеъ дар ҳудуди дахлдор бо тартиби муқарраргардида ӯҳдадоранд бо дархости комиссияҳои доимӣ, ки дар доираи ваколаташон дода мешаванд, маълумоти заруриро пешниҳод намоянд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009, №576)*.

Комиссияҳои доимӣ қарорҳои протоколӣ қабул менамоянд.

Ҷаласаҳои комиссияҳои доимӣ ҳангоми ҳозир будани аз нисф зиёди шумораи умумии аъзои он ваколатдор ҳисобида мешаванд *(Қонуни конституцсионии ҶТ аз 25.01.2021 № 1800)*.

Қарори протоколии комиссияҳои доимӣ бо тарафдории аксарияти аъзои ҳозирбудаи комиссия қабул карда мешавад.

Протоколи ҷаласаи комиссияҳои доимӣ аз ҷониби раиси комиссия ба имзо мерасад *(Қонуни конституцсионии ҶТ аз 25.01.2021 № 1800)*.

Фаъолияти комиссияҳои доимиро низомномае, ки Маҷлиси вакилони халқ тасдиқ кардааст, ба танзим медарорад.

Ҳангоми гузаронидани ҷаласаҳои якҷояи якчанд комиссияҳои доимӣ протоколи онҳо аз ҷониби раисони комиссияҳои дахлдор имзо карда мешавад (Қонуни конституцсионии ҶТ аз 25.01.2021 № 1800).

Дар ҳолатҳои зарурӣ дар доираи ваколати Маҷлиси вакилони халқ комиссияҳои муваққатӣ ташкил карда мешаванд.

Ҳайат, вазифаҳо, ваколат, мӯҳлати фаъолият ва ҳуқуқҳои комиссияҳои муваққатиро Маҷлиси вакилони халқ ҳангоми таъсис додани онҳо муқаррар менамояд (Қонуни конст. ҶТ аз 29.12.2010 № 653).

Комиссияҳои муваққатии Маҷлиси вакилони халқ оид ба масъалаҳои вобаста ба ваколати худ хулоса медиҳанд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.12.2010, №653)*.

Моддаи 15. Вакили Маҷлиси вакилони халқ

(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2.01.2020, №1670).

Вакили Маҷлиси вакилони халқ намояндаи ваколатдори аҳолии ҳудуди дахлдор буда, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ интихоб шудааст.

Вакили Маҷлиси вакилони халқ дар асоси санадҳои қонунгузорӣ, дастури Маҷлиси вакилони халқи дахлдор, қарорҳои Маҷлиси вакилони халқи дахлдор, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои пешазинтихоботӣ фаъолият карда, ҳуқуқ дорад фикри худро озодона изҳор намояд, зимни баррасии масъалаҳо ва қабули қарорҳо мувофиқи ақидаҳои худ овоз диҳад.

Вазъи ҳуқуқии вакили Маҷлиси вакилони халқ, инчунин ҳолатҳои пеш аз муҳлат қатъ намудани ваколати ӯро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии вакили Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия» муайян менамояд.

Моддаи 16. Асосҳои қатъи ваколати Маҷлиси вакилони халқ

Ваколати Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия дар рӯзи оғози фаъолияти Маҷлиси вакилони халқи даъвати нав қатъ мегардад.

Маҷлиси вакилони халқ пеш аз мӯҳлат аз тарафи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои зерин пароканда карда мешавад:

- мунтазам, яъне дар давоми як сол зиёда аз як маротиба иҷро накардани талаботи Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо пешниҳоди Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон *(Қонунҳои конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.12.2010, №653; аз 30.05.2017, №1411);*

- агар Маҷлиси вакилони халқи аз нав интихобшуда дар давоми як моҳи баъди ифтитоҳи иҷлосияи якумаш мақомоти худро ташкил карда натавонад;

- баргузор нашудани иҷлосия дар давоми ду моҳ, бинобар ҳозир нашудани шумораи зарурии вакилон;

- ҳангоми азнавташкилдиҳии (ҳамроҳшавии, муттаҳидшавии, табдилдиҳии, тақсимшавии, ҷудошавии) воҳиди маъмурию ҳудудии дахлдор *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1411).*

Ваколати Маҷлиси вакилони халқ пеш аз мӯҳлат дар сурати ихтиёран пароканда шудани он низ қатъ мегардад, агар қарор оид ба ин масъала бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилони Маҷлиси вакилони халқ қабул шуда бошад.

Моддаи 17. Таъмини фаъолияти ташкилӣ ва моддию техникии Маҷлиси вакилони халқ

Хизматрасонии ташкилӣ, моддию техникӣ ва дигар намуди хизматрасонӣ ба фаъолияти Маҷлиси вакилони халқ ва мақомоти он, мусоидат ба вакилони халқ дар иҷрои ваколатҳои худ аз ҷониби дастгоҳи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия сурат мегирад.

Хароҷот барои таъмини Маҷлиси вакилони халқ дар буҷети маҳаллии дахлдор дар сатри алоҳида нишон дода мешавад.

БОБИ 3. ВАКОЛАТ ВА ФАЪОЛИЯТИ РАИСИ ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН, ВИЛОЯТ, ШАҲРИ ДУШАНБЕ, ШАҲР ВА НОҲИЯ

Моддаи 18. Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия

Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия ҳокимияти иҷроияро дар маҳал амалӣ менамояд, мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро дар воҳидҳои

маъмурию ҳудудии дахлдор сарварӣ мекунад *(Қонунҳои конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009, №576; аз 30.05.2017, №1411)*.

Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд ва ба тасдиқи Маҷлиси вакилони халқи дахлдор пешниҳод мекунад.

Агар Маҷлиси вакилони халқи дахлдор раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро тасдиқ накунад, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад ӯро такроран ба Маҷлиси вакилони халқ барои тасдиқ пешниҳод намояд ё шахси дигарро ба ин вазифа таъин намуда, барои тасдиқ ба Маҷлиси вакилони халқ пешниҳод намояд.

Агар Маҷлиси вакилони халқи дахлдор аз вазифа озод намудани раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро тасдиқ накунад, масъала такроран барои тасдиқ пешниҳод карда мешавад.

Агар шахс вакили Маҷлиси вакилони халқи дахлдор набошад, ӯ иҷрокунандаи вазифаи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия таъин карда мешавад ва баъди вакил интихоб шуданаш бо тартиби муқаррарнамудаи ҳамин модда ба ин вазифа таъин ва барои тасдиқ пешниҳод карда мешавад.

Моддаи 19. Санадҳои раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия

Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия дар доираи ваколати худ қарор ва амр қабул мекунад.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия дар шакли қарор қабул карда мешаванд.

Қарорҳои хусусияти фардӣ ва ташкилии амрдиҳӣ дошта, инчунин амрҳои раис санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ намебошанд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.07.2019, №1641)*.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия бояд ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баҳисобгирии давлатӣ, санҷиш ва бақайдгирӣ фиристода шаванд.

Тартиби интишори расмӣ ва мавриди амал қарор додани санадҳои раисро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

Иҷрои санадҳои дар доираи ваколати худ қабулкардаи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия дар ҳудуди маъмурию ҳудудии дахлдор ҳатмӣ мебошад *(Қонунҳои конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.12.2010, №653; аз 30.05.2017, №1411)*.

Раис метавонад санадҳои худро тағйир диҳад ва ё бекор кунад.

Санадҳои раис аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси болоӣ, худи раис, Маҷлиси вакилони халқи дахлдор, инчунин аз тарафи суд дар сурати ба Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат накардани он пурра ё қисман бекор карда мешавад *(Қонунҳои конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.12.2010, №653; аз 30.05.2017, №1411)*.

Моддаи 20. Ваколати раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия

Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия чунин ваколат дорад:

- иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқро даъват менамояд ва ба он раисӣ мекунад;

- ба корҳои тайёрии гузаронидани иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқ роҳбарӣ мекунад, рӯзномаи иҷлосияро тартиб медиҳад;

- риояи дастури Маҷлиси вакилони халқро таъмин менамояд;

- фаъолияти комиссияҳои доимии Маҷлиси вакилони халқро ҳамоҳанг месозад;

- ба қарорҳо, протоколҳо ва санадҳои дигари Маҷлиси вакилони халқ имзо мегузорад;

- лоиҳаи буҷети Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро барои қабул ба Маҷлиси вакилони халқ пешниҳод менамояд, пас аз қабул иҷрои онро таъмин менамояд, оид ба он ҳисобот медиҳад;

- барои тасдиқи Маҷлиси вакилони халқ барномаҳои тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақа ва барномаҳои мақсадноки минтақавиро пешниҳод менамояд ва оид ба иҷрои онҳо дар иҷлосия ҳисобот медиҳад *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.12.2010,№653)*;

- дар доираи ваколати худ оид ба таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ ва пурзӯр намудани муборизаи бар зидди ҷиноятҳо, таъмини амнияти шаҳрвандон, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои онҳо чораҳо меандешад, ҳангоми рӯй додани офатҳои табиӣ, эпидемия ва дигар ҳолатҳои фавқулодда тадбирҳои заруриро амалӣ мегардонад;

- мутобиқи қонунгузории Ҷумхурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи саломатии аҳолӣ, таъмини кӯмаки тиббию санитарӣ, беҳбудии санитарию эпидемиологии аҳолӣ тадбирҳо меандешад;

- Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро дар доираи салоҳиятҳои худ дар хориҷа, дар муносибат бо мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳо ва шаҳрвандон намояндагӣ мекунад;

- лоиҳаи Нақшаи генералии шаҳр, маркази маъмурии ноҳия ва маҳалҳои аҳолинишин, Нақшаи минтақавии тарҳрезии шаҳр, ноҳия ва Нақшаи умумии сохтмони маркази шаҳр, ноҳия, инчунин нақшаҳои муфассали банақшагирии маҳалро ба баррасии Маҷлиси вакилони халқи дахлдор пешниҳод менамояд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.07.2019, №1641)*;

- ба баррасии роҳбарони мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия дар бораи фаъолияти сохтори маҳаллии онҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия дар сурати иҷро накардани талаботи қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия пешниҳод манзур менамояд. Агар сохтори маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия камбудиҳоро бартараф накунад, хулосаи дахлдори худро ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

- дар бораи бо мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонидан бо тартиби муқарраркардаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод ирсол менамояд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.07.2019, №1641)*;

- мувофиқи сохтори намунавии тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори дастгоҳи раисро тасдиқ менамояд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009, №576);*

- дар доираи шумораи ниҳоии хизматчиёни давлатии муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷадвали воҳидҳои кории дастгоҳи раис ва сохторҳои дахлдори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро, ки аз буҷети маҳаллӣ маблағгузорӣ карда мешаванд, тасдиқ менамояд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009, №576);*

- муовини якум ва муовинони худро дар доираи лимити шумораи умумии муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо розигии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд;

- роҳбари дастгоҳи раис ва кормандони дастгоҳро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин

ва аз вазифа озод менамояд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009,№576*);

- роҳбарони корхонаҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳоро, ки ба моликияти коммуналии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия асос ёфтаанд, ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд;

- хориҷ карда шуд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.07.2013,№1012);*

- хориҷ карда шуд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.07.2013,№1012);*

- моликияти коммуналии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро дар доираи ваколати худ идора менамояд;

- дар давоми сол на камтар аз як маротиба ба Маҷлиси вакилони халқ дар бораи иҷрои барномаҳои тараққиёти иҷтимоию иқтисодии ҳудуди дахлдор,барномаҳои мақсадноки минтақавӣ ҳолати хоҷагидорӣ, истифода ва идораи объектҳои моликияти коммуналии дахлдор ҳисобот медиҳад *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.12.2010, №653);*

- ба Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия дар бораи бекор кардани санадҳои Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, ки ба Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф мебошанд, пешниҳод манзур менамояд *(Қонунҳои конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.12.2010,№653; аз 30.05.2017,№1411);*

- иҷрои Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия, Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро таъмин менамояд *(Қонунҳои конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.12.2010,№653; аз 30.05.2017,№1411);*

-дар доираи ваколатҳои худ ва талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқан баҳисобгирии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ, маҳалҳои аҳолинишини ҳудуди дахлдор ва бақайдгирии мақомоти худфаъолияти ҷамъиятиро таъмин менамояд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.07.2019, №1641)*;

- тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои оид ба заминро ҳал менамояд;

- назорати истифодаи табиат, сохтмон ва азнавсозии иншоотҳои ҳифзи табиатро таъмин менамояд;

- ташкилотҳо, муассисаҳо ва корхонаҳои давлатиеро, ки ба моликияти коммуналии дахлдор асос ёфтаанд, бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва барҳам медиҳад;

- тартиби ташкил ва фаъолияти машварати назди Раисро бо риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.12.2010,№653);*

- дар доираи ваколати худ барои пешбурди фаъолият, ҳамчунин омода намудани масъалаҳо барои баррасӣ, татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон комиссияҳоро таъсис дода, ҳайат ва мӯҳлати фаъолияти онҳоро тасдиқ ва ваколати онҳоро муайян менамояд;

- қабули шаҳрвандонро ба роҳ мемонад, арзу шикоят ва таклифҳои онҳоро, инчунин муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ менамояд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.07.2019, №1641)*;

- дигар ваколатҳоеро, ки ҳамин Қонуни конституцсионӣ, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардаанд, амалӣ менамояд.

Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия оид ба масъалаҳои ваколати худ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти болоӣ ва Маҷлиси вакилони халқи дахлдор ҳисоботдиҳанда ва масъул мебошад.

Моддаи 20[1]. Тартиби ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.07.2013, №1012)*

Роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, ки аз буҷети маҳаллии дахлдор маблағгузорӣ мешаванд, *ба истиснои соҳаи маориф,* аз тарафи раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия бо розигии хаттии роҳбарони мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда шуда, қарорҳои қабулшуда барои тасдиқ ба Маҷлиси вакилони халқи дахлдор

пешниҳод карда мешаванд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.12.2020, №1748)*.

Роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, ки аз буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузорӣ карда мешаванд, аз тарафи роҳбарони мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ бо розигии хаттии раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда шуда, қарорҳои қабулшуда барои тасдиқ ба Маҷлиси вакилони халқи дахлдор пешниҳод карда мешаванд. Муқаррароти мазкур барои ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳарбӣ, инчунин судяҳо, прокурорҳо, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани онҳо тартиби дигарро муайян намудааст, татбиқ намегардад.

Тартиби баррасии масъалаҳои ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.07.2013,№1012)*.

Моддаи 21. Ваколати дигари Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят ва шаҳри Душанбе

Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят ва шаҳри Душанбе ҳамчунин ваколатҳои зерин дорад *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017,№1411)*:

- ба фаъолияти раисони шаҳрҳо ва ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе роҳбарӣ менамояд;

- санадҳои раисони шаҳр ва ноҳияи дахлдорро, ки ба Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф мебошанд, бекор менамояд *(Қонунҳои конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.12.2010,№653; аз 30.05.2017, №1411;*

- татбиқи баъзе ваколатҳои худро ба раисони шаҳрҳо ва ноҳияи дахлдор вогузор менамояд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.12.2010, №653)*.

Моддаи 22. Асосҳои аз вазифа озод намудани раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия

Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия дар ҳолатҳои зерин аз вазифа озод карда мешавад:

- дар асоси аризаи ӯ оид ба истеъфо рафтан;

- эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи суд дар бораи маҳдуд намудани қобилияти амал ё ғайри қобили амал эътироф шудани ӯ *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.07.2019, №1641)*;

- эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми айбдоркунандаи суд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1411);*

- мунтазам иҷро накардани ӯҳдадориҳои хизматӣ;

- қатъи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соҳиб шудан ба шаҳрвандии давлати дигар *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1411);*

- риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат ба коррупсия, танзими анъана ва ҷашну маросим;

- дидаю дониста қабул намудани қарорҳои ғайриқонунӣ оид ба додан, гирифтан ва вобаста кардани қитъаи замин (Қонуни конст. ҶТ аз 08.06.2022 *№1872*);

- дигар асосҳои муқаррарнамудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дар дигар ҳолатҳо низ раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро аз вазифа озод намояд.

Моддаи 23. Дастгоҳи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия

Таъминоти иттилоотию таҳлилӣ, ташкилию ҳуқуқӣ, молиявї ва моддию техникии фаъолияти раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия аз тарафи дастгоҳи раис амалӣ карда мешавад *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.07.2019, №1641)*.

Дастгоҳи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия аз тарафи раис ташкил ва тағйир дода мешавад.

Низомнома ва сохтори намунавии дастгоҳи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009 ,№576)*.

Низомномаи дастгоҳ, сохтор ва ҷадвали воҳидҳои кории онро раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия мувофиқи низомнома ва сохтори намунавии тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи шумораи ниҳоии хизматчиёни давлатии муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009, №576)*.

Маблағгузории дастгоҳ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ сурат мегирад.

БОБИ 4. АСОСҲОИ ИҚТИСОДӢ ВА МОЛИЯВИИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ

Моддаи 24. Манбаъҳои иқтисодии фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ

Манбаъҳои иқтисодии фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, ҷангал, олами набототу ҳайвонот ва дигар боигариҳои табиӣ, ки дар воҳидҳои маъмурию ҳудудии дахлдор воқеанд, ҳамчунин моликияти коммуналӣ ва дигар шаклҳои моликият низ, ки сарчашмаи даромади мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва қонеъ гардонидани талаботи иҷтимоию иқтисодии аҳолии воҳидҳои маъмурию ҳудудии дахлдор мебошанд, ташкил медиҳанд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1411)*.

Моддаи 25. Моликияти Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия

Ба моликияти Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия объектҳое дохил мешаванд, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо дода шудаанд. Ба моликияти Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия ҳамчунин маблағҳои буҷетӣ, объектҳои инфрасохторҳои маҳаллӣ, муассисаҳои маориф, тандурустӣ, таъминоти иҷтимоӣ, илм ва фарҳанг ва объектҳои дигар, ки аз ҳисоби маблағҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, аз ҷумла дар асоси саҳмгузорӣ сохта ва харида шудаанд, ё аз сарчашмаҳои дигар ройгон дода шудаанд, дохил мешаванд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1411)*;

Номгӯи объектҳои моликияти коммуналиро Маҷлиси вакилони халқ тасдиқ менамояд, ба он тағйирот ворид намуда, ҳисоботи роҳбарони корхонаҳоеро, ки ба моликияти коммуналӣ асос ёфтаанд, оид ба истифодаи онҳо мешунавад.

Моддаи 26. Идораи объектҳои моликияти коммуналии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия

Объектҳои моликияти коммуналии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро Маҷлиси вакилони халқ ва раиси дахлдор мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ваколати худ идора мекунанд. Объектҳои мазкур бо мақсади хизматрасонии самаранок ба аҳолӣ ва рушди иқтисодию иҷтимоии ҳудуди дахлдор истифода мешаванд.

Тартиби хусусигардонии моликияти коммуналиро санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамоянд.

Тартиби аз моликияти коммуналӣ ба моликияти ҷумҳуриявӣ ва ё аз моликияти ҷумҳуриявӣ ба моликияти коммуналӣ гузаронидани молу мулкро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.12.2010, №653)*.

Аз моликияти коммуналии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия ба моликияти коммуналии дахлдори дигар гузаронидан дар асоси қарорҳои мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатии дахлдор амалӣ карда мешавад.

Маҷлисҳои вакилони халқ, раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо, корхона, муассиса ва ташкилотҳои давлатҳ ҳуқуқ надоранд молу мулке, ки моликияти коммуналҳ мебошанд, ба моликияти шахсони воҳеҳ ва шахсони ҳуқуқии ҷайридавлатҳ ройгон диҳанд, агар тартиби дигарро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян накарда бошад *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.07.2019, №1641)*.

Моддаи 27. Фаъолияти иқтисодии хориҷии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ

Фаъолияти иқтисодии хориҷии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифта, ин мақомот барои вусъат додани фаъолияти иқтисодии хориҷии корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои онҳо, ки дар воҳидҳои маъмурию ҳудудии дахлдор ҷойгиранд, инкишофи иқтидори содиротӣ, зиёд намудани истеҳсоли маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасонии ба рақобат тобовар мусоидат менамоянд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1411)*.

Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар доираи ваколати худ дар ин самт ҳуқуқ доранд:

- бо шарикони хориҷии худ барои хариду фурӯши маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасонӣ мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон созишнома банданд;
- ба ташкили корхонаҳои муштарак мусоидат намоянд;
- мутобиқи тартиби муқарраркардаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон савдои наздисарҳадӣ ташкил намоянд;
- дигар намудҳои фаъолиятро мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолияти иқтисодии хориҷӣ амалӣ намоянд.

Моддаи 28. Муносибати мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба объектҳои моликияти ҷумҳуриявӣ

Маҷлиси вакилони халқ ва раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия дар ҳудуди воҳидҳои маъмурию ҳудудии дахлдор ба ҷойгиркунии мақсадноки объектҳои истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ, таъсиси инфрасохторҳои дахлдор, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва меҳнатӣ, ҳифзи муҳити зист ва соҳаҳои дигар, ки моликияти ҷумҳуриявӣ мебошанд, тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат мекунанд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1411)*.

Моддаи 29. Моликияти муштараки мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ

Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд дорои моликияти муштарак бошанд ва дар идоракунии он иштирок намоянд.

Моддаи 30. Манбаъҳои молиявии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия

Манбаъҳои молиявии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия аз инҳо иборатанд:

- маблағҳои буҷети маҳаллӣ;
- маблағҳои ғайриандоз ва фондҳои мақсадноки давлатӣ;
- даромад аз буҷети болоӣ дар шакли кӯмаки молиявии беподош (дотатсия);
- мусоидати молиявӣ (субвенсия) аз буҷети болоӣ;
- қарзи буҷетӣ аз буҷети болоӣ;
- маблағҳои хайрия;
- қоғазҳои қиматнок, бурднок ва музоядаҳои маҳаллӣ;
- даромад аз чорабиниҳои оммавию варзишӣ ва фарҳангӣ;
- дигар манбаъҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардаанд.

Манбаъҳои молиявии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро дар асоси шартномавӣ бо манбаъҳои молиявии дигар вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, шахсони воҳеӣ ва ҳуқуқӣ барои маблағҷудокунӣ ба барномаҳои муштарак, аз ҷумла барои иҷрои барномаҳои тараққиёти байниҳудудӣ муттаҳид кардан мумкин аст.

Мақомоти маҳаллии хокимияти давлатии наздисарҳадӣ метавонанд бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, шахсони воҳеӣ ва ҳуқуқии минтақаҳои наздисарҳадии давлатҳои ҳаммарз тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои

амалӣ намудани барномаҳои муштарак, аз ҷумла барномаҳои тараққиёти байнисарҳадӣ манбаъҳои молиявиашонро муттаҳид гардонанд.

Моддаи 31. Даромадҳои буҷети Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия

Қисми даромади буҷети Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия аз ҳисоби даромадҳои андоз ва ғайриандоз, инчунин аз воридоти маблағ аз ҳисоби андозу пардохтҳои танзимкунанда иборат мебошад.

Ба даромадҳо аз андоз дохил мешаванд:

- андозҳои маҳаллӣ, ки номгӯи онҳоро санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.12.2009, №576);*

- даромад аз андозу пардохтҳои танзимкунанда мувофиқи тартибе, ки қонун дар бораи Буҷети давлатӣ барои соли навбатии молиявӣ муқаррар кардааст;

- боҷи давлатӣ, ба истиснои боҷи давлатие, ки мувофиқи қонун дар бораи Буҷети давлатӣ барои соли навбатии молиявӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ ворид карда мешавад;

- дигар манбаъҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардаанд.

Ба даромадҳои ғайриандоз дохил мешаванд:

- даромад аз буҷети ҷумҳуриявӣ дар шакли кӯмаки молиявии беподош (дотатсия), мусоидати молиявӣ (субвенсия), қарзи буҷетӣ ё дар шакли дигар;

- даромад аз хизмати пулакие, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои идории буҷетӣ мерасонанд;

- воридоти маблағ аз ҳисоби татбиқи чораҳои маҷбуркунӣ барои вайронкунии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи молияи давлатӣ, аз ҷумла ҷарима, пушаймона (пения), ҷубронпулӣ ва ғайра;

-даромад аз рекламаи беруна (Қонуни конституцсионии ҶТ аз 25.01.2021 *№1800*);

- хайрияҳои ихтиёрии шахсони воҷеӣ ва ҳуқуқӣ;

- даромад аз гузаронидани ҳашарҳо;

- даромад аз қоғазҳои қиматнок, бурднок ва музоядаҳои маҳаллӣ;

- даромад аз молу мулке, ки моликияти коммуналии ноҳия ва шаҳр мебошад ё дар идораи хоҷагии онҳо қарор дорад *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.07.2019, №1641)*.

Маҷлиси вакилони халқи шаҳр ва ноҳия ҳуқуқ дорад ба гурӯҳҳои алоҳидаи андозсупорандагон барои супоридани андоз, боҷ ва пардохтҳои маҳаллие, ки ба буҷети маҳаллии дахлдор ворид мегарданд, тибқи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон имтиёзҳо муқаррар намояд.

Моддаи 32. Хароҷоти буҷети Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия

Аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ танҳо хароҷоти зерин маблағгузорӣ мешавад *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1411)*

- таъмини фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
- ташаккули моликияти коммуналии воҳиди маъмурию ҳудудӣ дахлдор ва идоракунии он;
- таъсис, таъмини фаъолият ва инкишофи муассисаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг, варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ, воситаҳои ахбори омма ва нашрияҳо, дигар муассисаҳое, ки ба моликияти коммуналӣ мансубанд ё дар ихтиёри мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошанд;
- инкишофи хоҷагии манзилию коммуналӣ;
- сохтмони роҳ ва нигоҳдории роҳҳое, ки аҳамияти маҳаллӣ доранд;
- ободонӣ ва кабудизоркунӣ дар маҳал;
- ташкили истифода ва коркарди партовҳои рӯзгор;
- таъмини хизматрасонии нақлиётӣ ба аҳолӣ ва муассисаҳое, ки ба моликияти коммуналӣ мансубанд ё дар ихтиёри мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошанд;
- ҳифзи муҳити зист дар маҳал;
- амалигардонии барномаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.12.2010, №653);*
- хизматрасонии қарзии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва пардохти онҳо;
- кӯмаки молиявии беподош ба аҳолӣ;
-барои иҷро намудани вазифаҳои дигар, аз ҷумла вазифаҳои умумидавлатие, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинї намудаанд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.07.2019, №1641*;
- гузаронидани интихоботи мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ.

Маблағгузории фаъолияти дигари мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва хароҷоти дигар, ки ба масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта мансубанд, аз ҷониби мақомоти маҳаллии намояндагии хокимияти давлатӣ мутобиқи гурӯҳбандии буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда мешаванд.

Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия дар давраи байни иҷлосияҳо ба захираҳои озоди молиявии буҷет, ки нисбати буҷети тасдиқшуда ба андозаи на зиёда аз даҳ фоизро ташкил медиҳад, ихтиёрдорӣ намуда, қарорҳои худро ба Маҷлиси вакилони халқ барои тасдиқ пешниҳод мекунад. Агар

захираҳои озоди молиявии буҷет зиёда аз даҳ фоизи буҷети тасдиқшударо ташкил диҳанд, дар он сурат ба Маҷлиси вакилони халқ лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба буҷети маҳаллиро пешниҳод менамояд.

Хароҷоти якҷояи буҷети Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия ва буҷети ҷумҳуриявӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои соли навбатии молиявӣ амалӣ карда мешавад.

Моддаи 33. Фонди захиравии раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия

Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия метавонад дар доираи буҷети тасдиққардашуда фонди захиравии раисро дар ҳаҷми 0,5 фоиз аз ҳаҷми даромади умумии буҷети дахлдори маҳаллӣ таъсис диҳад ва ба таркиби хароҷоти он дохил намояд.

Раис ба фонди захиравӣ ихтиёрдорӣ намуда, дар бораи хароҷоти он ба Маҷлиси вакилони халқ ҳисобот медиҳад.

Истифодаи маблағҳои фонди захиравии раис тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Моддаи 34. Ҳуқуқҳои буҷетии Маҷлиси вакилони халқ ва раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия

Буҷети Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия дар шакли қарори Маҷлиси вакилони халқи дахлдор таҳия ва дар иҷлосияи он қабул карда мешавад.

Таҳияи лоиҳаи буҷети Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия мутаносибан аз тарафи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия ташкил карда мешавад *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.12.2010,№653)*.

Лоиҳаи буҷет аз рӯи манбаҳои даромад ва самтҳои хароҷот мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Буҷети Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия имкон дорад бо барзиёдӣ (профитсид) таҳия ва тасдиқ карда шавад.

Маблағгузории мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ҳаҷме, ки буҷетҳои маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ муқаррар намудаанд, сурат мегирад.

Хароҷотро барои нигоҳдории мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ Маҷлиси вакилони халқи дахлдор муқаррар менамояд.

Маҷлиси вакилони халқ ва раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия дар доираи ваколати худ ҳангоми иҷрои буҷет барои таъмини тавозуни он масъул мебошанд.

БОБИ 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

Моддаи 35. Шикоят намудан ба суд оид ба санадҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ

Мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот,шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонанд тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд оид ба санадҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ шикоят намоянд *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.07.2019, №1641)*

Моддаи 36. Баррасии эътирози прокурор оид ба санадҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ

Санадҳои Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, ки аз рӯи онҳо прокурор эътироз баён кардааст, дар иҷлосияи он баррасӣ карда мешаванд. Дар сурати қонеъ нагардидани эътирози прокурор аз тарафи Маҷлиси вакилони халқ прокурор метавонад ба мақомоти намояндагии болоӣ ё суд муроҷиат намояд.

Санадҳои раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, ки аз рӯи онҳо прокурор эътироз баён кардааст, аз ҷониби раиси дахлдор баррасӣ карда мешаванд. Дар сурати қонеъ нагардидани эътироз прокурор метавонад ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии болоӣ, ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ё Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ё суд муроҷиат намояд.

Моддаи 37. Мӯҳлати баррасии пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқ ва раис нисбат ба роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия

Пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқ ва раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия нисбат ба роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия оид ба иҷро накардани талаботи қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия дар мӯҳлати як моҳ баррасӣ мегардад.

Агар мақомоти болоӣ ё марказии ҳокимияти иҷроия дар мӯҳлати як моҳ пешниҳоди мазкурро баррасӣ накунад, Маҷлиси вакилони халқ ё

раис метавонанд ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намоянд.

Моддаи 37[1]. Ҷавобгарї барои риоя накардани талаботи Қонуни конституцсионии мазкур *(Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.07.2019, №1641*;

Шахсони воқеї ва ҳуқуқї барои риоя накардани талаботи Қонуни конституцсионии мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Моддаи 38. Аз эътибор соқит донистани санадҳои қонунгузорӣ

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи худидораи маҳаллӣ ва хоҷагии маҳаллӣ» аз 23 феврали соли 1991 (Ведомостҳои Совети Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1991, №8, мод. 144; №15, мод. 254; соли 1992, №5, мод. 71; №10, мод. 152; соли 1993, №17, 18, мод. 373), Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо» аз 1 декабри соли 1994 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1994, №23,24, мод. 448; соли 1998, №10, мод. 113) аз эътибор соқит дониста шаванд.

Моддаи 39. Тартиби мавриди амал қарор додани қонуни конституцсионии мазкур

Қонуни конституцсионии мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

ш. Душанбе
17 майи соли 2004, №28

ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
«ДАР БОРАИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ»

(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, №3, мод.166, №6, мод. 429; с. 2010, №3, мод.158; с. 2011, №6, мод. 452; с. 2012, №8, мод. 834, №12, қ. 1, мод.1008; с. 2013, №7, мод. 542, №12, мод. 905; с. 2014, №7,қ. 2, мод. 425; с. 2015, №12, қ. 1, мод. 1106; с. 2016, №3, мод. 156; с. 2017, №1-2, мод. 28, мод. 29, №5, қ. 1, мод.290; с. 2018, №7 - 8, мод. 526; с. 2019, № 4-5, мод. 225)

(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8.06.2007, №273; аз 11.03.2010 №603; аз 28.06.2011, №741; аз 01.08.2012, №900; аз 28.12.2012, №914; аз 22.07.2013, №1016; аз 28.12.2013, №1061; аз 26.07.2014, №1128, аз 25.12.2015, №1260, аз 15.03.2016, №1303, аз 24.02.2017, №1405; аз 24.02.2017, №1406; аз 30.05.2017, №1433; аз 03.08.2018, №1543; аз 04.04.2019, №1597; аз 02.01.2020, №1672)

Қонуни мазкур асосҳои ташкилию ҳуқуқии хизмати давлатӣ, вазъи ҳуқуқӣ ва кафолатҳои иҷтимоии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд.

БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- дастгоҳи давлатӣ - низоми мақомоти давлатӣ, ки фаъолияти он барои амалӣ намудани вазифа, функсия ва сиёсати давлат равона шудааст;

- мақоми давлатӣ - ҷузъи таркибии дастгоҳи давлатӣ, ки тибқи салоҳият ва сохтори муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ваколати давлатию ҳокимиятиро дар шакли ташкилию ҳуқуқии ба худ хос амалӣ менамояд;

- мансаби давлатӣ - воҳиди сохтории мақоми давлатӣ, ки дар доираи салоҳияти муқарраркардаи Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ, таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва салоҳияти мақомоти давлатӣ таъсис дода шудааст *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017, №1405)*;

- мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ - мансабҳое, ки Конституция ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ муқаррар намудаанд;

- мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ (мансабҳои сиёсӣ ва маъмурии хизмати давлатӣ) - мансабҳое, ки бо тартиби қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ муқаррар карда шудаанд;

- хизмати давлатӣ - фаъолияти касбии хизматчиёни давлатӣ, ки барои таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ муқаррар карда шудааст *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.07.2014, №1128);*

- хизматчии давлатӣ - шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мансаби давлатии хизмати давлатии музднокро дар асоси касбӣ бо мақсади таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ ишғол намудааст;

- хизматчии давлатии сиёсӣ - хизматчии давлатӣ, ки фаъолияти ӯ ба сиёсати умуми давлатӣ вобаста аст ва барои дар амал татбиқ намудани сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул мебошад;

- хизматчии давлатии маъмурӣ - хизматчии давлатӣ, ки ӯҳдадориҳои мансабии ӯ ба таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ, мансабҳои сиёсии хизмати давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ равона карда шудааст;

-шахси мансабдори давлатӣ – шахси таъин ё интихобшуда, ки ба таври доимӣ, муваққатӣ ё бо бо ваколати махсус вазифаи намояндаи ҳокимияти давлатиро амалӣ менамояд, яъне бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои ваколатҳои амрдиҳӣ нисбати шахсоне мебошад, ки дар тобеияти хизматии ӯ қарор надоранд, инчунин шахсе, ки вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ, маъмурию хоҷагидориро дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ҳамчунин дар субъектҳои хоҷагидори давлатӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидоре, ки дар онҳо ҳиссаи давлат на кам аз нисфро ташкил медиҳад, ба таври музднок ё бемузд иҷро менамояд ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда; (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон* аз *24.02.2017, №1406);*

- феҳристи мансабҳои давлатӣ - номгӯи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар басти кории мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ барои ба амал баровардани ҳокимияти давлатӣ, таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва салоҳияти мақомоти давлатӣ пешбинӣ гардидааст;

- феҳристи хизматчиёни давлатӣ - маҳзани ягонаи маълумот ва иттилоот оид ба теъдоди умумӣ ва ҳайати сифатии хизматчиёни давлатии дастгоҳи давлатӣ, ки дар асоси шарҳи ҳол ва фаъолияти касбии хизматчиёни давлатии алоҳида тартиб дода шуда, тибқи конунгузории

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти дорои сирри давлатӣ мансубанд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.07.2014, №1128);*

- талаботи тахассусӣ - талаботе, ки бо мақсади муайян кардани тайёрии касбӣ ва мувофиқат ба мансаби мушаххаси давлатии хизмати давлатӣ ба шаҳрвандон ҳангоми қабул шудан ба хизмати давлатӣ ва хизматчиёни давлатӣ барои ишғоли мансаби баландтари давлатии хизмати давлатӣ пешниҳод карда мешавад;

- категорияи мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ- мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ, ки вобаста ба ҳаҷм, хусусият ва доираи ӯҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатии маъмурӣ тасниф мешаванд;

- ӯҳдадориҳои мансабӣ - ӯҳдадориҳои пешбининамудаи мансаби муайяни давлатӣ, ки ҷавобгӯи мақсад ва вазифаҳои мақомоти давлатӣ буда, хизматчии давлатӣ дар доираи меъёрҳои муқарраркардаи қонун ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иҷро мекунад (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.03.2010, №603);*

- одоби хизматчии давлатӣ - маҷмӯи меъёрҳо, принсипҳо ва қоидаҳои рафтори хизматӣ ва ғайрихизматии хизматчии давлатӣ, ки хислатҳои ахлоқии фаъолияти касбӣ ва рафтори ӯро дар кор ва ҷомеа таҷассум намуда, арзишҳои эътирофшудаи ахлоқи инсонӣ, талаботи маънавии ҷомеаро нисбат ба хизматчии давлатӣ дар бар мегирад (*Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.07.2014, №1128; аз 3.08.2018, №1543);*

-хориҷ карда шуд (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.08.2018, №1543);*

-хориҷ карда шуд (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.08.2018, №1543);*

-хориҷ карда шуд (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.08.2018, №1543);*

- озмун-тартиби интихоби номзадҳо барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ бо роҳи муайян намудани дараҷаи мутобиқати онҳо ба талаботи тахассусии мансаби ишғолшаванда (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603);*

- аттестатсия - тартиби муайян намудани мувофиқати хизматчии давлатии маъмурӣ ба мансаби ишғолнамуда бо роҳи баҳодиҳӣ ба иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ, сатҳи дониш, малака ва тайёрии касбӣ (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603);*

- баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатӣ - тартиби муайян кардани натиҷаҳои фаъолияти хизматчии давлатӣ бо роҳи гузаронидани сӯҳбат дар бораи нишондиҳандаҳои иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ, дараҷаи комёб шудан ба натиҷаҳои пешбинишудае, ки ба мақсаду вазифаҳои мақоми давлатӣ ва воҳиди сохтории он мувофиқат мекунад (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603);*

- дастурамали мансабӣ - санаде, ки номгӯи мансаби давлатӣ, талаботи тахассусии мушаххас нисбат ба ишғолкунандагони мансаби мазкур, ӯҳдадориҳои мансабӣ, ҳуқуқ ва масъулияти хизматчии давлатиро пешбинӣ мекунад (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603)*.

Моддаи 2. Ҳуқуқ ба хизмати давлатӣ

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкӣ ба хизмати давлатӣ ҳуқуқи баробар доранд.

Моддаи 3. Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ

Самтҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи хизмати давлатӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Моддаи 4. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи хизмати давлатӣ

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи хизмати давлатӣ ба Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф намудааст, иборат мебошад. *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017, №1405);*

Моддаи 5. Низоми хизмати давлатӣ

1. Ба низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд:

- хизмати давлатии шаҳрвандӣ;
- хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;
- хизмати давлатии ҳарбӣ.

2. Хизмати давлатии шаҳрвандӣ ҳамчун фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ тибқи Қонуни мазкур ба амал бароварда мешавад (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.07.2014, №1128)*.

Намудҳои алоҳидаи хизмати давлатии шаҳрвандӣ мувофиқи қонунгузории дахлдори соҳавӣ, бо назардошти принсипҳои асосӣ ва муқаррароти умумии Қонуни мазкур ба танзим дароварда мешаванд (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603)*.

3. Хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мансабҳои давлатии хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ буда, ба таъмини қонуният, амният,

тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқ, озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин мубориза бар зидди ҷинояткорӣ нигаронида мешавад.

4. Хизмати давлатии ҳарбӣ фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мансабҳои давлатии хизмати давлатии мақомот ва ҷузъу томҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар Қӯшунҳо ва сохторҳои ҳарбӣ буда, ба таъмини мудофиа ва амнияти давлат нигаронида мешавад.

5. Хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизмати давлатии ҳарбӣ мувофиқи қонунгузории дахлдори соҳавӣ, бо назардошти принсипҳо ва муқаррароти умумии Қонуни мазкур ба танзим дароварда мешаванд.

6. Хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизмати давлатии ҳарбӣ ва намудҳои алоҳидаи хизмати давлатии шаҳрвандӣ дар қисме, ки бо қонунгузории соҳавӣ ба танзим дароварда нашудааст, бо Қонуни мазкур ва санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки тибқи қонуни мазкур қабул карда шудаанд, ба танзим дароварда мешаванд.

Моддаи 6. Доираи амали Қонуни мазкур

1. Амали Қонуни мазкур нисбат ба хизматчиёни давлатии сиёсӣ ва хизматчиёни давлатии маъмурӣ, ки мансабҳои давлатии хизмати давлатиро дар мақомоти зерини давлатӣ ишғол менамоянд, татбиқ мегардад:

- Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои он (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.07.2013, №1016);*
- Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастгоҳи он (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.2013, №1061);*
- Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.03.2016, №1303);*
- дастгоҳҳои судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- вазоратҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои онҳо;
- кумитаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои онҳо;
- мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои ҳарбӣ (барои хизматчиёни давлатии шаҳрвандӣ) (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603);*

- дастгоҳи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- идораҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои онҳо;

- мақомоти дигари марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои онҳо;

- намояндагиҳои доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкилотҳои байналмилалӣ, байнидавлатӣ (байниҳукуматӣ);

- мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Ба хизматчиёни давлатии маъмурӣ инчунин шахсони мансабдори мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, баробар карда мешаванд, ки номгӯи мансабҳои онҳоро Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

3. Амали Қонуни мазкур нисбат ба шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва кормандони ташкилоту муассисаҳои зерини давлатӣ татбиқ намегардад:

- Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- раис, муовинони раис, судяҳои Суди конституционӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе;

- кормандони корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳои давлатӣ (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603);*

-хизматчиёни граждании (ҳайати техникӣ ва хизматрасони) мақомоти давлатӣ (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.08.2018, №1543);*

- кормандони дигар сохторҳои давлатие, ки дар қисми якуми ҳамин моддаи Қонуни мазкур номбар нашудаанд.

Моддаи 7. Принсипҳои асосии хизмати давлатӣ

1. Хизмати давлатӣ ба принсипҳои зерин асос меёбад:

- волоияти Конституция ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

- ягонагии низоми хизмати давлатӣ, новобаста аз таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ;

- садоқат ба Ватан ва ба халқи Тоҷикистон;

- инсондӯстӣ ва адолати иҷтимоӣ;

- хусусияти дунявӣ доштани хизмати давлатӣ;

- ғайриҳизбӣ будани хизматчиёни давлатии мақомоти дахлдори давлатӣ, ки тибқи Конституцсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидаанд;

- шаффофият дар хизмати давлатӣ, ба ҷуз фаъолияте, ки сирри давлатӣ ва дигар сирри бо қонун ҳифзшазандаро ташкил медиҳад;

- касбият ва салоҳиятнокии хизматчии давлатӣ;

- ихтиёрӣ ва дастрас будани хизмати давлатӣ;

- ҳисоботдиҳанда будани хизматчии давлатӣ;

- устувории ҳайати шахсии мақоми давлатӣ;

- баландравии мансабии хизматчии давлатӣ дар асоси қобилият, истеъдод, тайёрии касбӣ ва талаботи тахассусӣ;

- баҳодиҳӣ ба фаъолияти хизматчии давлатӣ дар асоси дастовардҳои хизматӣ.

2. Хизмати давлатӣ инчунин ба дигар принсипҳо, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надоранд, асос ёфта метавонад.

Моддаи 7[1]. Одоби хизматчии давлатӣ (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.07.2014, №1128)*

1. Одоби хизматчии давлатӣ бо Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кодексҳои соҳавии одоби хизматчии давлатӣ, Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешавад.

2. Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кодексҳои соҳавии одоби хизматчии давлатӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд (*Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603; аз 26.07.2014, №1128)*.

Моддаи 8. Мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ

1. Барои татбиқи сиёсати ягонаи хизмати давлатӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ таъсис дода мешавад, ки ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

2. Мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ:

- иҷрои Қонуни мазкурро дар доираи салоҳияти худ таъмин менамояд;

- санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатиро таҳия намуда, бо тартиби муқарраргардида ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

- ба фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба риояи қонунгузорӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ назорат мекунад ва оид ба бекор кардани қарорҳои мақомоти давлатӣ, ки хилофи қонунгузории ҷумҳурӣ қабул

гардидаанд, пешниҳод ирсол менамояд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603);*

- дар доираи салоҳияти худ санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатиро қабул менамояд (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603);*

- дар доираи ваколатҳои худ бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриро доир ба риоя накардани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи хизмати давлатӣ баррасӣ менамояд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз *30.05.2017, №1433*);

- роҳбарии методии хадамоти кадрии мақомоти давлатиро амалӣ намуда, Низомномаи намунавии хадамоти кадрии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия ва барои тасдиқ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603);*

- якҷоя бо мақомоти омори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли ҳисоботи омории соҳаи хизмати давлатиро муқаррар ва дастурамали тартиб додани онҳоро тасдиқ менамояд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз *11.03.2010, №603);*

- маълумоти омори давлатиро оид ба соҳаи хизмати давлатӣ ҷамъ, коркард ва нашр менамояд (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603);*

- тартиби анҷом додани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ, баҳодиҳии фаъолият, аттестатсия ва ҷойивазкунии (ротатсияи) хизматчиёни давлатиро назорат ва роҳбарии методии онро амалӣ менамояд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603);*

- фармоиши давлатии тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатиро таҳия намуда, фаъолияти мақомоти давлатиро дар ин самт ҳамоҳанг менамояд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603);*

- Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия ва барои тасдиқ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

- Феҳристи хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пеш мебарад;

- хориҷ карда шуд (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603)*

- мониторинги ҳолати кадрҳои хизмати давлатӣ ва захираи кадрҳоро мегузаронад ва эҳтиёҷоти мақомоти давлатиро оид ба кадрҳо пешбинӣ менамояд;

- ҳуқуқу манфиатҳои хизматчиёни давлатиро ҳифз менамояд;

- талаботи тахассусиро нисбат ба категорияҳои хизматчиёни давлатии маъмурӣ таҳия ва тасдиқ мекунад (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603);*

- махзани маълумоти захираи кадрҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тартиб медиҳад (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603);*

- дар таҳия ва татбиқи амалии барномаҳои давлатӣ оид ба такмил додан ва баланд бардоштани нақши хизмати давлатӣ иштирок менамояд;

- оид ба такмили низоми пардохти музди меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ таклифҳо пешниҳод менамояд;

- дар таҳияи лоиҳаҳои шартномаҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои хизмати давлатӣ иштирок менамояд;

- барои бекор кардани санадҳои мақомоти давлатӣ, ки талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатиро вайрон мекунанд, ба суд мурочиат менамояд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603);*

- якҷоя бо мақомоти тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯи бемориҳоеро, ки барои иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатӣ монеа мегарданд, таҳия ва тасдиқ менамояд (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603);*

- салоҳияти дигареро, ки қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд, амалӣ менамояд.

3. Низомнома ва сохтори мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

4. Мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ санадҳои меъёрии ҳукуқии оид ба хизмати давлатӣ қабулнамудаи худро шарҳ медиҳад, дар хусуси тартиби татбиқи хизмати давлатӣ тавсия ва дастурҳои методӣ таҳия ва пешниҳод карда, ахбор нашр менамояд.

5. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии Ҷумҳурии Тоҷикистон, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ вазифадоранд вобаста ба масъалаҳои соҳаи хизмати давлатӣ бо дархости хаттии мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ иттилооти заруриро пешниҳод намоянд (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603).*

БОБИ 2. ТАШКИЛ ВА АДОИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ

Моддаи 9. Хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҷой ва нақши мақоми давлатӣ дар низоми мақомоти давлатӣ, амалӣ намудани вазифа ва функсияҳои давлат, татбиқи салоҳияти мақомоти давлатӣ, хусусияти ваколати мансабҳои мушаххас ва аҳамияти онҳо дар амалӣ

намудани сиёсати давлатӣ ба хизматчиёни давлатии сиёсӣ ва маъмурӣ тақсим мешаванд.

2. Таснифи хизматчиёни давлатӣ ба хизматчиёни давлатии сиёсӣ ва маъмурӣ дар Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мегардад, ки он аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

Моддаи 10. Феҳристи мансабҳои давлатӣ ва категорияҳои мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ

1. Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ, мансабҳои сиёсӣ ва маъмурии хизмати давлатӣ ташкил медиҳанд.

2. Барои хизматчиёни давлатии сиёсӣ категорияи мансабҳои давлатӣ муқаррар карда намешавад.

3. Барои хизматчиёни давлатии маъмурӣ категорияи мансабҳои давлатии зерин муқаррар карда мешавад:

- категорияи олӣ;
- категорияи якум;
- категорияи дуюм;
- категорияи сеюм;
- категорияи чорум;
- категорияи панҷум;
- категорияи шашум;
- категорияи ҳафтум.

4. Таснифи мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ ба категорияҳо дар Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда мешавад (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603)*.

Моддаи 11. Талаботи тахассусӣ нисбати довталабони мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ

1. Бо мақсади таъмини салоҳияти мақомоти давлатӣ, баланд бардоштани сатҳи касбии хизматчиёни давлатӣ ва мувофиқати хизматчиёни давлатии маъмурӣ ба мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ талаботи тахассусӣ муқаррар карда мешавад (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603)*.

2. Талаботи тахассусӣ меъёри асосии хоста гирифтан, ҷобаҷогузории кадрҳои хизмати давлатӣ ва омили муайянкунандаи фаъолияти хизматчии давлатӣ дар мақомоти давлатӣ ба ҳисоб меравад.

3. Ба талаботи тахассусӣ, ки ба шахсони довталаби мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ пешниҳод мегарданд, дохил мешаванд:

- таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи касбӣ бо назардошти ихтисос ва категорияи мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ;

- собиқаи умумӣ ва таҷрибаи кор аз рӯи ихтисос;

- адои хизмати ҳарбӣ барои ишғоли мансабҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.07.2014, №1128);*

- собиқаи хизмати давлатӣ;

- донистани забони давлатӣ *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.06.2011, №741);*

- донистани Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатиро ба танзим медароранд (*Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.2012, №914*; *аз 24.02.2017, №1405)*.

4. Сатҳи талаботи тахассусӣ барои хизматчиёни давлатии маъмурӣ аз тарафи мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ муайян карда мешавад (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603)*.

5. Қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд нисбат ба мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ талаботи дигари тахассусӣ муқаррар намоянд.

Моддаи 12. Хизматчиёни граждании (хайати техникӣ ва хизматрасонӣ) мақомоти давлатӣ (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.08.2018, №1543)*

1. Хизматчиёни граждании (ҳайати техникӣ ва хизматрасони) мақомоти давлатӣ шахсоне мебошанд, ки ба хизматрасонии техникӣ, хоҷагӣ, молиявӣ, дигар таъминоти фаъолияти мақомоти давлатӣ ва хизматчиёни давлатӣ машғуланд (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.08.2018, №1543)*.

2. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои мансабии онҳо мувофиқи шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ мушаххас муайян карда мешаванд.

3. Номгӯи чунин мансаб ва касбҳо бо пешниҳоди мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

Моддаи 13. Қабул шудан ба хизмати давлатӣ

1. Ба мансабҳои сиёсии хизмати давлатӣ қабул шудани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи Конституция, Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.07.2014, №1128)*.

2. Ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба синни 18 расидаанд, ба талаботи тахассусии муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Чумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунанд, метавонанд қабул шаванд (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.07.2014, №1128)*.

3. Ҳангоми ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ қабул шудан шаҳрвандон ба ғайр аз ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи моддаи 26 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамоянд (*Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.07.2014, №1128; аз 3.08.2018, №1543):*

- аризаи шахсӣ;
- эъломия дар бораи даромадҳо ва вазъи молумулкии худ (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.08.2018, №1543)*;
- маълумоти тиббӣ дар бораи вазъи саломатӣ;
- ҳуҷҷатҳои дигаре, ки қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба хусусияти мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ пешбинӣ намудаанд.

4. Шаҳрванд ба хизмати давлатӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур қабул карда шуда, бо ӯ шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ баста мешавад, ки намунаи онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.07.2014, №1128)*.

5. Шаҳрванде, ки ба хизмати давлатӣ қабул шудааст, бояд дар мӯҳлати на дертар аз понздаҳ рӯз баъди ба хизмати давлатӣ дохил шудан ҳиссаи дар сармояи оинномавии (шариконаи) ташкилотҳои тиҷоратӣ доштаашро ба шахси дигар бо ҳуқуқи идораи ба боварӣ асосёфта диҳад (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.12.2015, №1260)*.

6. Муқаррар намудани ҳама гуна табъиз, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, вазъи иҷтимоӣ, мансабӣ ва молумулкии шаҳрванд, ҳангоми дохил шудан ба хизмати давлатӣ манъ аст Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2.01.2020, №1672).

Моддаи 14. Парвандаи шахсии хизматчии давлатӣ (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон* аз *24.02.2017, №1405)*

1. Парвандаи шахсии хизматчиёни давлатӣ аз тарафи хадамоти кадрии мақоми дахлдори давлатӣ тартиб дода шуда, рафти адои хизмати давлатӣ дар он қайд карда мешавад. (*Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон* аз *28.12.2012, №914; аз 24.02.2017,№1405)*.

2.Тартиби пешбурди парвандаи шахсии хизматчиёни давлатӣ ва номгӯйи ҳуҷҷатҳои ба он дӯхташавандаро мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ муайян менамояд (*Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон* аз *25.12.2015, №1260; аз 24.02.201 1405)*.

Моддаи 15. Савганди хизматчии давлатӣ

1.Шаҳрванде, ки бори аввал ба мансаби маъмурии хизмати давлатӣ қабул мешавад, дар ҳузури кормандони мақомоти давлатӣ ботантана савганд ёд менамояд, ки матни он чунин аст:

«Ман (насаб, ном ва номи падар), шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба хизмати давлатӣ қабул шуда, ботантана ва бо ҳисси масъулияти

баланди ватандӯстӣ савганд ёд мекунам: *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.07.2014, №1128)*

-адои хизмати давлатиро дар мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ифодаи боварии махсус аз тарафи ҷомеа ва давлат дарк намуда,

-Конституцсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намуда,

-дар фаъолияти худ принсипҳои қонуният, адолат, беғаразӣ ва ростқавлиро ба роҳбарӣ гирифта,

-тибқи талаботи Кодекси одоби хизматчии давлатӣ бовиҷдонона ва ба дараҷаи баланди касбӣ хизмат намуда,

-ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф ва эҳтиром намуда, афзалияти манфиатҳои давлат ва ҷомеаро вазифаи асосии худ ҳисоб мекунам.

Барои вайрон намудани савганди ёдкардаам худро дар назди ҷомеа ва давлат масъул меҳисобам».

2. Ҳангоми савгандёдкунии хизматчии давлатӣ Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта мешаванд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1433)*.

3. Хизматчии давлатӣ рост истода, дасти росташро ба болои Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта, савганд ёд мекунад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1433).

4. Шахси савгандёдкарда матни савгандро бо имзои шахсии худ тасдиқ ва санаи қабули онро сабт менамояд. Матни савганд дар парвандаи шахсии хизматчии давлатӣ нигоҳ дошта мешавад. *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017, №1405)*.

5. Матни савганди хизматчиёни давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни давлатии ҳарбӣ тибқи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ муқаррар карда мешавад.

Моддаи 16. Ҳолатҳое, ки ба хизмати давлатӣ қабул намудани шаҳрванд ва дар хизмати давлатӣ будани хизматчии давлатиро истисно мекунанд

Шаҳрванд дар ҳолатҳои зерин наметавонад ба хизмати давлатӣ қабул гардад ва ҳамчун хизматчии давлатӣ дар хизмати давлатӣ бошад:

-саркашӣ кардан аз адои ба расмият даровардани иҷозат ба маълумоте, ки сирри давлатӣ ва дигар сирри бо қонун ҳифзшавандаро дар бар мегирад, агар иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ ба истифодаи ин маълумот вобастагӣ дошта бошад;

-агар шаҳрвандии давлати дигарро дошта бошад (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017,№1405);*

-аз шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромада, шаҳрвандии давлати дигарро гирифта бошад (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017, №1405);*

-нафақагири Ҷумҳурии Тоҷикистон ё давлати хориҷӣ бошад (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017, №1405);*

- мавҷудияти беморӣ, ки барои иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии хизмати давлатӣ монеа мегардад (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603);*

-саркашӣ кардан аз пешниҳоди маълумоте, ки дар моддаи 31 Қонуни мазкур пешбинӣ шудааст;

-доштани доғи судӣ барои ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содиркарда (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4.04.2019, №1597)*;

-агар барои содир кардани ҷиноятҳои қасдона маҳкум шуда бошад ё дар асоси моддаи 32 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод шуда бошад (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4.04.2019, №1597)*;

-ҳолатҳои дигаре, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

Моддаи 17. Санҷиши маълумоте, ки аз тарафи шаҳрванд пешниҳод карда мешавад

1. Маълумоти пешниҳоднамудаи шаҳрванд ҳангоми ҳалли масъалаи ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ таъин шудани ӯ мавриди санҷиш қарор дода мешавад.

2. Агар санҷиш ҳолатҳои барои ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ таъин шудани шаҳрванд монеъшавандаро ошкор намояд, ба ӯ дар бораи радкунии таъин ба мансаби давлатӣ ва сабабҳои он хаттӣ хабар дода мешавад.

3. Тартиби санҷиши маълумоти аз тарафи шаҳрванд пешниҳодшавандаро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Моддаи 17[1]. Санҷиши махсус дар хизмати давлатӣ (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.07.2014, №1128)*

Санҷиши махсус дар хизмати давлатӣ дар асоси дархости хаттии роҳбари мақоми давлатӣ аз ҷониби мақоми дахлдори давлатӣ гузаронида мешавад, агар баръало ошкор карда шавад, ки шахси дар мансаби давлатии хизмати давлатӣ буда ё довталаби мансаби давлатии хизмати давлатӣ дар эъломияҳо дар бораи даромад ва вазъи молумулкиаш, ки тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд, иттилооти бардурӯғ дода бошад (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.07.2014, №1128).*

Моддаи 18. Озмун барои ишғоли мансаби холии маъмурии хизмати давлатӣ

1. Ишғол намудани мансаби холии маъмурии хизмати давлатӣ бо роҳи озмун сурат мегирад (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603)*.

2. Қоидаҳои гузаронидани озмунро Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, муқаррар мекунад (*Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз11.03.2010, №603; аз 28.12.2012, №914; аз 24.02.2017, №1405);*

3. Ишғоли мансабҳои категорияи олӣ бе озмун сурат мегирад. Дигар ҳолатҳои бе озмун ишғол намудани мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ тибқи Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ муайян карда мешаванд (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603)*.

Моддаи 19. Таҳсили хизматчиёни давлатӣ

1. Таҳсили хизматчиёни давлатӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти миёнаи касбӣ ба амал бароварда шуда, дар шакли тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзӣ сурат мегирад (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.12.2015, №1260)*.

2. Тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ дар асоси фармоиши давлатӣ, инчунин талаботи мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

3. Фармоиши давлатӣ оид ба тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Моддаи 20. Аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ

1. Бо мақсади муайян кардани мувофиқат ба мансаби ишғолнамуда ва таъмини болоравии касбӣ аттестатсияи хизматчии давлатии маъмурӣ (ба истиснои хизматчиёни давлатие, ки мансаби сиёсии хизмати давлатӣ ва мансаби маъмурии хизмати давлатии категорияи олиро ишғол мекунанд) гузаронида мешавад (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603)*.

2. Тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмуриро Низомнома, ки аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, муайян менамояд.

Моддаи 20[1]. Баҳодиҳӣ ба фаъолияти хизматчии давлатӣ (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603)*

1. Бо мақсади назорати мунтазами рафти адои хизмати давлатӣ ва ҷамъ намудани иттилоот дар бораи иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ дар

охири ҳар сол баҳодиҳии натиҷаи фаъолияти хизматчии давлатӣ гузаронида мешавад.

2. Қоидаҳои гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603)*.

Моддаи 21. Рутбаҳои тахассусии хизматчиёни давлатӣ

1. Барои хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рутбаҳои тахассусӣ муқаррар карда мешаванд (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.2012, №914)*

2.Тартиби ба хизматчиёни давлатӣ додани рутбаҳои тахассусиро Низомнома, ки аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, муайян менамояд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.2012, №914)*.

3. Тартиби баробар донистани рутбаҳо ва унвонҳои ҳарбӣ, дипломатӣ ва махсус ба рутбаҳои тахассусии хизматчиёни давлатии шаҳрвандӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603)*.

Моддаи 22. Феҳристи хизматчиёни давлатӣ

Тартиби пешбурди Феҳристи хизматчиёни давлатиро, ки маълумотро дар бораи хизматчиёни давлатӣ дар бар мегирад, мақоми ваколатдор дар соҳаи хизмати давлатӣ муайян менамояд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.2012, №914)*.

Моддаи 23. Асосҳои қатъ шудани хизмати давлатӣ

1.Хизмати давлатӣ ғайр аз асосҳои пешбиникардаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавридҳои зерин қатъ мегардад:

-истеъфои хизматчии давлатии сиёсӣ;

-расидан ба синни ниҳоии хизмати давлатӣ;

- қатъ намудани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соҳиб шудан ба шаҳрвандии давлати дигар ё тарки доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон (*Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон* аз 25.12.2015, №1260, аз *24.02.2017,№1405);*

-гирифтани нафақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё давлати хориҷӣ (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон* аз *24.02.2017, №1405);*

- эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми айбдоркунии суд (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон* аз *25.12.2015, №1260)*;

- эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи суд дар бораи маҳдуд намудани қобилияти амал ё ғайри қобили амал эътироф шудани хизматчии давлатӣ; (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон* аз *25.12.2015, №1260)*

-вайрон намудани тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳо

(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08.06.2007*, №273);*

-риоя накардани маҳдудиятҳое, ки Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст;

-ҳолатҳои дигаре, ки Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

2. Аз мансаби давлатӣ озод намудани хизматчии давлатӣ аз тарафи роҳбари мақоми давлатӣ, ки ҳуқуқи ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ таъин ва озод карданро дорад, мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

3. Дар сурати норизо будани хизматчии давлатӣ аз озод намуданаш аз мансаби давлатӣ ӯ ҳуқуқ дорад ба суд муроҷиат намояд.

Моддаи 24. Синни ниҳоии дар хизмати давлатӣ будан

Синни ниҳоии дар хизмати давлатӣ будан барои занон то 58-солагӣ ва барои мардон то 63-солагӣ мебошад. Роҳбари мақоми давлатӣ метавонад баъди мувофиқа бо мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ бо қарори (амри) худ мӯҳлати дар хизмати давлатӣ будани хизматчии давлатии ба синни ниҳоӣ расидаро то ду сол дароз намояд. Дар ин сурат бо хизматчии давлатӣ шартномаи (қарордоди) мӯҳлатноки меҳнатӣ баста мешавад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.2012, №914)*.

Моддаи 25. Истеъфои хизматчии давлатии сиёсӣ

1. Истеъфо қатъ ёфтани хизмати давлатӣ мувофиқи аризаи хаттии хизматчии давлатии сиёсӣ буда, асоси он монеаи сиёсӣ барои минбаъд ишғол намудани мансаби сиёсии хизмати давлатӣ мебошад.

2. Истеъфо аз тарафи мақоми давлатии ваколатдор қабул ё рад карда мешавад. Дар сурати рад кардани истеъфо хизматчии давлатии сиёсӣ бояд иҷрои ӯҳдадориҳои мансабиашро давом диҳад ва ё бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дар бораи бо хоҳиши худ аз мансаби сиёсии хизмати давлатӣ озод карданаш муроҷиат намояд.

Моддаи 26. Захираи кадрҳои хизмати давлатӣ *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603)*

1. Захираи кадрҳои хизмати давлатӣ бо мақсади таъмини хизмати давлатӣ бо кадрҳо, болоравии мансабии хизматчии давлатӣ дар асоси дастовардҳои хизматӣ, қобилият, истеъдод ва тайёрии касбӣ, сари вақт ишғол намудани мансабҳои холии маъмурии категорияҳои сеюм, дуюм, якум, олӣ ва мансабҳои сиёсӣ ташкил карда мешавад.

2. Захираи кадрҳои хизмати давлатӣ аз ҳисоби мутахассисони босалоҳият, ташаббускор, дорои сатҳи баланди тайёрии касбӣ, Қобилияти ташкилотчигӣ ва малакаи идоракунӣ ташаккул меёбад.

3. Тартиби ташаккул ва кор бо захираи кадрҳои хизмати давлатиро Низомнома дар бораи захираи кадрҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии

Тоҷикистон, ки аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, муқаррар менамояд (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603)*.

Моддаи 26[1]. Ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603*)

1. Дар мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади истифодаи самараноки маҳорати касбии хизматчиёни давлатӣ ва пешгирии зуҳуроти коррупсионӣ ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ анҷом дода мешавад.

2. Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603)*.

БОБИ 3. ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ХИЗМАТЧИИ ДАВЛАТӢ

Моддаи 27. Ҳуқуқҳои хизматчии давлатӣ

1. Хизматчии давлатӣ ҳуқуқ дорад:

- дар доираи ваколатҳои худ дар баррасии масъалаҳо ва қабули қарор иштирок намуда, иҷрои онҳоро аз тарафи мақомоти дахлдор ва шахсони мансабдор талаб намояд;
- иттилоот ва маводи барои иҷрои ваколат ва ӯҳдадориҳои мансабиаш заруриро бо тартиби муқарраргардида талаб карда гирад;
- муайян намудани доираи ӯҳдадориҳои мансабиашро аз роҳбари худ талаб намояд;
- ба тайёркунӣ, аз нав тайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзӣ дар муассисаҳои таълимии дахлдор аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ фаро гирифта шавад;
- ба фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ машғул шавад;
- бо маводе, ки ба адои хизмати давлатии ӯ дахл дорад, аз ҷумла парвандаи шахсӣ бемамоният шинос шавад (*Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.12.2015, №1260;* аз *24.02.2017, №1405);*
- дар хизмати давлатӣ, бо назардошти тахассус, қобилияти касбӣ ва сатҳи иҷроиӯҳдадориҳои мансабии худ, баланд равад;
- дар сурати айбдоркунии беасос гузаронидани санҷиши хизматиро талаб намояд ва бо натиҷааш шинос шавад (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.12.2015, №1260);*
- бо ташаббуси худ фаъолиятро дар хизмати давлатӣ қатъ намояд;
- тибқи талаботи қонунгузорӣ бо нафақа таъмин гашта, аз ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ бархурдор бошад;

- оид ба такмили хизмати давлатӣ ба мақоми давлатие, ки дар он фаъолият мекунад, инчунин ба мақомоти давлатии болоӣ ва шахсони мансабдори он таклиф пешниҳод намояд.

2. Ҳуқуқҳои хизматчиёни давлатии сиёсӣ бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муайян карда мешаванд.

Моддаи 28. Ӯҳдадориҳои асосии хизматчии давлатӣ

1. Хизматчии давлатӣ ӯҳдадор аст:

- Конституцсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намояд;

- ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони ҳуқуқиро риоя, ҳифз ва эҳтиром намояд;

- муроҷиати *шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро* тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ баррасӣ намуда, аз рӯи онҳо чораҳои дахлдор андешад (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2.01.2020, №1672);*

- интизоми давлатӣ ва хизматиро риоя намояд;

- меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дастури фаъолияти худ қарор дода, ҳолатҳои бархӯрди манфиатҳоро ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ истисно намояд (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603);*

- фармон, фармоиш ва амрҳои роҳбарон, қарор ва дастури мақомоти болоӣ ва шахсони мансабдорро, ки дар доираи ваколати онҳо дода шудаанд, иҷро намояд (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.2012, №914);*

- сирри давлатӣ ва сирри дигари бо қонунҳо ҳифзшавандаро, аз ҷумла баъди қатъи хизмати давлатӣ, дар давоми мӯҳлати муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нигоҳ дорад;

- ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ маълумотро дар бораи ҳаёти шахсӣ, шаъну шарафи шаҳрвандон махфӣ нигоҳ дорад, аз онҳо пешниҳод намудани чунин маълумотро талаб накунад (ба истиснои мавридҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон);

- ҳифзи моликияти давлатиро таъмин намояд;

- агар манфиати шахсии хизматчии давлатӣ барои иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ монеа гардад, ё ба манфиати давлатӣ мухолифат кунад ва ё боиси дигар ҳолатҳои бархӯрди манфиатҳо гардад, бояд ба роҳбари мақоми давлатӣ, ки барои таъин ва озод намудани ӯ аз мансаб салоҳият дорад, хабар диҳад (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603);*

-аз рӯзи гирифтани иттилооти расмӣ дар бораи қатъ намудани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё соҳиб шудан ба шаҳрвандии давлати дигар ба роҳбари мақоми давлатӣ, ки ҳуқуқи ба мансаб таъин ва аз мансаб озод намуданро дорад, хабар диҳад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2017, №1405);*

- сатҳи касбӣ ва тахассусии худро барои иҷрои самараноки ӯҳдадориҳои мансабӣ баланд бардорад;

- мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур савганд ёд кунад.

2. Ӯҳдадориҳои мушаххаси хизматчии давлатӣ, ки аз ӯҳдадориҳои асосӣ бармеоянд, тибқи талаботи тахассусӣ муайян карда шуда, дар дастурамалҳои мансабие, ки аз тарафи роҳбарони мақомоти давлатии дахлдор тасдиқ карда мешаванд, инъикос мегарданд. Қоидаҳои таҳияи дастурамалҳои мансабии хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи мақомоти ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ тасдиқ карда мешаванд (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603)*.

3. Ӯҳдадориҳои хизматчиёни давлатии сиёсӣ бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муқаррар карда мешаванд.

Моддаи 29. Ӯҳдадориҳои иловагии хизматчии давлатии маъмурӣ

1. Бо розигии хизматчии давлатии маъмурӣ ва роҳбари мақоми давлатӣ мумкин аст ба зиммаи хизматчии давлатии маъмурӣ иҷрои ӯҳдадориҳои иловагии хизмати давлатӣ вогузошта шавад.

2. Ҳаҷми пардохти иловапулиро барои иҷрои ӯҳдадориҳои иловагии хизмати давлатӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамоянд.

Моддаи 30. Маҳдудиятҳо вобаста ба хизмати давлатӣ

Хизматчии давлатӣ ҳуқуқ надорад:

- бе иҷозати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мукофот, унвонҳои фахрӣ ва махсуси давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалиро қабул намояд;

- ҳангоми иҷрои ваколатҳои мансабӣ аз хизматрасониҳои шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ ба манфиати шахсӣ истифода барад;

- дар дигар амалҳо, аз ҷумла корпартоиҳо, ки фаъолияти мақомоти давлатӣ ва иҷрои ӯҳдадориҳои мансабиро халалдор месозанд, иштирок намояд;

- ба ҳайати мақомоти идоракунӣ, шӯроҳои нозирон ё парасторон, мақомоти дигари ташкилотҳои ғайритиҷоратии хориҷӣ ва воҳидҳои сохтории онҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил гардад, агар қонунгузорӣ ё шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошанд (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.12.2015, №1260);*

- дар идораи фаъолияти ҷамъияти хоҷагидор ё дигар ташкилоти тиҷоратӣ иштирок кунад, аз ҷумла ба ҳайати мақомоти идоракуни ташкилоти тиҷоратӣ, ки узвият дар онҳо бе изҳори иродаи махсуси фардӣ ғайриимкон аст, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.12.2015, №1260);*

- дар бонкҳои хориҷие, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир шудаанд, суратҳисобҳо кушояд ва пасандозҳо дошта бошад,

пули нақд ва ашёи қиматнокро нигоҳ дорад, дигар воситаҳои молиявӣ ва моликият дар хорича дошта бошад ва (ё) аз онҳо истифода барад (*Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.12.2015, №1260; аз 24.02.2017 , №1405)*;

- ба фаъолияти мақомоти дигари давлатӣ, ки ба доираи ваколати мансабиаш дохил нест, дахолат намояд (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.12.2015, №1260)*;

- дигар маҳдудиятҳои пешбининамудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро вайрон намояд.

Моддаи 31. Эъломиякунонии даромадҳо ва вазъи молумулкии довталабони мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ, хизматчиёни давлатӣ ва мансабҳои ба онҳо баробаркардашуда (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.08.2018, №1543)*

Эъломиякунонии даромадҳо ва вазъи молумулкии довталабони мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ, хизматчиёни давлатӣ ва мансабҳои ба онҳо баробаркардашуда бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» амалӣ карда мешавад (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.08.2018, №1543)*.

Моддаи 32. Ҷавобгарии интизомии хизматчии давлатӣ

1. Роҳбари мақоми давлатӣ, ки ҳуқуқи ба мансаб таъин ва аз мансаб озод намуданро дорад, ба хизматчии давлатӣ барои кирдори интизомии содирнамудааш, ҳамчунин барои риоя накардани талаботи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кодексҳои соҳавии одоби хизматчии давлатӣ, роҳ додан ба бархурди манфиатҳо ҳангоми адои хизмати давлатӣ ва ё дигар кирдорҳои бавуҷудоварандаи коррупсия, ки дорои аломатҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё ҷиноят намебошанд муҷозоти зерини интизомиро татбиқ менамояд (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.07.2014, №1128):*

- сарзаниш;
- танбеҳ;
- *танбеҳи қатъӣ (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1433);*
- то як сол мавқуф гузоштани додани рутбаи тахассусии навбатӣ;
- ба мансаби паст гузаронидан;
- аз мансаб озод кардан.

2. Бо мақсади ҷамъ овардан ва санҷиши маълумот дар бораи кирдори интизомии содирнамудаи хизматчии давлатӣ аз тарафи роҳбари мақоми давлатӣ санҷиши хизматӣ таъин карда мешавад. Санҷиши хизматӣ метавонад бо талаби хизматчии давлатӣ низ гузаронида шавад.

3. Тартиби гузаронидани санҷиши хизматӣ ва ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани хизматчии давлатӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.03.2010, №603)*.

4. Татбиқи ҷазоҳои интизомие, ки дар Қонуни мазкур, Кодекси меҳнат ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ нагардидаанд, манъ аст (Қонуни *Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1433)*.

Моддаи 33. Муносибати хизматчии давлатӣ ба иҷрои фармон ва амрҳои ғайриқонунӣ

1. Хизматчии давлатӣ бояд дар доираи ваколат ва ӯҳдадориҳои мансабӣ амал намояд.

2. Дар сурати ба қонунӣ будани фармон ва ё амри барои иҷро гирифташуда шубҳа пайдо кардани хизматчии давлатӣ, ӯ бояд ба таври хаттӣ фавран ба роҳбари бевоситааш муроҷиат намояд. Агар роҳбари бевосита ё шахси мансабдори болоӣ дурустии фармон ва ё амри додашударо хаттӣ тасдиқ намояд, хизматчии давлатӣ вазифадор аст онро иҷро намояд, ба шарте ки он дорои оқибатҳои ҷавобгарии маъмурӣ ва ё ҷиноятӣ набошад.

Масъулият барои оқибатҳои иҷрои фармон ё амр ва дастури ғайриқонунӣ дар ин ҳолат ба зиммаи шахси мансабдоре гузошта мешавад, ки онҳоро тасдиқ кардааст.

БОБИ 4. КАФОЛАТҲО ВА ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ ХИЗМАТЧИИ ДАВЛАТӢ

Моддаи 34. Кафолатҳо барои хизматчии давлатӣ

1. Ба хизматчии давлатӣ кафолатҳои зерин дода мешавад:

- шароити корӣ барои таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ;

- музди меҳнат, аз ҷумла мукофотпулӣ, кӯмакпулӣ, иловапулӣ, ҷубронпулӣ ва изофапулӣ *(Қонуни* Ҷумҳурии Тоҷикистон *аз 30.05.2017, №1433;*

- рухсатии ҳарсолаи пардохтшаванда ва дигар рухсатиҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603);*

- таҳсил ва баланд бардоштани дараҷаи тахассус бо нигоҳ доштани музди меҳнат, мансаби ишғолнамуда ё мансаби ба он баробар, бо тартиби муайяннамудаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми давраи таҳсил (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603);*

- суғуртаи ҳатмии давлатӣ барои беморӣ ё гум кардани қобилияти меҳнатӣ, фавт ё расондани зарар ба саломатӣ ва молу мулки ӯ ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ;

- таъмини нафақа тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603);*

- таъмини нафақаи хизматчии давлатӣ дар ҳолати фавти хизматчии давлатӣ ба аъзои оилаи ӯ, ки таҳти саробониаш қарор доранд (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603);*

- ҳатман гирифтани розигии хизматчии давлатӣ ҳангоми гузаронидан ба мансаби дигар (ғайр аз ҳолатҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон);

- ҳимояи хизматчии давлатӣ, аъзои оила ва наздикони ӯ аз зӯроварӣ, таҳдид ва дигар кирдорҳои ғайриқонунии вобаста ба иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ;

- таъмини имконияти баландравии мансабӣ;

- ҷуброни зарар ҳангоми пурра ё қисман гум кардани қобилияти меҳнатӣ;

2. Хароҷоти вобаста ба сафарҳои хизматӣ, ҷойивазкунӣ (ротатсия), гузаронидан ба мақоми давлатии воқеъ дар маҳалли дигар (вилоят, шаҳр, ноҳия), инчунин хароҷоти нақлиёт ва манзили хизматчии давлатӣ вобаста ба чунин гузариш ҷуброн карда мешаванд (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.07.2014, №1128).*

3. Хароҷот вобаста ба ҳолатҳое, ки ҳамин модда пешбинӣ менамояд, аз ҳисоби маблағҳои буҷети дахлдор сурат мегирад.

4. Қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хизматчии давлатӣ кафолатҳои дигарро низ пешбинӣ карда метавонанд.

5. Дар сурати вафоти хизматчии давлатӣ ба аъзои оилаи ӯ дар ҳаҷми панҷ музди моҳонаи меҳнат аз ҷои кори охиринаш кӯмакпулии яквақта дода мешавад (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.08.2012, №900).*

6. Дар сурати озод шудан аз мансаби давлатӣ, бинобар содир намудани кирдори ғайриқонунӣ, хизматчии давлатӣ аз кафолатҳо ва ҷубронпулиҳое, ки Қонуни мазкур пешбинӣ кардааст, маҳрум мегардад.

7. Иваз шудани роҳбари мақоми давлатӣ барои бо ташаббуси роҳбари нав қатъ шудани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ асос шуда наметавонад, ба истиснои шартномаи (қарордоди) меҳнатие, ки бо хизматчиёни давлатии сиёсӣ баста мешаванд.

Моддаи 35. Кафолати хизматчии давлатӣ дар мавриди барҳам додан, азнавташкилдиҳӣ ва таҷдиди мақоми давлатӣ, ихтисор шудани шумора ё воҳиди кории хизматчиёни давлатӣ (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603)*

1. Ба хизматчии давлатӣ ҳангоми барҳам додан, азнавташкилдиҳӣ ва таҷдиди мақоми давлатӣ, ихтисор шудани шумора ё воҳиди кории хизматчиёни давлатӣ бо назардошти дараҷаи тахассус, касб ва мансаби пеш ишғолнамудааш дар дигар мақоми давлатӣ мансаби давлатии хизмати давлатӣ пешниҳод карда мешавад (агар бо розигии ӯ додани дигар мансаби давлатии хизмати давлатӣ дар ҳамон мақоми давлатӣ ғайриимкон бошад) (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603).*

2. Ба хизматчии давлатӣ, ки ҳангоми барҳам додан, азнавташкилдиҳӣ ва таҷдиди мақоми давлатӣ, ихтисор шудани шумора ё воҳиди кории хизматчиёни давлатӣ аз мансаби давлатӣ озод шудааст (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.03.2010, №603);*

- аз рӯи мансаби пеш ишғолнамудааш бе ҳисоби кӯмакпулии аз кор рафтан, дар давоми се моҳ музди меҳнат дода мешавад;
- кӯмакпулӣ барои бекорӣ дода мешавад;
- музди меҳнати пештарааш ҳангоми гузаронидан ба мансаби дигари давлатии хизмати давлатӣ дар ҳамон мақом ё мақоми дигари давлатӣ дар давоми се моҳ нигоҳ дошта мешавад (агар музди меҳнати наваш назар ба маоши пештарааш кам бошад);
- хизматрасонии тиббӣ ба ӯ ва аъзои оилааш дар ҳамон муассисаи табобатӣ, ки то ба мансаби нави давлатӣ гузарониданаш расонида мешуд, нигоҳ дошта мешавад;
- дар сурати доштани собиқаи умумии меҳнатӣ (25 сол барои мардҳо, 20 сол барои занҳо) ва на камтар аз 10 сол собиқаи хизмати давлатӣ, ҳуқуқ дода мешавад, ки ду сол пеш аз мӯҳлати муқарраркардаи қонунгузорӣ ба нафақа барояд.

3. Дар сурати набудани имконияти мувофиқи ихтисосаш ба дигар мансаби давлатии хизмати давлатӣ гузаронидани хизматчии давлатӣ ӯ то як сол дар мақоми давлатӣ, бо нигоҳ доштани собиқаи хизмати давлатӣ, дар захираи кадрҳои мемонад ва барои такмили ихтисосаш имконият фароҳам оварда мешавад.

Моддаи 36. Музди меҳнати хизматчии давлатӣ

1. Музди меҳнат бояд шароити моддии зарурирo барои иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатӣ фароҳам оварда, ба ӯ ва аҳли оилааш сатҳи муносиби зиндагиро таъмин намояд, инчунин барои бо кадрҳои салоҳиятноку таҷрибанок таъмин намудани мақомоти давлатӣ мусоидат намуда, омили меҳнати поквиҷдонона ва ташаббускоронаи хизматчии давлатӣ бошад.

2. Музди меҳнати хизматчии давлатӣ аз маоши мансабӣ, иловапулиҳо ба маоши мансабӣ барои рутбаи тахассусӣ ва собиқаи хизмати давлатӣ иборат мебошад.

3. Иловапулӣ ба маоши мансабӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ бо назардошти иловапулӣ барои рутбаи тахассусӣ ҳар моҳ ба андозаи муқарраргардида пардохт карда мешавад.

4. Андозаи маоши мансабӣ, иловапулӣ барои рутбаи тахассусӣ ва собиқаи хизмати давлатӣ, инчунин шартҳо ва тартиби пардохти музди меҳнати хизматчиёни давлатиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Моддаи 37. Собиқаи хизмати давлатӣ

1. Ба собиқаи хизмати давлатӣ давраи фаъолияти шаҳрванд дар мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ, мансабҳои сиёсӣ ва маъмурии хизмати давлатӣ, хизмат дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизмати ҳарбӣ, инчунин фаъолият дар мансабҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ки дар Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, дохил мешавад.

2. Ба собиқаи хизмати давлатӣ метавонанд дигар давраҳои фаъолияти меҳнатии шаҳрванд низ бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шаванд.

Моддаи 38. Ҳавасмандгардонии хизматчии давлатӣ

1. Хизматчии давлатӣ барои дастовардҳои хизматӣ, хизмати бардавому бенуқсон, иҷрои супоришҳои махсусан муҳими давлатӣ ҳавасманд гардонида мешавад.

2. Намудҳои ҳавасмандгардонӣ ва тартиби бо он сарфароз гардониданро қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамоянд.

Моддаи 39. Рухсатии хизматчии давлатӣ

1. Ба хизматчии давлатӣ бо назардошти хусусиятҳои хоси хизмати давлатӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи моддаи мазкур, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон рухсатии ҳарсолаи пардохтшаванда дода мешавад (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.07.2014, №1128)*.

2. Давомнокии рухсатии асосии ҳарсолаи пардохтшавандаи хизматчиёни давлатӣ чунин муқаррар карда мешавад:

- 35 рӯзи тақвимӣ - ба хизматчиёни давлатии сиёсӣ ва хизматчиёни давлатии маъмурии категорияи олӣ;
- 30 рӯзи тақвимӣ - ба хизматчиёни давлатии маъмурии категорияи якум ва дуюм;
- 28 рӯзи тақвимӣ- ба хизматчиёни давлатии маъмурии категорияи сеюм, чорум, панҷум, шашум ва ҳафтум;

3. Дар сурати 5, 10, 15 ва 20 сол будани собиқаи хизмати давлатӣ, ба мӯҳлати рухсатии асосии ҳарсолаи пардохтшаванда мувофиқан 3, 6, 10 ва 15 рӯзи тақвимӣ илова карда мешавад.

4. Рухсатии ҳарсола ва рухсатии иловагӣ ҷамъ карда мешавад ва бо хоҳиши хизматчии давлатӣ мумкин аст, ки қисм-қисм дода шавад. Давомнокии як қисми рухсатии асосӣ набояд аз 14 рӯзи тақвимӣ кам бошад.

5. Хизматчии давлатӣ дар давоми сол барои гирифтани рухсатии бемузди давомнокияш на бештар аз 60 рӯзи тақвимӣ ҳуқуқ дорад.

Моддаи 40. Таъминоти иҷтимоии хизматчии давлатӣ

1. Ба хизматчии давлатӣ бо тартиби муқарраршуда:

- аз фонди давлатӣ манзили истиқоматӣ дода мешавад;

- барои беҳтар кардани шароити манзил, сохтмони манзили шахсӣ ва ё кооперативӣ қитъаи замин ҷудо карда мешавад, ки тартиби ҷудо карда шудани онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд;

- барои харидан ё сохтмони манзил, инчунин беҳтар намудани шароити манзилӣ ба мӯҳлати то 20 сол қарзи бефоиз дода мешавад, ки шартҳо ва тартиби додани чунин қарзро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

2. Ба хизматчии давлатии сиёсӣ ва хизматчии давлатии маъмурии категорияи олӣ илова ба майдони истиқоматӣ 20 метри мураббаъ барои ҳуҷраи корӣ дода мешавад.

3. Дар сурати на камтар аз 15 сол собиқаи бефосилаи хизмати давлатӣ доштани хизматчии давлатӣ хонаи истиқоматии дар фонди манзили давлатӣ ишғолкардааш (ба ғайр аз хонаҳои истиқоматии хизматӣ) ройгон ба моликияти ӯ дода мешавад.

Моддаи 41. Таъмини нафақа ва дигар кӯмакпулиҳо ба хизматчии давлатӣ

1. Таъмини нафақаи хизматчиёни давлатӣ мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи нафақа амалӣ гардонида мешавад (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.07.2014, №1128)*.

2. Хизматчии давлатӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба нафақа барои хизмати дарозмуддат ҳуқуқ дорад.

3. Ба хизматчии давлатӣ ҳангоми ба нафақа баромадан дар ҳаҷми музди меҳнати семоҳа кӯмакпулии яквақта дода мешавад (*Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.08.2012, №900; аз 3.08.2018, №1543)*.

4. Дар мавриди такроран ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ таъин (интихоб) шудани шахсоне, ки нафақа мегиранд, пардохти нафақаи онҳо *боздошта* мешавад. Ҳангоми аз мансаб озод шудани

чунин шахсон пардохти нафақаи онҳо дар асоси собиқаи корӣ дар рӯзи охирини аз мансаб озод шуданашон аз нав барқарор карда мешавад. (*Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон* аз *24.02.2017, №1405 ва аз 2.01.2020, №1672);*

БОБИ 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

Моддаи 42. Тартиби баррасии баҳсҳои меҳнатии хизматчиёни давлатӣ

Хизматчиёни давлатӣ оид ба ҳалли баҳсҳои меҳнатиашон метавонанд ба мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ, мақомоти дигари ваколатдори давлатӣ ё суд муроҷиат намоянд (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.12.2015, №1260).*

Моддаи 43. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур

Шахсоне, ки муқарароти Қонуни мазкурро вайрон мекунанд, тибқи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Моддаи 44. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 «Дар бораи хизмати давлатӣ «(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №22, моддаи 297; с. 2002, №4, қисми 1, моддаи 203; с. 2005, №7, моддаи 407; соли 2006, №3, моддаи 154) аз эътибор соқит дониста шавад.

Моддаи 45. Мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

ш. Душанбе
аз 5 марти соли 2007, №233

ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
«Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»

(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, №6, мод. 428; с. 2008, №6, мод. 448; с. 2010, №7, мод. 568; с. 2017, №5, қ.1, мод. 285, №7- 9, мод. 580)

(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.06.2008, №390; аз 21.07.2010 №636; аз 30.05.2017, №1428 ва аз 28.08.2017, №1461)

Қонуни мазкур бо тақозои рушди ҷомеа анъана ва ҷашну маросимро танзим намуда, ба ҳифзи арзишҳои асили фарҳанги миллӣ ва эҳтиром ба суннатҳои мардумӣ барои баланд бардоштани сатҳи иҷтимоию иқтисодии ҳаёти шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461).

БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

Моддаи 1. Мақсад, вазифа ва доираи амали Қонуни мазкур

1. Мақсади Қонуни мазкур аз ҳимояи манфиатҳои иҷтимоии мардуми Тоҷикистон, мусоидат барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва гирифтани пеши роҳи хароҷоти зиёдатӣ, ки ба манфиатҳои иқтисодӣ ва фазои маънавии ҳаёти шаҳрвандон зарари ҷиддӣ ворид менамоянд, иборат аст. Қонун ҳамчунин барои таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва тартиботи ҷамъиятӣ равона карда шудааст.

2. Вазифаи Қонуни мазкур танзими анъана ва ҷашну маросим дар асоси дастовардҳои фарҳанги миллӣ ва тамаддуни ҷаҳонӣ мебошад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461)*.

3. Амали Қонуни мазкур ба мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо, сарфи назар аз тобеияти идоравӣ ва шакли моликият, ҳамчунин ҳамаи шахсони воқеӣ, новобаста ба вазъи иҷтимоӣ ва мансубияти миллиашон, сурат мегирад (Қонуни ҶТ аз 25.06.2021 *№ 1792*).

4. Ақаллиятҳои миллӣ дар доираи муқаррароти Қонуни мазкур дар баргузории анъана ва ҷашну маросими суннатиашон озод мебошанд.

Моддаи 2. Мафҳумҳои асосӣ

1. Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- анъана - маҷмӯи арзишҳои моддӣ ва маънавии мероси иҷтимоию фарҳангии ҷомеа ва ё гурӯҳҳои алоҳидаи ҷамъиятӣ буда, аз насл ба насл мегузарад;

- маросим - маҷмӯи амалҳои рамзие мебошад, ки муносибати шахсон ва гурӯҳҳои иҷтимоиро ба падидаҳои муҳими ҳаёти фарҳангии ҷомеа муқаррар менамояд;

- ҷашн - таҷлили рӯйдодҳо ва ё санаҳои таърихию фарҳангӣ, ҷамъиятӣ, касбӣ ва оилавӣ мебошад.

Моддаи 3. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461)*

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим ба Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқи байналмилалие, ки онҳоро Тоҷикистон эътироф намудааст, иборат мебошад *(Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1428, аз 28.08.2017, №1461* аз 25.06.2021 № 1792)

).

БОБИ 2. МАҚОМОТ ОИД БА ТАНЗИМИ АНЪАНА ВА ҶАШНУ МАРОСИМ ВА ВАКОЛАТИ ОНҲО *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461*)

Моддаи 4. Мақоми ваколатдор оид ба танзими анъана ва ҷашну маросим (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461)

Иҷрои талаботи Қонуни мазкур аз тарафи мақоми ваколатдор, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад, амалӣ карда мешавад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.07.2010, №636).

Моддаи 5. Комиссияҳои доимии маҳаллӣ

1. Ҷиҳати амалӣ намудани Қонуни мазкур дар назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти кишвар комиссияҳои доимии маҳаллӣ таъсис дода мешаванд.

2. Низомномаи комиссияҳои доимии маҳаллиро Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо ва Ҷамоати шаҳраку деҳот тасдиқ мекунанд.

3. Низомномаи намунавии комиссияҳои доимии маҳаллиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461)*.

Моддаи 5[1]. Комиссияҳои ҷамъиятӣ *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461)*

1. Дар вазорату идорахо, корхонахо, муассисахо ва дигар ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият ва шакли ташкилию ҳуқуқӣ, ки дар онҳо на камтар аз 30 нафар корманд фаъолият мекунад, комиссияҳои ҷамъиятӣ таъсис дода мешаванд (Қонуни ҶТ аз 25.06.2021 *№ 1792*).

2. Фаъолияти комиссияҳои ҷамъиятӣ тибқи Қонуни мазкур ва низомнома, ки аз ҷониби роҳбарони вазорату идорахо, корхонахо, муассисахо ва дигар ташкилотҳо тасдиқ карда мешавад, ба роҳ монда мешавад **(Қонуни ҶТ аз 25.06.2021 *№ 1792*).**

3. Низомномаи намунавии комиссияҳои ҷамъиятиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад.

4. Комиссияҳои ҷамъиятӣ риояи талаботи Қонуни мазкурро аз ҷониби кормандони вазорату идорахо, корхонахо, муассисахо ва дигар ташкилотҳое, ки дар онҳо таъсис дода шудаанд, назорат намуда, ҷиҳати пешгирии қонунвайронкунӣ дар ин самт тадбирҳои зарурӣ меандешанд **(Қонуни ҶТ аз 25.06.2021 *№ 1792*).**

5. Дар сурати ошкор намудани риоя накардани талаботи Қонуни мазкур комиссияҳои ҷамъиятӣ дар мӯҳлати се рӯз ба мақоми ваколатдор ва ё комиссияҳои доимии маҳаллӣ дар ин бора хабар медиҳанд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461)*.

Моддаи 6. Ваколати Мақоми ваколатдор ва комиссияҳои доимии маҳаллӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросим *(Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.07.2010, №636, аз 30.05.2017, №1428, аз 28.08.2017, №1461)*

1. Мақоми ваколатдор ва комиссияҳои доимии вилоятӣ, шаҳрию ноҳиявӣ ва Ҷамоатҳои шаҳраку деҳот оид ба танзими анъана ва ҷашну маросим дорои ваколатҳои зерин мебошанд *(Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.07.2010, №636; аз 30.05.2017, №1428; аз 28.08.2017, №1461)*:

- назорат оид ба танзими анъана ва ҷашну маросим тибқи талаботи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461)*;

- таҳияи тавсия ва дастурҳои амалӣ барои камхарҷ гузаронидани ҷашну маросим *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461)*;

- фаҳмондани талаботи қонунгузорӣ ва додани тавсияҳо ба шахсоне, ки ҷашну маросимро мегузаронанд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461)*;

- ба қайд гирифтани тӯйи домодию арӯсӣ ва маросими азодорӣ, инчунин пешбурди омор дар ин самт *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461)*;

- андешидани чораҳо ҷиҳати пешгирии риоя накардани талаботи Қонуни мазкур *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461)*;

- таъмини ҳамкорӣ байни мақомоти давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросим ва ташкили корҳои маърифатию тарғиботӣ дар байни аҳолӣ *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461)*;

- расонидани ёрии амалӣ ба раисони маҳаллаҳо, шӯъбаҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар танзими ҷашну маросим *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461)*;

- таблиғи адабиёти илмию оммавӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросим (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461);

- талаб кардани маълумот дар бораи иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба танзими анъана ва ҷашну маросим аз вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, ташкилоту муассисаҳо, корхонаҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, сарфи назар аз шакли моликияташон *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461)*.

2. Дар ҳолати риоя нашудани муқаррароти Қонуни мазкур мақоми ваколатдор ва комиссияҳои доимии маҳаллӣ санади зарурӣ таҳия намуда, онро барои татбиқи чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ ба мақомоти дахлдор пешниҳод менамоянд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.07.2010, №636)*.

БОБИ 3. ТАНЗИМИ ҶАШНУ МАРОСИМИ РАСМӢ ВА ОИЛАВӢ *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461)*

Моддаи 7. Ҷашнҳои расмӣ

1. Ҷашнҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваҳдати миллӣ, Наврӯз, Сада, Меҳргон, идҳои Рамазон, Қурбон ва дигар идҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегарданд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1428)*.

2. Дар сатҳи давлатӣ ҷашн гирифтани санаи таъсиси корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳои давлатӣ, ҳамчунин зодрӯз ва ёдбуди шахсоне, ки ба давлат ва ҷамъият хизматҳои шоиста кардаанд, тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад (Қонуни ҶТ аз 25.06.2021 *№ 1792*).

3. Оростани зиёфати расмӣ ба муносибати таъйин шудан ба вазифаи давлатӣ, гирифтани рутба, унвон, мукофотҳои давлатӣ ва дараҷаҳои илмию тахассусӣ манъ аст.

4. Дар рӯзҳои иди Рамазон ва Қурбон дастархони маънавӣ ва камхарҷи идона ороста шуда, ба исрофкорӣ ва зиёдаравӣ роҳ додан манъ аст *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461)*.

Моддаи 8. Зодрӯз

Ҷашни зодрӯз ба таври ихтиёрӣ танҳо дар доираи оила гузаронида мешавад.

Моддаи 9. Хатнасур

(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017; №1461)

1. Хатнасур ба таври ихтиёрӣ танҳо дар доираи оила ва бе хизматрасонии санъаткорон гузаронида мешавад.

2. Хатна бо розигии падару модар аз рӯзи таваллуди писар то рӯзи бистуми баъди таваллуд дар муассисаҳои тиббии дахлдор бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ба таври ройгон гузаронида мешавад.

3. Маъракаҳои номгузорӣ, гаҳворабандон, чиллагурезон, мӯйсаргирони тифл ва дигар маъракаҳои ба таваллуди кӯдак вобаста дар доираи оила, бе забҳи чорво ва хизматрасонии санъаткорон баргузор карда мешаванд.

4. Гузаронидани маъракаи ақиқа манъ аст.

5. Падару модар ва дигар шахсони онҳоро ивазкунанда метавонанд аз маблағҳои сарфашуда то расидан ба синни балоғат дар бонкҳо ба номи писаронашон суратҳисоб кушоянд.

6. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки имконияти молиявӣ доранд, метавонанд бо иштироки комиссияҳои доимии маҳаллӣ хатнасури хайриявии писарони бепарастор ва аз оилаҳои камбизоатро баргузор намоянд.

7. Тартиби гузаронидани хатнасури хайриявиро мақоми ваколатдор муайян менамояд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461)*.

Моддаи 10. Тӯйи домодию арӯсӣ

1. Тӯйи домодию арӯсӣ дар давоми на бештар аз ду рӯз ба таври ихтиёрӣ бо оростани зиёфат барои то 150 нафар ва додани оши тӯй барои то 200 нафар аз ҳисоби ҳар ду ҷониб гузаронида мешавад (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.06.2008, №390).

2. Ташкили маъракаҳои фотиҳаи тӯй, маслиҳатошӣ, идонабарӣ, сандуқбарон, сарупобинон, чойгаштак, раисталбон, қудоталбон, ноншиканон, хонакашон, модарталбон, падарталбон, рӯйбинон, чодарканон, муборакбодӣ, шаҳтозон (роҳбандон), тақдими сарупо барои меҳмонони тарафайн ва хешу табори домоду арӯс, ба истиснои тақдими тӯҳфаҳо барои домоду арӯс ва падару модари онҳо манъ аст *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461)*.

3. Маросими домодталабон ва арӯсбинон ба таври ихтиёрӣ дар доираи оила бо иштироки то 15 нафар гузаронида мешаванд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461)*.

4. Падару модари домоду арӯс ва ё шахсони онҳоро ивазкунанда бо маслиҳати тарафайн метавонанд ба ҷойи додани оши тӯй маблағи онро ҷиҳати беҳтар гардондани шароити зиндагии навхонадорон сарф намоянд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461).

5. Ҳамсарон ҳуқуқ доранд, ки тибқи муқаррароти Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон байни худ аҳдномаи никоҳ банданд.

6. Маросими бақайдгирии давлатии акди никоҳ дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва ҷамоатҳои шаҳраку деҳот бо истифодаи на бештар аз 4 автомошинаи сабукрав гузаронида мешавад (Қонуни ҶТ аз 25.06.2021 *№ 1792*).

7. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки имконияти молиявӣ доранд, метавонанд бо иштироки комиссияҳои доимии маҳаллӣ тӯйи домодию арӯсии хайриявии ҷавононро аз оилаҳои камбизоат баргузор намоянд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461)*.

8. Тартиби гузаронидани тӯйҳои домодию арӯсии хайриявиро мақоми ваколатдор муайян менамояд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461)*.

Моддаи 11. Маросими дафну азодорӣ *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461)*

1. Маросими ҷаноза бе маҳдудияти шумораи иштироккунандагон сурат мегирад.

2. Маросими «се», «чил» ва «сол» бе забҳи чорво ва додани таом гузаронида мешаванд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461)*.

3. Дар маросими дафну азодорӣ ташкили «оши сари тахта», «душанбегӣ», «ҷумъагӣ», «ҳафт», «бист», «шашмоҳагӣ», ҳамчунин додани пули нақд ва дигар ашё, ба истиснои ҳаққи хизмати қабркан ва мурдашӯй, манъ аст (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461)*.

4. Тартиби гузаронидани маросими дафну азодориро мақоми ваколатдор муайян менамояд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461)*.

Моддаи 12. Маросими ҳаҷ

1. Маъракаҳои гусел ва пешвози ҳоҷиён дар доираи оила гузаронида мешаванд.

2. Ташкили маъракаҳои, ҳоҷизиёрат, ҳоҷиталабон ва ҳоҷиошӣ қатъиян манъ аст *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461)*.

3. Тартиби сафари шаҳрвандонро барои адои ҳаҷ ва умра Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461)*.

Моддаи 13. Ҷои баргузории ҷашну маросим *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461)*

1. Ҷашну маросим дар майдончаҳои (ҳавлиҳои) назди биноҳои истиқоматӣ, дохили хонаҳои шахсӣ ва ё дар тарабхонаҳо, қаҳвахонаҳо, ошхонаҳо ва ё тӯйхонаҳо бо риояи тартиботи ҷамъиятӣ гузаронида мешавад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461)*.

2. Маросими мавлудхонӣ ба таври ихтиёрӣ танҳо дар масҷидҳо бе ҷамъоварӣ ва додани маблағи пулӣ ва таом сурат мегирад. Дар ҷашну маросим пошидан ва часпондани пул манъ аст *(Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1428; аз 28.08.2017, №1461)*.

БОБИ 4. ТАНЗИМИ ХИЗМАТРАСОНӢ ДАР ҶАШНУ МАРОСИМ

(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461)

Моддаи 14. Тартиби хизматрасонии ҷашну маросимҳо аз тарафи муассисаҳои фарҳангӣ, тарабхонаҳо ва ошхонаҳо

1. Хизматрасонии ҳунармандон дар тӯю маъракаҳо дар асоси шартномаи тарафайн бо риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461)*.

2. Маъмурияти қаҳвахона, ошхона, тарабхона ва тӯйхонаҳо ӯҳдадоранд хизматрасонии тӯю маъракаҳоро дар асоси шартномаи тарафайн ба роҳ монда, ҳангоми баргузории тӯю маъракаҳо талаботи Қонуни мазкурро вобаста ба шумораи даъватшудагон ва вақти баргузории онҳо риоя намоянд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461)*.

3. Тӯю маъракаҳо дар шаҳрҳо дар рӯзҳои истироҳат аз соати 8 то соати 22 ва дар рӯзҳои корӣ аз соати 18 то соати 22, дар шаҳраку деҳот (аз ҷумла шаҳраку деҳоти тобеи шаҳр) дар рӯзҳои истироҳат аз 1 апрел то 31 октябр аз соати 6 то соати 22, аз 1 ноябр то 31 март аз соати 8 то соати 22 ва дар рӯзҳои корӣ аз соати 18 то соати 22 гузаронида мешаванд. Давомнокии тӯю маъракаҳо то се соат муқаррар карда мешавад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461)*.

БОБИ 4[1]. ӮҲДАДОРИИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ ВА ҲУҚУҚӢ ҲАНГОМИ ГУЗАРОНИДАНИ ТӮЮ МАЪРАКАҲО

(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017,№ 1461 аз 25.06.2021 № 1792)

Моддаи 14[1]. Ӯҳдадории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми гузаронидани тӯю маъракаҳо

(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461)

1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ўҳдадоранд ҷашну маросимро бо риояи талаботи Қонуни мазкур баргузор карда, мақоми ваколатдор ва комиссияҳои доимии маҳаллиро доир ба баргузории тӯйи домодию арӯсӣ ва маросими азодорӣ хабардор намоянд.

2. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ўҳдадоранд рукнҳои фарҳанги миллӣ, аз ҷумла забони давлатӣ ва либосҳои миллиро ҳифз намоянд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461)*.

Моддаи 14(2). Маҳдудият оид ба гузаронидани ҷашну маросим

(Қонуни ҶТ аз 25.06.2021 № 1792)

Дар ҳолатҳои истисноӣ бо риояи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми вазъияти фавқулода, ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад меъёрҳои маҳдудкунандаро оид ба гузаронидани ҷашну маросим муқаррар намояд *(Қонуни ҶТ аз 25.06.2021 № 1792)*

БОБИ 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

Моддаи 15. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461)

1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

2. Аъзои Ҳукумат, Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, дигар шахсони мансабдори давлатӣ, хизматчиёни давлатӣ, судяҳо, кормандони мақомоти прокуратура, амният, корҳои дохилӣ, назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, андоз, гумрук, кормандони мақомоти дигари ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур аз ҷониби онҳо ва фарзандонашон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мансаб озод карда мешаванд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2017, №1461)*.

Моддаи 16. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов
ш. Душанбе
8 июни соли 2007, №272

ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
«Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот»

Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2009, № 7-8, мод. 503; с. 2012, №4, мод. 277, №8, мод. 833; с. 2015, №11, мод. 964; с. 2017, №5, қ. 1, мод. 288)

(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827; аз 01.08.2012, №899; аз 23.11.2015, №1243; аз 30.05.2017, №1431; аз 04.04.2019, №1598)

Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба ташкил, ваколат ва фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот танзим намуда, асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва молиявии онро муайян менамояд.

БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ

Мафҳумҳои асосие, ки дар Қонуни мазкур истифода мешаванд:

- шаҳрак ва деҳот - воҳиди маъмурию ҳудудӣ мебошад, ки дар ҳудуди он худидоракунӣ бевосита ва ё ба воситаи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот амалӣ мешавад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1431);*

- худидоракунии шаҳрак ва деҳот - фаъолияти аҳолии шаҳрак ва деҳот мебошад, ки бевосита ё ба воситаи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот таҳти масъулияти худ барои ҳал намудани масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии аҳамияти маҳаллидошта, бо назардошти манфиатҳои умумиҷамъиятӣ, анъанаҳои миллӣ ва хусусиятҳои маҳаллӣ, амалӣ мегардад;

- мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот Ҷамоат (Ҷамоати шаҳрак ва Ҷамоати деҳот) мебошад, ки аз ҷониби интихобкунандагони шаҳрак ва деҳот интихоб шуда, масъалаҳои дорои аҳамияти маҳаллиро дар доираи ваколатҳои худ ҳал мекунад *(Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, № 827; аз 30.05.2017, №1431);*

- маҷлиси Ҷамоат - шакли асосии фаъолияти Ҷамоат буда, дар он масъалаҳои ваколати Ҷамоат баррасӣ мешаванд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1431);*

- Шӯрои Ҷамоат - мақомоти коллегиалии Ҷамоат буда, ваколатҳои пешбининамудаи қонуни мазкурро амалӣ менамояд;

- раиси Ҷамоат - роҳбари мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот буда, аз тарафи вакилони Ҷамоат интихоб мешавад;

- вакили Ҷамоат - шаҳрванде, ки бо тартиби муқарраркардаи Қонуни мазкур ба Ҷамоат интихоб шудааст;

- масъалаҳои дорои аҳамияти маҳаллӣ - масъалаҳои ҳамарӯзаи аҳолии шаҳрак ва деҳот, ки барои ҳалли онҳо Ҷамоат масъулияти пурра дошта, онҳоро дар доираи стандартҳои давлатӣ, мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва бо истифодаи маблағҳои худӣ мустақилона амалӣ менамояд;

- ваколати вогузоршаванда - ваколати мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ё дар асоси шартномаи тарафҳо ба ихтиёри Ҷамоат, инчунин ваколати Ҷамоат, ки дар асоси шартнома ба мақомоти худфаъолияти ҷамъияти вогузошта мешавад;

- ваколати истисноӣ - ваколате, ки мутобиқи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот тааллуқ дорад ва барои иҷрои он танҳо ин мақомот масъул мебошад.

Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1431)*.

Моддаи 3. Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот

1. Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот Ҷамоат аст.

2. Ҷамоат шахси ҳуқуқӣ буда, дорои мӯҳри мудаввар мебошад, ки дар он Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва номи пурраи Ҷамоат тасвир меёбад.

3. Танзими ҳуқуқии фаъолияти Ҷамоат мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар бораи мақомоти давлатӣ сурат мегирад.

Моддаи 4. Иштироки шаҳрвандон дар худидоракунии шаҳрак ва деҳот

1. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки синнашон ба 18 расидааст ва дар ҳудуди шаҳрак ва деҳот истиқомат мекунанд, ҳуқуқ доранд дар ташкил ва фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот иштирок намоянд.

2. Ҳама гуна маҳдудкунии ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ,

мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсилот ва молу мулк дар ташкил ва фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки дар Қонуни мазкур нишон дода шудаанд, манъ аст.

Моддаи 5. Принсипҳои фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот

Фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба принсипҳои зерин асос меёбад:

- қонуният ва адолати иҷтимоӣ;
- ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- демократия, ошкорбаёнӣ ва ба эътибор гирифтани афкори омма;
- мустақилият, худидоракунӣ ва масъулият дар ҳалли масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта;
- ҳисоботдиҳанда будан дар назди аҳолӣ;
- иштироки шаҳрвандон дар худидоракунии маҳаллӣ;
- мутобиқати манфиатҳои маҳаллӣ ва умумидавлатӣ;
- коллегиалӣ будани фаъолияти Ҷамоат.

Моддаи 6. Дастгирии давлатии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот

1. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар ташкил, инкишоф ва фаъолияти самараноки мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот шароити зарурии ҳуқуқӣ, ташкилӣ, моддӣ, молиявӣ муҳайё намуда, барои амалишавии ҳуқуқи шаҳрвандон ба худидоракунии маҳаллӣ мусоидат мекунанд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017 , №1431)*.

2. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ метавонад татбиқи ваколатҳои алоҳидаи худро ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар асоси шартнома ва бо маблағгузории ин ваколатҳо вогузоранд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827)*.

Моддаи 7. Муносибати мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот бо мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ

Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот бо мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ҳамкорӣ менамояд, барои амалӣ намудани вазифаҳои онҳо мусоидат намуда, онҳоро ба қайди баҳисобгирӣ мегирад ва метавонад татбиқи ваколатҳои алоҳидаи худро дар асоси шартнома ва бо маблағгузории ин ваколатҳо ба онҳо вогузорад.

БОБИ 2. ТАШКИЛ, ВАКОЛАТҲО ВА ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ХУДИДОРАКУНИИ ШАҲРАК ВА ДЕҲОТ *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827)*

Моддаи 8. Тартиби ташкили Ҷамоат

1. Ҷамоат аз вакилон иборат буда, онҳо дар асоси принсипҳои умумӣ, баробар, мустақим ва бо овоздиҳии пинҳонӣ ба муҳлати 5 сол интихоб мешаванд.

2. Шумораи вакилони Ҷамоат дар маҷлиси Ҷамоат муайян карда мешавад, ки онҳо аз 15 нафар кам ва аз 40 нафар зиёд буда наметавонанд. Ҳар як деҳа, новобаста аз шумораи интихобкунандагонаш, дар Ҷамоат бояд ҳадди ақал як нафар вакил дошта бошад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1431)*.

3. Ҷамоат дар сурати интихоб шудани на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилон салоҳиятнок мебошад.

4. Фаъолияти Ҷамоат дар рӯзи оғози маҷлиси якуми Ҷамоати нав интихобшуда қатъ мегардад.

5. Ҳангоми барҳамдиҳии воҳиди маъмурию ҳудудӣ Ҷамоат пароканда мешавад ва ваколати вакилони Ҷамоат қатъ мегардад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1431)*.

6. Ҳангоми азнавташкилдиҳии (ҳамроҳшавии, муттаҳидшавии, табдилдиҳии, тақсимшавии ва ҷудошавии) воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ вакили Ҷамоат вакили Ҷамоати азнавташкилшудае мебошад, ки ба ҳайати он аксарияти интихобкунандагони вакил дохил мешаванд ва то оғози фаъолияти Ҷамоати нав интихобшуда ваколати худро нигоҳ медорад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1431)*.

7. Ҳангоми ташкили шаҳрак ё деҳоти нав масъалаи муайян намудани шумораи вакилони Ҷамоат, ташкили ҳавзаҳои интихобот, таъйини интихобот ва таъсиси комиссияи интихоботи Ҷамоат мутобиқи талаботи Қонуни мазкур аз ҷониби Маҷлиси вакилони халқи шаҳр ё ноҳияи дахлдор ҳал карда мешавад *(Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012 №827; аз 30.05.2017, №1431)*.

Моддаи 9. Шакли фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот

1. Шакли асосии фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот маҷлиси Ҷамоат мебошад, ки соле на камтар аз чор маротиба даъват карда мешавад. Маҷлиси якуми Ҷамоати навинтихобшударо комиссияи интихоботи Ҷамоат дар муддати на дертар аз ду ҳафтаи баъди интихоби вакилони Ҷамоат даъват менамояд.

2. Маҷлиси Ҷамоат дар сурати иштироки аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилони Ҷамоат салоҳиятнок мебошад.

3. Маҷлиси якуми Ҷамоатро раиси комиссияи интихоботи Ҷамоат мекушояд ва то интихоб шудани раиси Ҷамоат ба он раисӣ намуда, дар овоздиҳии вакилони Ҷамоат иштирок намекунад.

4. Ҷараёни маҷлиси Ҷамоат дар шакли протокол ба расмият дароварда шуда, ба он раисикунанда имзо мегузорад.

5. Маҷлиси Ҷамоат ошкоро гузаронида шуда, дар он намояндагони ташкилотҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, воситаҳои ахбори омма ва шаҳрвандоне, ки дар ҳудуди шаҳрак ва деҳоти дахлдор зиндагӣ мекунанд, бо мувофиқаи раиси Ҷамоат метавонанд иштирок намоянд.

6. Тартиби фаъолияти Ҷамоат ва мақомоти дигари онро дастури Ҷамоат, ки аз тарафи Ҷамоат қабул мегардад, муайян мекунад.

7. Хориҷ карда шуд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.11.2015, №1243)*.

8. Хориҷ карда шуд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.11.2015, №1243)*.

Моддаи 9[1]. Санадҳои Ҷамоат *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.11.2015, №1243)*

1. Ҷамоат дар доираи ваколати худ қарор қабул мекунад.

2. Қарорҳои Ҷамоат, ки дорои хусусияти умумиҳатмӣ мебошанд, бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои санҷиш ва бақайдгирии давлатӣ фиристода мешаванд.

3. Тартиби интишори расмӣ ва мавриди амал қарор додани санадҳои Ҷамоатро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

4. Қарорҳои Ҷамоат дар ҳудуди шаҳрак ва деҳот амал намуда, иҷрои онҳо барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳатмӣ мебошад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.11.2015, №1243)*.

Моддаи 10. Ваколатҳои Ҷамоат дар соҳаи ташкили фаъолияти он *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827)*

Ҷамоат дар соҳаи ташкили фаъолияти худ ваколатҳои зерин дорад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1431)*:

- интихоб ва озод намудани раиси Ҷамоат, муовини ӯ (муовинони ӯ) ва котиби Ҷамоат;
- таъсиси комиссияҳои Ҷамоат;
- қабули дастури Ҷамоат;
- қабули буҷети шаҳрак ва деҳот, ҳангоми зарурат ворид намудани тағйиру иловаҳо ба он, назорати иҷро ва тасдиқи ҳисоботи иҷрои буҷет;
- таъйин ва гузаронидани овоздиҳии аҳолии шаҳрак ва деҳот оид ба масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827)*;

- ирсоли пешниҳод оид ба тағйири воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ, номгузорӣ, иваз кардани номи деҳаю кӯчаҳо, майдону дигар объектҳо бо тартиби муайяннамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1431);*

- ҳамкорӣ бо мақомоти худидоракунии дигар шаҳраку деҳот ва таъсиси ассотсиатсияҳо бо онҳо;

- шунидани ҳисоботи раиси Ҷамоат;

- шунидани гузориши роҳбарони ташкилотҳо, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ва дигар шахсони ҳуқуқии дар ҳудуди шаҳрак ва деҳот воқеъбуда оид ба масъалаҳои ваколатҳои Ҷамоат (*Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827; аз 30.05.2017, №1431);*

- тасдиқ ё бекор кардани қарорҳои шӯрои Ҷамоат ва қарорҳои раиси Ҷамоат *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827);*

- ҳалли дигар масъалаҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ кардаанд.

Моддаи 11. Ваколатҳои Ҷамоат дар соҳаи иқтисод ва молия *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827)*

Ҷамоат дар соҳаи иқтисод ва молия ваколатҳои зерин дорад:

- таҳия ва тасдиқи барномаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳрак ва деҳот;

- тартиб додан ва пешбурди китобҳои хоҷагидорӣ *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1431);*

- тасдиқи сохтор, сметаи хароҷот ва ҷадвали воҳидҳои кории Ҷамоат бо пешниҳоди шӯрои Ҷамоат ва дар доираи меъёри муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудани он;

- назорати истифода ва ҳифзи заминҳои наздиҳавлигӣ ва заминҳои хоҷагиҳои иловагии ёрирасони шахсӣ;

- мутобиқи қонунгузорӣ таъсис додани корхонаҳои коммуналӣ ва дигар корхонаҳо, кооперативҳо, устохонаҳо, сехҳои ҳунарҳои халқӣ ва дигар ташкилотҳо *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827);*

- дастгирӣ намудани ташаббусҳо оид ба рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳрак ва деҳот;

- ҳалли дигар масъалаҳо мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-назорати истифода ва ҳифзи заминҳои ҳудуди шаҳрак ва деҳот *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1431)*;

- идоракунии молу мулки шаҳрак ва деҳот *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1431)*;

- назорати иҷрои буҷети Ҷамоат *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1431)*;

Моддаи 12. Ваколатҳои Ҷамоат дар соҳаи қонуният, тартиботи ҷамъиятӣ ва мудофиа *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827)*

Ҷамоат дар соҳаи қонуният, тартиботи ҷамъиятӣ ва мудофиа ваколатҳои зерин дорад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827)*:

- ташкили таъмини иҷрои қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар доираи ваколатҳои Ҷамоат *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827)*;

- ҷалби аҳолӣ барои гузаронидани чорабиниҳои мудофиаи граждани ва бартараф намудани оқибатҳои офатҳои табиӣ;

- андешидани тадбирҳо дар доираи ваколатҳои Ҷамоат оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар ҳудуди шаҳрак ва деҳот ва пешгирии ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунӣ *(Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827; аз 30.05.2017, №1431)*.

Моддаи 13. Ваколатҳои Ҷамоат дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, ободонӣ ва ҳалли масъалаҳои муҳити зист *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827)*

Ҷамоат дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, ободонӣ ва ҳифзи муҳити зист ваколатҳои зерин дорад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1431)*:

- иштирок дар таҳия ва амалӣ намудани барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва андешидани чораҳо оид ба танзими раванди муҳоҷират *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1431)*;

- назорати танзими анъана ва ҷашну маросимҳо;

- андешидани чораҳо оид ба беҳбудии шароити манзилию маишии аҳолӣ, ҳифзи саломатӣ, муҳофизати муҳити зист;

- ҳалли масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта (нигоҳдорӣ ва ободонии роҳҳо, кӯчаҳо, майдонҳо, муассисаҳои фарҳангӣ, манбаъҳо ва шабакаҳои обтаъминкунӣ, бозорҳои маҳаллӣ, инчунин нигоҳдории қабристонҳо ва таъмини тозагии маҳал аз партовҳо) ва тасдиқи қоидаҳо оид ба амалӣ намудани онҳо *(Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827; аз 30.05.2017, №1431)*.

Моддаи 14. Ваколатҳои алоҳидаи вогузоршавандаи давлатӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот

1. Ба ваколатҳои алоҳидаи давлатӣ, ки ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот вогузошта мешаванд, инҳо метавонанд дохил шаванд:

- мусоидат дар мустаҳкам намудани қонуният ва тартиботи ҷамъиятӣ;

- назорати иҷрои қоидаҳои низоми шиносномавӣ ва мутобиқи тартиби муқарраргардида бақайдгирӣ ва азқайдбарории шаҳрвандон;

- баҳисобгирии оилаҳои камбизоат ва ташкили дастгирии иҷтимоии онҳо;

- сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ мутобиқи қонунгузорӣ;

- анҷом додани амалиёти алоҳидаи нотариалӣ мутобиқи меъёрҳои пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ»;

- ба шаҳрвандон додани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҷои зист, вазъи оилавӣ ва ҳолатҳои дигар;

- мусоидат дар ташкили даъват ба хизмати ҳарбӣ ва дигар чорабиниҳои ҳарбӣ;

- таъмини чораҳои зарурӣ барои ҳифзи зироатҳои кишоварзӣ, пешгирии касалиҳои ҳайвонот, муҳофизати ҷангал ва буттазорҳо;

- таҳия ва татбиқи чорабиниҳо оид ба муҳофизати муҳити зист;

- мусоидат ба ҷамъоварии андоз ва дигар пардохтҳо;

- мусоидат ба таъмини ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон;

- дигар ваколатҳое, ки мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузошта шудаанд.

2. Вогузории ваколатҳои алоҳидаи давлатӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва шартномаи тарафҳо бо маблағгузории ин ваколатҳо сурат мегирад. Иҷрои босифати шартнома ваколат ва масъулияти тарафҳо мебошад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1431)*.

Моддаи 15. Вакили Ҷамоат ва ҳуқуқу вазифаҳои он

1. Вакили Ҷамоат намояндаи халқ буда, ҳуқуқ дорад фикри худро озодона баён кунад, мувофиқи иродаи худ овоз диҳад, манфиати интихобкунандагонро ҳимоя намояд.

2. Вакили Ҷамоат вазифадор аст дар маҷлиси Ҷамоат иштирок намуда, барои иҷрои қарорҳои Ҷамоат мусоидат кунад, мунтазам ба интихобкунандагон аз фаъолияти худ ҳисобот диҳад.

3. Вакили Ҷамоат фаъолияти хизматиашро (кориашро) қатъ накарда, ваколати худро амалӣ мегардонад. Ӯ ҳангоми иштирок дар маҷлисҳои Ҷамоат ва мақомоти он аз иҷрои вазифаҳои хизматӣ (корӣ) бо нигоҳ доштани музди меҳнат озод карда мешавад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827)*.

4. Ваколати вакили Ҷамоат дар ҳолатҳои зерин пеш аз муҳлат қатъ мегардад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827)*:

- дар асоси аризаи ӯ;

- эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи суд дар хусуси ғайри қобили амал донистани ӯ *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1431);*

- эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми айбдоркунандаи суд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1431);*

- қатъи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё соҳиб шудан ба шаҳрвандии давлати дигар *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1431);*

- пеш аз муҳлат пароканда шудани Ҷамоат;

- бе сабаби узрнок се маротиба пай дар пай иштирок накардан дар маҷлиси Ҷамоат;

- ҳангоми вафот;

- дигар намудани ҷои зисти доимӣ берун аз ҳудуди шаҳрак ва деҳот *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1431).*

5. Масъалаи пеш аз муҳлат қатъ намудани ваколати вакили Ҷамоат дар маҷлиси Ҷамоат баррасӣ гардида, он бо қарори Ҷамоат бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилони Ҷамоат қабул карда мешавад *(Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827; аз 30.05.2017, №1431).*

Моддаи 16. Шӯрои Ҷамоат

1. Шӯрои Ҷамоат мақомоти коллегиалии Ҷамоат буда, дар ҳайати 7 -11 нафар ташкил карда мешавад.

2. Ба ҳайати шӯрои Ҷамоат раиси Ҷамоат, муовини ӯ (муовинони ӯ), котиби Ҷамоат дохил мешаванд. Маҷлиси Ҷамоат ба ҳайати Шӯрои Ҷамоат дигар вакилонро низ интихоб карда метавонад.

3. Шӯрои Ҷамоат ҳар моҳ на камтар аз як маротиба даъват карда мешавад.

Моддаи 17. Ваколатҳои шӯрои Ҷамоат *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827)*

1. Шӯрои Ҷамоат *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827):*

- маҷлиси Ҷамоатро даъват мекунад ва рӯзномаи онро тартиб медиҳад;

- фаъолияти комиссияҳои Ҷамоатро ҳамоҳанг месозад ва барои самаранокии кори онҳо мусоидат менамояд;

- барои ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод намудани роҳбарони корхонаю ташкилотҳои мансуби моликияти коммуналии шаҳр ё ноҳия, ки дар ҳудуди Ҷамоат ҷойгиранд, розигӣ медиҳад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827);*

- роҳбарони корхонаю ташкилотҳоеро, ки аз буҷети Ҷамоат маблағгузорӣ карда мешаванд ё Ҷамоат онҳоро таъсис додааст, бо

пешниҳоди раиси Ҷамоат ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод мекунад ва барои тасдиқ ба маҷлиси Ҷамоат пешниҳод мекунад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827);*

- назорати иҷрои қарорҳои Ҷамоатро ташкил мекунад;

- ба баррасии роҳбарони мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ оид ба шахсони мансабдори онҳо ва дигар ташкилотҳо, ки дар ҳудуди шаҳрак ва деҳот фаъолият менамоянд, дар сурати аз ҷониби онҳо иҷро накардани талаботи қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот пешниҳод ирсол менамояд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827);*

2. Шӯрои Ҷамоат оид ба масъалаҳои салоҳияти худ қарор қабул мекунад, ки ба он раиси Ҷамоат имзо мегузорад.

Моддаи 18. Комиссияҳои Ҷамоат

1. Ҷамоат бо мақсади баррасии пешакӣ ва тайёр намудани масъалаҳо, инчунин назорати иҷрои қарорҳои Ҷамоат, Шӯрои Ҷамоат ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ аз ҳайати вакилони Ҷамоат комиссияҳо таъсис медиҳад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827).*

2. Тартиби интихоб ва фаъолияти комиссияҳоро дастури Ҷамоат муайян мекунад.

Моддаи 19. Тартиби интихоб ва озод намудани раис, муовини (муовинони) раис ва котиби Ҷамоат

1. Раиси Ҷамоат дар маҷлиси Ҷамоат аз ҳайати вакилони он бо тарафдории аксарияти шумораи умумии вакилони Ҷамоат ба вазифа интихоб ва аз вазифа озод карда мешавад.

2. Номзадии раиси Ҷамоатро раиси шаҳр, ноҳия пешниҳод менамояд.

3. Муовини (муовинони) раис ва котиби Ҷамоат аз ҳайати вакилони Ҷамоат бо пешниҳоди раиси Ҷамоат дар маҷлиси Ҷамоат бо тарафдории аксарияти шумораи умумии вакилони Ҷамоат ба вазифа интихоб ва аз вазифа озод карда мешавад.

4. Номзадии раис, муовини ӯ (муовинони ӯ) ва котиби Ҷамоат бояд ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» мувофиқат намояд.

5. Раис, муовини ӯ (муовинони ӯ) ва котиби Ҷамоат дар мавридҳои зерин пеш аз муҳлат аз вазифа озод карда мешаванд:

- дар асоси аризаи шахсӣ *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон* аз *30.05.2017, №1431*);

- эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи суд дар хусуси ғайри қобили амал донистани ӯ *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1431);*

- эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми айбдоркунандаи суд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон* аз *30.05.2017, №1431*);

-мунтазам иҷро накардани ӯҳдадориҳои хизматӣ;

-қатъи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё соҳиб шудан ба шаҳрвандии давлати дигар *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон* аз *30.05.2017, №1431*);

- изҳори нобоварӣ намудани аз се ду ҳиссаи вакилони Ҷамоат *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон*аз *30.05.2017, №1431*);

Моддаи 20. Ваколатҳои раиси Ҷамоат *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827)*

Раиси Ҷамоат:

- иҷрои талаботи Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва Ҷамоатро таъмин мекунад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон* аз *30.05.2017, №1431*);

- тарғиби манфиатҳои давлатӣ ва муқаддасоти миллиро дар ҳудуди шаҳрак ва деҳот амалӣ менамояд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон* аз *30.05.2017, № 1431*);

- ба фаъолияти Ҷамоат роҳбарӣ ва дар ҷаласаи шӯрои Ҷамоат раисӣ мекунад ва ба санадҳои онҳо имзо мегузорад;

- Ҷамоатро дар муносибат бо мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ намояндагӣ мекунад;

- шахси воқеӣ ва намояндаи шахси ҳуқуқиро қабул мекунад, муроҷиати онҳоро баррасӣ менамояд, доир ба ҳалли онҳо дар доираи ваколатҳои худ чораҳои дахлдор меандешад *(Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827; аз 30.05.2017, №1431*);

- кормандони Ҷамоатро тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор қабул ва аз кор озод менамояд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон* аз *30.05.2017, №1431*);

- соле на камтар аз як маротиба аз фаъолияти худ ба Ҷамоат ҳисобот медиҳад.

Моддаи 21. Ваколатҳои раиси Ҷамоат дар соҳаи иқтисод, буҷет ва молия *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон* аз *16.04.2012, №827)*

Дар соҳаи иқтисод, буҷет ва молия раиси Ҷамоат:

- лоиҳаи буҷети шаҳрак ва деҳотро дар мувофиқа бо мақомоти молияи ноҳия, шаҳр таҳия намуда, барои қабул пешниҳод менамояд ва оид ба иҷрои он ҳисобот медиҳад;

- ҷалби сармоягузориро мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил мекунад;

- сари вақт аз аҳолӣ ҷамъоварӣ намудани маблағҳои андоз, суғурта ва дигар пардохтҳоро ташкил мекунад;

- баҳисобгирии соҳибкорони инфиродӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, ширкатҳои хоҷагидорӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ ва дигар ташкилотҳоро ба роҳ мемонад;

- баҳисобгирии аҳолӣ, саршумори чорвои аҳолӣ ва дигар ҳисоботи муқарраршудаи омориро ташкил мекунад.

- корхонаҳои коммуналӣ ва дигар корхонаҳо, кооперативҳо, устохонаҳо, сехҳои ҳунарҳои халқӣ ва дигар ташкилотҳоро мутобиқи қонунгузорӣ метавонад таъсис диҳад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827)*.

Моддаи 22. Ваколатҳои раиси Ҷамоат дар соҳаи қонуният, тартиботи ҷамъиятӣ ва мудофиа *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827)*

Дар соҳаи қонуният, тартиботи ҷамъиятӣ ва мудофиа раиси Ҷамоат:

- сабти асноди ҳолати шаҳрвандиро мутобиқи қонунгузорӣ ташкил мекунад;

- амалиёти алоҳидаи нотариалиро тибқи меъёрҳои пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ» таъмин менамояд;

- ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҷои зист, вазъи оилавӣ ва дигар ҳолатҳоро ба шаҳрвандон медиҳад;

- оид ба ҳифзи молу мулки бесоҳиб, ки ба ихтиёри давлат мегузарад, тадбирҳо меандешад;

- оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар ҳудуди шаҳрак ва деҳот, бақайдгирӣ ва азқайдбарории шаҳрвандон, пешгирии ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунӣ дар доираи ваколатҳои Ҷамоат тадбирҳо меандешад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1431*);

- ба ташкил ва гузаронидани тадбирҳои оммавию сиёсӣ, маънавию маърифатӣ роҳбарӣ намуда, ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ин самт мусоидат мекунад;

- ба даъвати ӯҳдадорони ҳарбӣ ва даъватшавандагон мусоидат менамояд, аҳолиро барои гузаронидани чорабиниҳои мудофиаи граждани ва ҳолатҳои фавқуллода ҷалб мекунад.

Моддаи 23. Ваколатҳои раиси Ҷамоат дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, ободонӣ ва муҳити зист *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827)*

Дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, ободонӣ ва муҳити зист раиси Ҷамоат:

- баҳисобгирии оилаҳои камбизоат ва дастгирии иҷтимоии онҳоро ташкил менамояд;

- оид ба беҳтар намудани шароити моддию маишии маъюбон, оилаҳои камбизоат ва шахсоне, ки аз офатҳои табиӣ зарар дидаанд, мусоидат менамояд;

- дар бобати беҳбудии шароити манзилию маишии аҳолӣ, ҳифзи муҳити зист чораҳо меандешад;

- ободонии майдону гулгаштҳо ва қабристонҳоро ташкил мекунад;

- аҳолӣ, ташкилотҳои ҳудуди шаҳрак ва деҳотро дар ободонӣ ва сабзу хуррамгардонӣ ҷалб менамояд;

- назорати вазъи санитарии маҳалҳо, манбаъҳои обтаъминкунӣ, муассисаҳои таълимию фарҳангӣ, тандурустӣ ва дигар иншоотҳо, инчунин риояи қоидаҳои бойториро ташкил менамояд;

- назорати истифода ва ҳифзи замини ҳудуди шаҳрак ва деҳотро мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил мекунад ва масъалаҳои вобаста ба заминро ба муҳокимаи Ҷамоат пешниҳод менамояд;

- фаъолияти комиссияро оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» назорат мекунад ва барои фаъолияти мунтазами комиссияи мазкур дар шаҳрак ва деҳот шароит муҳаё менамояд.

Моддаи 24. Дастгоҳи Ҷамоат

1. Ҷамоат дорои дастгоҳ мебошад, ки он аз тарафи раиси Ҷамоат ташкил ва роҳбарӣ карда мешавад.

2. Сохтор, шумораи кормандон ва низомномаи дастгоҳи Ҷамоат тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи маҷлиси Ҷамоат бо пешниҳоди раиси Ҷамоат тасдиқ карда мешаванд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1431*).

3. Низомномаи намунавии дастгоҳи Хамоат аз хониби [укумати Хумҳурии Тохикистон тасдиг карда мешавад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз* 4.04.2019, №1598).

4. Маблағгузории дастгоҳи Ҷамоат дар доираи буҷети пешбинишудаи шаҳрак ва деҳот сурат мегирад.

БОБИ 3. АСОСҲОИ ИҚТИСОДӢ ВА МОЛИЯВИИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ХУДИДОРАКУНИИ ШАҲРАК ВА ДЕҲОТ

Моддаи 25. Асосҳои иқтисодии фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот

1. Асосҳои иқтисодии фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро молу мулки шаҳрак ва деҳот ва дигар молу мулке, ки ба он барои истифодабарӣ дода шудааст, ташкил медиҳанд.

2. Вазъи ҳуқуқии молу мулки мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва танзим карда мешавад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1431*).

Моддаи 26. Манбаҳои молиявии шаҳрак ва деҳот

1. Манбаҳои молиявии шаҳрак ва деҳот аз инҳо иборатанд:

- маблағҳои буҷети шаҳрак ва деҳот;
- маблағҳои мақсаднок аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ дар шакли кӯмаки молиявии беподош (дотатсия);
- мусоидати молиявӣ (субвенсия);
- маблағҳои хайрия;
- даромад аз хизматрасонии пулакӣ мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;
- даромад аз иҷрои ваколатҳои алоҳидаи вогузоршудаи давлатие, ки мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот анҷом медиҳад;
- даромад аз молу мулки шаҳрак ва деҳот;
- даромад аз грантҳо ва сармоягузориҳо;
- дигар манбаҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

2. Манбаъҳои молиявии шаҳрак ва деҳот тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда мешаванд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827)*.

Моддаи 27. Буҷети шаҳрак ва деҳот

(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1431)

1. Лоиҳаи буҷети шаҳрак ва деҳот аз рӯи манбаъҳои даромад ва самтҳои хароҷот бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, аз ҷониби Ҷамоат баррасӣ ва дар шакли қарор қабул карда мешавад.

2. Қисми даромади буҷети шаҳрак ва деҳот аз ҳисоби даромадҳои андозӣ ва ғайриандозӣ ташаккул дода мешавад.

3. Ба даромади буҷети шаҳрак ва деҳот маблағҳо аз ҳисоби андозҳо аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ дохил мешаванд.

4. Даромадҳои ғайриандозӣ аз мусоидати молиявӣ (субвенсия), пардохтҳои ихтиёрӣ, даромадҳои хизматрасонии пулакӣ ва даромадҳо аз ҳисоби амалисозии ваколатҳои алоҳидаи давлатӣ, ки ба зиммаи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот вогузор шудаанд, инчунин аз дигар манбаъҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ манъ накардаанд, иборат мебошанд.

5. Хароҷоти буҷети шаҳрак ва деҳот бо мақсади рушди вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии шаҳрак ва деҳот аз ҷониби Ҷамоат амалӣ карда мешавад.

6. Ба буҷети шаҳрак ва деҳот бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҷамоат тағйиру иловаҳо ворид карда мешаванд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон* аз *30.05.2017, №1431*).

БОБИ 4. ИНТИХОБОТИ ВАКИЛОНИ ҶАМОАТ

Моддаи 28. Ҳуқуқи умумӣ, баробар ва бевоситаи интихобот

1. Интихоботи вакилон ба Ҷамоат умумӣ аст. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсилот ва молу мулк аз синни 18 ҳуқуқи интихоб кардан ва аз синни 20 ҳуқуқи интихоб шудан ба Ҷамоатро доранд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон* аз *30.05.2017, №1431*).

2. Интихобкунандагон дар асоси баробар дар интихобот иштирок мекунанд ва ҳар кадоми онҳо як овоз доранд.

3. Вакилони Ҷамоат аз тарафи шаҳрвандон бевосита интихоб карда мешаванд.

4. Овоздиҳӣ дар интихоботи вакилони Ҷамоат озод ва пинҳонӣ сурат мегирад.

Моддаи 29. Ошкорбаёнӣ ҳангоми тайёрӣ ва гузаронидани интихобот

1. Тайёрӣ ва гузаронидани интихоботи Ҷамоат аз тарафи комиссияи интихоботи Ҷамоат ва комиссияҳои ҳавзавии интихоботи вакилони Ҷамоат ошкоро сурат мегирад.

2. Комиссияи интихоботи Ҷамоат ва комиссияҳои ҳавзавии интихоботи вакилони Ҷамоат ба шаҳрвандон аз фаъолияти худ хабар медиҳанд ва ҷамъбасти интихоботро эълон мекунанд.

Моддаи 30. Таъйин интихоботи Ҷамоат *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон* аз *16.04.2012, №827)*

1. Интихоботи вакилони Ҷамоат на дертар аз 40 рӯзи ба охир расидани муҳлат ваколати вакилони Ҷамоати даъвати амалкунанда бо қарори Ҷамоат таъйин карда мешавад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827)*.

2. Маблағгузории интихоботи Ҷамоат аз ҳисоби буҷети Ҷамоат сурат мегирад.

Моддаи 31. Ташкили ҳавзаҳои интихоботи Ҷамоат *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1431*)

1. Барои интихоботи вакилони Ҷамоат на кам аз 15 ва на зиёда аз 40 ҳавзаи интихобот ташкил карда мешавад.

2. Шумораи ҳавзаҳои интихоботро Ҷамоат муқаррар менамояд.

3. Аз ҳар ҳавзаи интихобот як вакили Ҷамоат интихоб карда мешавад.

Моддаи 32. Ташкили комиссияи интихоботи Ҷамоат *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1431*)

1. Барои ташкил ва гузаронидани интихоботи Ҷамоат комиссияи интихоботи Ҷамоат аз тарафи Ҷамоат таъсис дода мешавад.

2. Комиссияи интихоботи Ҷамоат на дертар аз панҷ рӯзи баъди таъйин гардидани интихобот дар ҳайати 7-13 нафар ташкил карда мешавад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827)*.

3. Комиссияи интихоботи Ҷамоат дар ҳайати раис, муовини раис, котиби Комиссия ва аъзои он интихоб карда мешавад.

Моддаи 33. Ваколатҳои комиссияи интихоботи Ҷамоат *(Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827; аз 30.05.2017, №1431*)

1. Комиссияи интихоботи Ҷамоат дорои ваколатҳои зерин мебошад:

- иҷрои Қонуни мазкурро дар бахши интихобот назорат менамояд, татбиқи якхелаи онро таъмин мекунад;

- ҳавзаҳои интихоботиро бо назардошти шумораи интихобкунандагон, дар ҳудуди шаҳрак ва деҳот мутобиқи талаботи Қонуни мазкур ташкил мекунад ва ба онҳо ному рақам мегузорад;

- комиссияҳои ҳавзавии интиоботро ташкил мекунад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827)*;

- бюллетени намунааш муқарраршудаи интихоботро тасдиқ мекунад ва комиссияҳои ҳавзавии интихоботро бо бюллетенҳои интихобот таъмин менамояд;

- масъалаҳои таъминоти моддию техникии интихоботро ҳал менамояд;

- вакилони интихобшударо ба қайд мегирад, натиҷаи интихоботи Ҷамоатро ҷамъбаст мекунад, оид ба ҷамъбасти интихобот ба аҳолӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ хабар медиҳад;

- овоздиҳӣ ва интихоботи такрорӣ, ҳамчунин интихоботи вакилро ба ҷои вакили хориҷшуда мутобиқи талаботи Қонуни мазкур ташкил мекунад;

- ҳуҷҷатҳои вобаста ба гузаронидан ва ташкили интихоботро ба бойгонӣ месупорад;

- арзу шикоятҳоро доир ба масъалаҳои тайёрӣ ва гузаронидани интихобот баррасӣ карда, оид ба онҳо қарор қабул мекунад;

- мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ваколатҳои дигарро вобаста ба интихобот анҷом медиҳад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827)*.

2. Комиссияи интихоботи Ҷамоат дар доираи ваколатҳои худ қарор қабул мекунад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827)*.

3. Комиссияи ҳавзавии интихобот дар доираи ваколатҳои худ қарор қабул мекунад, ки он дар шакли протокол ба расмият дароварда мешавад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1431*).

Моддаи 34. Комиссияи ҳавзавии интихобот

1. Комиссияи ҳавзавии интихоботро комиссияи интихоботи Ҷамоат на дертар аз 10 рӯзи баъди таъйини интихоботи Ҷамоат дар ҳайати 5-11 нафар ташкил намуда, аз ҷумла раис, муовини раис, котиби комиссияро интихоб мекунад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827)*.

2. Комиссияи ҳавзавии интихобот руйхати интихобкунандагонро тартиб медиҳад; интихобкунандагонро ба рӯйхати интихобкунандагони ҳавзаи интихоботӣ шинос менамояд; номзадҳоро ба қайд мегирад; аҳолиро дар бораи маҳалли ҷойгиршавии комиссияи ҳавзавии интихобот, вақти кори он, инчунин рӯзи интихобот, ҷойи овоздиҳӣ хабардор мекунад; бинои овоздиҳӣ, қуттиҳои овоздиҳӣ ва дигар таҷҳизоти интихоботро тайёр мекунад; овоздиҳиро дар рӯзи интихобот ташкил мекунад; овозҳои интихобкунандагонро дар ҳавзаҳои интихобот ҳисоб менамояд.

3. Комиссияи ҳавзавии интихобот дар доираи ваколатҳои худ қарор қабул мекунад, ки он дар шакли протокол ба расмият дароварда мешавад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1431*).

Моддаи 35. Тартиби пешбарии номзадҳо ба вакили Ҷамоат

1. Номзадҳо ба вакили Ҷамоат ба таври худпешбарӣ, бо ҷамъ намудани имзоҳои на камтар аз 5 фоизи интихобкунандагони ҳавзаи дахлдор бо пешниҳоди ариза ба комиссияи ҳавзавии интихобот сурат мегирад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1431*).

2. Пешбарии номзадҳо 25 рӯз пеш аз интихобот оғоз шуда, 15 рӯз пеш аз рӯзи овоздиҳӣ ба охир мерасад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1431*).

Моддаи 36. Талабот нисбати номзадҳо ба вакили Ҷамоат

1. Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки синни ӯ аз 20 кам набошад ва дар ҳудуди шаҳрак ва деҳоти дахлдор на камтар аз 3 соли охир истиқомат дошта бошад ва забони давлатиро донад, метавонад номзад ба вакили Ҷамоат пешбарӣ шавад *(Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.08.2012, №899*; аз *30.05.2017, №1431*).

2. Ходимони касбии ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои динӣ, хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Муссаллаҳ, дигар қӯшуну сохторҳои ҳарбӣ, судяҳо, прокурорҳо, шахсони ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ, мақомоти гумрук, кормандони ҳифзи ҳуқуқи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати аз вазифа ба истеъфо рафтанашон метавонанд номзад ба вакили Ҷамоат пешбарӣ шаванд.

3. Шаҳрвандони зерин ҳуқуқи ба вакили Ҷамоат номзад шуданро надоранд:

- мутобиқи ҳалномаи суд ғайриқобили амал дониста шудаанд;
- дар асоси ҳукми суд дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ мебошанд;
- бо қарори суд дар муассисаҳои табобатӣ маҷбурӣ қарор доранд;
- ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнини қасдона содир кардаанд (қатъи назар аз гузаштани муҳлат ва бардошта шудани доғи судӣ);
- барои содир кардани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин айбдор шудаанд ё дар кофтуков мебошанд.

4. Номзад ба вакили Ҷамоат узви комиссияи интихоботи Ҷамоат, инчунин комиссияи ҳавзавии интихобот, ки овоздиҳиро дар ҳавзаи дахлдори интихобот ташкил мекунад, буда наметавонад. Шахсе, ки номзадиаш ба вакилӣ пешбарӣ шудааст ва узви яке аз ин комиссияҳо мебошад, аз вақти ҳамчун номзад ба вакилӣ ба қайд гирифта шуданаш аз узвияти ҳамин комиссия озод карда мешавад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012 , №827)*.

Моддаи 37. Бақайдгирии номзадҳо

1. Барои бақайдгирии номзадҳо ба комиссияи ҳавзавии интихобот аризаи номзад ба вакилӣ ва рӯйхати имзоҳои интихобкунандагон пешниҳод карда мешаванд. Комиссия ҳуҷҷатҳои пешниҳодшударо дар муҳлати 5 рӯз санҷида, дар бораи ба қайд гирифтани номзад ва ё рад намудани бақайдгирии номзад қарор қабул мекунад.

2. Номзад ба вакилӣ метавонад оид ба қарори комиссияи ҳавзавии интихобот дар бораи рад намудани бақайдгирии номзадии ӯ ба комиссияи интихоботи Ҷамоат ё суд шикоят кунад.

3. Бақайдгирии номзадҳо 15 рӯз пеш аз рӯзи овоздиҳӣ оғоз гардида, 5 рӯз қабл аз он ба охир мерасад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827)*.

Моддаи 38. Ташвиқоти пешазинтихоботӣ

1. Номзадҳо ба вакили Ҷамоат баъд аз бақайдгирӣ ҳуқуқи ташвиқот бурданро доранд. Ташвиқот дар рӯзи овоздиҳӣ манъ аст.

2. Комиссияи ҳавзавии интихобот барои бурдани ташвиқоти пешазинтихоботии номзад мусоидат менамояд.

3. Дар вақти бурдани ташвиқот истифодаи методҳои маҷбуркунии рӯҳӣ, ҷисмонӣ, динӣ, сӯистифодаи озодии воситаи ахбори омма, ташвиқоте, ки ҳисси бадбинӣ ва хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллиро бедор мекунад, ба ғасби ҳокимият, зӯран тағйир додани сохти конституционӣ, вайронкунии тамомияти давлат даъват менамояд, ташвиқоти ҷанг ва дигар шаклҳои сӯистифодаи озодии воситаи ахбори омма, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ кардааст, иҷозат дода намешавад.

Моддаи 39. Вақт ва ҷои овоздиҳӣ

1. Интихоботи вакилони Ҷамоат дар рӯзи овоздиҳӣ аз соати 06-00 то 20-00 гузаронида мешавад.

2. Комиссияи ҳавзавии интихобот вақт ва ҷои овоздиҳиро 5 рӯз пеш аз рӯзи овоздиҳӣ ба интихобкунандагон хабар медиҳад.

Моддаи 40. Ташкил ва тартиби овоздиҳӣ

1. Интихобкунандагон дар биноҳои махсусе овоз медиҳанд, ки дар онҳо ҳуҷраҳо ва дигар ҷойи махсус барои овоздиҳии пинҳонӣ таҷҳизонида шудаанд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1431*).

2. Раиси комиссияи ҳавзавии интихобот рӯзи интихобот пеш аз оғози овоздиҳӣ дар ҳузури ҳамаи аъзои комиссия қуттиҳои овоздиҳиро аз назар гузаронида, онҳоро мӯҳр мегузорад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1431*).

3. Ҳар интихобкунанда шахсан худаш овоз медиҳад. Ба ҷои шахси дигар овоз додан манъ аст. Додани зиёда аз як бюллетен ба интихобкунанда манъ аст. Бюллетенҳои интихобот ба интихобкунандагон барои комиссияи ҳавзавии интихобот дар асоси рӯйхати интихобкунандагони ҳавзаи интихобот баъди пешниҳоди шиноснома ё ҳуҷҷати дигари тасдиққунандаи шахсияти интихобкунанда дода мешавад. Ҳар интихобкунанда бюллетени интихоботро гирифта, дар рӯйхати интихобкунандагон дар муқобили насаб, ном ва номи падари худ имзо мегузорад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1431*).

4. Овоздиҳанда бюллетени интихоботро дар ҳуҷраи овоздиҳии пинҳонӣ пур мекунад. Ҳангоми пур кардани бюллетен ғайр аз овоздиҳанда ҳузур доштани шахси дигар манъ аст. Интихобкунандае, ки бюллетенро мустақилона пур карда наметавонад, ҳуқуқ дорад ба ҳуҷраи овоздиҳӣ бо салоҳдиди худ каси дигарро ғайр аз аъзои комиссияи ҳавзавии интихобот, номзад ба вакили Ҷамоат, мушоҳидони миллӣ ва байналмилалӣ ва намояндагони воситаҳои ахбори омма даъват намояд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1431*).

5. Интихобкунандае, ки ба рӯйхати интихобкунандагон дохил карда нашудааст, дар асоси шиноснома ё ҳуҷҷати дигаре, ки шахсияти ӯро тасдиқ менамояд, ба рӯйхати иловагии интихобкунандагон дохил карда мешавад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1431*).

6. Ҳар як интихобкунанда ба тарафдории як номзад овоз медиҳад. Бюллетенҳое, ки дар онҳо ба тарафдории ду ва ё зиёда номзадҳо ё ба ягон номзад овоз дода нашудааст, беэътибор дониста мешаванд.

7. Қуттиҳои овоздиҳӣ аз тарафи комиссияи ҳавзавии интихобот дар ҳузури ҳамаи аъзои он баъди аз тарафи раиси комиссия тамомшуда

эълон гардидани овоздиҳӣ кушода мешаванд. Кушодани қуттиҳои овоздиҳӣ то пурра ба итмом расидани вақти овоздиҳӣ манъ аст.

8. Натиҷаи ҳисоби овозҳо дар маҷлиси комиссияи ҳавзавии интихобот баррасӣ гардида, ба протокол дохил карда мешавад, ки ба он раис, котиб ва аъзои комиссия имзо мегузоранд. Протокол ба комиссияи интихоботи Ҷамоат пешниҳод карда мешавад.

9. Номзаде ба вакилии Ҷамоат интихобгардида дониста мешавад, ки дар интихобот аз 50 фоиз зиёди овозҳои интихобкунандагони дар овоздиҳӣ иштироккардаро гирифтааст.

10. Комиссияи ҳавзавии интихобот аз сабаби дар рафти интихобот ё ҳангоми ҳисобкунии овозҳо роҳ додан ба вайрон карда шудани Қонуни мазкур метавонад интихоботро беэътибор ҳисобад.

11. Интихобот барпонашуда дониста мешавад, агар дар он камтар аз 50 фоизи интихобкунандагони ба рӯйхати интихобкунандагон дохилшуда иштирок карда бошанд.

Моддаи 41. Овоздиҳӣ ва интихоботи такрорӣ

1. Агар дар ҳавзаи интихоботӣ номзадии беш аз ду нафар барои вакил шудан ба овоз монда шуда бошад ва ҳеҷ яке аз онҳо интихоб нагардида бошад, комиссияи ҳавзавии интихобот дар хусуси гузаронидани овоздиҳии такрорӣ дар ҳавза оид ба ду номзад ба вакилӣ, ки овозҳои бештарро гирифтаанд, қарор қабул менамояд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1431*).

2. Овоздиҳии такрорӣ дар ҳавзаи интихоботӣ дар мӯҳлати на дертар аз ду ҳафта, бо риояи талаботи Қонуни мазкур, дар ҳамон ҳавзаи интихоботӣ гузаронида мешавад. Ҳангоми овоздиҳии такрорӣ номзаде интихобшуда ҳисобида мешавад, ки овозҳои бештари интихобкунандагони дар овоздиҳӣ иштирокнамударо соҳиб шудааст. Агар ҳангоми овоздиҳии такрорӣ яке аз номзадҳо бо ягон сабаб хориҷ шавад, овоздиҳӣ барои як номзад гузаронида мешавад. Дар ин сурат ба номзад барои вакили Ҷамоат шудан зарур аст, ки зиёда аз нисфи овозҳои интихобкунандагони дар овоздиҳӣ иштироқдоштаро гирад.

3. Агар дар ҳавзаи интихобот номзадии на бештар аз ду кас барои вакил шудан ба овоз монда шуда, ҳеҷ яке аз онҳо интихоб нагардида бошанд ё интихобот дар ҳавзаи интихобот барпонашуда ё беэътибор дониста шуда бошад ва ё овоздиҳии такрорӣ имкон надода бошад, ки вакили интихобшуда муайян гардад, комиссияи интихоботи Ҷамоат дар ин ҳавзаи интихобот интихоботи такрорӣ мегузаронад. Дар ин ҳолат он метавонад дар бораи гузаронидани интихоботи такрорӣ ва ташкили комиссияи ҳавзавӣ дар ҳайати нав қарор қабул намояд. Овоздиҳӣ дар ҳамон ҳавзаи интихобот мувофиқи рӯйхати интихобкунандагон, ки барои интихоботи асосӣ тартиб дода шуда буд, гузаронида мешавад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827)*.

4. Интихоботи такрорӣ дар мӯҳлати на дертар аз ду моҳ баъд аз интихоботи асосӣ гузаронида мешавад. Таъсиси комиссияи интихобот, бақайдгирии номзадҳо ба вакилӣ ва чорабиниҳои дигар мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур сурат мегиранд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827)*.

Моддаи 41[1]. Гузаронидани интихоботи вакилон ба ивази вакилони хориҷшуда *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827)*

1. Дар сурати аз ҷониби маҷлиси дахлдори Ҷамоат беэътибор дониста шудани ваколатҳои вакилони алоҳида, бо сабабҳои дигар пеш аз муҳлат қатъ гардидани ваколатҳои вакилон, дар ҳавзаи дахлдори интихоботӣ дар муҳлати ду моҳи баъд аз лаҳзаи хориҷ шудани вакил интихоботи нав гузаронида мешавад. Интихобот аз тарафи маҷлиси дахлдори Ҷамоат на дертар аз як моҳи пеш аз гузаронидани он таъйин гардида, бо риояи талаботи Қонуни мазкур ташкил карда мешавад.

2. Дар сурати камтар аз як сол қабл аз ба охир расидани муҳлати ваколатҳои маҷлиси дахлдори Ҷамоат хориҷ шудани вакил интихоботи вакили дигар ба ивази вакили хориҷшуда гузаронида намешавад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827)*.

Моддаи 42. Бақайдгирии вакилони Ҷамоат

Комиссияи интихоботи Ҷамоат дар асоси протоколҳои комиссияҳои ҳавзавии интихобот вакилони интихобшударо ба қайд мегирад ва рӯйхати онҳоро тартиб дода, дар муддати на дертар аз 3 рӯзи баъди интихобот ба Ҷамоат пешниҳод намуда, ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва аҳолии шаҳрак ва деҳот хабар медиҳад. Ба вакили Ҷамоат шаҳодатномаи вакилӣ ва нишони сарисинагӣ дода мешавад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №1431*).

БОБИ 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ ВА ИНТИҚОЛӢ

Моддаи 43. Шикоят намудан нисбати санадҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот

1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонанд тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба санадҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба суд шикоят намоянд.

2. Санадҳои Ҷамоат, ки аз рӯи он прокурор эътироз овардааст, дар маҷлиси Ҷамоат баррасӣ карда мешаванд.

3. Санадҳои Шӯрои Ҷамоат, ки ба онҳо прокурор эътироз овардааст, аз ҷониби Шӯрои Ҷамоат баррасӣ карда мешаванд.

4. Санадҳои раиси Ҷамоат, ки оид ба онҳо прокурор эътироз овардаст, аз ҷониби раис баррасӣ карда мешаванд.

5. Дар сурати қонеъ нагардидани эътироз, прокурор метавонад нисбати санадҳои Шӯрои Ҷамоат ва раиси Ҷамоат ба Ҷамоат муроҷиат намояд.

6. Ҳангоми қонеъ нагардидани эътирозҳои зикргардида прокурор метавонад ба суд муроҷиат намояд.

Моддаи 44. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Моддаи 45. Муқаррароти интиқолӣ

1. Муқаррароти Қонуни мазкур дар қисми интихоботи вакилони Ҷамоат аз соли 2010 ва қабули буҷети шаҳрак ва деҳот аз соли 2011 оғоз меёбад.

2. Ваколатҳои пешбининамудаи Қонуни мазкурро мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот то интихоботи Ҷамоати нав амалӣ мекунад. Ваколатҳои Шӯрои Ҷамоатро то интихоби аъзои он раиси Ҷамоат амалӣ менамояд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16.04.2012, №827)*.

Моддаи 46. Аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот»

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 1994 «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот« (Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1994, №23-24, мод. 450; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2008, №6, мод. 468, 470) аз эътибор соқит дониста шавад.

Моддаи 47. Мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш.Душанбе
5 августи соли 2009, №549

ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
«Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Қонуни мазкур вазъи ҳуқуқии забони давлатиро муайян ва истифодаи онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамояд.

БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

Моддаи 1. Вазифаҳои Қонуни мазкур

1. Қонуни мазкур истифодаи забони давлатӣ ва забонҳои дигарро дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин шахсони ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва соҳибкорони инфиродӣ танзим менамояд.

2. Қонуни мазкур истифодаи забонҳоро дар муносибатҳои шахсӣ танзим намекунад.

Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конституцияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат аст.

Моддаи 3. Забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст.

2. Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор аст забони давлатиро донад.

3. Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода, ҳимоя ва рушди забони давлатиро таъмин менамояд.

4. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин шахсони ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, вазифадоранд барои омӯхтани забони давлатӣ ва такмили забондонии кормандон шароит фароҳам оранд.

5. Забони давлатӣ дар ҳама соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешавад.

6. Ҳангоми истифодаи забони давлатӣ риояи мукаррароти қоидаҳои имлои забони адабӣ ҳатмӣ мебошад.

Моддаи 4. Забонҳои дигар

1. Ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, ба истисноии ҳолатҳое, ки Қонуни мазкур

пешбинӣ намудааст, ба истифодаи озоди забони модариашон ҳуқуқ доранд.

2.Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳимоя ва инкишофи забонҳои бадахшонӣ (помирӣ) ва забони яғнобӣ шароит фароҳам меорад.

БОБИ 2. ЗАБОНИ КОРИИ МАҚОМОТИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ

Моддаи 5. Забони коргузорӣ

Коргузории мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ сурат мегирад.

Моддаи 6. Забони санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ

Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ таҳия ва қабул карда мешаванд. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба забонҳои дигар тарҷума карда мешаванд.

Моддаи 7. Забони кории Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Забони кории Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қисмҳои ҳарбӣ ва ҷузъу томҳои он забони давлатӣ аст.

2. Дар машқҳои якҷоя бо кишварҳои хориҷӣ забони дигаре, ки муқаррар шудааст, истифода мешавад.

БОБИ 3. ЗАБОНИ СОҲАҲОИ МАОРИФ, ИЛМ, ФАРҲАНГ ВА ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММА

Моддаи 8. Забони таҳсил

1. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил ба забони давлатӣ сурат мегирад.

2. Муассисаҳои томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ метавонанд ба забонҳои дигар низ фаъолият намоянд.

3. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳо дар интихоби озоди забони таҳсил тибқи қонунгузорӣ шароит фароҳам оварда мешавад.

Моддаи 9. Омӯзиши забони давлатӣ дар муассисаҳои таълимӣ

1. Дар муассисаҳои томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, ибтидои касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ омӯзиши ҳатмии забони давлатӣ таъмин карда мешавад.

2. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, омӯзиши забони давлатӣ ҳатмӣ мебошад.

3. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омӯзиши хати арабиасос ва табъу нашри адабиёт ба ин хат шароит фароҳам оварда мешавад.

Моддаи 10. Забони илм

1. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон забони илм забони давлатӣ аст.

2. Дар таҳқиқоти илмӣ забонҳои дигар низ метавонанд истифода шаванд.

Моддаи 11. Забони чорабиниҳои фарҳангӣ

1. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабиниҳои фарҳангӣ ба забони давлатӣ баргузор мегарданд.

2. Чорабиниҳои фарҳангии байналмилалӣ ва байнидавлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ ва ба забонҳои дигар сурат мегиранд.

Моддаи 12. Забони воситаҳои ахбори омма

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаҳои ахбори омма тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ ва ба забонҳои дигар фаъолият менамоянд.

Моддаи 13. Забони эълону реклама

1. Эълону реклама дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ интишор мешавад.

2. Эълону реклама тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забонҳои дигар низ интишор карда мешавад.

Моддаи 14. Забони иттилоот ва коммуникатсия

1. Забони иттилоот ва коммуникатсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон забони давлатӣ аст.

2. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истифодаи забони давлатӣ дар технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ шароит фароҳам оварда мешавад.

Моддаи 15. Мусоидат ба ҳифз ва рушди забони тоҷикӣ берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳифз ва рушди забони тоҷикӣ берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ дар асоси санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, мусоидат мекунад.

БОБИ 4. ЗАБОНИ КОРГУЗОРИИ ТАШКИЛОТҲО

Моддаи 16. Забони коргузории ташкилотҳо

Коргузории ташкилотҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, ба забони давлатӣ сурат мегирад. Забонҳои дигар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешаванд.

Моддаи 17. Забони мукотиба

1. Ташкилотҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, дар мукотиба бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин бо шаҳрвандон забони давлатиро истифода менамоянд.

2. Мукотиба бо ташкилотҳои хориҷӣ ба забони давлатӣ ва забоне, ки муқаррар шудааст, сурат мегирад.

БОБИ 5. ЗАБОНИ НОМГУЗОРӢ

Моддаи 18. Номгузории ташкилотҳо

1. Номгузории мақомоти ҳокимияти давлатӣ, вазорату идораҳо, инчунин ташкилотҳо дигар, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ**,** ба забони давлатӣ сурат мегирад.

2. Ҳамаи лавҳаю овезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ навишта мешаванд.

3. Номи ташкилотҳои хориҷӣ ва муштарак ба забонҳои дигар низ баргардонида мешавад.

Моддаи 19. Номгузории маҳалҳо

1. Номгузорӣ, иваз намудани номи вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, шаҳракҳо, деҳаҳо**,** инчунин кӯчаҳо, хиёбонҳо, майдонҳо, боғҳои фарҳангӣ ва маҳалҳои дигари аҳолинишин тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ сурат мегирад.

2. Ҷумҳурии Тоҷикистон барқарорсозӣ ва ҳифзи номҳои таърихиро дар ҳудуди ҷумҳурӣ таъмин менамояд.

Моддаи 20. Забони матни мӯҳру тамғаҳо, бланкҳо, нархномаҳо ва маводи дигари иттилоотӣ

1. Матни мӯҳру тамғаҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба забони давлатӣ навишта мешавад.

2. Матни мӯҳру тамғаҳои ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва соҳибкорони инфиродӣ ба забони давлатӣ навишта мешавад.

3. Бланкҳо, нархномаҳо ва маводи дигари иттилоотӣ ба забони давлатӣ навишта мешаванд ва дар муносибат бо ташкилотҳои хориҷӣ мумкин аст ба забонҳои дигар низ баргардонида шаванд.

Моддаи 21. Забони матни коғазҳои қиматнок

Чопи коғазҳои қиматнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ сурат мегирад.

БОБИ 6. ИСТИФОДАИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ ДАР МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Моддаи 22. Забони гуфтушунидҳо ва мукотибот

Гуфтушунидҳо ва мукотибот бо намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулӣ, созмонҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва байнидавлатие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, ба забони давлатӣ ва забонҳои расмии онҳо сурат мегиранд. Ҳангоми зарурат, дар гуфтушунидҳо ва мукотибот истифодаи забонҳои дигар маҳдуд карда намешавад.

Моддаи 23. Забони фаъолияти намояндагиҳои дипломатӣ, муассисаҳои консулӣ ва намояндагиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давлатҳои хориҷа, созмонҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва байнидавлатӣ

Фаъолияти намояндагиҳои дипломатӣ, муассисаҳои консулӣ ва намояндагиҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар созмонҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва байнидавлатӣ ба забони давлатӣ, забонҳои расмии кишварҳои қарордошта ва созмонҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва байнидавлатӣ сурат мегирад.

Моддаи 24. Забони шартномаҳои байналмилалӣ

Шартномаҳои байналмилалии дуҷониба ба забонҳои давлатии тарафҳои аҳдкунанда ва шартномаҳои байналмилалии бисёрҷониба ба забонҳое, ки тарафҳо муайян кардаанд, ба имзо мерасанд.

Моддаи 25. Забони пазиро̄й, гуфтушунид ва нишастҳои матбуотӣ бо намояндагони хориҷӣ

Пазиро̄й, гуфтушунид ва нишастҳои матбуотӣ бо иштироки намояндагони давлатҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони давлатӣ ва забони пазируфтаи тарафҳо сурат мегирад.

БОБИ 7. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

Моддаи 26. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани талаботи Қонуни мазкур

Шахсони мансабдор, инчунин шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки талаботи Қонуни мазкурро вайрон мекунанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Моддаи 27. Дар бораи аз эътибор соқит кардани Қонуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қонуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 1989 (Ведомостҳои Совети Олии РСС Тоҷикистон, соли 1989, №15, моддаи 102) аз эътибор соқит карда шавад.

Моддаи 28. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш.Душанбе,
5 октябри соли 2009, №553

ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
«Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»

(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, № 7 - 8, мод. 616; с. 2016, № 3, мод. 147)

(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.03.2016, №1294; аз 17.05.2018, №1532; аз 04.04.2019, №1594 аз 08.06.2022 № 1885, аз 24.12.2022 № 1938)

Мақсади Қонуни мазкур пурзӯр намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои фарзанд мебошад.

БОБИ 1.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

Моддаи 1. Муносибатҳое, ки Қонуни мазкур танзим менамояд

Қонуни мазкур масъулияти падару модар ва шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд (минбаъд-падару модар), дар таълиму тарбияи фарзанд танзим менамояд.

Моддаи 2. Доираи амали қонуни мазкур

Амали Қонуни мазкур нисбат ба шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста ба маҳалли истиқомати онҳо, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд ва шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста ба шакли моликият ва маҳалли ҷойгиршавии онҳо, татбиқ мегардад, агар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, тартиби дигареро муқаррар накарда бошанд (Қонуни ҶТ аз 24.12.2022 № 1938).

Моддаи 3. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ба Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии

байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.05.2018 , №1532*).

Моддаи 4. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- фарзанд (кӯдак) - шахси ба синни ҳаждаҳсола нарасида;

- шахсоне, ки падару модарро иваз мекунанд - васӣ, парастор, фарзандхондагон, шахсоне, ки дар асоси шартнома кӯдакро тарбия мекунанд, дигар намояндагони қонунии онҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳое, ки кӯдак дар таълиму тарбияи онҳо қарор дорад (минбаъд муассисаҳои таълимӣ);

- васӣ ва парастор - шахсоне, ки ба мақсади ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахсони ғайри қобили амал ва қобилияти пурраи амал надошта, аз ҷониби мақомоти васоят ва парасторӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин шудаанд;

- таълим - фаъолияти муштараки падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда), омӯзгор ва муассисаи таълимӣ барои инкишофи кӯдак, такмили истеъдод, маҳорат, малака ва қобилияти фикрию ҷисмонии ӯ (Қонуни *Ҷумҳурии Тоҷикистон* аз 4.04.2019,*№1594*;

- тарбия - раванди мақсадноки ба воя расонидани фарзанд аз ҷониби падару модар, муассисаи таълимӣ, ҷомеа ва ба зиндагии мустақилона омода намудани ӯ;

- марказҳои дилхушӣ-клубҳои шабона, дискоклубҳо, толорҳои букмекерӣ ва марказҳои бозиҳои бурднок, тарабхонаҳо ва иншоотҳои дигаре, ки ба шахсони воҷеӣ ва ҳуқуқӣ тааллуқ дошта, барои ташкил ва гузарондани чорабиниҳои фароғатӣ ва истироҳатӣ муайян шудаанд (Қонунҳои *Ҷумҳурии Тоҷикистон* аз 17.05.2018, *№1532*,аз 4.04.2019,*№1594)*;

- вақти шабона - аз 1 апрел то 30 сентябр - аз соати 22:00 то соати 06:00 ва аз 1 октябр то 31 март - аз соати 20:00 то соати 06:00.

Моддаи 5. Вазифаи падару модар, омӯзгор, давлат ва ҷомеа дар таълиму тарбияи фарзанд

1. Таълиму тарбияи фарзанд вазифаи падару модар, омӯзгор, давлат ва ҷомеа мебошад.

2. Вазифаи падару модар фароҳам овардани шароити моддӣ, молиявӣ, маънавӣ ва равонӣ дар таълиму тарбияи дурусти фарзанд мебошад.

3. Давлат барои таълиму тарбия ва ҳифзи кӯдакони ятим ва маъюб ғамхорӣ намуда, ба онҳо шароити мусоид фароҳам меорад.

БОБИ 2. ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ ПАДАРУ МОДАР ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ФАРЗАНД

Моддаи 6. Баробарии ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои падару модар

Падару модар, новобаста ба он ки якҷоя ё ҷудо зиндагӣ мекунанд, дар таълиму тарбияи фарзанд ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои баробар доранд, ба истисноии ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Моддаи 7. Ҳуқуқҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд

Падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ҳуқуқҳои зерин доранд:

- ҳуқуқ ва манфиатҳои фарзандро ҳимоя намоянд;

-шакл, намуд ва усули таълим, муассисаҳои таълимиро, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо, интихоб намоянд, агар ин шакл, намуд ва усул ба вазъи саломатӣ ва рушди маънавии фарзанд таъсири манфӣ нарасонад;

- дар раванди таълиму тарбия, аз ҷумла назорати сатҳу сифати таълим ва донишандӯзии фарзанд дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбӣ иштирок ва мусоидат намоянд (Қонуни ҶТ аз 04.04.2019 *№ 1594*, аз 24.12.2022 *№ 1938*);

- аз операторон ва провайдерони хизмати алоқаи барқӣ дар бораи аз тарафи фарзанд истифода шудани хизмати алоқаи барқӣ маълумоти дахлдорро ба таври ройгон гиранд (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.03.2016, №1294);*

- ба мақомоти дахлдор ҷиҳати беҳтар намудани сатҳу сифати таълиму тарбияи фарзанд дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбӣ бо пешниҳод муроҷиат кунанд (Қонуни ҶТ аз 04.04.2019 *№ 1594*, аз 24.12.2022 *№ 1938*);

- дар муносибатҳои ҳуқуқӣ намояндаи қонунии фарзанд бошанд;

-риояи ҳуқуқи фарзандро дар раванди таълим дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилот талаб намоянд;

- ба фаъолияти муассисаи таълимие, ки фарзандашон дар он таҳсил мекунад, мусоидат намоянд;

- ба раванди таълиму тарбия, мазмуни таҳсилот, давомот ва сатҳу сифати донишандӯзии фарзанд шинос шаванд;

- дигар ҳуқуқҳоеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррарнамудааст, амалӣ намоянд.

Моддаи 8. Ӯҳдадориҳои падару модар дар тарбияи фарзанд

Падару модар дар тарбияи фарзанд ӯҳдадориҳои зерин доранд:

- ба фарзанд тибқи арзишҳои миллӣ номи нек гузоранд;

- пас аз таваллуд фарзандро дар мӯҳлати то се моҳ аз қайди давлатии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ гузаронанд;

- барои ҳифзи саломатӣ, ташаккули ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии фарзанд шароит муҳайё намоянд;

- фарзандро ба зиндагии мустақилона омода намоянд;

- фарзандро дар рӯҳияи эҳтиром ба Ватан, қонун, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, инчунин бартарии манфиатҳои миллӣ аз шахсӣ тарбия намоянд (Қонуни *Ҷумҳурии Тоҷикистон* аз 4.04.2019,*№1594)*;

- фарзандро дар рӯҳияи сарфаю сариштакорӣ тарбия намуда, бо маблағ ва молу мулк муносибати эҳтиёткорона доштанро омӯзонанд (Қонуни ҶТ аз 24.12.2022 *№ 1938*);

- гаштугузори фарзанди то шашсоларо бе ҳамроҳии шахси аз чордаҳсола боло дар кӯча ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ иҷозат надиҳанд;

- шаъну шарафи фарзандро эҳтиром намоянд ва ба муомилаи бераҳмона нисбат ба ӯ роҳ надиҳанд;

- новобаста ба ҷинс, синну сол, қобилияти зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва рӯҳии фарзанд, нисбат ба ӯ баробар муносибат намоянд;

- дар вақти шабона ба марказҳои дилхушӣ рафтани фарзанди то ҳаждаҳсолаашонро манъ намоянд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.05.2018, №1532*);

-аз соати 18.00 то соати 6.00 ба марказҳои пешниҳоди бозиҳои компютерӣ ё хизматрасонии интернетӣ рафтани фарзанди ноболиғи худро иҷозат надиҳанд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.05.2018, №1532*);

- кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ, муомилаи дағалона бо атрофиён, халалдор намудани оромӣ, истифодаи суханҳои қабеҳ, рафтори дағалона дар кӯчаҳо, хиёбонҳо, майдонҳо, муассисаҳои фароғатӣ, дохили нақлиёт, хобгоҳҳо, манзили зист, дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва муносибати таҳрибкоронаи фарзандро ба муҳити зист пешгирӣ намоянд;

- барои баланд бардоштани сатҳи фарҳанг ва маърифати экологии фарзанд чораҳо андешанд (Қонуни ҶТ аз 08.06.2022 *№ 1885*);

- ба фарзанди то синни мактабӣ ва фарзанде, ки дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо, таҳсил мекунанд, бо худ овардан ва истифодаи телефонҳои мобилиро манъ намоянд (Қонуни *Ҷумҳурии Тоҷикистон* аз 4.04.2019,*№1594*);

- ба фарзанд тамошои филмҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ, зӯроварӣ, экстремистӣ, террористӣ, тундгаройӣ ва ҷудоихоҳиро манъ намоянд (Қонуни ҶТ аз 24.12.2022 *№ 1938*);

- аз тарафи фарзанд мақсаднок ва мувофиқ ба таълиму тарбияи ӯ истифода шудани интернетро назорат намоянд (*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.03.2016, №1294);*

- ба фарзанд мутолиа ва паҳн кардани сабтҳои электронӣ (аз ҷумла тариқи телефонҳои мобилӣ), китобҳо, варақаҳо, рӯзномаҳо, маҷаллаҳо ва дигар маводи чопии дорои хусусияти шаҳвонӣ, зӯровари, экстремистӣ, террористӣ, тундгаройӣ ва ҷудоихоҳиро манъ намоянд (Қонуни ҶТ аз 24.12.2022 *№ 1938*);

- иштироки фарзандро дар фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ, ба истиснои фарзандоне, ки ба таври расмӣ дар муассисаҳои таълимии динӣ ба таълим фаро гирифта шудаанд, иҷозат надиҳанд (Қонуни *Ҷумҳурии Тоҷикистон* аз 4.04.2019,*№ 1594*);

- ба фарзанд истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ, маҳсулоти тамоку, воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, инчунин моддаҳои сахттаъсир ва мадҳушкунандаро манъ намоянд (Қонуни ҶТ аз 04.04.2019 *№ 1594*, аз 24.12.2022 *№ 1938*);

- иштироки фарзандро дар чорабиниҳои барои ӯ тавсиянашуда иҷозат надиҳанд;

- ба фарзанд барои рондани воситаҳои нақлиёт бе гирифтани шаҳодатномаи ронандагӣ, инчунин барои омадан ба муассисаи таълимӣ бо идора намудани воситаҳои нақлиёти механикӣ иҷозат надиҳанд (Қонуни ҶТ аз 08.06.2022 *№ 1885*);

- ба оворагардӣ ва дигар рафторҳои зиддиахлоқӣ машғул шудани фарзанд роҳ надиҳанд ва барои интихоби касб ба ӯ мусоидат кунанд (Қонуни *Ҷумҳурии Тоҷикистон* аз 4.04.2019, *№1594*;

- ба фарзанд асосҳои гигиенаи шахсӣ, маърифати санитарӣ, фарҳанги шахрнишинӣ ва муоширатро омӯзонанд (Қонуни ҶТ аз 04.04.2019 *№ 1594*, аз 08.06.2022 *№ 1885*);

- ба ҷалб намудани фарзанд ба корҳои хавфнок ва вазнини ба саломатии ӯ зараровар ва ҳамчунин дигар корҳое, ки ба инкишофи мӯътадили ҷисмонӣ ва равонии фарзанд халал мерасонанд, иҷозат надиҳанд;

- фарзандро ба фаъолияти соҳибкорӣ ва хариду фурӯш ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат додааст, ҷалб насозанд;

- бе ҳамроҳии шахси болиғ гаштугузор кардани фарзанди то шонздаҳсоларо дар ҳудуди биною иншооти техникӣ, таҳхонаҳо ва болохонаҳои биноҳои истиқоматӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, дигар ташкилотҳо, ҳудуди нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ, саристгоҳҳои роҳи оҳан, фурудгоҳҳо ва саристгоҳҳои нақлиёти мусофирбар манъ намоянд;

- дар ҷойҳои ҷамъиятӣ навиштан, ифлос намудан ва расонидани зарарро аз ҷониби фарзанд манъ намоянд;

- дастрасии фарзандро ба маводи сӯзандаю тарканда пешгирӣ намоянд;

- истифодаи ҷавоҳирот, зару зевар, дигар ашёҳои қиматбаҳо (ба истиснои як ҷуфт гӯшвора барои духтарон)-ро аз тарафи фарзанд дар муассисаҳои таълимӣ ва холкӯбиро барои фарзанд манъ намоянд;

- ба шикастани панҷараҳо, санги болои қабрҳо, ҳайкалҳо, нимпайкараҳо ва дигар ороишоте, ки дар оромгоҳҳо ва ҷойҳои

таърихию фарҳангӣ мавчуданд ва тахриб кардани онҳо аз тарафи фарзанд роҳ надиҳанд;

- дигар ӯҳдадориҳоеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, иҷро намоянд.

Моддаи 9. Ӯҳдадориҳои падару модар дар таълими фарзанд

Падару модар дар таълими фарзанд ӯҳдадориҳои зерин доранд:

- ба фарзанди то шашсола барои гирифтани таълиму тарбияи томактабӣ шароит фароҳам оваранд;

- ба таълим фаро гирифтани фарзандро таъмин намуда, ба таҳсили ӯ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ монеъ нашаванд (Қонуни *Ҷумҳурии Тоҷикистон* аз 4.04.2019,*№1594*;

- фарзандро бо воситаҳои зарурии таълимӣ таъмин карда, барои таълими ӯ шароити муносиб муҳайё намоянд;

- риояи пӯшидани либосҳои расмии мактабиро аз ҷониби фарзанд дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот таъмин ва назорат намоянд;

- ба фарзанди имконоти маҳдуди ҷисмонӣ ва рӯҳӣ доштаи худ барои таҳсил кардан ва касбу ҳунар омӯхтан шароит муҳайё сохта, иллати ҷисмонӣ ва рӯҳии ӯро пинҳон накарда, дар сурати набудани шароит барои таълими фарзанд ба муассисаҳои дахлдори давлатии соҳаи маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ муроҷиат намоянд;

- аз вазъи фарзанде, ки дар мактаб-интернатҳо ва дигар муассисаҳои махсусгардонидашуда, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо, таълиму тарбия мегирад, хабардор шуда, бо чунин муассисаҳо ҳамкорӣ намоянд ва раванди таълими фарзандро дар ин муассисаҳо зери назорат гиранд;

-донишандӯзӣ ва иштироки фарзандро дар раванди таълим назорат карда, бо омӯзгорон, ҳайати кормандон ва роҳбарияти муассисаи таълимӣ оид ба таълими фарзанд мунтазам ҳамкорӣ намоянд;

- дар маҷлисҳои падару модарон ва дигар чорабиниҳои мактабӣ бо даъвати маъмурият тибқи талаботи оинномаи муассисаи таълимӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иштирок намоянд;

- талаботи оинномаи муассисаи таълимиро, ки фарзандашон дар он ҷо таълим мегирад, иҷро намоянд;

- ҷалби фарзандро барои гирифтани таълим дар таълимгоҳҳои ғайриқонунӣ ё дар назди шахсони алоҳидаи беиҷозатнома фаъолияткунанда манъ намоянд;

- таълими динии фарзандро дар хориҷи кишвар берозигии хаттии мақомоти ваколатдори давлатӣ иҷозат надиҳанд(Қонуни *Ҷумҳурии Тоҷикистон* аз 4.04.2019,*№1594*;

- дигар ўҳдадориҳоеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, иҷро намоянд.

БОБИ 3. ЎҲДАДОРИҲОИ ФАРЗАНДИ БОЛИҒУ ҚОБИЛИ МЕҲНАТ ДАР НИГОҲУБИН ВА ТАЪМИНИ ПАДАРУ МОДАР

Моддаи 10. Ўҳдадориҳои фарзанди болиғу қобили меҳнат дар нигоҳубин ва таъмини падару модар

1. Фарзанди болиғу қобили меҳнат ўҳдадор аст, ки падару модари худро нигоҳубин ва таъмин намуда, онҳоро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ дастгирӣ намояд.

2. Дар ҳолати иҷро накардани ўҳдадориҳои мазкур фарзанди болиғу қобили меҳнат бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

БОБИ 4. ЎҲДАДОРИҲОИ ОМӮЗГОР, МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ, МАҚОМОТИ ХУДИДОРАКУНИИ ШАҲРАК ВА ДЕҲОТ, МУАССИСА ВА ДИГАР ТАШКИЛОТҲОЕ, КИ МАСЪАЛАҲОИ ВОБАСТА БА ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ КӮДАКРО БАРРАСӢ МЕКУНАНД *(Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.05.2018, №1532; аз* 4.04.2019,№1594)

Моддаи 11. Мақомоте, ки масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакро баррасӣ мекунанд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.05.2018, №1532*)

1. Масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи кӯдак аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ, ки аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, маориф ва илм, фарҳанг, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, адлия, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, андоз, алоқа, оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросими миллӣ, кор бо занон ва оила, кор бо ҷавонон ва варзиш баррасӣ карда мешаванд.

2. Дар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ва мақомоти худидоракунии муассисаҳои таълимӣ комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба амалигардонии Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда мешаванд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.05.2018, №1532*).

Моддаи 12. Ўҳдадориҳои омӯзгор, мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, муассиса ва дигар ташкилотҳое, ки

масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакро баррасӣ мекунанд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз* 4.04.2019,№1594)

1. Мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, муассиса ва дигар ташкилотҳое, ки масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакро баррасӣ мекунанд, ӯҳдадориҳои зерин доранд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз* 4.04.2019,№1594):

- ба раванди таълиму тарбия дар низоми таҳсилоти умумӣ ва иловагӣ мусоидат намоянд;

- тарзи ҳаёти солимро таблиғ ва кӯдакони болаёқатро дастгирӣ намоянд;

- кӯдаконеро, ки дар пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо саҳм гузоштаанд ва амалҳои дигарро ба нафъи ӣамъият ва давлат анӣом додаанд,ҳавасманд намоянд *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз* 4.04.2019,№1594);

- падару модареро, ки ҳуқуқу ӯҳдарориҳои худро дар таълиму тарбияи фарзанд муваффақона иҷро менамоянд, аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ ҳавасманд гардонанд;

- оид ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо аз тарафи кӯдакон тадбирҳо андешанд;

- ҳангоми аз тарафи падар ё модар риоя накардани талаботи оинномаи муассисаи таълимӣ ва ӯҳдадориҳое, ки тибқи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршудаанд, бо тартиби муқарраргардида ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат намоянд;

- дар муассисаҳои таълимӣ бо мақсади расонидани кӯмаки педагогӣ, равонӣ, методӣ ба падару модар «Рӯзҳои падару модар»-ро ташкил намоянд;

- дигар чорабиниҳоро оид ба масъалаҳои таълиму тарбияи кӯдакон ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо ташкил намоянд;

- дигар ӯҳдадориҳоеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, иҷро намоянд.

2. Ӯҳдадориҳои омӯзгор оид ба таълиму тарбияи кӯдак мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф муқаррар карда мешаванд.

Моддаи 13. Ӯҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак

Ҳангоми аз таълиму тарбия дур мондани кӯдак ва ба амали номатлуб даст задани ӯ, инчунин дар мавриди муайян кардани ҳолатҳое, ки ба ҳаёт ва саломатии кӯдак таҳдид менамоянд, шахсони воқеӣва ҳуқуқӣ ӯҳдадоранд, ки мақомоти дахлдори давлатиро огоҳ созанд.

БОБИ 5. ЧОРАҲОИ ПЕШГИРӢ ВА ҶАВОБГАРӢ БАРОИ ИҶРО НАКАРДАНИ ЎҲДАДОРИҲО ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ФАРЗАНД

Моддаи 14. Чораҳои пешгирӣ барои иҷро накардан ё ба тариқи дахлдор иҷро накардани ўҳдадориҳои падару модар

(Қонуни ҶТ аз 08.06.2022 № 1885)

Падару модаре, ки вобаста ба вазъи саломатҳ ва моддиашон наметавонанд ўҳдадориҳои худро оид ба таълиму тарбияи фарзанд қисман ё пурра иҷро намоянд, аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба табобат фаро гирифта, бо кор таъмин карда мешаванд.

Моддаи 15. Ҷавобгарии падару модар ва омўзгор дар таълиму тарбияи фарзанд

1. Дар ҳолати иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани ўҳдадориҳои вобаста ба таълиму тарбияи фарзанд, ки дар Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, падару модар ва омўзгор тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд (Қонуни ҶТ аз 08.06.2022 № 1885).

2. Падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии баробар доранд.

3. Падар ё модаре, ки аз фарзанд ҷудо зиндагӣ мекунад, барои иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани ўҳдадориҳои худ, ба истисноии ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷавобгар мебошад (Қонуни ҶТ аз 08.06.2022 № 1885, аз 24.12.2022 № 1938).

Моддаи 16. Ҷавобгарии мақомоти давлатӣ, маҳомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, муассиса, дигар ташкилотҳо ва шахсони мансабдори онҳо, ки масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи кўдакро баррасӣ мекунанд.

(Қонуни ҶТ аз 17.05.2018 № 1532, аз 04.04.2019 № 1594)

Ҷавобгарии мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот муассиса, дигар ташкилотҳо ва шахсони мансабдори онҳо, ки масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи кўдакро баррасӣ мекунанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.05.2018 № 1532, аз* 4.04.2019,№1594).

БОБИ 6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

Моддаи 17. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе
2 августи соли 2011, №762

ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ НИЗОМИ МАҚОМОТИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

Қонуни мазкур низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян карда, асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти онҳоро танзим менамояд.

БОБИ 1.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

Моддаи 1. Мавзӯи танзим ва доираи амали Қонуни мазкур

1. Мавзӯи танзими Қонуни мазкур вазъи ҳуқуқии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатие, ки ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошанд, инчунин асосҳои ташкили фаъолияти онҳо дар низоми идоракунии давлатӣ мебошад.

2. Амали Қонуни мазкур нисбат ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва дигар мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тартиби ташкил, салоҳият ва фаъолияти онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд, татбиқ намегардад.

Моддаи 2. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- мақоми идоракунии давлатӣ - мақоми давлатие, ки вазифаҳои умумии идоракуниро тибқи принсипҳои идоракунии муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муайяни фаъолият амалӣ менамояд;

- мақоми иҷроияи ҳокимияти давлатӣ - шакли ташкилии амалисозии идоракунии давлатиест, ки дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ таъсис дода шуда, фаъолият менамояд;

- низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ - маҷмӯи мақомоте, ки таҳти тобеияти якдигар (муносибатҳои иерархӣ) қарор дошта, функсияҳои идоракунии давлатиро мустақилона ва дар ҳамкории мутақобила татбиқ менамоянд ва ба мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тақсим мешаванд;

- мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ - мақоме, ки дар асоси ваколати ба он вогузор намудаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон функсияҳои таҳияву

татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи муқарраргардидаи фаъолият ва дигар функсияҳои иҷроияро мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд;

- ҳамоҳангсозӣ дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ маҷмӯи ваколат ва функсияҳое, ки бо мақсади таъмини сиёсати ягона дар соҳаи муайян тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ё шахсони мансабдори алоҳида вогузор карда шудаанд;

- ғайритаҷаммӯъсозии ҳокимияти иҷроия - раванди тибқи қонун танзимгардидае, ки дар ҷараёни он қисми функсияи мақоми иҷроияи болоии ҳокимияти давлатӣ ба зиммаи мақоми иҷроияи поёнии ҳокимияти давлатӣ вогузор карда мешавад;

- ғайримутамарказгардонии ҳокимияти иҷроия - раванди дар асоси қонун вогузор намудани қисми ваколатҳои ҳокимият ва ё функсияҳо аз мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ба зиммаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳо ва тавсеаи доираи ваколатҳои мақомоти поёнии идоракунӣ аз ҳисоби мақомоти сатҳи болоӣ;

- шартномаи маъмурӣ - санади ҳуқуқие, ки дар асоси он мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ мутобиқи талабот ва шартҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон функсияҳои ҳокимияти давлатиро (ба истиснои функсияҳои назоратӣ) ба зиммаи мақоми иҷроияи поёнии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва ташкилотҳо вогузор менамояд;

- назорати дохилӣ – маҷмӯи тадбирҳои мустақили мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ оид ба гузаронидани санҷиш ва арзёбии фаъолияти воҳидҳои сохторӣ ва шахсони мансабдори ҳамин мақом, ки барои таъмини иҷрои талаботи қонуният, самаранокӣ ва мақсаднокии фаъолияти онҳо нигаронида шудааст;

- назорати хизматӣ - маҷмӯи тадбирҳои мукаммале, ки қонуният, самаранокӣ ва мақсаднокиро дар фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ таъмин менамояд ва тавассути он мақоми иҷроияи болоии ҳокимияти давлатӣ нисбат ба мақоми иҷроияи поёнии ҳокимияти давлатӣ функсияҳои назоратиро анҷом медиҳад.

Моддаи 3. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатӣ

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатӣ ба Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

Моддаи 4. Принсипҳои асосии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ

Принсипҳои асосии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ инҳоянд:

- волоияти Конституцсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- самарабахшии ҳокимияти давлатӣ ва самтгирӣ ба натиҷаҳои ниҳоӣ;
- риояи манфиатҳои ҷамъиятӣ (оммавӣ);
- ҳисоботдиҳии дақиқ дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;
- ғайритаҷаммӯъсозӣ ва ғайримутамарказгардонии ҳокимияти давлатӣ;
- кордонӣ ва риояи одоб дар амал ва қарорҳои хизматчиёни давлатӣ;
- асосноки ва шаффофият зимни тақсиму истифодаи захираҳо ва молияи давлатӣ;
- шаффофият ва дақиқии ташкил ва фаъолият дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;
- ошкоро будани низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва ҷалби қисми фаъоли аҳолӣ ба раванди идоракунии давлатӣ.

Моддаи 5. Низоми мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ

1. Мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо мебошанд:

- Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- вазоратҳо ва кумитаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мақомоти машваратию маслиҳатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва барҳам дода мешаванд.

3. Низомнома, Сохтори дастгоҳи марказӣ, Нақшаи идоракунӣ ва шумораи ниҳоии кормандони мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд. Ваколат ва функсияҳои мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дар Низомномаи он муқаррар карда мешаванд.

4. Мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ва дигар манбаъҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мегарданд.

Моддаи 6. Ҳисоботдиҳанда будан ва ҳамоҳангсозӣ дар низоми мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ

1. Мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботдиҳанда мебошанд. Тартиби ҳисоботро Дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ пешбинӣ менамоянд.

2. Ҳисоботдиҳанда будани мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дар ҷараёни назорати хизматӣ, ки Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, амалӣ карда мешавад.

3. Мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти дигар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатиро оид ба таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи дахлдор ҳамоҳанг месозад.

4. Мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дар ҷараёни татбиқи функсияҳои ҳамоҳангсозӣ нисбат ба дигар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ҳуқуқ дорад:

- аз дигар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ маълумоти дахлдорро ба даст орад;
- ба дигар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ оид ба масъалаҳое, ки таҳти салоҳияташ қарор доранд ва вобаста ба онҳо фаъолияти ҳамоҳангсозӣ сурат мегирад, дастур диҳад;
- дигар ваколатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, амалӣ намояд.

Моддаи 7. Назорати хизматӣ

1.Дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ барои таъмини қонуният ва мақсаднокии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ назорати хизматӣ вобаста ба ҳисоботдиҳанда будан амалӣ карда мешавад. Тартиби амалӣ намудани назорати хизматиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

2. Назорати хизматиро роҳбари мақоми иҷроияи ҳокимияти давлатӣ таъмин менамояд.

3. Назорати хизматӣ тибқи тартиби тобеият мутобиқи қонуни мазкур, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки назорати хизматиро танзим менамоянд, амалӣ карда мешавад.

4. Роҳбаре, ки назорати хизматиро амалӣ менамояд, метавонад аз мақомоти иҷроияи поёнии ҳокимияти давлатӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, дигар ҳуҷҷатҳоро талаб намояд, аз шахсони мансабдор тавзеҳот ва хулоса гирад. Мақомоти дахлдор бояд ҳуҷҷат ва тавзеҳоти зикргардидаро дар мӯҳлати на дертар аз се рӯзи корӣ пешниҳод намоянд, агар мақоми анҷомдиҳандаи назорати хизматӣ мӯҳлати нисбатан дарозтарро муқаррар накарда бошад.

БОБИ 2. АСОСҲОИ ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ МАРКАЗИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ

Моддаи 8. Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Дастгоҳи иҷроия) мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ буда, фаъолияти он бо мақсади таъмини иҷрои ваколатҳои конституцсионии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Дастгоҳи иҷроия инчунин дигар вазифаҳоеро, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд, иҷро менамояд.

2. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Дастгоҳи иҷроияро таъсис ва барҳам медиҳад, Роҳбари Дастгоҳи иҷроия, муовини якум ва муовинони Роҳбари Дастгоҳи иҷроияро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд, бо пешниҳоди Роҳбари Дастгоҳи иҷроия Низомнома ва Сохтори Дастгоҳи иҷроияро тасдиқ мекунад.

3. Функсияҳои асосии Дастгоҳи иҷроия аз инҳо иборатанд:

- таъмини фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти машваратию маслиҳатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- назорат ва санҷиши иҷрои қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳод намудани маълумот оид ба рафти иҷрои онҳо;
- ҳамоҳангсозии таҳияи сиёсат дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ ва рушди миллӣ, суботи дохилии сиёсӣ дар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, дигар самтҳои мубрами рушди давлат ва таъмини таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаҳои мазкур;
- ҳамоҳангсозии банақшагирии стратегӣ, гузаронидани мониторинги татбиқи сиёсати мувофиқашуда ва нақшаҳои стратегии қабулгардида, таҳияи пешниҳодот оид ба такмили онҳо;
- таҳлили самарабахшии фаъолияти мақомоти давлатӣ, таҳияи тавсияҳо оид ба такмили минбаъдаи фаъолияти онҳо ва роҳбарии ислоҳоти идоракунии давлатӣ;

- ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҷалби онҳо ба раванди таҳия ва татбиқи сиёсат оид ба масъалаҳои мубрами рушди давлатӣ;

- ҳамоҳангсозии омодагӣ ба ҷаласаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- назорати иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ҳамоҳангсозии ҳамкории мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ бо Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ҳокимияти судӣ;

- иттилоотонии ҷомеа оид ба фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ вобаста ба натиҷаҳои татбиқи сиёсат дар самтҳои мубрами рушди кишвар;

- амалӣ намудани дигар функсияҳое, ки Низомномаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

Моддаи 9. Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Роҳбари Дастгоҳи иҷроия роҳбарии умумии фаъолияти Дастгоҳи иҷроияро дар асоси яккасардорӣ анҷом дода, барои иҷрои вазифаҳо ва функсияҳои ба зиммаи Дастгоҳи иҷроия гузошташуда дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулияти шахсӣ дорад.

2. Ваколатҳои Роҳбари Дастгоҳи иҷроия дар Низомномаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

Моддаи 10. Вазорат

1. Вазорат мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатие мебошад, ки татбиқи сиёсати давлатӣ ва идоракуниро дар соҳаи муайяни фаъолият амалӣ намуда, инчунин дар доираи пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти дигар мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатиро дар ҳамин соҳа ҳамоҳанг месозад.

2. Вазорат функсияҳои худро мустақиман ё тавассути мақомоти ҳудудии худ анҷом медиҳад.

3. Вазоратро дар низоми мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва барҳам медиҳад. Низомномаи вазоратро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

4. Ба фаъолияти вазорат вазир роҳбарӣ менамояд, ки ӯ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод

карда мешавад ва фармон дар ин хусус ба ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ пешниҳод карда мешавад.

5. Вазир муовини якум ва муовинон дорад, ки бо пешниҳоди ӯ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд.

6. Теъдоди муовинони вазир, воҳидҳои сохтории вазорат ва функсияҳои асосии онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

7. Муовини якум ва муовинони вазир дар назди вазир ҳисоботдиҳанда мебошанд ва ӯ назорати хизматии фаъолияти онҳоро анҷом медиҳад. Муовинони вазир фаъолияти воҳидҳои сохторӣ ва ташкилотҳои низоми вазоратро тибқи тартиби муқаррарнамудаи Низомномаи вазорат роҳбарӣ менамоянд ва ҳамоҳанг месозанд.

8. Вазорат функсияҳои асосии зеринро анҷом медиҳад:

- таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ ва идоракунӣ дар соҳаи муайянгардидаи фаъолият;

- ҳамоҳангсозии фаъолияти дигар мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- андешидани тадбирҳо ва таҳияи пешниҳодот оид ба самтҳои асосӣ ва афзалиятҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи дахлдори идоракунӣ;

- таҳияи лоиҳаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои марбут ба соҳаи фаъолияти вазорат ва пешниҳоди онҳо тибқи тартиби муқарраргардида, ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- дар асоси қонунҳо амалӣ намудани танзими меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти вазорат ва таҳияи тавсияҳои методӣ оид ба татбиқи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ҷалб намудани ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба таҳияю татбиқи сиёсат ва барномаҳои стратегии рушди давлат;

- амалӣ намудани дигар функсияҳое, ки Низомномаи вазорат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррарнамудаанд.

9. Дар вазорат таҳти роҳбарии вазир ҳайати мушовара ташкил карда мешавад, ки ба ҳайати он муовинони вазир (аз рӯи вазифа) ва кормандони пешбари вазорат дохил мешаванд. Аъзои ҳайати мушовара ба ғайр аз шахсоне, ки аз рӯи вазифа дохил мешаванд, бо пешниҳоди вазир аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиққарда мешаванд. Қарорҳои ҳайати мушовара тибқи тартиби

муқарраргардида бо аксари овози аъзои он қабул карда шуда, бо протокол ба расмият дароварда мешаванд ва бо фармоишҳои вазир дар амал татбиқ карда мешаванд.

10. Дар назди вазорат тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад хадамот, агентиҳо ва дигар мақомотро оид ба масъалаҳои муайяни фаъолият дар соҳаи идоракунии вазорат таъсис диҳад. Функсия ва ваколатҳои мақомоти мазкур дар Низомномаи вазорат ё низомномаҳои ҳамин мақомот пешбинӣ карда мешаванд.

Моддаи 11. Вазир

1. Вазир роҳбарии умумии фаъолияти вазоратро дар асоси яккасардорӣ анҷом дода, барои иҷрои вазифаҳо ва функсияҳои ба зиммаи вазорат гузошташуда дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулияти шахсӣ дорад.

2. Ваколатҳои вазир дар Низомномаи вазорат муайян карда мешаванд.

Моддаи 12. Кумитаи давлатӣ

1. Кумитаи давлатӣ мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатие мебошад, ки татбиқи сиёсати давлатӣ ва ба танзимдарории байнисоҳавиро амалӣ намуда, инчунин дар доираи пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти дигар мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатиро дар соҳаи дахлдори фаъолият ҳамоҳанг месозад.

2. Кумитаи давлатӣ функсияҳои худро мустақиман ё тавассути мақомоти ҳудудии худ анҷом медиҳад.

3. Кумитаи давлатиро дар низоми мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва барҳам медиҳад. Низомномаи кумитаи давлатиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

4. Ба фаъолияти кумитаи давлатӣ раис роҳбарӣ менамояд, ки ӯ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад ва фармон дар ин хусус ба ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ пешниҳод карда мешавад.

5. Раис муовини якум ва муовинон дорад, ки бо пешниҳоди ӯ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд.

6. Теъдоди муовинони раис, воҳидҳои сохтории кумитаи давлатӣ ва функсияҳои асосии онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

7. Муовини якум ва муовинони раис дар назди раис ҳисоботдиҳанда буда, ӯ назорати хизматии фаъолияти онҳоро анҷом медиҳад. Муовинони раис фаъолияти воҳидҳои сохторӣ ва ташкилотҳои низоми кумитаи давлатиро тибқи тартиби муқаррарнамудаи Низомномаи кумитаи давлатӣ роҳбарӣ менамоянд ва ҳамоҳанг месозанд.

8. Функсияҳои асосии кумитаи давлатӣ аз инҳо иборатанд:

- таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ ва идоракунӣ дар соҳаи муайяни фаъолият;

- тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳангсозии фаъолияти дигар мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ;

- таҳияи пешниҳодот оид ба самтҳои асосӣ ва афзалиятҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаҳои дахлдори идоракунӣ ва андешидани тадбирҳо ҷиҳати иҷрои онҳо;

- таҳияи лоиҳаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар бораи масъалаҳои ба соҳаи фаъолияти кумитаи давлатӣ дахлдошта ва пешниҳоди онҳо тибқи тартиби муқарраргардида ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти кумитаи давлатӣ ва таҳияи тавсияҳои методӣ оид ба татбиқи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ҷалб намудани ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба таҳияю татбиқи сиёсат ва барномаҳои стратегии рушди давлат;

- амалӣ намудани дигар функсияҳое, ки Низомномаи кумитаи давлатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд.

9. Дар кумитаи давлатӣ таҳти роҳбарии раис ҳайати мушовара ташкил карда мешавад, ки ба ҳайати он муовинони раис (аз рӯи вазифа) ва кормандони пешбари кумитаи давлатӣ дохил мешаванд. Аъзои ҳайати мушовара ба ғайр аз шахсоне, ки аз рӯи вазифа дохил мешаванд, бо пешниҳоди раиси кумитаи давлатӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд. Қарорҳои ҳайати мушовара тибқи тартиби муқарраргардида бо аксари овози аъзои он қабул карда шуда, бо протокол ба расмият дароварда мешаванд ва бо қарорҳои раиси кумитаи давлатӣ дар амал татбиқ карда мешаванд.

10. Дар назди кумитаи давлатӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад хадамот, агентиҳо ва дигар мақомотро оид ба масъалаҳои муайяни фаъолият дар соҳаи идоракунии кумитаи

давлатӣ таъсис диҳад. Функсия ва ваколатҳои мақомоти мазкур дар Низомномаи кумитаи давлатӣ ё низомномаҳои ҳамин мақомот пешбинӣ карда мешаванд.

Моддаи 13. Раиси кумитаи давлатӣ

1. Раис роҳбарии умумии фаъолияти кумитаи давлатиро дар асоси яккасардорӣ анҷом дода, барои иҷрои вазифаҳо ва функсияҳои ба зиммаи кумитаи давлатӣ гузошташуда дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулияти шахсӣ дорад.

2. Ваколатҳои раиси кумитаи давлатӣ дар Низомномаи кумитаи давлатӣ муайян карда мешаванд.

Моддаи 14. Мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ буда, дар доираи салоҳияти муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати ягонаи давлатиро дар соҳаи муайяни фаъолият амалӣ менамояд. Ба мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сардор ё директор роҳбарӣ менамояд.

2. Мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон функсияҳои худро мустақиман ё тавассути мақомоти ҳудудии худ анҷом медиҳад.

3. Мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва барҳам дода мешавад Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбар, муовини якум, муовинони роҳбари мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд ва бо пешниҳоди роҳбари мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Низомнома, Сохтори дастгоҳи марказӣ, Нақшаи идоракунӣ ва шумораи ниҳоии кормандони ҳамин мақомро тасдиқ мекунад. Мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботдиҳанда мебошад.

4. Функсияҳои асосии мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз инҳо иборатанд:

- тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешбурди сиёсати давлатӣ дар соҳаи муқарраршудаи фаъолият;
- ҳамоҳангсозии фаъолияти дигар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи муайяншудаи фаъолият;
- анҷом додани функсияҳои назоратӣ дар соҳаи муайяншудаи фаъолият;
- таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи санадҳои Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати татбиқи функсияҳои худ;

- пешбурди мониторинг ва таҳияи пешниҳод оид ба такмили фаъолияти мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилотҳо дар соҳаи муайяни фаъолият;

- амалӣ намудани дигар функсияҳое, ки Низомномаи мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

5. Дар мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии роҳбари мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳайати мушовара ташкил карда мешавад, ки ба ҳайати он муовинони роҳбар (аз рӯи вазифа) ва кормандони пешбари мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд. Аъзои ҳайати мушовара ба ғайр аз шахсоне, ки аз рӯи вазифа дохил мешаванд, бо пешниҳоди роҳбари мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд. Қарорҳои ҳайати мушовара тибқи тартиби муқарраргардида бо аксари овози аъзои он қабул карда шуда, бо протокол ба расмият дароварда мешаванд ва бо фармоишҳои роҳбари мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амал татбиқ карда мешаванд.

6. Ваколатҳои роҳбари мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Низомномаи мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

7. Дар назди мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дигар мақомот оид ба масъалаҳои муайяни фаъолият дар соҳаи идоракунии мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис диҳад. Функсия ва ваколатҳои мақомоти мазкур дар Низомномаи мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё низомномаҳои ҳамин мақомот пешбинӣ карда мешаванд.

Моддаи 15. Мақоми назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Мақоми назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ буда, функсияҳои махсуси иҷроиявӣ, назоратӣ, иҷозатдиҳӣ ва дигар функсияҳоро дар соҳаи муқаррарнамудаи фаъолият анҷом медиҳад. Ба мақоми назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон раис, сардор, директор роҳбарӣ менамояд.

2. Мақоми назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон функсияҳои худро мустақиман ё тавассути мақомоти ҳудудии худ анҷом медиҳад.

3. Мақоми назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва барҳам дода мешавад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбар, муовини якум ва муовинони роҳбари мақоми назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба вазифа

таъин ва аз вазифа озод менамояд. Мақоми назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикнстон ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботдиҳанда мебошад.

4. Дар мақоми назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии роҳбари мақоми назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳайати мушовара ташкил карда мешавад, ки ба ҳайати он муовинони роҳбар (аз рӯи вазифа) ва кормандони пешбари мақоми назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд. Аъзои ҳайати мушовара ба ғайр аз шахсоне, ки аз рӯи вазифа дохил мешаванд, бо пешниҳоди роҳбари мақоми назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд. Қарорҳои ҳайати мушовара тибқи тартиби муқарраргардида бо аксари овози аъзои он қабул карда шуда, бо протокол ба расмият дароварда мешаванд ва бо фармоишҳои роҳбари мақоми назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амал татбиқ карда мешаванд.

5. Ваколатҳои роҳбари мақоми назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Низомномаи мақоми назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

6. Дар назди мақоми назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дигар мақомот оид ба масъалаҳои муайяни фаъолият дар соҳаи идоракунии мақоми назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис диҳад. Функсия ва ваколатҳои мақомоти мазкур дар Низомномаи мақоми назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё низомномаҳои ҳамин мақомот пешбинӣ карда мешаванд.

Моддаи 16. Мақомоти машваратию маслиҳатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти машваратию маслиҳатӣ таъсис диҳанд, ки дорои ваколатҳои мустақили ҳокимият намебошанд ва функсияҳои идоракунии давлатиро анҷом намедиҳанд.

2. Вазифа ва тартиби фаъолияти мақомоти машваратию маслиҳатиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, Низомномаи онҳоро тасдиқ менамоянд.

БОБИ 3. АСОСҲОИ ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ МАРКАЗИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ

Моддаи 17. Дастгоҳи мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ

1. Барои таъмини фаъолияти мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани ваколатҳои он дастгоҳи мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ (минбаъд - дастгоҳ) таъсис дода мешавад.

2. Дастгоҳ таъминоти ҳуқуқӣ, ташкилӣ, илмию таҳлилӣ, иттилоотию ахборотӣ ва дигар намудҳои таъмини фаъолияти мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатиро амалӣ менамояд.

3. Роҳбари мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ низомномаҳои дастгоҳ ва воҳидҳои сохтории он, басти вазифаҳои дастгоҳро дар доираи сметаи хароҷоти мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ тасдиқ намуда, оид ба масъалаҳои ташкил ва фаъолияти дастгоҳ фармоиш (қарор) қабул мекунад.

4. Воҳидҳои сохтории дастгоҳ ва воҳидҳои тобеи мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ вобаста ба функсия, ваколат ва шумораи ниҳоии кормандон метавонанд дар шакли зерин ташкил карда шаванд:

- сарраёсат;
- раёсат;
- шӯъба;
- бахш.

5. Воҳидҳои сохтории дастгоҳ шахси ҳуқуқӣ ба ҳисоб нарафта, ҳамчун воҳидҳои ташкилию иҷроявии таъминкунанда ва ба танзим дароварандаи фаъолияти дастгоҳ буда, Қисми таркибии ҷудонашавандаи дастгоҳи дахлдор ба ҳисоб мераванд.

6. Дастури методӣ оид ба таҳияи низомномаҳои дастгоҳ, воҳидҳои сохтории он ва воҳидҳои тобеи мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, инчунин тартиби намунавии ташаккули воҳидҳои сохтории дастгоҳ, ва воҳидҳои тобеи мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

Моддаи 18. Низомномаи мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ

1. Низомномаи мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ санади меъёрии ҳуқуқӣ буда, аз ҷониби муассиси мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

2. Низомномаи мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ маълумоти зеринро дар бар мегирад:

- номи пурра ва маҳали ҷойгиршавии мақом;
- соҳаи фаъолият, ваколат ва вазифаҳои мақом;
- ташкили роҳбарӣ, аз ҷумла самтҳои дақиқи ҳисоботдиҳӣ ва низоми назорати дохилӣ;

- ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои роҳбари мақом;

- дигар муқаррароти моҳиятан муҳиме, ки аз мушаххасоти фаъолият дар соҳаи идоракунии мақом бармеоянд.

Моддаи 19. Назорати дохилӣ

1. Дар мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон воҳидҳои назорати дохилӣ таъсис дода мешаванд ва фаъолият менамоянд.

2. Назорати дохилӣ бояд инҳоро таъмин намояд:

- риояи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти мақом;

- ҳифзи молу мулк аз хароҷоти зиёд, расонидани зарар бинобар истифодаи ғайримақсаднок, идоракунии бесалоҳият ва дигар сабабҳои шабеҳ;

- мақсаднок ва самаранок будани фаъолияти мақом ҳангоми иҷрои вазифаҳои он;

- ҷамъоварӣ, нигоҳдошт ва ба иттилои омма расонидани маълумоти саҳеҳ, саривақтӣ ва боэътимод оид ба фаъолияти мақом.

3. Назорати дохилиро дар мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ роҳбари мақом таъмин менамояд ва барои натиҷабахшии он масъул мебошад.

Моддаи 20. Вогузории функсияҳои ҳокимияти иҷроия

1. Мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ метавонанд дар ҳолатҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон функсияҳои дорои хусусияти ёрирасон ё функсияи хизматрасонӣ ба аҳолиро ба зиммаи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳо вогузор намоянд.

2. Вогузории функсияҳои ҳокимияти иҷроия дар ҳолатҳои зайл амалӣ карда мешавад:

- агар чунин имконият тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ ва танзим шуда бошад;

- агар вогузории функсияҳо аз нигоҳи иқтисодӣ асоснок бошад;

- агар ҳангоми иҷрои функсияи мазкур сифати он халалдор нагардад ва ба манфиатҳои оммавӣ зиён наоварад.

3. Вогузор намудани функсияҳо ва амалӣ намудани онҳо дар асоси шартномаи маъмурӣ анҷом дода мешавад.

4. Тартиби вогузор намудани функсияҳо, ба имзо расонидани шартномаи маъмурӣ ва амалӣ намудани онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

БОБИ 4. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

Моддаи 21. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур

Шахсони воҷеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Моддаи 22. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш.Душанбе
14 апрели соли 2012, №828

ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ МУРОҶИАТҲОИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ ВА ҲУҚУҚӢ»

Қонуни мазкур муносибатҳоро вобаста ба тартиби пешниҳод ва баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ҷиҳати ҳимояи ҳукуқу озодиҳо ва манфиати қонунии онҳо ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳо, муассисаҳо, корхонаҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ (минбаъд - мақомоту ташкилоти дахлдор), ирсол гардидаанд, танзим менамояд.

БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- муроҷиатҳо - ариза, дархост, таклиф, шикояти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар шакли хаттӣ, электронӣ ё шифоҳӣ ба мақомоту ташкилоти дахлдор пешниҳод шудаанд;

- ариза - хоҳиш дар бораи мусоидат намудан ба амалисозии ҳуқуқу озодиҳо ва манфиати қонунии худ, ҳуқуқу озодиҳо ва манфиати қонунии шахсони дигар ё пешниҳод намудани маълумот дар бораи вайрон кардани Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар, норасоиҳо дар фаъолияти мақомоту ташкилоти дахлдор ё танқиди фаъолияти шахсони мансабдор, роҳбарон ва кормандони мақомоту ташкилоти дахлдор;

- дархост - хоҳиш дар бораи аз ҷониби шахси ваколатдор дар доираи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро намудани амали муайян барои қонеъ намудани талаботи муроҷиаткунанда;

- таклиф - тавсия оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар, фаъолияти мақомоту ташкилоти дахлдор, рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, беҳгардонии соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва дигар самтҳои фаъолияти давлат ва ҳаёти ҷомеа;

- шикоят - изҳори норозигӣ нисбат ба амали (беамалии) шахсони мансабдор, роҳбарон ва шахсони ваколатдоршудаи мақомоту ташкилоти дахлдор ҷиҳати ҳимоя ва барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳо ё манфиати қонунии вайронгардидаи худ ё шахсони дигар;

- муроҷиаткунанда - шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ ё намояндаи қонунии ӯ, ки ба мақомоту ташкилоти дахлдор оид ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва

манфиати қонунии худ, ҳуқуқу озодиҳо ва манфиата қонунии шахсони дигар муроҷиат намудааст;

- муроҷиати электронӣ - муроҷиате, ки ба суроғаи расмии почтаи электронии мақомоту ташкилоти дахлдор ворид гардидааст ё дар сомонаи расмии мақомоту ташкилоти дахлдор дар шабакаи Интернет ҷойгир карда шудааст;

- муроҷиати шифоҳӣ - муроҷиате, ки зимни қабули шахсӣ ба шахси мансабдор ё ваколатдоршудаи мақомоту ташкилоти дахлдор изҳор гардидааст ё тавассути алоқаи телефонӣ (мобилӣ) баён шудааст;

- муроҷиат тавассути воситаҳои ахбори омма - муроҷиати дар матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма вобаста ба фаъолияти мақомоту ташкилоти дахлдор нашр ё тавассути воситаи ахбори омма паҳнгардида;

- муроҷиати дастҷамъона - муроҷиати ду ва зиёда шахсон ё аз номи гурӯҳи шаҳрвандон пешниҳодгардида;

- муроҷиати такрорӣ - муроҷиати хаттӣ, шифоҳӣ ё электронии такрорӣ ба ҳамон як мақомоту ташкилот, ки дорои далелҳои нав намебошад, бо зикри масъалаҳое, ки доир ба онҳо вобаста ба муроҷиати қаблӣ моҳиятан ҷавоб гардонида шудааст ва дар муроҷиати навбатӣ ваҷҳ ё ҳолатҳои нав оварда нашудаанд;

- шахсони баррасикунандаи муроҷиат - шахсони мансабдор ва шахсони ваколатдори мақомоту ташкилоти дахлдор, ки бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муроҷиатҳоро моҳиятан баррасӣ менамоянд;

- китоби арзу шикоятҳо - китоби шакли ягона, ки барои қайди муроҷиатҳо доир ба фаъолияти мақомоту ташкилоти дахлдор, соҳибкорони инфиродӣ, сифати хизматрасонӣ, иҷрои корҳои муайян, молҳои истеҳсолнамудаи онҳо ва дигарҳо пешбинӣ шудааст.

Моддаи 2. Принсипҳои Қонуни мазкур

Баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба принсипҳои зерин асос меёбад:

- қонуният;
- адолат;
- баробаӣ дар назди қонун;
- инсондӯстӣ;
- ошкорбаёнӣ;
- илмият;
- талаботи ягона ба муроҷиатҳо;
- таъмин ва риояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои шахсони муроҷиаткунанда;

- пурра, ҳамаҷониба, холисона ва дар муҳлати муқарраргардида баррасӣ кардани муроҷиатҳо;

- шаффофияти фаъолият ҳангоми баррасии муроҷиатҳо.

Моддаи 3. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

Моддаи 4. Доираи амали Қонуни мазкур

1. Амали Қонуни мазкур нисбат ба муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба мақомоту ташкилоти дахлдор татбиқ мегардад, ба истисноии муроҷиатҳое, ки тибқи талаботи Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофивии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин, муроҷиатҳои дигар, ки нисбат ба онҳо бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигари пешниҳод ва баррасӣ пешбинӣ шудааст.

2. Муқаррароти Қонуни мазкур ба мукотиботи байни мақомоти давлатӣ ва сохторҳои зертобеи онҳо паҳн намегардад.

БОБИ 2. КАФОЛАТИ ҲУҚУҚИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ ВА ҲУҚУҚӢ БА МУРОҶИАТ

Моддаи 5. Манъ будани маҳдудкунии ҳуқуқ ҳангоми пешниҳоди муроҷиатҳо

Ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқи муроҷиат маҳдудкунӣ вобаста ба миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсилот ва молу мулк, инчунин шакли моликият, маҳалли ҷойгиршавӣ, шакли ташкилию ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ манъ аст.

Моддаи 6. Кафолати амнияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ вобаста ба муроҷиати онҳо

1. Таъқиб намудани шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бинобар муроҷиати онҳо ба мақомоту ташкилоти дахлдор вобаста ба танқиди фаъолияти мақомоту ташкилот ё шахсони мансабдору роҳбарони онҳо ҷиҳати барқарор ё ҳимоя намудани ҳуқуқу озодиҳо ва манфиати қонунии худ ё ҳуқуқу озодиҳо ва манфиати қонунии шахсони дигар манъ аст.

2. Ҳангоми баррасии муроҷиат бидуни розигии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ифшо намудани маълумоти дар муроҷиат зикргардида инчунин, маълумоти ба ҳаёти шахсӣ ва (ё) фаъолияти шахси ҳуқуқӣ алоқаманд манъ аст. Маълумоти дар муроҷиати хаттӣ дарҷгардида, ки ба мақомоту ташкилоти дахлдор ирсол карда шуда, ҳалли онҳо ба салоҳияти мақомоту ташкилот ва шахсони ваколатдоршуда мансуб аст, ошкор кардани маълумот ба ҳисоб намеравад.

БОБИ 3. ҲУҚУҚ, УҲДАДОРИҲО ВА ТАЛАБОТ БА МУРОҶИАТҲОИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ ВА ҲУҚУҚӢ

Моддаи 7. Ҳуқуқи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба муроҷиат

1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳуқуқ доранд шахсан ё якҷоя бо дигарон ва (ё) тавассути намояндагони ваколатдори худ дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ ва электронӣ ба мақомоту ташкилоти дахлдор муроҷиат намоянд.

2. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳуқуқи худро оид ба муроҷиатҳо озодона ва ба таври ихтиёрӣ амалӣ менамоянд. Маҷбур намудани шахс барои муроҷиат кардан ё ширкат намудан дар пешниҳоди он манъ аст.

3. Амалӣ намудани ҳуқуқ ба муроҷиат набояд ҳуқуқ ва озодиҳои шахсони дигарро халалдор созад.

Моддаи 8. Уҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ зимни пешниҳоди муроҷиатҳо

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ уҳдадоранд:

- матни муроҷиатҳои хаттӣ ва ҳуҷҷатҳои замимашударо дар шакли хондашаванда пешниҳод намоянд;
- ба шахсони мансабдор ва шахсони ваколатдори дигар эҳтиромона муносибат намоянд, ба истифодаи ифодаҳои қабеҳу таҳқиркунанда, таҳдид ба ҳаёту саломатӣ ва молу мулки шахси баррасикунандаи муроҷиат ё аъзои оилаи он роҳ надиҳанд;
- оид ба иваз намудани маҳалли будубош, суроғаи маҳалли истиқомат, рақами телефонҳо, суроғаи почтаи электронӣ сари вақт мақомоту ташкилоти баррасикунандаи муроҷиатро огоҳ намоянд;
- уҳдадориҳои дигари пешбининамудаи Қонуни мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро намоянд.

Моддаи 9. Қабули шахсӣ

1. Дар мақомоту ташкилоти дахлдор маҳал, рӯз ва соати қабули муроҷиаткунандагонро роҳбарони он муайян мекунанд. Шахсони мансабдор ва шахсони ваколатдоршуда уҳдадоранд дар асоси ҷадвали тасдиқнамудаи роҳбари мақомоту ташкилоти дахлдор муроҷиаткунадагонро шахсан қабул намоянд.

2. Қабули шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ (намояндагони онҳо) дар маҳалли ҷойгиршавии мақомоту ташкилоти дахлдор, дар рӯз ва соати муайянгардида тибқи ҷадвали қабул гузаронида мешавад. Ин иттилоот бояд тавассути дар лавҳаи эълонҳо насб намудани ҷадвали қабул, ҷойгир намудани он дар сомонаҳо ва воситаҳои дигари техникӣ дастраси шаҳрвандон бошад.

3. Муҳтавои муроҷиатҳои шифоҳӣ дар китоби қабули муроҷиаткунандагон дарҷ карда мешавад. Дар сурате, ки ҳодиса ва ҳолатҳои дар муроҷиати шифоҳӣ иброзгардида аён бошанд ва санҷиши иловагиро талаб накунанд, посух ба муроҷиаткунандагон бо розигии онҳо зимни қабули шахсӣ мумкин аст ба тариқи шифоҳӣ дода шавад ва дар ин бора дар китоби қабули муроҷиаткунандагон қайд гузошта мешавад. Агар муроҷиати шифоҳӣ дар рафти қабули шахсӣ бинобар зарурати санҷиши иловагӣ ҳалли худро наёбад, ҳуҷҷати алоҳида дар шакли варақаи қабули муроҷиаткунанда ба расмият дароварда шуда, дар он муҳтавои муроҷиат қайд карда мешавад ва он ҳамчун муроҷиати хаттӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад.

4. Муроҷиатҳои хаттии зимни қабули шахсӣ супоридашуда, ба қайд гирифта шуда, бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур баррасӣ карда мешаванд.

5. Шахсони мансабдор ва шахсони ваколатдоршуда ҳуқуқ надоранд, қабули шахсони воқеӣ ва намояндаи шахсони ҳуқуқиро рад намоянд, агар масъалаҳои дар муроҷиат зикршуда ба салоҳияти ҳамин мақомоту ташкилот мансуб бошанд, ба истиснои ҳолатҳое, ки қаблан зимни қабули шахсӣ муроҷиати муроҷиаткунанда айнан бо ҳамин мазмун ҳал гардида, дар ин хусус ӯ хабардор бошад ё ин ки тавассути мактуб ҷавоб (муроҷиати такрорӣ) ирсол гардида бошад.

6. Агар дар муроҷиат масъалаҳое гузошта шуда бошанд, ки ҳалли онҳо ба салоҳияти мақомоту ташкилоти дахлдор дохил намешавад, ба муроҷиаткунанда дар хусуси ба кадом мақомот муроҷиат намудан фаҳмонида мешавад.

7. Агар муроҷиаткунанда зимни қабули шахсӣ нисбати шахси мансабдор ё шахси ваколатдоршудае, ки қабули шахсиро анҷом медиҳад муносибати беэҳтиромона зоҳир намуда, ба истифодаи ифодаҳои қабеҳ, таҳқиркунанда, таҳдид ба ҳаёту саломатии ӯ ё аъзои оилааш роҳ диҳад, шахси мансабдор ё шахси ваколатдоршуда ҳуқуқ дорад қабулро қатъ намояд.

8. Бо қарори роҳбари мақомоту ташкилоти дахлдор қабули шахсии сайёр, инчунин номнавис намудани пешакиро барои чунин қабул ташкил кардан мумкин аст.

9. Ҳангоми қабули шахсӣ бо қарори роҳбари мақомоту ташкилоти дахлдор ва розигии хаттии муроҷиаткунанда мумкин аст воситаҳои техникии махсус ба монанди, сабти видеоӣ ё аудиоӣ, расмгирӣ истифода шаванд.

10. Зимни муроҷиати шифоҳӣ муроҷиаткунанда бояд ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсиятро пешниҳод намоянд. Намояндаи муроҷиаткунанда, инчунин бояд ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ваколаташро пешниҳод намояд.

Моддаи 10. Талабот ба муроҷиатҳои хаттӣ

1. Шахси воқеӣ дар муроҷиати хаттӣ бояд насаб, ном, номи падар, суроғаи маҳалли истиқомат, маълумот оид ба маҳали воқеии истиқомат (агар чунин ҳолат ҷой дошта бошад), муҳтавои муроҷиатро дарҷ намуда, онро имзо намояд.

2. Дар муроҷиати шахси ҳуқуқӣ бояд номи пурраи шахси ҳуқуқӣ, суроғаи маҳалли ҷойгиршавӣ, сана, рақами содиротӣ ва муҳтавои муроҷиат нишон дода шаванд. Муроҷиат бояд аз ҷониби шахси мансабдор ё ваколатдоршуда имзо карда шавад.

3. Ба муроҷиатҳое, ки тавассути намояндаи шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ пешниҳод карда мешаванд, ҳуҷҷати тасдиққунандаи ваколати намоянда замима карда мешавад.

4. Муроҷиатҳои хаттӣ тавассути хизматрасонии алоқаи почта, зимни қабули шахсӣ, тавассути хаткашон ё бо роҳи сабт намудани арзу шикоят ё таклифҳои худ дар китоби арзу шикоятҳои мақомоту ташкилоти дахлдор пешниҳод карда мешаванд.

5. Ҳангоми зарурат, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои тасдиқи ваҳҳояшон ҳуҷҷатҳо (мавод) ё нусхаи онҳоро ба муроҷиати хаттиашон замима менамоянд.

Моддаи 11. Талабот ба муроҷиатҳои электронӣ

1. Муроҷиатҳои электронӣ дар шакли ҳуҷҷати электронии бо имзои электронии рақамӣ тасдиқшуда ва дорои дигар маълумотҳои барои ҳуҷҷатҳои электронӣ ҳатмӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, пешниҳод карда мешавад.

2. Дар муроҷиатҳо насаб, ном, номи падари шахси воқеӣ, номи пурраи шахси ҳуқуқӣ, суроғаи почтаи электронии муроҷиаткунандагон ва муҳтавои муроҷиат зикр карда мешаванд.

3. Муроҷиатҳои электронӣ метавонанд дорои маълумоти иловагӣ дар бораи муроҷиаткунанда бошанд, аз ҷумла маҳалли ҷойгиршавӣ, рақами факс, рақами телефон ва дигарҳо.

Моддаи 12. Талабот ба муроҷиатҳо тавассути алоқаи телефонӣ (мобилӣ)

1. Муроҷиатҳое, ки ба воситаи алоқаи телефонӣ (мобилӣ) ба мақомоту ташкилоти дахлдор арз карда мешаванд, бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур баррасӣ карда мешаванд.

2. Зимни муроҷиат намудан тавассути алоқаи телефонӣ (мобилӣ) бояд муҳтавои муроҷиат, насаб, ном ва номи падари муроҷиаткунанда, суроғаи маҳалли истиқомат ё ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ, рақами телефон (мобилӣ) суроғаи почтаи электронӣ баён карда шаванд.

3. Шахси мансабдор ё шахси ваколатдоршуда, ки муроҷиати телефонӣ (мобилӣ)-ро қабул намудааст, дар шакли варақаи қабули муроҷиати телефонӣ (мобилӣ) ҳуҷҷати алоҳида, таҳия мекунад, ки дар он муҳтавои муроҷиат, насаб, ном ва номи падари муроҷиаткунанда, суроғаи маҳалли истиқомат ё ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ, рақами телефон (мобилӣ), суроғаи почтаи электрониро дарҷ карда, онро бо имзои худ тасдиқ менамояд.

БОБИ 4. ТАРТИБИ ПЕШНИҲОД ВА МУРОҶИАТҲОИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ ВА ҲУҚУҚӢ ВА БАРРАСИИ ОНҲО

Моддаи 13. Тартиби пешниҳоди муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ

1. Муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бевосита ба мақомоту ташкилоти дахлдор, ки баррасии масъалаҳои дар муроҷиат дарҷгардида ба салоҳияти онҳо мансуб аст ё бо тартиби тобеияти идоравӣ ба мақомоти болоӣ, ки шахси амалаш мавриди шикоят қарор гирифта тобеи он аст, пешниҳод карда мешаванд.

2. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳуқуқ доранд шахсан ё тавассути намояндаи ваколатдори худ муроҷиати хаттии худро ба мақомоту ташкилоти дахлдор ба воситаи алоқаи почта ё почтаи электронӣ ирсол намоянд. Ба манфиати ноболиғон, шахсони ғайриқобили амал ё қобилияти амалашон маҳдуд бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагони қонунии онҳо ё мақомоти ваколатдор муроҷиатҳоро пешниҳод менамоянд.

Моддаи 14. Муҳлати пешниҳоди муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ

1. Барои пешниҳоди ариза, дархост, таклиф аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ муҳлат муқаррар карда намешавад.

2. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳуқуқ доранд шикоятҳои худро дар муддати се сол аз рӯзи огоҳ шудани онҳо оид ба вайрон гардидани ҳуқуқу озодиҳо ва манфиати қонунии худ пешниҳод намоянд.

3. Барқарор намудани муҳлати бо сабабҳои узрнок гузаронидашуда (беморӣ вазнин, маъюбӣ, сафари хизматии дарозмуддат ва ғайра), ки бо ҳуҷҷатҳои дахлдор тасдиқ гардидаанд, ба ваколати роҳбари мақомоту ташкилоти дахлдор (шахси бо супориши ӯ баррасикунандаи муроҷиат) мансуб мебошад.

Моддаи 15. Қабул, бақайдгирӣ ва баҳисобгирии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ

1. Муроҷиатҳое, ки бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур пешниҳод шудаанд, бояд аз ҷониби мақомоту ташкилоти дахлдор қабул карда, дар варақаи иттилоотӣ ба қайд гузошта ва бо додани рақами алоҳида ба ҳар як муроҷиат ба ҳисоб гирифта шаванд. Рад кардани қабули муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ манъ аст.

2. Муроҷиатҳои воридгардида, новобаста ба тобеияти идоравии онҳо, бояд дар мақомоту ташкилоти дахлдор ба қайд гирифта шаванд.

3. Баҳисобгирии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоту ташкилоти баррасикунандаи муроҷиат анҷом дода мешавад.

4. Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии омориро оид ба муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

5. Масъулият оид ба ташкили қабул, бақайдгирӣ, дар муҳлати муқарраргардида баррасӣ намудан ва баҳисобгирии омории муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба зиммаи роҳбарони мақомоту ташкилоти дахлдор вогузор карда мешавад.

6. Баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ройгон мебошад, агар бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

Моддаи 16. Ҳуқуқҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ зимни баррасии муроҷиати онҳо

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки муроҷиат пешниҳод намудаанд, ҳуқуқ доранд:

- дар баррасии муроҷиат бевосита ширкат намоянд;
- шахсан ба шахсони мансабдор ва ваколатдоршудае, ки муроҷиатро баррасӣ мекунанд, ваҳҳои худро изҳор кунанд;
- барои тасдиқи муроҷиати худ ҳуҷҷатҳо ва маводи иловагиро пешниҳод ё дар бораи талаб кардани онҳо дархост намоянд;
- бо маводи ҷамъовардашуда шинос шаванд, агар ин ҳолат ҳуқуқу озодиҳо ва манфиати қонунии шахсони дигарро халалдор насозад, инчунин ҳуҷҷатҳо дорои маълумоти сирри давлатӣ ё дигар сирри бо қонун ҳифзшаванда набошанд;
- оид ба рафти баррасии муроҷиат маълумот гиранд;
- аз рӯи моҳияти масъалаҳои дар муроҷиат изҳоршуда ҷавоби хаттӣ гиранд, ба истиснои ҳолатҳои дар қисми 1 моддаи 19 Қонуни мазкур зикргардида, дар бораи фиристодани муроҷиат ба мақомоту ташкилоти дахлдори дигар, ки ҳал кардани масъалаҳои дар муроҷиат изҳоршуда ба салоҳияти онҳо мансуб аст;
- то моҳиятан баррасӣ гардидани муроҷиат ҷиҳати бозпас намудани он дархост намоянд;

- ҷуброни зарари расонидашударо аз шахсони гунаҳгор бо тартиби муқаррарнамудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб намоянд;

- нисбат ба натиҷаи баррасии муроҷиат ё аз амал (беамалӣ)-и шахсони баррасикунандаи муроҷиат бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти болоӣ ва (ё) суд шикоят намоянд;

- ҳуқуқҳои дигари пешбининамудаи Қонуни мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро амалӣ намоянд.

Моддаи 17. Уҳдадориҳои мақомоту ташкилоти дахлдор, ки муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро баррасӣ менамоянд

1. Муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ба мақомоту ташкилоти дахлдор воридгардида бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

2. Мақомоти баррасикунандаи муроҷиат уҳдадоранд:

- баррасии воқеъбинона, холисона, беғаразона ва саривақтии муроҷиатҳоро таъмин намуда, масъалаҳои гузошташударо ҳангоми зарурат бо иштироки муроҷиаткунандагон, даъвати шахсони дахлдор санҷанд;

- барои пурра, холисона ва ҳаматарафа баррасӣ намудани муроҷиат аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва аз мақомоту ташкилоти дахлдор маводи заруриро талаб намоянд;

- барои барқарор кардан ва (ё) ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии вайрон гардидаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ чорачӯӣ намоянд;

- аз рӯи моҳияти масъалаҳои дар муроҷиат гузошташуда, ба истиснои ҳолатҳои дар қисмҳои 1 ва 4 моддаи 19 Қонуни мазкур пешбинигардида, ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ посухи хаттӣ диҳанд;

- муроҷиаткунандаро дар мӯҳлати се рӯз аз лаҳзаи қабули қарор оид ба ирсоли муроҷиат барои баррасӣ аз рӯи тобеият ба дигар мақомоту ташкилоти дахлдор хабардор намоянд;

- муроҷиатро асоснок ва тибқи қонун ҳал намуда, иҷрои онро назорат намоянд;

- посух ба муроҷиат бояд бо забони давлатӣ ва ҳангоми мавҷуд будани дархост инчунин бо забоне, ки муроҷиат навишта шудааст, вобаста ба ҳар як масъалаи гузошташуда, бо асосноккунии тасдиқ ё рад намудани ҳолатҳои зикршуда ва бо назардошти меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба роҳбарӣ гирифта шудаанд, омода карда шавад;

- доир ба натиҷаи баррасии муроҷиат ба муроҷиаткунанда иттилоот диҳанд;

- тартиби шикоят намуданро ба муроҷиаткунанда нисбати натиҷаи баррасии муроҷиат (посух ба муроҷиат) фаҳмонида диҳанд;

- маълумотҳоро оид ба баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мунтазам таҳлил намуда, барои бартараф намудани сабабу шароитҳое, ки боиси вайронкунии ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ гардидаанд, тадбирҳо андешанд;

- уҳдадориҳои дигари пешбининамудаи Қонуни мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро иҷро намоянд.

Моддаи 18. Муҳлати баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ

1. Муроҷиатҳои ба мақомоту ташкилоти дахлдор пешниҳодшуда дар давоми си рӯз ва муроҷиаҳое, ки омӯзишу таҳқиқи иловагиро талаб намекунанд, дар муҳлати понздаҳ рӯз аз рӯзи ба қайд гирифта шуданашон баррасӣ карда мешаванд.

2. Дар ҳолатҳои истисноӣ, инчунин дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 2 моддаи 20 Қонуни мазкур роҳбари мақомоту ташкилоти дахлдор ҳуқуқ дорад муҳлати баррасии муроҷиатро ба муддати на зиёдтар аз сӣ рӯз тамдид намуда, дар ин хусус ба муроҷиаткунанда дар муҳлати се рӯз хабар расонад.

Моддаи 19. Фиристондани муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои баррасӣ ба мақомоту ташкилоти дахлдор аз рӯи тобеият

1. Муроҷиатҳои хаттие, ки ҳалли масъалаҳои дар он гузошташуда ба салоҳияти мақомот ва ташкилоти дахлдор мансуб нест, дар давоми се рӯз аз рӯзи ба қайд гирифтан ба мақомоту ташкилоти салоҳиятдоре, ки ҳалли масъалаҳои дар муроҷиатҳо дарҷгардида ба тобеияти онҳо мансубанд, ирсол карда мешавад. Дар ин хусус муроҷиаткунанда ба таври хаттӣ огоҳ карда мешавад.

2. Мақомоту ташкилоти дахлдор дар мавриди ба баррасии дигар мақомоту ташкилот ирсол намудани муроҷиати хаттӣ, ҳангоми зарурат метавонанд аз онҳо оид ба натиҷаи баррасии муроҷиат маълумот талаб намоянд.

3. Ба шахси мансабдор ё роҳбари мақомоту ташкилоти дахлдор, ки қарор ё амал (беамалӣ)-и ӯ мавриди шикоят қарор гирифтааст, ирсол намудани шикоят барои баррасӣ манъ аст.

4. Агар муроҷиат маълумотҳои заруриро барои ирсол намудани он ба мақомоту ташкилоти салоҳиятдор надошта бошад, он дар муҳлати се рӯз ба муаллиф баргардонида мешавад ва ба ӯ ҳуқуқи бо тартиби муқарраргардида ба мақомоти болоӣ ва (ё) суд шикоят овардан нисбат ба қарор ё амал (беамалӣ) тавзеҳ дода мешавад.

Моддаи 20. Моҳиятан баррасӣ намудани муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ

1. Муроҷиатҳое, ки ба мақомоту ташкилоти дахлдор ворид гардидаанд, аз ҷониби шахсони мансабдор ва шахсони ваколатдоршуда, ки баррасии муроҷиатҳо ба зиммаашон вогузор карда шудааст, баррасӣ карда мешаванд.

2. Барои пурра, холисона ва дар муҳлати муқаррарнамудаи Қонуни мазкур баррасӣ намудани муроҷиатҳо шахсони мансабдор ва шахсони ваколатдоршуда ҳуқук доранд ҳангоми зарурат барои гирифтани маълумотҳои иловагӣ дар доираи ваколатҳои худ аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, мақомоту ташкилоти дахлдор мавод талаб намоянд. Мақомоту ташкилоти дахлдор тибқи дархости мақомоти баррасикунандаи муроҷиат уҳдадоранд дар муҳлати панҷ рӯз пас аз ворид шудани дархост маълумоти талабшударо ирсол намоянд, ба истисноии ҳуҷҷатҳое (мавод), ки дорои маълумоти сирри давлатӣ ё сирри дигари бо қонун ҳифзшаванда мебошанд ва ба онҳо тартиби махсуси пешниҳод муқаррар гардидааст. Дар сурати ғайриимкон будани пешниҳоди маълумот, мақомоту ташкилоти пешниҳодкунандаи маълумот дар ин хусус бояд дар муҳлати се рӯз ба таври хаттӣ мақомоти баррасикунандаи муроҷиатро хабардор намоянд.

3. Муроҷиатҳои хаттӣ дар сурате баррасишуда эътироф карда мешаванд, агар ҳамаи масъалаҳои дар муроҷиат зикрёфта ҳал гардида, барои таъмини ҳифз, амалигардонӣ ва барқарорсозии ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии муроҷиаткунанда чораҳо андешида, ба муроҷиаткунанда ҷавоби хаттӣ ирсол шуда бошад.

4. Дар сурати дар ҳузури муроҷиаткунанда ҳал гардидани масъалаҳои дар муроҷиат зикршуда, ба муроҷиаткунанда ҷавоби хаттӣ фиристонда намешавад, агар ӯ ҷавоби хаттиро талаб накунад. Дар чунин ҳолат натиҷаи баррасии муроҷиат бевосита дар худи матни муроҷиат ё дар китоби арзу шикоятҳо қайд гардида, муроҷиаткунанда бо имзо онро тасдиқ менамояд.

5. Муроҷиати шифоҳӣ дар сурате баррасигардида ҳисоб меёбад, ки ҳамаи масъалаҳои зимни қабули шахсӣ ё тавассути алоқаи телефонӣ (мобилӣ) изҳоршуда ҳал гардида, барои таъмини ҳифз, амалигардонӣ ва барқарорсозии ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ чораҳо андешида, дар ин хусус муроҷиаткунанда хабардор шуда бошад.

6. Ҳангоми дар муроҷиатҳо мавҷуд набудани дархост, таклиф ё шикоят вобаста ба фаъолияти мақомоту ташкилот ё дар онҳо зикр гардидани сипосмандӣ, чунин муроҷиатҳо ба маълумот гирифта шуда, ба онҳо ҷавобҳо ирсол карда намешаванд.

7. Шахсони мансабдор ё ваколатдоршудаи мақомот ё ташкилоти дахлдор, ҳангоми зарурат метавонанд бевосита муроҷиатҳоро бо баромадан ба маҳал (баррасии сайёр) баррасӣ намоянд.

8. Посухи муроҷиатҳоро роҳбар ё шахси ба он ваколатдоршудаи мақомоту ташкилоти дахлдор имзо менамояд.

9. Посух ба муроҷиатҳои дар шакли электронӣ ё тавассути алоқаи телефонӣ (мобилӣ) пешниҳодшуда, ба суроғаи почтаи электронии дар муроҷиат нишондодашуда ё ин ки дар шакли хаттӣ ба суроғаи маҳалли истиқомати шахсони воқеӣ ё ҷойгиршавии шахсони ҳуқуқӣ ирсол карда мешавад.

Моддаи 21. Баррасии муроҷиатҳои алоҳида

1. Муроҷиатҳои хаттӣ ва электроние, ки дар онҳо насаб, ном, номи падари шахси воқеӣ, маълумот дар бораи суроғаи маҳалли истиқомат ё номи пурраи шахси ҳуқуқӣ ва суроғаи маҳалли ҷойгиршавии он зикр нашудаанд ё хато нишон дода шудаанд, инчунин бе имзо (имзои электронии рақамӣ) пешниҳод шудаанд, муроҷиатҳои беном дониста шуда, мавриди баррасӣ қарор намегиранд, агар онҳо дорои маълумот оид ба тайёрӣ барои содир кардани ҷиноят ё ҷинояти содиршуда набошанд.

2. Муроҷиатҳои хаттӣ ва электроние, ки дар онҳо насаб, ном, номи падари шахси воқеӣ, маълумот дар бораи суроғаи маҳалли истиқомат ё номи пурраи шахси ҳуқуқӣ ва суроғаи маҳалли ҷойгиршавии он ба таври аниқ зикр ёфтаанд, вале бидуни ризоят ва иҷозати муроҷиаткунанда пешниҳод шудаанд, мавриди баррасӣ қарор дода намешаванд.

3. Муроҷиатҳое, ки нисбат ба қарори суд пешниҳод шудаанд, дар муҳлати се рӯз аз рӯзи ба қайд гирифта шудан ба муроҷиаткунанда, ки онро ирсол намудааст, бо тавзеҳ додани тартиби шикоят овардан нисбат ба қарори суд баргардонида мешаванд.

4. Муроҷиатҳои дастҷамъона бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур баррасӣ карда мешаванд. Ҳангоми зарурат, агар муроҷиатҳои дастҷамъона диққату эътибори махсуси ҷамъиятиро талаб намоянд, онҳо ба таври сайёр дар маҳалли истиқомат ё маҳалли ҷойгиршавии муроҷиаткунандагон баррасӣ карда мешаванд, агар аз муроҷиатҳо тартиби дигар барнаояд.

5. Агар ҳалли масъалаи дар муроҷиат зикргардида ба якчанд мақомот ё ташкилот вобаста бошад, муроҷиат дар қисми дахлдор аз ҷониби мақомот ё ташкилоте, ки ба он муроҷиат ворид гардидааст, баррасӣ карда шуда, ба муроҷиаткунанда доир ба салоҳияти мақомот ё ташкилоти дигар мансуб будани қисми масъалаи пешниҳодшаванда ва ҳуқуқи ӯ ба муроҷиат ба мақомоту ташкилоти салоҳиятдор фаҳмонида мешавад.

6. Дар сурати ба якчанд суроғаи ирсол шудани ҳамон як муроҷиат, ки аз ҷониби мақомоту ташкилоти салоҳиятдор, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, баррасӣ карда мешавад.

Дар ин сурат мақомоту ташкилоти дигар бо тартиби пешбининамудаи қисми 1 моддаи 19 Қонуни мазкур муроҷиатро ба мақомоту ташкилоти салоҳиятдор ирсол менамоянд.

7. Муроҷиатҳое, ки дар матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма нашр ё тавассути онҳо паҳн гардидаанд, бо тартиб ва муҳлати муқаррарнамудаи Қонуни мазкур баррасӣ шуда, аз натиҷаи он ба шахсони манфиатдор хабар расонида мешавад.

8. Мақомоту ташкилоти дахлдор ҳангоми қабул намудани муроҷиатҳои хаттие, ки дар он ифодаҳои қабеҳ ё таҳқиркунанда, таҳдид ба ҳаёт, саломатӣ ва молу мулк баён гардидаанд, ҳуқуқ доранд чунин муроҷиатҳоро бе ҷавоб монанд. Дар ин хусус ба муроҷиаткунанда оид ба номумкин будани суиистифода аз ҳуқуқи муроҷиат хабар дода мешавад ё бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти салоҳиятдор шикоят пешниҳод карда мешавад.

9. Агар хондани матни муроҷиатҳои хаттӣ ғайриимкон бошад, ба чунин муроҷиатҳо посух дода намешавад ва дар ин хусус дар муҳлати се рӯз аз рӯзи ба қайд гирифтани муроҷиат ба муроҷиаткунандае, ки муроҷиатро ирсол намудааст, дар сурати хонда шудани ному насаб ва суроғаи маҳалли истиқомат ё маҳалли ҷойгиршавӣ хабар дода мешавад.

10. Муроҷиатҳои такрориро баррасӣ намуда, шахси мансабдор ё шахси ваколатдоршуда ҳуқуқ доранд, мукотиботро бо муроҷиаткунанда бинобар беасос будани муроҷиати навбатӣ қатъ намоянд, агар муроҷиати зикргардида ва муроҷиати қаблӣ ба ҳамон як мақомоту ташкилоти дахлдор бо ҳамон як муҳтаво ирсол шуда, натиҷаҳои санҷиши мукаммал мавҷуд бошанд. Аз натиҷаи қатъ гардидани баррасии муроҷиати такрорӣ муроҷиаткунанда хабардор карда мешавад.

11. Агар додани посух аз рӯи моҳияти масъалаҳои дар муроҷиатҳо гузошташуда бе ифшо намудани маълумотҳои дорои сирри давлатӣ ё сирри дигари бо қонун ҳифзшаванда ғайриимкон бошад, ба муроҷиаткунанда дар ин хусус хабар дода мешавад.

12. Дар сурати бартараф гардидани сабабҳое, ки бинобар ҷой доштани онҳо муроҷиат баррасӣ нагардида буд, муроҷиаткунанда ҳуқуқ дорад ба мақомоту ташкилоти дахлдор такроран муроҷиат намояд.

Моддаи 22. Бе баррасӣ монондани муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ

Муроҷиатҳои хаттӣ бе баррасӣ мононда мешаванд, агар:

- тавассути намояндагони шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ пешниҳод гардидаанд, вале онҳо ҳуҷҷатҳои тасдиккунандаи ваколатҳояшонро надоранд;

- ба талаботи пешбининамудаи қисмҳои 1, 8 ва 9 моддаи 21 Қонуни мазкур ҷавобгӯ набошанд;

- ҳангоми қабули шахсӣ ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсияти муроҷиаткунанда ё намояндаи ӯ пешниҳод карда нашаванд;

- ба талаботи моддаҳои 9-12 Қонуни мазкур ҷавобгӯ набошанд.

БОБИ 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

Моддаи 23. Ҷуброни зарари расонидашуда ва хароҷоти сарфшуда зимни баррасии муроҷиатҳо

1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳуқуқ доранд барои барқарор намудани зарар ва ҷуброни зарари маънавии дар натиҷаи амал (беамалӣ)-и ғайриқонунии мақомоту ташкилоти дахлдор зимни баррасии муроҷиат расонидашуда, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд муроҷиат намоянд.

2. Дар сурати аз тарафи муроҷиаткунанда дидаву дониста дар муроҷиат нишон додани маълумоти бардурӯғ, хароҷоти мақомоту ташкилоти дахлдор, ки зимни баррасии он сарф шудааст, бо қарори суд аз муроҷиаткунанда рӯёнида мешавад.

Моддаи 24. Назорати риояи тартиби баррасии муроҷиатҳо

Мақомоту ташкилоти дахлдор дар доираи салоҳияти худ риояи тартиби баррасии муроҷиатҳоро назорат карда, муҳтавои муроҷиатҳои дохилшударо ҳар нимсола мавриди таҳлил қарор дода, ҷиҳати ошкор ва бартараф сохтани сабабҳои риоя нагардидани ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тадбирҳо меандешанд.

Моддаи 25. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Моддаи 26. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон»

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 1996 «Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон« (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1996, №24, мод. 368; с. 1998, №10, мод. 79; с. 2006, №11, мод. 469; с. 2007, №7, мод. 666; с. 2010, №12, қ 1, мод. 805;с. 2012, №7, мод. 687) аз эътибор соқит дониста шавад.

Моддаи 27. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш.Душанбе
23 июли соли 2016, №1339

ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
«ДАР БОРАИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ»

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқию ташкилии муқовимат ба коррупсияро муайян намуда, ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлату ҷомеа, таъмини амнияти миллӣ, фаъолияти муътадили мақомоти давлатӣ ва беғаразӣ дар хизмати давлатӣ равона гардидааст.

БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

-**коррупсия** – кирдоре (ҳаракат ё беҳаракатие), ки аз ҷониби шахси барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба он баробаркардашуда бо истифода аз мақоми хизматии худ ва имкониятҳои он барои ба манфиати худ ё шахси дигар ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар содир карда мешавад, инчунин ба ин шахс бевосита ё бавосита додани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар ба субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд бо мақсади моил кардан ё мукофотонидани онҳо барои содир намудани чунин ҳаракатҳо ба манфиати шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ;

-**муқовимат ба коррупсия** – фаъолияти субъектҳои муқовимат ба коррупсия дар самти пешгирӣ, ошкор кардан, кушодан, таҳқиқу тафтиши ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ва ба ҷавобгарӣ кашидани субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд, бартараф намудани сабабу шароитҳои бавуҷудорандаи коррупсия ва оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ;

-**ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд** – ҳуқуқвайронкуниҳои бо Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинишудае, ки барои коррупсия шароит ба вуҷуд оварда, аз ҷониби субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд содир шуда, боиси ҷавобгарии бо қонунгузорӣ муқарраршудаи интизомӣ, маъмурӣ, граждани ва ҷиноятӣ мегарданд;

- **субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд** – шахси барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор, яъне шахсе, ки ба таври доимӣ, муваққатӣ ё бо ваколати махсус мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ ё мансабҳои давлатии хизмати давлатиро мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ишғол менамояд, шахси мансабдори мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин шахсони ба он баробаркардашуда (шахсе, ки бо тартиби

муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати номзад ба ишғоли мансабҳои давлатии интихобӣ ё узви мақомоти интихоботии давлатӣ ба қайд гирифта шудааст, шахсони мансабдори субъектҳои хоҷагидори давлатӣ, субъектҳои хоҷагидоре, ки дар онҳо ҳиссаи давлат на кам аз нисфро ташкил медиҳад, шахсони мансабдори ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, шахсони мансабдори давлатҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва намояндагиҳои онҳо, ки бо мақомоти давлатӣ, шахси мансабдор, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибат доранд), шахсе, ки хизматрасониҳои давлатиро амалӣ менамояд, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

-вазифаҳои давлатӣ – вазифаҳое, ки дар асоси Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардида, ба ваколатҳои давлат, мақомоти он ва шахсоне, ки мансабҳои давлатиро ишғол менамоянд, дохил мешаванд;

-истифода аз мақоми хизматӣ ё имкониятҳои он – истифодаи якдафъаина, такрорӣ ё мунтазам аз вазифаҳои давлатӣ ва имкониятҳои он, инчунин барқарор намудани алоқаҳои устувор бо як ё як чанд шахси барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба он баробаркардашуда, бо шахс ё гурӯҳи алоҳида бо мақсадҳои дар сархати якуми ҳамин модда номбаршуда, ки ба манфиатҳои шахс, давлат ва ҷомеа таҳдид мекунад ё зарар мерасонад;

-хешовандон – зан, шавҳар, фарзанд, падару модар, бародар, хоҳар, инчунин падару модар, бародар, хоҳар ва фарзандони зан ё шавҳар, амак, таго, хола, амма, қудо, келин, домод, бародарзода, хоҳарзода, фарзандхондагон, фарзандхондшудагон, инчунин шахси дигаре, ки бо шахси барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба он баробаркардашуда якҷоя зиндагӣ карда, хоҷагии умумӣ мебаранд;

-манфиати давлатӣ – ҳама гуна манфиате, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар ва ҳифз карда мешавад;

-манфиати шахсӣ – ҳама гуна манфиате, ки ба қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти моддию ғайримоддии шахс равона карда мешавад;

-бархӯрди манфиатҳо – ҳолати манфиатдории шахсии субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд, ки ҳангоми иҷрои вазифа метавонад боиси ба амал омадани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ гардад ва ба манфиатҳои шахси воқеӣ, ҳуқуқӣ, ҷомеа ва давлат зарар расонад;

-пешгирии коррупсия – фаъолияти субъектҳои муқовимат ба коррупсия дар самти огоҳ, пешгирӣ, ошкор, бақайдгирӣ, кушодан, таҳқиқу тафтиши кирдорҳои коррупсионӣ ва бартараф намудани сабабу шароитҳое, ки ба содиршавии ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд мусоидат мекунанд;

-хавфҳои коррупсионӣ – эҳтимолияти ҷой доштан ва ба вуҷуд омадани сабаб ва шароитҳое, ки метавонанд ба ҳар шакл ба содиршавии ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд мусоидат намоянд.

Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат ба коррупсия

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат ба коррупсия ба Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

Моддаи 3. Доираи амали Қонуни мазкур

Қонуни мазкур нисбат ба субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд паҳн мегардад, агар дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

Моддаи 4. Принсипҳои асосии муқовимат ба коррупсия

Муқовимат ба коррупсия дар асоси принсипҳои зерин амалӣ мегардад:

1) қонуният;

2) адолат;

3) афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

4) баробарии ҳама дар назди қонун;

5) шаффофият ва ошкорбаёнӣ;

6) ногузир будани ҷавобгарӣ барои содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд;

7) пешгирӣ ва бартараф намудани оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд;

8) таъмини амнияти шахсӣ ва кафолати ҳуқуқии шахсе, ки дар муқовимат ба коррупсия мусоидат менамояд;

9) ҳамкории мақомоти давлатӣ бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ.

БОБИ 2. ВАКОЛАТҲОИ СУБЪЕКТҲОИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ

Моддаи 5. Салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба коррупсия

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба коррупсия дорои салоҳияти зерин мебошад:

- самтҳои асосии сиёсати давлатиро оид ба муқовимат ба коррупсия муайян менамояд;

- стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсияро тасдиқ менамояд;

- Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъсис медиҳад, ҳайат ва низомномаи онро тасдиқ менамояд;

- ваколатҳои дигареро, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардаанд, амалӣ менамояд.

Моддаи 6. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба коррупсия

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба коррупсия дорои салоҳияти зерин мебошад:

- сиёсати давлатиро дар самти муқовимат ба коррупсия, таъминоти ташкилӣ, рушд ва таҳкими моддию техникии субъектҳои бевосита ба коррупсия муқовиматкунандаро татбиқ менамояд;

- ваколатҳои дигареро, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардаанд, амалӣ менамояд.

Моддаи 7. Субъектҳои муқовимат ба коррупсия

Субъектҳои муқовимат ба коррупсия аз субъектҳои бевосита ба коррупсия муқовиматкунанда ва субъектҳое, ки дар муқовимат ба коррупсия иштирок менамоянд, иборат мебошанд.

Моддаи 8. Субъектҳои бевосита ба коррупсия муқовиматкунанда

1. Субъектҳои бевосита ба коррупсия муқовиматкунанда инҳо мебошанд:

1) Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2) Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3) Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

4) Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

5) Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

6) Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

7) Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

8) Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

9) судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Барои иҷрои вазифаҳои муқовимат ба коррупсия роҳбарони субъектҳои муқовимат ба коррупсия масъул мебошанд.

Моддаи 9. Ваколатҳои субъектҳои бевосита ба коррупсия муқовиматкунанда

1. Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба коррупсия дорои ваколатҳои зерин мебошад:

1) сиёсати давлатиро дар самти муқовимат ба коррупсия татбиқ менамояд;

2) муқовимат ба коррупсияро дар тамоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои дигар, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқиашон, амалӣ менамояд;

3) санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти муқовимат ба коррупсия таҳия ва мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

4) фаъолияти субъектҳои муқовимат ба коррупсияро дар самти муқовимат ба коррупсия ҳамоҳанг месозад;

5) корҳои таҳлилӣ ва мониторинги вазъи муқовимат ба коррупсияро анҷом медиҳад, натиҷаи онро барои баррасӣ ва андешидани чораҳо ба мақомоти дахлдори давлативу ҷамъиятӣ ирсол менамояд;

6) хавфҳои коррупсиониро дар тамоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои дигар, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқиашон, таҳлил менамояд ва чораҳои зарурӣ меандешад;

7) самаранокии чораҳои муқовимат ба коррупсияро таҳлил намуда, барои такмил додани онҳо таклифҳо пешниҳод менамояд;

8) ҷиноятҳои ба коррупсия алоқамандро ошкор ва тафтиш намуда, ҷиҳати огоҳ, пешгирӣ, ошкор ва бартараф намудани сабабу шароитҳои бавуҷудорандаи коррупсия ва оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ чораҳои самаранок меандешад;

9) фаъолияти мақомоти давлатиро оид ба гузаронидани арзёбии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳлил ва ҳамоҳанг менамояд;

10) ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро амалӣ менамояд.

2. Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба коррупсия дорои ваколатҳои зерин мебошад:

1) назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро татбиқ менамояд ва дар мавриди ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳо меандешад;

2) ҳамкории ҳуқуқии байналмилалиро барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ, истирдоди шахсони ҷиноятҳои коррупсионӣ содирнамударо, ки дар ҳудуди давлати хориҷӣ қарор доранд, мутобиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон амалӣ мегардонад;

3) фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар самти таҳқиқ ва тафтиши ҷиноятҳои ба коррупсия алоқаманд ҳамоҳанг месозад;

4) ҳангоми дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ҷиҳати бартараф намудани онҳо ба субъектҳои ҳуқуқэҷодкунанда ё ба мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия пешниҳод манзур менамояд;

5) таҳлил ва арзёбии маълумоти оморӣ оид ба вазъи муқовимат ба коррупсияро анҷом медиҳад;

6) ваколатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро амалӣ менамояд.

3. Ваколатҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба коррупсия бо роҳи андешидани чораҳои пешгирӣ ва ошкор кардани ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд амалӣ карда мешаванд.

4. Ваколатҳои Вазорати мудофиа ва Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи гузаронидани чорабиниҳои зиддикоррупсионӣ дар соҳаи идоракунии ҳарбӣ ва Қуввоҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

5. Ваколатҳои Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба коррупсия тавассути андешидани чорабиниҳои пешгирикунанда ва ошкорсозандаи ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд, ки ба амнияти миллӣ таҳдид менамоянд, амалӣ карда мешаванд.

6. Ваколатҳои Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба коррупсия тавассути андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати пешгирӣ ва ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ҳангоми интиқоли молу маҳсулот аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

7. Ваколатҳои мақомоти судӣ дар самти муқовимат ба коррупсия бо тартиби пешбининамудаи Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

Моддаи 10. Субъектҳое, ки дар муқовимат ба коррупсия иштирок менамоянд

Субъектҳое, ки дар муқовимат ба коррупсия иштирок менамоянд, инҳо мебошанд:

1) Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2) Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3) Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

4) Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

5) Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
6) Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон;
7) Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
8) Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
9) Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
10) Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
11) Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
12) Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
13) Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
14) Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
15) Бонки миллии Тоҷикистон;
16) мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
17) мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот;
18) мақомоти дигари давлатӣ;
19) субъектҳои хоҷагидор;
20) ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ;
21) намояндагиҳои созмонҳои байналмилалие, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд;
22) шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ.

Моддаи 11. Ваколатҳои субъектҳое, ки дар муқовимат ба коррупсия иштирок менамоянд

Субъектҳое, ки дар муқовимат ба коррупсия иштирок менамоянд, дар доираи ваколати худ мунтазам тарғибу ташвиқи зиддикоррупсиониро мегузаронанд, иҷрои талаботи стратегия ва барномаҳои давлатии зиддикоррупсиониро таъмин менамоянд, бо мақсади ошкор ва бартараф намудани сабабу шароитҳо ва хавфҳои коррупсионӣ таҳлили фаъолиятро анҷом медиҳанд.

Моддаи 12. Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми машвараті буда, бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати амалигардонии чораҳои муқовимат ба коррупсия аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад ва ба ӯ ҳисоботдиҳанда мебошад.

Моддаи 13. Комиссияи ҷамъиятӣ оид ба пешгирии коррупсия

1.Ҷиҳати пешгирии коррупсия дар маҳалҳо дар назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ комиссияи ҷамъиятӣ оид ба пешгирии коррупсия таъсис дода мешавад.

2.Низомномаи намунавии комиссияи ҷамъиятӣ оид ба пешгирии коррупсия дар назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз тарафи Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

БОБИ 3. ПЕШГИРИИ КОРРУПСИЯ

Моддаи 14. Пешгирии коррупсия ва роҳҳои амалигардонии он

Пешгирии коррупсия яке аз чораҳои муқовимат ба коррупсия буда, бо роҳҳои зерин амалӣ карда мешавад:

1) тарғибу ташвиқи зиддикоррупсионӣ;

2) таълиму тарбияи зиддикоррупсионӣ;

3) таҳлили хавфҳои коррупсионӣ;

4) мониторинги зиддикоррупсионӣ;

5) экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

6) чораҳои назорати давлатии молиявӣ;

7) талаботи махсус нисбати довталабони вазифаҳои давлатӣ ва шахсони барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор;

8) мамониат барои таъин ё интихоб шудан ба мансабҳои давлатӣ ва мансабҳои ба онҳо баробаркардашуда;

9) ҷорӣ намудани маҳдудиятҳо вобаста ба иҷрои вазифаҳои мансаби давлатӣ ва мансаби ба он баробаркардашуда.

Моддаи 15. Тарғибу ташвиқи зиддикоррупсионӣ

1. Тарғибу ташвиқи зиддикоррупсионӣ чораҳои мақсадноки фаҳмондадиҳии муқовимат ба коррупсия буда, тавассути воситаҳои ахбори омма, шабакаи интернет, суҳбату вохӯриҳо бо аҳолӣ ва роҳҳои дигари дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида амалӣ карда мешаванд.

2. Тарғибу ташвиқи зиддикоррупсионӣ аз тарафи субъектҳои муқовимат ба коррупсия мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

Моддаи 16. Таълиму тарбияи зиддикоррупсионӣ

1. Таълиму тарбияи зиддикоррупсионӣ бо роҳи ҷорӣ намудани барномаи таълимӣ бо мақсади аз худ кардани дониш, маҳорат ва масъулият оид ба огоҳ, пешгирӣ ва ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд, дар ҷомеа ба вуҷуд овардани муносибати оштинопазир бо ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд, баланд бардоштани савияи дониш ва фарҳанги ҳуқуқӣ амалӣ карда мешаванд.

2. Таълиму тарбияи зиддикоррупсионӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

Моддаи 17. Таҳлили хавфҳои коррупсионӣ

1. Таҳлили хавфҳои коррупсионӣ бо мақсади ошкор намудани сабабу шароитҳое, ки ба коррупсия мусоидат менамоянд ё метавонанд ба он замина гузоранд, ҳамчунин таҳияи тавсияҳо ҷиҳати аз байн бурдани таъсири онҳо гузаронида мешавад.

2. Тартиби гузаронидани таҳлили хавфҳои коррупсионӣ аз тарафи Ҳукумати �ҶумҳурииҲоҷикистон муайян карда мешавад.

Моддаи 18. Мониторинги зиддикоррупсионї

1. Мониторинги зиддикоррупсионӣ бо роҳи мушоҳида, санҷиш, таҳқиқ, омӯзиш, таҳлил, арзёбӣ ва пешбинии ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия, инчунин татбиқи стратегия, барнома ва нақшаҳои муқовимат ба коррупсия, тадқиқоти сотсиологӣ, маълумот оид ба огоҳонидан, пешгирӣ, ошкор, бақайдгирӣ, бартараф, санҷишу тафтиш намудан ва натиҷаи баррасии ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ дар суд ва мақомоти дигари ваколатдори давлатӣ гузаронида мешавад.

2. Натиҷаи мониторинги зиддикоррупсионӣ барои баррасӣ ва андешидани чораҳо ба мақомоти дахлдори давлатӣ ва ҷамъиятӣ фиристода мешавад.

Моддаи 19. Экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ

Экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар асоси муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» гузаронида мешавад.

Моддаи 20. Чораҳои назорати давлатии молиявӣ

1. Бо мақсади пешгирӣ ва ошкор намудани кирдорҳои коррупсионӣ дар вазорату идораҳо ва ташкилотҳои дигар, ки дар онҳо маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ истифода карда мешаванд, бо роҳи гузаронидани санҷишҳои молиявӣ чораҳои назорати давлатии молиявӣ амалӣ карда мешаванд.

2. Тартиби амалӣ намудани назорати давлатии молиявиро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Моддаи 21. Талабот нисбати довталабони мансабҳои давлатӣ ва шахсони барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор

1. Бо мақсади роҳ надодан ба суиистифода аз мақоми хизматии худ ва имкониятҳои он ба манфиатҳои шахсӣ, гурӯҳӣ ва шахсони дигар дар Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати довталабони мансабҳои давлатӣ, шахсони барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор, инчунин шахсони ба онҳо баробар карда шуда маҳдудият ва уҳдадориҳои махсус муқаррар карда мешаванд.

2. Таъин (интихоб) шудан ба мансаби давлатӣ ба сифати шахсе, ки барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор шудааст ва шахси ба он баробаркардашуда маънои ихтиёран ба зимма гирифтани ин уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳоро дорад.

3. Маҳдудият ва уҳдадориҳо нисбати шахрвандоне, ки ба сифати номзад ба мансабҳои давлатии интихобӣ ба қайд гирифта шудаанд, бо қонунгузорӣ дар бораи интихобот муқаррар карда мешаванд.

4. Довталабони мансабҳои давлатӣ ва мансабҳои ба онҳо баробаркардашуда ҳангоми таъин (интихоб) шудан, шахсони барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ва шахсони мансабдори давлатии ба онҳо баробаркардашуда, ҳангоми дар мансаб будан уҳдадоранд ҳар сол ба ҷойи кор ва мақомоти андози ҷои зист эъломия дар бораи даромадҳо ва вазъи молумулкии худ пешниҳод намоянд.

5. Роҳбарони мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҳангоми таъин (интихоб) ба мансаб ва ҳангоми дар мансаб будан уҳдадоранд ҳар сол оид ба вазъи молумулкии худ ба мақомоти болоии худ ва оид ба даромад ба мақомоти андози ҷои зист маълумот пешниҳод намоянд.

Моддаи 22. Мамониат барои таъин ё интихоб шудан ба мансабҳои давлатӣ ва мансабҳои ба онҳо баробаркардашуда

1. Шахс дар чунин мавридҳо наметавонад ба мансабҳои давлатӣ ё мансабҳои ба онҳо баробар карда шуда таъин ё интихоб шавад:

1) доштани доғи судӣ барои ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содиркарда;

2) агар барои содир кардани ҷиноятҳои қасдона маҳкум шуда бошад ё дар асоси моддаи 32 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои содир намудани ҷинояти вазнин ва махсусан вазнин аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод шуда бошад;

3) эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи суд дар бораи маҳдуд намудани қобилияти амал ё ғайри қобили амал эътироф намудани шахс;

4) надоштани таҳсилот, ихтисос ё собиқаи кории дахлдоре, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъин ё интихоб

шудан ба мансабҳои давлатӣ ва мансабҳои ба онҳо баробаркардашуда ҳатмӣ мебошад;

5) бевосита дар итоат, таҳти назорат ё ҳисобот диҳанда будани мансаби ишғолшаванда ё ишғолнамудаи ӯ ба мансабҳое, ки онро хешовандони ӯ ишғол кардаанд;

6) дар сурати соҳиб шудан ба шаҳрвандии давлати хориҷӣ ё аз даст додани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин шахси бешаҳрванд будан, ба истиснои ҳолатҳое, ки таъин ё интихоби чунин шахсон ба хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътироф намудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида бошанд;

7) мавридҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст.

2. Мамониатҳое, ки дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинӣ шудаанд, ба мансабҳои ташкилоти давлатӣ ва субъектҳои хоҷагидоре, ки дар онҳо ҳиссаи давлат на кам аз нисфро ташкил медиҳад, татбиқ карда мешавад.

3. Дар сурати риоя накардани мамониати дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинишуда, қарори ба мансаб таъин ё интихоб шудани шахс бо эътироз ё пешниҳоди прокурор, дастури хаттӣ ё пешниҳоди мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ё бо ташаббуси худи мақомоти қарорро қабул карда ё мақомоти болоӣ бо тартиби муқаррар намудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бекор карда мешавад.

Моддаи 23. Маҳдудият вобаста ба иҷрои вазифаҳои мансаби давлатӣ ва мансаби ба он баробаркардашуда

1. Ба шахси барои иҷрои вазифаҳои мансаби давлатӣ ваколатдор ва мансаби ба он баробаркардашуда иҷрои корҳои зерин манъ аст:

1) ба фаъолияти мақомоти дигари давлатӣ, ки ба доираи ваколатҳои мансабиаш дохил нест, дахолат намояд;

2) ба кори дигари музднок машғул шавад, ба истиснои фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ;

3) аз рӯи масъалаҳои вобаста ба фаъолияти мақомоти давлатие, ки дар он хизмат мекунад, бевосита тобеъ ё таҳти назорати он мақомот қарор дорад, ҳамчун вакили шахси сеюми штирок намояд;

4) шахсан ё ба воситаи шахсони боваринок ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шавад;

5) дар бонкҳои хориҷие, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият доранд, суратҳисобҳо кушояд ва пасандозҳо дошта бошад;

6) захираҳои молиявӣ, моддию техникӣ, нақлиётӣ, захираҳои дигари давлатӣ ё ҷамъиятӣ ва иттилооти хизматиро ба мақсадҳои ғайри хизматӣ истифода намояд;

7) аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои хизмате, ки ҳангоми амалигардонии ваколаташ анҷом додааст ё ба манфиати шахси дигар анҷом надодааст, подош (дар намуди пул, мол, хизматрасонӣ, истироҳат, хароҷоти нақлиёт ва ғайра) гирад, ба шахсони мансабдори болоӣ туҳфа диҳад ё хизмат расонад;

8) аз ҳисоби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ ба саёҳат ва сафарҳои дохилӣ ва хориҷӣ равад, табобат ва истироҳат намояд, ба истиснои сафарҳо бо даъвати хешовандон ва мутобиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ё бо мувофиқаи байни мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақомоти давлатии кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, ки аз ҳисоби онҳо сурат мегиранд;

9) супоришу дастурҳои ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои динӣ ва субъектҳои хоҷагидорро, ки ба фаъолияти мақомоти давлатӣ дахлдоранд, иҷро намояд ё мақоми хизматии худро ба манфиати онҳо истифода барад;

10) барои дар матбуот, радио ва телевизион интишор ва пахш гардидани мақолаю баромадҳои дар чорабиниҳои расмӣ ба сифати хизматчии давлатӣ баён карда, ки таҳияи онҳо ба уҳдадории хизматиаш дохил мешавад, музд гирад.

2. Шахсони барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда уҳдадоранд дар муҳлати на дертар аз понздаҳ рӯзи корӣ пас аз ба хизмати давлатӣ дохил шудан ҳиссаи дар сармояи оинномавии (шариконаи) ташкилоти тиҷоратӣ доштаашонро ба шахси дигар бо ҳуқуқи идораи ба боварӣ асос ёфта диҳанд.

3. Шахси барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ва шахсони ба он баробаркардашуда туҳфаҳои ҳангоми баргузории чорабиниҳои протоколӣ, сафарҳои хизматӣ ва чорабиниҳои дигари расмӣ гирифтаашро ҳамчун молумулки давлатӣ бояд бо санади дахлдор ба мақомоте, ки дар он фаъолият менамояд, супорад, ба истиснои армуғон ва туҳфаҳои дигари рамзӣ, ки арзиши умумии онҳо дар давоми сол аз сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд набошад.

4. Риоя накардани маҳдудиятҳои номбурда бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба ҷавобгарӣ кашидан асос мегардад.

БОБИ 4. ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИҲОИ БА КОРРУПСИЯ АЛОҚАМАНД ВА ҶАВОБГАРӢ БАРОИ ОНҲО

Моддаи 24. Ҳуқуқвайронкуниҳое, ки барои коррупсия шароит ба вуҷуд меоваранд ва ҷавобгарӣ барои онҳо

1. Ба ҳуқуқвайронкунии барои коррупсия шароит ба вуҷудоваранда кирдорҳои зерини шахси барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ва шахсони ба он баробаркардашуда дохил мешаванд:

1) истифода аз мақоми хизматии худ дар ҳалли масъалаҳое, ки ба манфиатҳои шахсӣ, хешовандон ё шахсони сеюм алоқаманданд;

2) монеъ шудан ё дахолати ғайриқонунӣ ба иҷрои фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва назоратӣ дар ҳудуди муайян ё нисбати объектҳо ва ё шахсони мушаххас;

3) иштирок ба сифати намояндаи манфиатдори шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз рӯи корҳои мақомоте, ки ин шахс дар он ҷо кор мекунад ё дар тобеияти вай қарор дорад, ё ин ки фаъолияти онҳоро назорат мекунад, аз ҷумла иштирок ба сифати ҳимоятгари ҷамъиятӣ ё намоянда (ба истиснои ҳолатҳои намояндагии қонунӣ) аз рӯи парвандаҳои граждани, иқтисодӣ, ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ;

4) иштирок дар қиморбозиҳои пулӣ ё қиморбозиҳои дигари дорои хусусияти молумулкӣ бо шахсони мансабдори болоӣ ё тобеъ ва ё аз ягон ҷиҳат тобеияти хизмати дошта;

5) машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ, иштирок дар идоракунии фаъолияти ҷамъияти хоҷагидор ё ташкилоти дигари тиҷоратӣ, аз ҷумла дар ҳайати мақомоти идоракунии ташкилоти тиҷоратӣ, ки узвият дар онҳо бе нишон додани манфиати махсуси шахсӣ ғайриимкон аст, ба истиснои ҳолатҳои пешбини намудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

6) узвият дар мақомоти идоракунӣ, шӯроҳои нозирон ё парасторон, мақомоти дигари ташкилотҳои ғайритиҷоратии хоричӣ ва воҳидҳои сохтории дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияткунандаи онҳо, агар дар қонунгузорӣ ё шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад;

7) пешбарӣ ё таъин шудан ба мансаб ба сифати шахси барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба он баробаркардашуда, дар сурати мавҷуд будани мамониатҳо барои ишғол намудани чунин мансаб, ки дар моддаи 22 Қонуни мазкур пешбинӣ шудаанд ва ё дидаву дониста риоя накардани маҳдудияти пешбининамудаи ҳамин Қонун доир ба хизмати якҷояи хешовандон, дидаву дониста, ғайриқонунӣ аз мансаб озод намудан ё ба мансаби дигар гузаронидани кормандон;

8) пешниҳоди бартариҳои бо Қонун пешбининагардида зимни таъин ё пешбарӣ ба хизмати давлатӣ, таҳсил, фаъолияти илмӣ ва фаъолияти дигари ба онҳо монанд;

9) риоя накардани тартиби бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршудаи баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ба эътибор нагирифтани бартарӣ, имтиёзҳо ва навбати бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда ҳангоми ҳалли онҳо;

10) ҳангоми амалӣ намудани фаъолият ва ҳуқуқу ӯҳдадориҳои мансабӣ аз рӯи ғараз ва манфиати шахсӣ қабул кардани қарорҳо ва санадҳои дигари ғайриқонунӣ, содир намудани амалҳои ғайриқонунӣ, аз ҷумла ҷиҳати ба кор қабул намудан, аз кор озод намудани шахс ва амалҳои дигаре, ки ҳуқуқу манфиатҳои шахсони дигари воқеӣ ва ҳуқуқиро халалдор месозанд ва ба онҳо зарар мерасонанд.

2. Содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинишуда аз ҷониби шахсони барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробаркардашуда, агар дар кирдори онҳо таркиби ҷиноят ё ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мавҷуд набошад, боиси ҷазои интизомӣ мегардад.

Моддаи 25. Ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ва ҷавобгарӣ барои онҳо

1. Кирдорҳои зерини шахси барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ва шахсони ба он баробаркардашуда ҳуқуқвайронкунии ба коррупсия алоқаманд ҳисобида мешаванд:

1) аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ғайриқонунӣ талаб намудани иҷрои шартҳои иловагӣ, пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва талаботи дигари бо санадҳои ҳуқуқӣ пешбининагардида, ба вуҷуд овардани монеаҳои дигари сунъӣ ва ғайриқонунӣ зимни таъин (интихоб) ва (ё) пешбарӣ шудан ба мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ, ҷобаҷогузорӣ, ҷойивазкунӣ, таҳсил, фаъолияти илмӣ ва ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқу ӯҳдадориҳо ва вазифаҳои дигари давлатӣ;

2) додани ваколатҳо оид ба танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ ва назорати фаъолияти соҳибкорӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба чунин фаъолият машғуланд;

3) қабули подош дар шакли пул, хизматрасонӣ ва шаклҳои дигари барои фаъолияти худ аз мақомоти давлатӣ, ташкилотҳое, ки шахси мазкур дар онҳо вазифаҳои дахлдорро иҷро намекунад, инчунин аз ташкилотҳои ғайри тиҷоратӣ ва шахсони воқеӣ, агар бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад;

4) қабул кардани туҳфа ва хизматрасониҳои дигари вобаста ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ё вазифаҳои ба онҳо баробаркардашуда аз шахсони аз рӯи вазифа тобеъ, ба истиснои армуғон ва туҳфаҳои дигари рамзӣ ҳангоми баргузории чорабиниҳои протоколӣ ва расмии дигар, ки арзиши умумиашон дар як сол аз сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд нест, инчунин додани чунин туҳфаву хизматрасониҳо ба шахси мансабдори болоӣ;

5) истифодаи бартариҳои бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбининагардида дар гирифтан у баргардонидани кредит ва қарзҳо, харидани қоғазҳои қиматнок, молу мулк, пардохти андозҳои давлатӣ ва иҷрои уҳдадориҳои дигар;

6) додани бартарӣ ё имтиёзҳои ғайриқонунӣ ё беасос ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми таҳия ва қабули қарорҳо, ҷойгир кунии фармоишоти давлатӣ ва фармоишҳои дигаре, ки аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд ва ё аз ҳисоби ташкилотҳои дигар, новобаста ба шакли моликияташон, тақсимоти воситаҳои пулӣ ва молӣ, захираҳои энергетикӣ ва табиӣ, пардохти андозҳо, баргардонидани қарзҳо ва иҷрои уҳдадориҳои дигари пулӣ ва молӣ;

7) бе қарори мақомоти ваколатдори давлатӣ ба ҳуқуқи моликият ё ба истифодаи ташкилотҳои давлативу ғайри давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё шахсони воқеӣ ройгон додани захираҳои пулӣ вамолии давлатӣ;

8) бо мақсадҳои шахсӣ, гурӯҳӣ ва мақсадҳои дигари ғайри хизматӣ истифода намудани бино, воситаи нақлиёт ва алоқа, воситаҳои электронии алоқа ва захираҳои пулӣ ва молии давлатӣ;

9) ба фондҳои интихоботии номзадҳо ба вакилӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ гузаронидани захираҳои пулӣ ва молии давлатӣ;

10) бе асос иҷро накардани дархост, пешниҳод, амр, дастур, қарор ва санадҳои дигари дар доираи ваколаташон қабулнамудаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти назоратӣ ва суд;

11) ба манфиати шахсӣ ё гурӯҳӣ истифода намудани маълумоте, ки ҳангоми иҷрои вазифаҳои давлатӣ ба даст омадааст ва паҳнкунии чунин маълумот манъаст;

12) дахолати ғайриқонунӣ ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, халалдор кардани мустақилият ва вайронкунии ҳуқуқу манфиатҳои онҳо, ғайриқонунӣ барҳамдиҳӣ ё аз навташкилдиҳии онҳо, дахолат ба таъин ё интихоб намудан ба мансаб ва ё аз мансаб озод намудани роҳбарон ва кормандони субъектҳои хоҷагидор, маҳдуд намудани рақобат дар бозори мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ;

13) ғайри қонунӣ аз ҳисоб баровардан, риоя накардани тартиби баҳодиҳӣ, ба фурӯш баровардани молу мулк, баргузор намудани музояда ва тендерҳо оид ба хусусигардонии молу мулки давлатӣ ва хариди давлатии мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ, ки ба манфиати давлат, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ зарар расонидааст, инчунин аз тарафи роҳбарони ташкилотҳои давлатӣ худсарона ба иҷора додан ё фурӯхтани молу мулки давлатӣ, бе асос вайрон намудани молу мулки ғайри манқули давлатӣ;

14) ғайри қонунӣ ё бошартҳои ошкороно мувофиқ ба манфиатҳои давлат ва ташкилотҳо барои истифода ё иҷора додани воситаҳои асосӣ, замин ва ё сарватҳои дигари моддию табиӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ғайри қонунӣ рад намудан ҳангоми додан ё кашида гирифтани онҳо;

15) пинҳон намудан аз баҳисобгирӣ, барасмият надаровардани ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии ошкоршуда, ғайри қонунӣ озод намудан аз ҷавобгарии маъмурӣ ё доир ба ин ҳуқуқвайронкуниҳо қабул намудани қарорҳои ошкоро ба кирдори содиршуда номувофиқ, инчунин чорӣ ҷуӣ накардан вобаста ба ҷуброни зарари расонида шуда;

16) тартиб додан, ба расмият даровардан, тасдиқ намудан ё ба қайд гирифтани санад, аҳд, шартнома, эъломия ва ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибавӣ ҷиҳати хариду фурӯш, туҳфа кардан, иваз намудан, гарав, иҷора, хусусигардонӣ, аз ҳисоб баровардан ва аҳдҳои дигар оид ба ихтиёрдорӣ, истифода ва интиқоли молу мулк, иҷрои кор ва хизматрасонӣ, ки дар онҳо нарх, миқдор, ҳаҷм, соли истеҳсол ва нишондиҳандаҳои дигари молу мулк, иҷрои кор ва хизматрасонӣ таҳриф карда шуда, ба ин восита ба манфиатҳои давлат, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ зараррасонида шудааст;

17) ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар татбиқи ҳуқуқу манфиатҳо ва уҳдадориҳои қонуниашон ба вуҷуд овардани монеаҳои сунъӣ, аз онҳо талаб кардани ҳуҷҷат ва маълумоте, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешниҳоди онро аз ҷониби ин шахсон пешбинӣ намекунад ё рад намудани ба онҳо додани чунин санаду маълумот, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидааст, ба таъхир андохтани пешниҳоди маълумот, додани маълумоти нопурра ё нодуруст, ғайриқонунӣ ба гарав гирифтани ҳуҷҷатҳои ба онҳо мансуб буда;

18) ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод накардани хабару маълумоти мавҷуда оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии ба коррупсия алоқаманд ё ҷиноятҳои хусусияти коррупсиони дошта, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст;

19) ба мақомоти барои баррасӣ ва қабули қарор ваколатдор пешниҳод накардан ё саривақт пешниҳод накардани санад ва маводи тафтишу санҷиш, ки дар онҳо оид ба ҳуқуқвайронкуниҳо маълумот мавҷуд аст, сарфи назар аз натиҷаи онҳо;

20) иҷро накардани чорабиниҳои барномаҳои давлатии зиддикоррупсионӣ ва нақшаи татбиқи онҳо;

21) ҳуқуқвайронкуниҳои дигаре, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд эътироф карда шудаанд.

2. Ҷавобгарӣ барои содир кардани ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд аз рӯи хусусият ва дараҷаи ба ҷомеа хавфнокиашон бо қонунгузории меҳнат, граждани, маъмурӣ ва ҷиноятӣ муайян карда мешавад.

Моддаи 26. Ҷавобгарӣ барои ҳуқуқвайронкуниҳои алоҳидаи ба коррупсия алоқаманд

1. Барои ба шахсони мансабдори давлатии барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ва шахсони ба онҳо баробар карда шуда

пешниҳод намудани неъматҳои моддиву ғайримоддӣ, хизматрасонӣ ва фоида гирифтан ҷиҳати моил кардани онҳо ба кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) муайян ба манфиати пешниҳодкунандаи ин неъмату хизматрасониҳо ё шахсони дигар мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарӣ муайян карда мешавад.

2. Агар нисбати шахсоне, ки неъматҳои моддиву ғайримоддӣ, хизматрасонӣ ва фоидаро ба шахсони мансабдори давлатии барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда мутобиқи қисми 1 моддаи мазкур додаанд, тамаъҷӯӣ ҷой дошта бошад ва дар ин бора ихтиёран ба субъектҳои бевосита ба коррупсия муқовиматкунанда хабар дода бошанд, онҳо аз ҷавобгарӣ озод карда мешаванд.

3. Барои саркашии бадқасдонаи шахси барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибавӣ ваколатдор ё роҳбари ташкилот аз амалиёти молиявию хоҷагидорӣ, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардаанд, ба расмият даровардан ё ба ҳуҷҷатҳои ҳисоботи молиявӣ, муҳосиботӣ ва оморӣ даровардани маълумоти таҳрифшуда оид ба фаъолият ё амалиёти молиявию хоҷагидорӣ, инчунин нобуд кардани ҳуҷҷатҳои молиявӣ ва ҳуҷҷатҳои дигари баҳисобгирӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарӣ муайян карда мешавад.

Моддаи 27. Кафолати дахлнопазирии шахсе, ки дар муқовимат ба коррупсия мусоидат менамояд

1. Шахсе, ки дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ба мақомоти ваколатдори давлатӣ хабар додааст ё бо тарзи дигар дар муқовимат ба коррупсия мусоидат намудааст, таҳти ҳимояи давлат қарор дорад.

2. Иттилоот дар бораи шахсе, ки дар муқовимат ба коррупсия мусоидат намудааст, сирри давлатӣ буда, дар ҳолати зарурӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад. Ошкор намудани ин сир боиси ҷавобгарии бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда мегардад.

3. Ҳимояи давлатии шахсе, ки дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ба мақомоти ваколатдори давлатӣ хабар додааст ё бо тарзи дигар дар муқовимат ба коррупсия мусоидат намудааст, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» таъмин карда мешавад.

Моддаи 28. Ошкор ва бартараф намудани сабаб ва шароитҳои барои содир кардани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ мусоидаткунанда

Субъектҳои бевосита ба коррупсия муқовиматкунанда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадоранд ҳангоми баррасии парвандаҳо оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ сабаб ва шароитҳои барои содир кардани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ

мусоидаткунандаро ошкор карда, ҷиҳати бартараф намудани онҳо чораҳои дахлдор андешанд.

Моддаи 29. Қабули қарори дастаҷамъонаи хусусияти коррупсионидошта ва ҷавобгарӣ барои он

Барои қабули қарори хусусияти коррупсионидошта, ки дастаҷамъона қабул карда шудааст, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарӣ муайян карда мешавад.

Моддаи 30. Тартиби баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд

Ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд бо тартиби муқаррар намудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта мешаванд.

БОБИ 5. БАРТАРАФ НАМУДАНИ ОҚИБАТҲОИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИҲОИ БА КОРРУПСИЯ АЛОҚАМАНД

Моддаи 31. Ситонидани молу мулки ғайриқонунӣ гирифташуда ё арзиши хизматрасонии ғайриқонунӣ

Молу мулк ва арзиши хизматрасониҳои дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунии ба коррупсия алоқаманд бадастовардашуда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мусодира карда мешаванд ва ё ба фоидаи давлат ё шахсе, ки аз ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд зарар дидааст, ситонида мешаванд.

Моддаи 32. Беэътибор донистани санадҳои ба коррупсия алоқаманд

Санадҳои дар натиҷаи ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд қабулгардида мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси худи мақомот ё бо ҳуҷҷатҳои мавриди эътиноии прокурорӣ, мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, мақомоти дигари ваколатдори давлатӣ аз ҷониби мақомоти барои қабули он ваколатдор ё мақомоти болоӣ ва ё аз тарафи суд беэътибор дониста мешаванд.

БОБИ 6. ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР САМТИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ

Моддаи 33. Ҳамкории байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба коррупсия

Ҳамкории байналмилалӣ дар самти муқовимат ба коррупсия дар асоси принсипҳои ҳамкорӣ мутобиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон бо мақсадҳои зерин амалӣ карда мешавад:

-муайян кардани шахсоне, ки дар содир намудани ҷиноятҳои коррупсионӣ гумонбар (айбдоршаванда) дониста шудаанд, ҷойи будубоши онҳо, ҳамчунин ҷойи будубоши шахсони дигаре, ки бо чунин ҷиноятҳо алоқаманданд;

-пешниҳод намудани ашё ё намунаи онҳо барои гузаронидани тадқиқот ё экспертизаи судӣ дар ҳолатҳои зарурӣ;

-мубодилаи маълумот доир ба масъалаҳои муқовимат ба коррупсия;

-муайян намудани молу мулки дар натиҷаи ҷиноятҳои коррупсионӣ бадастовардашуда ва баргардонидани онҳо;

-ҳамоҳангсозии фаъолият оид ба муқовимат ба коррупсия ва бартарафнамудани оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд.

БОБИ 7. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

Моддаи 34. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Моддаи 35. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зиддикоррупсия»

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 25 июли соли 2005 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2005, №7, мод. 402; с. 2007, №7, мод. 660; с. 2008, №10, мод. 800; с. 2011, №12, мод. 837; с. 2014, №3, мод. 148; с. 2017, №1-2, мод. 8,мод. 9, №5, қ. 1, мод. 297; с. 2019, №1, мод. 11, №4-5, мод. 216) аз эътибор соқит дониста шавад.

Моддаи 36. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш.Душанбе
7 августи соли 2020, №1714

ҚАРОРҲОИ
МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

«Дар бораи муқаррар намудани рутбаҳои тахассусӣ ба хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Мутобиқи моддаи 57 Конституцияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Ба хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (хизматчиёни давлатии сиёсӣ ва маъмурӣ) рутбаҳои тахассусии зайл муқаррар карда шаванд:

Мушовири ҳақиқии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Мушовири давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Мушовири давлатии дараҷаи 1;
Мушовири давлатии дараҷаи 2;
Мушовири давлатии дараҷаи 3;
Мушовири хизмати давлатии дараҷаи 1;
Мушовири хизмати давлатии дараҷаи 2;
Мушовири хизмати давлатии дараҷаи 3;
Референти хизмати давлатии дараҷаи 1;
Референти хизмати давлатии дараҷаи 2;
Референти хизмати давлатии дараҷаи 3.

Раиси
Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Хайруллоев

ш. Душанбе,
11 майи соли 2007, №579

III. ФАРМОНҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

«Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа»

Бо мақсади таъмини иштироки фаъолонаи занон дар ҳаёти ҷамъияти ва идораи давлат, баланд бардоштани мақоми иҷтимоии зан ва солим гардонидани генофонди миллӣ, болоравии нақши зан дар таҳкими пояҳои ахлоқию маънавӣ ва сулҳу ваҳдат, мутобиқи моддаи 64, 69 ва 70 Конституцияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ф а р м о н м е д и ҳ а м:

1. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани мақоми занон, татбиқи воқеии волидайн дар тарбияи кӯдакон, бартарафсозии хурофот ва урфу одатҳои иртиҷоӣ, ташаккули оилаи солим тадбирҳои амалӣ андешида, то 1 майи соли 2000-ум барномаи давлатии «Мақоми зан дар ҷомеа» - ро таҳия намояд.

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ занонро бо дарназардошти салоҳиятнокӣ ва сифатҳои касбию кордониашон ба ҳайати роҳбарикунандаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳо, корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳои давлатӣ, мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ, ҷамоатҳо, мақомоти прокуратура ва суд, таълимгоҳҳои олӣ ва дигар муассисаҳои маориф таъин намоянд.

Бо дарназардошти ин, то 1 марти соли 2000-ум аз ҳисоби занони ботаҷрибаву лаёқатманд ва соҳибихтисосу салоҳиятнок дар вазифаи яке аз муовинони роҳбари:

а) вазоратҳо (ба истиснои сохторҳои қудратӣ), кумитаҳои давлатӣ, кумитаҳо ва саридораю агентиҳои назди Ҳукумати ҷумҳурӣ, идора ва муассисаҳо, ассотсиатсия ва ширкатҳо, консерну корпоратсияҳо, иттиҳодияҳо ва ташкилоту корхонаҳои давлатӣ;

б) вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва шаҳраку ҷамоатҳо;

г) таълимгоҳҳои олӣ ва миёнаи махсус, дигар муассисаҳои маориф, маданият ва нигаҳдории тандурустӣ таъин карда шаванд.

3. Прокуратура, Вазорати адлия, Вазорати корҳои дохили муборизаро бар зидди ҳодисаҳои таҳқир ва зӯровари нисбати зан, бисёрзанӣ, маҳдуд кардани ҳуқуқи занону духтарон пурзӯр намоянд.

4. Вазоратҳои маориф, меҳнат ва шуғли аҳолӣ, Кумитаи кор бо занон ва оила, ҳукуматҳои вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба масъалаи минбаъд зиёд намудани шумораи занҳои ихтисосманд, аз

қабили иқтисодчӣ, муҳандис, духтур, агроном, муаллим дар деҳоти ҷумҳурӣ чун ба як рукни сиёсати давлатдори ва фишанги тавонои пешбурди ҷамъият муносибат намоянд. Ба ин хотир ҳангоми қабул ва таҳсил дар мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус бо назардошти талаботи замон ва тавсияи ҳукуматҳои маҳаллӣ барои тайёр намудани кадрҳо аз миёни духтарони ноҳияҳои кӯҳистон бояд шароити имтиёзнок муҳайё карда шавад.

5. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи интихоб ва ба вазифаҳои масъул таъин кардани занон, тарбияи наслҳои ҷавони кадрҳои роҳбарикунандаро аз ҳисоби занону духтарон, махсусан дар маҳалҳо зери назорати доимӣ қарор диҳад.

6. Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати кадрҳо назорати интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳоро таҳвият бахшида, ҷиҳати таъмини занон ба мансабҳои дар банди 2 ҳамин Фармон зикргардида, бо дарназардошти салоҳиятнокӣ, сифатҳои касбӣ ва кордонии онҳо, тадбирҳои зарурӣ андешад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

ш. Душанбе
3 декабри соли 1999, №5

ФАРМОНИ
ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

«Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби ба хизматчиёни давлатӣ додани рутбаҳои тахассусӣ»

Мутобиқи моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» фармон медиҳам:

1. Низомномаи замимагардидаи тартиби ба хизматчиёни давлатӣ додани рутбаҳои тахассусӣ тасдиқ карда шавад.

2. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 августи соли 2003, №1122 «Дар бораи тартиби ба хизматчиёни давлатӣ додани рутбаҳои тахассусӣ ва иловапулӣ барои онҳо» аз эътибор соқит дониста шавад.

3. Фармони мазкур аз рӯзи имзо мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе
5 апрели соли 2008, №443

Бо фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 5 апрели соли 2008, №443
тасдиқ шудааст

Низомномаи
тартиби ба хизматчиёни давлатӣ додани
рутбаҳои тахассусӣ

I. Муқаррароти умумӣ

1. Низомномаи тартиби ба хизматчиёни давлатӣ додани рутбаҳои тахассусӣ (минбаъд-Низомнома) тартиби ба хизматчиёни давлатӣ додан, мавқуф гузоштан, нигоҳ доштан ва дигар масъалаҳои вобаста ба рутбаҳои тахассусиро муайян мекунад.

2. Рутбаҳои тахассусӣ бо дарназардошти ишғоли мансабҳои давлатии сиёсӣ ва мансабҳои маъмурии хизмати давлатии категорияи дахлдор дода мешаванд.

3. Ба хизматчии давлатӣ додани рутбаи тахассусӣ ё унвони соҳавии пешбининакардаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ё ба салоҳияти мақоми давлатӣ номутобиқ манъ аст.

4. Барои намудҳои алоҳидаи хизмати давлатӣ, ки аз низоми хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ рутбаҳои ҳарбӣ, дипломатӣ, дигар рутбаҳо ва унвонҳои махсус, инчунин либосҳо ва аломатҳои тафриқа муайян карда мешавад.

5. Рутбаҳои тахассусӣ якумрӣ дода мешаванд.

6. Аз рутбаи тахассусӣ маҳрум намудани хизматчии давлатӣ бо ҳукми айбдоркунандаи ба қувваи қонун даромадаи суд барои содир кардани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин мумкин аст.

7. Хизматчии давлатӣ дар асоси пешниҳоди нусхаи ҳукми сафедкунандаи суд бо қарори шахси мансабдоре, ки ҳуқуқи додани ин рутбаи тахассусиро дорад, ба рутбаи тахассусии пешина барқарор карда мешавад.

8. Ба мансабҳои сиёсӣ ва маъмурии хизмати давлатии пасттар гузаронидан ё гузаштани хизматчии давлатӣ барои паст кардани рутбаи тахассусии ба ӯ пештар додашуда асос намегардад.

9. Рутбаҳои тахассусии ба хизматчии давлатӣ додашуда дар шаҳодатномаи хизматӣ ва дафтарчаи меҳнатии хизматчии давлатӣ қайд карда мешаванд. Қайди дахлдор дар фасли «Маълумот дар бораи кор»-и дафтарчаи меҳнатии хизматчии давлатӣ гузошта мешавад.

II. Тартиби ба хизматчиёни давлатӣ додан, мавқуф гузоштан, нигоҳ доштан ва маҳрум кардан аз рутбаҳои тахассусӣ

10. Барои хизматчиёни давлатӣ Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рутбаҳои зерини тахассусӣ муқаррар намудааст:

–Мушовири ҳақиқии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

–Мушовири давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

–Мушовири давлатии дараҷаи 1;

–Мушовири давлатии дараҷаи 2;

–Мушовири давлатии дараҷаи 3;

–Мушовири хизмати давлатии дараҷаи 1;

–Мушовири хизмати давлатии дараҷаи 2;

–Мушовири хизмати давлатии дараҷаи 3;

–Референти хизмати давлатии дараҷаи 1;

–Референти хизмати давлатии дараҷаи 2;

–Референти хизмати давлатии дараҷаи 3.

11. Рутбаҳои тахассусии пешбининамудаи банди 10 Низомномаи мазкур ба хизматчиёни давлатӣ вобаста ба ишғоли мансабҳои хизмати давлатии зерин дода мешаванд:

–Мушовири ҳақиқии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мушовири давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - ба хизматчиёни давлатии сиёсӣ;

–Мушовири давлатии дараҷаи 1, Мушовири давлатии дараҷаи 2 – ба хизматчиёни давлатии маъмурии категорияи олӣ;

–Мушовири давлатии дараҷаи 3, Мушовири хизмати давлатии дараҷаи 1- ба хизматчиёни давлатии маъмурии категорияи якум;

–Мушовири хизмати давлатии дараҷаи 1, Мушовири хизмати давлатии дараҷаи 2 - ба хизматчиёни давлатии маъмурии категорияи дуюм;

–Мушовири хизмати давлатии дараҷаи 2, Мушовири хизмати давлатии дараҷаи 3 - ба хизматчиёни давлатии маъмурии категорияи сеюм;

–Мушовири хизмати давлатии дараҷаи 3, Референти хизмати давлатии дараҷаи 1 - ба хизматчиёни давлатии маъмурии категорияи чорум;

–Референти хизмати давлатии дараҷаи 1, Референти хизмати давлатии дараҷаи 2 - ба хизматчиёни давлатии маъмурии категорияи панҷум;

–Референти хизмати давлатии дараҷаи 2, Референти хизмати давлатии дараҷаи 3 - ба хизматчиёни давлатии маъмурии категорияи шашум;

–Референти хизмати давлатии дараҷаи 3 - ба хизматчиёни давлатии маъмурии категорияи ҳафтум.

12. Рутбаҳои тахассусии Мушовири ҳақиқии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мушовири давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мушовири давлатии дараҷаи 1, 2, 3 дар асоси дархости асосноки мақомоти давлатӣ бо пешниҳоди мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешаванд.

13. Рутбаҳои тахассусии Мушовири хизмати давлатии дараҷаи 1, 2, 3 ва Референти хизмати давлатии дараҷаи 1, 2, 3 бо пешниҳоди роҳбари бевоситаи хизматчии давлатӣ аз тарафи роҳбари мақоми давлатӣ дода мешаванд.

14. Рутбаҳои тахассусӣ ба хизматчии давлатӣ дар доираи категорияи мансаби ишғолкардааш пай дар пай дода мешаванд.

15. Ба шаҳрванде, ки бори аввал ба мансабҳои сиёсӣ ва маъмурии хизмати давлатӣ таъин (интихоб) шудааст, рутбаи тахассусии дахлдор баъди як соли таъин (интихоб) шудан ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ дода мешавад.

16. Ба хизматчии давлатии як сол собиқаи хизмати давлатидоштае, ки рутбаи тахассусӣ надорад, рутбаи тахассусии дахлдор дар доираи категорияи мансаби ишғолкарда дар давоми ду моҳи корӣ дода мешавад.

17. Ба хизматчиёни давлатии сиёсӣ ва хизматчиёни давлатии маъмурӣ дар мӯҳлатҳои зерин рутбаи тахассусии навбатӣ дода мешавад:

–Мушовири ҳақиқии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди се соли додани рутбаи тахассусии Мушовири давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

–Мушовири давлатии дараҷаи 1 баъди ду солу шаш моҳи додани рутбаи тахассусии Мушовири давлатии дараҷаи 2;

–Мушовири давлатии дараҷаи 3 баъди ду солу шаш моҳи додани рутбаи тахассусии Мушовири хизмати давлатии дараҷаи 1;

–Мушовири хизмати давлатии дараҷаи 1 баъди ду соли додани рутбаи тахассусии Мушовири хизмати давлатии дараҷаи 2;

–Мушовири хизмати давлатии дараҷаи 2 баъди ду соли додани рутбаи тахассусии Мушовири хизмати давлатии дараҷаи 3;

–Мушовири хизмати давлатии дараҷаи 3 баъди як солу шаш моҳи додани рутбаи тахассусии Референти хизмати давлатии дараҷаи 1;

–Референти хизмати давлатии дараҷаи 1 баъди як солу шаш моҳи додани рутбаи тахассусии Референти хизмати давлатии дараҷаи 2;

–Референти хизмати давлатии дараҷаи 2 баъди як соли додани рутбаи тахассусии Референти хизмати давлатии дараҷаи 3.

18. Дар сурати ба мансабҳои сиёсӣ ва маъмурии хизмати давлатӣ таъин (интихоб) шудан ё гузаронидани хизматчии давлатӣ, ки рутбаи

тахассусӣ надорад, ба ӯ рутбаи тахассусии ба мансаби ишғолкардааш мувофиқ баъди гузаштани як сол дода мешавад.

19. Дар сурати ба мансабҳои сиёсӣ ва маъмурии хизмати давлатӣ таъин (интихоб) шудан ё гузаронидани хизматчии давлатӣ, ки рутбаи тахассусӣ дорад, ба ӯ рутбаи тахассусии ба мансаби ишғолкарда мувофиқ дар давоми ду моҳи корӣ дода мешавад.

20. Ба хизматчии давлатие, ки ба мансаби ғайрихизматии давлатӣ гузаштааст, дар ҳолати аз нав ба мансаби сиёсӣ ё маъмурии хизмати давлатӣ таъин шудан, рутбаи тахассусии қаблан гирифтааш барқароршуда эътироф мегардад.

21. Ба хизматчии давлатӣ барои иҷрои супоришҳои махсусан масъулиятнок, натиҷаҳои баланди касбию хизматӣ, саҳми он дар таҳкими мақомоти давлатӣ ва хизмати давлатӣ мумкин аст рутбаи тахассусии навбатӣ пеш аз мӯҳлат ё аз доираи категорияи мансаби ишғолкарда як дараҷа баланд дода шавад.

22. Барои иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани ӯҳдадориҳои мансабӣ (содир намудани кирдори интизомӣ) нисбати хизматчии давлатӣ ба сифати муҷозоти интизомӣ ба мӯҳлати то як сол мавқуф гузоштани додани рутбаи тахассусии навбатӣ татбиқ карда мешавад. Дар давраи амали ҷазои интизомӣ ба хизматчии давлатӣ рутбаи тахассусӣ, аз ҷумла рутбаи тахассусии навбатӣ дода намешавад.

23. Ҳангоми гузаронидани (гузаштани) хизматчии давлатӣ ба дигар намудҳои хизмати давлатии шаҳрвандӣ, хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизмати давлатии ҳарбӣ, ки дорои рутбаҳои ҳарбӣ, дипломатӣ, дигар рутбаҳо ва унвонҳои махсуси пешбининамудаи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» мебошанд, иловапулии барои рутбаи тахассусӣ пардохтшавандаи хизматчии давлатӣ то лаҳзаи дода шудани рутбаи дахлдори мақоми мазкур нигоҳ дошта мешавад.

24. Ҳангоми аз дигар намудҳои хизмати давлатии шаҳрвандӣ, хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизмати давлатии ҳарбӣ, ки дорои рутбаҳои ҳарбӣ, дипломатӣ, дигар рутбаҳо ва унвонҳои махсус мебошанд, ба хизмати давлатии шаҳрвандии пешбининамудаи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» гузаронидани (гузаштани) хизматчии давлатӣ иловапулии барои рутбаи махсуси пардохтшавандаи ӯ то лаҳзаи додани рутбаи тахассусии хизмати давлатии шаҳрвандӣ нигоҳ дошта мешавад. Ба чунин хизматчиёни давлатӣ дар давоми ду моҳи корӣ рутбаи тахассусии хизмати давлатии шаҳрвандӣ на пасттар аз рутбаи доштааш дода мешавад.

III. Вазифаҳои хадамоти кадрии мақоми давлатӣ оид ба масъалаҳои вобаста ба рутбаҳои тахассусии хизматчиёни давлатӣ

25. Вазифаҳои хадамоти кадрии мақоми давлатӣ оид ба масъалаҳои вобаста ба рутбаҳои тахассусии хизматчиёни давлатӣ аз инҳо иборат аст:

–омӯзиши делои шахсии хизматчии давлатӣ ва дар якҷоягӣ бо роҳбари воҳидҳои сохтории мақоми давлатӣ омода намудани ҳуҷҷатҳо дар хусуси ба хизматчии давлатӣ додани рутбаи тахассусӣ;

–санҷиши дурустии маълумот оид ба собиқаи кории зарурӣ барои додани рутбаи тахассусӣ;

–пешбурд ва нигаҳдории ҳуҷҷатҳо оид ба масъалаҳои вобасга ба рутбаҳои тахассусии хизматчии давлатӣ;

–якҷоя бо роҳбари бевоситаи хизматчии давлатӣ таҳия намудани пешниҳод ба роҳбари мақоми давлатӣ оид ба масъалаҳои вобаста ба рутбаҳои тахассусии хизматчии давлатӣ (додан, мавқуф гузоштан, нигоҳ доштан ва дигар масъалаҳои вобаста ба рутбаҳои тахассусӣ);

–таҳияи лоиҳаи қарори (фармони) роҳбари мақоми давлатӣ оид ба масъалаҳои рутбаи тахассусӣ;

–қайди қарори (фармони) роҳбари мақоми давлатӣ оид ба масъалаҳои рутбаҳои тахассусӣ дар шаҳодатномаи хизматӣ ва дафтарчаи меҳнатии хизматчии давлатӣ;

–омода намудани дархости асосноки мақоми давлатӣ дар хусуси ба хизматчии давлатӣ додани рутбаҳои тахассусии аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон додашаванда, ки минбаъд аз тарафи роҳбари ин мақом ба мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ барои баррасӣ пешниҳод карда мешавад;

–дар фазои ботантана ба хизматчии давлатӣ эълон намудани қарор дар бораи додани рутбаи тахассусӣ;

–таъсиси махзани маълумот оид ба масъалаҳои вобаста ба рутбаҳои тахассусии хизматчиёни давлатии мақоми давлатӣ;

–иҷрои дигар ваколатҳое, ки ба рутбаҳои тахассусии хизматчии давлатӣ вобастагӣ доранд.

IV. Қабули қарор оид ба масъалаҳои рутбаи тахассусӣ

26. Роҳбари мақоми давлатӣ дар асоси пешниҳоди роҳбари бевоситаи хизматчии давлатӣ дар хусуси ба хизматчии давлатӣ додан, мавқуф гузоштан, нигоҳ доштан ва доир ба дигар масъалаҳои вобаста ба рутбаи тахассусӣ дар муддати 5 рӯзи тақвимӣ қарор (фармон) қабул менамояд.

27. Нусхаи қарори (фармони) додани рутбаи тахассусӣ дар делои шахсии хизматчии давлатӣ нигоҳ дошта мешавад.

28. Хизматчии давлатӣ бо қарори (фармони) роҳбари мақоми давлатӣ дар бораи додан, мавқуф гузоштан, нигоҳ доштан ва дигар масъалаҳои вобаста ба рутбаи тахассусӣ шинос карда мешавад.

V. Пардохти иловапулӣ барои рутбаҳои тахассусӣ

29. Андозаи ҳармоҳаи иловапулиро барои рутбаи тахассусӣ ба маоши мансабии хизматчии давлатӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

30. Иловапулӣ барои рутбаи тахассусӣ ба хизматчии давлатӣ аз рӯзи имзои қарор (фармон) пардохт карда мешавад.

VI. Қоидаҳои хотимавӣ

31. Роҳбари мақоми давлатӣ барои татбиқи Низомномаи мазкур ва ҳалли масъалаҳо вобаста ба рутбаҳои тахассусии хизматчиёни давлатӣ масъул мебошад.

32. Баҳсҳо оид ба масъалаҳои вобаста ба рутбаи тахассусӣ аз тарафи роҳбари мақоми давлатии болоӣ, мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ва суд баррасӣ карда мешаванд.

ФАРМОНИ
ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

«Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби ҳисоб кардани собиқаи хизмати давлатӣ»

(Бо тағйиру иловаҳо аз 19.07.2019, №1288)

Бо мақсади муайян намудан ва ба танзим даровардани давраҳои фаъолияти меҳнатие, ки ҳамчун собиқаи хизмати давлатӣ ҳисоб карда мешаванд ва мутобиқи моддаи 37 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ф а р м о н м е д и ҳ а м:

1. Низомномаи замимагардидаи тартиби ҳисоб кардани собиқаи хизмати давлатӣ тасдиқ карда шавад.

2. Иловапулии хизматчиёни давлатӣ барои собиқаи кор, ки то мавриди амал қарор гирифтани ин Низомнома таъин карда шудааст, нигоҳ дошта шуда, минбаъд ҳисоб кардани собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Низомномаи мазкур анҷом дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе
24 апрели соли 2008, №449

Бо фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 24 апрели соли 2008,
№449 тасдиқ шудааст

НИЗОМНОМАИ
тартиби ҳисоб кардани собиқаи хизмати давлатӣ

(Бо тағйиру иловаҳо аз 19.07.2019, №1288)

I. Муқаррароти умумӣ

1. Низомномаи тартиби ҳисоб кардани собиқаи хизмати давлатӣ (минбаъд - Низомнома) давраҳои фаъолияти меҳнатиеро, ки собиқаи хизмати давлатӣ ҳисоб карда мешаванд, инчунин тартиби аз тарафи комиссияи мақомоти давлатӣ ҳисоб кардани собиқаи хизмати давлатиро муайян менамояд.

2. Собиқаи хизмати давлатӣ - фаъолияти меҳнатии хизматчии давлатӣ дар мақомоти давлатии пешбининамудаи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва бандҳои 4 ва 5 Низомномаи мазкур мебошад, ки ба хизматчии давлатӣ имконияти гирифтани кафолатҳои иҷтимоии муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро фароҳам меорад *(фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июли соли 2019,№1288)*.

3. Собиқаи хизмати давлатӣ барои амалигардонии кафолатҳои зерини иҷтимоии хизматчии давлатӣ асос мебошад *(фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июли соли 2019,№1288):*

-гирифтани иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ;

-рухсатии иловагии ҳарсолаи пардохтшаванда;

-баромадан ба нафақа тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-гирифтани кӯмакпулии яквақта дар сурати ба нафақа баромадан;

-ройгон ба моликияти хизматчии давлатӣ додани хонаи истиқоматии дар фонди манзили давлатӣ ишғолкарда (ба ғайр аз хонаҳои истиқоматии хизматӣ);

-таъин шудан ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатии категорияи дахлдор;

-дигар кафолатҳои иҷтимоие, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷи-кистон муқаррар намудааст.

II. Фаъолияти меҳнатие, ки ба собиқаи хизмати давлатӣ дохил карда мешавад

4. Ба собиқаи хизмати давлатӣ давраи фаъолияти шаҳрванд дар мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ, мансабҳои сиёсӣ ва маъмурии хизмати давлатӣ, хизмат дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизмати ҳарбӣ, инчунин фаъолият дар мансабҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ки дар Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, дохил мешаванд.

5. Ба собиқаи хизмати давлатӣ ҳамчунин дохил мешаванд:

-давраи кор дар мақомоти интихобӣ, ҳизбӣ, комсомолӣ ва иттифоқҳои касабаи собиқ Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ ва Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон то 9 сентябри соли 1991;

-давраи кор дар мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, дар системаи бонки давлатӣ, назорати давлатӣ (халқӣ), арбитражи давлатӣ, мақомоти гумрук ва андоз, дар намояндагиҳои дипломатӣ, муассисаҳои консулӣ ва тиҷоратии собиқ Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ ва Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон, дар мансабҳое, ки ба хизматрасонии техникӣ ва таъминоти фаъолияти ин мақомот алоқаманд нестанд *(фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июли соли 2019,№1288);*

-давраи адои хизмати ҳақиқии ҳарбии ҳайати афсарон, прапоршикҳо ва дигар хизматчиёни ҳарбӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳ, қӯшунҳои дохилӣ, қисмҳои сарҳадӣ, мақомоти идоракунӣ ва қисмҳои мудофиаи граждани, мақомоти давлатии амнияти миллӣ ва дигар воҳидҳои низомии собиқ Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ ва Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (*фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июли соли 2019,№1288);*

-давраи кор дар намояндагиҳои доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкилотҳои байналмилалӣ, байнидавлатӣ (байниҳукуматӣ);

-давраи кор дар хорича, ки бо роҳхати мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти собиқ Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ ва Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон сурат гирифтааст, агар шахс дар муддати ду моҳ аз рӯзи бозгашт ба хизмати давлатӣ дохил шуда бошад;

-давраи кор дар мансаби охирини ташкилоти давлатии ба низоми хизмати давлатӣ дохилнабуда, агар корманд дар асоси амр, фармон, розигии хаттии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиш, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият карда бошад ва ё дар асоси амр, фармон, розигии хаттии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиш, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизмати давлатӣ гузашта бошад;

-давраи охирини фаъолияти корманд (ба истиснои ҳайати техникӣ ва хизматрасон) дар корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳои давлатии бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти давлатӣ табдилдодашуда, ки корманд аз он ба мансаби давлатии хизмати давлатии пешбининамудаи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи гузариш таъин шуда бошад *(фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июли соли 2019,№1288)*;

- давраи охирини фаъолияти кормандон дар мансабҳои роҳбар ва ё муовини роҳбари корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳои давлатӣ, ки аз он ҷо ба мансаби хизмати давлатӣ ва мансабҳои ба он баробаркардашуда таъин ё интихоб шуда бошад (*фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июли соли 2019,№1288)*;

- давраи баъди таҷдид, барҳам хӯрдан, ихтисори воҳидҳои сохтори мақомоти давлатӣ, ки мувофиқи тартиби муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба хизмати давлатӣ, меҳнат ва шуғли аҳолӣ хизматчии давлатӣ дар мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ҳамчун шахси бекор ба муҳлати то як сол ба қайд гирифта шуда бошад ва ё дар сурати набудани имконияти мувофиқи ихтисосаш ба дигар мансаби давлатии хизмати давлатӣ гузаронидан то як сол дар мақоми давлатӣ ба захираи кадрҳо дохил карда шуда бошад, дар ҳолати мавҷуд будани қайди дахлдор дар дафтарчаи меҳнатӣ (*фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июли соли 2019, №1288)*;

-давраи муваққатан фаъолият намудан дар мансабҳое, ки ишғолкунандагони онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳсили дарозмуддат фиристода шудаанд ё дар рухсатии иҷтимоӣ қарор доранд *(фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июли соли 2019, №1288)*;

-давраи рухсатии иҷтимоии хизматчии давлатӣ, ки мутобиқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст;

-давраи рухсатиҳои бемузди муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-давраи таҳсил (тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзӣ), ки бо роҳхати мақомоти давлатӣ сурат гирифтааст, агар хизматчии давлатӣ қабл аз фаро гирифта шудан ба таҳсил дар хизмати давлатӣ бошад ва баъди хатми он ба ҳамон ё дигар мақоми давлатӣ ба хизмати давлатӣ баргашта бошад;

-давраи адои хизмати ҳарбӣ тибқи даъват;

-давраи адои хизмати ҳақиқии ҳарбӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳ, қӯшунҳои дохилӣ, қисмҳои сарҳадӣ, мақомоти идоракунӣ ва қисмҳои мудофиаи граждани, Қумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, собиқ Гвардияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,

Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар воҳидҳои низомии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-давраи адои хизмати ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ, воҳидҳои ҳарбикунонидашудаи зидди сӯхтор, ҳимояи тартиботи ҷамъиятӣ, дигар воҳидҳои сохтории мақомоти корҳои дохилӣ, мақомот ва системаи иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон *(фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июли соли 2019,№1288)***;**

-давраи адои хизмат дар мақомоти прокуратура;

-давраи адои хизмат дар Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-давраи адои хизмат дар мансабҳои афсарӣ ва роҳбарикунандаи воҳидҳои посбонии ҳарбикунонидашуда, мақомоти махсуси алоқа ва қисмҳои наҷотдиҳӣ (новобаста аз тобеияти идоравӣ ва мавҷудияти рутба);

-давраи дур намудани хизматчии давлатӣ аз иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ, агар дар натиҷаи санҷиши хизматӣ қонунӣ дур намудани хизматчии давлатӣ аз иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ тасдиқ нагашта бошад;

-давраи ғайриқонунӣ дар ҳабс нигоҳ доштан ва адо намудани ҷазо, агар нисбати хизматчии давлатӣ тибқи тартиби муқарраршуда ҳукми сафедкунандаи суд бароварда шуда бошад;

-давраи ғайриқонунӣ аз кор озод будан ё ба кори дигар гузаронидан, агар хизматчии давлатӣ ба ҷойи кори пештарааш барқарор шуда бошад;

-дигар ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст.

III. Тартиби ҳисоб кардани собиқаи хизмати давлатӣ

6. Давраҳои фаъолияти меҳнатӣ, ки ҳамчун собиқаи хизмати давлатӣ ҳисоб карда мешаванд, сарфи назар аз муҳлати қатъ шуданашон бо солҳо, моҳҳо ва рӯзҳо ҳисоб карда мешавад.

7. Ҳуҷҷатҳои асосии фаъолияти меҳнатии хизматчии давлатӣ, ки собиқаи хизмати давлатиро тасдиқ мекунанд, дафтарчаи меҳнатӣ ва ҳуҷҷатҳои парвандаи шахсии хизматчии давлатӣ мебошанд *(фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июли соли 2019,№1288)*.

8. Дар сурати набудани сабти зарурӣ ё нодуруст ва ғалат будани сабти давраҳои корӣ, собиқаи меҳнатӣ аз рӯи маълумотномаҳо, нусхаи қарорҳо (фармонҳо, амрҳо ва дигар санадҳои мақомоти дахлдори давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо) дар бораи ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ таъин ва озод кардани шаҳрванд, ҳисобҳои шахсӣ, варақаҳои пардохти музди

меҳнат ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки ба таври расмӣ фаъолияти меҳнатиро исбот мекунанд, тасдиқ карда мешавад.

9. Собиқаи хизмати давлатӣ аз тарафи Комиссияи мақомоти давлатӣ оид ба ҳисоб намудани собиқаи хизмати давлатӣ (минбаъд Комиссия) муайян карда мешавад. Комиссия аз тарафи роҳбари мақомоти давлатӣ дар ҳайати на камтар аз 3 нафар таъсис дода мешавад.

10. Комиссия аз рӯи зарурат ҷаласа мегузаронад ва оид ба натиҷаи ҳисоб намудани собиқаи хизмати давлатӣ протокол тартиб медиҳад.

11. Протокол бо қарори (фармоиши, амри) роҳбари мақоми давлатӣ тасдиқ гардида, нусхаи қарор (фармоиш, амр) ва протокол дар муҳосибот, хадамоти кадрӣ ва парвандаи шахсӣ нигоҳ дошта мешаванд. Хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ дар асоси муроҷиати хизматчии давлатӣ иқтибос аз протоколи ҳисоб кардани собиқаи хизмати давлатиро пешниҳод менамояд *(фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июли соли 2019,№1288)*.

12. Баҳсҳои вобаста бо муайян намудани собиқаи хизмати давлатӣ аз тарафи мақоми болоӣ, мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ва суд баррасӣ карда мешаванд.

ФАРМОНИ
ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

«Дар бораи Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ»

Бо мақсади таҳкими дастгоҳи давлатӣ, таъмини болоравии мансабии хизматчиёни давлатии мақомоти давлатӣ ва мутобиқи моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ф а р м о н м е д и ҳ а м:

1. Низомномаи замимагардидаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ тасдиқ карда шавад.

2. Роҳбарони мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва хадамоти кадрии онҳо аттестатсияи минбаъдаи хизматчиёни давлатиро тибқи Низомномаи мазкур ба роҳ монанд.

3. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2002, №878 «Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ» беэътибор дониста шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе
30 майи соли 2008, №468

Бо фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 30 майи соли 2008, №468
тасдиқ шудааст

Низомномаи
тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи
хизматчиёни давлатии маъмурӣ
(Бо тағйиру иловаҳо аз 06.08.2019, №1330)

I. Муқаррароти умумӣ

1. Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ (минбаъд- Низомнома) тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурии мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки кормандони онҳо ба хизматчиёни давлатӣ баробар карда шудаанд (минбаъд – мақомоти давлатӣ), танзим менамояд.

2. Аттестатсия - ин тартиби муайян намудани мувофиқати хизматчии давлатии маъмурӣ ба мансаби ишғолнамуда мебошад, ки он бо роҳи баҳодиҳӣ ба натиҷаи иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ, сатҳи дониш, малака ва тайёрии касбии ӯ муайян карда мешавад.

3. Аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ (ба истисноии хизматчиёни давлатии сиёсӣ ва хизматчиёни давлатии маъмурии категорияи олӣ) бо мақсади беҳтар ба роҳ мондани интихоб, ҷобаҷогузорӣ ва тарбияи кадрҳо, баланд бардоштани сифат ва самаранокии хизмати давлатӣ, гирифтани иттилооти объективӣ оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ ва сатҳи дониши касбии хизматчиёни давлатии маъмурӣ гузаронида мешавад.

4. Вазифаҳои аттестатсия инҳо мебошанд:

–таҳкими иқтидори кадрии хизмати давлатӣ;

–баланд бардоштани масъулияти хизматчии давлатии маъмурӣ барои иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ;

–таъмини болоравии касбии хизматчии давлатии маъмурӣ;

–ҳавасмандгардонии меҳнати самаранок ва сифатноки хизматчиёни давлатии маъмурӣ;

–пешбинӣ намудани чораҳо оид ба такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии маъмурӣ.

5. Принсипҳои асосии аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ инҳо мебошанд:

–ошкоро (кушода) гузаронидани аттестатсия;

–эҳтиромӣ тарафайн (аттестатсияшаванда ва аъзои комиссия) ҳангоми гузаронидани аттестатсия;

–баҳодиҳии объективона, воқеъбинона ва маҷмӯии аттестатсия-шаванда;

–асоснокии хулоса ва тавсияи комиссияи аттестатсионӣ;

–таъсирбахшии натиҷаи аттестатсия (ҳатмӣ будани хулоса ва тавсияҳои комиссияи аттестатсионӣ барои роҳбари мақоми давлатӣ).

6. Роҳбарии методӣ ва назорати рафти гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатиро мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ (минбаъд - мақоми ваколатдор) амалӣ менамояд.

7. Аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ дар се сол як маротиба гузаронида мешавад ва он наметавонад барои шаклҳои дигари баҳодиҳии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ монеъ гардад.

8. Аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ пеш аз муҳлати муқарраргардида аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда мешавад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба комиссияи аттестатсионӣ ваколатҳои иловагиро вогузор намояд *(Бо тағйиру иловаҳо аз 06.08.2019, №1330)*.

9. Хизматчиёни давлатии сиёсӣ, хизматчиёни давлатии маъмурии категорияи олӣ ва хизматчии давлатии ба синни ниҳоии хизмати давлатӣ расида аттестатсия карда намешаванд.

10. Аз аттестатсия хизматчиёни давлатии маъмурии дар мансаби ишғолнамудаи хизмати давлатӣ камтар аз як сол фаъолиятнамуда ва занони дар рухсатии ҳомиладорӣ, таваллуд ва нигоҳубини тифл буда озод карда мешаванд.

11. Хизматчиёни давлатии маъмурии дар банди 10 ҳамин Низомнома нишондодашуда, инчунин мутахассисони ҷавон баъд аз як соли кор дар мансаби ишғолнамуда аз аттестатсия мегузаранд.

II. Комиссияи аттестатсионӣ

12. Бо қарори роҳбари мақоми давлатӣ барои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ аз ҳисоби мутахассисони ботаҷрибаи мақоми давлатӣ дар ҳайати раис, котиб ва аъзо бо шумораи на камтар аз 3 нафар комиссияи аттестатсионӣ таъсис дода мешавад. Дар ҳолати аз тарафи мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ таъин гардидани аттестатсия, комиссияи аттестатсионӣ мумкин аст аз тарафи ҳамин мақомот таъсис дода шавад.

13. Аттестатсияи хизматчиёни давлатии мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ки шумораи хизматчиёни давлатиашон камтар аз 15 нафарро ташкил медиҳад, дар мақомоти давлатии болоӣ ё мақомоти давлатии дахлдори ҳудудӣ гузаронида мешавад. Дар чунин ҳолат намояндаи ин мақомот ба ҳайати комиссияи аттестатсионӣ дохил карда мешавад.

14. Комиссияи аттестатсионӣ дар вақти амалӣ намудани фаъолияти худ набояд барои пайдо шудани ихтилофи манфиатҳо, ки ба қарори вай таъсир расонида метавонанд, шароит фароҳам биёрад. Аъзои комиссияи аттестатсионӣ дар вақти баҳогузории фаъолияти хизматчии давлатӣ, додани хулоса ва тавсия мустақил мебошад.

15. Фаъолияти комиссияи аттестатсионӣ ҳамон вақт босалоҳият ҳисоб мешавад, ки агар дар кори он аз се ду ҳиссаи аъзои комиссия иштирок дошта бошад.

16. Дар аттестатсия намояндаи мақоми ваколатдор ҳуқуқ дорад бо овози машваратӣ иштирок намояд.

III. Тартиби ташкили аттестатсия

17. Аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурии мақомоти давлатӣ дар асоси санади (қарори, амри, фармони) роҳбари мақоми давлатӣ баргузор мегардад. Дар санад (қарор, амр, фармон) вақт ва тартиби гузаронидани аттестатсия нишон дода шуда, дар ин хусус мақоми ваколатдор ба таври хаттӣ хабардор карда мешавад.

18. Ҷадвали баргузории аттестатсия аз тарафи хадамоти кадрӣ таҳия ва аз ҷониби роҳбари мақоми давлатӣ тасдиқ карда шуда, на дертар аз ду ҳафта пеш аз баргузории аттестатсия ба маълумоти аттестатсияшавандагон расонида мешавад.

19. Дар ҷадвал сана, вақт ва ҷойи гузаронидани аттестатсияи кормандони дастгоҳи марказӣ, воҳидҳои сохторӣ ва дигар сохторҳои мақоми давлатӣ (ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ) нишон дода мешаванд. Ба ҷадвали баргузории аттестатсия рӯйхати хизматчиёни давлатии маъмурии аттестатсияшаванда замима карда мешавад.

20. Роҳбарони воҳидҳои сохторӣ барои ҳар як корманди тобеъ, ки аттестатсия карда мешавад, тавсифномаи хизматӣ таҳия намуда, онро на дертар аз даҳ рӯз то баргузории аттестатсия ба хадамоти кадрӣ пешниҳод менамоянд. Тавсифномаи хизматии роҳбарони воҳидҳои сохторӣ аз тарафи роҳбарони бевоситаи онҳо (минбаъд-роҳбари воҳидҳои сохторӣ) таҳия карда мешавад.

21. Дар тавсифномаи хизматӣ (замимаи 1) масъалаҳои зерини фаъолияти хизматчии давлатӣ нишон дода мешаванд:

–сатҳи донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолияти хизматии хизматчии давлатиро ба танзим медароранд ва риояи онҳо;

–татбиқи донишу таҷриба дар мансаби ишғолнамуда, қобилияти ташкилотчигӣ ва ташаббускорӣ;

–иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ;

–худтакмилдиҳӣ ва татбиқи технологияи компютерӣ ва иттилоотӣ дар фаъолияти касбӣ;

–дигар хусусиятҳои хоси хизматчии давлатӣ (донистани забонҳои хориҷӣ, такмили ихтисос, фаъолияти ҷамъиятӣ ва ғ.).

22. Тавсифномаи хизматӣ мувофиқи ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда ва мушоҳидаи роҳбари воҳиди сохторӣ тартиб дода мешавад. Қисми иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии тавсифномаи хизматӣ бо ҳисоботи натиҷаи фаъолияти нимсола ва солонаи хизматчии давлатӣ асоснок карда мешавад.

23. Роҳбари воҳиди сохторӣ барои воқеӣ ва объективӣ тартиб додани тавсифномаи хизматии аттестатсияшаванда масъулияти шахсӣ дорад ва ӯҳдадор аст, ки ӯро бо тавсифномаи хизматӣ шинос намояд.

24. Аттестатсияшаванда метавонад ба комиссияи аттестатсионӣ маълумоти иловагиро дар бораи фаъолияти касбиаш пешниҳод кунад.

Ҳамзамон ӯ ҳуқуқ дорад норозигии худро нисбати тавсифномаи хизматӣ ба хадамоти кадрӣ ва/ё комиссияи аттестатсионӣ пешниҳод карда, гузаронидани омӯзиши иловагии фаъолияти хизматии худро талаб намояд. Талаби ӯ аз тарафи комиссияи аттестатсионӣ баррасӣ ва ҳал карда мешавад.

25. Аз аттестатсия дар навбати аввал роҳбарони воҳидҳои сохторӣ ва сипас хизматчиёни давлатии маъмурии ба онҳо тобеъ мегузаранд.

26. Роҳбари воҳиди сохторӣ дар вақти аз аттестатсия гузаштани хизматчии давлатии тобеъ иштирок менамояд ва ҳуқуқ дорад тавсифномаи хизматии тартибдодаи худро тавзеҳ диҳад.

IV. Баргузории аттестатсия

27. Аттестатсияи хизматчии давлатӣ бо иштироки аттестатсияшаванда дар рӯзи пешбининамудаи ҷадвали баргузории аттестатсия дар соатҳои корӣ доир мегардад.

28. Хизматчиёни давлатии аттестатсияшаванда, ки бо сабабҳои узрнок (рухсатии меҳнатӣ, сафари хизматӣ, беморӣ ва дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ) дар аттестатсия иштирок карда наметавонанд, тибқи ҷадвали иловагии баргузории аттестатсия аз аттестатсия мегузаранд.

29. Комиссияи аттестатсионӣ дар сурати бе сабабҳои узрнок ба аттестатсия ҳозир нашудани аттестатсияшаванда ба роҳбари мақоми

давлатӣ оид ба гузаронидани санҷиши хизматӣ пешниҳод ирсол менамояд.

Роҳбари мақоми давлатӣ дар асоси он қарори дахлдор қабул менамояд.

30. Комиссияи аттестатсионӣ маърӯзаи роҳбари бевоситаи аттестатсияшавандаро мешунавад ва дар сурати зарурат омӯзиши иловагии фаъолияти хизматчии давлатии маъмуриро анҷом медиҳад.

31. Комиссияи аттестатсионӣ бо аттестатсияшаванда тибқи бандҳои тавсифномаи хизматӣ дар шакли саволу ҷавоб суҳбат мегузаронад. Ҳар аъзои комиссияи аттестатсионӣ ҳуқуқ дорад ба аттестатсияшаванда савол диҳад, дар асоси ҷавобҳои ба саволҳои худ ва/ё ҷавобҳои ба саволҳои дигар аъзои комиссияи аттестатсионӣ додашуда ва/ё бо назардошти тавзеҳоти роҳбари хизматчии давлатии аттестатсияшаванда ӯро баҳогузорӣ намояд. Саволҳои додашуда ва ҷавобҳои аттестатсияшаванда аз тарафи котиби комиссияи аттестатсионӣ дар варақаи аттестатсионӣ мухтасар қайд карда мешаванд.

32. Баҳои аъзои комиссияи аттестатсионӣ аз «5»-аъло, «4»-хуб, «3»-қаноатбахш, «2»-ғайриқаноатбахш иборат мебошад, ки дар ҷадвали баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатӣ (замимаи 2) гузошта мешавад. Ҷадвали мазкур аз тарафи ҳар аъзои комиссияи аттестатсионӣ алоҳида тартиб дода ва имзо карда шуда, ба варақаи аттестатсионӣ замима карда мешавад.

33. Аз натиҷаи баҳои гузоштаи ҳар аъзои комиссияи аттестатсионӣ, баҳои умумии миёна муайян карда мешавад, ки он дар варақаи аттестатсионӣ нишон дода мешавад.

34. Арзёбии фаъолияти хизматчии давлатии маъмурӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои комиссияи аттестатсионӣ бо роҳи овоздиҳии ошкоро дар ғоибии аттестатсияшаванда ва роҳбари ӯ анҷом дода мешавад.

35. Қарори (хулоса ва тавсияҳои) комиссияи аттестатсионӣ бо овоздиҳии аксари аъзои он қабул карда мешавад. Аъзои комиссияи аттестатсионӣ ҳангоми аттестатсияи худ дар баҳодиҳӣ ва овоздиҳӣ иштирок намекунад.

36. Дар сурати баробарии овозҳои аъзои комиссияи аттестатсионӣ натиҷаи аттестатсия ба фоидаи аттестатсияшаванда ҳал карда мешавад.

37. Комиссияи аттестатсионӣ ба фаъолияти хизматчии давлатии маъмурӣ хулосаи зерин медиҳад:

–ба мансаби ишғолнамудаи маъмурии хизмати давлатӣ мувофиқат мекунад;

–ба мансаби ишғолнамудаи маъмурии хизмати давлатӣ мувофиқат намекунад.

38. Комиссияи аттестатсионӣ хизматчии давлатии маъмурии баҳои миёнаи умумии зиёда аз 20 гирифтаро чунин тавсияҳо медиҳад:

–дохил кардан ба захираи кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ (ба мансабҳои маъмурии категорияи дуюм, якум, олӣ ва мансабҳои сиёсӣ);

–ба мансаби баландтар таъин намудан, вале на баландтар аз мансабҳои категорияи сеюм;

–пеш аз мӯҳлат додани рутбаи тахассусии навбатӣ ё аз категорияи мансаби ишғолкарда як дараҷа баланд додани рутбаи тахассусӣ;

–иловапулӣ ба маоши мансабӣ дар ҳаҷми муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

39. Тавсияи иловапулӣ ба маоши мансабӣ дар ҳаҷми муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ метавонад ҳамчун тавсияи асосӣ ё иловагӣ пешниҳод карда шавад.

40. Дар сурати ба мансаби ишғолгардида номувофиқ донистани хизматчии давлатии маъмурӣ, комиссияи аттестатсионӣ ба ӯ чунин тавсияҳо медиҳад:

–такмили ихтисос ва азнавтайёркунӣ (агар мақоми давлатӣ муассисаи такмили ихтисоси соҳавӣ ва азнавтайёркунӣ дошта бошад);

–гузаронидан ба мансаби пасттари маъмурии хизмати давлатӣ (агар чунин мансабҳои холӣ мавҷуд бошанд).

41. Натиҷаҳои аттестатсия дар варақаи аттестатсионӣ (замимаи 3) қайд гардида, аз ҷониби аъзои комиссияи аттестатсионии дар овоздиҳӣ иштирокдошта имзо карда мешавад.

42. Аттестатсияшаванда аз натиҷаи аттестатсияи худ на дертар аз 3 рӯз баъд аз гузаштани аттестатсия хабардор карда мешавад.

Атгестатсияшаванда бо варақаи аттестатсионӣ шинос шуда, ба он бо қайди «розӣ ҳастам» ё «розӣ нестам» имзо мегузорад. Қайди «розӣ нестам» бояд асоснок карда шавад.

43. Дар ҳолати аз имзои варақаи аттестатсионӣ саркашӣ намудани аттестатсияшаванда, варақаи аттестатсионӣ эътибори худро гум намекунад. Ҳолати саркашӣ намудан аз имзо дар варақаи аттестатсионӣ нишон дода мешавад.

44. Варақаи аттестатсионии хизматчии давлатии маъмурӣ ба роҳбари мақоми давлатӣ дар давоми як ҳафта аз рӯзи гузаронидани аттестатсия пешниҳод карда мешавад ва иҷрои тавсияҳои комиссияи аттестатсионӣ барои ӯ ҳатмӣ мебошанд.

45. Роҳбари мақоми давлатӣ дар асоси қарори комиссияи аттестатсионӣ на дертар аз як ҳафтаи пешниҳод шудани варақаи аттестатсионӣ нисбати хизматчии давлатӣ қарорҳои зеринро қабул мекунад:

–дохил кардан ба захираи кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ (ба мансабҳои маъмурии категорияи дуюм, якум, олӣ ва мансабҳои сиёсӣ);

–бо розигии ӯ ба мансаби баландтар таъин намудан, вале на баландтар аз мансабҳои категорияи сеюм;

–пеш аз мӯҳлат додани рутбаи тахассусии навбатӣ ё аз категорияи мансаби ишғолкарда як дараҷа баланд додани рутбаи тахассусӣ;

–иловапулӣ ба маоши мансабӣ дар ҳаҷми муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

–такмили ихтисос ва азнавтайёркунӣ (агар мақоми давлатӣ муассисаи такмили ихтисоси соҳавӣ ва азнавтайёркунӣ дошта бошад);

–гузаронидан ба мансаби пасттари маъмурии хизмати давлатӣ (агар чунин мансабҳои холӣ мавҷуд бошанд).

46. Дар сурати набудани имконияти такмили ихтисос, азнавтайёркунӣ, гузаронидан ба мансаби пасттари маъмурии хизмати давлатӣ, инчунин ҳангоми ба такмили ихтисос, азнавтайёркунӣ ё гузаштан ба мансаби пасттари маъмурии хизмати давлатӣ розӣ набудани хизматчии давлатии маъмурӣ, ӯ аз мансаби ишғолкардааш озод карда мешавад.

47. Роҳбари мақоми давлатӣ ҳуқуқ дорад, ки хулоса ва тавсияи комиссияи аттестатсиониро асоснок рад намояд. Дар чунин ҳолат аттестатсияи такрории хизматчии давлатӣ бо иштироки ҳатмии роҳбари мақоми давлатӣ ва намояндаи мақоми ваколатдор на дертар аз як моҳи баъди рад намудани қарори комиссияи аттестатсионӣ гузаронида мешавад.

48. Хизматчии давлатии маъмурии ба такмили ихтисос, азнавтайёркунӣ ва гузаронидан ба мансаби пасттари маъмурии хизмати давлатӣ тавсияшуда, баъд аз шаш моҳ бо иштироки ҳатмии роҳбари мақоми давлатӣ ва намояндаи мақоми ваколатдор такроран аттестатсия карда мешавад.

49. Аттестатсияи такрорӣ бо тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Низомнома гузаронида мешавад. Ҳангоми аттестатсияи такрорӣ бо ҳолатҳои дар банди 48 нишондодашуда, тавсияи комиссияи аттестатсионӣ дода намешавад.

50. Ҳангоми такроран ба мансаби ишғолкардааш номувофиқ дониста шудани хизматчии давлатии маъмурӣ, ӯ дар асоси хулосаи комиссияи аттестатсионӣ бо санади (қарори, амри, фармони) роҳбари мақоми давлатӣ аз мансаби ишғолкардааш озод карда мешавад. Чунин шахсон ҳуқуқи бо тартиби умумӣ дар озмунҳо барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии категорияи пасттар иштирок карданро нигоҳ медоранд.

51. Рафти аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ аз тарафи котиби комиссияи аттестатсионӣ дар протокол сабт карда шуда, бо имзои раис, котиб ва аъзои комиссияи аттестатсионӣ тасдиқ карда мешавад (замимаи 4).

52. Дар протокол вақт, ҷой, ҳайати комиссияи аттестатсионӣ, дигар шахсони дар аттестатсия иштироккунанда (роҳбари мақоми давлатӣ, намояндаи мақоми ваколатдор), насаб, ном, номи падар ва мансаби аттестатсияшавандаҳо, роҳбари бевоситаи хизматчии давлатии дар аттестатсия иштирок намуда, баҳои умумии миёна, хулоса ва тавсияи комиссияи аттестатсионӣ нисбати ҳар як хизматчии давлатӣ ва сабабҳои дар аттестатсия иштирок накардани аттестатсияшаванда нишон дода мешавад. Иштироки роҳбари бевоситаи хизматчии давлатӣ ва сабабҳои дар аттестатсия иштирок накардани аттестатсияшаванда дар сутуни эзоҳи ҷадвали натиҷаи аттестатсия нишон дода мешавад.

V. Муқаррароти хотимавӣ

53. Хизматчии давлатии аттестатсияшаванда ҳуқуқ дорад аз қарорҳои қабулнамудаи комиссияи аттестатсионӣ ба роҳбари мақоми давлатӣ, мақоми болоӣ, мақоми ваколатдор ва суд шикоят намояд. Аз болои қарори комиссияи аттестатсионӣ шикоят намудани аттестатсияшаванда, иҷрои қарори комиссияи аттестатсиониро боз намедорад.

54. Баҳсҳои вобаста ба гузаронидани аттестатсия аз ҷониби роҳбари мақоми давлатӣ, мақоми болоӣ, мақоми ваколатдор ё суд ҳал карда мешаванд.

55. Баъди гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ санади (қарори, амри, фармони) мақоми давлатӣ қабул мегардад, ки дар он натиҷаҳои аттестатсия таҳлил карда шуда, чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани кор бо кадрҳо пешбинӣ карда мешаванд.

56. Натиҷаҳои аттестатсия дар давоми 20 рӯзи баъди гузаронидани аттестатсия, вале на дертар аз рӯзи 5-уми моҳи пас аз гузаронидани аттестатсия ба мақоми ваколатдор пешниҳод карда мешаванд.

57. Мақоми ваколатдор ҳар сол дар моҳи январ оид ба натиҷаи аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ахборот пешниҳод менамояд.

Замимаи 1
ба Низомномаи тартиб ва шартҳои
гузаронидани аттестатсияи
хизматчиёни давлатии маъмурӣ

Тавсифномаи хизматӣ
ба хизматчии давлатии маъмурии аттестатсияшаванда

Насаб, ном, номи падар_____
Мансаб_____
_____
Сана ва асоси таъин шудан ба мансаб_____

1.Сатҳи донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномавӣ, ки ӯҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатиро ба танзим медароранд ва риояи онҳо_____
_____
_____
_____

2. Татбиқи донишу таҷриба дар мансаби ишғолнамуда, қобилияти ташкилотчигӣ ва ташаббускорӣ_____
_____
_____

3. Иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ (пуррагӣ ва сифатнокии натиҷаи кори хизматчии давлатӣ, дараҷаи интизомнокӣ)_____
_____
_____
_____

4. Худтакмилдиҳӣ ва татбиқи технологияи компютерӣ ва иттилоотӣ дар фаъолияти касбӣ_____
_____
_____

5. Дигар хусусиятҳои хоси хизматчии давлатӣ (донистани забонҳои хориҷӣ, такмили ихтисос, фаъолияти ҷамъиятӣ ва ғ.)_____
_____
_____
_____

Роҳбари воҳиди сохторӣ

_____ _____ _____

(мансаби ишғолнамуда) (имзо) (Насаб,ном, номи падар)

Сана «_____»_____ соли 20_____

Шинос шудам:
Аттестатсияшаванда_____
_____

(имзо) (Насаб, ном, номи падар)

Сана «_____»_____ соли 20__

Замимаи 2
ба Низомномаи тартиб ва шартҳои
гузаронидани аттестатсияи
хизматчиёни давлатии маъмурӣ

Ҷадвали
баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатӣ

Насаб, ном, номи падар_____
Мансаб_____
Сана ва асоси таъин шудан ба мансаб_____

Р/т	Нишондодҳо	Баҳо	Эзоҳ:
1.	Сатҳи донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолияти хизматии хизматчии давлатиро ба танзим медароранд ва риояи онҳо		
2.	Татбиқи донишу таҷриба дар мансаби ишғолнамуда, қобилияти ташкилотчигӣ ва ташаббускорӣ		
3.	Иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ (пуррагӣ ва сифатнокии натиҷаи кори хизматчии давлатӣ, дараҷаи интизомнокӣ)		
4.	Худтакмилдиҳӣ ва татбиқи технологияи компютерӣ ва иттилоотӣ дар фаъолияти касбӣ		
5.	Дигар хусусиятҳои хоси хизматчии давлатӣ (донистани забонҳои хориҷӣ, такмили ихтисос, фаъолияти ҷамъиятӣ ва ғ.)		
6.	Баҳои умумӣ		

Аъзои комиссияи
аттестатсионӣ _____
_____
(имзо) (насаб, ном, номи падар)

Сана «____»_____ соли 20_____

Замимаи 3
ба Низомномаи тартиб ва шартҳои
гузаронидани аттестатсияи
хизматчиёни давлатии маъмурӣ

ВАРАҚАИ АТТЕСТАТСИОНӢ

_____
_____
_____

(насаб, ном, номи падари аттестатсияшаванда)

_____
_____

(мансаби ишғолнамуда ва ҷои кор)

Дар мансаб аз_____ кор мекунад

(рӯз, моҳ, сол)

Собиқаи умумии меҳнатӣ_____собиқаи хизмати давлатӣ_____

Таҳсилот_____
_____

(кай ва кадом муассисаи таълимиро хатм кард, ихтисос)

_____
_____

Рутбаи тахассусӣ, санаи додани он_____

Ҷазои интизомии бардоштанашуда_____

(намуди ҷазо, кай ва аз тарафи кӣ дода шудааст)

Бо аттестатсияшаванда оид ба масъалаҳои зерин дар шакли саволу ҷавоб сӯҳбат доир гардид:

_____
_____
_____

Натиҷаи аттестатсияи хизматчии давлатии маъмурӣ_____

Баҳои умумии миёнаи фаъолияти хизматчии давлатии маъмурӣ_____

Хулосаи комиссияи аттестатсионӣ_____
Тавсияи комиссияи аттестатсионӣ_____
_____
_____
Раиси комиссияи аттестатсионӣ _____
Котиби комиссияи аттестатсионӣ _____
Аъзои комиссияи аттестатсионӣ _____

(имзо, насаб, ном, номи падар)

Санаи баргузории аттестатсия «____» «_____» соли 20_____
Шинос шудам_____
____
(розӣ ҳастам, розӣ нестам, сабабҳои розӣ набудан)
_____
_____
___ _____
_____ _____
(имзо) (насаб, ном, номи падари аттестатсияшаванда)

«____»_____ соли 20__

Замимаи 4
ба Низомномаи тартиб ва шартҳои
гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни
давлатии маъмурӣ

ПРОТОКОЛИ №

комиссияи
аттестатсионии_____

_____
_____

(номи мақоми давлатӣ)

аз «__» _____ соли 200__ шаҳри/ ноҳияи_____

Ҳайати комиссияи аттестатсионӣ

_____
_____

(насаб, ном, номи падар ва мансаби ишғолнамуда)

Дар аттестатсия иштирок намуданд

_____
_____

(насаб, ном, номи падар ва мансаби ишғолнамуда)

НАТИҶАИ АТТЕСТАТСИЯ

Р/т	**Насаб,ном, номи падари аттестатсияшаванда**	**Мансаби ишғолнамуда**	**Баҳои миёнаи умумӣ**	**Хулосаи комиссияи аттестатсионӣ**	**Тавсияи комиссияи аттестатсионӣ**	**Эзоҳ**

Раиси комиссия_____

Котиби комиссия _____

Аъзои комиссия _____

(имзо, насаб, ном, номи падар)

ФАРМОНИ
ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

«Дар бораи тасдиқи Дастурамали гузаронидани санҷиши хизматӣ»

Бо мақсади ҷорӣ намудани низоми ягонаи гузаронидани санҷиши хизматӣ нисбати хизматчиёни давлатӣ ва мутобиқи моддаи 32 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ф а р м о н м е д и ҳ а м:

1. Дастурамали замимагардидаи гузаронидани санҷиши хизматӣ тасдиқ карда шавад.
2. Роҳбарони мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҳангоми ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани хизматчиёни давлатии мақомоти худ талаботи Дастурамали мазкурро риоя намоянд.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе
18 декабри соли 2008 , №577

Бо фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 18 декабри соли 2008,
№577 тасдиқ шудааст

Дастурамали
гузаронидани санҷиши хизматӣ

1. Дастурамали гузаронидани санҷиши хизматӣ (минбаъд- Дастурамал) тартиби гузаронидани санҷиши хизматиро нисбати хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамояд.

2. Бо мақсади муайян намудани ҳолатҳои иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани ӯҳдадориҳои мансабӣ аз тарафи роҳбари мақоми давлатӣ санҷиши хизматӣ таъин карда мешавад. Санҷиши хизматӣ метавонад бо талаби хизматчии давлатӣ низ таъин карда шавад.

3. Санҷиши хизматӣ ин фаъолият оид ба ҷамъ овардан ва санҷиши маълумот дар бораи кирдори интизомии содирнамудаи хизматчии давлатӣ мебошад, ки бо мақсади пурра, ҳаматарафа ва объективона муайян намудани ҳолатҳои содиршавии кирдори интизомӣ гузаронида мешавад.

4. Дар ҳолати ба кирдори интизомии содирнамудаи худ иқрор будан ва изҳори пушаймонӣ намудани хизматчии давлатӣ роҳбари мақоми давлатӣ, ки ҳуқуқи таъин намудан ба мансаб (пешниҳод намудан ба мансаб- барои мансабҳои интихобӣ) ва озод намудан аз мансаб ва/ё ҳуқуқи гузаронидани санҷиши хизматӣ ва додани муҷозоти интизомиро дорад (минбаъд – роҳбари мақоми давлатӣ) ҳуқуқ дорад, бе гузаронидани санҷиши хизматӣ ба ӯ муҷозоти интизомӣ дар намуди сарзаниш ё танбеҳ диҳад.

5. Санҷиши хизматӣ бевосита баъди содир кардани кирдори интизомӣ, дар мӯҳлати 15 рӯзи тақвимӣ, аммо на дертар аз 1 моҳ аз рӯзи ошкор шудани он гузаронида мешавад.

6. Дар ҳолате, ки агар санҷиши хизматӣ гузаронидани санҷиши ҳуҷҷатӣ, молиявӣ ва дигар намудҳои санҷишро талаб намояд, мӯҳлати он дар асоси дархости асосноки санҷишкунанда (роҳбари комиссияи интизомӣ) аз тарафи роҳбари мақоми давлатӣ метавонад ба мӯҳлати на зиёдтар аз 1 моҳ аз рӯзи ошкор шудани кирдори интизомӣ дароз карда шавад.

7. Санҷиши хизматӣ баъди 6 моҳи содир намудани кирдори интизомӣ, аз рӯи натиҷаи тафтиши (ревизияи) фаъолияти молиявию хоҷагӣ бошад, баъди 2 соли содир шудани он гузаронида намешавад. Ба

мӯҳлати зикршуда вақти тафтиши парвандаи ҷиноятӣ дохил намешавад.

8. Санҷиши хизматӣ барои кирдори интизомии камаҳамият бо супориши роҳбари мақоми давлатӣ аз тарафи корманди масъули хадамоти кадрӣ ё роҳбари бевоситаи хизматчии давлатии кирдори интизоми содирнамуда гузаронида мешавад.

Эзоҳ: Кирдори интизомии камаҳамият - кирдоре мебошад, ки хизматчии давлатӣ маротибаи аввал ё баъд аз бардоштани муҷозоти интизомии додашуда содир намудааст ва барои содир кардани он мумкин аст, муҷозоти интизомӣ дар намуди сарзаниш, танбеҳ ё то як сол мавқуф гузоштани додани рутбаи тахассусии навбатӣ татбиқ карда шавад.

9. Бо санади (қарори, амри, фармони) роҳбари мақоми давлатӣ барои гузаронидани санҷиши хизматӣ аз рӯи кирдори интизомии ҷиддӣ комиссияи интизомӣ таъсис дода мешавад, ки ҳайати он аз 3 нафар зиёд буда наметавонад. Ба ҳайати комиссияи интизомӣ мутахассисон ва ҳуқуқшиносони ботаҷриба дохил карда мешаванд.

Эзоҳ: Кирдори интизомии ҷиддӣ - кирдоре мебошад, ки барои содир кардани он муҷозоти интизомӣ дар намуди паст кардан дар мансаб ё аз мансаб озод кардан татбиқ карда мешавад.

10. Агар санҷишкунанда бо хизматчии давлатии кирдори интизоми содирнамуда алоқаи хешовандӣ дошта бошад, инчунин агар аз натиҷаи санҷиши хизматӣ бевосита ё бавосита манфиатдор бошад, ҳуқуқи дар санҷиш иштирок карданро надорад.

11. Санҷиши хизматӣ дар давраи корношоямии муваққатӣ, дар рухсатӣ ё сафари хизматӣ будани хизматчии давлатии кирдори интизомӣ содирнамуда ва дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бозгошта мешавад.

12. Дар рафти санҷиши хизматӣ ба таври ҳатмӣ баёноти хаттии хизматчии давлатии кирдори интизомӣ содирнамуда талаб карда гирифта мешавад. Ҳангоми рад кардани додани баёноти хаттӣ аз ҷониби санҷишкунанда дар ин бора санад тартиб дода мешавад. Саркашӣ намудан аз додани баёноти хаттӣ барои баррасии маводҳо аз тарафи санҷишкунанда (комиссияи интизомӣ), тартиб додани хулоса, додани тавсия дар бораи таъин намудани муҷозоти интизомӣ монеъ шуда наметавонад.

13. Санҷишкунанда (комиссияи интизомӣ):

–дар ҳолати зарурат баёноти хаттии роҳбари бевоситаи хизматчии давлатии кирдори интизомӣ содирнамуда ва дигар шахсони дахлдорро талаб карда мегирад;

–санаду ҳуҷҷатҳои заруриро дархост ва ба парвандаи санҷишӣ замима намуда, ҳолатҳои содиршавии кирдори интизомиро баррасӣ ва таҳқиқ менамояд;

–дар асоси далелҳои ҷамъоварда аз натиҷаи санҷиши хизматӣ хулоса тартиб дода, онро имзо намуда, ба роҳбари мақоми давлатӣ пешниҳод менамояд.

14. Ҳангоми мавҷуд будани далелҳои исботкунандаи кирдори содиршудаи интизомӣ санҷишкунанда (комиссияи интизомӣ) ба роҳбари мақоми давлатӣ дар бораи мувофиқи мақсад будани татбиқи муҷозоти интизомӣ ва намуди он дар хулосаи худ тавсия медиҳад.

15. Дар вақти таҳқиқи кирдори интизомӣ ва тартиб додани хулоса инҳо ба назар гирифта мешаванд:

–ҳолатҳои содиршавӣ ва вазнинии кирдори интизомӣ;

–рафтори пешинаи шахси содиркардаи кирдори интизомӣ;

–муносибати хизматчии давлатӣ ба иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии худ;

–ҳолатҳои дигаре, ки шахсияти хизматчии давлатӣ ва кирдори интизомии содиршударо тавсиф менамоянд.

16. Роҳбари мақоми давлатӣ хулосаи санҷишкунандаро (комиссияи интизомиро) дар мӯҳлати на дертар аз 3 рӯзи пешниҳод шудани он баррасӣ намуда, яке аз қарорҳои зеринро қабул мекунад:

–бо огоҳонидани хизматчии давлатӣ дар бораи қатъиян риоя намудани интизоми хизматӣ ва роҳ надодан ба такроран содир намудани кирдори интизомӣ маҳдуд мегардад;

–муҷозоти интизомии тавсиядодаи санҷишкунанда (комиссияи интизомӣ) ё муҷозоти интизомии сабуктарро татбиқ менамояд.

17. Ҳангоми бо хулосаи санҷишкунанда (комиссияи интизомӣ) норозӣ будани роҳбари мақоми давлатӣ, ӯ ҳуқуқ дорад, гузаронидани санҷиши иловагии хизматиро талаб намояд, ки он низ тибқи муқаррароти Дастурамали мазкур гузаронида мешавад.

18. Агар дар натиҷаи санҷиши хизматӣ муайян карда шавад, ки хизматчии давлатӣ амале содир намудааст, ки дорои аломатҳои ҷиноят мебошад, роҳбари мақомоти давлатӣ вазифадор аст, маводи ҷамъшударо ба мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқ ирсол намояд.

19. Аз рӯи санади мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар бораи ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани хизматчии давлатӣ муҷозоти интизомӣ ба хизматчии давлатӣ мумкин аст, бе гузаронидани санҷиши хизматӣ дар мӯҳлатҳои дар ин Дастурамал муқарраргардида дода шавад.

20. Маводи санҷиши хизматӣ аз тарафи хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ дар дафтари баҳисобгирии санҷишҳои хизматӣ ба қайд гирифта шуда, нигаҳдории он таъмин карда мешавад.

ФАРМОНИ
ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

«Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба риояи қонунгузории хизмати давлатӣ»

Бо мақсади таъмини иҷрои самараноки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ вобаста ба санҷиши риояи қонунгузории соҳаи хизмати давлатӣ дар мақомоти давлатӣ ф а р м о н м е д и ҳ а м:

1. Қоидаҳои замимагардидаи гузаронидани санҷиши фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба риояи қонунгузории хизмати давлатӣ тасдиқ карда шаванд.
2. Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми санҷишҳо фаъолияти худро тибқи ҳамин Қоидаҳо ба роҳ монад.
3. Роҳбарони мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот зимни аз тарафи мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ гузаронидани санҷиши риояи қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ талаботи қоидаҳои мазкурро қатъиян риоя намоянд.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе
19 декабри соли 2008, №578

Бо фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 19 декабри соли 2008, №578
тасдиқ шудааст

Қоидаҳои
гузаронидани санҷиши фаъолияти
мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон
оид ба риояи қонунгузории хизмати давлатӣ

1.Муқаррароти умумӣ

1. Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба риояи қонунгузории хизмати давлатӣ (минбаъд - Қоидаҳо) тартиби аз тарафи мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ва сохторҳои ҳудудии он гузаронидани санҷиши фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба риояи қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатиро муқаррар менамояд.

2. Асосҳои ҳуқуқии тартиби гузаронидани санҷиши фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба риояи қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ (минбаъд - санҷиш)-ро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», Низомномаи Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ ва Қоидаҳои мазкур муайян менамоянд.

3. Санҷиш дар асоси дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақшаҳои кории бо тартиби муқарраргардида тасдиқкардашудаи мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ, муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, иттилооти воситаҳои ахбори умум ва дигар сарчашмаҳо гузаронида мешавад.

4.Санҷиш масъалаҳои зеринро дар бар мегирад:

–таҳлили сохтор ва асосҳои ташкилию ҳуқуқии фаъолияти мақомоти давлатӣ;

–риояи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

–пешбурди Феҳристи хизматчиёни давлатии мақомоти давлатӣ;

–таҳлили вазъи таъминоти кадрӣ;

–раванди ташкили озмунҳо барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ;

–риояи тартиби қабул ба хизмати давлатӣ, бастани шартномаҳои (қарордоди) меҳнатии қабул ба хизмати давлатӣ ва тамдиди мӯҳлати онҳо;

–риояи ҳолатҳои истиснокунандаи ба хизмати давлатӣ қабул шудан ва дар хизмати давлатӣ будани хизматчиёни давлатӣ;

–гузаронидани санҷиши маълумоти аз тарафи шаҳрванд зимни қабул шудан ба хизмати давлатӣ пешниҳодшуда;

–риояи маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба хизмати давлатӣ;

–риояи талаботҳои тахассусӣ аз тарафи ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ;

–мавҷудият ва санҷиши маълумот дар бораи даромад ва вазъи амволии хизматчии давлатӣ;

–тартиби додани рутбаҳои тахассусӣ;

–ташкили тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии хизматчиёни давлатӣ;

–гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ;

–ташкили захираи кадрҳо ва кор бо онҳо;

–татбиқи кафолатҳо ва ҳавасмандгардонии хизматчиёни давлатӣ (кафолатҳо, музди меҳнат, ҳавасмандгардонӣ, рухсатиҳо, таъминоти иҷтимоӣ, нафақа, кӯмакпулиҳо);

–риояи талаботи синни ниҳоии дар хизмати давлатӣ будани хизматчии давлатӣ;

–асоснокии қатъ гаштани хизмати давлатии хизматчиёни давлатӣ;

–тартиби таҳия ва пешбурди делоҳои шахсӣ ва дафтарчаҳои меҳнатии хизматчиёни давлатӣ;

–ташкили фаъолияти ҳайати техникӣ ва хизматрасон;

–дигар масъалаҳое, ки аз қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ бармеоянд.

5. Асосҳои санҷиш, мӯҳлати гузаронидани он, ҳайати гурӯҳи санҷишӣ (санҷишкунанда) ва номгӯи масъалаҳои санҷидашаванда бо фармони роҳбари мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ, роҳбари сохтори ҳудудии он муайян карда мешаванд. Санҷиш метавонад як, якчанд ё тамоми масъалаҳои дар банди 4 қоидаҳои мазкур пешбинишударо дар бар гирад.

6. Роҳбари мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ, роҳбари сохтори ҳудудии он метавонанд ба санҷиш мутахассисони дигар мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мутахассисони мақоми санҷидашавандаро бо мувофиқаи роҳбарони ин мақомот ҷалб намоянд.

2. Ташкил ва гузаронидани санҷиш

7. Санҷиши мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ аз тарафи дастгоҳи марказии мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ, санҷиши мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз тарафи дастгоҳи марказии мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ва/ё сохторҳои дахлдори ҳудудии он гузаронида мешавад. Мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ, сохтори ҳудудии он мақоми санҷидашавандаро як ҳафта пеш аз оғози санҷиш ба таври хаттӣ огоҳ менамоянд.

8. Санҷиш бо пешниҳоди шаҳодатномаи хизматӣ ва фармони роҳбари мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ, роҳбари сохтори ҳудудии он дар бораи санҷиши фаъолияти мақоми давлатӣ ба роҳбари мақоми давлатии санҷидашаванда ё муовини ӯ (дар сурати набудани роҳбар) оғоз мегардад.

9. Дар сурати аз тарафи гурӯҳи санҷишӣ гузаронидани санҷиш, пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дар банди 8 қоидаҳои мазкур пешбинишуда, аз тарафи роҳбари гурӯҳ сурат мегирад.

10. Мӯҳлати гузаронидани санҷиш бо назардошти ҳаҷми кор аз понздаҳ рӯз зиёд буда наметавонад. Дар ҳолатҳои истисноии зиёд будани ҳаҷми кор дар асоси пешниҳоди санҷишкунанда (роҳбари гурӯҳи санҷишӣ) мӯҳлати гузаронидани санҷиш мумкин аст то як моҳ дароз карда шавад.

11. Санҷишкунанда ҳуқуқ дорад, ки аз шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ барои амалӣ намудани вазифаҳои санҷишӣ маводҳо ва ҳуҷҷатҳои заруриро талаб намояд, бо нусхаҳои аслии онҳо шинос шавад, онҳоро нусхабардорӣ намояд, бо шахсони мутассаддии татбиқи қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ сӯҳбатҳо доир намояд ё баёнот гирад, ки дар ин бора дар санади санҷиш қайд карда мешавад.

12. Роҳбари мақоми давлатии санҷидашаванда (ё муовини ӯ) вазифадор аст, ки барои гузаронидани санҷиш мусоидат намуда, ба гурӯҳи санҷишӣ (санҷишкунанда) мавод ва ҳуҷҷатҳои заруриро пешниҳод намояд.

13. Ҳолати пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳо ва маводҳои дахлдор дар санади санҷиш нишон дода мешавад.

14. Аз тарафи санҷишкунанда талаб карда гирифтан ва санҷидани масъалаҳое, ки ба доираи масъалаҳои санҷишии ӯ дахл надоранд, манъ аст.

15. Санҷиш дар рӯзи охирони дар фармон нишондодашуда ё пеш аз мӯҳлат бо огоҳ намудани роҳбари мақоми давлатии санҷишшаванда ё муовини ӯ (дар сурати набудани роҳбар) ба итмом мерасад.

3. Ба расмият даровардани санҷиш ва татбиқи натиҷаи он

16. Санади санҷиш дар давоми на дертар аз як ҳафта баъди анҷоми санҷиш аз тарафи роҳбари гурӯҳи санҷишӣ (санҷишкунанда) дар ду нусха тартиб дода шуда, ба онҳо санҷишкунандагон (санҷишкунанда) имзо мегузоранд. Ба санади санҷиш мумкин аст, ки ҳуҷҷатҳои дахлдор замима карда шаванд.

17. Дар санади санҷиш асоси гузаронидан, рӯзҳои гузаронидан, масъалаҳои мавриди санҷиш қарордодашуда, камбудиҳои ошкоргардида ва пешниҳодҳои мушаххас оид ба бартараф намудани онҳо нишон дода мешавад.

18. Талабот нисбати санади санҷиш аз инҳо иборат аст:

–пур накардани матни санад бо маълумотномаҳои тавзеҳӣ, ҳолатҳои дуюмдараҷа ва номбаркунии такрории камбудиҳои якхела;

–ба санад дохил накардани маълумоте, ки бо ҳуҷҷатҳои дахлдор тасдиқ нашудааст;

–нишон додани ҳолатҳои вайронкунии меъёрҳои дахлдори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва оқибатҳои вайронкунии ин талабот;

–пешниҳод оид ба бартараф намудани камбудиҳои ошкоркардашуда дар фаъолияти мақомоти давлатӣ;

–пешниҳод оид ба бекор кардан ё тағйир додани қарорҳои бо вайронкунии қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ қабулшуда ва андешидани чораҳо нисбати вайронкунандагон.

19. Нусхаи якуми санади санҷиш ба роҳбари мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ, роҳбари сохтори ҳудудии он пешниҳод карда мешавад.

20. Роҳбари мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ, роҳбари сохтори ҳудудии он санади санҷишро баррасӣ намуда:

–далелу рақамҳо, ҳолатҳои мушаххаси вайронкунии талаботи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳо ва дигар маводҳои ба санади санҷиш замимашударо меомӯзанд;

–санади санҷиширо барои такмил ба гурӯҳи санҷишӣ (санҷишкунанда) бармегардонанд;

–онро барои баррасӣ ё барои маълумот ба роҳбари мақоми давлатӣ ирсол менамояд.

21. Нусхаи дуюми санади санҷиш бо мактуби ирсолии роҳбари мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ, роҳбари сохтори ҳудудии он ба роҳбари мақоми давлатии санҷидашуда фиристода мешавад ва он бояд дар мӯҳлати як моҳ баррасӣ карда шавад.

22. Дар сурати норозӣ ё қисман норозӣ будани роҳбари мақоми давлатӣ (муовини ӯ) ба санади санҷиш, эродҳои хаттии онҳо ба роҳбари

мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ, роҳбари сохтори ҳудудии он пешниҳод карда мешаванд.

23. Эродҳои пешниҳодшуда ҳатман мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд. Дар ҳолати асоснок будани онҳо мумкин аст ба санади санҷиш тағйирот ворид карда шаванд.

24. Дар сурати аз тарафи роҳбари мақоми давлатӣ иҷро нагардидани пешниҳоди роҳбари сохтори ҳудудии мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ оид ба бартараф намудани ҳолатҳои вайронкунии қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ санади санҷиш барои андешидани тадбирҳои иловагӣ ба роҳбари мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ пешниҳод карда мешаванд.

25. Дар сурати аз тарафи мақоми давлатӣ иҷро нагардидани пешниҳодҳо оид ба бартараф намудани вайронкунии қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ, роҳбари мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ҳуқуқ дорад:

–оид ба ҳолатҳои вайронкунии қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ ва аз тарафи роҳбари мақоми давлатӣ бартараф накардани камбудиҳои ҷойдошта ба мақоми болоӣ таклиф пешниҳод намояд;

–оид ба ҳолатҳои вайрон кардани қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ санади санҷишро барои қабул намудани қарори қонунӣ ба мақомоти дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд;

–барои бартараф намудани камбудиҳои дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ошкоргардида дар доираи салоҳияти худ дастурҳои методии дахлдорро таҳия созад:

–иҷрои дигар амалеро, ки аз ваколати ӯ бармеоянд, татбиқ намояд.

26. Аз натиҷаи ҳар як санҷиши гузаронидашуда, камбудиҳои ошкоргардида, чораҳои барои ислоҳи онҳо андешидашуда сохторҳои ҳудудии мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ба роҳбари мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ҳисобот пешниҳод менамоянд, ки ба он натиҷаҳои санҷиш замима карда мешаванд.

27. Мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ аз натиҷаи санҷиши фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба риояи қонунгузории хизмати давлатӣ ҳар сол то даҳуми январ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ахбороти солона пешниҳод менамояд.

ФАРМОНИ
ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

«Дар бораи вокуниши шахсони мансабдор ба маводҳои танқидӣ ва таҳлилии воситаҳои ахбори омма»

Бо мақсади мустаҳкам намудани интизоми иҷроия, баланд бардоштани нақши воситаҳои ахбори омма дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ф а р м о н м е д и ҳ а м :

1.Фаъолияти воситаҳои ахбори омма, ки ба ҳамкории созанда ва самаранок бо вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба инъикоси ҷараёни дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар мамлакат равона гардидааст, дастгирӣ карда шавад.

2.Роҳбарони вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ:

- ҷиҳати вокуниш ба мулоҳизаҳои танқидӣ ва пешниҳодҳое, ки дар воситаҳои ахбори омма иброз мегарданд, дар мӯҳлатҳои тибқи қонунгузории ҷумҳурӣ муқарраргардида тадбирҳои бетаъхири мушаххас андешида, аз натиҷаи баррасии онҳо ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воситаҳои ахбори оммаи дахлдор иттилоъ диҳанд;
- имконияти телевизион, радио, рӯзнома ва маҷаллаҳоро барои сари вақт хабардор намудани аҳолӣ аз ҷараёни иҷрои масъалаҳои дорои аҳамияти ҷамъиятӣ пурратар истифода баранд.

3. Роҳбарони воситаҳои ахбори омма:

- таъмини воқеият ва таъсирбахшии маводҳои танқидӣ ва таҳлилиро вазифаи асосии фаъолияти хеш ҳисобанд;
-дар барномаҳои радио ва телевизион, саҳифаҳои рӯзнома ва маҷаллаҳо, инъикоси саривақтии натиҷаҳои вокунишро ба маводҳои танқидӣ ва таҳлилӣ таъмин намоянд.

4.Назорати иҷрои Фармони мазкур ба зиммаи Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе
7 феврали соли 2009, №622

ФАРМОНИ
ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

«Оид ба тасдиқи Низомномаи намунавӣ дар бораи хадамоти кадрии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Мутобиқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ф а р м о н м е д и ҳ а м:

1) Низомномаи намунавӣ дар бораи хадамоти кадрии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2) Роҳбарони мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот низомномаи хадамоти кадрии мақомоти давлатиро дар асоси Низомномаи мазкур таҳия ва тасдиқ намоянд.

3) Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2003, №1031 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи хадамоти кадрӣ» аз эътибор соқит дониста шавад .

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе
12 июли соли 2010, №901

Бо фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 12 июли соли 2010,
№901 тасдиқ шудааст

Низомномаи намунавӣ дар бораи хадамоти кадрии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Муқаррароти умумӣ

1) Низомномаи намунавӣ дар бораи хадамоти кадрии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Низомнома) сохтор, вазифаҳо, ҳуқуқҳои хадамоти кадрии мақомоти давлатиро муайян менамояд.

2) Хадамоти кадрии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – хадамоти кадрӣ) дар шакли раёсат, шуъба, бахш ва корманди масъули кадрии мақомоти давлатӣ фаъолият намуда, воҳиди мустақили сохтори мақомоти давлатӣ буда, дар доираи ваколатҳои худ барои ҳалли вазифаҳои кадрии (идоракунии ҳайати) мақомоти давлатӣ масъул мебошад.

3) Шумораи воҳидҳои кории хадамоти кадрӣ аз ҳаҷми вазифаҳои мақомоти давлатӣ ва шумораи кормандони он вобаста буда, сохтор ва шумораи хизматчиёни мақомоти давлатӣ мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян ва тасдиқ карда мешаванд.

4) Назорати бевоситаи фаъолияти хадамоти кадрӣ аз тарафи роҳбари мақоми давлатӣ анҷом дода мешавад.

5) Хадамоти кадрӣ дар фаъолияти худ Конституцсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва Низомномаи мазкурро ба роҳбарӣ мегирад.

6) Роҳбарии методӣ ва назорати фаъолияти хадамоти кадрии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мақомоти ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ (минбаъд - мақоми ваколатдор) анҷом медиҳад.

2. Сохтори хадамоти кадрӣ

7. Хадамоти кадрӣ метавонад вобаста ба шумораи ҳайати кормандони мақомоти давлатӣ сохтори зеринро дошта бошад:

–дар мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ, сохторҳои тобеи онҳо ҳангоми то 50 нафар будани кормандон, шахси масъули кадрӣ таъин мегардад;

–дар дастгоҳҳои раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо новобаста аз шумораи хизматчиёни давлатӣ шуъбаҳои (бахшҳои) кор бо кадрҳо ташкил ё шахси масъул муқаррар карда мешавад;

–дар мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ ҳангоми аз 50 то 100 нафар будани кормандони хадамоти кадрӣ бо шумораи 2 воҳиди корӣ, аз 100 то 200 нафар будани кормандон бо шумораи 4 воҳиди корӣ ташкил карда мешавад;

–дар мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ ҳангоми зиёда аз 200 нафар будани ҳайати кормандон хадамотӣ кадрӣ бо шумораи на кам аз 7 воҳиди корӣ таъсис дода мешавад.

8) Сохтор ва шумораи воҳидҳои кории хадамоти кадриро мутобиқи тартиби муқарраргардида роҳбари мақоми давлатӣ тасдиқ мекунад.

9) Хадамоти кадрӣ ҳамчун ҳамоҳангсози сохтори мақомоти давлатӣ фаъолияти хадамоти кадрии сохторҳои системаи мақомоти давлатӣ, муассисаҳои илмӣ ва таълими касбии мақоми давлатиро, ки ба такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии мақоми мазкур ва гузаронидани таҳқиқотҳои сотсиологӣ, беҳтарсозии фаъолияти идораи давлатӣ машғул мебошанд, роҳбарӣ менамояд.

3. Самтҳои асосии фаъолияти хадамоти кадрӣ

10) Хадамоти кадрӣ вазифаи маркази идоракунии кадрҳои (ҳайати) мақоми давлатиро, ки мақсади асосии он мусоидат ба ташкили фаъолияти самаранок, таъмини кафолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ, бароҳмонии болоравии касбӣ ва таъмини иҷтимоӣ ва ҳуқуқии ҳар як корманди мақомоти давлатӣ мебошад, иҷро менамояд.

11) Хадамоти кадрӣ барои таъмини иҷрои вазифаҳои зерин ваколатдор мебошад:

–таъмини гардиши ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва содиротии кадрӣ;

–таҳияи ҳуҷҷатҳо оид ба таъин ва озод намудани кормандони мақоми давлатӣ, пешбурду нигоҳдории делоҳои шахсӣ ва дафтарчаҳои меҳнатии кормандон;

–таҳияи лоиҳаи басти корӣ, ҷадвали рухсатиҳои меҳнатӣ ва ба расмият даровардани сафарҳои хизматӣ;

–бақайдгирии варақаҳои корношоямии хизматчиёни давлатӣ ва ҳайати хизматрасон;

–назорати риояи тартибу интизоми меҳнатӣ дар мақоми давлатӣ;

–ташкил ва дуруст истифода намудани маҳорати касбии кадрии (ҳайати) мақоми давлатӣ бо назардошти дурнамои инкишофи он;

–риояи тартиби қабул ба хизмати давлатӣ, бастани шартномаҳои (қарордодҳои) меҳнатии қабул ба хизмати давлатӣ;

–назорати риояи талаботи тахассусӣ ҳангоми қабул ба хизмати давлатӣ, гузаронидан ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ дар доираи як категория;

–гузаронидани таҳлили мансабҳои холӣ дар мақоми давлатӣ;

–омода намудани маводи зарурӣ барои таъмини фаъолияти комиссияҳои аттестатсионӣ ва озмунӣ;

–ташкили озмунҳо барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ;

–шиносонидани роҳбарони воҳидҳои сохторӣ бо тартиби таҳияи дастурамалҳои мансабии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

–назорати риояи тартиби баҳодиҳии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ дар мақомоти давлатӣ;

–бароҳмонии раванди баҳодиҳӣ ба фаъолияти хизматчии давлатӣ;

–доир намудани аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ, таҳлили натиҷаҳои таҳияи пешниҳодҳо оид ба ҷойивазкунии (ротатсияи) самаранок дар мансабҳо ва баланд бардоштани дараҷаи тахассусӣ;

–таҳияи мавод оид ба додани рутбаҳои тахассусӣ ба хизматчиёни давлатӣ;

–ташкили захираи кадрҳо ва кор бо онҳо;

–ташкили тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии хизматчиёни давлатӣ;

–мусоидат ба фаъолияти комиссияҳои танзимкунандаи масъалаҳои кадрии хизмати давлатӣ;

–ташкил ва назорати пешниҳоди маълумот дар бораи даромад ва вазъи амволи хизматчии давлатӣ;

–риояи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешбурди Феҳристи хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мақомоти давлатӣ;

–таҳлили вазъи таъминоти кадрӣ;

–назорати риояи талаботи синни ниҳоӣ дар хизмати давлатӣ будан;

–таъмини фаъолияти ҳайати техникӣ ва хизматрасони мақоми давлатӣ;

–гузаронидани мониторинги ҳолати кадрҳои хизмати давлатӣ ва банақшагирии талабот ба кадрҳо, пешбарии истифодаи технологияҳои муосир ва манбаъҳои таълиму тарбияи кадрҳои дар мақоми давлатӣ ва берун аз он;

–татбиқи чораҳо оид ба сари вақт ҷавонгардонии ҳайати кормандони мақомоти давлатӣ;

–банақшагирии чорабиниҳо оид ба мутобиқгардонии касбии кормандони нав ба кор қабулшуда, махсусан ҷавонон;

–мониторинги сабабҳои азкорравии кадрҳо, ҷараёни тағйирёбии сифатии ҳайати коллектив;

–сари вақт (якҷоя бо хадамоти молиявию иқтисодӣ) таҳлил намудани шаклҳои самараноки амалкунандаи ҳавасмандгардонии моддию маънавии хизматчиёни давлатӣ, пешниҳоди тавсияҳо оид ба баланд бардоштани фаъолияти касбии хизматчиёни давлатӣ;

–баҳисобгирии ҳайати шахсӣ ва пешниҳоди ҳисобот, пешбурди махзани иттилоотӣ оид ба захираи кадрҳо ва ҷорӣ намудани шаклҳои муосири идоракунӣ;

–таҳияи пешниҳодҳо оид ба ҳифзи иҷтимоӣ, моддӣ ва ҳуқуқии кормандони мақоми давлатӣ дар мавридҳои ихтисоршавӣ, тағйироти ташкилӣ, штатӣ ва сохторӣ;

–гузаронидани санҷиши фаъолияти воҳидҳои сохтории мақоми давлатӣ оид ба риояи қонунгузорӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ;

–гузаронидани санҷиши маълумоти пешниҳод намудаи шаҳрвандон ҳангоми таъин намудан ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ;

–таҳлили ҳайати кадрӣ, сари вақт пешниҳод намудани ҳисобот (на камтар аз ду маротиба дар як сол) оид ба вазъи кор бо кадрҳо ба роҳбари мақоми давлатӣ;

–андешидани чораҳо барои таъмини саривақтии омода намудан ва супоридани ҳуҷҷатҳо ба бойгонӣ;

–иҷрои дигар ӯҳдадориҳои хадамоти кадрӣ, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд.

4. Ҳуқуқҳои хадамоти кадрӣ

12) Хадамоти кадрӣ ҳуқуқ дорад:

–аз роҳбарони воҳидҳои сохторӣ ва хизматчиёни давлатии мақоми давлатӣ, сохторҳои системаи мақоми давлатӣ оид ба масъалаҳои мансуб ба салоҳияти хадамоти кадрӣ мутобиқи тартиби муқарраргардида маълумот дархост намояд;

–ҳангоми ба расмият даровардани таъинкунӣ, гузариши кормандон ба дигар воҳидҳои сохторӣ, фиристодан ба сафари хизматӣ ва ба рухсатии меҳнатӣ аз кормандони мақомоти давлатӣ маводи заруриро талаб намояд;

–бо тартиби муқарраргардида дар ҳолатҳои зарурӣ кормандони воҳидҳои сохторӣ ва дастгоҳи идоракунии мақоми давлатиро дар

мувофиқа бо роҳбарони бевоситаи онҳо барои иҷрои вазифаҳое, ки ба зиммаи хадамоти кадрӣ гузошта шудааст, аз ҷумла гузаронидани мониторинг, санҷиш, ҷамъбасти ҳисобот ҷалб намояд;

–бо тартиби муқарраршуда машварату семинарҳо ташкил намояд, инчунин дар машваратҳое, ки роҳбарияти мақоми давлатӣ ва дигар воҳидҳои сохторӣ дар доираи масъалаҳои ба ваколати хадамоти кадрӣ мансуб мегузаронанд, иштирок намояд;

–лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии оид ба масъалаи кадрӣ дахлдоштаро таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод намояд;

–дар ҳамкорӣ бо воҳиди сохтории иттилоотии мақоми давлатӣ тафсирҳои иттилоотӣ ва дигар санадҳои заруриро нашр ва паҳн карда, дар доираи ваколати хадамоти кадрӣ мукотибаи кориро анҷом диҳад;

–санҷиши фаъолияти воҳидҳои сохторӣ ва хадамоти мақоми давлатиро, ки ба ваколатҳои хадамоти кадрӣ мансубанд, амалӣ намояд;

–роҳбарӣ, назорат ва инчунин ёрии методӣ, ташкилӣ ва техникиро вобаста ба масъалаҳое, ки ба раванди таҳия ва тасдиқи дастурамали мансабии мансабҳои воҳидҳои сохтории мақоми давлатӣ дахл доранд, таъмин намояд;

–дар якҷоягӣ бо роҳбарони воҳидҳои сохтории мақоми давлатӣ, ташкилоти иттифоқҳои касаба, комиссияҳои ҷамъиятӣ рафти риояи интизоми меҳнатиро назорат намуда, ба роҳбари мақоми давлатӣ дар хусуси ба ҷавобгарии интизомӣ ва моддӣ кашидани кормандон пешниҳод манзур намояд.

13) Хадамоти кадрӣ дигар ҳуқуқҳои пешбини намудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дорад.

5. Муқаррароти хотимавӣ

14) Роҳбари хадамоти кадрӣ (корманди масъул) барои иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани ӯҳдадориҳои хадамоти кадрӣ, ки Низомномаи мазкур пешбинӣ намудааст, масъулияти шахсӣ дошта, дар машваратҳои кории назди роҳбари мақоми давлатӣ иштирок менамояд.

15) Роҳбари хадамоти кадрӣ дастурамалҳои мансабӣ ва нақшаи кори кормандони хадамоти кадриро таҳия намуда, барои тасдиқ ба роҳбари мақомоти давлатӣ пешниҳод менамояд.

16) Кормандони хадамоти кадрӣ бояд ба талаботи тахассусии барои категорияи мансабҳои ин воҳиди сохторӣ пешбинишуда мувофиқ бошанд.

17. Кормандони хадамоти кадрӣ кадршинос, ҳуқуқшинос, омӯзгор, психолог, сотсиолог, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ, дигар

мутахассисони соҳаи гуманитарӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ шуда метавонанд.

ФАРМОНИ
ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

«Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

(Бо тағйиру иловаҳо аз 30.05.2017, №887; аз 5.04.2018, №1043; аз 31.05.2018, №1062); аз 15.08.2018, №1085; аз 27.01.2020 №1430; аз 3.04.2021, №147)

Бо мақсади ташаккули низоми самараноки идоракунии давлатӣ ҷиҳати таъмини банақшагирии стратегӣ ва рушди устувори иқтисодию иҷтимоии мамлакат, бо дарназардошти муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва мутобиқи моддаи 69 Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ф а р м о н м е д и ҳ а м:

1. Сохтори замимагардидаи мақомоти марказии иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад.

2. Муқаррар карда шавад, ки:

- ба низоми мақомоти идоракунии давлатӣ вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, кумитаҳо, хадамот, агентиҳо ва саридораҳо дохил мешаванд;

- вазифаҳои мақомоти идоракунии давлатие, ки роҳбарии фаъолияти онҳоро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд, дар низомномаҳои ин мақомот, ки мутобиқан бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегарданд, муайян карда мешаванд;

-ҷиҳати роҳ надодан ба сӯиистифода аз фишангҳои дохилисоҳавӣ барои ҳимояи манфиатҳои дохилиидоравӣ, муносибати байниҳамдигарии вазорату кумитаҳои давлатӣ бо хадамот ва агентиҳои низоми онҳо тибқи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

3. Ба Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон чор муовин, аз ҷумла як муовини якум муқаррар карда шавад.

4. Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шавад.

Муқаррар карда шавад, ки вазифаҳои марбут ба саноат аз доираи ваколатҳои Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон бароварда шуда, иҷрои вазифаҳои марбут ба пешбурди сиёсати об аз Вазорати мелиоратсия ва захираҳои об ба Вазорати

энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешаванд.

5. Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шавад.

Муқаррар карда шавад, ки вазифаҳои марбут ба саноат аз доираи ваколатҳои Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бароварда шуда, ба Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор мегарданд.

6. Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шавад.

Муқаррар карда шавад, ки вазифаҳои пешбурди сиёсати илм аз доираи ваколатҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бароварда шуда, ба Вазорати мазкур вогузор мегарданд.

7. Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шавад.

Муқаррар карда шавад, ки Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил карда мешавад.

8. Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шавад.

Муқаррар карда шавад, ки вазифаҳои марбут ба ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоии Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тобеияти идоравии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

9. Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам дода шавад.

10. Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон номгузорӣ карда шавад.

11. Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон номгузорӣ карда шавад *(фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 августи соли 2018,№1085)*.

12. Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шавад.

13. Саридораи назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Хадамоти

назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи куҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шавад.

14. Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шавад.

Муқаррар карда шавад, ки Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангал ва шикори Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми Агентии мазкур шомил карда мешавад.

15. Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шавад.

Муқаррар карда шавад, ки вазифаҳои марбут ба беҳдошти замин ва обёрии Вазорати барҳамдодашудаи мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Агентии мазкур вогузор мегарданд.

16. Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шавад.

17. Бо мақсади пешбурди ислоҳот дар низоми идоракунии маҳал, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, мусоидат дар рушди баробари минтақаҳои кишвар Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шавад.

18. Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шавад.

19. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- такмили сохтори мақомоти идоракунии давлатиро дар асоси Фармони мазкур таъмин намояд;

-дар мӯҳлати се моҳ сохтори дастгоҳи марказӣ, нақшаи идоракунӣ ва низомномаи вазорату идораҳои навтаъсис ва таҷдидшавандаро бо таъмини тақсимоти дақиқи вазифаҳо ва бартарафсозии такроршавии вазифа ва ваколатҳои мақомоти давлатӣ таҳия ва тасдиқ намояд;

- масъалаҳои ташкилӣ, молиявӣ ва моддиеро, ки аз Фармони мазкур бармеоянд, ҳал намояд;

- баҳри тақвияти низоми ҳисоботдиҳӣ ва таъмини рушди босуботи соҳаҳои саноати кишвар ҷиҳати ба низоми Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид кардани корхонаҳои воҳиди давлатии «Востокредмет», «Тоҷиксемент», «Заря Востока», «Иттиҳодияи истеҳсолии «Тоҷиктекстилмаш», «Ҷамаст», ҷамъиятҳои саҳомии шакли кушодаи «Тоҷиктрансформатор», «Химзавод» ва мутобиқан ба корхонаҳои воҳиди давлатии «Фулузоти нодири Тоҷикистон», «Сементи Тоҷик», «Нури Ховар», «Коргоҳи машинасозӣ» ва ҷамъиятҳои саҳомии шакли кушодаи «Трансформатор», «Корхонаи кимиёвӣ» номгузорӣ кардани онҳо тадбирҳои зарурӣ андешад;

- санадҳои худро ба Фармони мазкур мутобиқ намояд;

-доир ба масъалаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муддати се моҳ пешниҳодоти мушаххас манзур намояд.

20. Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- ҷиҳати таҳвияти низоми ҳамоҳангсозии сиёсати рушд дар асоси муқаррароти Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 апрели соли 2013 вобаста ба таҷдиди сохтори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муддати як моҳ пешниҳодот манзур намояд;

- дар якҷоягӣ бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи тартиби муқарраргардида қабулу супоридани биноҳои маъмурӣ, воситаҳои нақлиёт ва дигар воситаҳои асосию гардони вазорату идораҳои барҳамдодашуда ва навтаъсисро таъмин карда, ҷиҳати истифодабарии минбаъдаи онҳо лоиҳаҳои санадҳои дахлдорро таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд;

- барои ворид намудани тағйироту иловаҳо ба санадҳои дахлдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодот манзур намояд.

21. Банди 1 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2006, №9 «Дар бораи такмили сохтори мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз эътибор соқит дониста шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш.Душанбе
19 ноябри соли 2013, №12

Бо фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 19 ноябри соли 2013, №12
тасдиқ шудааст

Сохтори мақомоти марказии
иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (*фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2020, №1430)*

Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (*фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2021, №147)*

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
3. Вазоратҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Вазорати корҳои дохилии Ҷумхурии Тоҷикистон
Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон
Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон
Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон
Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон

4. Кумитаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

5. Идораҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.05.2018, №1062)

Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (*фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 августи соли 2018,№1085)*

Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №887)

Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.05.2017, №887)

Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5.04.2018, №1043)

Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.05.2018, №1062)

Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

ФАРМОНИ
ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар бораи таъмини татбиқи сиёсати ягонаи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи моддаи 69 Конституцияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо мақсади таъмини усули ягонагии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин тақвияти нақши ҳамоҳангсози Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи сиёсати ягонаи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон , фармон медиҳам:

1. Муқаррар карда шавад, ки Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохтори мақомоти давлатӣ дар соҳаи муносибат бо кишварҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ буда, татбиқи сиёсати давлатиро дар ин самт амалӣ менамояд ва фаъолияти дигар мақомоти давлатиро дар ҳамин соҳа ҳамоҳанг месозад.

2. Бо ин мақсад Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор аст:

- ба вазорату идораҳо ва мақомоти дигари давлатӣ ҷиҳати иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва анҷоми фаъолияти байналмилалиашон мусоидати зарурҳ расонад, инчунин бо онҳо ҷиҳати рушди робитаҳои байналмилалиашон ҳамкорӣ намояд;

- вазорату идораҳо ва мақомоти дигари дахлдори давлатиро аз баргузории чорабиниҳои байналмилалӣ огоҳ сохта, иштироки намояндагони Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон , намояндагиҳои Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кори комиссияҳои байниҳукуматӣ, байниидоравӣ, гурӯҳҳои корӣ, мулоқот ва чорабиниҳои дигар, ки ба фаъолияти байналмилалӣ вобаста мебошад, таъмин кунад;

- ба вазорату идораҳо ва мақомоти дигари дахлдори давлатӣ, ҳайатҳо ва намояндагони онҳо дар ташкил ва баргузор намудани чорабиниҳои байналмилалӣ мусоидат намояд;

- вазорату идораҳо ва мақомоти дигари давлатиро дар бораи мавқеи расмии кишвар дар робита ба масъалаҳои муҳими байналмилалӣ, ки ба манфиати давлат дахл доранд, мунтазам дар ҷараён гузорад;

- дар асоси муроҷиатҳои вазорату идораҳо ва дигар мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти давлатии кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ тавассути муассисаҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон , намояндагиҳои дипломатҳ ва муассисаҳои консулии давлатӣои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагиҳои созмонҳои байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои марбут ба фаъолияти байналмилалии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот расонад.

3. Бо мақсади таъмини сиёсати ягонаи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон , вазорату идораҳо ва мақомоти дигари давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадоранд:

- Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ро дар бораи фаъолият ва робитаҳои байналмилалии худ, аз ҷумла натиҷаи сафарҳои расмӣ, машваратҳо ва гуфтушунидҳо дар ҷараён гузоранд;

- пешниҳодҳоро дар робита ба сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабл аз пешниҳод ба Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешакӣ бо Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа намоянд;

- Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ро оид ба чорабиниҳои байналмилалии баргузоршаванда огоҳ карда, дар мавриди зарурат ворид намудани намояндагони Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ро ба ҳайати комиссияҳои байниидоравҳ, гурӯҳҳои корӣ ва дигар сохторҳое, ки функсияҳояшон ба фаъолияти байналмилалӣ алоқаманд мебошанд, пешбинҳ намоянд;

- тибқи дархости Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба масъалаҳои вобаста ба муносибат ва ҳамкориҳои байналмилалӣ маълумоти зарурӣ манзур намоянд;

- ҷиҳати бо маълумоти навин таъмин кардани муассисаҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба фаъолияти худ тавассути Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон чора андешанд.

4. Роҳбарони намояндагиҳои вазорату идораҳо ва мақомоти дигари давлатӣ, намояндагиҳои тиҷоратӣ, муассисаҳо, ташкилоту корхонаҳо, ҳайатҳои онҳо ва гурӯҳҳои мутахассисон дар кишварҳои хориҷӣ вазифадоранд фаъолияти худро бо сафирони (роҳбарони намояндагиҳои) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳанг сохта, ҷиҳати амалӣ намудани ваколатҳои онҳо мусоидат кунанд ва оид ба фаъолияташон маълумот пешниҳод намоянд.

5. Намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар созмонҳои байналмилалӣ вазифадоранд пешбурди сиёсати ягонаи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ро дар созмонҳои дахлдори байналмилалӣ таъмин намуда, бо ин мақсад ҳамоҳангсозии иштироки мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, ташкилоту ҳайатҳои онҳо ва гурӯҳҳои мутахассисонро дар фаъолияти ин созмонҳо таъмин намоянд.

6. Муқаррар карда шавад, ки салоҳияти пахши изҳороти расмҳ ва ташаббус оид ба масъалаҳои сиёсати хориҷиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон доранд. Намояндагони вазорату идораҳо ва мақомоти дигари давлатӣ дар робита ба масъалаҳои алоҳидаи фаъолияти байналмилалии худ метавонанд дар мувофиқа бо Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳорот пахш намоянд.

7. Пешниҳодот ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба даъвати ҳайатҳои хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи баланд ва олӣ (сарони давлатҳо ва ҳукуматҳо, роҳбарони созмонҳои байналмилали) аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти хулосаи асосноки мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

8. Вазорату идораҳо ва мақомоти дигари давлатӣ даъвати аъзои ҳукумати кишварҳои хориҷӣ ва шахсони ба онҳо баробар, ходимони маъруфи давлатию сиёсии кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалиро дар мувофиқа ва тавассути Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намоянд.

9. Иҷрои Фармони мазкур ба зиммаи роҳбарони вазорату идораҳо, мақомоти дигари давлатӣ ва Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш.Душанбе
3 декабри соли 2015 № 590

ФАРМОНИ
ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

«Дар бораи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

(Бо тағйиру иловаҳо аз 11.08.2017, №916)

Бо мақсади тақвияти масъулияти хизматчии давлатӣ ва самаранокии идоракунии хизмати давлатӣ, инчунин ҷиҳати таҳкими обрӯю эътибори ниҳоди хизмати давлатӣ мувофиқи қисми 2 моддаи 7^1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ф а р м о н м е д и ҳ а м:

1. Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Роҳбарони мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, дигар макомоти давлатӣ:

- ҷиҳати татбиқи Кодекси мазкур тадбирҳои зарурӣ андешанд;

-санадҳои ҳуқуқии худро ба талаботи фармони мазкур мутобиқ намоянд.

3. Назорати иҷрои фармони мазкур ва ҳамоҳангсозии фаъолияти комиссияҳо оид ба одоби хизматчии давлатии мақомоти давлатӣ ба Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шавад.

4. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 сентябри соли 2010 №932 «Дар бораи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз эътибор соқит дониста шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш.Душанбе
аз 3 декабри соли 2015, №591

Замима
ба фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 3 декабри соли 2015, №591

КОДЕКСИ
ОДОБИ ХИЗМАТЧИИ ДАВЛАТИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд- Кодекс) маҷмӯи меъёрҳо, принсипҳо ва қоидаҳои рафтори хизматӣ ва ғайрихизматии хизматчии давлатиро, ки сифатҳои ахлоқии фаъолияти касбӣ ва рафтори ӯро дар кор ва ҷомеа таҷассум намуда, ифодагари арзишҳои эътирофшудаи ахлоқи инсонӣ, талаботи маънавии ҷамъият нисбат ба хизматчии давлатӣ мебошанд, танзим менамояд.

БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Муқаррароти Кодекси мазкур нисбат ба хизматчиёни давлатии сиёсӣ ва маъмурӣ, ки мансабҳои давлатии хизмати давлатиро дар мақомоти давлатии низоми хизмати давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ишғол менамоянд, татбиқ мегардад.

2. Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба хизмати давлатӣ дохил мешавад, ба Кодекси мазкур шинос шуда, вазифадор аст талаботи онро ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти хизматӣ ва ғайрихизматӣ риоя намояд.

*Эзоҳ: Рафтори хизматӣ - рафтору амал ва муносибати хизматчии давлатӣ, ки ҳангоми ба кор омадан, аз кор рафтан, иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ, иштирок дар маҷлису машвараҳо, сафарҳои хизматӣ ва дигар чорабиниҳои давлатӣ зоҳир мегардад.

**Эзоҳ: Рафтори ғайрихизматӣ - рафтору амал ва муносибати хизматчии давлатӣ, ки ба иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ иртибот надошта, берун аз ҷои кор ва ҷомеа зоҳир мегардад.

БОБИ 2. ПРИНСИПҲОИ ОДОБИ ХИЗМАТЧИИ ДАВЛАТӢ

3. Кодекси мазкур ба принсипҳои зерини одоби хизматчии давлатӣ, ки аз принсипҳои хизмати давлатӣ бармеоянд, асос меёбад ва

хизматчии давлатӣ ӯҳдадор аст дар фаъолияти хизматӣ ва ғайрихизматӣ онҳоро ба роҳбарӣ гирад:

- қонуният - риояи дақиқ ва иҷрои пурраи меъёрҳои Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст;

- афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд - таъмини ҳифз ва мусоидат ба амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки арзиши олӣ мебошанд;

- садоқат ба Ватан ва ба халқи Тоҷикистон - ҳисси муҳаббат ба Ватан ва халқи Тоҷикистон, садоқат ба сиёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазифаи муқаддас донистани ҳифзи Ватан, хизмати содиқона ба Ватан ва ҷомеаи Тоҷикистон;

- инсондӯстӣ ва адолати иҷтимоӣ - эҳтиромона муносибат намудан ба инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он, ки арзиши олӣ мебошанд, одилона, бовиҷдонона амал намудан, таъмини риояи адолати иҷтимоӣ зимни қабули қарорҳо;

- шаффофият дар хизмати давлатӣ - фаъолияти шаффофи хизматчии давлатӣ ва пешниҳоди маълумот дар бораи он ба ҷомеа, аз ҷумла тавассути воситаҳои ахбори омма, ба ҷуз фаъолият ва маълумоте, ки сирри давлатӣ ва дигар сирри бо қонун ҳифзшавандаро ташкил медиҳад;

- таҳаммулпазирӣ - эҳтиром ва дуруст дарк намудани фарҳангҳои мухталиф, рафтор, одат, ақида, дин, эҳтиромона муносибат намудан бо ҳамкорон, муроҷиаткунандагон, тобеон ва ҷомеа;

- поквиҷдонӣ ва беғаразӣ - татбиқи идоракунии самаранок, роҳ надодан ба бархӯрди манфиатҳо, амалҳои коррупсионӣ, аз рӯи таъинот ва ба нафъи умум истифода кардани воситаҳои моддию пулӣ, беғараз будан дар қабули қарорҳо;

- қатъият - муносибати сахтгирона доштан ва масъулият зоҳир кардан дар татбиқи вазифаҳои мақомоти давлатӣ ва ӯҳдадориҳои мансабӣ;

- касбият ва салоҳиятнокии хизматчии давлатӣ - доштани донишҳои мушаххаси касбӣ, тахассус, маҳорат, малака, сифатҳои ташкилотчигӣ, ташаббускорӣ, шахсӣ, қобилияти идоракунӣ, маҳорати роҳбарӣ ва ботаҷрибагӣ, ки асоси иҷрои муваффақонаи вазифаҳои мақомоти давлатӣ ва ӯҳдадориҳои мансабӣ мегарданд;

- баландравии мансабии хизматчии давлатӣ дар асоси қобилият, истеъдод, тайёрии касбӣ ва талаботи тахассусӣ - таъин (интихоб) гардидан ба мансаби дигар ё мансаби баланд бе роҳ додан ба хешутаборчигӣ, маҳалгароӣ ва пуштибонӣ ҳамчун зуҳуроти кирдорҳои коррупсионӣ.

4. Кодекси мазкур ба дигар принсипҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва меъёрӣои муқарраргардидаи рафтор низ асос меёбад.

БОБИ 3. ҚОИДАҲОИ РАФТОРИ ХИЗМАТӢ ВА ҒАЙРИХИЗМАТИИ ХИЗМАТЧИИ ДАВЛАТӢ

5. Хизматчии давлатӣ бояд:

- ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф, эҳтиром, риоя ва ҳифз намояд, ба таърихи кишвари худ, ба урфу одатҳои миллӣ ва фарҳангӣ эҳтиромона муносибат намояд, манфиати давлатро аз манфиати шахсӣ боло гузорад ва нисбати муроҷиати шаҳрвандон бодиққат ва бомасъулият муносибат кунад;

- аз истифодаи мақоми хизматӣ, зуҳури ғарази шахсӣ ва худнамоӣ дар нуқтаҳои савдо, хизматрасонӣ ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ худдорӣ намояд;

- талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро риоя намояд ва риояи онро аз ҷониби аъзои оила ва фарзандон таъмин намояд (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.08.2017, №916);

-ба муассисаи таълимӣ бо идоракунии воситаи нақлиёти механикӣ рафтани фарзандон роҳ надиҳад (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.08.2017, №916);

-автомашинаи хизматии ба ӯ вобастакардашударо барои манфиатҳои шахсии худ ва аъзои оила истифода набарад (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.08.2017, №916);

- аз таъсири шаҳрвандони алоҳида, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ вобаста набошад.

6. Хизматчии давлатӣ бояд одилона амал намояд. Ҳангоми қабули қарор ва амалӣ намудани ваколатҳои худ хизматчии давлатӣ ҳуқуқ надорад, ки дар асоси мансубияти миллӣ, нажодӣ, ҷинсӣ, забонӣ, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, таҳсил, вазъи иҷтимоӣ, молу мулк ва дигар асосҳо ба шахсе хилофи қонунгузорӣ бартарият ва имтиёз диҳад.

7. Хизматчии давлатӣ бояд ба урфу одатҳои миллатҳо таҳаммулпазирӣ ва арҷгузорӣ намуда, хусусиятҳои фарҳангӣ ё дигар хусусиятҳои гурӯҳҳои этникӣ ва иҷтимоиро ба инобат гирифта, ба созиши байни миллатҳо мусоидат намояд.

8. Хизматчии давлатӣ бояд дар фаъолияти касбии худ поквиҷдонона ва беғаразона амал намуда, ба шаъну шараф, обрӯю эътибори хизматчии давлатӣ ва мақомоти давлатӣ иснод наоварад.

9. Хизматчии давлатӣ, ки вазифаи намояндаи ҳокимияти давлатиро ба ҷо меоварад ё ваколатҳои ташкилию амрдиҳӣ ва ё маъмурию хоҷагидориро анҷом медиҳад, ӯҳдадор аст, ки ҳангоми интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо дар мақомоти давлатӣ ба хешутаборчигӣ,

маҳалгарой ва пуштибонӣ ҳамчун зуҳуроти кирдорҳои коррупсионӣ роҳ надиҳад.

10. Хизматчии давлатӣ, ки мансаби роҳбарикунандаро ишғол менамояд, бояд ҷиҳати риояи одоб ва ташкили шароити мувофиқ барои кори тобеони худ мусоидат намояд.

11. Хизматчии давлатӣ набояд то қабул намудани қарор, фармоиш, амр ё дигар қарори шахси мансабдор ё мақомоти давлатие, ки дар он фаъолият мекунад, маълумотро дар бораи онҳо, ҳамчунин иттилооти нопурра ва дурӯғро паҳн намояд ва ё барои гирифтани иттилооти хизматӣ, ки ба ваколати ӯ дохил намешавад, кӯшиш кунад.

12. Хизматчии давлатӣ дар доираи ӯҳдадориҳои мансабии худ бояд ба фаъолияти воситаҳои ахбори омма оид ба иттилоотонии ҷомеа дар бораи кори мақоми давлатӣ барои гирифтани иттилооти дақиқ, ки қонунгузорӣ пешбинӣ кардааст, мусоидат намояд.

13. Хизматчии давлатӣ набояд пешниҳоди шаҳрвандон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ташкилотҳои касбӣ, намояндагони воситаи ахбори омма, ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятиро, ки ба талаботи Конституцсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифанд, қабул намояд.

14. Хизматчии давлатӣ бояд ҷиҳати роҳ надодан ба бархӯрди манфиатҳо, ҷиҳати танзими ҳолатҳои пайдошудаи бархӯрди манфиатҳо мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чора андешад ва ҳаракатҳоеро, ки ба таъсири манфиатҳои шахсӣ, молумулкӣ (молиявӣ), тиҷоратӣ ва дигар манфиатҳо иртибот доранд ва барои бовиҷдонона иҷро кардани ӯҳдадориҳои мансабӣ монеа мешаванд, истисно намояд.

15. Хизматчии давлатӣ бояд ба кирдорҳои коррупсионӣ муқовимат намояд, ҷиҳати пешгирӣ ва рафъи онҳо тадбирҳо андешад, ба гирифтан ва додани ҳар гуна тӯҳфаҳо барои иҷрои вазифаҳои мақомоти давлатӣ ва ӯҳдадориҳои мансабии худ, аз ҷумла ҳангоми дар сафари хизматӣ дар шакли моддӣ (пул, тӯҳфа) ва дар шакли ғайримоддӣ (хизматрасонӣ), ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ, роҳ надиҳад.

16. Хизматчии давлатӣ бояд ба роҳбари худ ё мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар бораи муроҷиати шахсон бо мақсади моил кардани ӯ барои содир намудани кирдорҳои коррупсионӣ маълумот диҳад ва аз иштирок дар амалҳое, ки беғаразии ӯ зери шубҳа қарор мегирад, даст кашад.

17. Хизматчии давлатӣ набояд вазъи хизматии худро барои таъсир расонидан ба фаъолияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, шахсони мансабдор, хизматчиёни давлатӣ ва шаҳрвандон суйистифода намояд, дар аҳдҳо ва вазъияти ихтилофнок иштирок намояд.

18. Хизматчии давлатӣ бояд воситаҳои давлатии (шабакаи Интернет, шабакаи дохилӣ, почтаи электронӣ, телефон, факс, нусхабардор, дигар таҷҳизот, воситаҳои нақлиёти хизматӣ, арзишҳои моддию ғайримоддии) ба ӯ пешниҳодшударо барои манфиатҳои хизматӣ истифода намояд.

19. Хизматчии давлатӣ ӯҳдадор аст интизоми давлатӣ ва хизматиро риоя намояд.

20. Хизматчии давлатӣ набояд фикри худро оид ба масъалаҳои сиёсати давлатӣ ва фаъолияти хизматӣ баён намояд, агар он:

- ба самтҳои асосии сиёсати давлат мувофиқ набошад;
- иттилооти хизматиро паҳн кунад, ки барои ба маълумоти умум расонидани он иҷозат набошад ё сирри давлатӣ ва сирри дигари бо қонун ҳифзшаванда бошад;
- нисбат ба шахсони мансабдори давлатӣ ифодаҳои аз одоб берунро доро бошад.

21. Хизматчии давлатӣ бояд дар муносибатҳои хизматӣ ва ғайрихизматӣ хоксору хушмуомила бошад.

22. Хизматчии давлатӣ бояд дар фаъолияти худ санъати сухан, қоидаҳои умумии муошират ва пӯшидани либосро мутобиқи расмиёти одоби корӣ риоя кунад.

23. Хизматчии давлатӣ бояд ба ташрифоварандагон таваҷҷуҳ карда, ба арзи онҳо таҳаммулпазирона муносибат намояд ва ба онҳо тартиби баррасии муроҷиатҳо ва қонунгузории дахлдорро фаҳмонда, дар доираи салоҳият қарор қабул намояд.

24. Хизматчии давлатӣ ҳуқуқ дорад бо шаҳрвандони хориҷӣ танҳо бо тартиби муқарраршуда мулоқоти корӣ ва гуфтушунид гузаронад, бояд ҳангоми муошират бо шаҳрвандони хориҷӣ обрӯйи мақомоти давлатӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро паст назанад, масъалаҳои ба доираи ӯҳдадориҳои мансабӣ дохил набударо муҳокима нанамояд.

БОБИ 4. НАЗОРАТИ РИОЯИ КОДЕКСИ МАЗКУР. ТАРТИБИ ТАШКИЛ ВА ФАЪОЛИЯТИ КОМИССИЯ ОИД БА ОДОБИ ХИЗМАТЧИИ ДАВЛАТӢ

25. Назорати риояи Кодекси мазкур дар мақоми давлатӣ аз тарафи комиссия оид ба одоби хизматчии давлатӣ (минбаъд-комиссия) амалӣ карда мешавад.

26. Комиссия бо фармоиши (қарори, амри) роҳбари мақоми давлатӣ дар ҳайати раис, котиб, аъзои комиссия иборат аз 3-7 нафар аз ҳисоби хизматчиёни давлатӣ, аъзои кумитаи иттифоқи касаба таъсис дода мешавад ва мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур ва Низомномаи комиссия, ки аз тарафи роҳбари мақоми давлатӣ тасдиқ

карда мешавад, фаъолият менамояд. Ба ҳайати комиссия мумкин аст кормандони ташкилотҳои низоми мақоми давлатӣ, ки хизматчии давлатӣ намебошанд, вакилони Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ва вакилони Ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти дахлдор ворид карда шаванд.

27. Роҳбари мақоми давлатӣ раиси комиссия буда наметавонад.

28. Номзадҳо ҷиҳати ворид (бозхонд) ба (аз) ҳайати комиссия дар ҷаласаи ҳайати мушовара ва кумитаи иттифоқи касаба ба роҳбари мақоми давлатӣ пешниҳод карда мешаванд.

29. Аъзои комиссия дар ҷаласа бе ҳуқуқи ивазшавӣ иштирок мекунанд.

30. Комиссия аз рӯи асосҳои зерин ҷаласа доир менамояд:

- дастури роҳбари мақоми давлатӣ;
- муроҷиати хизматчии давлатӣ;
- муроҷиати хаттии шаҳрвандон;
- дар мавриди аз тарафи комиссия ошкор намудани ҳолатҳои вайрон гардидани талаботи кодекси мазкур.

31. Ҷаласаҳои комиссия дар 3 моҳ як маротиба ва ё бе маҳдудияти мӯҳлат аз рӯи зарурат гузаронида мешаванд.

32. Комиссия ҷаласаи худро дар муддати 14 рӯзи корӣ аз рӯзи ошкор шудани ҳолатҳои вайрон гардидани талаботи Кодекси мазкур мегузаронад.

33. Ҷаласаи комиссия ҳамон вақт салоҳиятнок ҳисобида мешавад, ки дар кори он аз се ду ҳиссаи ҳайати он иштирок дошта бошанд.

34. Комиссия аз ҳисоби аъзои комиссия оид ба масъалаи дар ҷаласаи комиссия баррасишаванда маърӯзачиро муайян менамояд ва аз шахсони дахлдор оид ба ҳолати вайрон гардидани қоидаҳои Кодекси мазкур баёнот мегирад**.**

35. Комиссия дар доираи салоҳияти худ аз натиҷаи муҳокима яке аз қарорҳои зеринро қабул намуда, ба роҳбари мақоми давлатӣ пешниҳод менамояд:

- дар бораи ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани хизматчии давлатӣ;
-дар бораи фиристодани мавод ҷиҳати баррасӣ ба мақоми ваколатдори давлатӣ;
- дар бораи қатъ намудани баррасӣ.

36. Қарори комиссия дар ғоибии хизматчии давлатӣ бо овоздиҳии аксарияти иштироккунандагони ҷаласа қабул карда мешавад. Ҳангоми баробар будани овозҳо овози раиси комиссия ҳалкунанда ҳисоб меёбад.

37. Рафти ҷаласаи комиссия ва қарори он бо протокол ба расмият дароварда мешавад. Дар рафти ҷаласа мумкин аст сабтҳои аудиоӣ ва видеоӣ истифода гарданд, ки онҳо низ ба протокол замима карда мешаванд.

38. Ба протокол раис ва котиби комиссия имзо мегузоранд.

39. Қарори комиссия ба роҳбари мақоми давлатӣ пешниҳод карда шуда, барои татбиқи муҷозоти интизомӣ тибқи қонунгузорӣ асос мегардад.

40. Роҳбари мақоми давлатӣ дар мавриди ошкор намудани ҳолатҳои нопуррагӣ ё вайрон кардани талаботи Кодекси мазкур метавонад маводро ҷиҳати баррасии иловагӣ ё такрорӣ ба комиссия баргардонад.

41. Нисбати қарори комиссия ё қарори роҳбари мақоми давлатӣ дар мӯҳлати як моҳи эътибори қонунӣ пайдо намудан ба комиссия, роҳбари мақоми давлатӣ, мақомоти болоӣ, мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ё суд шикоят кардан мумкин аст, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.

42. Шикоятро мақоми дахлдор аз болои қарори комиссия ва ё роҳбари мақоми давлатӣ баррасӣ намуда, дар сурати ошкор шудани ҳолати риоя нагардидани тартиби муқарраргардидаи қонунгузорӣ ба комиссия ва роҳбари мақоми давлатӣ дар бораи бекор кардани қарори қабулшуда пешниҳод манзур менамояд.

43. Ба вазифаҳои комиссия дохил мешаванд:

- амалӣ намудани назорати иҷрои муқаррароти Кодекси мазкур дар мақоми давлатӣ;
- баррасии ҳолатҳои вайрон намудани муқаррароти Кодекси мазкур аз тарафи хизматчиёни давлатӣ;
- гузаронидани санҷиш ва рейдҳои ногаҳонӣ дар мақомоти давлатӣ;
- доир намудани ҷаласаҳои комиссия;
- гирифтани баёноти шифоҳӣ ва хаттӣ аз хизматчиёни давлатии дахлдор оид ба масъалаи баррасишаванда;
- бо тартиби муқарраргардида талаб намудани ҳуҷҷатҳо, мавод ва иттилоот аз мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои дахлдор;
-ҷалб намудани коршиносон (экспертҳо), мутахассисон ва кормандони дахлдори мақоми давлатӣ барои пешниҳоди хулоса;
-баррасии шикоятҳои хизматчиёни давлатӣ нисбат ба қарорҳои комиссия;
- машварат додан ба хизматчиёни давлатӣ оид ба масъалаҳои одоб;
- гузаронидани чорабиниҳои омӯзишии Кодекси мазкур;
- фаҳмондадиҳии муқаррароти Кодекси мазкур.

44. Раиси комиссия:

- фаъолияти комиссияро ташкил менамояд ва онро роҳбарӣ мекунад;
- рӯзномаи ҷаласаи комиссияро муайян мекунад;
- ҷаласаи комиссияро даъват менамояд ва ба он раисӣ мекунад;
- кормандони мақомоти давлатиро, ки баррасии масъала ба ваколати онҳо мансуб аст, ба кори комиссия ҷалб менамояд;

- дар хусуси ворид намудан ба ҳайати комиссия ё бозхонди аъзои он ба мушовараи мақоми давлатӣ таклиф пешниҳод менамояд;

- ба ҳуҷҷатҳои комиссия ва протоколи ҷаласаи комиссия имзо мегузорад.

45. Котиби комиссия:

- кори комиссияро дар мувофиқа бо раиси комиссия ташкил мекунад;

- коргузории комиссияро пеш мебарад;

- хизматчии давлатиро бо маводҳое, ки нисбаташ баррасӣ мегарданд, на дертар аз 3 рӯз то оғози ҷаласаи комиссия шинос менамояд;

- дар бораи ҷой ва вақти гузаронидани ҷаласаи комиссия аъзои комиссия ва шахсонеро, ки нисбати онҳо ва аз рӯи муроҷиати онҳо мавод баррасӣ карда мешавад, хабардор менамояд;

- протоколи ҷаласаи комиссияро тартиб медиҳад ва ба он имзо мегузорад;

- хизматчии давлатиро бо қарори комиссия дар давоми 1 рӯзи корӣ ва қарори роҳбари мақоми давлатӣ дар давоми 3 рӯзи корӣ шинос менамояд;

- чорабиниҳои омӯзишии Кодекси мазкурро ташкил мекунад;

- фаҳмондадиҳии муқаррароти Кодекси мазкурро ба роҳ мемонад;

- фаъолияти комиссияро тарғиб менамояд.

46. Маводҳо оид ба вайрон кардани қоидаҳои Кодекси мазкур нисбат ба аъзои комиссия, ба истиснои хизматчиёни давлатии сиёсӣ ва маъмурии категорияи олӣ, аз тарафи ҳайати мушовараи мақоми давлатӣ, машварати назди раиси вилоят, шаҳр, ноҳия ё комиссия оид ба одоби мақоми болоӣ баррасӣ карда мешаванд.

47. Маводҳо оид ба вайрон кардани қоидаҳои Кодекси мазкур нисбат ба хизматчиёни давлатии сиёсӣ ва маъмурии категорияи олӣ, аъзои комиссия, ки хизматчиёни давлатии сиёсӣ ва категорияи олӣ мебошанд, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё дигар мақомоти давлатии дахлдор баррасӣ карда мешаванд.

БОБИ 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

48. Риояи қоидаҳои Кодекси мазкур ӯҳдадории хизматчии давлатӣ буда, риоя накардани он боиси ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.

49. Риояи меъёрҳои Кодекси мазкур ҳангоми гузаронидани аттестатсия, баҳодиҳии фаъолият, иштирок дар озмун, таъин (интихоб) кардани хизматчии давлатӣ ба мансаб, бо мукофотҳо сарфароз

гардонидан, рутба додан, дохил кардан ба захираи кадрҳо барои ишғоли мансаби баландтар, таҳияи тавсифнома ё тавсиянома ва ҳангоми ба ҷавобгарии интизомӣ кашидан ба инобат гирифта мешаванд.

50. Роҳбари мақоми давлатӣ бояд барои пешгирии вайрон намудани қоидаҳои Кодекси мазкур тадбирҳои зеринро андешад:

- дар асоси пешниҳоди комиссия бо тартиби муқарраркардаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» татбиқ намудани муҷозоти интизомӣ;

- гузаронидани машварату семинарҳо дар бораи омӯзиши Кодекси мазкур;

- андешидани дигар чораҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

51. Ҳангоми дар амалу кирдорҳои хизматчии давлатӣ мавҷуд будани аломатҳои таркиби ҷиноят ё кирдорҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки баррасии онҳо салоҳияти дигар мақомоти давлатӣ мебошанд, маводи дахлдор бо тартиби муқарраргардида ба мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва ё ба мақомоти ваколатдори давлатӣ ҷиҳати ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан фиристода мешаванд.

ФАРМОНИ
ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар бораи Низомномаи Хадамоти ташрифоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи моддаи 69 Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумҳурии Тоҷикистон фармон медиҳам:

1. Низомномаи Хадамоти ташрифоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлати се моҳ доир ба такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз фармони мазкур бармеоянд, чораҷӯӣ намояд.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш.Душанбе
16 апрели соли 2018 №1047

Бо фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «16» аапрели соли 2018, №1047
тасдиқ шудааст

Низомномаи Хадамоти ташрифоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

I. Муқаррароти умумӣ

1. Хадамоти ташрифоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Хадамот) дар асоси фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 январи соли 2014, №116 «Дар бораи таҷдиди сохтори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъсис дода шудааст.

2. Хадамот ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳоро вобаста ба татбиқи Муқаррароти умумии ташрифоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар омода намудани қисмати тадорукотиву ташрифотии чорабиниҳо бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзои оилаи ӯ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат ва аъзои оилаи ӯ дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз ҳудуди он ба амал мебарорад.
Муқаррароти Низомнома ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат ва аъзои оилаи ӯ низ татбиқ мегарданд.

3. Хадамот дар фаъолияти худ Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муқаррароти умумии ташрифоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамин Низомнома, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва шартномаҳои байналмилалиеро, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, ба асос мегирад.

4. Хадамот воҳиди сохтории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботдаҳанда мебошад.

5. Дахолати дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдор ба фаъолияти Хадамот манъ аст.

6. Низомномаи Хадамот бо пешшҳоди Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

II. Вазифа ва ухдадориҳои Хадамот

7. Вазифаҳои асосии Хадамот инҳоянд:

- таъмини ташрифотиву тадорукотии чорабиниҳо бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзои оилаи ӯ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он гузаронида мешаванд;
- иштирок дар ташкили чорабиниҳо, ки таҳти раисии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин бо дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешаванд;
- таъмини ташрифотиву тадорукотии дигар чорабиниҳо, ки бо дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурин Тоҷикистон, новобаста аз тобеияти ташрифотӣ, гузаронида мешаванд.

8. Ухдадориҳои Хадамот инҳоянд:

- ҳамоҳангсозӣ ва назорати фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳо вобаста ба татбиқи Муқаррароти умумии ташрифоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- якҷо бо дигар воҳидҳои сохтории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намудан дар таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки барои пешбурди фаъолияти вобаста ба таъмини ташрифотиву тадорукотии чорабиниҳо бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзои оилаи ӯ ё бо дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузоршаванда заруранд;
- бо воҳидҳои сохтории дахлдори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳанг намудани масъалаҳои ташрифотиву тадорукотии сафарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чорабиниҳои байналмилалӣ бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- иштирок дар таҳия ва омода намудани чорабиниҳо бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзон оилаи ӯ;
- бо мақсади риояи меъёрҳои ягонаи ташрифотӣ дар асоси Муқаррароти умумии ташрифоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳанг намудани

фаъолияти мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунӣ дар маҳал оид ба масъалаҳои ташрифотиву тадорукотӣ ва гузаронидани чорабиниҳои дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзои оилаи ӯ;

- таҳия намудани лоиҳаи барномаи чорабиниҳо бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзои оилаи ӯ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он, инчунин ҳамоҳангсозии фаъолияти вобаста ба иҷрои ин барномаҳо;

- таъминоти ташрифотии чорабиниҳои вобаста ба идҳои давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар чорабиниҳо бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзои оилаи ӯ;

- иштирок дар омода намудан ва гузаронидани зиёфатҳо (давлатӣ, расмӣ, корӣ, дӯстона) аз номи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзои оилаи ӯ;

- қабули гурӯҳҳои муқаддамотӣ, ки ба ташкил ва гузаронидани сафарҳои намояндагони кишварҳои хориҷӣ ё созмонҳои байналмилалӣ вобаста шудаанд ва дар онҳо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзои оилаи ӯ ба нақша гирифта шудааст;

- бо мувофиқаи Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани ҳайати гурӯҳҳои муқаддамотӣ, ки ба ташкил ва таъмини сафарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзои оилаи ӯ ба кишварҳои хориҷӣ вобаста шудаанд, инчунин роҳбарӣ ба масъалаҳои ташрифотӣ дар ҳайати чунин гурӯҳҳо;

- муайян ва мувофиқа намудани сиҷаи чорабиниҳо бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзои оилаи ӯ ҳангоми қабули ҳайатҳои хориҷӣ ва сафарҳо ба хориҷа;

- таъсис додани хазинаи туҳфаҳои ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақдимшуда, бақайдгирии туҳфаҳои тақдимшуда, туҳфаҳои аз номи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақдимшаванда, маҳфуз доштани парчам, нишон ва суруди миллии кишварҳои хориҷӣ;

- анҷом додани тадбирҳои зарурии вобаста ба шиноснома ва раводид барои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзои оилаи ӯ, иҷрои корҳои логистикии сафарҳои аъзои оилаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҳолатҳои зарурӣ нигаҳдории шиносномаҳои онҳо;

- таъмини фаъолияти самараноки осорхонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бойгоникунонии маводи марбут ба чорабиниҳо бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзои оилаи ӯ;

- бо мақсади таъминоти моддиву техникии Хадамот ва таъминоти тадорукотиву ташрифотии чорабиниҳо бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзои оилаи ӯ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он гузаронида мешаванд, бо тартиби муқарраргардида омода намудани дархостҳо ба воҳидҳои сохторӣ, инчунин корхонаву муассисаҳои зертобеи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таъмини тарҷума аз/ба забони хориҷӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзои оилаи ӯ ҳангоми мулоқот ва дигар чорабиниҳо;

- ҳамоҳангсозии фаъолият бо Хадамоти амнияти Президент вобаста ба чорабиниҳои тадорукотиву ташрифотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзои оилаи ӯ.

III. Ваколатҳои Хадамот

9. Барои амалӣ намудани вазифа ва уҳдадориҳои худ Хадамот ваколат дорад:

- аз воҳидҳои сохтории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳои дахлдор,

- мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ҳамчунин аз шахсони мансабдор мавод ва маълумоти заруриро доир ба масъалаҳои ташрифотӣ дархост ва дастрас намояд;

- иҷрои Муқаррароти умумии ташрифоти давлатиро аз ҷониби воҳидҳои сохтории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ҳамчунин аз ҷониби шахсони мансабдор дар чорабиниҳо бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзои оилаи ӯ назорат намояд;

- бо мақсади татбиқ намудани чораҳои таъсиррасонии интизомҳ ба Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи вайрон кардани Муқаррароти умумии ташрифоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби кормандон ва шахсони мансабдори воҳидҳои сохтории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот гузориши хаттӣ пешниҳод намояд;

- назорати риояи Муқаррароти умумии ташрифоти давлатӣ, қоидаҳои одобу муоширатро аз ҷониби аъзои ҳайати расмӣ ва шахсони ҳамроҳикунандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзои оилаи ӯ дар ҳавопаймоҳо ва дигар воситаҳои нақлиёт, инчунин ҳангоми баргузории чорабиниҳо ва маросиму ҷашнҳо ба роҳ монад;

- тибқи тартиби муқарраргардида барои иҷрои корҳои алоҳида мутахассисонро, аз ҷумла дар асоси шартномавӣ ҷалб кунад;

- бо мувофиқаи Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кормандони дигар воҳидҳои сохтории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кормандони масъули Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои иҷрои корҳои тадорукотиву ташрифотии чорабиниҳо ҷалб намояд;

- оид ба масъалаҳои ташрифотӣ мустақиман ё тавассути Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо намояндагиҳо ва мақомоти давлатии кишварҳои хориҷӣ, намояндагии созмонҳои байналмилалӣ ҳамкорӣ намояд;

- иҷрои масъалаҳои тадорукотиву ташрифотиро аз ҷониби роҳбарони намояндагиҳои дипломатӣ ва намояндагиҳои доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷа ва созмонҳои байналмилалӣ - намояндагони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ҳангоми сафарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзои оилаи ӯ ба хориҷи кишвар танзим ва назорат намояд.

IV. Ташкили фаъолияти Хадамот

10. Хадамот аз сардор, як муовин ва мудирони шуъбаҳо иборат мебошад, ки бо пешниҳоди Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешаванд.

Дигар кормандони Хадамот бо мувофиқаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешаванд.

11. Ба кормандони Хадамот ҳуқуқ ва имтиёзҳои дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати дипломатӣ» пешбинигардида, аз ҷумла доир ба гирифтани рутбаҳои дипломатӣ татбиқ мешаванд.

Кормандони Хадамот дар асоси пешниҳоди Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо мувофиқаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизмати дипломатӣ дар намояндагиҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷӣ сафарбар карда мешаванд.

Кормандони Хадамот бояд забони давлатиро дар сатҳи олҳ донанд ва донандаи на кам аз як забони хориҷӣ (илова ба забони русӣ) бошанд.

12. Сардори Хадамот:

- вазифаҳоеро, ки ба Хадамот вогузор шудаанд, амалӣ намуда, барои иҷрои онҳо масъулияти шахсӣ дорад;

- дар доираи ваколатҳои худ асноди хизматӣ, дархост ва пешниҳодҳоро имзо мекунад;

- риояи интизоми меҳнат ва Дастуруламали коргузорҳ дар Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамояд, барои ташкили кор ва назорати баррасии аснод дар Хадамот масъул мебошад;

- ҳамоҳангсозии омодагҳ ва гузаронидани мулоқоту машваратҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ҳайатҳои кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалҳ, аз ҷумла маросими супоридани эътимодномаҳои роҳбарони намояндагиҳои дипломатии кишварҳои хориҷиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд;

- фаъолияти кормандони вазорату идораҳои дахлдорро, ки ба таъминоти тадорукотиву ташрифотии чорабиниҳо бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзои оилаи ӯ ҷалб шудаанд, ҳамоҳанг месозад;

- дар таҳия намудани барномаи сафарҳои корҳ ба шаҳру ноҳияҳои кишвар, сафарҳои хориҷӣ ва чорабиниҳои ташрифотӣ бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзои оилаи ӯ иштирок менамояд;

- тибқи тартиби муқарраргардида ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи онҳо гузориш медиҳад;

- дар маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи ҳайатҳои мушовара ва чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллии мақомоти давлатӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ ва иттиҳодияҳо оид ба масъалаҳои марбут ба фаъолияти Хадамот ширкат мекунад;

- ба Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҳавасмандгардонҳ ва татбиқи чораҳои таъсиррасонии интизомҳ нисбат ба кормандони Хадамот пешниҳод манзур менамояд. Дар ҳолати набудани сардори Хадамот уҳдадориҳои ӯро муовинаш иҷро менамояд.

13. Муовини сардори Хадамот, мудирони шуъбаҳо ва кормандони он вобаста ба вазифаҳои ба зиммаи онҳо вогузоршуда тибқи тақсимоти уҳдадориҳои мансабӣ, ки аз ҷониби Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад, масъулият доранд.

V. Муқаррароти хотимавӣ

14. Назорати иҷрои Низомнома ба зиммаи Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда мешавад.

15. Таъминоти моддиву техникҳ ва нақлиётии фаъолияти Хадамот ва кормандони он аз ҷониби раёсати хоҷагии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воҳидҳои сохтории он таъмин карда мешавад.

Замима
ба Низомномаи Хадамоти ташрифоти
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сохтори Хадамоти ташрифоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. Сардор
2. Муовини сардор
3. Шуъбаи сафарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
4. Шуъбаи қабули ҳайатҳо ва чорабиниҳо
5. Шуъбаи тарҷума

ФАРМОНИ
ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Оид ба Низомнома
дар бораи захираи кадрҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи моддаи 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" фармон медиҳам:

1. Низомнома дар бораи захираи кадрҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Роҳбарони мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ иҷрои талаботи Низомномаи мазкурро таъмин намоянд.

3. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 январи соли 2010, №756 «Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи захираи кадрҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз эътибор соқит дониста шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе,
аз 27 январи соли 2023, №523

Бо фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 27 январи соли 2023,
№523 тасдиқ шудааст

НИЗОМНОМА
дар бораи захираи кадрҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомнома дар бораи захираи кадрҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - **Низомнома**) тартиби ташкили захираи кадрҳо барои мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ , таҳияи рӯйхати захираи кадрҳо ва кор бо кадрҳои захираро танзим менамояд.

2. Захираи кадрҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - **захираи кадрҳо**) барои ишғоли мансабҳои роҳбарикунандаи категорияҳои сеюм (танҳо барои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатҷ), дуюм, якум, олҷ ва мансабҳои сиёсҷ барои ҳамаи мақомоти давлатӣ) бо мақсади таъмини эҳтиёҷ оти мақомоти давлатҳ бо кадрҳо ва болоравии мансабии хизматчиёни давлатҳ дар асоси дастовардҳои хизматӣ аз ҳисоби кадрҳои баландихтисос ва салоҳиятноки дорои қобилияти идоракунӣ ташкил карда мешавад.

3. Барои мансабҳое, ки нигоҳ дошта мешаванд (минбаъд мансабҳои нигоҳдошташаванда) ва мансабҳои дигари хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷ икистон захираи кадрҳо бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷ умҳурии Тоҷ икистон ва Низомномаи мазкур ташкил карда мешавад.

4. Захираи кадрҳо барои мансабҳои интихобии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ташкил карда намешавад.

5. Захираи кадрҳои хизматчиёни ҳарбӣ ва хизматчиёни давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тибқи қонунгузории соҳавӣ ташкил карда мешавад.

6. Принсипҳои асосии ташкили захираи кадрҳо ва кор бо кадрҳои захира:

- масъулияти роҳбари мақомоти давлатӣ барои ташкили захираи кадрҳо ва кор бо кадрҳои захира;
- ташкили ошкоро ва шаффофи захираи кадрҳо;
- баҳодиҳӣ ба сифатҳои касбӣ ва қобилияти кории кадрҳои захира;
- таъмини болоравии мансабӣ;
- таъмини баробарҳуқуқии кадрҳои захира.

7. Ташкили захираи кадрҳо, таҳияи рӯйхати захираи кадрҳо ва кор бо кадрҳои захира иҷрои вазифаҳои зеринро дар бар мегирад:

- муайян намудани эҳтиёҷоти мақомоти давлатӣ ба кадрҳои роҳбарикунанда;

- дохил намудан ба захираи кадрҳо ва таҳияи рӯйхати захираи кадрҳои мақомоти давлатӣ;

- пешниҳоди рӯйхати захираи кадрҳои мақомоти давлатӣ барои соли навбатӣ ва натиҷаи ҳолати кор бо кадрҳои захира дар соли гузашта ба мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ (минбаъд - Мақоми ваколатдор);

- тайёр намудани кадрҳои захира (такмили ихтисос ва таҷ рибаомӯзӣ);

- истифодаи кадрҳои захира (таъин ба мансабҳои роҳбарикунанда).

8. Роҳбарони мақомоти марказии ҳокимияти давлатҳ ва мақомоти иҷ роияи маҳаллии ҳокимияти давлатҳ (минбаъд Роҳбари мақоми давлатӣ) барои иҷрои чорабиниҳо оид ба ташкили захираи кадрҳо, тайёр намудани кадрҳои захира ва ба мансабҳои дахлдори давлатии хизмати давлатӣ пешниҳод ва таъини онҳо масъул мебошанд.

9. Ташкили кор бо захираи кадрҳоро хадамоти кадрии мақоми давлатҳ амалҳ менамояд.

10. Роҳбарии методҳ ва назорати фаъолияти мақомоти давлатҳ оид ба ташкили захираи кадрҳо ва кор бо кадрҳои захираро Мақоми ваколатдор амалҳ мегардонад.

2. ТАРТИБИ ТАШКИЛИ ЗАХИРАИ КАДРҲО ВА ТАҲИЯИ РӮЙХАТИ ЗАХИРАИ КАДРҲО

11. Захираи кадрҳо бо риояи талаботи тахассусии барои ишҷолкунандагони мансабҳо муқарраргардида ва дигар хусусиятҳои соҳавҳ дар асоси пешниҳоди Роҳбари мақоми давлатҳ, роҳбарони воҳидҳои сохторҳ ва хадамоти кадрии мақоми давлатҳ, инчунин, тавсияи комиссияи аттестатсионии мақомоти давлатҳ ва натиҷ аи баҳодиҳии фаъолияти хизматчиёни давлатҳ ташкил карда мешавад. Барои як мансаб мумкин аст то се нафар ба захираи кадрҳо дохил карда шавад.

12. Ҳангоми пешниҳод ба захираи кадрҳо талаботи зерин ба асос гирифта мешавад:

- сифатҳои касбҳ, яъне сатҳи донишҳои касбҳ;

- қобилияти корӣ, яъне доштани малакаи роҳбарӣ, ташаббускорӣ, донистани забони давлатҳ, забонҳои хориҷ ҳ, маҳорати кор бо технологияҳои иттилоотӣ;

- сифатҳои ахлоқҳ, яъне боодобҳ, поквиҷ донҳ, адолатнокҳ, ботамкинҳ, маҳорати кор карда тавонистан бо тобеон, ҳамкорон ва муроҷ иаткунандагон.

13. Синни ниҳоии кадрҳои захира барои мансабҳои категорияҳои сеюм ва дуюм то 45, категорияи якум то 50 ва барои мансабҳои категорияи олӣ ва сиёсӣ то 55 мебошад.

14. Захираи кадрҳо барои мансабҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби шахсони зерин ташкил карда мешавад:

- хизматчиёни давлатие, ки мувофиқи тавсияҳои комиссияи аттестатсионии мақоми давлатӣ ва натиҷаи баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатӣ барои дохил кардан ба захираи кадрҳо пешбарӣ шудаанд;

- хизматчиёни давлатии воҳидҳои сохторҳои дастгоҳи марказӣ ва сохторҳои маҳаллии мақоми давлатҳ, кормандони корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои дигари соҳаи дахлдор барои дохил намудан ба захираи кадрҳои мақоми давлатии марказии дахлдор;

- хизматчиёни давлатии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, кормандони корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои ҳудуди дахлдор барои дохил намудан ба захираи кадрҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ.

15. Захираи кадрҳо барои мансабҳои нигоҳдошташаванда ва дигар мансабҳо бе муқаррар намудани синни ниҳоӣ аз ҳисоби шахсони зерин ташкил карда мешавад:

- хизматчиёни давлатие, ки аз тарафи мақоми давлатӣ бо озод шудан аз мансаб ба таҳсил фиристода шудаанд, барои ишҷоли мансабҳои қаблӣ ва баробар ба мансабе, ки то таҳсил ишғол намудаанд. Чунин хизматчиёни давлатӣ бо пешниҳоди хадамоти кадрии мақоми давлатие, ки онҳоро барои таҳсил фиристодааст, дар давраи таҳсил ба захираи кадрҳо дохил карда мешаванд;

- хизматчиёни давлатие, ки аз тарафи мақоми давлатӣ ҳангоми хизмати ҳарбии ҳатмии муҳлатнок аз кор озод карда шудаанд, барои ишғоли мансабҳои қаблӣ ё баробар ба мансабе, ки то даъват ба хизмати ҳарбӣ ишҷол намудаанд. Чунин хизматчиёни давлатҳ бо пешниҳоди хадамоти кадрии мақоми давлатие, ки корманд аз он ба хизмати ҳарбӣ даъват шудааст, дар давраи адои хизмати ҳарбӣ ба захираи кадрҳо дохил карда мешаванд;

- хизматчиёни давлатие, ки бинобар барҳам додан, азнавташкилдиҳӣ ва таҷ диди мақоми давлатӣ, ихтисор шудани шумора ё воҳидҳои корӣ аз мансаб озод карда шудаанд, барои ишғоли мансабҳои баробар ба мансабҳое, ки то озод шудан ишғол намудаанд. Чунин хизматчиёни давлатӣ бо пешниҳоди хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ ба муҳлати як сол ба захираи кадрҳо дохил карда мешаванд;

- дигар ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

16. Хизматчии давлатӣ ё корманде, ки ба якчанд мансаби роҳбарикунанда ба захираи кадрҳо пешниҳод карда шудааст, ба мансаби баландтари пешниҳодшуда ё дар ҳолати баробар будани мансабҳои пешниҳодшуда тибқи розигии ӯ ба як мансаб ба захираи кадрҳо дохил карда мешавад.

17. Кадрҳои захира ба мансабҳои пешбаришудаи категорияи олӣ, сиёсӣ бо тартиби муқарраргардида, ба мансабҳои категорияи сеюм, дуюм, якум бо риояи талаботи тахассусӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ бе гузарондани озмун таъин карда мешаванд.

18. Роҳбари мақоми давлатӣ метавонад кадрҳои захираро ба мансабҳои роҳбарикунандаи пешниҳодшудаи баробар ва/ё пасттар (на пасттар аз мансаби ишҷолнамуда) бо риояи талаботи тахассусӣ таъин намояд.

19. Дар Мақоми ваколатдор махзани маълумоти кадрҳои захира барои ишғоли мансабҳои роҳбарикунанда (категорияҳои сеюм, дуюм, якум, олҳ ва мансабҳои сиёсҳ) ташкил карда мешавад.

3. КОМИССИЯ ОИД БА ЗАХИРАИ КАДРҲОИ МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ

20. Бо фармоиш (қарор, амр)-и Роҳбари мақоми давлатӣ барои интихоби кадрҳои захира Комиссия оид ба захираи кадрҳои мақоми давлатӣ (минбаъд - Комиссия) таъсис дода мешавад.

21. Комиссия дар ҳайати раис, котиб ва аъзои Комиссия, иборат аз 5-7 нафар ташкил карда шуда, доимоамалкунанда мебошад.

22. Ба ҳайати Комиссия Роҳбари мақоми давлатӣ ва/ё муовинони ӯ, намояндаҳои хадамоти кадрӣ, иттифоқи касаба, дигар кормандони таҷ рибадори мақоми давлатӣ дохил карда мешаванд.

23. Комиссия вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

- муайян кардани вақти баррасии пешниҳодҳо (тавсияҳои комиссияи аттестатсионӣ, натиҷ аҳои баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатӣ) дар бораи дохил намудан ба захираи кадрҳо;
- баррасии пешниҳодҳо (тавсияҳои комиссияи аттестатсионӣ, натиҷаҳои баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатӣ) ва муайян намудани мувофиқати кадрҳои захирашаванда ба талаботи тахассусии мансабҳои пешбинишуда;
- омӯзиши сифатҳои касбӣ, қобилияти корӣ, рафтори хизматӣ (корӣ) ва ғайрихизматӣ (ғайрикорӣ)-и кадрҳои ба захира пешниҳодшуда;
- гузарондани суҳбат бо кадрҳои ба захира пешниҳодшуда;
- таҳия ва пешниҳоди рӯйхатҳои захираи кадрҳо барои соли навбатӣ барои тасдиқ ба Роҳбари мақоми давлатҳ ва рӯйхати кадрҳое,

ки дар соли ҷорӣ аз ҳисоби захираи кадрҳо ба мансабҳо таъин карда шудаанд;

- баррасии пешниҳодҳо оид ба хориҷ намудан аз рӯйхати захираи кадрҳо.

24. Комиссия дар давоми сол (аз рӯйи зарурат) ва дар моҳи декабр (ҳатман) ҷаласа гузаронида, масъалаҳои дохил намудан ба захираи кадрҳо ва/ё хориҷ намудан аз захираи кадрҳоро баррасӣ мекунад. Қарорҳои Комиссия дар шакли протокол ба расмият дароварда мешаванд.

25. Ҷаласаи Комиссия ҳамон вақт салоҳиятнок ҳисоб карда мешавад, ки дар кори он аз се ду ҳиссаи аъзои Комиссия иштирок дошта бошанд.

26. Аз натиҷаи ҷаласаи Комиссия дар моҳи декабр рӯйхати захираи кадрҳои мақоми давлатӣ барои соли оянда таҳия шуда, барои тасдиқ ба Роҳбари мақоми давлатӣ пешниҳод карда мешавад. Ба рӯйхати захираи кадрҳо дар давоми сол, ба истиснои ҳолатҳои аз захира хориҷ намудан, тағйирот ворид карда намешавад.

27. Кадрҳои захира дар ҳолатҳои зерин аз рӯйхати захираи кадрҳо хориҷ карда мешаванд:

- татбиқ гардидани ҷазои интизомӣ;

- тавсияи комиссияи аттестатсионӣ дар бораи номувофиқ будан ба мансаби ишғолнамуда;

- пешниҳоди аризаи шахсӣ оид ба хориҷ намудан аз захираи кадрҳои мақоми давлатӣ;

- озод намудан аз мансаби ишғолнамуда ё таъин гардидан ба мансаби дигар;

- расидан ба синни ниҳоии барои кадрҳои захира муқаррарнгардида.

28. Масъалаи хориҷ намудан аз захираи кадрҳо бо пешниҳоди Роҳбари мақоми давлатӣ, роҳбарони воҳидҳои сохторӣ ва хадамоти кадрии мақоми давлатӣ аз ҷониби Комиссия баррасӣ карда мешавад. Қарори Комиссия дар бораи хориҷ намудан аз рӯйхати захираи кадрҳо дар асоси талаботи бандҳои 24 ва 27 Низомномаи мазкур ба расмият дароварда мешавад.

29. Хадамоти кадрии мақоми давлатӣ ба баррасии ҷаласаҳои Комиссия вобаста ба ташкили захираи кадрҳо ва/ё хориҷ намудан аз захираи кадрҳо ҳуҷ ҷатҳои зеринро пешниҳод менамояд:

- парвандаи шахсӣ ва маълумотномаи кадрҳои захира бо акси андозаи 4х6;

- тавсияҳои протоколии комиссияи аттестатсионӣ ва варақаи натиҷаи баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатӣ;

- пешниҳоди Роҳбари мақоми давлатӣ, роҳбарони воҳидҳои сохторӣ ва хадамоти кадрӣ дар бораи дохил (хориҷ) намудан ба (аз) захираи кадрҳо.

4. ТАЙЁР НАМУДАНИ КАДРҲОИ ЗАХИРА

30. Тайёр намудани кадрҳои захира бо роҳи такмили ихтисос ва/ё таҷ рибаомӯзӣ тибқи меъёрҳои пешбининамудаи қонунгузории соҳаи хизмати давлатӣ амалӣ карда мешавад.

31. Такмили ихтисоси кадрҳои захира дар муассисаҳои такмили ихтисоси соҳавӣ ё Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷ икистон амалӣ карда мешавад.

32. Такмили ихтисос ва/ё таҷрибаомӯзии кадрҳои захира дар хориҷи кишвар низ ташкил карда мешавад.

33. Таҷрибаомӯзӣ дар шаклҳои зерин сурат мегирад:

- иҷрои уҳдадориҳои мансабии мансаби дар рӯйхати захираи кадрҳо пешбинишуда;
- иштирок дар чорабиниҳои мубодилаи таҷриба ва дорои хусусияти омӯзишӣ;
- омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ.

5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

34. Баҳсҳо вобаста ба масъалаи захираи кадрҳо аз тарафи Роҳбари мақоми давлатӣ, Мақоми ваколатдор ё суд баррасӣ карда мешаванд.

35. Мақоми давлатӣ уҳдадор аст, ки рӯйхатҳои захираи кадрҳоро барои соли навбатӣ (мувофиқи замимаҳои 1 ва 2) ва рӯйхати кадрҳоеро, ки дар соли ҷорӣ аз ҳисоби захираи кадрҳо ба мансабҳо таъин карда шудаанд (мувофиқи замимаи 3), на дертар аз 10 январ ба Мақоми ваколатдор пешниҳод намояд.

36. Мақоми ваколатдор дар моҳи январ оид ба ҷамъбасти ҳолати кор бо захираи кадрҳои мақомоти давлатӣ ба Президенти Ҷ умҳурии Тоҷикистон маълумоти солона пешниҳод менамояд.

ФАРМОНИ
ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

«Оид ба Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ»

(Бо тағйиру иловаҳо аз 19.04. 2017, №869, аз 18.02. 2020, №1458, аз 01.04.2023, №544)

Мутобиқи моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» бо мақсади ташкили низоми устувори интихобу ҷобаҷогузории кадрҳои хизмати давлатӣ, фармон медиҳам:

1.Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2.Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот татбиқи Низомномаи мазкурро таъмин намоянд.

3.Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 майи соли 2009, № 659 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ» аз эътибор соқит дониста шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш.Душанбе
10 марти соли 2016 № 647

Бо фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «10» марти соли 2016,
№ 647 тасдиқ шудааст

Низомнома
дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ

(Фармони Президенти ҶТ аз 19.04.2017 № 869, аз 18.02.2020 № 1458, аз 01.04.2023 № 544)

I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ (минбаъд - Низомнома) бо мақсади татбиқи моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» таҳия гардида, қоидаҳои гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатиро танзим менамояд.

2. Озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ (минбаъд - озмун) ҷиҳати таъмиини баробарҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - шаҳрвандон) ҳангоми дохил шудан ба хизмати давлатӣ, интихоби кадрҳои баландихтисосу қобилиятнок ба хизмати давлатӣ ва таъминн болоравии мансабии хизматчиёни давлатӣ гузаронида мешавад (фармони Президенти ҶТ аз 18.02.2020, *№ 1458*).

3. Дар озмун довталабоне ҳуқуқи иштирок карданро доранд, ки ба талаботи тахассусии мансаби холии маъмурии хизмати давлатӣ ва Низомномаи мазкур мувофиқат мекунанд. Хизматчиёни давлатии тибқи хулосаи комиссияи аттестатсионӣ аз мансаб озодгардида метавонанд дар озмунҳо барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии категорияи пасттар (ишғолкунандагони мансабҳои категорияҳои ҳафтум барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии категорияи ҳафтум) баъди гузаштани шаш моҳи тақвимӣ иштирок намоянд (фармони Президенти ҶТ аз 01.04.2023, *№ 544*).

4. Таъини хизматчиёни давлатии маъмурӣ ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ дар ҳолатҳои зерин бе озмун бо риояи талаботи тахассусӣ сурат мегирад:

- ҳангоми бо амру фармонҳо ва розигии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишу қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ таъин гардидан;

- барои мансабҳое, ки таъин ба онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти дуҷониба дорад (таъин бо гирифтани розигии хаттӣ);

- барои мансабҳои интихобӣ;

- ҳангоми таъин намудан дар асоси натиҷаи баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатӣ ё тавсияи комиссияи аттестатсионӣ (фармони Президенти ҶТ аз 01.04.2023, *№ 544*);

- ҳангоми таъин намудан аз ҳисоби шахсоне, ки ба захираи кадрҳои мақомоти давлатӣ барои ишғоли мансаби баландтар дохил карда шудаанд;

- ҳангоми бо розигии хаттии хизматчии давлатӣ гузаронидан аз як мансаб ба мансаби дигари холии баробар ва ё ба мансаби категорияи пасттар дар ҳамон мақомоти давлатӣ;

- ҳангоми барқарор намудан ба мансаб ва дар ҳолатҳое, ки мансаби ишғолнамуда ё мансаби ба он баробар тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешавад (фармони Президенти ҶТ аз 18.02.2020, *№ 1458*);

- хориҷ карда шуд (фармони Президенти ҶТ аз 18.02.2020, *№ 1458*);

- ҳангоми барҳам додан, азнавташкилдиҳӣ, таҷдиди мақоми давлатӣ, ихтисори шумора ё воҳидҳои корӣ бо розигии хаттии хизматчии давлатӣ таъин намудан ба мансаби баробар ё пасттар дар мақоми давлатии азнавташкилёфта, ҳамон мақоми давлатӣ ё дигар мақомоти давлатӣ (фармони Президенти ҶТ аз 18.02.2020, *№ 1458*);

- хориҷ карда шуд (фармони Президенти ҶТ аз 18.02.2020, *№ 1458*);

- ҳангоми ҷойивазкунӣ (ротатсия) мувофиқи тартиби муқарраргардида бо риояи талаботи тахассусӣ дар ҳамон мақомоти давлатӣ ё дар дигар мақомоти давлатӣ;

- дар мақомоти давлатии навтаъсис танҳо ба мансабҳои роҳбарони сохторҳои кадрӣ ва молиявӣ;

- ҳангоми маротибаи аввал танҳо дар мансабҳои категорияи ҳафтум таъин намудани шаҳрвандоне, ки тибқи квотаҳои давлатӣ ва (ё) роҳхати мақомоти давлатӣ муассисаҳои олии таълимиро хатм кардаанд (фармони Президенти ҶТ аз 18.02.2020, *№ 1458*).

5. Мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ (минбаъд - мансабҳои холӣ) мансабҳои маъмурии хизмати давлатие (ба ғайр аз мансабҳои маъмурии категорияи олӣ) эътироф карда мешаванд, ки дар Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, холӣ мебошанд.

6. Озмун дар сурати мавҷуд будани мансабҳои холӣ бо фармоиши (қарори, амри) роҳбари мақоми давлатӣ эълон карда мешавад (фармони Президенти ҶТ аз 18.02.2020, *№ 1458*).

7. Дар ҳолатҳои зарурӣ озмун барои ишғоли мансабҳои холии мақомоти давлатӣ бо дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон карда мешавад, ки он низ тибқи талаботи Низомномаи мазкур гузаронида мешавад (фармони Президенти ҶТ аз 19.04.2017, *№ 869*).

8. Гузаронидани озмун дар дигар шаклҳои пешбининакардаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ мебошад.

9. Монеъ шудан ба иштироки шаҳрвандон ва хизматчиёни давлатӣ дар озмун аз тарафи шахсони мансабдор ва дигар шахсони барои гузаронидани озмун мутасаддӣ манъ аст.

10. Принсипҳои асосии гузаронидани озмун инҳо мебошанд:

- воқеъбинона, шаффоф ва холисона гузаронидани озмун ва баҳогузорӣ ба довталабон;

- таъмини баробарҳуқуқии довталабон ҳангоми гузаронидани озмун;

- таъмини болоравии мансабии хизматчиёни давлатӣ (фармони Президенти ҶТ аз 18.02.2020, *№ 1458*).

11. Озмун аз давраҳои зерин иборат аст:

- таъсиси комиссияи озмуни мақоми давлатӣ;

- таҳия ва нашри эълон дар бораи гузаронидани озмун дар воситаҳои ахбори омма, сомонаи мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ва сомонаи мақомоти дахлдори давлатӣ;

- шинос намудани довталабон бо дастурамали мансабии мансаби холии ба озмун пешниҳодкардашуда ва номгӯи саволҳои озмун (аз тарафи сохтори кадрии мақомоти давлатӣ);

- қабули ариза ва ҳуҷҷатҳои довталабон;

- таҳияи рӯйхати умумии довталабоне, ки ҳуҷҷат супоридаанд;

- баррасии ҳуҷҷатҳои довталабон барои муайян намудани мувофиқати онҳо ба талаботи тахассусӣ ва тартиб додани рӯйхати кӯтоҳи довталабоне, ки ба санҷиши пешакӣ - навиштани иншо, эссе, кори хаттӣ, диктант ё санҷиши тестӣ (минбаъд - **санҷиши пешакӣ**) иҷозат дода мешаванд (фармони Президенти ҶТ аз 18.02.2020, *№ 1458*, аз 01.04.2023, *№ 544*);

- гузарондани санҷиши пешакӣ (фармони Президенти ҶТ аз 01.04.2023, *№ 544*);

- гузаронидани суҳбат бо довталабон, баҳодиҳӣ ва ҷамъбасти натиҷаи озмун (фармони Президенти ҶТ аз 18.02.2020, *№ 1458*);

- баррасии такрории ҳуҷҷатҳои довталабон барои муайян намудани мувофиқати онҳо ба талаботи тахассусӣ ва (ё) гузаронидани озмуни такрорӣ дар ҳолатҳое, ки Низомномаи мазкур пешбинӣ намудааст;

- татбиқи қарори комиссияи озмун.

12. Баррасии ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ва сӯҳбат бо довталабон бо тартиби пешбининамудаи Низомномаи мазкур анҷом дода мешавад.

13. Хароҷот вобаста ба иштироки довталаб дар озмун (омаду рафт ба (аз) маҳалли гузаронидани озмун, иҷораи ҷойи истиқомат) аз ҳисоби довталаб пардохт карда мешавад.

2. ТАРТИБИ ТАШКИЛ ВА ФАЪОЛИЯТИ КОМИССИЯИ ОЗМУН

14. Комиссияи озмун барои ишғоли мансабҳои холии мақоми давлатӣ (минбаъд - комиссияи озмун) бо фармоиши (қарори, амри) роҳбари мақоми давлатӣ, ки ҳуқуқи таъин ба мансабҳои холиро дорад, дар ҳайати раис, котиб ва аъзои комиссияи озмун, иборат аз 5 то 9 нафар таъсис дода шуда, ба таври доимӣ амал менамояд. Роҳбари мақоми давлатӣ ҳангоми зарурат метавонад бо фармоиши (қарори, амри) худ ба ҳайати комиссияи озмун тағйирот ворид намояд. Комиссияи озмун дар сохторҳои мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ки шумораи воҳидҳои кории хизматчиёни давлатии онҳо то 15 нафарро ташкил дода, роҳбарони онҳо ҳуқуқи таъини хизматчиёни давлатиро доранд, ташкил карда намешавад ва озмунҳо мувофиқан дар мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ ё мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии дахлдор гузаронда мешаванд (фармони Президенти ҶТ аз 18.02.2020, *№1458*, аз 01.04.2023, *№ 544*).

15. Ҳангоми бо дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон намудани озмун, комиссияи озмун низ мумкин аст аз тарафи онҳо таъсис дода шавад (фармони Президенти ҶТ аз 19.04.2017, *№ 869*).

16. Ба ҳайати комиссияи озмун «аз рӯи мансаб роҳбари мақоми давлатӣ (ё муовини ӯ), намояндагони воҳидҳои сохтории кадрӣ, ҳуқуқӣ, иттифоқи касаба, дигар кормандони таҷрибадори мақоми давлатӣ, ҳамчунин бо мувофиқа намояндагони ташкилотҳои илмӣ ё муассисаҳои таҳсилоти касбии соҳавӣ, мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ворид карда мешаванд. Ба комиссияи озмун роҳбари мақоми давлатӣ (ё муовини ӯ) раисӣ менамояд. Дар кори комиссияи озмун роҳбари воҳиди сохтории мақоми давлатӣ, ки ба он корманд қабул карда мешавад, ҳуқуқ дорад иштирок намояд (фармони Президенти ҶТ аз 19.04.2017, *№ 869*).

Намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кори комиссияи озмуни мақомоти давлатӣ метавонад бо ҳуқуқи баҳодиҳӣ иштирок намояд (фармони Президенти ҶТ аз 19.04.2017, *№ 869*, аз 18.02.2020, *№1458*).

17. Ба ҳайати комиссияи озмуни мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вобаста ба озмуни мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии сохторҳои мақомоти давлатии аз буҷети маҳаллӣ

маблағгузоришаванда ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот намояндагони ҳамин мақомот дохил карда шуда, онҳо танҳо ҳангоми суҳбат бо довталабони мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии мақомоти худ ҳуқуқи иштирок карданро доранд.

18. Фаъолияти комиссияи озмун дар шакли ҷаласа сурат мегирад. Ҷаласаи комиссияи озмун ҳамон вақт босалоҳият ҳисобида мешавад, ки дар кори он аз се ду ҳиссаи ҳайати комиссияи озмун иштирок дошта бошанд.

19. Иштироки намояндаи мақоми марказии ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ дар рафти гузаронидани сӯҳбат бо довталабон барои ишғоли мансабҳои холӣ дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ё иштироки намояндаи сохторҳои маҳаллии он дар рафти гузаронидани сӯҳбат бо довталабон барои ишғоли мансабҳои холӣ дар ҳудуди дахлдор ҳатмӣ мебошад. Намояндаи мақоми ваколатдор ҳуқуқи баҳодиҳӣ дорад. Дар бораи гузаронидани сӯҳбат бо довталабон Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақоми ваколатдор ва сохтори дахлдори маҳаллии он на дертар аз 3 рӯзи корӣ пеш аз гузаронидани сӯҳбат ба таври хаттӣ хабардор карда мешаванд (фармони Президенти ҶТ аз 19.04.2017, № 869, аз 18.02.2020, № 1458).

20. Агар довталаб ба мансаби холии ба озмун пешниҳодшуда узви комиссияи озмун бошад, ҳангоми гузаронидани озмуни ин мансаби холӣ ӯ аз ҳайати комиссияи озмун хориҷ мегардад, ки ҳолати мазкур дар протоколи баррасии ҳуҷҷатҳо нишон дода мешавад.

21. Комиссияи озмун вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

- муайян намудани вақт ва маҳалли баррасии ҳуҷҷатҳо, гузаронидани санҷиши пешакӣ ва сӯҳбат бо довталабон (фармони Президенти ҶТ аз 01.04.2023, № 544);

- баррасии ҳуҷҷатҳои довталабон дар вақт ва маҳалли муқарраргардида ҷиҳати муайян намудани мувофиқати онҳо ба талаботи тахассусӣ, тартиб додани рӯйхати кӯтоҳи довталабон, ки ба санҷиши пешакӣ иҷозат дода шудаанд *(Фармони Президенти ҶТ аз 01.04.2023, № 544);*

хориҷ карда шуд *(Фармони Президенти ҶТ аз 01.04.2023 № 544);*

- гузаронидани санҷиши пешакӣ ва сӯҳбат бо довталабон дар вақт ва маҳалли муқарраргардида *(Фармони Президенти ҶТ аз 01.04.2023 № 544);*

- ҷамъбасти натиҷаи озмун ва пешниҳоди он барои баррасӣ ба роҳбари мақоми давлатӣ;

- гузаронидани озмуни такрорӣ (дар ҳолатҳои пешбининамудаи Низомномаи мазкур).

22. Барои тартиб додани ҳуҷҷатҳо ва санадҳои комиссияи озмун, даъвату гусели довталабон гурӯҳи мусоидат дар ҳайати ёрдамчии (ёрдамчиёни) маъмурии комиссияи озмун ташкил карда мешавад.

Котиби комиссияи озмун ва аъзои гурӯҳи мусоидат ҳуқуқи баҳодиҳии довталабонро надоранд *(Фармони Президенти ЉТ аз 18.02.2020 № 1458).*

23. Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба гузаронидани озмун, мусоидат ва назорати кори комиссияҳои озмун аз тарафи мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ва сохторҳои дахлдори маҳаллии он анҷом дода мешавад.

3. ЭЪЛОН ДАР БОРАИ ГУЗАРОНИДАНИ ОЗМУН

24. Таҳияи эълон дар бораи гузаронидани озмун, нашри эълон дар воситаҳои ахбори омма, ҷой додани он дар сомонаи мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ва сомонаи мақомоти дахлдори давлатӣ аз тарафи воҳиди сохтории кадрии мақомоти давлатӣ анҷом дода мешавад.

25. Эълон дар бораи гузаронидани озмун маълумоти зеринро дар бар мегирад:

- номи мақоми давлатӣ;
- номи мансабҳои холӣ бо нишон додани андозаи музди меҳнат;
- талаботи асосӣ нисбат ба довталабон, ки дар асоси талаботи тахассусӣ муайян карда мешаванд;
- мӯҳлати қабули ҳуҷҷатҳо (дар мӯҳлати 21 рӯз аз рӯзи нашри якуми эълон дар бораи гузаронидани озмун);
- нишон додани маҳалли ҷойгиршавӣ, суроғa, нишонии сомона, суроғаи электронӣ, рақами телефон ва факси мақоми давлатӣ (бо мақсади гирифтани маълумоти иловагӣ);
- дигар иттилооти иловагӣ, ки ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолиф нест.

26. Ҳангоми дар сомонаи мақоми давлатӣ ҷой додани эълон дар бораи гузаронидани озмун ба ғайр аз маълумоти дар банди 25 Низомномаи мазкур нишон додашуда боз дастурамалҳои мансабии мансабҳои холии ба озмун пешниҳодгардида ва номгӯи саволҳои озмун ҷой дода мешаванд.

4. ҚАБУЛ, БАРРАСИИ ҲУҶҶАТҲО, ГУЗАРОНДАНИ САНҶИШИ ПЕШАКӢ ВА СУҲБАТ БО ДОВТАЛАБОН

(Фармони Президенти ҶТ аз 01.04.2023 № 544)

27. Довталабон барои иштирок дар озмун ҳуҷҷатҳои зеринро шахсан ва ё тариқи электронӣ пешниҳод менамоянд:

- ариза ба унвони роҳбари мақоми давлатӣ бо шакли дар замимаи 1 пешбинигардида;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (бо 2 дона акси андозаи 4х6);
- тарҷумаи ҳол;

- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;

- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки шахс собиқаи меҳнатӣ надорад);

- маълумотнома оид ба вазъи саломатӣ дар шакли 038 УБ (фармони Президенти ҶТ аз 18.02.2020, *№ 1458*);

- нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда;

- эъломия оид ба вазъи молумулкӣ ва маълумот дар бораи супоридани эъломия оид ба андоз аз даромад (фармони Президенти ҶТ аз 01.04.2023, *№ 544*);

- нусхаи шиноснома;

- маълумотнома оид ба таъқиби ҷиноятӣ (доғи судӣ, суд шудан, рад ё қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ) (фармони Президенти ҶТ аз 01.04.2023 *№ 544*);

- нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд).

28. Довталабон метавонанд оид ба таҷрибаи кор ва сатҳи касбии худ маълумоти иловагӣ (нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи дараҷа ва унвони илмӣ, такмили ихтисос, номгӯи корҳои илмӣ, тавсифномаҳо, тавсияҳо) пешниҳод намоянд.

29. Ариза ва ҳуҷҷатҳо аз тарафи довталабон бояд дар мӯҳлати муқарраргардида пешниҳод карда шаванд.

30. Воҳиди сохтори кадрии мақомоти давлати руйхати умумии довталабонро таҳия карда, онро бо ариза ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ба роҳбари мақоми давлатӣ манзур менамояд. Роҳбари мақоми давлатӣ рӯйхати умумии довталабон, ариза ва ҳуҷҷатҳои онҳоро барои баррасӣ ба комиссияи озмун ирсол мекунад.

31. Комиссияи озмун баъди анҷоми муҳлати қабули ҳуҷҷатҳо амалҳои зеринро ичро менамояд (Фармони Президенти ҶТ аз 01.04.2023 *№ 544*):

- баррасии ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ва муайян намудани мувофиқати довталабон ба талаботи тахассусии мансабҳои холӣ на дертар аз 3 рӯзи корӣ;

- муайян намудани намуди санҷиши пешакӣ, вақт ва маҳалли гузарондани он, меъёри баҳо (хол)-и гузариш аз санҷиши пешакӣ дар муҳлати на дертар аз 3 рӯзи кории баъди баррасии ҳуҷҷатҳо;

- ҷалби мутахассис (мутахассисон) барои гузарондани санҷиши пешакӣ;

- даъват намудани довталабон ба санҷиши пешакӣ дар муҳлати на дертар аз 2 рӯз то баргузории санҷиши пешакӣ;

- муайян намудани баҳои гузариш (аз 15 то 25), ҷой ва вақти баргузории суҳбат бо довталабон дар муҳлати на дертар аз 6 рӯзи корӣ баъди баррасии ҳуҷҷатҳо;

- даъвати довталабон ба суҳбат дар муҳлати на дертар аз 2 рӯз то баргузории суҳбат;

- қабули қарорҳо аз натиҷаи баррасии ҳуҷҷатҳо, санҷиши пешакӣ ва суҳбат;

- хабардор намудани довталабон аз натиҷаи баррасии ҳуҷҷатҳо, санҷиши пешакӣ ва суҳбат дар муҳлати на дертар аз 1 рӯзи баъди қабули қарори комиссияи озмун (Фармони Президенти ҶТ аз 01.04.2023 № 544).

32. Қарори комиссияи озмун дар бораи баррасии ҳуҷҷатҳо дар шакли протокол таҳия карда шуда, аз ҷониби раиси комиссия, аъзо ва котиби комиссияи озмун имзо карда мешавад. Ба протокол дар бораи баррасии ҳуҷҷатҳо рӯйхати кӯтоҳи довталабони ба сӯҳбат иҷозат додашуда замима мегардад.

33. Суҳбат бо довталабон дар вақт ва маҳалли муқарраргардида гузаронида мешавад. Дар ҳолати бо сабаби узрнок тағйир ёфтани санаи гузаронидани суҳбат бо довталабон (минбаъд - суҳбат), бо қарори комиссияи озмун суҳбат ба вақти дигар гузаронида шуда, дар ин хусус Дастгоҳи ичроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ, аъзои комиссияи озмун ва довталабон огоҳонида мешаванд (Фармони Президенти ЛТ аз 18.02.2020 № 1458).

34. Хорич карда шуд (Фармони Президенти ҶТ аз 18.02.2020 № 1458).

35. Ҳангоми ба тариқи электронӣ пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳо барои иштирок дар озмун довталаб пеш аз санҷиши пешакӣ ҳуҷҷатҳои аслиро пешниҳод менамояд (Фармони Президенти ҶТ аз 01.04.2023 № 544).

36. Бо мақсади муайян намудани сатҳи донишҳои касбӣ, дар мақомоти давлатӣ тариқи гурӯҳӣ санҷиши пешакӣ гузаронда мешавад. Барои гузарондани санҷиши пешакӣ ва баҳогузории натиҷаҳои он мутахассисони соҳавӣ даъват карда мешаванд. Дар сурати ба даст наовардани баҳо (хол)-и гузариши санҷиши пешакӣ, довталабон ба суҳбат иҷозат дода намешаванд ва дар ин хусус комиссияи озмун дар шакли протокол қарор қабул мекунад (Фармони Президенти ҶТ аз 01.04.2023 № 544).

37. Суҳбат бо ҳар як довталаб алоҳида гузаронда мешавад. Дар рафти суҳбат сатҳи донишҳои касбӣ, донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таърих ва фарҳанги Тоҷикисгон, забони давлатӣ, забонҳои хориҷӣ, маҳорати кор бо технологияҳои иттилоотӣ (электронӣ), ки дар варақаи баҳодиҳии сифатҳои касбӣ ва қобилияти кории довталабон пешбинӣ шудаанд, муайян карда мешавад (замимаи 2). Меъёри баҳодиҳӣ аз 2 то 5 муқаррар карда мешавад. Барои занон, шахсони хизмати ҳарбиро тибқи даъват адонамуда ва сокинони шаҳру ноҳияҳои наздисарҳадии дар ҳифзи сарҳади давлатӣ иштирокнамуда, ки бори нахуст ба хизмати давлатӣ дар мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот кабул мегарданд, се хол илова карда мешавад (Фармони Президенти ЛТ аз 01.04.2023 № 544).

38. Рафти сӯҳбат бо довталабон ва қарори комиссияи озмун дар шакли протокол бо сабти мухтасари саволу ҷавоб ба расмият дароварда шуда, он аз тарафи раис, аъзо, намояндагони Дастгоҳи иҷроияи президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатҳ ва котиби комиссияи озмун имзо карда мешавад. Дар рафти сӯҳбат мумкин аст аз таҷҳизоти техникии сабт истифода карда шавад. Дар хусуси истифодаи таҷҳизоти техникии сабт дар протоколи ҷаласаи ҷамъбастии комиссияи озмун қайд гардида, довталаб дар ин хусус огоҳ карда шуда, сабтҳо ба протокол бо имзои довталаб замима карда мешаванд (Фармони Президенти ЉТ аз 19.04.2017 *№ 869*).

39. Ҷаласаи ҷамъбастии комиссияи озмун баъди анҷоми суҳбат бо довталабон баргузор гардида, номзадҳо барои ишҷоли мансабҳои холӣ тавсия дода мешаванд. Қарори комиссияи озмун дар ҷоибии довталаб қабул карда мешавад. Довталаб дар ҳолати ба даст овардани баҳои муқарраршуда аз озмун гузашта ҳисобида шуда, довталаби баҳои баландтар гирифта барои таъин пешниҳод карда мешавад. Ҳангоми баробар будани баҳои гузариши муқарраргардида ба мансаби холии дахлдор довталаби аз озмун гузашта, бо пешниҳоди раиси комиссияи озмун муайян карда мешавад. Комиссияи озмун ҳуқуқ дорад довталабони дигари баҳои гузариш бадастовардаро барои таъин ба мансаби холии категорияи баробар ё пасттари ҳамин мақоми давлатӣ пешниҳод намояд. Дар чунин ҳолат таъин бояд дар муҳлати то 6 моҳ бо риояи талаботи тахассусҳ амалӣ карда шавад (Фармони Президенти ЉТ аз 01.04.2023 *№ 544*).

40. Қарори комиссияи озмун барои татбиқ ба роҳбари мақоми давлатӣ пешниҳод карда мешавад ва он ҷиҳати таъин ба мансабҳои холӣ асос мегардад.

41. Дар сурати ба санҷиши пешакӣ ё сӯҳбат ҳозир нашудани довталаб, ӯ аз озмун нагузашта ҳисобида мешавад (Фармони Президенти ЉТ аз 01.04.2023 *№ 544*).

42. Агар дар озмун номзадҳо барои ишғоли мансабҳои холӣ муайян нагарданд, тибқи муқаррароти Низомномаи мазкур аз нав озмун эълон карда мешавад.

43. Довталаб на дертар аз 5 рӯзи кории баъди ҷамъбасти озмун бо тариқи хаттӣ, почтаи электронӣ ва телефон аз натиҷаи сӯҳбат хабардор карда мешавад.

44. Ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи довталабоне, ки ба сӯҳбат иҷозат дода нашудаанд ё аз озмун нагузаштаанд, дар асоси муроҷиати довталаб бо гирифтани забонхат баргардонида мешаванд. Ин ҳуҷҷатҳо мумкин аст дар давоми 3 соли баъди ҷамъбасти озмун дар воҳиди сохтории кадрии мақоми давлатӣ нигоҳ дошта шаванд.

5. ТАЪИНИ ДОВТАЛАБ БА МАНСАБИ ХОЛӢ

45. Роҳбари мақоми давлатӣ дар асоси қарори комиссияи озмун довталаби барои ишғоли мансабҳои холӣ тавсияшударо дар мӯҳлати на дертар аз 5 рӯзи корӣ ба мансаб таъин менамояд. Дар вақти таъин ба мансаби маъмурии хизмати давлатӣ бояд талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи қабул ба хизмати давлатӣ риоя карда шавад.

46. Ошкор намудани маълумоти нодурусти пешниҳоднамудаи довталаб, ки боиси тавсияи мусбии комиссияи озмун гардидааст, барои рад намудани таъини довталаб ба мансаби холӣ асос мегардад.

47. Дар сурати ҳозир нагардидани довталаб ҳангоми таъин ё аз таъин ба мансаб даст кашидани довталаб, мансаб холӣ дониста шуда, аз нав озмун эълон карда мешавад.

48. Роҳбари мақоми давлатӣ ҳуқуқ дорад қарори комиссияи озмунро дар бораи ба мансаби холӣ таъин намудани довталаб бо далелҳои асоснок рад ё гузаронидани озмуни такрориро таъин намояд.

49. Мақоми давлатӣ ӯҳдадор аст на дертар аз 10 рӯзи кории баъди ҷамъбасти озмун оид ба натиҷаи озмун ба мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ бо шакли дар замимаи 3 пешбинишуда маълумот пешниҳод намояд.

6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

50. Ҳангоми гузаронидани озмун роҳбари мақоми давлатӣ, кормандони воҳиди сохтории кадрии мақоми давлатӣ, аъзои комиссияи озмун, гурӯҳи мусоидат ва довталабон ӯҳдадоранд талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкурро риоя намоянд.

51. Ҳуҷҷатҳои тартибдодаи комиссияи озмун дорои нишонаи «Барои истифодаи хизматҳ» мебошанд. Довталаб ҳуқуқ дорад бо ҳуҷҷатҳои комиссияи озмун дар қисме, ки ба ӯ дахл доранд, шинос шавад.

52. Довталаб ҳуқуқ дорад аз қарори комиссияи озмун ё роҳбари мақоми давлатӣ ба мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ё суд шикоят намуда, бекор кардани қарор дар бораи рад намудани ба мансаби холӣ таъин намудан ва ё гузаронидани озмуни такрориро талаб кунад.

53. Мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ шикояти довталабро нисбати қарори комиссияи озмун ва (ё) роҳбари мақоми давлатӣ баррасӣ намуда:

- дар сурати ошкор шудани ҳолати риоя нагардидани талаботи Низомномаи мазкур ба роҳбари мақоми давлатӣ дар бораи бекор кардани қарори қабулшуда пешниҳод манзур менамояд;

- дар сурати тасдиқ нагардидани далелҳои шикоят ба мақомоти давлатӣ ва довталаб хаттӣ хабар медиҳад.

54. Роҳбари мақоми давлатӣ ё бо супориши ӯкомиссияи озмун пешниҳоди мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатиро дар давоми на

дертар аз 10 рӯзи корӣ баррасӣ менамоянд. Роҳбари мақоми давлатӣ ё комиссияи озмун метавонанд қарори пештар қабулшудаи худро бекор ва қарори нав (дар бораи таъин ба мансаб ё гузаронидани озмуни такрорӣ) қабул кунанд ё пешниҳоди мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатиро бо далелҳои асоснок рад намоянд.

55. Бекор кардани қарори қаблан қабулшуда аз тарафи комиссияи озмун барои бекор кардани қарори роҳбари мақоми давлатӣ ва қабули қарори нав (дар бораи таъин ба мансаб ё гузаронидани озмуни такрорӣ) асос мегардад.

56. Агар аз тарафи комиссияи озмун ва роҳбари мақоми давлатӣ қарорҳои қаблан кабулшуда бекор карда нашаванд, мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ва довталаб ҳукуқ доранд ба суд муроҷиат намоянд.

57. Озмуни такрорӣ бе эълон кардани озмун тибқи муқаррароти Низомномаи мазкур на дертар аз 5 рӯзи кории баъди бекор кардани қарори комиссияи озмун бо иштироки намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ, роҳбари мақоми давлатӣ, ҳайати комиссияи озмун ё ҳайати нави комиссияи озмун бо довталабони дахлдор гузаронида мешавад (Фармони Президенти ЉТ аз 19.04.2017 *№ 869*).

58. Қарори қабулкардаи комиссияи озмун аз натиҷаи озмуни такрорӣ барои қабули қарори дахлдори роҳбари мақоми давлатӣ асос мегардад. Роҳбари мақоми давлатӣ аз рӯи қарори нави комиссияи озмун дар мӯҳлати на дертар аз 5 рӯзи корӣ қарори дахлдор қабул карда, дар ин бора мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ва довталабро хабардор менамояд.

59. Барои риоя накардани талаботи Низомномаи мазкур шахсони масъули мақомоти давлатӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд (Фармони Президенти ЉТ аз 19.04.2017 *№ 869*).

Замимаи 1

Таҳрири нав (фармони Президенти ҶТ аз 01.04.2023 № 544)

Замимаи 2

Замимаи 3

Замимаи 1
ба Низомнома дар бораи тартиби
гузаронидани озмун барои ишғоли
мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ

Ба унвони роҳбари
мақоми давлатӣ

_____

Аз номи довталаб

_____

(насаб, ном, номи падар)

_____

(суроғаи ҷойи истиқомат)

А Р И З А

Хоҳиш менамоям, ки ба ман барои иштирок намудан дар озмун барои ишғоли мансаби
холии_____
_____(номи мансаби холӣ)
_____
_____ (номи мақоми давлатӣ)
иҷозат дода шавад.

Ба ариза ҳуҷҷатҳои зерин замима мегарданд:
_____
_____
_____
_____
_____
_____

Барои мавҷуд набудани мамониатҳои муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизмати давлатӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" ва дигар санадҳои меъёрии ҳукуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи қабул ба мансаби давлатӣ, аслӣ будани ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ва дурустии маълумоти онҳо масъул мебошам.

Барои санҷиши ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаам розӣ мебошам.

_____ _____

(имзо) (насаб, ном, номи падар)

«____» _____соли20___

(санаи пешниҳоди ариза)

Замимаи 2
ба Низомнома дар бораи тартиби
гузаронидани **озмун барои ишғоли**
мансабҳои холии маъмурии хизмати

Варақаи
баҳодиҳии сифатҳои касбӣ ва қобилияти кории довталабон

Номи мақоми давлатӣ _____
Номи пурраи мансаб _____ _____
Санаи баргузории суҳбат « » _____ соли _

Р/т	Насаб, ном, номи падари довталаб	Сифатҳои касбӣ		Қобилияти корӣ			Имтиёзҳои пешбининамудаи банди 37 Низомномаи мазкур*	Баҳои ҷамбастӣ	Эзоҳ
		Донишҳои касбӣ	Донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ	Донистани таъриҳ ва фарҳанги Тоҷикистон, забони давлатӣ	Донистанӣ забонҳои хоричӣ	Маҳорати кор бо технологияҳои иттилоотӣ (электронӣ)			
1	2	3	4	5	6	7	8	9	

Эзоҳ: *Дар сутуни 8 ҳангоми мувофиқати довталаб ба имтиёзи пешбинигардидаи банди 37 Низомномаи мазкур, 3 хол илова карда мешавад.

Узви комиссия _____ _____
(имзо) (насаб, сарҳарфҳои ном, номи падар)

Замимаи 3

ба Низомнома дар бораи
тартиби
гузаронидани озмун
барои ишғоли
мансабҳои холии
маъмурии хизмати давлатӣ

Маълумот
оид ба баргузории озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ

дар_____ аз «___» _____соли 20__
(номи мақоми давлатӣ) (рӯз, моҳ, сол)

Нашри эълон _____
(номгӯи воситаҳои ахбори омма, сомонаҳои мақомоти давлатӣ)

Рр/т	Номгӯи мансабҳои ба озмун пешниҳодшуда	Шумораи довталабон	Шумораи довталабоне, ки дар навиштани кори хаттӣ, санҷиши тестӣ иштирок намуданд	Шумораи довталабони ба сӯҳбат иҷозат дода нашуда	Шумораи довталабони ба сӯҳбат иҷозат додашуда	Аз озмун гузашта		Аз озмун		Эзоҳ
						Аз мақоми мазкур	Дигар довталабон	Аз мақоми мазкур	Дигар довталабон	
1	2	3	4	5		7	8	9	10	11
1										
Ҳамагӣ										

Дар эзоҳ сабаби ба мансаб таъин нагардидани довталабони аз озмун гузашта шарҳ дода мешавад.

Роҳбари сохтори кадрӣ _____ _____
(имзо) (насаб, ном, номи падар)

«____»_____соли 20___
(санаи тартиб додан)

Ф А Р М О Н И
ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар бораи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

(бо тағйиру иловаҳо аз 27.12.2016, №794; аз 3.08.2017, №907; аз 26.09.2017, №939; аз 31.10.2017, №955; аз 21.06.2018, №1066; аз 8.08.2018, №1083; аз 01.10.2018, №1112; аз 16.11.2019, №1374; аз 26.02.2020, №1460;аз 30.04.2020, №1526; аз 22.10.2020, №1624; аз 27.02.2021, №129)

Бо мақсади ба танзим даровардани мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутобиқи моддаҳои 9, 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва моддаҳои 42, 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»

ф а р м о н м е д и ҳ а м:

1. Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Роҳбарони мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар давоми як моҳ номгӯи мансабҳои давлатии хизмати давлатии мақомоти худро ба Феҳристи мазкур мутобиқ намоянд ва зимни таъсиси мансабҳои нави маъмурии хизмати давлатӣ муқаррароти Феҳристи мазкурро ба инобат гиранд.

3. Фармонҳои зерини Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз эътибор соқит дониста шаванд:

- аз 2 августи соли 2008, №503 «Дар бораи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

- аз 24 июли соли 2009, №678 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2008, №503 «Дар бораи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

- аз 2 сентябри соли 2010, №921 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2008, №503 тасдиқ карда шудааст»;

- аз 26 июли соли 2013, №1468 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

- аз 17 марти соли 2014, №180 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

- аз 1 апрели соли 2014, №183 «Дар бораи ворид намудани илова ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2008, №503»;

4. Банди 3 фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июли соли 2015, №523 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба баъзе фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» хориҷ карда шуда, бандҳои 4-6 мутаносибан бандҳои 3-5 ҳисобида шаванд.

Президенти
ҶумҳуриитТоҷикистон **Эмомалӣ Раҳмон**

ш. Душанбе
15 августи соли 2016, №737

Эзоҳ: Замимаи фармони мазкур дар шакли электронии Китоби санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ дар сомонаи Агентии хизмати давлатӣ бо нишонаи www.ahd.tj ҷойгир карда шудааст.

ФАРМОНИ
ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

«Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Мутобиқи моддаи 20[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ф а р м о н м е д и ҳ а м:

1. Қоидаҳои гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шаванд (замима мегардад).

2. Роҳбарони мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот иҷрои талаботи Қоидаҳои мазкурро таъмин намоянд.

3. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 феврали соли 2011, №1018 «Оид ба тасдиқи Қоидаҳои гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз эътибор соқит дониста шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе
19 июли соли 2019, №1287

Бо фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 19 июли соли 2019,
№1287 тасдиқ карда шудааст

Қоидаҳои
гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчии
давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Қоидаҳои гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Қоидаҳо) тартиби гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатии маъмуриро (минбаъд-хизматчии давлатӣ) муайян менамояд.

2. Баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатӣ (минбаъд - баҳодиҳии фаъолият) нисбат ба хизматчиёни давлатии сиёсӣ, хизматчиёни давлатии маъмурии категорияи олӣ, хизматчиёни давлатии ба синни ниҳоии дар хизмати давлатӣ расида ва хизматчиёни давлатие, ки дар мақомоти давлатӣ камтар аз 6 моҳ кор кардаанд, татбиқ карда намешавад.

3. Баҳодиҳии фаъолият бо мақсади муайян кардани натиҷаҳои кори хизматчии давлатӣ дар давраи як соли тақвимӣ дар шакли суҳбат гузаронида мешавад.

4. Баҳодиҳии фаъолият аз вазифаҳои зерин иборат мебошад:

- таъмини самаранокии иҷрои уҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатӣ;

- ҳавасмандгардонии хизматчии давлатӣ вобаста ба натиҷаҳои мусбати фаъолият;

- чораандешӣ вобаста ба натиҷаҳои манфии баҳодиҳии фаъолият, аз ҷумла муайян намудани эҳтиёҷот ба такмили ихтисос бо мақсади баланд бардоштани сифатҳои касбӣ ва қобилияти кории хизматчии давлатӣ.

5. Принсипҳои асосии баҳодиҳии фаъолият инҳо мебошанд:

-арзёбии уҳдадориҳои мансабӣ тибқи дастурамали мансабии хизматчии давлатӣ;

- шаффофият дар баҳодиҳии фаъолият;

-баландравии мансабии хизматчии давлатӣ дар асоси қобилият, истеъдод, тайёрии касбӣ ва талаботи тахассусӣ;

- ҳисоботдиҳанда будани хизматчии давлатӣ.

6. Баҳодиҳии фаъолият ҳар сол дар моҳи декабр тибқи ҷадвали тасдиқнамудаи роҳбари мақомоти давлатӣ гузаронида мешавад.

7. Хизматчии давлатие, ки дар ҳамин мақомоти давлатӣ зиёда аз 6 моҳ кор кардааст (новобаста ба иваз шудани мансабҳо), таҳти баҳодиҳии фаъолият қарор дода мешавад. Хизматчии давлатие, ки бо сабаби беморӣ, рухсатии меҳнатӣ, сафари хизматӣ дар баҳодиҳии фаъолият иштирок карда наметавонад, баъди ба кор ҳозир шудан дар муҳлати на дертар аз 15 рӯзи корӣ мувофиқи талаботи Қоидаҳои мазкур ба баҳодиҳии фаъолият фаро гирифта мешавад.

8. Баҳодиҳии фаъолият бевосита аз ҷониби роҳбари воҳиди сохторие, ки хизматчии давлатӣ дар он кор мекунад, гузаронида мешавад. Баҳодиҳии фаъолияти роҳбари воҳиди сохториро роҳбари бевоситаи ӯ анҷом медиҳад.

9. Дар ҳолати камтар аз 6 моҳ фаъолият доштани роҳбари воҳиди сохторӣ (роҳбари бевосита), дар баҳодиҳии фаъолият муовини ӯ (ё муовини дахлдори роҳбари мақомоти давлатӣ) низ иштирок мекунад.

2. РАВАНДИ БАҲОДИҲИИ ФАЪОЛИЯТ

10. Баҳодиҳии фаъолият аз марҳилаҳои зерин иборат аст:

- марҳилаи омодагӣ;
- марҳилаи гузаронидани баҳодиҳии фаъолият;
- марҳилаи татбиқи натиҷаҳои баҳодиҳии фаъолият.

11. Роҳбари воҳиди сохторӣ (роҳбари бевосита) барои баҳодиҳии воқеии фаъолият ва баргузории шаффофи он масъулияти шахсӣ дошта:

- хизматчии давлатиро дар хусуси вақт ва ҷойи гузаронидани баҳодиҳии фаъолият дар муҳлати на камтар аз 15 рӯзи корӣ хабардор менамояд;
- вазифаҳои аз сатҳи пешбининамудаи нақшавӣ зиёдтар иҷрошуда, вазифаҳои қисман амалигардида ё умуман иҷронашударо мутобиқи дастурамали мансабӣ муайян менамояд;
- сифатҳои касбӣ ва қобилияти кории хизматчии давлатиро воқеъбинона баррасӣ менамояд;
- аз натиҷаи суҳбат бандҳои 1-7 варақаи баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатиро (минбаъд-Варақаи баҳодиҳӣ), ки ба Қоидаҳои мазкур замима гардидааст, хонапурӣ мекунад.

12. Суҳбати роҳбари воҳиди сохторӣ (роҳбари бевосита) ва хизматчии давлатӣ бо истифодаи ҳисоботи солонаи хизматчии давлатӣ, ки на дертар аз 10 рӯзи корӣ то баргузории баҳодиҳии фаъолият ба роҳбари воҳиди сохторӣ (роҳбари бевосита) пешниҳод мегардад, гузаронида мешавад.

13. Дар рафти суҳбат роҳбари воҳиди сохторӣ (роҳбари бевосита) ва хизматчии давлатӣ натиҷаҳои фаъолияти хизматчии

давлатӣ дар соли ҳисоботӣ ва вазифаҳои минбаъдаи ӯро муҳокима мекунанд.

14. Аз ҷониби роҳбари воҳиди сохторӣ (роҳбари бевосита) дар Варақаи баҳодиҳӣ баҳоҳои зерин гузошта мешаванд:

- «ба мақсад бо бартарӣ ноил шудааст» ё баробар ба баҳои «5» (аъло);
- «ба мақсад ноил шудааст» ё баробар ба баҳои «4» (хуб);
- «ба мақсад қисман ноил шудааст» ё баробар ба баҳои «3» (қаноатбахш);
- «ба мақсад ноил нашудааст» ё баробар ба баҳои «2» (ғайриқаноатбахш).

15. Роҳбари воҳиди сохторӣ (роҳбари бевосита) уҳдадор аст асоснокии баҳои гузоштаро нишон диҳад ва агар он баҳои «5» (аъло) ва «2» (ғайриқаноатбахш) бошад, дар Варақаи баҳодиҳӣ ҷиҳати татбиқи чораҳои ҳавасмандгардонӣ (барои баҳои «5» (аъло) ва зарурати такмили ихтисосро бо мақсади баланд бардоштани сифатҳои касбӣ ва қобилияти кории хизматчии давлатӣ (барои баҳои «2» (ғайриқаноатбахш) қайд намояд.

16. Хизматчии давлатӣ бо Варақаи баҳодиҳии хонапурӣ кардашуда шинос карда шуда, дар мавриди розӣ будан ба хулосаи роҳбари воҳиди сохторӣ (роҳбари бевосита), ба он имзо мегузорад. Агар хизматчии давлатӣ бо баҳои гузоштаи роҳбари бевосита розӣ набошад, ӯ метавонад дар банди дахлдори Варақаи баҳодиҳӣ асосҳои норозигиро қайд намояд. Пас аз анҷоми баҳогузорӣ Варақаи баҳодиҳӣ ба хадамоти кадрӣ супорида мешавад.

17. Роҳбари мақоми давлатӣ аз натиҷаи баҳодиҳии фаъолият на дертар аз 5 рӯзи корӣ нисбат ба хизматчии давлатӣ метавонад қарорҳои зеринро қабул намояд:

- дохил кардан ба захираи кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ;
- бо риояи талаботи тахассусӣ ба мансаби баландтар таъин намудан;
- ба курсҳои такмили ихтисос пешниҳод намудан.

18. Ба мансаби баландтар таъин кардан барои 10 фоизи шумораи умумии хизматчиёни давлатии баҳои «5» (аъло) гирифта татбиқ карда мешавад. Хизматчиёни давлатии дигаре, ки баҳои «5» (аъло) гирифтаанд, ба захираи кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ тавсия карда мешаванд.

19. Қарор дар бораи дохил кардан ба захираи кадрҳои роҳбарикунанда ва таъин намудан ба мансаби баландтар бо риояи талаботи тахассусӣ амалӣ карда мешавад.

20. Натиҷаҳои баҳодиҳии фаъолият дар тавсифнома, ки барои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ тартиб дода мешавад, нишон дода мешаванд.

21. Хадамоти кадрӣ уҳдадор аст:

- ҷадвали баргузории баҳодиҳии фаъолият дар мақомоти давлатиро таҳия карда, дар мувофиқа бо роҳбарони воҳидҳои сохторӣ (роҳбарони бевосита) онро барои тасдиқ ба роҳбари мақоми давлатӣ пешниҳод намояд;
- варақаҳои баҳодиҳии тартибдодашударо қабул намояд;
- аз рӯи натиҷаи баҳодиҳии фаъолият гузориши ҷамъбастӣ таҳия карда, ҷиҳати қабули қарор ба роҳбари мақоми давлатӣ пешниҳод намояд;
- варақаҳои баҳодиҳии фаъолиятро ба парвандаи шахсии хизматчиёни давлатӣ ҳамроҳ намояд.

3. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

22. Баҳсҳо вобаста ба гузаронидани баҳодиҳии фаъолият аз тарафи роҳбари мақоми давлатӣ, мақоми давлатии болоӣ ё мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ё суд мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

23. Роҳбари мақоми давлатӣ ва мақоми давлатии болоӣ, ки хизматчии давлатӣ ба онҳо муроҷиат намудааст, асосҳои пешниҳодшуда ва маводи баҳодиҳии фаъолиятро санҷида, ҳангоми мавҷуд будани асосҳои боэътимод, дар хусуси бекор намудани натиҷаҳои баҳодиҳии фаъолият ва гузаронидани баҳодиҳии такрории фаъолият қарор қабул менамоянд. Мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ аз натиҷаҳои санҷиш метавонад пешниҳод ирсол намояд, ки баррасии он аз тарафи роҳбари мақоми давлатӣ ҳатмӣ мебошад.

24. Баҳодиҳии такрории фаъолият бо тартиби муқаррарнамудаи Қоидаҳои мазкур дар муҳлати то як моҳи пас аз қабули қарор дар бораи бекор намудани натиҷаи баҳодиҳии фаъолият нисбат ба хизматчии давлатии дахлдор гузаронида мешавад.

25. Ҳангоми гузаронидани баҳодиҳии такрории фаъолият ба ғайр аз роҳбари воҳиди сохторӣ (роҳбари бевосита) ва хизматчии давлатӣ намояндагони хадамоти кадрӣ, кумитаи иттифоқи касабаи кормандон ва мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ иштирок менамоянд.

Замима
ба Қоидаҳои гузаронидани баҳодиҳии
фаъолияти хизматчии давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Варақаи
баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатӣ

_____
_____
(номи мақоми давлатӣ)

1. Маълумоти асосӣ

Насаб, ном, номи падар_____
Мансаб ва номи воҳиди сохторӣ_____
Санаи таъин шудан ба мансаб _____
Давраи фаъолият, баҳогузорӣ карда мешавад_____
Насаб, ном ва номи падари роҳбари воҳиди сохторӣ ва мансаби ишғолнамуда__ _____ _____
Насаб, ном ва номи падар ва мансаби ишғолнамудаи дигар иштирокдорони баҳодиҳии фаъолият____
Санаи баҳодиҳии фаъолият_____

2. Муайян намудани сатҳи самаранокии иҷрои уҳдадориҳои мансабии
хизматчии давлатӣ

р/т	Вазифаҳои мушаххаси хизматчии давлатӣ , ки дар дастурамали мансабӣ пешбинӣ шудаанд	Баҳо
1		
2		
3		
4		
5		
6		
7	Уҳдадориҳои дигар	
	Баҳои умумӣ (ҳамагӣ)	

Баҳои миёна

3. Баҳодиҳии сифатҳои касбӣ

р/т	Нишондодҳо	Баҳо
1	Донишҳои касбӣ	
2	Донишҳои сиёсӣ	
3	Донистани забони давлатӣ	
4	Сифати ихрои уҳдадориҳои мансабӣ	
	Баҳои умумӣ (ҳамагӣ)	
	Баҳои миёна	

4. Баҳодиҳии қобилияти корӣ

р/т	Нишондодҳо	Баҳо
1	Rобилияти таҳлилӣ	
2	Маҳорати ифодаи фикр (шифоҳӣ ва хаттӣ)	
3	Сатҳи ҳамкорӣ ва муошират	
4	Ташабббускорӣ	
5	Маҳорати банақшагирӣ ва ташкили кор	
6	Малакаи идоракунӣ ва кор бо тобеон*	
	Баҳои умумӣ (ҳамагӣ)	
	Баҳои миёна	

*Эзоҳ: Банди 6 танҳо барои роҳбарони воҳидҳои сохторӣ пешбинӣ шудааст

5. Баҳои умумӣ

1	Баҳои миёна барои банди 2	
2	Баҳои миёна барои банди 3	
3	Баҳои миёна барои банди 4	
4	Баҳои умумӣ (2+3+4)	
5	Баҳои умумии миёна	

*Эзоҳ: Бо дар назар доштани он, ки низоми баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатиро баҳоҳои 5, 4, 3 ва 2 ташкил медиҳанд, агар баҳои миёнаи ба баҳои умумӣ тақсимшуда аз 3,1 то 3,5-ро ташкил кунад, баҳои умумии миёна 3 ҳисобида шуда, агар баҳои умумӣ аз 3,6 то 3,9-ро ташкил кунад, баҳои умумии миёна 4 ҳисобида мешавад. Барои баҳоҳои 5, 4 ва 2 низ ҳамин тартиб истифода карда мешавад.

6. Зарурати таҷдиди назар намудани дастурамали мансабӣ

7. Хулосаи роҳбари бевосита

мансаб	имзо	насаб, ном, номи падар

*Эзоҳ: Дар хулосаи роҳбари бевосита вобаста ба натиҷаи баҳодиҳии фаъолият ҳавасмандгардонии хизматчии давлатӣ ҳангоми бо баҳои «5» (аъло) баҳогузорӣ шудан ва ё зарурати такмили ихтисос ва баланд бардоштани сифатҳои касбӣ ва қобилияти кории хизматчии давлатӣ ҳангоми бо баҳои «2» (ғайриқаноатбахш) баҳогузорӣ шудан асоснок карда мешавад.

8. Дигар иштирокчиёни баҳодиҳии фаъолият

_____		_____
Мансаб	имзо	насаб, ном, номи падар
_____		имзо
насаб, ном, номи падар		
Мансаб	имзо	насаб, ном, номи падар

9.Шиносоии хизматчии давлатӣ бо натиҳаи баҳодиҳии фаъолият ва ҳайати эродҳо (агар мавҷуд бошад)

Роҳбари давлатӣ	мақоми	имзо, сана	ҳарфи аввали ном ва насаб
			«----» ----------соли----------

ФАРМОНИ
ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

«Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Мутобиқи моддаи 26[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ф а р м о н м е д и ҳ а м:

1. Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Роҳбарони мақомоти давлатӣ иҷрои талаботи Қоидаҳои мазкурро таъмин намоянд.
3. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 майи соли 2011, №1074 «Дар бораи тасдики Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз эътибор соқит дониста шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе
22 июли соли 2019, №1328

Бо фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 22 июли соли 2019, №1328
тасдиқ шудааст

Қоидаҳои
гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои
роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Қоидаҳо) тартиби гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар менамояд.

2. Ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ҷойивазкунӣ) - таъин кардан бо риояи талаботи тахассусӣ ба дигар мансаби роҳбарикунандаи баробари хизмати давлатӣ дар ҳамон мақомоти давлатӣ ё дар дигар мақомоти давлатӣ мебошад.

3. Ҷойивазкунӣ бо мақсадҳои зерин гузаронида мешавад:

- истифодаи самараноки неруи касбии хизматчиёни давлатӣ;
- таҳкими иқтидори кадрии мақомоти давлатӣ ё воҳидҳои сохтории онхо;
- иҷрои супоришҳои махсусан муҳими давлатӣ;
- тайёр кардани кадрҳои роҳбарикунанда;
- иваз шудани ҷои зисти доимии кадрҳои роҳбарикунанда;
- таъин (интихоб) гардидани яке аз ҳамсарони дар хизмати давлатӣ фаъолияткунанда ба мансаб дар дигар маҳал;
- пешгирии ҳолатҳои эҳтимолии содиркунии амалҳои коррупсионӣ ё бархӯрди манфиатҳо.

4. Принсипҳои асосии ҷойивазкунӣ инҳо мебошанд:

- ҷойивазкунӣ ба мансабҳои категорияҳои баробар бидуни озмун;
- ҷойивазкунии хизматчии давлатӣ ба мансабҳои давлатии мувофиқ;
- ҷойивазкунӣ бо дар назар доштани риояи талаботи тахассусӣ ва натиҷаи кор;
- шаффоф ва холисона гузаронидани ҷойивазкунӣ;
- таъмини кафолат ҳангоми гузароиидани ҷойивазкунӣ.

5. Кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - кадрҳои роҳбарикунанда) ин хизматчиёни давлатии сиёсӣ, хизматчиёни давлатии маъмурии категорияҳои олӣ, якум, дуюм, сеюм ва чорум буда, роҳбарии умумӣ ё бевоситаи мақомоти давлатӣ ё воҳидҳои сохтории онро анҷом медиҳанд.

6. Амали Қоидаҳои мазкур ннсбат ба кадрҳои роҳбарикунандаи категорияҳои олӣ, якум ва дуюми мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ татбиқ мегардад.

7. Амали Қоидаҳои мазкур ҳамчунин нисбат ба кадрҳои роҳбарикунандаи категорияҳои олӣ, якум ва дуюм, ки то мавриди амал қарор гирифтани ин Қоидаҳо таъин гардидаанд ё бо сабаби азнавташкилдиҳӣ ё таҷдиди мақомоти давлатӣ аз нав дар мансабҳои ишғолнамудаашон таъин шудаанд, татбиқ карда мешавад.

8. Қоидаҳои мазкур нисбат ба хизматчиёни давлатии сиёсӣ, хизматчиёни давлатии маъмурии категорияҳои сеюм, чорум, кадрҳои роҳбарикунандаи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, кадрҳои роҳбарикунандае, ки то синни ниҳоии дар хизмати давлатӣ будани онҳо то ду сол мондааст, агар дар қонунгузории соҳавӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, татбиқ намешавад.

9. Ҷойивазкунии хизматчиёни ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тибқи қонунгузории соҳавӣ амалӣ карда мешавад.

10. Ҷойивазкунии хизматчиёни давлатие, ки таъини онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти дуҷониба дорад, бо риояи ҳамин Қоидаҳо амалӣ карда мешавад.

11. Бо дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мумкин аст пеш аз муҳлати муқарраршуда ҷойивазкунӣ гузаронида шавад ё ҷойивазкунии дигар категорияҳои хизматчиёни давлатӣ гузаронида шавад, ки он ҳам бо риояи Қоидаҳои мазкур сурат мегирад.

12. Ҷойивазкунӣ дохилнидоравӣ ва байниидоравӣ шуда метавонад.

13. Ҷойивазкунии дохилиидоравӣ - ин ҷойивазкунии кадрҳои роҳбарикунанда дар ҳамон мақомоти давлатӣ аз як мансаб ба дигар мансаби баробар мебошад.

14. Ҷойивазкунии байниидоравӣ - ин ҷойивазкунии кадрҳои роҳбарикунанда аз як мақомоти давлатӣ ба дигар мақомоти давлатӣ аз як мансаб ба дигар мансаби баробар мебошад.

15. Ҷойивазкунии кадрҳои роҳбарикунанда бо фармон, фармоиш (қарор, амр)-и роҳбари мақомоти давлатӣ бо дар назар доштани манфиатҳои мақомоти давлатӣ дар панҷ сол як маротиба гузаронида мешавад, агар қонунгузории соҳавӣ дигар муҳлати ҷойивазкуниро пешбинӣ накарда бошад.

2. ХУСУСИЯТҲОИ ҶОЙИВАЗКУНӢ

16. Ба маҳали дигар ҷойиваз намудани хизматчиёни давлатии маъюб, инчунин шахсоне, ки ба тарбияи кӯдакони синни то 14, нигоҳубини падар ё модари танҳо машғуланд, шахсоне, ки кӯдакони маъюб доранд ва ё дар табобат мебошанд, танҳо бо розигии онҳо гузаронида мешавад.

17. Ҷойивазкунии занони ҳомила ва шахсоне, ки дар рухсатӣ барои нигоҳубини кӯдак мебошанд, пас аз як соли аз рухсатӣ баргаштан гузаронида мешавад.

18. Дар маҳалҳои баландкӯҳ ва маҳалҳои дорои шароити номусоиди табиӣ, иқлимӣ ва экологӣ ҷойивазкунӣ метавонад то ба охир расидани муҳлатҳои муқарраргардида гузаронида шавад.

3. ВАЗИФАҲОИ ХАДАМОТИ КАДРӢ

19. Хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ бо мақсади ташкил ва гузаронидани ҷойивазкунӣ вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

- тибқи замимаи 1 Қоидаҳои мазкур рӯйхати кадрҳои роҳбарикунандаи мақомоти давлатии дар соли минбаъдаи тақвимӣ ба ҷойивазкунӣ фаро гирифташавандаро таҳия менамояд;
- дар муҳлати як моҳ то санаи баргузории ҷойивазкунӣ хизматчиёни давлатии ҷойивазшавандаро хабардор менамояд;
- ҳамасола мониторинги натиҷаи ҷойивазкуниро гузаронида, мувофиқи замимаи 2 рӯйхати кадрҳои роҳбарикунандаро, ки дар соли ҷорӣ ба ҷойивазкунӣ фаро гирифта шудаанд, тартиб дода, ба роҳбари мақомоти давлатӣ пешниҳод мекунад;
- дигар тадбирҳоро вобаста ба гузаронидани ҷойивазкунӣ амалӣ менамояд.

4.МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

20. Мақомоти давлатӣ ҳар сол дар моҳи декабр мувофиқи замимаи 2 рӯйхати кадрҳои роҳбарикунандаи дар соли ҷорӣ ба ҷойивазкунӣ (дохилиидоравӣ ва байниидоравӣ) фаро гирифташавандаро тартиб ва мувофики замимаи 1 рӯйхати кадрҳои роҳбарикунандаи мақомоти давлатии дар соли минбаъдаи тақвимӣ ба ҷойивазкунӣ фаро гирифташавандаро тасдиқ намуда, ба мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ дар шаклҳои хаттӣ ва электронӣ пешниҳод менамоянд.

21. Мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ дар муҳлати як моҳ мувофиқи замимаи 3 рӯйхати тавсиявии кадрҳои роҳбарикунандаи

мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки дар соли минбаъдаи тақвимӣ ба ҷойивазкунии байниидоравӣ фаро гирифта мешаванд, тартиб дода, онро ба мақомоти дахлдори давлатӣ ҷиҳати анҷом додани ҷойивазкунӣ ирсол менамояд.

22. Бо хизматчиёни давлатие, ки таҳти ҷойивазкунӣ қарор мегиранд, тибқи тартиби муқарраргардида шартнома (қарордод)-и меҳнатӣ баста мешавад.

23. Дар ҳолати тағйир ёфтани уҳдадорихои мансабии шахсони ба ҷойивазкунӣ фаро гирифташуда онҳо ба курси тайёрии назариявӣ ва таҷрибавии такмили ихтисоси мутобиқ ба вазифаҳои воҳиди сохтории нав ҷалб карда мешаванд.

24. Хароҷот барои шахсоне, ки тибқи ҷойивазкунӣ ба маҳалли дигар (вилоят, шаҳр, ноҳия) фиристода шудаанд, тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн карда мешавад.

25. Агар дар ҷои кори нав ба хизматчии давлатӣ ва аъзои оилаи ӯ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манзили истиқоматӣ ҷудо карда нашавад, манзили ишғолнамудаи онҳо дар хонаҳои фонди манзили давлатӣ нигоҳ дошта мешавад.

26. Роҳбарони мақомоти давлатӣ барои гузаронидани ҷойивазкунӣ масъулияти шахсӣ доранд.

27. Баҳсҳои вобаста ба гузаронидани ҷойивазкунӣ аз ҷониби роҳбари мақомоти давлатӣ якҷоя бо кумитаи иттифоқи касаба, мақомоти болоӣ, мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ё бо тартиби судӣ ҳал карда мешаванд.

28. Мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ҳамасола моҳи феврал оид ба натиҷаи баргузории ҷойивазкунӣ дар соли гузашта ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузориш пешниҳод менамояд.

Замимаи 1
ба Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии
(ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати
давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

«Тасдиқ
менамоям»

_____

_____
мансаб, ном, номи падари роҳбари
мақомоти давлатӣ

_____
(имзо)
«___» _____соли 20____

Рӯйхати
кадрҳои
роҳбарикунандаи_____
__
(номи мақомоти давлатӣ

ки дар соли _____ ба ҷойивазкунӣ фаро гирифта
мешаванд

Рр/т	Насаб, ном ва	Мансаби ишғолнам	Рӯз, моҳ, сол ва	Таҳсил от, ном	Намуди ҷойивазкунӣ		Эзоҳҳ
					Дохили иидорав ӣ	Байни-идоравӣ	
1	2	3	4	5	7	8	9
1							
2							
3							

4							
5							

Замимаи 2
ба Қоидаҳои гузаронидани
ҷойивазкунии
(ротатсияи) кадрҳои
роҳбарикунандаи хизмати
давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рӯйхати
кадрҳои
роҳбарикунандаи_____
__
(номи мақомоти давлатӣ

ки дар соли _____ ба ҷойивазкунӣ фаро гирифта шудаанд

Рр/т	Насаб, ном ва номи падар	Мансаби ишғолнамуда (то	Рӯз, моҳ, сол ва ҷойи таваллуд	Таҳсилот, ном ва соли хатми муассис	Мансаби таъиншуда (баъди ҷойиваэкунӣ)	Намуди ҷойивазкунӣ		Ээзоҳ
						Дохили идора	Байниидоравӣ	
1								
2								
3								

4								
5								

Замимаи 3

ба Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии
(ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати
давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рӯйхати
тавсиявии кадрҳои роҳбарикунандаи мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ки дар соли _____ ба ҷойивазкунии байниидоравӣ пешниҳод карда мешаванд

Р/т	Насаб, ном ва номи падар	Мансаби ишғолнаму да (то ҷойивазку нӣ),	Рӯз, моҳ, сол ва ҷойи таваллу д	Таҳсилот, ном ва соли хатми муассисаи таълимӣ, ихтисос	Мансаби ба ҷойивазкун ӣ тавсияшава нда,	ЭЭзоҳ
1	2	3	4	5	6	7

ҚАРОРИ
ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 7 апрели соли 1999, №142 ш. Душанбе

«Дар бораи суғуртаи ҳатмии давлатии хизматчиёни давлатӣ»
(бо тағйиру иловаҳо аз 1.08.2012, №395)

Бо мақсади таъмини иҷрои кафолати давлатӣ ба хизматчиёни давлатӣ, ки бо банди 6 қисми якуми моддаи 25 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» муқаррар шудааст Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1. Гузаронидани суғуртаи ҳатмии давлатии хизматчиёни давлатӣ дар ҳолатҳои беморӣ ё гум кардани қобилияти меҳнатӣ, ҳалокшавӣ ё расонидани зарар ба саломатӣ ва амволи ӯ вобаста ба иҷрои ӯҳдадориҳои меҳнатии вай ба зиммаи Ширкати давлатии суғуртаи Тоҷикистон гузошта шавад.

2. Маблағи суғуртавӣ ба андозаи музди меҳнати ҳаштмоҳаи хизматчии давлатӣ муқаррар карда шавад *(қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.08.2012,№395)*.

3. Банди 3 бекор шудааст *(қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.05,№499)*.

4. Аз пардохтҳои суғуртавии воридгардида ба мақсадҳои зайл маблаҳ гузаронида мешавад:

-барои пардохти пули суғурта - 92 фоиз;

-барои ғанӣ гардонидани фонди захиравӣ - 5 фоиз;

-барои коргузории ташкилоти суғурта- 3 фоиз.

Маблаҳо сарфнашудае, ки барои пардохти пули суғурта муқаррар шудаанд, ба буҷети ҷумҳуриявии Ҷумҳурии Тоҷикистон 70 фоиз ва ба фонди захиравии Ширкати давлатии суғуртаи Тоҷикистон 30 фоиз гузаронида мешавад.

5. Маблаҳо суғурта дар чунин ҳолатҳо ва ба андозаҳои зайл пардохта мешавад *(қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.08.2012, №395)*:

а) дар ҳолати ба ҳалокат расидани хизматчии давлатӣ ҳангоми иҷрои вазифаи хизматӣ - дар ҳаҷми музди меҳнати ҳаштмоҳа;

б) дар ҳолати маъюбшавӣ ҳангоми иҷрои вазифаи хизматӣ:

-ба маъюби гурӯҳи 1 - дар ҳаҷми музди меҳнати шашмоҳа;

-ба маъюби гурӯҳи II - дар ҳаҷми музди меҳнати панҷмоҳа;

-ба маъюби гуруҳи Ш - дар хаҷми музди меҳнати чормоҳа» *(қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.08.2012,№395)*.

6. Қарори мазкур ба хизматчиёни давлатие, ки вакили халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, дахл надорад.

7. Ширкати давлатии суғуртаи Тоҷикистон дар мӯҳлати як моҳ дастурамали тартиби гузаронидани суғуртаи ҳатмии давлатии ҳает ва саломатии хизматчиёни давлатиро таҳия ва тасдиқ намояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон Э. Раҳмонов

ҚАРОРИ
ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 12 апрели соли 1999, №154 ш. Душанбе

«Дар бораи тасдиқи тартиби корбурди дафтарчаи меҳнатии кормандон»

(Бо тағйиру иловаҳо аз 31 августи соли 2004, №368; аз 2 ноябри соли 2011, №566; аз 31 декабри соли 2014, №794)

Бо мақсади танзими минбаъдаи пешбурди дафтарчаҳои меҳнатии кормандон дар корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо сарфи назар аз шакли моликият мутобиқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Тартиби замимагардидаи корбурди дафтарчаи меҳнатии кормандон тасдиқ карда шавад.

2. Намунаи замимагардидаи дафтарчаи меҳнатӣ ва варақаҳои замимаи онҳо тасдиқ карда шаванд.

Дафтарчаҳои меҳнатии намунаи қаблан муқарраршуда, ки дар дасти кормандон мавҷуданд, ба дафтарчаҳои нав иваз карда намешаванд. Дафтарчаи меҳнатии намунаи кӯҳна ва нав ҳуҷҷати асосии фаъолияти меҳнатӣ буда, собиқаи кории кормандонро тасдиқ менамоянд.

3. Ба роҳбарони вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳо, Раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо сарфи назар аз шакли моликият:

–ҷиҳати риояи қатъии тартиби корбурди дафтарчаҳои меҳнатӣ тадбирҳо андешанд;

–шӯъбаҳои кадрҳоро бо кормандони болаёқат, ки қонунгузории меҳнатро медонанд пурзӯр кунанд;

–ҷиҳати ба тартиб даровардани нигоҳдории асноди бойгонӣ, ки ба фаъолияти меҳнатии кормандон тааллуқ дошта, (фармонҳо оид ба қабул ва аз кор рафтан, карточкаҳои шахсӣ, ведомостҳои ҳисоботӣ, ҳисоботҳои махсус доир ба музди меҳнат) тадбирҳо андешанд.

4. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарии методӣ ва назорати саривақтии дуруст пур кардани дафтарчаҳои меҳнатӣ, баҳисобгирӣ, нигоҳдорӣ ва додани онҳоро анҷом диҳад *(қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2011, №566: аз 31 декабри соли 2014, №794)*.

5. Вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ, корхонаю

муассисаҳо ва ташкилотҳо сарфи назар аз шакли моликият сари вақт ба Корхонаи воҳиди давлатии Комплекси табъу нашри «Шарқи озод»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди талабномаҳои асоснокро барои дафтарчаҳои меҳнатӣ ва варақаҳои замимаи онҳо пардохт намудану гирифтани онҳоро ба корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои тобеъ таъмин намоянд. (*қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2004, №368; аз 2 ноябри соли 2011 №566)*.

6. Банди 6 хориҷ карда шуд (*қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2004, №368)*.

7. Қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 августи соли 1993, №421 «Дар бораи тартиби бо дафтарчаҳои меҳнатӣ таъмин намудани кормандон ва хизматчиён» беэътибор дониста шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон Э. Раҳмонов

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 12 апрели соли 1999,
№154 тасдиқ шудааст

ТАРТИБИ КОРБУРД БО ДАФТАРЧАҲОИ МЕҲНАТИИ КОРМАНДОН

I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дафтарчаи меҳнатии намунаи муқарраршуда ҳуҷҷати асосии фаъолияти меҳнатӣ мебошад, ки собиқаи меҳнатии кормандонро тасдиқ менамояд.

Дафтарчаи меҳнатӣ ҳуҷҷати ҳисоботи қатъӣ маҳсуб мешавад.

Дафтарчаҳои меҳнатӣ ба тамоми кормандоне, ки зиёда аз 5 рӯз дар корхона, аз ҷумла дар корҳои мавсимӣ, муваққатӣ ва ба коркунони ғайриштатие, ки дар ҳисоби суғуртаи давлатии иҷтимоӣ бошанд, дода мешавад. Ба ашхосе, ки дар ду ҷой кор мекунад, дафтарчаи меҳнатӣ фақат дар ҷои кори асосиашон дода мешаванд.

2. Кормандоне, ки ба кор дохил мешаванд, вазифадоранд ба корфармо дафтарчаи меҳнатии бо тартиби муқарраргардида бо расмият даровардашударо, пешниҳод намоянд. Бидуни дафтарчаи меҳнатӣ ба кор қабул карда намешавад. Шахсони аз сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз хизмат ҷавобшуда вазифадоранд, шаҳодатномаи (билети) ҳарбиро пешниҳод намоянд.

II. ПУР КАРДАНИ ДАФТАРЧАҲОИ МЕҲНАТӢ

а) Нишондодҳои умумӣ

3. Дафтарчаҳои меҳнатӣ ва варақаҳои замимаи онҳо ба забонҳои тоҷикӣ ё русӣ пур карда мешаванд.

4. Бори аввал пур кардани дафтарчаи меҳнатӣ аз тарафи маъмурияти муассиса дар ҳузури корманд на дертар аз панҷ рӯзи ба кор қабул шуданаш сурат мегирад. Ашхосе, ки дар хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ва меҳнатии инфиродӣ кор мекунанд, фаъолияти меҳнатии онҳоро мақомоти пешбарандаи ҳисоботу назорат анҷом медиҳад.

Ба дафтарчаи меҳнатӣ маълумоти зайл дохил карда мешаванд:

–маълумот дар бораи коркун: насаб, номи падар, рӯзи таваллуд, маълумот, касб, ихтисос;

–маълумот дар бораи ба кор қабул кардан, ба кори дигари доимӣ гузаштан бо нишон додани касб (ихтисос);

–дараҷаи тахассус, мансаб (мувофиқи асноди меъёрие, ки номгӯи касб ва мансаби кормандро муқаррар менамояд) ва аз кор озод шудан бо нишон додани асосҳои қатъи шартномаи меҳнатӣ (карордод), инчунин дар бораи ҷоизаҳо ва мукофотҳое, ки ҳангоми кор барои муваффақиятҳо дода шудаанд;

–маълумот дар бораи кашфиёт, ки барои ин диплом дода шудааст, оид ба ихтироъҳои истифодашуда, ихтироъкориҳои пешниҳодшуда ва мукофотҳо, ки дар робита ба онҳо дода шудааст.

Танбеҳҳо ба дафтарчаи меҳнатӣ навишта намешаванд.

5. Тамоми сабтҳо барои қабул ба кор, ба кори дигари доимӣ гузаштан ва ё аз кор озод шудан, инчунин дар бораи мукофотонидану ҳавасмандкуниҳо аз тарафи корфармо на дертар аз як ҳафта баъд аз баровардани фармон (амр) дар дафтарчаи меҳнатӣ дохил карда мешаванд, аммо ҳангоми аз кор рафтан - рӯзи аз кор рафтан, бояд ба матни фармон (амр) пурра мувофиқат намояд.

Сабтҳо бо рақамҳои арабӣ (сана ва моҳ бо ададҳои дурақама) навишта мешаванд. Масалан, агар корманд ба кор 5 июни соли 1998 қабул шуда бошад, дар сутуни 2 дафтарчаи меҳнатӣ»05.06.1998» навишта мешавад.

Сабтҳо бо диққат ва бо қалами пӯлодӣ ва ё саққочадор бо рангҳои сиёҳ, кабуд ё бунавшагӣ навишта мешавад.

6. Корфармо вазифадор аст, ки соҳиби ин дафтарчаи меҳнатиро (варақаи замима) дар варақаи шахсӣ (варақаи махсуси байниидоравии маъмулӣ №Т-2), ки бояд сабти дақиқ дар дафтарчаи меҳнатӣ (варақаи замима) дохил карда шуда, шинос намояд.

Вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси тавофуқ бо Иттиҳоди иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ба тариқи истисно метавонанд ба корхонаҳое, ки дар шароитҳои парокандагии ҳудудӣ, яъне дар масофаҳои аз ҳамдигар воқеъ буда фаъолият мекунанд, иҷозат диҳанд то соҳибони дафтарчаҳои меҳнатӣ ғоибона бо сабтҳои дар он воридшуда ба тариқи фиристодани огоҳиҳои марбута бо сабти баъди варақаҳои шахсӣ (варақаҳои махсуси байниидоравии №Т-2) шинос карда шаванд.

7. Дар сурати ошкор шудани сабтҳои нодуруст дар дафтарчаи меҳнатӣ маълумот дар бораи кор, гузаштан ба кори доимии дигар, мукофоту ҷоизаҳо ва ғайра, ислоҳ тавассути маъмурияти ҳамон корхонае, ки ёддошти марбута дар он сабт шуда буд, анҷом меёбад.

Маъмурияти ҷои кори нав вазифадор аст ба корманд дар хусуси он кӯмак кунад.

8. Ҳангоми зарурат корфармо ба корманд дар асоси хоҳиши онҳо иқтибоси маълумоти тасдиқшударо оид ба кор аз рӯи дафтарчаи

меҳнатӣ медиҳад. Маълумоти ислоҳшуда бояд пурра ба фармони (амр) нусхаи асл мутобиқ бошанд.

9. Агар корхонае, ки сабти нодуруст ва ё ноаниқ карда, барҳам дода шуда бошад, тасҳеҳот аз тарафи корхонаи вориси ҳуқуқӣ дохил карда мешавад, дар мавриди набудани он аз тарафи ташкилоти болоие, ки корхонаи барҳамёфта тобеъи он буд, тибқи ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи бойгонии корхона дохил карда мешаванд.

10. Дар мавриди гум шудани нусхаи фармон, амр ё ба кори дар ҳақиқат иҷрокардашуда мутобиқат накардани он тасҳеҳот дар асоси ҳуҷҷатҳои дигар, ки кори иҷрошудаи дар дафтарчаи меҳнатӣ сабт нагардидаро тасдиқ мекунанд, анҷом дода мешавад.

Шаҳодатҳо барои ислоҳи сабтҳои пеш воридшуда ҳамчун асос шуда наметавонанд.

11. Дар фаслҳои «Маълумот оид ба кор», «Маълумот оид ба мукофотҳо», «Маълумот оид ба ҳавасмандкуниҳо»-и дафтарчаи меҳнатӣ варақаҳои (замима) ба ислоҳи сабтҳои нодуруст ва ноаниқи пештара роҳ дода намешавад.

Ҳангоми зарурат тағйироти сабтҳои дахлдор дар дафтарчаи меҳнатӣ бо рақами тартибӣ, таърихи сабт бояд чунин навишт: «Сабти зери №фалон бе эътибор аст. Ба фалон ихтисос (мансаб) қабул карда шавад» ва дар сутуни 4 таърих ва рақами фармон (амр)-и маъмурияте, ки дар дафтарчаи меҳнатӣ сабти нодуруст карда, такрор мешавад.

Бо ҳамин тартиб сабти нодуруст дар бораи аз кор озод намудан ва ба кори доимии дигар гузаронидан дар сурати аз кор ғайриқонунӣ озод шудан ё ба кори дигар гузаронидан эътироф карда мешавад. Масалан, чунин навишта мешавад: «Сабти таҳти № фалон беэътибор аст, ба кори пештара барқарор карда шуд». Ҳангоми тағйироти тасвияти сабабҳои аз кор озод кардан чунин навишта мешавад: «Сабти таҳти №фалон нодуруст аст, озод карда шуд» ва тасвияти нав нишон дода мешавад.

Бинобар ин дар сутуни 4 ба фармони оид ба барқароркунӣ ба кори пештара ва ё тағйири тафсири сабабҳои аз кор озод кардан нишон дода мешавад.

Ҳангоми дар дафтарчаи меҳнатӣ вуҷуд доштани сабт дар бораи аз кор озод намудан, ё ки ба кори доимии дигар гузаронидан, ки беэътибор дониста шудааст, бо хоҳиши корманд нусхаи дигари дафтарчаи меҳнатӣ бидуни ҳамин сабт дода мешавад.

б) Маълумот дар бораи корманд

12. Маълумот дар бораи корманд дар саҳифаи аввали (варақаи унвон) дафтарчаи меҳнатӣ навишта мешавад. Насаб, ном ва номи

падар (пурра, бидуни ихтисор) ва таърихи таваллуд дар асоси шиноснома ё шаҳодатномаи таваллуд навишта мешаванд.

Маълумот – миёна, миёнаи махсус, олӣ фақат дар асоси ҳуҷҷатҳо (аттестат, гувоҳнома ва диплом) нишон дода мешавад. Сабт дараи маълумоти нопурраи миёна ва ё нопурраи олӣ низ танҳо дар асоси ҳуҷҷатҳои мувофиқ (гувоҳномаи донишҷӯи, дафтарчаи имтиҳонот, маълумоти муассисаи таълимӣ ва ғайра) ворид карда мешавад.

Касб ва ё ихтисос ба дафтарчаи меҳнатӣ дар асоси ҳуҷҷат оид ба маълумот ва ё ҳуҷҷати дигари танзимшуда, сабт карда мешавад.

13. Пас аз пур кардани дафтарчаи меҳнатӣ, корманд бо имзои худ дуруст будани маълумотро тасдиқ мекунад.

Саҳифаи аввали (варақаи унвон) дафтарчаи меҳнатиро шахси масъуле, ки дафтарчаи меҳнатиро додааст, имзо менамояд ва пас аз он мӯҳри корхонае, ки дафтарчаи меҳнатӣ аввалин бор хонапурӣ карда шудааст, гузошта мешавад.

14. Тағйироти сабтҳо дар дафтарчаҳои меҳнатӣ оид ба насаб, ном, номи падар ва рӯзи таваллуд аз тарафи корфармои ҷои кори охирин дар асоси ҳуҷҷатҳои (шиноснома, шаҳодатнома дар бораи таваллуд, шаҳодатномаи ақди никоҳ, шаҳодатномаи талоқ, шаҳодатнома оид ба тағйир додани насаб, ном, номи падар ва ғайра) бо нишондодани рақам ва санаи ин ҳуҷҷатҳо ворид карда мешаванд.

Тағйироти мазкур дар саҳифаи аввали (варақаи унвон) дафтарчаи меҳнатӣ сабт карда мешаванд. Масалан бо як хат насаби қаблӣ, ном, номи падар, таърихи таваллуд, маълумотҳои нав қайд мегарданд. Ишораҳо ба ҳуҷҷатҳои дахлдор дар тарафи дохилии ҷилд сабт гардида бо имзо ва мӯҳри роҳбари корхона ва ё намояндаи махсуси корхона тасдиқ карда мешавад.

Ҳангоми зарурат бо ҳамин тартиб тағйирот дар маълумоти таҳсил, касб, ихтисос дохил карда мешаванд.

в) Маълумот дар бораи кор

15. Дар сутуни 3 фасли «Маълумот дар бораи кор» ҳамчун сарлавҳа номи мукаммали корхона навишта мешавад.

Дар сутуни 1 рақами тартибии сабтҳои воридшуда ва дар сутуни 2 таърихи қабул ба кор ва аз кор озод шудан дар сутуни 3 «Маълумот оид ба кор», номи пурраи муассиса, ба фалон шӯъба таъин шуд, қисм, воҳидҳои соҳа, истеҳсолот бо сабаби мушахасси ном, инчунин номи корҳо, касб ва мансаб, дараҷаи тахассуси додашуда, дар сутуни 4 дар кадом асос (ҳуҷҷат, сана ва рақам) сабт ворид карда шудааст.

Агар дар ҷараёни кор ба корманд дараҷаи нав дода шавад ва ё касби дуввум ва минбаъда муайян карда шавад, он гоҳ дар ин бора бо

тартиби муқарраргардида дар дафтарчаи меҳнатӣ бо нишон додани дараҷаи ин касбҳо, рақам ва таърихи шаҳодатномаи дахлдор сабт карда мешавад.

Дар дафтарчаи меҳнатӣ инчунин кор дар ҳайати дастаҳои махсус ва ё дастаҳои ҷомеъ дар як замон доштани якчанд касб сабт карда мешавад.

Кор дар ду ҷой, ки бо тартиби муқарраршуда агар ба расмият дароварда шуда бошад, дар дафтарчаи меҳнатӣ бо сатри алоҳида сабт карда мешавад. Сабтҳо оид ба кор дар ду ҷой ва хатми он аз тарафи корфармои ҷои кори асосӣ иҷро карда мешавад.

Гузаронидани корманд ба кори доимии дигар дар дохили корхона ба тартибе, ки қабул ба кор аст ба расмият дароварда мешавад.

16. Агар дар ҷараёни фаъолияти корманд номи корхона тағйир ёбад он гоҳ дар сутуни 3 дафтарчаи меҳнатӣ бо сатри алоҳида чунин сабт ворид мегардад: Фалон корхона аз фалон таърих, ба фалон ном тағйир карда ва дар сутуни 4 дар кадом асос сурати гирифтани тағйироти ном, фармон (амр), таърих ва рақами он навишта мешавад.

17. Донишҷӯён, талабаҳо, аспирантҳо ва ординаторҳои клиникие, ки дорои дафтарчаи меҳнатианд, оид ба муддати таҳсили онҳо дар шӯъбаҳои рӯзонаи мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус аз тарафи муассисаи таълимӣ (муассисаи илмӣ) сабтҳо ворид карда мешаванд. Барои чунин сабтҳо фармонҳои муассисиаҳои таълимӣ (муассисаҳои илмӣ) оид ба қабул шудан ба мактаб ва хориҷ шудани донишҷӯён, шогирдон, аспирантҳо, ординаторҳои клиникӣ асос мешаванд.

Муддати кори донишҷӯён, талабаҳо, аспирантҳо, ординаторҳои клиникии мазкур дар ҷараёни гузаштани таҷрибаи истеҳсолӣ ва дар сурати иҷрои мавзӯи илмию тадқиқотии шартномавӣ бо маълумотномаи (справка) дахлдор, ки дар он ихтисос, тахассус, мансаб ва муддати кор сабт шуда, тасдиқ карда мешавад. Дар асоси чунин маълумотномаҳои муассисаи таълимӣ (муассисаи илмӣ) ба дафтарчаи меҳнатии донишҷӯён талабагон, аспирантҳо, ординаторҳои клиникӣ собитшавии маълумоти кор мутобиқи маълумоти мавҷуда таъмин менамояд. Маълумот дар асноди шахсӣ ҳамчун санади пурмасъул ҳифз мегардад.

18. Донишҷӯён талабагон, аспирантҳо, ординаторҳои клиникӣ, ки пештар кор накардаанд ва аз ин сабаб дафтарчаи меҳнатӣ надоранд, маълумот оид ба кори таҷрибаи истеҳсолӣ, инчунин иҷрои мавзӯи илмӣ-тадқиқотии мавзӯҳои шартномагӣ дар асоси маълумотномаи он корхонае, ки дар оянда кор мекунанд, сабт карда мешавад.

19. Дар ҷои кор ба дафтарчаи меҳнатӣ бо сатри алоҳида бо нишондоди сана, рақам ва номгӯи ҳуҷҷатҳои дахлдор сабтҳои зерин ворид мегарданд:

-оид ба муддати хизмат дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар мақомоти Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар кулли воҳидҳои ҳифозатӣ, ба хизматчиёни дар хизмат буда, қонунгузорӣ оид ба кор ва суғуратаи иҷтимоии давлатӣ таалуқ надорад, бо нишондоди таърихи даъват (таъин намудан) ва таърихи рафтан аз хизмат *(қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2014, №794)*.;

–оид ба муддати таълим дар омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ ва ғайра, дар курсҳо ва мактабҳои такмили ихтисос, тағйири ихтисос ва таълими кадрҳо;

–оид ба муддати таълим дар муассисаҳои олӣ ва миёнаи махсус (бо сабт намудани мӯҳлати кор дар дастаҳои донишҷӯён, таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ, ҳангоми иҷроимавзӯи илмӣ–тадқиқотии давраи аспирантӣ ва ординатории клиникӣ), ғайр аз ҳолатҳое, ки дар банди 17 Тартиби мазкур оварда шудаанд.

Сабтҳои дар банди мазкур пешбинишуда ба дафтарчаи меҳнатӣ пеш аз дохил кардани маълумот оид ба кор дар корхонаи мазкур навишта мешаванд.

20. Ҳангоми бо тартиби муқарраргардида аз нав барқароркунии собиқаи меҳнатӣ барои таъини кӯмакпулии суғуртаи давлатии иҷтимоӣ дар дафтарчаи меҳнатии корманд дар ҷои кори охирин дар сутуни 3 фасли «Маълумот оид ба кор» қайди зерин сабт мегардад: «собиқаи меҳнатӣ аз рӯзи, моҳ ва соли фалон барқарор карда шудааст», дар сутуни 4 ба қарори мақоми дахлдор ишора карда мешавад.

Ба кормандони машғули корҳои мавсимии дар соҳаҳое, ки тибқи қонунгузории ҷорӣ ҷамбасти марҳилаҳои мавсимӣ ва нигаҳдории собиқаи меҳнатӣ иҷозат дода шудааст, ҳангоми бозгашт дар муддати муқарраргардида ба кори мавсимӣ пас аз рухсатии байнимавсимӣ дар сутуни 3 фасли мазкури дафтарчаи меҳнатӣ қайди зерин сабт мегардад:

–«собиқаи меҳнатии муттаасил нигоҳ дошта мешавад».

21. Дар дафтарчаи меҳнатии ашхосе, ки дар корҳои иҷборӣ бо маҳрумияти озодӣ буда, корфармо дар бораи мӯҳлати кори ин давра ба ҳисоби собиқаи меҳнатӣ дохил нашудан сабт ворид мекунанд.
(Фасли «Маълумот оид ба кор»- и дафтарчаи меҳнатӣ, сутуни 3).

Сабтҳои мазкур ба дафтарчаҳои меҳнатӣ пас аз ба охир расидани мӯҳлати муҷозот, тибқи маълумотномаҳои муқарраркардаи мақомоти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон навишта мешаванд.

Дар фасли «Маълумот оид ба кор»-и дафтарчаи меҳнатӣ сабтҳои зерин навишта мешаванд:

–дар сутуни 1 рақами тартибии сабт навишта мешавад;

–дар сутуни 2 санаи дохилкунии сабт;

–дар сутуни 3 «Муддати кор аз таърихи фалон (сана, моҳ, сол) то таърихи фалон (сана, сол, моҳ) ба собиқаи меҳнатӣ ҳисоб карда намешавад»;

–дар сутуни 4 асосҳои ворид кардани сабт дар дафтарчаи меҳнатӣ фармон (амри) роҳбари корхона, таърихи нашр ва рақами он навишта мешавад.

г) Маълумот оид ба мукофот ва ҳавасмандкуниҳо

22. Ба дафтарчаи меҳнатии кормандон дар фасли «Маълумот оид ба мукофотҳо» маълумоти зерин дохил карда мешаванд:

–оид ба мукофотонидан бо ордену медалҳо, унвони фахрӣ («Ифтихорнома»), дар хусуси сарфароз гардонидан тибқи фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

–оид ба мукофотҳо барои муваффақиятҳои меҳнатӣ дар корхона, муассиса, ташкилот (эълон намудани миннатдорӣ, додани ҷоиза, бо тӯҳфаҳои қиматбаҳо мукофотонидан, мукофотонидан бо унвони фахрии корхона ва ғайра);

–дар бораи кашфиётҳое, ки ба онҳо шаҳодатномаҳо ва патентҳо барои ихтироъҳои истифодашуда ва ихтироъкориҳои пешниҳодшуда ва дар бораи мукофотҳое, ки дар робита ба онҳо дода шудааст.

Ба дафтарчаи меҳнатӣ мукофотҳои пулӣ, ки бо тартиби музди меҳнат пешбинӣ шуда ва ё пардохти он хусусияти мунтазам дорад, сабт намешаванд.

23. Тартиби сабти маълумот оид ба мукофотҳо ва ҳавасмандкуниҳо чунин аст: дар сутуни 3 мутобиқи фасли дафтарчаи меҳнатӣ ҳамчун сарлавҳа номи корхона навишта мешавад; дар сутуни 1 поёнтар аз рақами тартибӣ навишта мешавад (рақамгузорие, ки дар тамоми муддати фаъолияти меҳнатии корманд зиёд мешавад); дар сутуни 2 таърихи додани мукофот ё подош гузошта мешавад; дар сутуни 3 аз тарафи кӣ ба корманд мукофот ё подош дода шудааст ва барои кадом комёбиҳо, навъҳои мукофот ё подошҳо навишта мешаванд; дар сутуни 4 кадом асос сабт шудааст (ишора ба сана, рақам ва номи ҳуҷҷат) нишон дода мешавад.

д) Пур кардани дафтарчаи меҳнатӣ ҳангоми аз кор рафтан

24. Сабтҳо оид ба сабабҳои аз кор озод шудан, бояд дар дафтарчаи меҳнатӣ мувофиқи тавсияҳои дақиқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо ишора ба моддаи мувофиқи банди қонун навишта шаванд.

Масалан, «Бо ризояти тарафайн, моддаи 45 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кор озод карда шуд».

Ҳангоми қатъ кардани шартнома бо ташаббуси корманд бо сабабҳое, ки тибқи қонунгузорӣ пешниҳоди имтиёзоти таъиншуда ва афзалиятҳоро вобаста мекунад, сабт дар бораи аз кор хориҷ шудан дафтарчаи меҳнатӣ чунин сабабҳо навишта мешаванд. Масалан, «Бо хоҳиши худ бо сабаби дохил шудан ба муассисаи таълимии олӣ, мувофиқи моддаи 45 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кор озод карда шуд».

Ҳангоми баррасӣ ва тасдиқи номзад аз тарафи кордиҳанда барои фиристодан ба муассисаҳои таълимии олӣ, миёнаи махсус ва таъин намудани идрорпулии (стипендия) аз ҳисоби корхона дар дафтарчаи меҳнатӣ сабти зерин карда мешавад: «Бо сабаби ба таълим фиристодан (муассисаи таълимии олӣ ва ё миёнаи махсус нишон дода мешавад) корхона бо идрорпулии (стипендияи) таълимӣ таъин намуда, мувофиқи моддаи 45 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кор озод карда шуд».

Ҳангоми қатъи шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корманд бинобар бо сабаби кӯчидан ба маҳалли дигар бо тартиби қабули кормандон чунин сабт дар дафтарчаи меҳнатӣ навишта мешавад: Масалан, «Аз сабаби бо хоҳиши худ бо тартиби қабули кормандон барои кор ба корхонаҳо фиристодан (корхонаи муайян нишон дода мешавад), мувофиқи моддаи 45 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кор озод карда шуд».

25. Сабт дар бораи аз кор озод кардан дар дафтарчаи меҳнатии корманд бо риоя кардани қоидаҳои зерин навишта мешавад: дар сутуни 1 сабти рақами тартибӣ, дар сутуни 2 рӯзи аз кор рафтан, дар сутуни 3 сабаби аз кор озод шудан, дар сутуни 4 дар кадом асос сабт ворид шудааст, нишон дода мешавад, - фармон (амр), сана ва рақами он.

Рӯзи аз кор озод шудан, рӯзи охирини кор ҳисоб меёбад.

Масалан, шартномаи меҳнатӣ бо корманд бо сабаби маҳдуд кардани штатҳо 20 июни соли 1998 қать мегардад, ки рӯзи охирини кории ӯ ҳисоб мешавад. Дар дафтарчаи меҳнатии корманд бояд сабти зерин навишта шавад: дар сутуни 1 фасли «Маълумот оид ба кор» рақами тартибӣ гузошта мешавад; дар сутуни 2 таърихи аз кор озод намудан (20.06.98); дар сутуни 3 навишта мешавад: аз кор бо сабаби маҳдуд кардани штатҳо озод карда шуд, банди 1 моддаи 46 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар сутуни 4 таърих ва рақами фармон (амр) дар бораи аз кор озод намудан нишон дода мешавад.

26. Ҳангоми аз як корхона ба корхонаи дигар гузаронидани корманд бо фармони мақомоти болоӣ ва бо ризояти байни роҳбарони

корхонаҳо ва ё ташкилотҳо дар сутуни 3 ва ба мувофиқат ва ё қарори ин мақомот ва ташкилотҳо ишора карда мешавад.

Масалан: «Бо сабаби гузаронидан ба кор ба фалон корхона аз кор озод карда шуд» (мувофиқи моддаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода мешавад).

Ҳангоми гузаштан ба мансаби интихоботӣ дар сутуни 3 сабти зерин мешавад: «Бо сабаби интихоб шудан ба мансаби интихобии фалон ташкилот аз кор озод карда шуд» (мувофиқи моддаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода мешавад).

27. Ҳангоми қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси маъмурият ва бо сабаби гузаронидани чорабиниҳо оид ба мукамалкунии ташкили идоракунии соҳаҳо, ғайр аз сабабҳое, ки дар қонунгузории ҷорӣ пешбинӣ шуда, ба қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ишора карда мешавад. Масалан, дар сутуни 3 чунин навишта мешавад: «Бо сабаби маҳдуд кардани штатҳо аз кор озод карда шуд (ва ё адад), банди 1, моддаи 46 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар қавс қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода мешаванд».

28. Ҳангоми таъин намудани нафақаи пиронсолӣ, нафақа барои хизмати дарозмуддат, нафақа барои хизматҳои шоёнаш дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дафтарчаи меҳнатӣ аз ҷониби мақомоти таъминоти иҷтимоӣ мӯҳри «Нафақа таъин шуд» гузошта мешавад. Мӯҳр дар фасли «Маълумот оид ба таъини нафақа» гузошта мешавад.

III. ВАРАҚАИ ЗАМИМА ДАР ДАФТАРЧАИ МЕҲНАТӢ

29. Дар он ҳолатҳое, ки тамоми саҳифаҳои фаслҳои дафтарчаи меҳнатӣ пур карда шуда бошанд, ба дафтарчаи меҳнатӣ варақаи замимаро илова мекунанд.

Варақаи замима дар дохили дафтарчаи меҳнатӣ дӯхта мешавад ва аз тарафи маъмурияти корхонаи ҷои корманд пур карда шуда бо тартиби дафтарчаи меҳнатӣ истифода мешавад.

Варақаи замима бидуни дафтарчаи меҳнатӣ беэътибор аст.

30. Дар кунҷи болои саҳифаҳои аввали (варақаи шахсӣ) варақаи замимаи дафтарчаи меҳнатӣ мӯҳри андозаи 10 мм х 25 мм бо навиштаҷоти «Замима дода шуд» гузошта мешавад ва дар ҳамон ҷо силсилаву (серия) рақами варақаи замима сабт мешавад. Ҳангоми додани варақаи замима минбаъда мӯҳри навбатӣ гузошта шуда силсилаву (серия) рақами он сабт меёбад.

IV. ДОДАНИ ДАФТАРЧАИ МЕҲНАТӢ ҲАНГОМИ АЗ КОР ОЗОД ШУДАН

31. Ҳангоми аз кор озод шудан корманд тамоми маълумотҳо оид ба кор, мукофотҳо ва ҳавасмандкуниҳое, ки дар муддати кор дар корхонаи мазкур ба дафтарчаи меҳнатӣ қайд шудаанд, бо имзои ва мӯҳри корфармо ё намояндаи махсуси он тасдиқ карда мешаванд.

Корфармо ӯҳдадор аст, ки рӯзи аз кор озод шудани корманд ба ӯ дафтарчаи меҳнатиро бо сабти аз кор озод шудан супорад.

Ҳангоми бо айби маъмурият дар сари вақт ба корманд надодани дафтарчаи меҳнатӣ барои ҳар рӯзи боздорӣ музди меҳнати миёна дода мешавад.

32. Агар дар рӯзи аз кор озод шудан корманд дар ҷои кор ҳозир набошад, маъмурияти корхона бояд ҳамон рӯз ба ӯ ба воситаи почта мактуби огоҳӣ барои гирифтани дафтарчаи меҳнатӣ фиристад.

Ба воситаи почта фиристодани дафтарчаи меҳнатӣ ва расонидани он фақат бо розигии корманд анҷом дода мешавад.

33. Дар ҳолати марги корманд дафтарчаи меҳнатӣ ба дасти ақрабои наздики ӯ бо забонхат дода мешавад ё мувофиқи талаби онҳо бо почта фиристода мешавад. Дар дафтарчаи меҳнатии корманди вафот карда дар фасли «Маълумот оид ба кор» пас аз сабти рақами тартибӣ ва таърихи сабт дар сутуни 3 чунин навишта мешавад: «Бо сабаби марг кор қатъ карда шуд», пас сутуни 4 сабт мегардад (таърих ва рақами фармон), (амр). Ин сабт бо тартиби муқарраршуда тасдиқ мешавад.

V. НУСХАИ ДУЮМИ ДАФТАРЧАИ МЕҲНАТӢ

34. Шахсе, ки дафтарчаи меҳнатиашро (варақаи замимаи онро) гум намудааст, бояд ба корфармои ҷои кори баъдина хабар диҳад ва корфармо на дертар аз 15 рӯз пас аз додани ариза бо корманд дафтарчаи меҳнатии дигар ва варақаи замимаи онро бо навиштаҷоти «Нусхаи дуюм» дар кунҷи болоии тарафи рости саҳифаи аввал медиҳад.

35. Нусхаи дуюми дафтарчаи меҳнатӣ ва ё варақаи замимаи он тибқи қоидаҳои умумӣ пур карда мешавад. Дар фасли «Маълумот оид ба кор», «Маълумот оид ба мукофотҳо» ва «Маълумот оид ба ҳавасмандкуниҳо» ҳангоми пур кардани намунаи нусхаи дуюм сабтҳо оид ба кор, инчунин оид ба мукофотҳо ва ҳавасмандкуниҳо ҷои кори охирин дар асоси фармонҳои (амр) пештара ворид карда мешаванд.

36. Агар корманд то омадан ба кор дар корхонаи мазкури пештар кор карда бошад, онгоҳ ҳангоми пур кардани нусхаи дуюми дафтарчаи меҳнатӣ дар фасли «Маълумот оид ба кор» дар сутуни 3 пеш аз ҳама бояд

сабт дар бораи собиқаи меҳнатии умумии корманд то омадан ба корхонаи мазкур дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда ворид карда шавад.

Собиқаи меҳнатии умумӣ ҷамъулҷамъ қайд мешаванд, яъне бояд миқдори умумии сол, моҳ, рӯзҳои кор бе аниқ намудани кадом корхона дар кадом давраҳо ва дар кадом мансабҳо кор кардани соҳиби дафтарчаи меҳнатӣ нишон дода мешавад.

Пас аз он собиқаи меҳнатии умумӣ, ки дар асоси ҳуҷҷатҳои бо тартиби лозима тасдиқ шудааст, марҳилаҳои алоҳида бо тартиби зайл навишта мешавад: дар сутуни 2 таърихи ба кор сабт мегардад; дар сутуни 3 номи корхонае, ки корманд он ҷо кор кардааст, инчунин коргоҳ (шӯъба) ва мансаби (кори) корманд навишта мешавад.

Агар аз рӯи ҳуҷҷатҳои пешниҳод намуда маълум гардад, ки корманд дар он корхона ба кори дигари доимӣ гузаронида шудааст, дар ин бора сабти дахлдор ворид карда шавад.

Баъд аз он дар сутуни 2 таърихи аз кор озод шудан, дар сутуни 3 сабаби аз кор озод шудан, агар чунин маълумот дар ҳуҷҷати пешниҳод намудаи корманд мавҷуд бошад, сабт мегардад.

Ҳангоми дар ҳамаи хуҷҷатҳо агар маълумоти дар боло зикршуда оид ба кори пештара мавҷуд набудан, дар нусхаи дуюми дафтарчаи меҳнатӣ фақат маълумоти дар ҳуҷҷат вуҷуд дошта сабт карда мешавад.

Дар сутуни 4 ном, сана ва рақами ҳуҷҷат, ки дар асоси он сабтҳои мувофиқ дар нусхаи дуюм навишта шудааст, қайд мешавад. Ҳуҷҷатҳое, ки собиқаи меҳнатиро тасдиқ мекунад ба соҳибашон баргардонда мешаванд. Маъмурият вазифадор аст, то ба корманд барои дастрас намудани ҳуҷҷатҳое, ки собиқаи меҳнатии ӯро то омадан ба корхонаи мазкурро тасдиқ мекунанд, мусоидат намояд.

37. Ба ғайр аз маълумотҳое, ки дар банди 19 Тартиби мазкур сабт шудаанд, маълумотҳои зайл ба ҷамъбасти собиқаи меҳнатии умумӣ дохил карда намешавад, вале бо сатри алоҳида бо истинод ба таърих, рақам ва номгӯи ҳуҷҷатҳо навишта мешавад:

–оид ба муддати дар лашкар ва дастаҳои халқӣ бо нишондоди таърихи таъин намудан ва таърихи озод шудан аз хизмат;

–оид ба кор ба сифати аъзои артели кооперативи моҳидорӣ.

38. Дар сурати ба ҳолати корношоями омадани дафтарчаи меҳнатӣ (варақаи замима), (сӯхтан, даридан, доғдор шудан ва ғайра) корфармои ҷои кори охир вазифадор аст, ки ба корманд нусхаи дуюми дафтарчаи меҳнатиро (варақаи замима) диҳад.

Дар ин ҳангом дар саҳифаи аввали дафтарчаи меҳнатии ба ҳолати корношоям омада навишта мешавад: «Ба ивази нусхаи дуюм дода шавад» ва ба соҳибаш баргардонда мешавад. Вақти ба кори нав дохил шудан корманд вазифадор аст нусхаи дуюми дафтарчаи меҳнатиро пешниҳод намояд.

VI. ПАРДОХТҲО ВА ҲИФЗИ ДАФТАРЧАҲОИ МЕҲНАТӢ

39. Дар вақти додани дафтарчаи меҳнатӣ (нусхаи дуюм) корфармо аз корманд қимати дафтарчаи меҳнатиро ва варақаи замимаро меситонад.

Дар сурати нодуруст пур кардани дафтарчаи меҳнатӣ ва ё варақаи замимаи он, инчунин дар мавриди вайрон шудани бланкҳо дар натиҷаи ҳифзи ноэҳтиёткорона, қимати бланкҳои вайроншуда аз тарафи корхона пардохта мешавад.

Дар сурати гум кардани дафтарчаи меҳнатии корманд аз тарафи корхона ба соҳиби он нусхаи дуюми дафтарчаи навро бидуни ситонидани қимати он медиҳад.

40. Дафтарчаҳои меҳнатӣ ва нусхаҳои дуюм, ки ҳангоми аз кор озод шудани кормандон онҳоро нагирифтаанд дар муддати ду сол дар шӯъбаи коргузории корхона алоҳида аз дафтарчаи меҳнатии кормандон ҳифз карда мешаванд. Пас аз он дафтарчаҳои меҳнатии (нусхаҳои дуюм) талаб нашуда дар бойгонии (архив) корхона 50 сол нигоҳдорӣ мешавад. Пас аз гузаштани муддати зикршуда онҳо бо тартиби муқарраршуда нобуд карда мешаванд.

41. Маъмурияти корхона вазифадор аст, ки миқдори муайяни бланкҳои дафтарчаҳои меҳнатӣ ва варақаҳои замимаҳои онро дар ихтиёри худ дошта бошад.

VII. БА ҲИСОБГИРИИ ДАФТАРЧАҲОИ МЕҲНАТӢ

42. Дар корхонаҳо оид ба баҳисобгирии дафтарчаҳои меҳнатӣ ва пур кардани дафтарчаҳои меҳнатӣ ҳуҷҷатҳои зерин пеш бурда мешаванд:

а) дафтари мадохилу махориҷ оид ба ҳисогирии бланкҳои дафтарчаҳои меҳнатӣ ва варақаҳои замимаи онҳо;

б) дафтарчаи баҳисобгирии пешбурди дафтарчаи меҳнатӣ ва варақаҳои замимаи онҳо.

Дар дафтари мадохилу махориҷ тамоми амалиётҳое, ки бо дастрас намудан ва истифода бурдани бланкҳои дафтарчаҳои меҳнатӣ ва варақаи замимаҳои он сабти силсила ва рақами ҳар як бланк навишта мешавад. Дафтари мазкур аз тарафи шӯъбаи муҳосиботи корхона пешбурда мешавад (намунаи дафтари мадохилу махориҷ оид ба ҳисобгирии бланкҳои дафтарчаҳои меҳнатӣ ва варақаи замимаи он замима шудааст).

Дафтари баҳисобгирии дафтарчаҳои меҳнатӣ ва варақаҳои замимаи онҳо аз тарафи воҳидҳои коргузорӣ ва ё шӯъбаи дигари корхона, ки масъули ба кор қабул кардан ва аз кор хориҷ кардани

кормандон аст, пеш бурда мешавад. Дар ин китоб ҳамаи дафтарчаҳои меҳнатии кормандони ба кор дохилшуда, инчунин тамоми дафтарчаҳои меҳнатӣ ва варақаи замима сабти силсила (серия), рақамҳои, ки ба кормандон дубора дода шудааст дарҷ мегардад.

Дар сурати аз кор озод шудан ва гирифтани дафтарчаи меҳнатӣ корманд бояд дар варақаи шахсӣ (варақаи махсуси байниидоравии маъмули №Т-2) ва дафтари баҳисобгирӣ имзо намояд.

Дафтари мадохилу махориҷ ва баҳисобгирии дафтарчаҳои меҳнатӣ бояд шуморабандӣ ва ресмонбандӣ карда шуда бо имзои роҳбари корхона ва мӯҳри сурғучӣ, тасдиқ карда шавад.

43. Истимораҳои дафтарчаҳои меҳнатӣ ва варақаҳои замимаҳои онҳо дар шӯъбаи муҳосиботи корхона ҳамчун ҳуҷҷатҳои ҳисоботи дақиққифз карда мешаванд ва бо дархости шахси масъули дафтарчаҳои меҳнатӣ таҳти имзо дода мешаванд.

Дар интиҳои ҳар моҳ шӯъбаи муҳосибот аз шахси масъули дафтарчаҳои меҳнатӣ оид ба мавҷудияти бланкҳои дафтарчаҳои меҳнатӣ ва варақаҳои замимаҳои онҳо, инчунин маблағи аз дафтарчаҳои меҳнатӣ ва варақаҳои замимаҳои ҷамъ шуда, ки ба хазинаи корхона супорида мешавад, ҳисобот талаб менамояд. Ба бланкҳои дафтарчаҳои меҳнатӣ ва варақаҳои замимаи он, ки ҳангоми пур кардан вайрон шудаанд, акт навишта мешавад (намунаи шакли акт замима шудааст).

Бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 12 апрели соли 1999
№154 тасдиқ шудааст

(МУҚОВА)

ДАФТАРЧАИ МЕҲНАТӢ

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 12 апрели соли 1999
№154 тасдиқ шудааст

ДАФТАРЧАИ МЕҲНАТӢ
силсила ва рақам

Насаб_____

_____

Ном_____

Номи падар _____

Санаи таваллуд_____
(рӯз моҳ, сол)

Маълумот_____
(миёнаи нопурра, миёна, олии нопурра, олӣ)

Касб, ихтисос_____

Таърихи сабт «_____» _____с._____

Имзои соҳиби дафтарча_____

Имзои шахси масъули дафтарчаҳои меҳнатӣ_____
(имзо)

Ҷ.М.

МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ КОР

силсила ва рақам (8 саҳифа)

№	Сана			Маълумот дар бораи қабул ба кор, гузаронидан ба кори дигар ва озод кардан аз кор (бо зикр ва ишора ба банд ва моддаи қонун)	Дар кадом асос сабт шудааст (ҳуҷҷат, сана ва рақами он)
1	2			3	4
сабт	рӯз	моҳ	сол		

МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУКОФОТ

силсила ва рақам(2 саҳифа)

№	Сана			Маълумот дар бораи сарфарозгардонӣ бо ордену медалҳо ва унвонҳои фахрӣ	Дар кадом асос сабт шудааст (ҳуҷҷат, сана ва рақами он)
1	2			3	4
сабт	рӯз	моҳ	сол		

МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ҚАДРШИНОСӢ

силсила ва рақам(8 саҳифа)

№	Сана			Маълумот дар бораи қадршиносӣ марбут ба кор дар корхонаҳо, муассисаҳо ё ташкилотҳо	Дар кадом асос сабт шудааст (ҳуҷҷат, сана ва рақами он)
1	2			3	4
сабт	рӯз	моҳ	сол		

МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ТАЪИНИ НАФАҚА

(2 саҳифа)

_

_

_

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 12
апрели с.1999,
№154 тасдиқ шудааст

ЗАМИМАИ
ДАФТАРЧАИ МЕҲНАТӢ

(Замима бе дафтарчаи меҳнатӣ
эътибор надорад)

Насаб_____

_____

Ном_____

Номи падар _____

Санаи таваллуд_____
(рӯз моҳ, сол)

Маълумот_____
миёнаи нопурра, миёна, олии нопурра, олӣ)

Касб, ихтисос_____

Таърихи сабт «_____» _____с._____

Имзои соҳиби дафтарча_____

Имзои шахси масъули дафтарчаҳои меҳнатӣ_____
(имзо)

Ҷ.М.

МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ КОР

силсила ва рақам (8 саҳифа)

№	Сана			Маълумот дар бораи қабул ба кор, гузаронидан ба кори дигар ва озод кардан аз кор (бо зикр ва ишора ба банд ва моддаи қонун)	Дар кадом асос сабт шудааст (ҳуҷҷат, сана ва рақами он)
1	2			3	4
сабт	рӯз	моҳ	сол		

МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУКОФОТ

силсила ва рақам(2 саҳифа)

№	Сана			Маълумот дар бораи сарфарозгардонӣ бо ордену медалҳо ва унвонҳои фахрӣ	Дар кадом асос сабт шудааст (ҳуҷҷат, сана ва рақами он)
1	2			3	4
сабт	рӯз	моҳ	сол		

МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ КАДРШИНОСӢ
силсила ва рақам (8 саҳифа)

№	Сана			Маълумот дар бораи қадршиносӣ марбут ба кор дар корхонаҳо, муассисаҳо ё ташкилотҳо	Дар кадом асос сабт шудааст (ҳуҷҷат, сана ва рақами он)
1	2			3	4
сабт	рӯз	моҳ	сол		

МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ТАЪИНИ НАФАҚА
(2 саҳифа)

_____
_____
_____
_____
_____
_____
_____
_____
_____
_____
_____
_____

ҚАРОРИ
ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 30 майи соли 2008, №272 ш. Душанбе

«Дар бораи Қоидаҳои додани қарзи бефоиз ба хизматчиёни давлатӣ барои харидан, сохтмони манзил ва беҳтар намудани шароити манзилӣ»

(Бо тағйиру иловаҳо аз 31.05.2012, №288)

Мувофиқи моддаи 40 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати даввлатӣ» бо мақсади танзим намудани тартиб ва шартҳои додани қарзи бефоиз ба хизматчиёни давлатӣ барои харидан, сохтмони манзил ва беҳтар намудани шароити манзилӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1. Қоидаҳои замимагардидаи додани қарзи бефоиз ба хизматчиёни давлатӣ барои харидан, сохтмони манзил ва беҳтар намудани шароити манзилӣ тасдиқ карда шаванд.

2. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2016 ва дар солҳои минбаъда ҷиҳати додани қарз барои харидан, сохтмони манзил ва беҳтар намудани шароити манзилии хизматчиёни давлатӣ маблағ пешбинӣ намояд *(қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.05.2012, №288)*.

3. Қарори мазкур аз 1 январи соли 2016 мавриди амал қарор дода шавад *(қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.05.2012, №288)*.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 30 майи соли 2008, №272
тасдиқ шудааст

Қоидаҳои додани қарзи бефоиз ба хизматчиёни давлатӣ барои харидан, сохтмони манзил ва беҳтар намудани шароити манзилӣ

1. Қоидаҳои додани қарзи бефоиз ба хизматчиёни давлатӣ барои харидан, сохтмони манзил ва беҳтар намудани шароити манзилӣ (минбаъд-Қоидаҳо) дар асоси талаботи моддаи 40 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ« таҳия гардида, тартиб ва шартҳои додани қарз барои харидан, сохтмони манзил ва беҳтар намудани шароити манзилии хизматчиёни давлатӣ ва тартиби баргардонидани онро муайян менамояд.

2. Қарз барои харидан, сохтмони манзил ва беҳтар кардани шароити манзилӣ (минбаъд - қарз) барои харидан, сохтмони манзил ва беҳтар намудани шароити манзилӣ ба хизматчиёни давлатӣ (минбаъд қарзгиранда) аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ дар асоси дархости асосноки мақомоти давлатӣ, ки дар он ҷо хизматчии давлатӣ фаъолият менамояд, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.

3. Маблағ барои додани қарзро ҳар сол Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатии молиявӣ пешбинӣ менамояд.

4. Қарз ба хизматчиёни давлатии зерин дода намешавад:

- агар собиқаи бефосилаи хизмати давлатии ӯ аз 5 (панҷ) сол камтар бошад;
- агар аз дигар ташкилотҳои молиявӣ қарз гирифта, онро пурра ё қисман барнагардонида бошад;
- агар зиёда аз 35 фоизи музди меҳнат барои дигар хароҷот боздошта шавад;
- агар аз фонди давлатӣ манзили истиқоматӣ гирифта бошад;
- агар барои сохтмони манзил ба хизматчии давлатӣ қитъаи замин ҷудо карда шуда бошад.

5. Барои гирифтани қарз хизматчии давлатӣ ба мақоме, ки дар он ҷо фаъолият менамояд, бо ариза муроҷиат менамояд. Комиссияи манзилии мақоми давлатӣ, ки ба ҳайати он ҳамчунин намояндаи ташкилоти иттифоқҳои касабаи мақоми мазкур дохил карда мешавад, шароити манзилии хизматчии давлатӣ ва ҳолатҳои мавҷуд набудани монеаҳо барои гирифтани қарзро санҷида, аз натиҷаи он хулоса тартиб

медиҳад. Дар ҳолати мавҷудияти хулосаи мусбӣ хизматчии давлатӣ ба навбат гирифта мешавад.

6. Қарз ба хизматчии давлатӣ дар асоси навбат мувофиқи рӯйхати тасдиқнамудаи роҳбари мақоми давлатӣ, ки бо ташкилоти иттифоқҳои касабаи мақоми мазкур мувофиқа шудааст, дар асоси дархости асосноки мақомоти давлатӣ, ки дар он хизматчии давлатӣ фаъолият менамояд, дар доираи маблағҳои барои ин мақсад пешбинишудаи буҷети ҷумҳуриявӣ аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ карда мешавад.

7. Қарз аз ҷониби Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» ва дар минтақаҳо аз ҷониби шӯъбаҳои он ба расмият дароварда мешавад.

8. Қарз ба хизматчиёни давлатӣ баъди ба расмият даровардани он бояд дар мӯҳлати то як моҳ дода шавад.

9. Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» барои додани қарз ба хизматчиёни давлатӣ вазифаи агентро иҷро менамояд.

10. Қарз ба хизматчии давлатӣ баъди бастани шартномаи қарзӣ бо тариқи нақди ё ғайринақдӣ дода мешавад.

11. Қарз бо арзи миллӣ ба мӯҳлати то 20 сол дода мешавад.

12. Амволи (хонаи истиқоматии) харидорӣ намудаи (ё сохтаи) хизматчии давлатӣ дар давоми як моҳ баъди ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи моликият дар бонк ба гарав гузошта мешавад.

13. Қарзгиранда ӯҳдадор аст, шартномаи гарави амволро бо тартиби муқарраргардида ба расмият дарорад. Хароҷоти барасмиятдарорӣ аз тарафи қарзгиранда пардохт карда мешавад.

14. Қарз дарозмӯҳлат буда, пардохти баргардонидани он аз соли сеюми гирифтани он сар мешавад.

15. Баргардонидани қарзро хизматчиёни давлатӣ бо супоридани пули нақд ба хазинаи бонк ё бо роҳи интиқол аз ҳисобҳои амонатӣ ё аз музди меҳнат пардохт менамоянд.

16. Мутобиқи моддаи 109 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон андозаи боздоштан аз музди меҳнати қарзгиранда барои пардохти қарз набояд аз 50 фоизи ҳаҷми умумии музди меҳнати хизматчии давлатӣ зиёд бошад.

17. Ҳангоми фавтидани қарзгиранда баргардонидани қарз ё маблағи боқимондаи қарз бо тартиби муқаррарнамудаи моддаи 450 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

18. Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» маблағҳоеро, ки аз тарафи қарзгирандаҳо барои

баргардонидани қарз пардохт карда мешаванд, дар муддати як моҳи баъди ба охир расидани ҳар соли ҳисоботӣ ба даромади Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол менамояд.

19. Дар ҳолати бештар аз се маротиба ба таъхир андохтани мӯҳлати муайяншудаи пардохти баргардонидани қарз Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» ҳуқуқ дорад, масъалаи фурӯши амволи ба гарав гузоштаи қарзгирандаро мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намояд.

20. Ҳангоми аз мансаб озод шудан ё ба мансаби дигар гузаштани қарзгиранда ӯ вазифадор аст, ки Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк»-ро хабардор намояд.

21. Мақоми давлатие, ки дар он қарзгиранда кор мекунад дар мавриди аз мансаб озод намудан (ба мансаби дигар гузаронидан, ба нафақа баромадан, фавтидан ва дигар ҳолатҳо) ҳатман ба Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» маълумот пешниҳод менамояд.

22. Шӯъбаҳои минтақавии Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар бораи додани қарз ва пардохтҳои баргардонидани қарзҳои ба хизматчиёни давлатӣ додашуда ҳар семоҳа ба Раёсати Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» маълумот пешниҳод менамоянд.

23. Ҳаққи хизматрасонӣ барои пӯшонидани хароҷоти бонк оид ба додани қарз дар ҳаҷми 1 фоизи маблағи қарз аз ҳисоби қарзгиранда пардохта мешавад.

24. Ҳангоми гирифтани қарзе, ки бо пули нақд дода мешавад, ҳаққи хизматрасонӣ гирифта намешавад.

ҚАРОРИ
ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 30 декабри соли 2009, №700 ш. Душанбе

«Дар бораи тасдиқи Тартиби санҷиши маълумоти пешниҳоднамудаи шаҳрванд ҳангоми таъин намудан ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ»

Мувофиқи моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ« бо мақсади танзими масъалаҳои санҷиши маълумоти пешниҳоднамудаи шаҳрванд ҳангоми таъин намудан ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1) Тартиби санҷиши маълумоти пешниҳоднамудаи шаҳрванд ҳангоми таъин намудан ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2) Мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот Тартиби мазкурро ба роҳбарӣ гирифта, иҷрои талаботи онро дар фаъолияти худ таъмин намоянд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 30 декабри соли 2009, №700
тасдиқ шудааст

Тартиби санҷиши маълумоти пешниҳоднамудаи шаҳрванд ҳангоми таъин намудан ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ

1. Муқаррароти умумӣ

1) Тартиби санҷиши маълумоти пешниҳоднамудаи шаҳрванд ҳангоми таъин намудан ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ (минбаъд -Тартиб) дар асоси моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» таҳия гардида, қоидаҳои аз ҷониби мақомоти давлатӣ санҷидани маълумоти пешниҳоднамударо ҳангоми таъин намудан ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ танзим менамояд.

2) Тартиби мазкур нисбати санҷиши маълумот барои дастрас намудани иҷозати коргузории махфӣ татбиқ намегардад.

3) Маълумоти пешниҳоднамудаи шаҳрванд ҳангоми таъин намудан ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ (минбаъд- маълумоти пешниҳоднамуда), ки зимни ҳалли масъалаи таъин (интихоб) намудани шаҳрванд ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ мавриди санҷиш қарор дода мешаванд, инҳо мебошанд:

- оид ба мавҷудияти доғи судӣ;
- дар бораи бо қарори суд маҳрум гардидан аз ҳуқуқи ишғоли мансаби муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян;
- ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи таҳсилот;
- ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи собиқаи умумии меҳнатӣ ва ё хизмати давлатӣ;
- ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи маълумот дар бораи даромад ва вазъи молумулкӣ;
- маълумот дар бораи саҳмияҳои дар ташкилотҳои тиҷоратӣ дошта, ки ба боварии эътимоднок супорида шудаанд;
- ҳолати дар ду ва зиёда ҷой кор кардан ба истиснои машғул шудан ба фаъолияти илмӣ, эҷодӣ ва омӯзгорӣ;
- ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи вазъи саломатӣ;
- дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

4) Санҷиши маълумоти пешниҳоднамуда ҳангоми таъин намудан ба мансабҳои сиёсӣ ва маъмурии категорияи олӣ, ки аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин (интихоб) карда мешаванд, аз ҷониби сохтори дахлдори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

5) Санҷиши маълумоти пешниҳоднамуда ҳангоми таъин намудан ба мансабҳои маъмурии категорияҳои олӣ, якум, дуюм, сеюм, чорум, панҷум, шашум ва ҳафтум аз тарафи хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ гузаронида мешавад.

6) Маълумоти пешниҳоднамудаи дар сархати якум ва дуюми банди 3 Тартиби мазкур зикргардида ҳатман санҷида мешаванд. Дигар маълумотҳои пешниҳоднамудаи дар банди 3 Тартиб зикршуда дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи бандҳои 7 ва 8 Тартиби мазкур санҷида мешаванд.

7) Барои гузаронидани санҷиши маълумоти пешниҳоднамуда инҳо асос шуда метавонанд:

- зарурати гирифтани маълумоти иловагӣ;
- нопурра ё нодуруст будани қайди ҳуҷҷату санадҳои пешниҳоднамуда;
- шубҳа пайдо кардани роҳбари мақоми давлатӣ, хадамоти кадрӣ ё комиссияи озмунии мақоми давлатӣ оид ба маълумоти пешниҳоднамуда;
- муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;
- иттилооти воситаҳои ахбори омма;
-дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

8) Санҷиши маълумоти пешниҳоднамуда ҳамчунин мумкин аст бе назардошти асосҳои дар банди 7 Тартиби мазкур пешбинигардида бо супориши роҳбари мақоми давлатӣ интихобан гузаронида шавад.

2. Тартиби ташкили санҷиши маълумот

9) Санҷиши маълумоти пешниҳоднамуда дар ҳолати мавҷуд будани асосҳои дар бандҳои 7 ва 8 Тартиби мазкур пешбинигардида бо супориши хаттии роҳбари мақоми давлатӣ, ки ҳуқуқи таъин (интихоб) намудан ба мансабро дорад (минбаъд роҳбари мақоми давлатӣ), аз тарафи хадамоти кадрии мақоми давлатӣ гузаронида мешавад.

10) Санҷиши маълумоти пешниҳоднамуда мумкин аст дар ҳолатҳои зерин гузаронида шавад:

- ҳангоми пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо ҷиҳати иштирок дар озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ;

- ҳангоми қабул ба хизмати давлатӣ;

- ҳангоми гузаронидан (гузаштан) ба дигар мансаби хизмати давлатӣ;

- ҳангоми дар хизмати давлатӣ будан;

- дар дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

11) Мӯҳлати гузаронидани санҷиши маълумоти пешниҳодшуда бо назардошти аз дигар мақомоти давлатӣ талаб карда гирифтани санаду ҳуҷҷатҳои дахлдор на зиёда аз 15 рӯз муқаррар карда мешавад. Бо дархости асосноки санҷишкунанда роҳбари мақоми давлатӣ метавонад мӯҳлати санҷишро то 30 рӯз дароз намояд.

12) Санҷиши маълумоти пешниҳоднамуда метавонад як, якчанд ё ҳамаи ҳолатҳои дар банди 3 Тартиби мазкур пешбинишударо дар бар гирад.

13) Санҷиши маълумоти пешниҳоднамуда ба ғайр аз ҳолатҳои пешбининамудаи Қонунгузорӣ ба таври ошкоро бо салоҳдиди роҳбари мақоми давлатӣ гузаронида мешавад.

14) Санҷишкунанда барои муайян намудани ҳолатҳои санҷиш ҳуқуқ дорад аз мақомоти дахлдори давлатӣ, корхона, муассиса ва дигар ташкилотҳо, новобаста аз шакли моликият тибқи тартиби муқарраргардида санаду ҳуҷҷатҳои заруриро талаб карда гирад, бо нусхаҳои аслии онҳо шинос шуда, нусхаи онҳоро гирад, бо шахсони мутасаддӣ сӯҳбат доир намуда, маълумотнома тартиб диҳад.

15) Мақоми давлатие, ки дархости санҷиши маълумоти пешниҳоднамуда ба ӯ фиристода шудааст, вазифадор аст иҷрои онро дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи Тартиби мазкур таъмин намояд.

16) Аз тарафи санҷишкунанда талаб карда гирифтан ва санҷидани маълумотҳои дар банди 3 Тартиби мазкур пешбининашуда манъ аст.

17) Санҷишкунанда аз натиҷаи санҷиши маълумоти пешниҳоднамуда хулоса тартиб дода, онро ба роҳбари мақоми давлатӣ пешниҳод менамояд. Ба хулоса санаду ҳуҷҷат ва дигар маълумоти аз мақомоти дахлдори давлатӣ, корхона, муассиса, дигар ташкилотҳо гирифташуда замима карда мешаванд.

18) Дар сурати ошкор намудани ҳолатҳои дидаву дониста пешниҳод намудани маълумоти нопурра ё нодуруст, ки боиси ба хизмати давлатӣ қабул намудан ва дар хизмати давлатӣ будан гардидаанд, роҳбари мақоми давлатӣ дар асоси хулосаи хадамоти кадрӣ, ки бо ҳуҷҷату санад ва дигар маълумоти мақомоти дахлдори давлатӣ, корхона, муассиса, дигар ташкилотҳо тасдиқ шудааст,

таъини шаҳрвандро ба мансаб рад намуда, хизматчии давлатиро аз мансаби ишғолнамуда озод менамояд.

19) Ба шаҳрванд ва хизматчии давлатӣ дар бораи сабабҳои радкунии таъин ба мансаби давлатӣ ва аз мансаби ишғолнамуда озод намудан ба таври хаттӣ хабар дода мешавад.

20) Агар ҳангоми санҷиши маълумоти пешниҳоднамуда ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё ҷиноятӣ муайян карда шавад, хулосаи санҷиш бо тартиби муқарраргардида ба мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқ барои қабул намудани қарори дахлдор фиристода мешавад.

21) Дар ҳолати аз хулосаи санҷиши маълумот норозӣ будан шаҳрванд ва хизматчии давлатӣ метавонанд ба мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ё суд муроҷиат намоянд.

3. Муқаррароти хотимавӣ

22) Риоя накардани Тартиби мазкур боиси ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.

23) Назорати иҷрои Тартиби мазкур аз ҷониби мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ анҷом дода мешавад.

ҚАРОРИ
ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар бораи низомнома ва сохтори намунавии дастгоҳи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр, ноҳия, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ва шумораи ниҳоии хизматчиёни давлатии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатҳ

Мутобиқи моддаи 33 Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», моддаи 23 Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» ва моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қ а р о р м е к у н а д:**

1. Низомнома ва сохтори намунавии дастгоҳи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр, ноҳия, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ва шумораи ниҳоии хизматчиёни давлатии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1, 2, 3, 4, 5, 6, 7, 8, 9, 10, 11, 12, 13, 14, 15, 16, 17, 18, 19, 20, 21 ва 22).

2. Хароҷоти нигоҳдории хизматчиёни давлатии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатҳ аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ ва сарчашмаҳои дигари маблаҷгузорӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шавад.

3. Раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия қарорҳои худро дар муҳлати як моҳ бо қарори мазкур мутобиқ карда, маблаґгузории воҳидҳои кории иловагиро аз 1 октябри соли 2023 амалӣ намоянд.

4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2011, № 115 «Дар бораи низомнома ва сохтори намунавии дастгоҳи раис, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лимити шумораи ниҳоии хизматчиёни давлатии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» аз эътибор соқит дониста шавад.

Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Эмомалӣ Раҳмон
ш. Душанбе,
аз 27 сентябри соли 2023, № 46

Замимаи 1
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 27 сентябри соли 2023 № 462

Низомномаи
намунавии дастгоҳи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо

1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи намунавии дастгоҳи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия (минбаъд - Низомнома) мақсад, вазифа, ташкили фаъолият, сохтор, ваколатҳо ва вазъи ҳуқуқии дастгоҳи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияро муайян намуда, фаъолияти дастгоҳи раисро ба танзим медарорад.

2. Дастгоҳи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия (минбаъд - Дастгоҳ) сохтори ёрирасон ва таъминкунандаи фаъолияти раис буда, тибқи талаботи қонунгузорӣ аз ҷониби раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия бо мақсади таъминоти иттилоотию таҳлилӣ, ташкилию ҳуқуқӣ ва моддию техникии фаъолияти раис ташкил карда мешавад.

3. Дастгоҳ дар фаъолияти худ Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, қонунҳои конституционӣ, кодексҳо, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарору фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия, қарору амрҳои раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия, инчунин Низомномаро ба асос ва роҳбарӣ мегирад.

4. Молу мулки ба Дастгоҳ вобасташуда ба моликияти коммуналии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия мансуббуда тақсимнашаванда мебошад.

5. Маблағгузории хароҷоти нигоҳдории Дастгоҳ ва воҳидҳои сохтории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз ҳисоби

буҷетҳои маҳаллӣ ва сарчашмаҳои дигари маблаҷгузорӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, дар мувофиқа бо Вазорати молия анҷом дода мешавад.

6. Дастгоҳ шахси ҳуқуқӣ буда, муҳр бо тасвири Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номи худ бо забони давлатӣ, муҳри дигар, штамп ва бланкҳои намунаи муқарраргардида дорад ва аз суратҳисоби ягонаи хазинадории мақомоти молия хизматрасонӣ карда мешавад.

2. СОХТОР ВА ТАРТИБИ ТАШКИЛИ ДАСТГОҲ

7. Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия мувофиқи низомнома ва сохтори намунавии тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низомномаи Дастгоҳ, сохтор ва басти воҳидҳои кориро дар доираи шумораи хизматчиёни давлатии муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

8. Дастгоҳро роҳбари Дастгоҳ сарварӣ менамояд, ки бо қарори раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия тибқи тартиби муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешавад.

9. Ишғоли мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ дар Дастгоҳ тибқи тартиби муқарраргардида дар асоси озмун ва технологияҳои дигари кадрӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, амалӣ карда мешавад.

10. Сардорони воҳидҳои сохторӣ, сармутахассисон, мутахассисони пешбар, мутахассисон мутобиқи талаботи Ҳ́онуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», Ҳ́онуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигари соҳаи хизмати давлатӣ ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешаванд.

11. Хизматчиёни граждани бо пешниҳоди роҳбари Дастгоҳ бо амри раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия дар доираи воҳидҳои кории муайяншуда ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешаванд.

12. Бастани қарордод (шартнома)-и меҳнатӣ бо хизматчиёни давлатӣ ва граждани мувофиқи тартиби муайяннамудаи қонунгузорӣ анҷом дода мешавад.

13. Шартҳои пардохти музди меҳнат, суғуртаи иҷтимоии давлатӣ, таъминоти моддию техникӣ, тиббӣ, иҷтимоию маишӣ, нафақа ва таъминоти дигари кормандони Дастгоҳ бо тартиби

пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегарданд.

3. ВАЗИФАҲО ВА ФУНКСИЯҲОИ АСОСИИ ДАСТГОҲ

14. Вазифаҳои Дастгоҳ иборатанд аз:

- таъмини шароити зарурӣ барои аз ҷониби раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия амалӣ намудани ваколатҳое, ки Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои якҷояи онҳо, фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳия, қарору амрҳои раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия ва Низомнома муқаррар намудаанд;
- таъминоти иттилоотию таҳлилӣ, ташкилию ҳуқуқӣ ва моддию техникии фаъолияти раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия;
- амалҳ намудани вазифаҳои дигаре, ки аз ҷониби раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия ба зиммаи Дастгоҳ гузошта шудаанд.

15. Бо мақсади иҷрои вазифаҳои пешбинигардида Дастгоҳ функсияҳои зеринро амалӣ менамояд:

- ташкили таҳияи лоиҳаи қарору амрҳои раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия, лоиҳаи қарори маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия;
- омода намудани маърӯзаҳо ва ҳисоботҳои раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳия ва масъалаҳои муҳокимашаванда дар назди маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия;
- мусоидат намудан дар таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи қонунҳо, инчунин фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бевосита ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳия дахл доранд;
- омода намудани машварати назди раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия,

машваратҳои дигари бо тартиби Дастгоҳ муайянгардида ва таъмини баргузории онҳо;

- тибқи тартиби муқарраргардида ташкил намудани ҳуҷҷатгузорӣ, ба расмият даровардани қарору амр, инчунин расонидани дастуру супоришҳои раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия ба иҷрокунандагон ва шахсони мансабдори масъул, назорати иҷрои онҳо;

- таҳия ва ба табъ расонидани қарорҳои маҷлиси вакилони халқ, қарору амрҳои раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия, инчунин таъмини инъикоси онҳо тавассути воситаҳои ахбори оммаи маҳаллӣ;

- омода намудани шартномаҳое, ки аз ҷониби раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия ба имзо мерасанд ва ташкили кор оид ба риоя ва иҷрои онҳо;

- таҳияи нақшаҳои фаъолияти солона, нимсола, семоҳа ва барои тасдиқ манзур намудани онҳо ба раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия;

- ҷамъ намудан, ҷамъбаст ва таҳлили нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия, баррасӣ ва ҷамъбасти пешниҳодҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва мақомоти худ фаъолияти ҷамъиятӣ, таҳия ва манзур намудани гузоришҳои дахлдор;

- мусоидат барои ташкилу баргузорӣ ва дар сатҳи зарурӣ амалигардонии чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳриву ноҳиявӣ ва протоколи давлатӣ;

- мусоидат ба ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоту сохторҳои дахлдори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия ва субъектҳои хоҷагидори ба моликияти коммуналии вилоятӣ, шаҳри Душанбе, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ асосёфта;

- ташкили гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ, баҳодиҳии фаъолият, аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ, ташкили захираи кадрҳо, ротатсия (ҷойивазкунҳ)-и хизматчиёни давлатии ҳайати роҳбарикунанда, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии хизматчиёни давлатӣ, таҳияи номгӯйи мансабҳое, ки таъин ва озод намудани онҳо бевосита аз ҷониби раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳия ва мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ амалӣ карда мешавад, ба мансаб таъин ва аз мансаб озод намудани онҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад;

- ташкили қабули шаҳрвандон, бақайдгирӣ, таҳлил ва баррасии муроҷиатҳо ва бурдани назорати дахлдор тибқи тартиби

пешбининамудаи қонунгузорӣ ва пешниҳоди гузоришҳо вобаста ба иҷрои онҳо;

- омода ва пешниҳод намудани маълумот ва ҳисоботу гузоришҳо ба Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор;

- ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои расмӣ, фарҳангӣ, оммавӣ бо иштироки раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия ё муовинони онҳо;

- ба роҳ мондани робитаҳо бо бародаршаҳрҳо ва ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ;

- таъмини коргузории махсуси низоми махфидошта, аз ҷумла ҳуҷҷатгузорӣ барои истифодаи хизматӣ пешбинигардида;

- ташкили корҳои илмию тадқиқотӣ бо ҷалби олимон ва коршиносон дар асоси шартнома ҳангоми зарурати хизматӣ;

- роҳбарии ташкилотҳои ёрирасони тобеъ;

- назорати риояи интизоми меҳнат дар байни кормандон;

- назорати истифодаи мақсадноки маблағҳое, ки барои Дастгоҳ пешбинӣ шудаанд;

- ҳалли масъалаҳои дигаре, ки ба фаъолияти раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия алоқаманд мебошанд.

4. РОҲБАРИ ДАСТГОҲ

16. Роҳбари Дастгоҳ:

- роҳбарии умумии фаъолияти Дастгоҳ, ташкили кор, банақшагирии фаъолият, ҷорӣ намудани низоми мураттаби кор ва назоратро таъмин менамояд;

- ҳамоҳангсозии фаъолияти воҳидҳои сохторҳо, кори комиссияҳо ва шӯроҳоро бо мақомоту сохторҳои дахлдор таъмин месозад;

- ба воҳидҳои сохторӣ ва мутахассисон супоришҳо медиҳад ва иҷрои онҳоро талаб мекунад;

- дар доираи ваколатҳои аз ҷониби раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия вогузошта шартномаҳо, аз ҷумла қарордодҳои меҳнатиро бо кормандони хайати техникӣ ва хизматрасон ба имзо мерасонад;

- лоиҳаи сохтори Дастгоҳ ва басти вазифаҳоро аз рӯйи сохтор ва шумораи хизматчиёни давлатии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар доираи меъёри муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва барои тасдиқ ба раиси Вилояти

Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия пешниҳод менамояд;

- фаъолияти мураттаби комиссияҳои доимиву муваққатии маҷлиси вакилони халқ ва ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳотро омӯхта, барои таҳияи ҳуҷҷатҳои ба баррасии иҷлосия пешниҳодшаванда мусоидат менамояд, онҳоро манзури раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия месозад;

- лоиҳаи низомнома ва дастурамалҳои мансабии хизматчиёни давлатии Дастгоҳ, инчунин воҳидҳои сохтории мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ, ки аз буҷетҳои маҳаллӣ маблағгузорӣ мешаванд, дар мувофиқа бо мақомоти иҷроияи марказии дахлдор таҳия карда, ҷиҳати тасдиқ ба раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия пешниҳод менамояд;

- тадбирҳои интихоб, тарбия ва ҷобаҷогузории кадрҳоро мутобиқи қонунгузорӣ дар мувофиқа бо раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия ба анҷом мерасонад;

- назорати иҷрои талаботи муқарраргардидаро дар мавриди ҳавасмандгардонӣ, аз ҷумла пешниҳод ба мукофотҳои давлатӣ ва татбиқи ҷазои интизомиро таъмин мекунад;

- санҷиши фаъолияти воҳидҳои сохториро тибқи тартиби муқарраргардида ташкил менамояд;

- барои хизматчиёни давлатии Дастгоҳ шароити зарурии меҳнатӣ ва моддию маиширо фароҳам меоварад;

- қабули шаҳрвандонро аз ҷониби раис ва муовинони ӯ ба роҳ мемонад;

- таъмини иҷрои санадҳои маҷлиси вакилони халқ ва раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия, инчунин супоришҳои ӯро ташкил ва назорат мекунад;

- машварати назди раисро ташкил намуда, вақт ва рӯзномаи онро бо раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия мувофиқа месозад;

- ҳуҷҷатҳои воридотиву содиротӣ, лоиҳаҳои санадҳои маҷлиси вакилони халқ ва раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияро баъди ба қайд гирифтан манзури раис мегардонад ва баъди имзои санадҳо чопи онҳоро тавассути воситаҳои ахбори оммаи маҳаллӣ ба роҳ мемонад;

- дар чорабиниҳои протоколии вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия иштирок менамояд, назорати риоя ва иҷрои тартиботро дар Дастгоҳ таъмин менамояд.

17. Муовини роҳбари Дастгоҳ бевосита супоришҳои роҳбари Дастгоҳро иҷро намуда, мутобиқи тақсимоти вазифаҳо ва дастурамали

мансабӣ барои таъмини шароити корӣ, моддию молиявии хизматчиёни давлатии Дастгоҳ масъул мебошад.

5. ВОҲИДҲОИ СОХТОРИИ ДАСТГОҲ

18. Воҳидҳои сохтории Дастгоҳ таҳти роҳбарии раис, муовинони раис ва роҳбари Дастгоҳ фаъолият мекунанд.

19. Воҳидҳои сохтории Дастгоҳро сардорони онҳо, ки бо қарор (амр)-и раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия тибқи қонунгузории хизмати давлатӣ ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешаванд, роҳбарӣ мекунанд.

20. Ба ҳайати воҳидҳои сохтории Дастгоҳ мансабҳои давлатии хизматчиёни давлатие шомиланд, ки номгӯйи онҳо дар басти вазифаҳо аз ҷониби раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия тасдиқгардида пешбинӣ шудаанд.

21. Вазифаҳои асосии воҳидҳои сохтории Дастгоҳ иборатанд аз:

- таъмини фаъолияти раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия;
- таҳлили фаъолияти сохтору мақомоти дахлдори вилоятӣ, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳия, мусоидат кардан барои дарёфт ва муайян намудани роҳҳои рушди самаранок, ҳалли масъалаҳои муҳимми иҷтимоию иқтисодӣ ва дар ин замина таҳияи пешниҳодҳо;
- мусоидат барои таъмини ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомот ва сохтори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия вобаста ба соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, амният ва тартиботи ҷамъиятӣ дар ҳудудҳои дахлдор;
- таъмини назорати доимии иҷрои қарорҳои маҷлиси вакилони халқ ва раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳия, иҷрои бевоситаи супоришҳои раис ва роҳбари Дастгоҳ аз ҷониби мақомот ва сохтори мақомоти иҷроияи маҳаллӣ ва таҳия намудани маълумот оид ба натиҷаи иҷрои онҳо;
- таъмини иҷрои нақшаву барнома ва консепсияҳои дахлдор;
- таҳияи маводди таҳлилии зарурӣ, пешниҳоди таклифҳо оид ба масъалаҳои таҳти баррасии раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия, муовинони онҳо ва роҳбари дастгоҳ қарордошта;
- таҳия, таҳқиқ ва мувофиқасозии лоиҳаи санадҳои раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия;
- мутобиқ ба супориши раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия, муовинони онҳо ва роҳбари Дастгоҳ таҳия намудани лоиҳаи санадҳои хусусияти

фавридоштаи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия;

- тибқи тартиби муқарраргардида баррасӣ намудани муроҷиати шахсони воқеҳ ва ҳуқуқӣ.

22. Воҳидҳои сохтории Дастгоҳ дар фаъолияти худ бо мақомоту сохторҳои дигари вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ вобаста ба масъалаҳои ба ваколати онҳо дохилбуда машваратҳо гузаронида, тибқи тартиби муқарраргардида санадҳои таҳияшавандаро бо онҳо мувофиқа месозанд.

23. Вазифаҳои воҳидҳои сохторӣ дар низомномаи онҳо, ки аз ҷониби раис тасдиқ карда мешавад, ба таври мушаххас нишон дода мешаванд.

24. Роҳбарони воҳидҳои сохтории Дастгоҳ:

- амалисозии вазифаҳои ба зиммаи воҳиди сохторӣ вогузорбударо ба роҳ монда, оид ба иҷрои самараноки онҳо масъулияти шахсиро ба зимма доранд;

- тақсимоти уҳдадориҳои мансабиро байни кормандони тобеъ ташкил намуда, интизоми меҳнат, риояи талаботи дастурамали коргузорӣ дар Дастгоҳро таъмин карда, ба фаъолияти воҳиди сохторӣ масъул мебошанд;

- тибқи тартиби муқарраргардида маводди заруриро ҷиҳати таҳия ва омода намудани маълумот оид ба масъалаҳои таҳти баррасии раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия, муовинони онҳо ва роҳбари Дастгоҳ қарордошта аз мақомот ва сохторҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ дастрас менамоянд;

- аз натиҷаи баррасии ҳуҷҷатҳои дар воҳиди сохторӣ таҳиягардида ба раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия, муовинони онҳо ва роҳбари Дастгоҳ ахбор медиҳанд;

- дар ҷаласаҳо, иҷлосияҳо, машварати назди раис, чорабинию ҷамъомадҳои мақомот ва сохторҳои вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ оид ба масъалаҳои ба ваколати воҳиди сохторӣ дохилбуда ширкат меварзанд.

25. Хизматчиёни давлатии воҳидҳои сохтории Дастгоҳ:

- дар асоси дастурамалҳои мансабӣ вазифаҳои ба зиммаашон гузошташударо иҷро менамоянд ва барои иҷрои босифату самаранокӣ онҳо масъуланд;

- тибқи тартиби муқарраргардида дар баррасии масъалаҳои дар доираи уҳдадориҳои хизматӣ дохилбуда дар ҷаласаҳои назди муовинони раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия ва роҳбари Дастгоҳ, ҷамъомадҳои аз ҷониби мақомот ва сохторҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ гузаронидашаванда ширкат меварзанд;

- дар доираи ваколати худ бо маводди сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ шинос мешаванд;

- дар чорабиниҳои дар доираи нақшаи корӣ гузаронидашаванда иштирок менамоянд.

26. Хизматчиёни давлатии воҳидҳои сохтории Дастгоҳ, сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, ки аз буҷетҳои маҳаллӣ маблағгузорӣ мешаванд, фаъолияти худро дар асоси дастурамалҳои мансабӣ, ки тибқи тартиби муқарраргардида аз ҷониби раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳия тасдиқ карда мешаванд, ба роҳ мемонанд.

Замимаи 2
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 27 сентябри соли 2023, № 462

Низомномаи
намунавии дастгоҳи ҷамоати шаҳрак ва деҳот

1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи намунавии дастгоҳи ҷамоати шаҳрак ва деҳот (минбаъд - **Низомнома**) мақсад, вазифа, ташкили фаъолият, сохтор, ваколатҳо ва вазъи ҳуқуқии дастгоҳи ҷамоати шаҳрак ва деҳотро (минбаъд - **дастгоҳи ҷамоат**) муайян менамояд. Мутобиқи Ҳ́онуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» дастгоҳи ҷамоат сохтори ёрирасон ва таъминкунандаи фаъолияти раис мебошад.

2. Дастгоҳи ҷамоат дар фаъолияти худ Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қонунҳои конституционӣ, кодексҳо, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарору фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳру ноҳия, қарору амрҳои раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳру ноҳия, қарору супоришҳои

ҷамоат, шӯрои ҷамоат, раиси ҷ амоат ва Низомномаро ба роҳбарӣ мегирад.

2. ДАСТГОҲИ ҶАМОАТ

3. Сохтор, шумораи кормандон ва Низомномаи дастгоҳи ҷамоат дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» ва тибқи сохтори намунавии тасдиқгардида дар доираи шумораи ниҳоии хизматчиёни давлатии муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди раиси ҷамоат аз тарафи маҷлиси ҷамоат тасдиқ карда мешаванд.

4. Дастгоҳи ҷамоат бо дар назар доштани шумораи аҳолии ҷамоат аз раиси ҷамоат, муовин (муовинон)-и раиси ҷамоат, котиби ҷамоат, сармутахассисон, мутахассисони пешбар, нозири мизи ҳарбии бақайдгирӣ ва мутахассисони дигар иборат мебошад.

3. ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ДАСТГОҲИ ҶАМОАТ

5. Дастгоҳи ҷамоатро раиси ҷамоат ташкил ва роҳбарӣ менамояд.

6. Таъмини шароити зарурӣ барои аз ҷониби раиси ҷамоат амалӣ намудани ваколатҳоро Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот», қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои якҷояи онҳо, фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарору фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳру ноҳия, қарору амрҳои раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳру ноҳия, қарорҳои ҷамоат, шӯрои ҷамоат, раиси ҷамоат ва Низомнома муқаррар кардааст.

7. Сармутахассисон, мутахассисони пешбар, нозири мизи ҳарбии бақайдгирӣ, мутахассисон ва хизматчиёни граждании ҷамоат тибқи тартиби муқарранамудаи қонунгузории соҳаи худидоракунии шаҳрак ва деҳот, хизмати давлатӣ ва Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешаванд.

8. Хизматчиёни давлатии дастгоҳи ҷамоат фаъолияти худро дар асоси дастурамали мансабӣ ба роҳ мемонанд.

9. Дастурамали мансабӣ тибқи тартиби муқарраршуда таҳия гардида, аз ҷониби раиси ҷамоат тасдиқ карда мешавад.

10. Бастани шартномаи меҳнатӣ бо хизматчиёни давлатии дастгоҳи ҷамоат ва кормандони ҳайати техникӣ ва хизматрасон мувофиқи тартиби муайяннамудаи қонунгузорӣ анҷом дода мешавад.

4. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ ДАСТГОҲИ Ҷ АМОАТ

11. Дастгоҳи ҷамоат бо мақсади таъминоти иттилоотию таҳлилӣ, ташкилию ҳуқуқӣ ва моддию техникии фаъолияти ҷамоат ташкил карда мешавад.

12. Вазифаҳои дастгоҳи ҷамоат аз инҳо иборатанд:

- таъминоти иттилоотию таҳлилӣ, ташкилию ҳуқуқӣ ва моддию техникии ҷамоат;
- таҳияи лоиҳаи қарорҳои ҷамоат, шӯрои ҷамоат ва раиси ҷамоат;
- омода намудани маърузаҳо, ҳисоботи раиси ҷамоат ва масъалаҳои дар ҷамоат муҳокимашаванда;
- мусоидат намудан дар риоя ва иҷрои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои якҷояи онҳо, фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарору фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳру ноҳия, қарору амрҳои раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳру ноҳия, қарорҳои ҷамоат, шӯрои ҷамоат, раиси ҷамоат, ки ба фаъолияти мақомоти худидоракунӣ дар шаҳру ноҳияҳо дахл доранд;
- омода намудани ҷаласаҳои назди раиси ҷамоат ва вохӯрию машваратҳои дигар, инчунин таъмини баргузории онҳо;
- тибқи тартиби муқарраргардида ташкил ва пешбурди ҳуҷҷатгузорӣ, ба расмият даровардани қарорҳо, инчунин ба маълумоти иҷрокунандагон расонидани дастуру супоришҳои раиси ҷамоат ва назорати иҷрои онҳо;
- омода кардани нақшаҳои фаъолияти нимсола ва солонаи ҷамоат ва барои тасдиқ пешниҳод намудани онҳо ба раиси ҷамоат;
- мусоидат барои дар сатҳи зарурӣ ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ;
- ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ дар ҳудуди шаҳрак ё деҳот;
- ташкили қабули шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, бақайдгирӣ, таҳлил, баррасӣ ва пешбурди назорати доимӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ;
- омода ва пешниҳод намудани маълумотнома ва ҳисобот ба мақомоти дахлдор;

- ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои расмӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва оммавӣ дар ҳудуди шаҳрак ё деҳот дар мувофиқа бо мақомоти дахлдор;

- ба роҳ мондани робита ва ҳамкориҳо бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдори давлатӣ;

- назорати риояи интизоми меҳнат дар байни хизматчиёни давлатӣ ва кормандони дигар;

- назорати истифодаи мақсадноки маблағҳои молиявие, ки барои нигоҳдории дастгоҳи ҷамоат пешбинӣ шудаанд;

- мусоидат дар ташкили комиссияҳои интихоботӣ, баргузории интихобот ва раъйпурсӣ;

- ҳалли масъалаҳои дигари марбут ба фаъолияти ҷамоат.

5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

13. Молу мулки ба дастгоҳи ҷамоат вобасташуда ба моликияти коммуналӣ мансуб буда, тақсимнашаванда мебошад.

14. Маблағгузории хароҷоти нигоҳдории дастгоҳи ҷамоат аз ҳисоби маблаҷҳои буҷети шаҳрак ва деҳот ва сарчашмаҳои дигари маблағгузорӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, анҷом дода мешавад.

Ниг. Ба Замимаҳои 3 - 22

ҚАРОРИ
ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 4 сентябри соли 2014, №579 ш. Душанбе

«Дар бораи Дастури методӣ оид ба таҳияи низомномаҳои дастгоҳи марказӣ, воҳидҳои сохтории он ва воҳидҳои тобеи мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ»

Мутобиқи моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва бо мақсади танзими фаъолияти воҳидҳои сохтории мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1. Дастури методӣ оид ба таҳияи низомномаҳои дастгоҳи марказӣ, воҳидҳои сохтории он ва воҳидҳои тобеи мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ низомномаҳои дастгоҳи марказӣ, воҳидҳои сохтории он ва воҳидҳои тобеъро мутобиқи Дастури методии мазкур таҳия ва тасдиқ намоянд.

3. Назорати иҷрои Қарори мазкур ба зиммаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 4 сентябри соли 2014, №579

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 4 сентябри соли 2014,
№579 тасдиқ шудааст

Дастури методӣ
оид ба таҳияи низомномаҳои дастгоҳи
марказӣ, воҳидҳои сохтории он ва воҳидҳои тобеи
мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ

1. Муқаддима

1. Мутобиқи моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои таъмини фаъолияти мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани ваколатҳои он дастгоҳи марказии мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ (минбаъд - дастгоҳи марказӣ) таъсис дода мешавад.

2. Воҳидҳои сохтории дастгоҳ ва воҳидҳои тобеи мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ вобаста ба функсия, ваколат ва шумораи ниҳоии кормандон метавонанд дар шакли зерин ташкил карда шаванд:

- сарраёсат;
- раёсат;
- шӯъба;
- бахш.

3. Воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ шахси ҳуқуқӣ ба ҳисоб нарафта, хамчун воҳидҳои ташкилию иҷроия, таъминкунанда ва батанзимдароварандаи фаъолияти дастгоҳи марказӣ буда, қисми таркибии ҷудонашавандаи он ба ҳисоб мераванд.

4. Дастури методӣ оид ба таҳияи низомномаҳои дастгоҳи марказӣ, воҳидҳои сохтории он ва воҳидҳои тобеи мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ (минбаъд - Дастури методӣ) қоидаҳои ягонаи таҳияи низомномаҳои дастгоҳи марказӣ, воҳидҳои сохтории он, воҳидҳои тобеи мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ (минбаъд - низомномаи дастгоҳи марказӣ ва воҳидҳои сохторӣ), тартиби фаъолият, меъёрҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, вазифаҳо, функсияҳои онҳоро муайян менамояд.

5. Мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ низомномаҳои дастгоҳи марказӣ, воҳидҳои сохториро бо риояи талаботи Дастури методии мазкур таҳия мекунад.

2. Тартиби таҳия ва барасмиятдарории низомномаҳои дастгоҳи марказӣ ва воҳидҳои сохторӣ

6. Низомномаҳои дастгоҳи марказӣ, воҳидҳои сохтории мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ҳуҷҷати асосии муайянкунандаи тартиби ташкили фаъолияти дасттоҳи марказӣ ва воҳидҳои сохторӣ, вазифаю функсияҳо, ҳуқуқӣ ва масъулияти онҳо мебошад.

7. Низомномаҳои дастгоҳи марказӣ ва воҳидҳои сохторӣ дар асоси Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомномаи мақоми давлатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти хусусиятҳои хоси фаъолият таҳия карда мешаванд.

8. Дар низомномаҳои дасттоҳи марказӣ ва воҳидҳои сохторӣ бояд тақсимоти вазифаю функсияҳои барои мақоми давлатӣ муқарраршуда мақсаднок пешбинӣ карда шаванд.

9. Лоиҳаи Низомномаи дастгоҳи марказӣ аз ҷониби хадамоти кадрӣ, низомномаҳои воҳидҳои сохторӣ бошанд, аз ҷониби роҳбарони бевоситаи онҳо дар мувофиқа бо ҳуқуқшинос, хадамоти кадрӣ, муовинони дахлдори роҳбари мақоми давлатӣ таҳия шуда, барои тасдиқ ба роҳбари мақоми давлатӣ пешниҳод карда мешавад.

Роҳбарони мақомоти давлатӣ мувофиқан бо фармоиши (қарори) худ низомномаҳои дастгоҳи марказӣ ва воҳидҳои сохториро тасдиқ менамоянд.

10. Дар қисми болоии тарафи рости саҳифаи якуми низомномаҳои дастгоҳи марказӣ ва воҳидҳои сохторӣ дарҷ карда мешавад: Бо фармоиши (қарори) вазири/раиси/директори/сардори (номи пурраи мақоми давлатӣ нишон дода мешавад) аз_____ соли 20__№____ тасдиқ шудааст.

11. Дар мобайни саҳифаи якум навишта мешавад: Низомномаи дастгоҳи марказӣ/ сарраёсати/ раёсати/ шӯъбаи/ бахши дастгоҳи марказии/ вазорати/ кумитаи давлатии/ кумитаи/ агентии/ хадамоти/ саридораи (номи пурраи мақоми давлатии дахлдор).

12. Дар Низомнома бобҳо ва бандҳо пешбинӣ гардида, вазифа ва функсияҳо дар доираи фаъолияти мақоми давлатӣ, воҳидҳои сохтории он бе такрорёбии вазифаю функсияҳои дигар воҳидҳои сохторӣ, мушаххас, тавре нишон дода мешаванд, ки татбиқи онҳо имконпазир мебошад.

13. Бобҳои Низомнома бояд тартиби амалигардонии роҳбарӣ ба дастгоҳи марказӣ, воҳидҳои сохторӣ, робита бо дигар воҳидҳои сохторӣ, мақомоти давлатӣ, муассиса ва ташкилоту корхона, масъалаҳои ташкилӣ, ҳуҷҷатгузорӣ, назорат ва санҷишро дар бар гиранд.

14. Бо низомномаҳои дастгоҳи марказӣ ва воҳидҳои сохторӣ бояд ҳамаи хизматчиёни давлатӣ, ҳайати техникӣ ва хизматрасон шинос карда шаванд.

15. Низомномаҳо дар ду нусха тартиб дода шуда, як нусха дар воҳиди сохторӣ ва хадамоти кадрӣ нигоҳ дошта мешаванд.

16. Роҳбарии методӣ оид ба таҳия, назорати саривақтии аз нав дида баромадани низомномаҳоро хадамоти кадрии мақоми давлатӣ анҷом медиҳад.

17. Аз нав баррасӣ ва тасдиқ намудани низомномаҳо ҳангоми таҷдиди сохтори идора, дигар шудани вазифаю функсияҳо, азнавтақсимкунии ӯҳдадориҳои мансабӣ байни хизматчиёни давлатӣ ба амал бароварда мешавад.

3. Талабот ба сохтор ва мазмуни низомномаҳои дастгоҳи марказӣ ва воҳидҳои сохторӣ

18. Низомномаи дастгоҳи марказӣ аз бобҳои 1. Муқаррароти умумӣ, 2. Сохтор ва тартиби ташкили дастгоҳи марказӣ, 3. Вазифаҳо ва функсияҳои асосии дастгоҳи марказӣ, 4. Ҳуқуқҳои роҳбарони воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ, 5. Воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ ва 6. Муқаррароти хотимавӣ иборат мебошад.

19. Боби 1 «Муқаррароти умумӣ» чунин бандҳоро дар бар мегирад:

- Низомномаи дастгоҳи марказӣ (номи мақоми давлатӣ мушаххас нишон дода мешавад) (минбаъд-Низомнома) дар асоси Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, вазъи ҳуқуқӣ, ташкилӣ, сохтор, вазифаҳо, функсияҳо, тартиби фаъолияти дастгоҳи марказиро (номи пурраи мақоми давлатӣ) (минбаъд - дастгоҳ) муайян намуда, масъалаҳои умумиро вобаста ба фаъолияти дастгоҳи марказӣ ба танзим медарорад;

- мутобиқи моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дастгоҳи марказӣ таъминоти ҳуқуқӣ, ташкилӣ, илмию таҳлилӣ, иттилоотӣ ва дигар намудҳои таъмини фаъолиятро амалӣ менамояд;

- дастгоҳи марказӣ дар фаъолияти худ Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, қонунҳои конституцсионӣ, кодексҳо, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону амрҳои Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарору фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои ҳайати мушовара, инчунин Низомномаи мазкурро ба асос ва роҳбарӣ мегирад;

- дастгоҳи марказӣ дорои моликияти дахлдор, ки барои амалигардонии фаъолияти он пешбинӣ шудаанд, мебошад;

- маблағгузории дастгоҳи марказӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ, ки дар Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли дахлдор бо сатри алоҳида нишон дода мешавад, инчунин аз ҳисоби маблағҳои тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда, сурат мегирад;

- дастгоҳи марказӣ шахси ҳуқуқӣ буда, мӯҳр бо тасвири Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва номи худ бо забони давлатӣ ва дигар мӯҳр, штамп ва варақаҳои (бланкаҳои) намунаи муқарраргардида дорад ва аз суратҳисоби Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматрасонҳ карда мешавад.

20. Дар боби 2 «Сохтор ва тартиби ташкили дастгоҳи марказӣ» бандҳои зерин пешбинӣ карда мешаванд:

- Низомномаи дастгоҳи марказӣ, сохтор ва басти воҳидҳои кориро дар доираи лимити шумораи хизматчиёни давлатӣ, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, роҳбари мақоми давлатӣ тасдиқ мекунад;

- дастгоҳи марказӣ аз роҳбарият, воҳидҳои сохторӣ (номи воҳидҳои сохторӣ мушаххас нишон дода мешаванд) ва мутахассисон иборат мебошад;

- роҳбарияти воҳидҳои сохторӣ, муовинони онҳо, сармутахассисон, мутахассисони пешбар, мутахассисон тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ аз ҷониби роҳбари мақоми давлатӣ ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешаванд;

- бастани қарордоди (шартномаи) меҳнатӣ бо хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ҳайати техникӣ ва хизматрасон тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад;

- шартҳои пардохти музди меҳнат, суғуртаи иҷтимоии давлатӣ, таъминоти моддию техникӣ, тиббӣ, иҷтимоию маишӣ, нафақа ва таъминоти дигари хизматчиёни давлатӣ, кормандони ҳайати техникӣ ва хизматрасони дастгоҳи марказӣ бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегарданд.

21. Дар боби 3 «Вазифаҳо ва функсияҳои асосии дасттоҳи марказӣ» бандҳо оид ба амалӣ намудани ваколатҳои тибқи санадҳои

меъёрии ҳуқуқӣ ва Низомномаи мазкур муқарраршуда, таъминоти иттилоотию таҳлилӣ, ташкилию ҳуқуқӣ ва моддию техникии фаъолияти роҳбари мақоми давлатӣ, дигар вазифаҳое, ки аз ҷониби роҳбари мақоми давлатӣ ба зиммаи воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ вогузошта мешаванд, ташкили ҳуҷҷатгузорӣ, назорат, мусоидат ба ҳамоҳангсозии фаъолияти мақоми давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилоту корхонаҳо, иҷрои қонунгузории хизмати давлатӣ, таҳсили кадрҳо, қабули шаҳрвандон, ба роҳ мондани ҳамкориҳои байналмилалӣ, назорати истифодаи мақсадноки маблағҳои молиявӣ, ҳалли дигар масъалаҳое, ки бо фаъолияти роҳбари мақоми давлатӣ алоқаманд мебошанд, пешбинӣ карда мешаванд.

22. Боби 4 «Ҳуқуқҳои роҳбарони воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ» номгузорӣ шуда, бо чунин мазмун пешбинӣ карда мешавад: Роҳбарони воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ ҳуқуқ доранд:

- аз мақомоти давлатӣ, ташкилоту корхонаҳо ва дигар ташкилотҳо дар доираи ваколат оид ба масъалаҳои соҳа тибқи тартиби муқарраргардида маълумот дархост намоянд;

- бо тартаби муқарраргардида кормандонро барои иҷрои вазифаҳое, ки ба зиммаи воҳидҳои сохторӣ вогузошта шудааст, аз ҷумла гузаронидани мониторинг, санҷиш, ҷамъбасти ҳисобот ҷалб намоянд;

- бо тартиби муқарраргардида машварату семинарҳо ва вохӯриҳо ташкил кунанд, инчунин дар машваратҳое, ки роҳбарият ва мақомоти давлатӣ мегузаронанд, иштирок намоянд.

Роҳбарони воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ дорои дигар ҳуқуқҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

23. Боби 5 «Воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ» номгузорӣ шуда, бо чунин мазмун таҳия мешавад:

- воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ таҳти роҳбарии роҳбари мақоми давлатӣ, муовинони ӯ фаъолият мекунанд. Вазъи ҳуқуқӣ, ташкилӣ, сохтор, функсия, вазифа, тартиби фаъолияти воҳидҳои сохторӣ дар низомномаҳои онҳо пешбинӣ карда мешаванд.

24. Боби 6 «Муқаррароти хотимавӣ» бо чунин мазмун пешниҳод карда мешавад:

- масъалаҳои вобаста ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи дасттоҳи марказӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

25. Низомномаҳои воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ аз бобҳои 1.Муқаррароти умумӣ, 2.Сохтор ва тартиби ташкили

сарраёсат/ раёсат/ шӯъба/ бахш (номи воҳиди сохторӣ мушаххас нишон дода мешавад), 3.Вазифаҳо ва функсияҳои асосии сарраёсат/ раёсат/ шӯъба/ бахш, 4.Ҳуқуқҳои сарраёсат/раёсат/ шӯъба/ бахш ва 5. Муқаррароти хотимавӣ иборат мебошанд.

26. Дар боби 1 «Муқаррароти умумӣ» чунин бандҳо пешбинӣ мешаванд:

- Низомномаи сарраёсат/раёсат/шӯъба/бахши (номи воҳиди сохторӣ мушаххас нишон дода мешавад) (минбаъд-низомнома) дар асоси Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, вазъи ҳуқуқӣ, ташкилӣ, сохтор, функсия, вазифа, тартиби фаъолияти сарраёсат/раёсат/шӯъба/бахши (номи воҳиди сохторӣ мушаххас нишон дода мешавад) муайян намуда, масъалаҳои умумиро вобаста ба фаъолияти воҳидҳои сохторӣ ба танзим медарорад;

- Сарраёсат/раёсат/шӯъба/бахш воҳиди сохтории мақоми давлатӣ буда, дар фаъолияти худ Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, қонунҳои конституцсионӣ, кодексҳо, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарору фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои ҳайати мушовара, инчунин Низомномаи мазкурро ба асос ва роҳбарӣ мегирад;

Сарраёсат/раёсат/шӯъба/бахш таҳти роҳбарии вазир/раис/ директор/сардор (номи мансаб ва мақоми давлатӣ), муовинони ӯ фаъолият мекунад;

- Сарраёсат/ раёсат/ шӯъба/ бахшро сардор/мудири сарраёсат/ раёсат/ шӯъба/ бахш, ки тибқи қонунгузории хизмати давлатӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешаванд, роҳбарӣ мекунад;

- ба ҳайати сарраёсат/ раёсат/ шӯъба/ бахш мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ шомиланд, ки номгӯи онҳо дар басти вазифаҳо, ки аз ҷониби вазир/ раис/ директор/ сардор (номи мансаб) тасдиқ гардидаанд, пешбинӣ шудаанд;

- Сарраёсат/раёсат/шӯъба/бахш дар фаъолияти худ бо дигар мақомоти давлатӣ, ташкилоту корхонаҳо вобаста ба масъалаҳои ба салоҳияти он дахлдошта ҳамкорӣ намуда, тибқи тартиби

муқарраргардида лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро бо онҳо мувофиқа мекунад;

- Сарраёсат/раёсат/шӯъба/бахш шахси ҳуқуқӣ набуда, ҳамчун воҳиди ташкилию иҷроия таъминкунанда ва танзимкунандаи фаъолияти мақоми давлатӣ мебошад.

27. Боби 2 «Сохтор ва тартиби ташкили сарраёсат/раёсат/ шӯъба/бахш» (номи воҳиди сохторӣ мушаххас нишон дода мешавад) номгузорӣ шуда, аз бандҳои зерин иборат мебошад:

- Низомномаи сарраёсат/раёсат/шӯъба/бахш, сохтор ва басти воҳидҳои кориро дар доираи лимити шумораи хизматчиёни давлатӣ, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва (ё) Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, роҳбари мақоми давлатӣ (номи мансаби роҳбар ва мақоми давлатӣ) тасдиқ мекунад;

- Сарраёсат/ раёсат/ шӯъба/ бахш аз роҳбарият, сармутахассисон, мутахассисони пешбар, мутахасисон (аз рӯи ҷадвали воҳидҳои корӣ) иборат мебошад;

- муовинони сардори/ сарраёсат/ раёсат/ шӯъба/ мудири/ бахш, сармутахассисон, мутахассисони пешбар, мутахассисон тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ аз ҷониби роҳбари мақоми давлатӣ ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешаванд;

- бастани қарордоди (шартномаи) меҳнатӣ бо хизматчиёни давлатӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад;

- шартҳои пардохти музди меҳнат, суғуртаи иҷтимоии давлатӣ, таъминоти моддию техникӣ, тиббӣ, иҷтимоию маишӣ, нафақа ва таъминоти дигари хизматчиёни давлатӣ, кормандони техникӣ ва ҳайати хизматрасон бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегарданд.

28. Боби 3 «Вазифаҳо ва функсияҳои асосии сарраёсат/раёсат/шӯъба/бахш» (номи мушахаси воҳиди сохторӣ) номгузорӣ шуда, бандҳои дахлдорро оид ба таъминоти иттилоотию таҳлилӣ, ташкилию ҳуқуқӣ ва моддию техникии фаъолияти роҳбари мақоми давлатӣ, назорати иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таъмини иҷрои нақшаву барнома ва консепсияҳои дахлдор, таҳия ва мувофиқасозии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор, баррасӣ намудани мактубу дархостҳои шахсони ҳуқуқӣ ва арзу шикоятҳои хаттию шифоҳии шаҳрвандон, коргузорӣ дар бар мегирад.

Дар ин боб бо мақсади иҷрои вазифаҳои пешбинигардида функсияҳои зерин низ пешбинӣ карда мешаванд:

- ташкили таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии роҳбари мақоми давлатӣ;

- омода намудани маърӯзаҳо, ҳисоботи роҳбари мақоми давлатӣ ва масъалаҳои муҳокимашаванда дар маҷлисҳои ҳайати мушовара ва дигар ҷамъомаду чорабиниҳо;

- иштирок дар таҳия ва пешниҳоди лоиҳаҳои қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахддор;

- тибқи тартиби муқарраргардида ташкил намудани ҳуҷҷатгузорӣ, ба расмият даровардани санадҳо, инчунин расонидани дастуру супоришҳои роҳбари мақоми давлатӣ ба иҷрокунандагон ва шахсони мансабдори масъул, назорати иҷрои онҳо;

- тибқи тартиби муқарраргардида таҳия ва барои тасдиқ ба роҳбари мақоми давлатӣ пешниҳод намудани нақшаҳои кории (фаъолияти) солона, нимсола ва семоҳа;

- таҳлил ва ҷамъбасти нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии соҳаи дахлдор;

- мусоидат барои ташкилу баргузории чорабиниҳои дахлдори соҳа;

- омода ва пешниҳоди маълумот ва ҳисоботу гузоришҳо ба мақомотиболой;

- назорати риояи интизоми меҳнат дар воҳиди сохторӣ.

Эзоҳ: дар боби мазкур ҳамчунин вазифа ва функсияҳои мушаххас, ки ба фаъолияти сарраёсат/раёсат/шӯъба/бахш дахл доранд, бе такрор кардани функсияҳои дигар воҳидҳои корӣҳатман пешбинӣ карда мешаванд.

29. Боби 4 «Ҳуқуқҳои сарраёсат/раёсат/шӯъба/бахш» бо чунин мазмун пешбинӣ мешаванд:

Сарраёсат/раёсат/шӯъба/бахш ҳуқуқ дорад (номи мушаххаси воҳиди сохторӣ):

- аз роҳбарони воҳидҳои сохторӣ ва хизматчиёни мақоми давлатӣ, сохторҳои системаи он оид ба масъалаҳои вобаста ба салоҳияти соҳа мутобиқи тартиби муқарраргардида маълумот дархост намояд;

- бо тартиби муқарраргардида кормандонро дар мувофиқа бо роҳбари мақоми давлатӣ барои иҷрои вазифаҳое, ки ба зиммаи воҳидҳои сохтории дастгоҳ вогузошта шудааст, аз ҷумла гузаронидани мониторинг, санҷиш, ҷамъбасти ҳисобот, ҷалб намояд;

- бо тартиби муқарраргардида машварату семинарҳо ташкил намояд, инчунин дар машваратҳое, ки роҳбарият ва дигар мақомоти давлатӣ мегузаронанд, иштирок намояд;

Сарраёсат/ раёсат/ шӯъба/ бахш дорои дигар ҳуқуқҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

30. Боби 5 «Муқаррароти хотимавӣ» бо чунин мазмун ифода меёбад:

-Ҳуқуқу ӯҳдадориҳо, масъулияти сардори /сарраёсат/ раёсат/ шӯъба/ мудири/бахш (номи воҳиди сохторӣ мушаххас нишон дода мешавад) ва хизматчиёни давлатӣ дар дастурамалҳои мансабӣ, ки аз ҷониби вазир/ раис/ директор/ сардор тасдиқ карда мешаванд, пешбинӣ мегарданд.

31. Масъалаҳои вобаста ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба низомномаи сарраёсат/раёсат/шӯъба/бахш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

ҚАРОРИ
ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 31 октябри соли 2014, №694 ш. Душанбе

«Дар бораи Тартиби ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ»

Мутобиқи моддаи 20[1] Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ва бо мақсади мушаххас намудани функсияҳои интихобу ҷобаҷогузории кадрҳо, танзими раванди ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1. Тартиби ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Вазорату идораҳо, раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо:

- зимни интихоб, ҷобаҷогузорӣ, ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ Тартиби мазкурро қатъиян риоя намоянд;

- оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати мутобиқ намудани онҳо ба талаботи Тартиби мазкур ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таклиф пешниҳод намоянд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 31 октябри соли 2014, №694
тасдиқ шудааст

Тартиби ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ

(Бо тағйиру иловаҳо аз 24.07.2020, № 415)

1. Муқаррароти умумӣ

1. Тартиби ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ (минбаъд - Тартиб) мувофиқи моддаи 20(1) Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» таҳия гардида, расмиёти баррасии масъалаҳои ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатиро дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо муайян менамояд.

2. Амали тартиби мазкур нисбати расмиёти ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани роҳбарони сохторҳои маҳаллии *соҳаи маориф,* мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳарбӣ, мубориза бар зидди коррупсия, судяҳо, прокурорҳо, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, иҷрочиёни суд, идораҳои нотариалӣ, мақомоти андоз ва гумрук татбиқ намегардад (аз 24.07.2020, №415).

3. Ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани роҳбарони муассисаҳо ва дигар ташкилотҳои давлатӣ, ки дар номгӯи ташкилотҳои системаи мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ пешбинӣ шудаанд, тибқи талаботи қонунгузории соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешавад:

2. Раванди баррасии масъалаҳои ба вазифа таъин намудани роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ

4. Роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, ки аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ маблағгузорӣ мегарданд, бо розигии хаттии роҳбарони мақомоти зикргардида мувофиқан аз тарафи раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо ба вазифа таъин

шуда, қарор дар бораи таъин намудани онҳо барои тасдиқ ба Маҷлиси вакилони халқи дахлдор пешниҳод карда мешавад (замимаи 1).

5. Роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, ки аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузорӣ мегарданд, мувофиқан аз тарафи роҳбарони мақомоти мазкур бо розигии хаттии раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо ба вазифа таъин шуда, қарор дар бораи таъин намудани онҳо барои тасдиқ ба Маҷлиси вакилони халқи дахлдор пешниҳод карда мешавад (замимаи 2).

6. Роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ бе гузаронидани озмун ба вазифа таъин карда мешаванд.

7. Раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ номзадро ба мансаби холии маъмурии хизмати давлатӣ аз захираи кадрҳои мансаби дахлдор интихоб менамоянд. Дар сурати набудани кадри захира ё мувофиқат накардани номзад ба талаботи тахассусӣ номзади дигар пешбарӣ карда мешавад.

8. Номзад бояд дар доираи қонунгузории хизмати давлатӣ пешбарӣ шуда, дорои таҳсилоти олӣ, собиқаи умумӣ ва хизмати давлатии ба талаботи тахассусӣ мувофиқ ва малакаи кор бо технологияи иттилоотӣ бошад.

9. Номзади пешбаришаванда мувофиқан ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатии дахлдор ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамояд:

- ариза ба унвони роҳбари мақомоти давлатии дахлдор (замимаи 3);
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (бо 2 дона сурати 4х6);
- тарҷумаи ҳол;
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ;
- нусхаи шиноснома;
- маълумот аз мақомоти дахлдори андоз оид ба даромад ва вазъи молумулкии хизматчии давлатӣ;
- маълумоти тиббӣ дар бораи вазъи саломатӣ;
- тавсифнома аз ҷои кори охирин;
- ҳуҷҷатҳои дигаре, ки қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд.

10. Омӯзиши ҳуҷҷатҳо ва санҷиши маълумоти пешниҳоднамудаи номзад мувофиқан дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ тибқи

тартиби пешбининамудаи қонунгузории хизмати давлатӣ ва соҳавӣ аз тарафи хадамоти кадрӣ анҷом дода мешавад.

11. Раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо ва муовинони соҳавии онҳо бо номзад сӯҳбат гузаронида, ҳуҷҷатҳои ӯро бо мактуби ташреҳӣ ва варақаи сӯҳбат ба роҳбарони мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатии дахлдор барои гирифтани розигии хаттӣ пешниҳод менамоянд (замимаи 4).

12. Роҳбарони мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ва муовннони соҳавии онҳо низ бо номзад сӯҳбат доир намуда, ҳуҷҷатҳои ӯро бо мактуби ташреҳӣ ва варақаи сӯҳбат ба раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои дахлдор барои гирифтани розигии хаттӣ пешниҳод менамоянд (замимаи 5).

13. Мактуби ташреҳии раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ бояд маълумотро дар бораи собиқаи умумии меҳнатӣ, доштани донишҳои касбии ба вазифаи пешниҳодшаванда мувофиқ, малакаи кор бо технологияи иттилоотӣ, идоракунӣ, маҳорати роҳбарӣ, сифатҳои ахлоқӣ, ташаббускорӣ ва масъулиятшиносии номзад дар бар гирад.

14. Раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дар давоми даҳ рӯзи корӣ розигии хаттии худро барои ба вазифа таъин намудани номзади пешниҳодгардида медиҳанд.

15. Агар баррасии ҳуҷҷатҳои номзад дар мӯҳлати муқарраршуда аз ҷониби раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ бо сабабҳои узрнок (беморӣ, дар рухсатии меҳнатӣ ва ё сафари хизматӣ будан) имконнопазир бошад, онҳо бояд ҳамдигарро то ба охир расидани мӯҳлати дар банди 14 Тартиб пешбинишуда хабардор намоянд.

16. Раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дар сурати норозӣ будан ба номзади пешниҳодшуда бо далелҳои асоснок (мутобиқат накардани номзад ба талаботи тахассусӣ ва Қонунгузорӣ) ҳуҷҷатҳои номзадро дар муддати даҳ рӯзи корӣ бо мактуб ба ҷониби дахлдор пас мегардонанд.

17. Дар сурати асоснок будани далелҳои раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ вобаста ба ҷавобгӯ набудани номзад ба талаботи тахассусӣ ва Қонунгузорӣ роҳбарони мақомоти дахлдор вазифадоранд бо

дарназардошти талаботи Тартиби мазкур номзади дигарро барои таъин кардан ба вазифа пешниҳод намоянд.

18. Раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ бо қарори (фармоиши) худ номзадеро, ки барои ба вазифа таъин намудани ӯ розигии хаттӣ дода шудааст, дар мӯҳлати 5 рӯзи корӣ ба вазифа таъин намуда, қарори (фармоиши) худро барои тасдиқ ба Маҷлиси вакилони халқи дахлдор пешниҳод менамоянд.

3. Раванди баррасии масъалаҳои аз вазифа озод намудани роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ

19. Роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, ки аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ маблағгузорӣ мешаванд, бо розигии хаттии роҳбарони мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ аз тарафи раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо аз вазифа озод карда шуда, Қарор дар бораи озод намудани онҳо барои тасдиқ ба Маҷлиси вакилони халқи дахлдор пешниҳод карда мешавад.

20. Роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, ки аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузорӣ мешаванд, мувофиқан бо розигии хаттии раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо аз ҷониби роҳбарони мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ аз вазифа озод карда шуда, қарор (фармоиш) дар бораи озод намудани онҳо барои тасдиқ ба Маҷлиси вакилони халқи дахлдор пешниҳод карда мешавад.

21. Раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо барои аз вазифа озод намудани роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ба роҳбарони мақомоти марказӣ бо мактуби расмӣ муроҷиат менамоянд. Талаботи мазкур дар мавриди аз тарафи роҳбарони мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ аз вазифа озод намудани роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти зикргардида низ татбиқ мегардад.

22. Роҳбарони мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо дар давоми даҳ рӯзи корӣ дар хусуси аз вазифа озод намудани роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ розигии хаттӣ медиҳанд.

23. Раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дар сурати норозӣ будан барои аз вазифа озод кардани роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ бо далелҳои асоснок (нишон додани сабабҳои риоя нагардидани талаботи қонунгузорӣ ҳангоми аз вазифа озод намудан) ба мақомоте, ки дар бораи аз вазифа озод намудан пешниҳод манзур кардааст, ҷавоби рад ирсол менамоянд.

24. Раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомотииҷроияи марказии ҳокимияти давлатиро пас аз гирифтани розигии хаттӣ дар мӯҳлати 5 рӯзи корӣ аз вазифа озод намуда, қарори (фармоиши) худро барои тасдиқба маҷлиси вакилони халқи дахлдор пешниҳод мекунанд.

25. Барои аз вазифа озод намудани роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ асосҳои пешбининамудаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» ва дигар санадҳои меьёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешаванд.

4. Муқаррароти хотимавӣ

26. Ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо назардошти талаботи бандҳои 4, 5, 19 ва 20 Тартиби мазкур аз ҷониби раисони он шаҳру ноҳияҳое сурат мегирад, ки сохторҳои зикргардида ҷойгир карда шудаанд.

27. Ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани роҳбарони сохторҳои минтақавии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе бо назардошти талаботи бандҳои 4, 5, 19 ва 20 Тартиби мазкур аз ҷониби раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе анҷом дода мешавад.

28. Роҳбарони мақомоти давлатӣ барои ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятхо, шаҳри Душанбе ва шаҳру нрҳияҳо масъулияти шахсӣ доранд.

29. Дар сурати бе сабабҳои узрнок дар мӯҳлати муқарраргардида пешшҳод нашудани розигии хаттӣ ва дар ҳолатҳои ба мувофиқа наомадани тарафҳо барои ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ розигӣ гирифташуда ҳисобида мешавад ва ҷониби дахлдор аз ин хусус ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мактуби расмӣ хабар медиҳад.

30. Баҳсҳое, ки ҳангоми ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ба миён меоянд, аз тарафи мақоми болоӣ ва ё суд тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

Замимаи 1
ба Тартиби ба вазифа таъин
ва аз вазифа озод намудани
роҳбарони сохторҳои маҳаллии
мақомоти иҷроияи марказии
ҳокимияти давлатӣ

Номгӯи
сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, ки аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ маблағгузорӣ мешаванд

Сарраёсат, раёсат, шӯъба ва бахшҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо
Раёсат ва шӯъбаҳои маорифи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо
Раёсат, шӯъба ва бахшҳои Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо
Раёсатҳои тандурустии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, шӯъбаҳои (бахшҳои) Агентии давлатии

ҳифзи иҷтимои аҳолӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо
Раёсат, шӯъба ва бахшҳои рушди иқтисод ва савдои Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо
Раёсат ва бахшҳои сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо
Раёсат ва марказҳои стандартизатсия, метрология, сертифи-катсия ва нозироти савдои Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, минтақаи Кӯлоб, шаҳрҳои Исфара, Конибодом, Панҷакент, Истаравшан, Ваҳдат, Турсунзода, ноҳияҳои Данғара, Шаҳритус, Ҷиргатол ва Рашт
Шӯъба ва бахшҳо оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо
Сарраёсат, шӯъба, бахшҳои меъморӣ ва шаҳрсозии Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо
Раёсатҳо, шӯъбаҳо ва бахшҳои кор бо занон ва оилаи Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо
Раёсатҳо ва шӯъбаҳои Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе
Бахшҳои Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлон, Суғд ва шаҳру ноҳияҳо

Замимаи 2
ба Тартиби ба вазифа таъин
ва аз вазифа озод намудани
роҳбарони сохторҳои маҳаллии
мақомоти иҷроияи марказии
ҳокимияти давлатӣ

Номгӯи
сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, ки аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузорӣ мешаванд

Раёсатҳо ва шӯъбаҳои Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғд ва Хатлон
Шӯъбаҳои Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва бахши минтақавӣ дар шаҳри Кӯлоб
Сарраёсатҳо, раёсатҳо, шӯъбаҳо ва бахшҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо
Раёсатҳои адлияи Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шӯъбаҳо ва бахшҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва шӯъбаҳо-хонаҳои ақди никоҳи Раёсати асноди ҳолати шаҳрвандии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо
Раёсатҳои назорати давлатии байтории Хадамоти назорати давлатии байторӣ, бахшҳои Хадамоти назорати давлатии фитосанитарӣ ва карантини растании Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, шӯъбаҳо ва бахшҳои Бозрасии назорати давлатии техникӣ дар вилоятҳо, минтақаҳои Кӯлоб, Ҳисор ва Рашт
Раёсатҳои Хадамоти назорати давлатии фаъолияти тиббӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, намояндагии он дар минтақаи Кӯлоб, раёсатҳои Хадамоти назорати давлатии фаъолиятӣ дар вилоятҳо, намояндагиҳои он дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, минтақаи Кӯлоб, сохторҳои маҳаллии Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Сарраёсатҳо ва раёсатҳои молияи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо

Раёсатҳои Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёти Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистон Бадахшон, вилояти Суғд, шаҳри Душанбе, минтақаҳои Ҳисор, Ваҳдат-Рашт, Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб
Раёсатҳо ва шӯъбаҳои Хадамоти давлати оид ба назорат дар соҳаи энергетикаи Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, Суғд, Истаравшан, Зарафшон
Раёсатҳо, шӯъбаҳо ва бахшҳои Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Хадамоти муҳоҷират ва Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, минтақаи Кӯлоб ва шаҳру ноҳияҳо
Кумитаҳои идораи замини Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, минтақаи Кӯлоб ва шаҳру ноҳияҳо
Раёсатҳо, шӯъбаҳо ва бахшҳои Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо
Раёсатҳо, шӯъбаҳо ва бахшҳои Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо
Бахшҳои Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва минтақаи Кӯлоб
Бахшҳои Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, ноҳияи Рашт ва бахши минтақавии Агентӣ дар шаҳри Кӯлоб
Намояндагии Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон
Нозиротҳои комплексии назорати бехатарии саноатии Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғд ва Хатлон
Раёсатҳо ва шӯъбаҳои Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, минтақаҳои Душанбе ва Ҳисор
Раёсатҳо ва шӯъбаҳои Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони

Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо
Шӯъбаҳо ва намояндаҳои Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва минтақаи Рашт

Замимаи 3
ба Тартиби ба вазифа таъин
ва аз вазифа озод намудани
роҳбарони сохторҳои маҳаллии
мақомоти иҷроияи марказии
ҳокимияти давлатӣ

_____
(насаб, ном ва номи падари роҳбари мақомоти давлатӣ ва
(аризадиҳанда)

АРИЗА

Хоҳишмандам маро ба мансаби_____
(номи мансаби холӣ)
_____
_
(номи мақоми давлатӣ)
_____
____
_____таъин
намоед.

Ба ариза ҳуҷҷатҳои зерин замима карда мешаванд:
_____
_____
_____
_____
_____

Барои мавҷуд набудани монеаҳои муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи дохил шудан ба хизмати давлатӣ, аслӣ будани ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ва дурустии маълумоти онҳо масъул мебошам.

_____ _____
(имзо) (насаб, ном, номи падари номзад)

«___»_____ ___ 20_____
(санаи пешниҳоди ариза)

Замимаи 4

ба Тартиби ба вазифа таъин
ва аз вазифа озод намудани
роҳбарони сохторҳои маҳаллии
мақомоти иҷроияи марказии
ҳокимияти давлатӣ

ВАРАҚАИ СӮҲБАТ

_____
_
(насаб, ном, номи падари номзад)

ба вазифаи_____
пешниҳод карда мешавад

Маълумоти хадамоти кадрӣ оид ба санҷиши ҳуҷҷатҳо пешниҳоднамудаи
номзад_____

_____
_____

Сӯҳбат дар дастгоҳи раиси_____

гузаронида шуд:

Роҳбари дастгоҳи раис_____

Муовини якуми (муовини соҳавии) раис_____

Номзад_____мутобиқи Тартиби ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ аз сӯҳбат гузашта, ҳуҷҷатҳояш бо варақаи сӯҳбат барои мувофиқа ба

_____
_

(вазифа, номи мақомоти давлатӣ, насаб, ном, номи падари роҳбар) фиристода мешавад.

Раис _____
_____

(имзо) (насаб, ном ва номи падар

Замимаи 5

ба Тартиби ба вазифа таъин
ва аз вазифа озод намудани
роҳбарони сохторҳои маҳаллии
мақомоти ичроияи марказии
ҳокимияти давлатӣ

ВАРАҚАИ СӮҲБАТ

_____
_
(насаб, ном ва номи падари номзад)
ба
вазифаи_____
пешниҳод карда мешавад

Маълумоти хадамоти кадрӣ оид ба санҷиши ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи
номзад_____

Сӯҳбат дар_____ гузаронида
(номи мақомоти давлатӣ)
шуд:

Муовини якуми (муовини соҳавии) роҳбари мақомоти ичроияи марказии ҳокимияти давлатӣ
_____
Номзад_____мутобиқи Тартиби ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти ичроияи марказии ҳокимияти давлатӣ аз сӯҳбат гузашта, ҳуҷҷатҳояш барои мувофиқа бо варақаи сӯҳбат ба_____
_____
(вазифа, номи вилоят, шаҳр, ноҳия, насаб, ном, номи падари раис)
фиристода мешавад.

_____
_
_____ _____
_____

(роҳбари мақомоти иҷроияи марказӣ) (имзо) (насаб, ном ва номи падар)

ҚАРОРИ
ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «30» майи соли 2015, №361 ш. Душанбе

«Дар бораи Тартиби амалӣ намудани назорати хизматӣ дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Мутобиқи моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва бо мақсади танзими расмиёти амалӣ намудани назорати хизматӣ дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1. Тартиби амалӣ намудани назорати хизматӣ дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Роҳбарони мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ иҷрои талаботи Тартиби мазкурро таъмин намоянд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 30 майи соли 2015,
№361 тасдиқ шудааст

ТАРТИБИ
амалӣ намудани назорати хизматӣ дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби амалӣ намудани назорати хизматӣ дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд -Тартиб) мутобиқи моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардида, расмиёти назорати хизматиро дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамояд.

2. Назорати хизматӣ дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд- назорати хизматӣ) маҷмӯи тадбирҳои мукаммале мебошад, ки қонуният, самаранокӣ ва мақсаднокиро дар фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ таъмин менамояд ва тавассути он мақоми иҷроияи болоии ҳокимияти давлатӣ нисбат ба мақоми иҷроияи поёнии ҳокимияти давлатӣ функсияҳои назоратиро анҷом медиҳад.

3. Назорати хизматӣ низоми мушоҳида, санҷиши фаъолияти мақомоти поёнии ҳокимияти давлатӣ, воҳидҳои тобеъ ва мансабдорони онҳо, қисми таркибии идоракунии давлатӣ ва яке аз функсияҳои асосии амалӣ гардонидани салоҳияти идоракунӣ мебошад.

4. Мақомоти давлатии анҷомдиҳандаи назорати хизматӣ роҳбарони мақомоти иҷроияи марказии болоии ҳокимияти давлатӣ маҳсуб меёбанд, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақим ё тавассути воҳиди сохтории ваколатдоркардашуда дар мақомоти иҷроияи поёнии ҳокимияти давлатӣ таъмини назорати иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва самаранокии фаъолияти сохторҳои нақшаи идоракунӣ ва ташкилоту муассисаҳои низоми мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатиро (минбаъд- мақомоти поёнӣ ва воҳидҳои тобеъ) амалӣ менамоянд.

5. Тартиби мазкур нисбат ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот татбиқ намегардад.

6. Мақомоти давлатии анҷомдиҳандаи назорати хизматӣ санҷишҳоеро, ки ба салоҳияти мақомоти прокуратура, ҳифзи ҳуқуқ, назорати давлатии молиявӣ, андоз, ҳифзи сирри давлатӣ мансубанд, инчунин дар соҳаҳое, ки тибқи қонунгузорӣ тартиби дигар пешбинӣ шудааст, намегузаронанд. Дар сурати зарурат ё бо пешниҳоди мақомоти зикршуда мақомоти давлатии анҷомдиҳандаи назорати хизматӣ метавонанд дар ин самт мусоидат намоянд.

7. Роҳбарони мақомоти анҷомдиҳандаи назорати хизматӣ назорати хизматиро дар мақомоти поёнӣ ва воҳидҳои тобеъ таъмин мекунанд, банақшагирӣ ва ташкили кори мақоми давлатиро мутобиқи қонунгузорӣ амалӣ менамоянд ва барои натиҷабахшии он масъул мебошанд.

8. Мақсад, вазифаҳо ва расмиёти назорати хизматӣ, ки дар Тартиби мазкур пешбинӣ шудаанд, пеш аз ҳама ба ташаккули ҳамкории мутақобилаи мақомоти поёнӣ ва воҳидҳои тобеъ бо мақомоти давлатии болоӣ, дар навбати худ мақомоти давлатии болоӣ бо Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти назорати хизматӣ равона карда шуда, дар маҷмӯъ ба болоравии сифат ва самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ мусоидат менамоянд.

2. ПРИНСИПҲОИ НАЗОРАТИ ХИЗМАТӢ

9. Назорати хизматӣ ба принсипҳои зерин асос меёбад:

-қонуният (волоияти Конституцсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон);

-ҳисоботдиҳии дақиқ;

-баробарии ҳама дар назди қонун;

-шаффофият ва ошкорбаёнӣ дар назорати хизматӣ, ба истиснои маҳдудиятҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ;

-риояи манфиатҳои ҷамъиятӣ (оммавӣ);

-банақшагирӣ ва муназзамии назорат;

-риояи одоб;

-мустақилият;

-холисӣ ва беғаразӣ.

3. МАҚСАДИ НАЗОРАТИ ХИЗМАТӢ

10. Мақсади назорати хизматӣ аз инҳо иборат мебошад:

- дастрас намудани иттилооти дуруст ва воқеӣ дар бораи ҳолати татбиқи қонуният, интизом, самаранокии фаъолият, огоҳонидани саривақтии роҳбарон аз вазъи ҷойдошта, ошкор намудани камбудиҳо

дар фаъолияти кормандон ва ба ҷавобгарӣ кашидани кормандони масъул бинобар иҷро накардани вазифаҳои хизматӣ;

-ҳифз ва истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ, моликият, иқтидори мақомоти поёнӣ ва воҳидҳои тобеъ;

-мутобиқсозии саривақтии фаъолияти мақомоти поёнӣ ва воҳидҳои тобеъ ба тағйироти дохиливу берунии ба рушди иқтисодиву иҷтимоӣ алоқаманд;

-таъмини фаъолияти самараноки мақомоти поёнӣ ва воҳидҳои тобеъ, ҳамчунин устуворӣ ва рушди онҳо;

-таъмини босифати иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатгузорӣ, ки барои роҳбарии бомуваффақият ва қабули қарорҳои босамари идоракунӣ мусоидат мекунад;

-истифодаи оқилона ва сарфакоронаи ҳамаи захираҳои мавҷуда;

-риояи талаботи қоидаҳои тартиботи дохилӣ, вазифаҳои хизматӣ, дастурамалҳои мансабӣ, одоби хизматӣ, иҷрои нақшаҳои корӣ, супоришҳои роҳбарият;

-муқоисаи ҳолати воқеии кор бо вазифа ва функсияҳои муайяншуда.

4. ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ НАЗОРАТИ ХИЗМАТӢ

11. Вазифаҳои асосии назорати хизматӣ инҳо мебошанд:

-амалӣ намудани назорати доимии фаъолияти мақомоти поёнӣ ва воҳидҳои тобеъ;

-ташкилу гузаронидани санҷиши фаъолият мутобиқи нақша ва муқаррарот;

-андешидани чораҳои муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар меъёрҳои соҳаи дахлдор, бартараф намудани камбудиҳои ошкоргардида;

-таъмини амнияти иқтисодӣ, озуқаворӣ, ҳифзи моликияти давлатӣ, муҳити зист.

12. Мақомоти давлатии анҷомдиҳандаи назорати хизматӣ мутобиқ ба вазифаҳои асосии дар банди 11 пешбинишуда:

-сиёсати давлатиро дар самти назорати хизматӣ дар соҳаи дахлдор амалӣ менамоянд;

-мутобиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи дахлдор назорати хизматиро ташкил ва татбиқ менамоянд;

-назорати таъмини иҷрои дастуру нишондодҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии аз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар мақомоти давлатии дахлдор воридшударо анҷом медиҳанд;

-оид ба такмили тартиби гузаронидани назорати хизматӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таклиф пешниҳод менамоянд;

-дар доираи салоҳияти худ санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар соҳаи назорат таҳия ва тасдиқ менамоянд;

-санҷиши фаъолияти мақомоти поёнӣ ва воҳидҳои тобеъро мегузаронанд, санади санҷишӣ тартиб медиҳанд;

-мониторинги самаранокии назорати хизматиро мегузаронанд;

-ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти поёнӣ ва воҳидҳои тобеъро дар масъалаи назорати хизматӣ танзим менамоянд;

-аз рӯи натиҷаи назорати хизматӣ чораҳои муқаррарнамудаи қонунгузориро меандешанд;

-дар бораи тартиби гузаронидани назорати хизматӣ тавзеҳ медиҳанд;

-ба омӯзиши масъалаҳои назорати хизматӣ кормандони мақомоти поёнӣ ва воҳидҳои тобеъ ва бо мувофиқа мутахассисони дигар мақомоти давлатиро ҷалб менамоянд;

-аз мақомоти поёнӣ ва воҳидҳои тобеъ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, дигар ҳуҷҷатҳои дахлдорро талаб мекунанд;

-аз шахсони мансабдори мақомоти поёнӣ ва воҳидҳои тобеъ тавзеҳот ва хулоса мегиранд.

13. Роҳбарони мақомоти поёнӣ ва воҳидҳои тобеъ барои татбиқи вазифаҳои назорати хизматӣ уҳдадоранд:

-ҳуҷҷат ва тавзеҳотро дар муҳлати на дертар аз се рӯзи корӣ пешниҳод намоянд, агар мақомоти давлатии анҷомдиҳандаи назорати хизматӣ муҳлати дигарро муқаррар накарда бошанд;

-барои гузаронидани санҷиш мусоидат намоянд;

-дар муҳлати муқарраршуда оид ба натиҷаи баррасии санади санҷишӣ, тадбирҳои андешида ҷиҳати ислоҳи камбудиҳо оид ба рафти иҷрои ҳуҷҷатҳои назоратӣ ба мақомоти давлатии анҷомдиҳандаи назорати хизматӣ гузориш пешниҳод намоянд.

14. Роҳбарони мақомоти поёнӣ ва воҳидҳои тобеъ барои татбиқи вазифаҳои назорати хизматӣ ҳуқуқ доранд:

-вақт ва муҳлати гузаронидани санҷиш, натиҷаҳои он, хулоса ва тавсияҳоро (агар онҳо мавҷуд бошанд) донанд;

-ба шахсони анҷомдиҳандаи назорати хизматӣ, ки ҳуҷҷати дахлдорро барои гузаронидани санҷиш дастрас кунанд ва дар сурати беасос шуморидани мӯҳлати муайянгардидаи санҷиш, ба суд муроҷиат намоянд;

-ҷуброни зарарро, ки дар натиҷаи ҳаракатҳои ғайриқонунии шахсони анҷомдиҳандаи назорати хизматӣ расонида шудааст, талаб намоянд;

-дар мавриди ҳаракатҳои ғайриқонунии шахсони анҷомдиҳандаи назорати хизматӣ мақомоти ҳифзи ҳуқуқро огоҳ созанд.

5. ШАКЛҲОИ НАЗОРАТИ ХИЗМАТӢ ВА РАСМИЁТИ АМАЛӢ ГАРДИДАНИ ОН

15. Назорати хизматӣ дар шаклҳои зерин анҷом дода мешавад:

-назорати умумии фаъолияти мақомоти поёнӣ ва воҳидҳои тобеъ (иҷрои функсия ва вазифаҳо, ҳуҷҷатҳои назоратӣ, коргузорӣ);

-санҷиш бо тартиби муқарраргардида;

-мониторинги фаъолият.

16. Назорати хизматӣ дар шакли назорати умумии фаъолият ин ҳамоҳангсозии кори ҳаррӯзаи мақомоти поёнӣ ва воҳидҳои тобеъ, кор бо кадрҳои, пешниҳоди ҳисоботу гузоришҳо аз натиҷаи фаъолият, рафти иҷрои ҳуҷҷатҳои назоратӣ дар давраҳои муайян ба мақомоти давлатии анҷомдиҳандаи назорати хизматӣ буда, санҷиш ва сафари хизматиро ба маҳалли ҷойгиршавии мақомоти поёнӣ ва воҳидҳои тобеъ талаб намекунад.

17. Назорати хизматӣ дар шакли санҷиш дар асоси фармоиши (қарори) роҳбарони мақомоти давлатии анҷомдиҳандаи назорати хизматӣ гузаронида мешавад ва метавонад як ё якчанд масъаларо дар бар гирад.

18. Дар фармоиш (қарор) дар бораи гузаронидани санҷиш насаб, ном ва номи падар, мансаби шахсони барои гузаронидани санҷиш ваколатдор, номгӯи мақомоти поёнӣ ва воҳиди тобеи дахлдор, мақсад, вазифа ва номгӯи масъалаҳои санҷидашаванда, асосҳои ҳуқуқии гузаронидани санҷиш, санаи оғоз ва анҷоми он нишон дода мешаванд.

19. Фармоиш (қарор) дар бораи гузаронидани санҷиш ё нусхаи он ба мақомоти поёнӣ ва воҳидҳои тобеи дахлдори санҷидашаванда 5 рӯзи корӣ пеш аз оғози санҷиш расонда мешавад.

20. Муҳлати гузаронидани санҷиш бо дарназардошти ҳаҷми кор то 5 рӯзи корӣ дар доираи маблағҳои барои сафарҳои хизматӣ пешбинишуда муқаррар карда мешавад. Дар ҳолатҳои истисной (ноҳияҳои дурдаст, номусоидии боду ҳаво, ҳаҷми масъалаҳои санҷидашаванда ва ғайра) роҳбарони мақомоти давлатии анҷомдиҳандаи назорати хизматӣ метавонанд муҳлати гузаронидани санҷишро бо асосноккунӣ ба муҳлати на зиёдтар аз 10 рӯзи корӣ муқаррар намоянд.

21. Назорати хизматӣ дар шакли санҷиш дар мақомоти поёнӣ ва воҳидҳои тобеъ мутобиқи нақша на зиёда аз як маротиба дар давоми ду сол гузаронида мешавад.

22. Мақомоти давлатии анҷомдиҳандаи назорати хизматӣ бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин дар асоси муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, агар омӯзиши масъаларо дар ҷояш талаб кунад, метавонанд дар ҳолати зарурӣ бо риояи талаботи Тартиби мазкур санҷиши ғайринақшавӣ гузаронанд.

23. Муроҷиатҳое, ки ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиати шаҳрвандон» мутобиқат намекунанд, наметавонанд асоси гузаронидани санҷиши ғайринақшавӣ гарданд.

24. Назорати хизматӣ дар шакли мониторинги фаъолият соле як маротиба, дар ҳолатҳои зарурат мумкин аст ду маротиба, бо мақсади муайян намудани дараҷаи пешравии фаъолияти соҳа, ҷараёни иҷрои функсияҳо, ҳолати кор бо кадрҳои, мушкилоти ҷойдошта дар мақомоти поёнӣ ва воҳидҳои тобеъ гузаронида шавад.

25. Мониторинги фаъолият дар асоси пурсишномаи мақомоти давлатии анҷомдиҳандаи назорати хизматӣ бе ташкили сафарҳои хизматӣ ба маҳал аз ҷониби худи мақомоти поёнӣ ва воҳидҳои тобеъ доир карда мешавад.

26. Натиҷаҳои мониторинги фаъолият дар охири сол барои таҳлил ва ҷамъбаст ба мақомоти давлатии анҷомдиҳандаи назорати хизматӣ пешниҳод мегардад.

6. ВАЗИФА ВА ҲУҚУҚҲОИ ШАХСОНИ АНҶОМДИҲАНДАИ НАЗОРАТИ ХИЗМАТӢ

27. Вазифаҳои шахсони анҷомдиҳандаи назорати хизматӣ инҳо мебошанд:

-пешниҳоди гузориши хаттӣ ба роҳбарони мақомоти давлатии амаликунандаи назорати хизматӣ дар сурати доштани алоқаи хешутаборӣ бо роҳбари мақомоти поёнӣ ё воҳиди тобеъ, ки фаъолияти он мавриди санҷиш қарор дода мешавад, бевосита ё бавосита манфиатдор будан ба натиҷаи санҷиш ва худдорӣ намудан аз иштирок дар санҷиш;

-таҳияи нақшаи гузаронидани санҷиш баъди қабули фармоиш (қарор) дар бораи баргузории он;

-сабт кардан дар дафтари бақайдгирӣ дар хусуси оғози санҷиш ва анҷоми он тибқи тартиби муқарраргардида;

-риоя намудани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-гузаронидани санҷиши холисона, беғаразона ва ҳамаҷониба;

-риоя намудани талаботи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳ надодан ба ҳолатҳои бархурди манфиатҳо;

-паҳн накардани маълумоте, ки дар натиҷаи санҷиш дастрас шудааст;

-бо кормандони мақомоти таҳти санҷиш қарордошта танҳо он масъалаҳоеро муҳокима намояд, ки ба санҷиш муносибати мустақим доранд.

28. Шахсоне, ки барои санҷиш аз ҷониби мақомоти давлатии анҷомдиҳандаи назорати хизматӣ вазифадор шудаанд, ҳуқуқ доранд:

-бе мамониат ба биноҳои хизматӣ ва дигар биноҳои мақомоти поёнӣ ва воҳидҳои тобеи санҷидашаванда ворид гарданд;

-ҳолати риояи қонунгузориро дар фаъолияти соҳаи дахлдор санҷанд;

-аз шахсони мансабдори мақомоти поёнӣ ва воҳидҳои тобеъ ҳуҷҷатҳои заруриро талаб намоянд, бо нусхаҳои аслии онҳо шинос шаванд, онҳоро нусхабардорӣ кунанд, бо шахсони масъул оид ба татбиқи қонунгузорӣ суҳбат доир намоянд ё аз онҳо баёнот гиранд;

-ба мақомоти поёнӣ ва воҳидҳои тобеъ дар бораи рафъи камбудиҳои ҷойдошта ва дар бораи манъ намудани амалҳои хилофи қонунгузорӣ тавсия ва дастур диҳанд;

-мутобиқи қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурии ошкоршуда протокол тартиб диҳанд.

29. Санҷишгарон ҳуқуқи баррасӣ ва санҷидани масъалаҳои ба салоҳияташон марбутнабударо надоранд.

30. Аз рӯи натиҷаҳои санҷиш на дертар аз як ҳафта санади санҷишӣ тартиб дода шуда, ба он санҷишгар (санҷишгарон) имзо мегузорад. Ба санади санҷишӣ мумкин аст ҳуҷҷатҳои дахлдор замима карда шаванд.

31. Санади санҷишӣ бо мактуби ҳамроҳии роҳбарони мақомоти давлатии анҷомдиҳандаи назорати хизматӣ ба мақомоти поёнӣ ва воҳидҳои тобеъ барои андешидани чораҳо ва ислоҳи камбудиҳои ошкоршуда фиристода мешавад.

32. Дар сурати бо санади санҷишӣ норозӣ ё қисман норозӣ будани роҳбарони мақомоти поёнӣ ва воҳидҳои тобеъ ба санади санҷишӣ эродҳои хаттии онҳо ба роҳбарони мақомоти давлатии анҷомдиҳандаи назорати хизматӣ пешниҳод карда мешаванд.

33. Эродҳои пешниҳодшуда ҳатман мавриди баррасии ҳатмӣ қарор дода шуда, дар ҳолати асоснок будани онҳо ба санади санҷишӣ тағйирот ворид карда мешавад.

34. Талабот нисбат ба санади санҷишӣ:

-нишон додани мақсад, асос ва санаи гузаронидани санҷиш;

-пешбинӣ намудани масъалаҳои мавриди санҷиш қарордодашуда;

-нишон додани далелҳои риоя нашудани қонунгузорӣ, камбудиҳои ошкоргардида дар фаъолияти соҳа;

-нишон додани мушкилот дар фаъолияти соҳа, пешниҳоди роҳҳои ҳалли онҳо;

-манзури пешниҳодҳои мушаххас оид ба бартараф намудани камбудиҳо;

-пешниҳоди тавсияҳо дар бораи муқаррар намудани ҷазои интизомӣ ба масъулоне, ки ба камбудиҳо роҳ додаанд;

-манзури пешниҳод дар бораи бекор кардан ё тағйир додани қарорҳои (фармоишҳои) хилофи қонунгузорӣ қабул шуда;

-истифода набурдани маълумоте, ки бо ҳуҷҷатҳо асоснок карда нашудааст;

-худдорӣ намудан аз истифодаи далелҳои беасос, такроран нишон додани камбудиҳои якхела дар матни санад.

35. Мақомоти давлатии анҷомдиҳандаи назорати хизматӣ бо мақсади ислоҳи камбудиҳои ошкоргардида, ба роҳ мондани фаъолияти самараноки соҳа, иҷрои саривақтӣ ва босифати қонунгузории соҳавӣ, хизмати давлатӣ, кор бо кадрҳои, ҳуҷҷатҳои назоратӣ, пеш бурдани коргузорӣ дар доираи салоҳияташон ҳуқуқ доранд:

-мувофиқан ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод манзур намоянд;

-ба роҳбарони мақомоти поёнӣ ва воҳидҳои тобеъ, ки салоҳияти ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани онҳоро доранд, тибқи қонунгузорӣ муҷозоти интизомӣ муқаррар намоянд;

-дастурҳои методии дахлдорро таҳия ва барои иҷро ирсол намоянд.

7.МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

36. Мақомоти давлатии анҷомдиҳандаи назорати хизматӣ дар муҳлатҳои пешбинишуда ва моҳи январи ҳар сол дар бораи баррасӣ, натиҷагирии маводҳои назоратӣ, санҷишҳои мақомоти поёнӣ ва воҳидҳои тобеъ, баргузории мониторинг, дигар тадбирҳои доиркардаашон дар ин самт мувофиқан ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи таҳлилӣ пешиҳод менамоянд.

37. Дар сурати аз тарафи роҳбарони мақомоти поёнӣ ва воҳидҳои тобеъ иҷро нагардидани талаботи Тартиби мазкур оид ба назорати

умумии фаъолият, пешниҳоди ҳисоботу гузоришҳо аз натиҷаи рафти иҷрои ҳуҷҷатҳои назоратӣ дар давраҳои муайян, баррасӣ накардани санадҳои санҷишӣ мақомоти давлатии анҷомдиҳандаи назорати хизматӣ, роҳбарони мақомоти давлатии анҷомдиҳандаи назорати хизматӣ мувофиқан ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мактуби расмӣ хабар медиҳанд.

38. Баҳсҳое, ки дар рафти анҷом додани назорати хизматӣ ба миён меоянд, аз тарафи мақомоти болоӣ ва ё мақомоти судӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

ҚАРОРИ

ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 25 сентябри соли 2015, №587 шаҳри Душанбе

«Дар бораи Тартиби вогузор намудани функсияҳои мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак, деҳот, ташкилотҳо ва бастани шартномаи маъмурӣ»

Мутобиқи моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва бо мақсади танзими расмиёти вогузор намудани функсияҳои ҳокимияти иҷроия ба мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ва ташкилотҳо, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1. Тартиби вогузор намудани функсияҳои мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак, деҳот, ташкилотҳо ва бастани шартномаи маъмурӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ва ташкилотҳо иҷрои Тартиби мазкурро дар доираи ваколатҳои худ таъмин намоянд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 25 сентябри соли 2015, №587
тасдиқ шудааст

ТАРТИБИ
вогузор намудани функсияҳои мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак, деҳот, ташкилотҳо ва бастани шартномаи маъмурӣ

1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби вогузор намудани функсияҳои мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак, деҳот, ташкилотҳо ва бастани шартномаи маъмурӣ (минбаъд-Тартиб) тибқи моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия шуда, расмиёти вогузор намудани функсияҳои дорои хусусияти ёрирасон ё хизматрасонӣ ба аҳолӣ (минбаъд-функсияҳо)-ро аз ҷониби мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ба зиммаи мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ва ташкилотҳо, инчунин иштироки тарафҳоро дар таҳия, ба имзо расонидани шартномаи маъмурӣ ва амалӣ кардани он муайян менамояд.

2. Амали Тартиби мазкур ба мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ва ташкилотҳо, ки дар раванди вогузор намудани функсияҳо иштирок менамоянд, татбиқ мегардад.

3. Ба мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ва ташкилотҳо функсияҳои назоратии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, ба истисноии ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ вогузор карда намешаванд.

2. ТАРТИБИ ВОГУЗОР НАМУДАНИ ФУНКСИЯҲО

4. Мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ метавонанд функсияҳои худро дар доираи талаботи қонунгузорӣ ба зиммаи мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ё ташкилотҳо вогузор намоянд.

5. Мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ метавонанд функсияҳои худро ба зиммаи мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот

ё ташкилотҳо дар асоси шартномаи тарафҳо бо маблағгузории функсияҳои мазкур вогузор намоянд.

6. Вогузор намудани функсияҳои мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дар ҳолатҳои зайл амалӣ карда мешавад:

-агар чунин имконият тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ ва танзим шуда бошад;

-агар вогузор намудани функсияҳо аз нигоҳи иқтисодӣ асоснок шуда бошад;

-агар ҳангоми иҷрои функсияҳо сифати иҷрои онҳо халалдор нагардад ва ба манфиатҳои ҷомеа зарар наоварад.

7. Бо ташаббуси вогузор намудани функсияҳо метавонанд баромад намоянд:

-мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ;

-Маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо;

-Раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо;

-мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

-мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, ташкилотҳо.

8. Раванди вогузор намудани функсияҳо чунин сурат мегирад:

-мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, ташкилотҳо бо дархости хаттӣ ва асосноккунӣ дар бораи ба онҳо вогузор намудани функсияҳои дахлдори мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ба раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо муроҷиат менамоянд. Раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо дархостро омӯхта, дар сурати ҷой доштани зарурат ба мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дархости хаттӣ ва ҳуҷҷатҳои асоснок манзур менамоянд;

-дар дархости мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, ташкилотҳо, раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо номгӯи функсияҳои вогузоршаванда, асосҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, асосноккунии иқтисодӣ, зарурат ва мақсади гирифтани функсияҳои дахлдор нишон дода мешаванд;

-мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ пас аз гирифтани дархост масъаларо мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, дар ҳолати асоснок будани он ба ҷаласаи ҳайати мушовара пешниҳод менамоянд;

-пас аз баррасии масъала дар ҷаласаи ҳайати мушовара бо қарори он функсияҳои дахлдори мақомоти иҷроияи марказии

ҳокимияти давлатӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ё ташкилотҳо вогузор карда мешаванд;

-қарори ҳайати мушовара дар бораи вогузор намудани функсияҳо ба раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо ирсол карда мешавад;

-бо дарназардошти пешбинӣ шудани маблағҳо барои иҷрои функсияҳо раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо қарори ҳайати мушовараро ба баррасии Маҷлиси вакилони халқи дахлдор пешниҳод менамоянд;

-пас аз қабули қарори Маҷлиси вакилони халқи дахлдор дар бораи маъқул донистани қарори ҳайати мушовараи мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ қарорҳои ҳайати мушовара ва Маҷлиси вакилони халқи дахлдор ба мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ё ба ташкилотҳо манзур карда мешаванд;

-маҷлиси Ҷамоат, ташкилотҳо қарори Маҷлиси вакилони халқи дахлдорро баррасӣ карда, оид ба вогузор шудани функсияҳои дахлдори мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ё ташкилотҳо қарор қабул менамоянд.

9. Маҷлисҳои вакилони халқ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо низ бо риояи банди 8 Тартиб метавонанд оид ба вогузор намудани функсияҳо ба мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ё ташкилотҳо ба мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дархост пешниҳод намоянд.

10. Мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ метавонанд бе дархости мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Маҷлисҳои вакилони халқ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, ташкилотҳо пас аз омӯзиши масъалаҳои дахлдори маҳаллӣ баъзе функсияҳояшонро ба мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ё ташкилотҳо вогузор карда, бо риояи муқаррароти сархатҳои панҷум-ҳаштуми банди 8 Тартиби мазкур ҳуҷҷатгузорию қабули қарорҳоро анҷом диҳанд.

11. Дар қарорҳои ҳайати мушовараи мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо, Маҷлисҳои вакилони халқ, маҷлисҳои ҷамоатҳо, ташкилотҳо, асосҳои ҳуқуқӣ, зарурат ва мақсади вогузор намудани функсияҳо, номгӯи функсияҳои вогузоршаванда, мӯҳлати додани онҳо пешбинӣ карда мешаванд. Дар қарорҳо нишон дода мешавад, ки вогузор намудани функсияҳо бо бастани шартномаи маъмурӣ амалӣ мегардад.

3.ТАРТИБИ ТАҲИЯИ ШАРТНОМАИ МАЪМУРӢ БА МАҚОМОТИ ХУДИДОРАКУНИИ ШАҲРАК, ДЕҲОТ, ТАШКИЛОТҲО ВА БАСТАНИ ШАРТНОМАИ МАЪМУРӢ

12. Шартномаи маъмурӣ (минбаъд-шартнома) баъди анҷом додани расмиёти дар банди 8 Тартиби мазкур пешбинишуда байни мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ё ташкилотҳо баста шуда, дар ин хусус ба аҳолӣ иттило дода мешавад.

13. Дар матни шартнома номи мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, ташкилотҳо, ки ба зиммаи онҳо функсияҳо вогузор карда мешаванд, самти фаъолият, зарурати бастани шартнома, вазифаҳо, мақсад, кафолатҳо, мӯҳлати амали шартнома, ҳуқуқу уҳдадориҳо, масъулияти тарафҳо, ваколати тарафҳо, тартиби тағйир додан ва қатъ намудани амали шартнома, аз ҷумла пеш аз мӯҳлат, расонидани хизматрасонии ройгон ё музднок, шарти пардохти маблағҳо, махфӣ нигоҳ доштани маълумот, суроғаҳои ҳуқуқӣ, имзои тарафҳо ва дигар шартҳо пешбинӣ мешаванд.

14. Шартнома иҷрои шартҳои муайяншударо метавонад ба тариқи ройгон ё музднок пешбинӣ намояд.

15. Дар шартнома оид ба пардохти иҷрои функсияҳо бо розигии тарафҳо гузаронидани маблағ, инчунин дарҷ намудани суроғаҳои ҳуқуқии тарафҳо (суроға, телефон, факс, рақами суратҳисоби бонкӣ, номи бонк, рақами мушаххаси андозсупоранда) муқаррарот муайян карда мешавад.

16. Мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллиии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, ташкилотҳо барои иҷрои шартҳои шартнома ҳуқуқу уҳдадориҳои баробар дошта, вазифадоранд талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намоянд.

17. Шартнома аз ҷониби мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ дар ду нусха ба забони давлатӣ таҳия гардида, ба ҷониби дахлдор пешниҳод карда мешавад. Шартнома аз ҷониби тарафҳо имзо шуда, бо муҳр тасдиқ мегардад ва ҳар як тараф ҳуқуқи доштани як нусхаи аслӣ ҳуқуқ дорад.

18. Шартнома аз лаҳзаи ба имзо расидан эътибори ҳуқуқӣ пайдо карда, функсияҳо вогузоршуда ҳисоб мешаванд.

19. Дар давраи амали шартнома тарафҳо оид ба вогузор намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои дар шартнома пешбини намудаи худ ба тарафи сеюм ҳуқуқ надоранд.

20. Тағйир додан, боз доштан ва қатъ намудани шартнома бо мувофиқаи тарафҳо тибқи қонунгузорӣ амалӣ карда мешавад.

4.МАБЛАҒГУЗОРИИ ИҶРОИ ФУНКСИЯҲО

21. Дар сурати пешбинӣ шудани пардохти иҷрои функсияҳо дар шартнома бояд меъёр ва ҳаҷми маблағгузорӣ муқаррар карда шавад.

22. Маблағгузории иҷрои функсияҳо аз ҳисоби маблағҳои дар буҷети дахлдори давлатӣ пешбинишуда амалӣ мегардад.

23. Пардохти маблағ барои иҷрои функсияҳо дар асоси меъёрҳои муқаррарнамудаи мақомоти ваколатдор муайян гардида, тақсимоти он ҷиҳати иҷрои функсияҳо ба мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ва ташкилотҳо тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

24. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳуқуқ доранд барои амалӣ намудани функсияҳои вогузорнамудаи мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ захираҳои молиявӣ ва моддии иловагии худро ҷалб намоянд.

5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

25. Мӯҳлати пешниҳоди дархости тарафҳо, баррасӣ, қабули қарорҳо, ба имзо расондани шартнома, дар маҷмӯъ, набояд аз се моҳ бештар бошад.

26. Дар сурати ба мувофиқа нарасидан барои вогузор намудани функсияҳо ҷониби дахлдор дар муҳлати як моҳ пас аз гирифтани дархост бо асосноккунӣ оид ба рад ба таври хаттӣ ба ҷониби дигар хабар медиҳад.

27. Баҳсҳои байни тарафҳо ҳангоми иҷрои функсияҳо ба вуҷудомада, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешавад.

ҚАРОРИ
ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 25 сентябри соли 2015, №590 ш.Душанбе

«Дар бораи бақайдгирии басти вазифаҳои хизматчиёни давлатӣ ва сметаҳои хароҷоти нигоҳдории дастгоҳи мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти судӣ ва прокуратура, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби мақомоти молия»

Мутобиқи моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва бо мақсади таъмини шаффофият ва дақиқии ташкили воҳидҳои сохторӣ, назорати хароҷоти дуруст ва мақсадноки маблағҳои буҷетӣ барои нигоҳдории дастгоҳи мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти судӣ ва прокуратура, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1. Мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти судӣ ва прокуратура, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бақайдгирии басти вазифаҳои хизматчиёни давлатӣ ва сметаҳои хароҷоти нигоҳдории дастгоҳи марказӣ ва мақомоти тобеи дар нақшаи идоракунии онҳо пешбинишударо ҳамасола то 1 майи соли молиявӣ анҷом диҳанд.

2. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузории пардохти музди меҳнати хизматчиёни давлатии мақомоти ба кайд гирифташавандаро аз рӯи варақаи бақайдгирии басти вазифаҳои хизматчиёни давлатӣ, ки аз ҷониби мақомоти дахлдори молия дода шудааст, таъмин намояд.

3. Бақайдгирии басти вазифаҳои хизматчиёни давлатӣ ва сметаи хароҷоти нигоҳдории мақомоти ба қайд гирифташаванда бо тартиби зерин амалӣ карда шавад:

-дастгоҳи марказии вазорату идораҳо ва мақомоти тобеи дар нақшаи идоракунии онҳо пешбинишуда, ки аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузорӣ карда мешаванд, - дар Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-дастгоҳи раис ва сохтори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятӣ, ки аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ маблағгузорӣ мешаванд,

- дар сарраёсатҳои молияи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоятҳо;

-дастгоҳи раис ва сохтори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо, ки аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ маблағгузорӣ мешаванд,

- дар раёсатҳои молияи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳрҳо ва ноҳияҳо аз рӯи маҳалли ҷойгиршавӣ.

4. Тартиби намунавии ташаккули воҳидҳои сохтории дастгоҳ ва воҳидҳои тобеи мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

5. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон:

а) ҳангоми бақайдгирии басти вазифаҳои хизматчиёни давлатии мақомоти давлатӣ таносуби зерини шумораи мансабҳои категорияҳои алоҳидаи хизматчиёни давлатиро ба асос гирад: мансабҳои роҳбарикунанда (роҳбарон, муовинони роҳбарон, сардорони сарраёсатҳо, раёсатҳо ва муовинони онҳо, сардорони (мудирони) шӯъба ва мудири бахш) на зиёда аз 26 фоизи шумораи умумии воҳидҳои кории хизматчиёни давлатиро ташкил мекунад; мансаби сармутахассие на зиёда аз 35 фоизи шумораи умумии воҳидҳои кории хизматчиёни давлатиро ташкил мекунад; мансаби мутахассиси пешбар на зиёда аз 25 фоизи шумораи умумии воҳидҳои кории хизматчиёни давлатиро ташкил мекунад; мансаби мутахассис на зиёда аз 14 фоизи шумораи умумии воҳидҳои кории хизматчиёни давлатиро ташкил мекунад; иҷрои таносуби шумораи мансабҳои категорияҳои алоҳидаи хизматчиёни давлатии зикргардида барои ҳар як дастгоҳи марказии мақомотиба қайд гирифташавандаи мақомоти давлатӣ ва мақомоти тобеи он, инчунин воҳидҳои сохториашон ҳатмӣ мебошад;

б) ҳангоми бақайдгирии басти вазифаҳои хизматчиёни давлатӣ ва сметаи хароҷоти нигоҳдории дастгоҳи мақомоти давлатӣ, дар сурати ошкор гардидани фарқият дар музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ, тағйирот ворид намояд;

в) дастурамал оид ба тартиби бақайдгирии басти вазифаҳои хизматчиёни давлатӣ ва сметаи хароҷоти нигоҳдории дастгоҳи мақомотииҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти судӣ ва прокуратура, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби мақомоти молияро таҳия ва тасдиқнамуда, ба вазорату идораҳои дахлдор барои истифодабарии хизматӣ пешниҳод намояд.

6. Аз эътибор соқит дониста шаванд:

қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 марти соли 1993, № 118 «Дар бораи бақайдгирии ҷадвали штатӣ ва сметаи

хароҷоти нигоҳдории дастгоҳи мақомоти идораи давлатӣ аз ҷониби мақомоти молия»;

банди 3 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2005, №478-14 «Дар бораи тадбирҳои татбиқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2005, №1624»;

банди 6 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2006, №124 «Дар бораи тадбирҳои татбиқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 2006, №1716».

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

Бо қарори Ҳукумати
Бо карори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 25 сентябри соли
2015, №590 тасдиқ шудааст

Тартиби намунавии ташаккули воҳидҳои сохтории дастгоҳ ва воҳидҳои тобеи мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ

1. Муқаррароти умумӣ

1. Тартиби намунавии ташаккули воҳидҳои сохтории дастгоҳ ва воҳидҳои тобеи мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ (минбаъд - Тартиби намунавӣ) дар асоси моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардида, сохтори идоракунӣ, шакл, меъёри шумораи воҳидҳои корӣ ва муносибатҳои мутақобилаи воҳидҳои сохтории мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти судӣ ва прокуратура, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро муайян менамояд.

2. Сохтори дастгоҳи мақомоти давлатӣ аз воҳидҳои сохтории функсионалӣ-соҳавӣ, ҳудудӣ, функсионалӣ, байнисоҳавӣ, инчунин ёрирасон, ки амалӣ намудани вазифаҳои асосӣ, функсия ва ваколати онҳоро таъмин менамоянд, иборат аст.

3. Сохтори дастгоҳи марказӣ, Нақшаи идоракунӣ ва шумораи умумии хизматчиёни давлатии мақомоти давлатӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикиотон ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти талаботи Тартиби намунавии мазкур тасдиқ карда мешавад.

4. Барои таъмини фаъолияти мақомоти давлатӣ ва амалӣ намудани ваколатҳои онҳо дастгоҳи марказии мақомоти давлатӣ таъсис дода мешавад, ки дар доираи шумораи умумии муқарраргардидаи хизматчиёни давлатӣ аз роҳбарият ва воҳидҳои сохторӣ иборат мебошад.

5. Бо мақсади ба низом овардани маҷмӯи функсияҳо ва ваколатҳои дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайянгардидаи мақомоти давлатӣ, воҳидхои сохтории дастгоҳи марказӣ ва воҳидҳои тобеи дар нақшаи идоракунии мақомоти давлатӣ ташкил карда мешаванд.

6. Воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ ва воҳидҳои тобеи дар нақшаи идоракунии мақомоти давлатӣ пешбинишуда мутобиқи

хусусияти самтҳои фаъолият гурӯҳбандӣ шуда, дар маҷмӯъ идоракунии мақомоти давлатиро таъмин менамоянд.

7. Сохтори дастгоҳи марказии мақомоти давлатӣ бояд тафриқаи ваколат вавазифаҳои воҳидҳои сохтори мустақили ба он дохилшударо дақиқ муайян намояд.

8. Воҳидҳои сохторӣ барои амалӣ намудани як ё якчанд вазифа, ӯҳдадориҳои асосӣ, функсия ва ваколатҳои ба мақомотидавлатӣ вогузоршуда масъул мебошанд.

9. Воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ шахси ҳуқуқӣ ҳисоб намеёбанд. Онҳо воҳидҳои ташкилию иҷроиявии таъминкунанда ва батанзимдароварандаи фаъолияти дастгоҳи марказӣ буда, қисми таркибии ҷудонашавандаи дастгоҳи марказии дахлдори мақомоти давлатӣ ба ҳисоб мераванд.

2. Шаклҳои воҳидҳои сохторӣ

10. Воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ ва воҳидҳои тобеи дар нақшаи идоракунии мақомоти давлатӣ пешбинишуда вобаста ба вазъи ҳуқуқӣ, вазифаҳо, функсияҳо, ваколатҳо, ҳаҷм ва мураккабии вазифаҳо, гуногунии самтҳои фаъолият, бо дарназардошти шумораи умумии воҳидҳои кории хизматчиёни давлатии тасдиқ гардида, метавонанд дар шаклҳои зерин ташкил карда шаванд:

- сарраёсат; - раёсат (мустақил);
- раёсат дар таркиби сарраёсат;
- шӯъба (мустақил);
- шӯъба дар таркиби сарраёсат, раёсат;
- бахш (мустақил);
- бахш дар таркиби сарраёсат, раёсат.

11. Сарраёсат, раёсат мувофиқан зинаи болоии воҳиди сохторӣ буда, фаъолияташон ба иҷрои вазифаҳо, функсияҳо, ваколатҳои мақомоти давлатӣ равона карда шудааст.

12. Шӯъба (дар сурати мавҷуд будани сарраёсат, раёсат) зинаи миёнаи воҳиди сохторӣ буда, вазифаҳо, функсияҳо, ваколатҳои мақомоти давлатиро дар доираи салоҳияташ иҷро менамояд. Шӯъба дар шакли мустақил ва дар таркиби сарраёсат, раёсат таъсис дода мешавад.

13. Бахш ҳамчун зинаи поёнии воҳидҳои сохторӣ дар шакли мустақил ва дар таркиби сарраёсат, раёсат вазифаҳо, функсияҳо, ваколатҳои мақомоти давлатиро дар доираи салоҳияташ амалӣ менамояд.

14. Сарраёсат, раёсат, шӯъба ва бахш бо ҳаҷми кор, самтҳои фаъолият, ҳаҷм ва мураккабии вазифаҳо ва ӯҳдадориҳо, функсия ва ваколатҳо, бо дарназардошти шумораи умумии воҳидҳои корӣ, аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

15. Дигар шаклҳои воҳидҳои сохториро санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамоянд.

3. Самтҳои асосии фаъолияти воҳидҳои сохторӣ

16. Самтҳои асосии фаъолияти воҳидҳои сохторӣ татбиқи вазифаҳо ва функсияҳои мақомоти давлатӣ, дигар вазифаҳое, ки аз ҷониби роҳбари мақомоти давлатӣ ба зиммаи воҳидҳои сохторӣ гузошта мешавад, мебошад.

17. Фаъолияти воҳидҳои сохторӣ дар низомномаи онҳо, ки аз ҷониби роҳбари мақомоти давлатӣ мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад, пешбинӣ мегардад.

4. Меъёри шумораи воҳидҳои кории воҳидҳои сохторӣ

18. Шумораи воҳидҳои кории воҳидҳои сохтории мақомоти давлатӣ, бо дарназардошти ҳаҷми кор, иҷрои вазифаҳо ва функсияҳо аз рӯи меъёрҳои зерин ташкил карда мешавад:

- сарраёсат иборат - аз 2 ва зиёда раёсат, шӯъбаҳо ва бахшҳо на кам аз 20 воҳиди корӣ;
- раёсати мустақил ё раёсат дар таркиби сарраёсат иборат - аз 1 ё зиёда шӯъба ва 2 бахш - на кам аз 7 воҳиди корӣ;
- шӯъбаи мустақил ё шӯъ ба дар таркиби сарраёсат ва раёсат - на кам аз 4 ва на зиёда аз 6 воҳиди корӣ;
- бахши мустақил ё бахш дар таркиби сарраёсат ва раёсат - на кам – аз 2 ва на зиёда аз 3 воҳиди корӣ.

19. Барои сарраёсат, раёсат, шӯъба ва бахш воҳиди кории сардор (мудир) пешбинӣ карда мешавад. Сардори сарраёсат, раёсат метавонад як муовин дошта бошад, ки он дар як вақт муовини сардори сарраёсат сардори раёсат ва муовини сардори раёсат - сардори шӯъбаи (мудири) тобеъ мебошад. Дар мавриди ҷудогона аз рӯи ӯҳдадориҳои иловагӣ сардори сарраёсат метавонад як муовини озод дошта бошад, инчунин дар сурате, ки раёсат дар таркиби худ воҳидҳои сохторӣ надошта бошад, сардори раёсат метавонад як муовини озод дошта бошад.

20. Дар дастгоҳи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти давлатии даҳлдори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сардори шӯъба метавонад як муовин дошта бошад.

21. Мансабҳои давлатии воҳидҳои сохтории мақомоти давлатӣ дар Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда мешаванд.

5. Таносуби байни шумораи мансабҳои давлатии воҳидҳои сохторӣ

22. Таносуби байни шумораи мансабҳои давлатӣ дар воҳидҳои сохтории мақомоти давлатӣ чунин муқаррар карда мешавад:

- мансабҳои роҳбарикунанда (роҳбарон, муовинони роҳбарон, сардорони сарраёсат, раёсат ва муовинони онҳо, сардорони (мудирони) шӯъба ва мудири бахш) - на зиёда аз 26 фоизи шумораи умумии воҳидҳои кории хизматчиёни давлатӣ;
- мансаби сармутахассис - на зиёда аз 35 фоизи шумораи умумин воҳидҳои кории хизматчиёни давлатӣ;
- мансаби мутахассиси пешбар - на зиёда аз 25 фоизи шумораи умумии воҳидҳои кории хизматчиёни давлатӣ;
- мансаби мутахассис - на зиёда аз 14 фоизи шумораи умумии воҳидҳои кории хизматчиёни давлатӣ.

23. Таносуби шумораи мансабҳои давлатии дастгоҳи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти судӣ ва прокуратура тибқи сохтори тасдиқгардидаи онҳо дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби раисони Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти давлатии дахлдор муайян карда мешавад.

6. Ташаккули воҳидҳои сохторӣ

24. Ташаккули (такмил, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба сохтор, нақшаи идоракунӣ) воҳидҳои сохторӣ ҳангоми таҷдиди сохтор дар асоси фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо риояи Тартиби намунавии мазкур амалӣ карда мешавад.

25. Роҳбари мақомоти давлатӣ танҳо баъди қабули санади меъёрии ҳуқуқии дахлдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи шумораи хизматчиёни давлатии пешбинишуда тибқи талаботи Тартиби намунавии мазкур дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон басти вазифаҳои хизматчиёни давлатиро таҳия ва тасдиқ менамояд.

7. Нигоҳдорӣ ва таъмини фаъолияти воҳидҳои сохторӣ

26. Нигоҳдорӣ ва таъминоти моддию техникии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ҳайати техникӣ ва хизматрасонӣ

тибқи сметаи хароҷоти нигоҳдории дастгоҳи мақомоти давлатӣ барои соли молиявӣ пешбинишуда амалӣ мегардад.

27. Музди меҳнати кормандони роҳбарикунанда, сармутухассис, мутухассиси пешбар ва мутахассиси раёсат, шӯъба ва бахши сохтмони асосӣ, назорати техникии сохтмони асосии назди мақомоти давлатӣ баробар ба музди меҳнати хизматчиёни давлатии категорияҳои дахлдори мансабҳои раёсат, шӯъба ва бахши мақомоти давлатӣ муайян карда мешавад.

28. Ташаккули воҳидхои сохтории кормандони ҳайати техникӣ ва хизматрасонии мақомоти давлатӣ дар асоси шартномаи (Қарордоди) мехнатӣ аз рӯй ҳаҷми кор дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

29. Музди меҳнати кормандони ҳайати техникӣ ва хизматрасонии мақомоти давлатӣ, ки номгӯи мансабҳо ва касбҳои он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад, дар асоси шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ, вале на камтар аз андозаи музди меҳнати ҳадди ақали амалкунанда ва на зиёда аз музди меҳнати мутахассиси мақомоти давлатии дахлдор дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

30. Ба ронандагони мошинҳои сабукрави хизматии мақомоти давлатӣ барои кори ғайримеъёрӣ дар рӯзи корӣ - ба андозаи 25 фоиз ва ба ронандагоне, ки дараҷаи якум доранд, - 25 фоиз ва дараҷаи дуюм доранд, 10 фоиз аз маоши вазифавиашон иловапулӣ муқарраркарда мешавад.

8. Муқаррароти хотимавӣ

31. Тартиби ҳисоботдиҳанда будан ва тобеияти воҳидҳои сохторӣ дар низомномаҳои мақомоти давлатӣ, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад, пешбинӣ мешавад.

32. Дар сурати риоя нагардидани талаботи Тартиби намунавии мазкур зимни ташаккули воҳидҳои сохторӣ масъулият ба зиммаи роҳбари мақомоти давлатӣ вогузор карда мешавад

ҚАРОРИ
ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 1 июни соли 2017, №276 ш. Душанбе

«Дар бораи Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид ба муроҷиатҳои шахсони воҷеӣ ва ҳуқуқӣ»

Мутобиқи моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воҷеӣ ва ҳуқуқӣ» ва моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва бо мақсади танзими ягонаи коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид ба муроҷиатҳои шахсони воҷеӣ ва ҳуқуқӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1. Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид ба муроҷиатҳои шахсони воҷеӣ ва ҳуқуқӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 сентябри соли 1998, №345 «Дар бораи тасдиқ кардани Дастурамали коргузорӣ бо муроҷиатҳои шаҳрвандон» аз эътибор соқит дониста шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «1» июни соли 2017, № 276
тасдиқ шудааст

Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид ба муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ

1. Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид ба муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ (миибаъд - Тартиб) қоидаҳои пешбурди коргузорӣ ва баҳисобгирии омориро аз рӯи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳо, муассисаҳо, корхонаҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ (минбаъд - мақомоту ташкилоти дахлдор), муайян мекунад.

2. Амали Тартиби мазкур ба пешбурди коргузорӣ аз рӯи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки нисбат ба онҳо бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигари пешниҳод ва баррасӣ пешбннӣ шудааст, татбиқ намегардад.

3. Муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба мақомоту ташкилоти дахлдор дар шакли хаттӣ, электронӣ ё шифоҳӣ пешниҳод карда мешаванд.

4. Муроҷиатҳое, ки ба мақомоту ташкилоти дахлдор ворид мешаванд, бояд дар варақаи бақайдгирин назоратӣ (замимаи № 1) ва дар дафтарҳои баҳисобгирии оморӣ (замимаҳои 2, 3, 4 ва 5) ба таври марказонидашуда ба қайд гирифта шаванд. Муроҷиатҳои шифоҳӣ дар рафти қабули шахсӣ, ки санҷиши иловагиро талаб менамоянд, ҳамчун муроҷиатхои хаттӣ ба қайд гирифта мешаванд. Муроҷиатҳои электронӣ тибқи тартиб ва муҳлатҳои муқарраргардидаи қонун мавриди баррасӣ карор дода мешаванд.

5. Ҳангоми ворид шудани микдори начандон зиёди муроҷиат (соле то 100 дона) варақаи бақайдгирии назоратӣ тартиб дода нашуда, онҳо танҳо дар дафтарҳо ба қайд гирифта мешаванд. Лифофаҳои онҳо дар мавридҳое нигоҳ дошта мешаванд, ки агар танҳо аз рӯи онҳо суроҷаи ирсолкунандаро муқаррар кардан мумкин бошад, ё агар санаи муҳри почта барои тасдиқ намудани вақти фиристодан ва гирифтани муроҷиатнома, иичунин дар дигар мавридҳо зарур шаванд. Дар сурати шахсан қабул кардани шахси воқеӣ ва намояндаи шахси ҳуқуқӣ, муроҷиатҳои хаттию шифоҳии онҳо низ бояд дар дафтарҳои дахлдор ё варақаҳои бақайдгирии назоратӣ ба таври марказонидашуда қайд карда шаванд. Шохиси бақайдгирии муроҷиат дар муҳри бақайдгарӣ нишон дода мсшавад, ки ҷои гузориш ва шакли онро стандарти

давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад. Шохиси бақайдгирӣ аз ҳарфи аввали насаби муаллиф ва рақами тартибии муроҷиати воридшуда (масалан, А-117) иборат мебошад. Шохиси бақайдгирӣ бо дигар аломатҳое, ки мураттабсозӣ, ҷустуҷӯ, таҳлил ва беосеб нигоҳ дошта шудани муроҷиатҳои шаҳрвандонро таъмин менамоянд, пурра шуда метавонад.

6. Ба муроҷиатҳои такрории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми ворид шудани онҳо шохиси навбатии бақайдгирӣ дода мешавад ва дар сутуни дахлдори варақаҳои бақайдгирии назоратӣ шохиси бақайдгирии муроҷиати якум нишон дода мешавад. Дар кунҷи рости болои муроҷиати такрорӣ ва варақаҳои бақайдгирии назоратӣ аломати «такроран» гузошта шуда, аз рӯи он тамоми мукотибаи пештара бардошта мсшавад. Муроҷиатҳои ҳамон як шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз рӯи ҳамон як масъала, ки ба суроҷаҳои гуногун фиристода шудаанд ва барои дида баромадан ба ҳамон як мақомоту ташкилоти дахлдор ворид шудаанд, дар зери шохиси бақайдгирии муроҷиати якум бо илова кардани рақами тартибӣ бо касра (масалан, А-117/1, А117/2) ба ҳисоб гирифта мешавад.

7. Миқдори нусхаҳои варақаҳои бақайдгирии назоратӣ оморӣ дар асоси зарурати таъмин намудани баҳисобгирӣ, кори маълумотгирӣ, назорати иҷрои супориш аз рӯи муроҷиат ва таҳлили онҳо муайян карда мешаванд. Картотекаҳо мувофиқи насаб ё номи шахси ҳуқуқӣ ки аз онҳо муроҷиат ворид шудаанд, бо пайдарҳамии ҳуруфи алифбо метавонанд тартиб дода шаванд.

8. Муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба мақомоту ташкилотҳои дахлдор аз ҷойҳои гуногун фиристода шуда, маълум кардани натиҷаҳои дида баромадани муроҷиатро талаб мекунанд, таҳти назорати махсус гирифта мешаванд. Дар ин маврид дар ҳамаи нусхаҳои варақаҳои бақайдгирии назоратӣ ва муроҷиатҳо дар ҷои муқарраркардаи стандарти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳри «Назорат» ё аломати «Н» гузошта мешавад. Муроҷиатҳое, ки ба онҳо ҷавоби пешакӣ дода мешавад, аз назорат гирифта намешаванд. Назорат танҳо баъди баррасии он ва андешидани ҳамаи чораҳо аз рӯи ҳалли муроҷиат ба анҷом мерасад. Дар бораи аз назорат бардоштани муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз тарафи роҳбарон ва дигар шахсони мансабдори мақомоту ташкилотҳои дахлдор, ки барои сари вақт ва дуруст дида баромадани муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ масъуланд, қарор кабул карда мешавад.

9. Ба муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ роҳбарон ва дигар шахсони мансабдори ваколатдори мақомоту ташкилотҳои дахлдор ҷавоб медиҳанд. Ҷавоб метавонад дар шакли хаттӣ, элсктронӣ, тавассути алоқаи телефонӣ (мобилӣ) ва ё дар шакли шифоҳӣ дода

шавад. Дар сурати додани ҷавоби шифоҳӣ ва электронӣ ба варақаҳои бақайдгирии назорати қайди дахлдор гузошта мешавад. Шохиси ҷавоб аз шохиси бақайдгирӣ ва рақами парванда (аз рӯи феҳрист) иборат буда, ба он мукотиба аз рӯи ҳамин масъала дӯхта мешавад. Муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳамон вақт ҳалшуда ҳисоб меёбанд, ки агар ҳамаи масъалаҳои дар онҳо ба миён гузошташуда баррасӣ шуда, аз рӯи онҳо чораҳои зарурӣ дида шудаанд ва мутобиқи қонунгузории амалкунанда ба онҳо ҷавобҳои пурра дода шуда бошанд. Мазмуни мухтасари ҷавоб аз рӯи муроҷиат, инчунин сана ва рақами он дар дафтар ва варақаҳои бақайдгирии назоратӣ навишта мешаванд. Муроҷиатҳои баррасишуда якҷоя бо мукотибаи ба онҳо тааллуқдошта аз рӯи тартиби муқарраршуда дар бойгонии мақомоту ташкилотҳои дахлдор нигоҳ дошта мешаванд.

10. Роҳбарон ва ё бо супориши онҳо шахсони дигари мансабдори мақомоту ташкилотҳои дахлдор муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва мулоҳизаҳои амалии дар онҳо баёнёфтаро ба мақсади сари вақт ошкор ва бартараф намудани вайронкунии ҳуқуқу манфиатҳои бо қонун муҳофизатшавандаи шаҳрвандон, инчунин такмил додани кори мақомоту ташкилоти дахлдор, мунтазам таҳлил ва ҷамъбаст менамоянд. Маводро барои таҳлил ва ҷамъбаст шахсони мансабдори пешбарандаи коргузорӣ аз рӯи муроҷиатҳои шахсони воқсӣ ва ҳуқуқӣ тайёр мекунанд ва онҳоро дар шакли маълумотномаҳои таҳлилӣ ба расмият дароварда, ба роҳбарони мақомоту ташкилотҳои дахлдор ҳар сол то 10 январ пешниҳод менамоянд. Шаклҳои ҳисоботи оморӣ ва дастурамал оид ба тартиби ҷамъоварӣ дар барномаи корҳои оморӣ, ки ҳар сол бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад, пешбинӣ карда мешаванд. Маълумотномаҳои таҳлилӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба омор таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон псшниҳод карда мешаванд.

11. Муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва:ҳуқуқӣ бояд баъди ҳалли онҳо ба шахсони мансабдоре, ки аз рӯи онҳо коргузориро пеш мебаранд, бо ҳамаи маводи ба онҳо тааллуқдошта ва нусхаи варақаи бақайдгирии назоратӣ барои ба таври мутамарказ тартиб додани парванда ва картотека баргардонида шаванд. Тартиб додан ва дар пешбурди иҷрокунанда нигоҳ доштани парвандаҳо манъ аст. Ҳар як муроҷиат баъди ҳалли ниҳоӣ ва иҷрои он бояд навиштаҷоти «ба парванда» дошта, он аз тарафи шахси мансабдори ин қарорро қабулкарда шахсан имзо карда шавад. Муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, нусхаҳои ҷавобҳои вобаста ба халли онҳо, инчунин ҳуҷҷатҳо оид ба қабули шахсии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ (намояндагони онҳо) мувофиқи феҳристи тасдиқшудаи парвандаҳои мақомоту ташкилоти

дахлдор дар парванда ба тартиб андохта мешаванд. Ҳуҷҷатҳо дар ин парвандаҳо аз рӯи тартиби хронологӣ ё алифбоӣ ҷойгир карда мешаванд. Ҳар як муроҷиат ва ҳамаи ҳуҷҷатҳои вобаста ба ҳалли он дар парванда гурӯҳи мустақилро ташкил менамоянд. Дар мавриди гирифтани муроҷиати такрорӣ ё пайдо шудани ҳуҷҷатҳои иловагӣ, онҳо ба ҳамин гурӯҳи ҳуҷҷатҳо дӯхта мешаванд. Ҳангоми ба тартиб андохтани парвандаҳо дурустии дар парванда ҷой додани ҳуҷҷатҳо, пуррагии (комилӣ) онҳо тафтиш карда мешавад. Муроҷиатҳои ҳалнашудаи шаҳрвандон, инчунин ҳуҷҷатҳои нодуруст ба тартиб андохташударо ба парванда дӯхтан манъ аст. Муқоваи парванда бояд мувофиқи стандарти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шавад. Баъди ҳаллу фасл шудани муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дӯхтани мавод аз руйи онҳо бо ду тарз амалӣ карда мешавад:

- дӯхтани маводи мазкур ба феҳристи парвандаҳо;
- ҷамъ овардани ҳар як мавод дар ҷузгирӣ алоҳида.

12. Мақомоту ташкилотҳои дахлдор муроҷиатҳоро нигоҳ дошта, онҳоро ҳамчун маълумотнома ё бо дигар мақсадҳо истифода мебаранд. Масъулият барои нигоҳ доштани ҳуҷҷатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба зиммаи роҳбарони мақомоту ташкилотҳои дахлдор ва шахсони мансабдори бо ҳамин категорияи ҳуҷҷатҳо коркунанда вогузор карда мешавад. Муҳлати нигоҳ доштани ҳуҷҷатҳо оид ба муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мувофиқи тартиби муқарраршудаи рӯйхатҳои тасдиқшудаи ҳуҷҷатҳое, ки дар фаъолияти мақомоту ташкилотҳои дахлдор ба вуҷуд меояд, муайян карда мешавад. Чун қоида, муҳлати панҷсолаи нигоҳ доштани муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз тарафи комиссияи экспертию санҷишӣ муайян карда мешавад, яъне пас аз гузаштани муҳлати панҷсолаи нигоҳ доштани муроҷиатҳо ҳуҷҷатҳо аз нав баррасӣ шуда, муҳлати ниҳоии нигоҳдории онҳо муайян карда мешавад ё қарор дар бораи несткунии онҳо бароварда мешавад.

13. Парвандаҳое, ки доимӣ, инчунин дарозмуддат (зиёда аз 10 сол) нигоҳ дошта мешаванд, ба бойгонии мақомоту ташкилотҳои дахлдор баъди як соли анҷом ёфтани коргузории онҳо супорида мешаванд. Парвандаҳое, ки муваққатан (то 10 сол) нигоҳ дошта мешаванд, бо салоҳдиди роҳбари мақомоту ташкилоти дахлдор ба бойгонӣ супорида мешаванд.

14. Назорати сари вақт баррасӣ ва ҳал намудани муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар мақомоту ташкилотҳои дахлдор ба зиммаи роҳбари онҳо гузошта мешавад, ки онҳо вазифадоранд сари вақт, дуруст ва пурра дида баромадани муроҷиатҳо, иҷро намудани қарорҳоеро, ки аз рӯи онҳо қабул карда шудаанд, таъмин намоянд.

Замимаи № 1
ба Тартиби коргузорӣ
ва баҳисобгирии оморӣ
оид
ба муроҷиатҳои
шахсони воҷеӣ ва
ҳуқуқӣ

Шакли варақаи бақайдгирии назоратӣ
(дастур барои пуркунӣ замима мегардад)

0229140 варақаи бақайдгирии назоратӣ

Муроҷиаткунанда_____
_____
_____
(насаб, ном ва номи падар, суроғa, телефон)
_____
_____
Муроҷиати пештара №_____
аз №_____
Намуди муроҷиат, шумораи варақҳо_____
Муаллиф, сана, шохиси мактуби ҳамроҳ фиристодашаванда
_____
_____
_____
Сана, шохиси воридшавӣ
_____
_____
_____
Мазмуни мухтасар_____
__

Ичрокунандаи масъул

_____

Амри хаттӣ

Муаллифи амри хаттӣ

Муҳлати ичро _____

Ҷараёни иҷро

Санаи ба иҷро додан Иҷрокунанда Қайд дар бораи ҷавоби Қайдҳои пешакӣ ё пурсиши иловагӣ тафтишӣ

_____
_____
_____
_____
_____
_____
_____
_____

Сана, шохиси иҷро (ҷавоб)_____
_____
_____

Гиранда_____
_____

Мазмун_____
_____
_____
_____
_____

Аз назорат гирифта шуд Имзои назораткунанда

Парвандаи Ҷилди ВараҚи Хазинаи рӯйхати парвандаи

_____
_____

Замимаи №2
ба Тартиби коргузорӣ
ва баҳисобгирии оморӣ
оид ба муроҷиатҳои
шахсони воқеӣ ва
ҳуқуқӣ

ДАФТАРИ БАҲИСОБГИРИИ ОМОРИИ
МУРОҶИАТҲОИ ХАТТИИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ

Рақами тартибӣ	Санаи воридшавӣ	Насаб, ном ва номи падар	Суроғаи маҳалли истиқомат	Мухтасои мурочиат	Ба кучо ва ба кӣ барои баррасӣ дода шуд	Натиҷаи баррасӣ ва санаи иҷро	Қайд дар бораи мурочиати такрорӣ

Замимаи № 3
ба Тартиби
коргузорӣ ва
баҳисобгирии оморӣ
оид ба
муроҷиатҳои
шахсони воҷеӣ ва
ҳуқуқӣ

ДАФТАРИ БАҲИСОБГИРИИ ОМОРИИ
МУРОҶИАТҲОИ ХАТТИИ ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ

Рақами тартибӣ	Сана ва рақами воридшавӣ	Номи пурра	Суроғаи маҳалли ҷойгиршавӣ	Сана ва рақами содиротӣ	Муҳтавои муроҷиат	Ба кӯҷо ва ба кӣ Барои барассӣ дода шуд

Замимаи № 4
ба Тартиби
коргузорӣ ва
баҳисобгирии оморӣ
оид ба
муроҷиатҳои
шахсони воқеӣ ва
ҳуқуқӣ

ДАФТАРИ БАҲИСОБГИРИИ ОМОРИИ
МУРОҶИАТҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ

Рақами тартибӣ	Сана ва рақами воридшавӣ	Насаб, ном ва номи падари шахси воқеӣ	Суроғаи почтаи электронии муроҷиаткунанда	Муҳтавои муроҷиат	Ба куҷо ва ба кӣ барои баррасӣ дода шуд

		ва номи пурраи шахси ҳуқуқӣ				

Замимаи № 5
ба Тартиби коргузорӣ
ва баҳисобгирии оморӣ
оид
ба муроҷиатҳои
шахсони воқеӣ ва
ҳуқуқӣ

ДАФТАРИ БАҲИСОБГИРИИ ОМОРИИ
МУРОҶИАТҲОИ АЛОҚАИ ТЕЛЕФОНӢ (МОБИЛӢ)

Рақами тартибӣ	Рақами телефони муроҷиатку-нанда	Насаб, ном ва номи падари шахси воқеӣ ва номи пурраи шахси ҳуқуқии муроҷиаткунанда	Суроғаи маҳаллии истиқомати шахси воқеӣ ва маҳаллии ҷойгир-шавии шахси ҳуқуқӣ	Мутҳаво и муроҷиат	Суроғаи почтаи электронӣ	Ба кӯҷо ва ба кӣ барои баррасӣ дода шуд	Натиҷаи баррасӣ	Сана ва рақами содирот, рақами телефон	Қайдда р бораи муроҷиати такрорӣ

ДАСТУР БАРОИ ПУР КАРДАНИ ВАРАҚАИ БАҚАЙДГИРИИ НАЗОРАТӢ (ВБН)

1. Тарафи пеши варақаи бақайдгирии назоратӣ:

а) Муроҷиаткунанда – насаб, ном, номи падар, ҷойи истиқомат ё кор, телсфопи тамос бо муроҷиаткунанда;

б) Муроҷиатҳои пештара - сана ва шохисҳои бақайдгирии муроҷиатҳои пештараи муроҷиаткунанда;

в) Намуди ҳуҷҷат - муроҷиате, ки ба воситаи почта дохил гардидааст ё ҳангоми қабули шахсӣ дода шудааст ва миқдори варақаҳои он;

г) Муаллиф, сана, шохиси мактуби ҳамроҳ, фиристодашаванда – номи ташкилоте, ки муроҷиатро фиристодааст;

д) Сана, шохисп воридшавӣ - санаи воридшавпи муроҷиат (ба воситаи почта ё ҳангоми қабули шахсӣ ва шохисҳои бақайдгирии онҳо);

с) Мазмуни мухтасари муроҷиат;

ё) Иҷрокунандаи масъул - номи ташкилот ё воҳиди сохторне, ки барои ҳалли муроҷиат масъул мебошад;

ж) Амри хаттӣ - аз ҳуҷҷат кӯчонда мешавад ё ҳангоми қабули шахсӣ навишта мешавад;

з) Муаллпфи амри хаттӣ - вазифа, ному насаб ва номи падари роҳбар, муаллифи амри хаттии аввала;
п) Муҳлати иҷро - мувофиқи амри хаттӣ ё муҳлатҳои иҷрои бо қонунгузорӣ муқарраршуда нишон дода мешавад. Қайд дар бораи тағйир додани муҳлат дар хаттӣ ояндаи сатр бо нишон додани муҳлати нав, вазифа ва насаби роҳбарс, ки дар бораи тағйир додани он қарор қабул кардааст, гузошта мешавад;
й) Дар кунҷи рости боло ҳангоми бақайдгирии муроҷиатҳои такрорӣ мухри «такрорӣ» гузошта мешавад.
2. Пуштп варақап бақайдгирии назоратӣ:
а) Ҷараёни иҷро;
б) Сутуни «Санан додан барои иҷро» - санаи супоридани ҳуҷҷат ба иҷрокунандаи бевосита нишон дода мешавад;
в) Сутуни «Иҷрокунанда» - ному иасаб ва номи падар, телефони иҷрокунандаи бевосита (сутунҳо ҳар дафъа ҳангоми ҳаракати ҳуҷҷат пур карда мсшаванд):
г) Сутуни «Қайд дар бораи ҷавоби пешакӣ ё пурсиши иловагӣ» гиранда, сана, шохис, мазмуни мухтасарн ҷавоби пешакӣ ё пурсиш;
л) Сутуни «Қайдҳои назоратӣ» – қайдҳо дар бораи хотиррасонкунӣ, вазъияти иҷро ва ғайра;
е) Сана, шохиси иҷро - сана ва шохиси бақайдгирии ҳуҷҷате, ки аз рӯи онҳо қарори охирин қабул карда шудааст;
ё) Гиранда - ҳамаи гирандаҳое, ки ба онҳо ҳуҷҷатҳо бо қарорҳои охирин фнристода шудаанд, нишон дода мешаванд;
ж) Мазмун - сарлавҳаи ҳуҷҷати асосӣ бо нишон додани қарори қабулкардашуда (қонеъ гардонида шуд, рад карда шуд, фаҳмонда дода шуд):
з) Аз назорат гирифт - вазифа, ному насаб ва номи падари роҳбар ё шахсп дигари мансабдоре, ки дар бораи аз назорат гирифтани ҳуҷҷат қарор қабул кардааст;
и) Имзои назораткунанда - имзои шахси масъул барои назорат аз рӯи муроҷиатҳо;

й)Парвандаи_____, ҷилди_____, варақи_____, шохиси парванда аз рӯи феҳрист, рақами ҷилд ва варақаҳо (баъди ҳалли масъала ва ба парванда дӯхтан гузошта мешавад);

к) Хазинаи рӯйхати парвандаи баъди ба бойгонӣ супоридани парванда гузошта мешавад.

3. Тавсия дода мешавад, ки андозаи варақаҳо А5 (148Х210) ва А6 (105Х148) бошад.

4. Дар мавриди истифода бурдани техникаи электронию ҳисоббарорӣ ҳангомн ташкили коргузорӣ аз рӯи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ варақаҳои бақайдгирии назоратиеро истифода бурдан мумкин аст, ки онҳо барои истифодаи воситаҳои техникаи ҳисоббарорӣ муносиб мебошанд.

ҚАРОРИ
ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 28 июли соли 2017, №358 ш. Душанбе

«Дар бораи Дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, муассиса, корхона ва дигар ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Мутобиқи моддаҳои 56 ва 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1. Дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, муассиса, корхона ва дигар ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, муассиса, корхона ва дигар ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Дастурамали намунавӣ дастурамалҳон мушаххаси коргузорӣ таҳия ва тасдиқ намоянд ва коргузории ҷориро қатъиян тибқи он ба роҳ монанд.

3. Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади беҳтар намудани ташкили кори ҳуҷҷатгузорӣ ва коргузорӣ тибқи Дастурамал омӯзиши кормандони воҳидҳои сохтории коргузории мақомоти ба низоми хизмати давлатӣ дохилбударо ба роҳ монад.

4. Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурин Тоҷикистон ва бойгониҳои давлатии вилоятҳо курсҳои доимамалкунандаи такмили ихтисоси кормандони воҳидҳои сохтории коргузории муассиса, корхона ва дигар ташкилотҳо бо муҳлати як моҳи таълимии аз истеҳсолот ҷудо ба таври шартномавӣ ташкил намояд.

5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2008, №585 «Дар бораи тасдиқи Дастурамали намунавии коргузорӣ дар вазорату кумитаҳои давлатҷ ва дигар мақомоти идоракунии давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳо, ташкилотҳо ва корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз эътибор соқит дониста шавад.

Раиси Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «28» июли соли 2017, №358
тасдиқ шудааст

ДАСТУРАМАЛИ НАМУНАВИИ КОРГУЗОРӢ ДАР МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ, МУАССИСА, КОРХОНА ВА ДИГАР ТАШКИЛОТҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

(қарори Ҳукумати ҶТ аз 29.04.2020, №244)

1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, муассиса, корхона ва дигар ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Дастурамал) қоидаҳои ба роҳ мондани коргузорӣ ва назоратро муқаррар карда, кор бо ҳуҷҷатҳоро аз лаҳзаи ворид ё таҳия шуданашон то вақти барои нигоҳдорӣ ба бойгонӣ супоридани онҳо дар вазорату идораҳо, мақомоти ичроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, муассиса, корхона ва дигар ташкилотҳо (минбаъд - ташкилотҳо) ба низом медарорад.

2. Дастурамал бо мақсади дуруст ба роҳ мондани коргузорӣ, мусоидат ва сари вақт ичро намудани қарор, дастуру супоришҳои мақомоти болоӣ, амру фармонҳои роҳбарият, ҳуҷҷатҳои хизматӣ таҳия гардида, барои кормандони дастгоҳҳои ташкилотҳо қоидаҳои ягонаи омода намудани ҳуҷҷатҳо, барасмиятдарорӣ, баҳисобгирӣ, истифодабарӣ, назорат ва нигоҳдории онҳоро муқаррар менамояд.

3. Уҳдадориҳо оид ба риояи талаботи Дастурамал ба зиммаи сарраёсат, раёсат, шуъба, бахши коргузории (минбаъд - воҳиди сохтории коргузорӣ) ташкилотҳо гузошта мешавад. Ҳамаи кормандони ташкилот бояд бо тартиби кор бо ҳуҷҷатҳо шинос карда шуда, уҳдадоранд, ки талаботи дастурамали коргузориро риоя ва ичро намоянд. Ҳангоми иваз гардидани корманди масъули дастгоҳи ташкилот, ҳуҷҷат ва дигар маводи коргузорӣ (муҳр, штамп ва ҷайраҳо) бо санад супорида мешаванд.

4. Дар асоси Дастурамали мазкур ташкилотҳо бояд дастурамалҳои коргузории соҳавӣ таҳия намоянд.

5. Тартиби коргузорӣ дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, судҳо ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ба танзим дароварда мешавад.

6. Тартиби кор бо ҳуҷҷатҳои дорои маълумоти сирри давлатӣ тибқи Дастурамал оид ба таъмини низоми махфият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи ҳифзи сирри давлатӣ ба амал бароварда мешавад.

7. Коргузорӣ оид ба аризаҳо, дархостҳо, таклифҳо ва шикоятҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» ва «Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид ба муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» амалӣ мегардад.

8. Коргузорӣ дар ташкилотҳо мутобиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» анҷом дода мешавад.

2. ОМОДА ВА БА РАСМИЯТ ДАРОВАРДАНИ ҲУҶҶАТҲОИ ХИЗМАТӢ

§1. Ҳуҷҷатгузорӣ дар фаъолияти идоракунӣ

9. Ҳуҷҷатгузорӣ дар фаъолияти идоракунӣ мувофиқи тартиби муқарраргардида аз сабти иттилооти зарурӣ барои идоракунӣ, яъне аз ташкили кори ҳуҷҷатнигорӣ иборат аст.

10. Маҷмӯи намудҳо ва гуногунии ҳуҷҷатҳо дар асоси таъиноти мақсаднокии ҳар як ҳуҷҷат муайян карда мешавад.

11. Тибқи тартиби мавҷуда дар ташкилот ҳуҷҷатҳои ташкилию амрдиҳӣ (қарорҳо, фармонҳо, фармоишҳо, низомномаҳо, дастурамалҳо, санадҳо, хулосаҳо, гузоришҳо, мактубҳо) ва ҳуҷҷатҳои ба ин гурӯҳ мансубнабуда, яъне ҳуҷҷатҳои оморӣ, молиявӣ, лоиҳавӣ-тарҳсозӣ, тиббӣ ва ҷайра таҳия карда мешаванд.

12. Ҳуҷҷатҳои оморӣ, молиявӣ, лоиҳавӣ-тарҳсозӣ, тиббӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои махсус дар асоси талаботи санадҳои меъёрии дахлдор таҳия ва ба расмият дароварда мешаванд.

13. Фаъолияти идоракунии ташкилот бо роҳи қабули ҳуҷҷатҳои дар шакли санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ба танзим дароварда мешавад.

§2. Қоидаҳои таҳия ва ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои ташкилию амрдиҳӣ

14. Ҳуҷҷатҳои ташкилию амрдиҳӣ мувофиқи стандартҳои давлатӣ таҳия ва ба расмият дароварда мешаванд. Ҳамаи ҳуҷҷатҳои ташкилию амрдиҳӣ дар бланкҳои ягона тартиб дода мешаванд. Дар мавриде, ки агар маълумотномаҳо, ҳисоботҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо бо мактубҳои ҳамроҳӣ тартиб дода шаванд, он гоҳ ин ҳуҷҷатҳо дар бланкҳо ба расмият дароварда намешаванд. Истифодаи бланкҳои худсохт қатъиян манъ аст. Ҳуҷҷатҳо дар бланкҳои ду андоза: А4 (210 х 297мм) ва А5 (148 х 210мм) чоп карда мешаванд. Бланкҳои андозаи А5 танҳо барои мактубҳои ҳамроҳӣ ва ҳуҷҷатҳое, ки матни онҳо аз 8-10 сатри чопи компютерӣ зиёд нест, истифода бурда мешавад. Шакли бланкҳои ташкилот мувофиқи стандартҳои давлатӣ дар мувофиқа бо мақомоти давлатии бойгонӣ аз ҷониби роҳбари мақомот ва ташкилоти давлатӣ тасдиқ карда мешавад.

15. Ҳар як ҳуҷҷат бояд дорои маҷмӯи муайяни нишонаҳои (реквизитҳои) дақиқ ва тартиби устувори ҷойгиршавии онҳоро дошта бошад. Теъдоди ниҳоии нишонаҳо ва мавқеи ҷойгиршавии онҳоро стандарти давлатӣ муайян мекунад.

16. Тартиб ва ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳо риояи ҳатмии талаботи зеринро пешбинӣ менамояд: нишон додани намуди ҳуҷҷат, номи ташкилот ва сарлавҳаи ҳуҷҷат, гирандаи он, санагузории ҳуҷҷат, гузоштани қайдҳо оид ба мувофиқакунии матни ҳуҷҷат, тасдиқи ҳуҷҷат (имзо ва тасдиқ кардан, гузоштани қайдҳо оид ба гардиш ва иҷрои ҳуҷҷат, гузоштани муҳр (дар ҳолатҳои зарурӣ).

17. Дар мавриди ирсол намудани ҷавоб дар баробари қайди рақами содира-рақам ва таърихи ҳуҷҷатҳои воридотӣ низ зикр карда мешаванд. Замимаи ҳуҷҷатҳо бояд пас аз матни он бо зикри миқдори варақҳо номбар карда шаванд. Ҳуҷҷатҳо набояд зиёда аз шаш суроҷаи гуногун дошта бошанд. Ҳангоми ба зиёда аз шаш суроҷа фиристодани ҳуҷҷатҳо барои ирсол дар варақи алоҳида рӯйхат тартиб дода мешавад.

18. Номгузории ҳуҷҷат бояд дар ҳар як ҳуҷҷат, ба истиснои мактуб мавҷуд бошад, масалан: ФАРМОН, ФАРМОИШ, АМР, ПРОТОКОЛ, ҚАРОР, ГУЗОРИШ ва ҷайра (ин унсур бо ҳарфҳои калон навишта мешавад).

19. Ба ҳар як ҳуҷҷате, ки дар варақи андозаи А4 таҳия мешавад, новобаста аз таъиноти он, сарлавҳа тартиб дода мешавад. Сарлавҳа бояд мухтасар ва дақиқ буда, ба саволи «Дар бораи ...», «Дар бораи таҷйир додани ...», «Дар бораи ҷудо намудани ...», «Дар бораи бекор кардани ...» ва ҷайра ҷавоб дошта бошад. Агар дар ҳуҷҷат якчанд

масъала инъикос гардад, он гоҳ сарлавҳаро ба таври ҷамъбасткунанда тартиб додан мумкин аст. Дар барқияи телефонӣ, хабарномаҳо ва ҳуҷҷатҳое, ки матни онҳо дар бланкҳои андозаи А5 чоп карда мешавад, сарлавҳа гузошта намешавад. Сарлавҳаро тартибдиҳандаи ҳуҷҷат таҳия менамояд.

20. Ҳангоми омода ва ирсоли ҳуҷҷат бояд қоидаҳои зерин риоя шаванд:

- ҳуҷҷатҳо ба ташкилот, воҳиди сохтории он ё шахси мансабдори мушаххас ирсол карда мешаванд (воҳиди сохторӣ ё шахси мансабдор дар мукотибаи дохилиидоравӣ, мукотиба бо гирандагони доимӣ ва дар ҳолатҳои дигар, ки муайян намудани гирандаи дақиқ ягон душвориро ба амал намеорад, нишон дода мешавад);

- номи ташкилот ва воҳиди сохтори он дар шакли зерин нишон дода мешавад. Масалан:

Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Раёсати сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ

- ҳангоми ирсол намудани ҳуҷҷат ба шахси мансабдор номи ташкилот, вазифа, насаб, ном, номи падари гиранда чунин навишта мешавад.

Масалан: Ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва
шуҷли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Сардори Хадамоти муҳоҷират

_____

насаб, ном, номи падар

- ҳангоми ба роҳбарияти ташкилот ирсол намудани ҳуҷҷат номи ташкилот бояд ба таркиби номи вазифавии гиранда ворид гардад.

Масалан: Ба вазири фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон

_____

насаб, ном, номи падар

- ҳангоми ба гирандагони муваққати фиристодани ҳуҷҷат нишонии почтаи гирандаи ҳуҷҷат нишон дода мешавад.

Масалан: Корхонаи таъмири автомобили Душанбе,
734018, Душанбе, кӯчаи Ҷомӣ, № 15

- агар ҳуҷҷат ба шахси алоҳида ирсол карда шавад, он гоҳ аввал дар он суроҷа, насаб, ном, номи падар ва баъд индекси почта нишон дода мешавад.

Масалан: 734024,

ш. Турсунзода, кӯчаи С. Айнӣ, бинои 15, утоқи 10

21. Санаи ҳуҷҷат санаи имзо ё тасдиқ шудани он мебошад.

22. Стандарти давлатӣ ду намуди навиштани санаро муқаррар намудааст: пурра (масалаи: 17 январи соли 2017) ва мухтасар (17.01.17). Шакли нисбатан мувофиқ ба воситаи се ҷуфти рақамҳои арабии ба воситаи аломати нуқта ҷудо гардида, мухтасар навиштани сана мебошад (ҷуфтҳои алоҳидаи рақамҳо рӯз, моҳ, солро ифода менамоянд). Агар рақами рӯз ва рақами тартибии моҳ якрақама бошанд, он гоҳ пеш аз рақам «сифр» гузошта мешавад, масалан: агар 3 феврали соли 2017 бошад, пас 03.02.17 навиштан лозим аст.

23. Ҳамаи қайдҳои хизматӣ дар ҳуҷҷате, ки ба гардиши он вобаста аст, санагузорӣ ва бо ранги кабуд имзо карда мешаванд. Санаи қарорҳо. фармоишҳо, фармонҳо, мактубҳо, хулосаҳо, гузоришҳо ва маълумотномаҳо рӯзи ба имзо расидани онҳо мебошад. Санаи протоколҳо, санадҳо санаи гузаронидани чорабинӣ ба шумор меравад.

24. Ҳуҷҷатҳо аз ҷониби як шахс бо ранги кабуд имзо карда мешаванд. Ду ва ё зиёда имзоҳо дар сурате гузошта мешаванд, ки барои тасдиқи мазмуни ҳуҷҷат якчанд шахс масъул бошанд (санадҳо, ҳуҷҷатҳои молиявӣ ва ҷайра). Ҳуҷҷатҳои содира барои имзо якҷоя бо маводе, ки дар асоси онҳо таҳия гардидаанд, бо ҳуруфи намунаи муқарраршуда, чопи тоза, бидуни таҳриру ислоҳ пешниҳод карда мешаванд ва мутобиқи талаботи Дастурамали мазкур бояд аз ҷониби тартибдиҳандагон ба таври дақиқ тафтиш карда шаванд.

25. Мувофиқакунӣ усули баррасии пешакӣ ва баҳогузории лоиҳаи ҳуҷҷат мебошад. Мувофиқакунӣ ҳалли дуруст ва ҳаматарафаи масъалаҳои сифати лоиҳаи ҳуҷҷати омодашуда, мақсаднокӣ ва саривақтии он, асоснокии сиёсӣ, иқтисодӣ ва илмӣ-техникии мундариҷаи он, мувофиқати лоиҳаи ҳуҷҷати омодашуда бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаро таъмин менамояд.

26. Лоиҳаи ҳуҷҷатҳо ҳам дар дохили ташкилот (бо воҳидҳои сохторӣ, шахсони мансабдор ва кумитаи иттифоқи касаба) ва ҳам берун аз он (бо дигар ташкилотҳо) мувофиқа карда мешаванд.

27. Шакли мувофиқакунии дохилии лоиҳаи ҳуҷҷат манзурӣ (виза) гузоштани он мебошад. Манзурӣ дар худ имзои шахсии хонои шахси ҳуҷҷатро имзокарда ва санаи онро дар бар мегирад. Ҳангоми зарурат вазифа ва насаб, ном, номи падари шахси манзурӣ гузоштаро нишон додан мумкин аст.

Масалан: Сармуҳосиб имзо насаб, иом, номи падар

15.12.16

28. Эрод ё илова ба ҳуҷҷат, агар онҳо мавҷуд бошанд, дар варақи алоҳида оварда мешаванд, дар лоиҳаи ҳуҷҷат бошад, чунин манзурӣ гузошта мешавад:

Сармуҳосиб имзо насаб, ном, номи падар

Эродҳо замима мегарданд. 15.12.16

29. Чун қоида, манзуриҳо дар қисми поёнии нусхаи якуми лоиҳаи ҳуҷҷат баъди нишонаи «имзо» гузошта мешаванд. Агар ба ҳуҷҷат аз тарафи якчанд нафар манзурӣ гузошта шавад, дар он сурат манзуриҳо пайи ҳам мувофиқи тартиби гузоштани онҳо ҷойгир карда мешаванд.

30. Мувофиқаи берунӣ бо муҳр ё маълумотнома оид ба мувофиқакунӣ ба расмият дароварда мешавад.

31. Муҳри мувофиқакунии берунӣ дар худ чунин унсурҳоро дар бар мегирад: калимаҳои «МУВОФИҚА ШУД», номи вазифа, имзои шахсӣ, насаб, ном, номи падари шахсе, ки бо он ҳуҷҷат мувофиқа мешавад ва санаи мувофиқа. Масалан:

МУВОФИҚА ШУД
Вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон

_____
имзо насаб, ном, номи падар

5 феврали соли 2017

ё Бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа шуд (мактуб аз 05.02.17, №124-1).

32. Муҳри мувофиқаи беруна дар варақаи унвонии ҳуҷҷат гузошта мешавад.

33. Имзо унсури ҳатмии ҳуҷҷат мебошад, ки масъулияти шахси ба ҳуҷҷат имзогузоштаро нисбат ба мундариҷа ва қонунӣ будани он ифода менамояд.

34. Ба ҳуҷҷати ирсолшаванда танҳо роҳбари ташкилот имзо мегузорад. Дар ҳолати набудани роҳбар, ба ҳуҷҷат муовини он имзо гузошта метавонад. Ба ҳуҷҷатҳои молиявӣ роҳбари ташкилот ё шахси бо қонун ваколатдоршуда ва сармуҳосиб бо ранги кабуд имзо мегузорад.

35. Дар ҳуҷҷат танҳо ба нусхаи якуми он бо ранги кабуд имзо гузошта мешавад. Ҳангоми ба унвони роҳбарони аввали мақомот ва ташкилоти давлатӣ ё ташкилоти хориҷӣ ирсол мамудани ҳуҷҷат, дар парвандаи воҳиди дахлдори сохтории ташкилот мутобиқи феҳристи парвандаҳо нусхаи дуюми асл боқӣ монда, нусхаи якуми асл аз ҷониби воҳиди сохтории коргузорӣ ба таври инфиродӣ фиристода мешавад. Дар ҳолатҳои бисёрсуроҷавӣ бошад, ҳуҷҷатҳо ба суроҷаҳо дар шакли нусха фиристода шуда, нусхаи аслии онҳо дар воҳидҳои сохтории мақомот ва ташкилоти давлатӣ тибқи феҳристи парвандаҳо нигоҳ дошта мешавад.

36. Ба таркиби нмзо нишон додани мансаби шахси ба ҳуҷҷат имзогузошта, имзо ва насаб, ном, номи падар дохил мешаванд. Масалан: Директор имзо насаб, ном, номи падар

37. Ҳангоми имзои ҳуҷҷати тартибдодаи комиссия на вазифаи шахсони ҳуҷҷатро тартиб дода, балки тақсимоти вазифаҳои онҳо дар комиссия нишон дода мешаванд. Насаб, ном, номи падари раиси комиссия алоҳида навишта, ном, номи падари аъзои комиссия бошад, бо тартиби алифбоӣ номбар карда мешаванд. Масалан:

Раиси комиссия	имзо	насаб, ном, номи падар
Аъзои комиссия:	имзо	насаб, ном, номи падар
	имзо	насаб, ном, номи падар

ва ҷайра.

38. Ба протоколҳои ҷаласаҳои мақомоти машвараті раиси мақомоти машвараті имзо мегузорад.

39. Тасдиқ унсури махсуси тасдиқи ҳуҷҷат баъди имзо шудани он мебошад, ки интишори амали онро ба шахсони мансабдор иҷозат медиҳад.

40. Ҳуҷҷате, ки бояд тасдиқ шавад, танҳо аз лаҳзаи тасдиқ шуданаш эътибори ҳуқуқӣ пайдо менамояд.

41. Ҳуҷҷатҳоро роҳбари ташкилот ё муовини ӯ, агар ҳалли масъалаи дар ҳуҷҷат дарҷгардида ба ваколати ӯ дохил шавад, тасдиқ менамояд.

42. Унсурҳои шакли тасдиқ калимаҳои «Тасдиқ мекунам», номи вазифа, имзои шахсӣ, насаб, ном, номи падари шахси ҳуҷҷатро тасдиққарда, санаи тасдиқ ба ҳисоб мераванд. Масалан:

Тасдиқ мекунам
Директори ҷамъияти дорои
масъулияти маҳдуди «Шарбатҳо»
_____насаб, ном, номи падар
имзо
15 июли соли 2016

43. Ҳангоми бо санади ҳуқуқи тасдиқ кардани ҳуҷҷат, он дар шакли зерин нишон дода мешавад. Масалан:

Бо фармони директори ҷамъияти дорои
масъулияти маҳдуди «Шарбатҳо»
аз 5 майи соли 2016, № 10
тасдиқ шудааст

44. Ба ҳуҷҷатҳое, ки аслӣ будани онҳо тасдиқи махсусро талаб менамоянд, ба ҷайр аз имзо, муҳр низ гузошта мешавад.

45. Муҳр ба ҳуҷҷатҳои дорои хусусияти моддию молиявӣ, маълумотномаҳо, шаҳодатномаҳо, дафтарчаҳои меҳнатӣ, инчунин дар ҳолатҳои зарурӣ ба дигар ҳуҷҷатҳо низ гузошта мешавад. Нақши муҳр бояд номгӯи вазифа ва имзои шахсиро дар бар гирад. Гузоштани муҳри нишондор дар ҳамаи ҳолатҳои тасдиқи ҳуқуқи шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ, тасдиқи масрафи маблаҷ ва арзишҳои моддӣ, ҳамчунин шартномаҳо ва эътимодномаҳо зарур аст. Муҳре, ки дар он номи ташкилот ва ё воҳиди сохтории он сабт шудааст, дар нусхаҳои ҳуҷҷатҳои амрдиҳандаи ба дигар суроҷаҳо фиристодашаванда гузошта мешавад. Руйхати ҳуҷҷатҳое, ки бояд бо муҳри дорои нишони давлатӣ тасдиқ карда шаванд, инчунин тартиби тайёр, истифода ва нигоҳдории муҳрҳо бо санади роҳбари ташкилот тасдиқ карда мешавад.

§3. Талабот нисбат ба ҳуҷҷатҳои тавассути таҷҳизоти компютерӣ омодашуда

46. Омода намудаии ҳуҷҷатҳо бо усули чопи компютерӣ ё воситаҳои техникаи электронӣ мувофиқи талаботи стандарти давлатӣ амалӣ мешавад.

47. Дар ҳуҷҷат ҳамаи нишонаҳо бояд дар доираи ҳудудҳое, ки варақа-намунаи стандарти давлатӣ муқаррар кардааст, ҷойгир карда шаванд.

48. Ҳангоми ирсоли ҳуҷҷат бояд қоидаҳои зерин ва андозаи ҳошияҳо ҳатман риоя шаванд:

- мактуб дар лифофа фиристода шавад;
- бо ҳуруфи Times New Roman бо истифодаи алифбои тоҷикӣ андозаи 16 ба номи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва андозаи 14 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳо пешниҳод шавад (қарори Ҳукумати ҶТ аз 29.04.2020 *№ 244*) ;
- саҳифабандӣ кардани ҳуҷҷатҳое, ки аз 1 саҳифа зиёданд;
- истифодаи ҳуруфи муқаррарӣ бе ҳарфҳои ҷафс;
- меъёри ҳудуди бланк дар варақи чопӣ: аз боло 1,5 см; аз чап 2,5 см; аз поён, барои андозаи А4 - на камтар аз 4 см (замимаи 1,

барои гузоштани муҳри вазорат ё идораи гирандаи мактуб) ва барои андозаи А5 - на камтар аз 1 см.

49. Матни ҳуҷҷат бо фосилаи як ё якуними байнисатри чоп карда мешавад.

50. Сатри аввали ҳар як сарсатри матн бо гузоштани фосилаи муайян аз ҳудуди ҳошияи чап чоп карда мешавад.

51. Дар ҳолатҳои зарурӣ дар баробари ҳуҷҷати ирсолшаванда шакли электронии он низ пешниҳод карда мешавад.

§4. Тартиби таҳия ва ба расмият даровардани протоколҳо

52. Дар ҷаласаҳои мақомоти машвараті, машваратҳо ва маҷлисҳои гузаронидашаванда бояд протоколҳо тартиб дода шаванд. Протоколҳои ҷаласаҳои мақомоти машвараті дар давоми соли таквимӣ рақамгузорӣ карда мешаванд.

53. Матни протокол бояд аз ду қисм иборат бошад: муқаддимавӣ ва асосӣ. Дар қисми муқаддимавии протоколи ҷаласаҳои мақомоти машвараті, машваратҳо шумораи умумии иштирокчиён, шумораи шахсони ба ҷаласа даъватшуда, рӯзномаи ҷаласа, ҳайати раёсат, насаб, ном, номи падари раис ва котиби маҷлис, бо номгӯи масъалаҳои баррасишаванда, нишон додани вазифа ва насаб, ном, номи падари маърузачиён зикр карда мешавад.

54. Агар шумораи шахсони даъватшуда ба ҷаласаи мақоми машвараті, машварат, ҷаласа аз 5 нафар зиёд бошад, он гоҳ руйхати онҳо дар шакли ҳуҷҷати алоҳидаи замимашаванда ба протокол тартиб дода мешавад.

55. Қисми асосии протоколи ҷаласаи мақомоти машвараті, машварат ва маҷлис бояд аз фаслҳои мутобиқ ба бандҳои рӯзнома иборат бошад.

56. Матни ҳар як фасли асосӣ бояд аз таркибҳои: шунида шуд, баромад карданд, қарор кард, таркиб ёфта бошад.

57. Пас аз калимаҳои «ШУНИДА ШУД» рақами тартибии масъалаи рӯзнома гузошта мешавад.

58. Калимаҳои «ШУНИДА ШУД» бо ҳарфҳои калон, аз ҳошияи тарафи чап чоп карда шуда, баъди он аломати баён гузошта мешавад: дар сатри дигар бо сарсатр насаб, ном, номи падари маърӯзакунанда ва дар қавсайн (маърӯза замима мегардад) нишон дода мешавад.

59. Дар фасли «БАРОМАД КАРДАНД»-и протокол, мазмуни ҳамаи баромадҳо ва саволу ҷавоб ба онҳо ва маълумотҳо зикр карда мешаванд.

60. Баъди ба охир расидани баромадҳо қарор оид ба масъалаи якуми рӯзнома навишта мешавад.

61. Протоколҳои ҷаласаҳои мақоми машвараті ва машваратҳоро ба таври кӯтоҳ низ ба расмият даровардан мумкин аст.

62. Дар шакли кӯтоҳи протокол дар қисмати асосии он мазмуни баромадҳо баён нашуда, танҳо номгӯи масъалаҳои баррасишаванда бо зикри насаб, ном, номи падари маърӯзачиён, баромадкунандагон ва қарорҳои қабулгардида нишон дода мешаванд.

63. Протоколҳои ҷаласаҳои мақоми машвараті дар бланкҳо чоп карда шуда, аз тарафи раиси мақоми машвараті имзо карда мешаванд, ба протоколҳои машваратҳо шахсе, ки онро гузаронидааст, имзо мегузорад, ба протоколҳои маҷлисҳо бошад, раис ва котиби он имзо мегузоранд.

§5. Тартиби таҳия ва ба расмият даровардани фармоишҳо

64. Номи фармоиш ба таври мухтасар бояд мазмуни онро инъикос намуда, дар маркази варақаи фармоиш оварда мешавад.

65. Матни фармоиш аз ду қисм иборат аст: муқаррароті ва амрдиҳі. Дар қисми муқаррароті асосҳо ва омилҳое, ки боиси таҳияи фармоиш гардидаанд, баён шуда, дар қисми амрі, бошад, амалҳои фармоиші номбар карда мешаванд. Агар фармоиш дар асоси ҳуҷҷати дахлдори мақоми болоі бароварда шавад, он гоҳ дар қисми муқаррароті ном, рақам, сана ва номи ин ҳуҷҷат оварда мешавад.

66. Қисми амрдиҳии фармоиш бо калимаҳои «ФАРМОИШ МЕДИҲАМ» оғоз ёфта, якҷоя бо матн бо ҳарфҳои калон навишта шуда, дар охири он аломати баён гузошта мешавад. Чорабиниҳои пешбинишуда, дар бандҳо ҷой дода мешаванд, ки бо рақамҳои арабі рақамгузори карда мешаванд. Ҳар як бандро бо нишон додани иҷрокунандаи мушаххас оғоз намудан лозим аст. Сипас амалҳои фармоиші баён гардида, муҳлати иҷро нишон дода мешавад.

67. Лоиҳаи фармоиш бо воҳидҳои сохторі ё шахсони мансабдори дахлдор мувофиқа карда мешавад. Манзурии мувофиқа дар нусхаи якуми лоиҳа гузошта мешаванд. Ба лоиҳаи омодашудаи ниҳої танҳо шахси мансабдоре, ки ба фармоиш имзо мегузорад, метавонад таҷйирот ворид намуда, дар як вақт санаи онро гузорад.

68. Фармоишҳо дар давоми соли тақвими рақамгузорі карда мешаванд.

§6. Тартиби таҳия ва ба расмият даровардани маълумотномаҳо ва гузоришҳо

69. Матни маълумотнома ва гузориш бояд аз ду қисми асосӣ иборат бошад. Дар қисми якум далелҳое, ки барои тартиб додани ҳуҷҷат асос шудаанд ва дар қисми дуюм хулоса ва пешниҳодҳо баён карда мешаванд.

70. Сана ё давраи вақти мансуб ба маълумоти дар маълумотнома ё гузориш баёнгардида бояд ба сарлавҳа ворид карда шаванд. Масалан: «Дар бораи тайёр намудани кадрҳо то 01.05.16».

71. Маълумотнома ва гузоришҳои содиротӣ дар бланкҳо чоп карда, аз тарафи роҳбарият имзо карда мешаванд. Матлумотнома ва гузоришҳои дохилӣ дар варақи тозаи коҷази андозаи А4 чоп карда, аз тарафи мураттиби онҳо имзо карда мешаванд.

72. Маълумотномаҳое, ки бо дархости шаҳрвандон дода мешаванд, дар бланкҳо тартиб дода шуда, аз тарафи роҳбарият имзо ва бо муҳр тасдиқ карда мешаванд.

§7. Тартиби таҳия ва ба расмият даровардани санадҳо

73. Матни санад бояд аз ду қисм иборат бошад: муқаддимавӣ ва муқарраротӣ.

74. Дар қисми муқаддимавӣ асосҳо барои тартиб додани санад нишон дода, тартибдиҳандагон ва иштирокчиён номбар карда мешаванд. Баъди калимаи «Асос» ҳуҷҷати амрдиҳӣ ё амри шифоҳӣ оид ба гузаронидани чорабинии санадшаванда нишон дода мешавад. Баъди калимаҳои «Тартиб дода шуд» вазифа ва насаб, ном, номи падари шахсони иштирокдошта ҳангоми тартиб додани санад номбар карда мешавад.

75. Дар қисми муқарраротӣ мақсад ва вазифаҳои тартиб додани санад, моҳият ва хусусияти кори анҷомдодашуда, далелҳои муқарраргардида, инчунин хулоса ва пешниҳодҳо баён карда мешаванд.

76. Номи санад ба таври мухтасар бояд мазмуни ҳолат ё далели санадшавандаро инъикос намуда, ҷавоб ба саволи «Дар бораи ....» ифода карда шавад.

77. Ба санад шахсони дар тартиб додани он иштирокдошта имзо мегузоранд. Ҳангоми ба расмият даровардани имзоҳо вазифаҳо нишон дода намешаванд.

78. Шахсе, ки дар тартиб додани санад иштирок кардааст, агар бо фикри дигар иштирокчиён розӣ набошад ҳам, санадро имзо мегузорад ва ҳуқуқ дорад ақидаи махсуси худро дар шакли хаттӣ баён кунад, ки он бояд ба санад замима карда шавад.

§8. Тартиби таҳия ва ба расмият даровардани мактубҳои хизматӣ, барқияҳо ва барқияи телефонӣ

79. Мактубҳои хизматӣ барои баён намудани хоҳиш (дархост), ҷавоб ба хоҳиш, инчунин ахбори дорои хусусияти иттилоотӣ тартиб дода мешаванд.

80. Мактубҳои ҳамроҳӣ фақат дар он мавриде тартиб дода мешаванд, ки онҳо хусусияти иҷро ё мақсади ирсоли ҳуҷҷати пешниҳодшударо шарҳ диҳанд.

81. Матни мактуб бояд аз ду қисми мантиқан ба ҳамдигар алоқаманд иборат бошад. Дар қисми аввал далел ё ҳолатҳое, ки барои тартиб додани мактуб асос шудаанд ва дар қисми дуюми он хулосаю пешниҳод ва хоҳишҳо баён карда мешаванд.

82. Мукотиба ба воситаи телеграф танҳо барои масъалаҳои хусусияти таъҷилидошта амалӣ мешавад. Ҳангоми ҷавоб ба дархост пеш аз матни барқия, рақами ин дархост нишон дода мешавад. Дар охири матн (то имзо) рақами содиротӣ гузошта мешавад.

83. Барқия дар ду нусха чоп карда, ба онҳо иҷрокунанда манзурӣ мегузорад. Барқия баъди имзо барои фиристодан ба воҳиди сохтории коргузорӣ супорида мешаванд.

84. Барқияи телефонӣ барои расонидани маълумот ба воситаи телефон истифода мешавад. Ҳангоми фиристодани барқияи телефонӣ: ба кӣ ирсол шудан, вазифа ва насаб, ном, номи падари шахси ба он имзогузошта, сана ва вақти ирсол, рақами телефон, насаб, ном, номи падари шахси ирсолкунанда ва қабулкунанда нишон дода мешавад.

3. ТАШКИЛИ ГАРДИШИ ҲУҶҶАТ

§1. Тартиби гардиш ва иҷрои ҳуҷҷатҳои воридотӣ

85. Қабул ва коркарди ибтидоии муросилоти воридотиро воҳиди сохтории коргузорӣ ба амал мебарорад.

86. Коркарди ибтидоии муросилоти воридотӣ аз санҷиши дурустии ирсол ва мавҷудияти ҳуҷҷатҳо, омода намудани муросилот барои фиристодан тибқи таъинот иборат аст.

87. Муросилоти саҳван воридшуда тибқи таъинот фиристода мешавад.

88. Ҳамаи лифофаҳо, ба истиснои муросилоти шахсӣ ва мактубҳои ба нишонии кумитаи иттифоқи касаба ирсолшуда, кушода мешаванд. Ҳамзамон беосебии лифофаҳо ва миқдори ҳуҷҷатҳои мавҷуда дар онҳо санҷида мешавад. Дар сурати осеб ёфтани лифофаҳо, нарасидани ягон қисми ҳуҷҷатҳо, номутобиқатии

рақамҳо дар лифофаи ҳуҷҷатҳо, тибқи намунаи муайянгардида дар се нусха санад тартиб дода мешавад. Як иусхаи санад дар воҳиди сохтории коргузорӣ нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюм якҷоя бо ҳуҷҷатҳо мувофиқи таъинот ирсол мегардад ва нусхаи сеюм ба ирсолкунанда баргардонида мешавад. Лифофаҳо, чун қоида, нобуд карда мешаванд, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар суроҷаи ирсолкунанда ё санаи ирсол ва гирифтани ҳуҷҷатҳоро танҳо аз рӯйи лифофа муқаррар намудан мумкин бошад.

89. Дар ҳамаи ҳуҷҷатҳои воридотӣ, ҳатто агар саҳифа пурра бо матн фаро гирифта шуда бошад ҳам, ҳатман дар қисми поёнии кунҷи рости вараҳи якум муҳри бақайдгирӣ гузошта мешавад (замимаи 1). Ҳуҷҷатҳо дар рӯзи ворид шуданашон ба қайд гирифта мсшаванд.

90. Ҳуҷҷатҳои бақайдгирифтанашаванда - ҳуҷҷатҳои ба нишонии кумитаи иттифоқи касаба ва бо қайди «шахсан» воридгардида, бевосита тибқи таъинот фиристода мешаванд.

91 Ҳуҷҷатҳои воридгардида баъди ба қайд гирифтани онҳо дар дафтари бақайдгирии ҳуҷҷатҳои воридотӣ (замимаи 2) барои баррасӣ ба роҳбарият фиристода мешаванд.

92. Ҳуҷҷатҳо бояд дар рӯзи ворид шуданашон барои баррасӣ ба роҳбарият пешниҳод шаванд. Барқияҳо, барқияи телефонӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои таъҷилӣ барои баррасӣ ва ичро дар навбати аввал пешниҳод мешаванд.

93. Агар дар ҳуҷҷатҳои воридгардида ба дигар ҳуҷҷатҳо ишора шуда бошад, дар ин сурат он ҳуҷҷатҳо дарёфт карда, якҷоя бо ҳуҷҷатҳои воридгардида ё маълумотномаи дахлдор ба роҳбарият пешниҳод мешаванд.

94. Ҳуҷҷатҳои дар рӯзҳои ҷайрикорӣ, истироҳат ва рӯзҳои ид воридгардидаро навбатдори мақомот ва ташкилоти давлатӣ қабул намуда, ба роҳбарият гузориш медиҳад ва сипас онҳо ба воҳиди сохтории коргузорӣ барои бақайдгирӣ супорида мешаванд.

95. Ҳуҷҷатҳои аз ҷониби шахсони ҷайримасъул имзошуда, дорои матни носаҳеҳ ё реквизитҳои заруринадошта аз ҷониби воҳиди сохтории коргузорӣ ба ирсолкунанда бо зикри асосҳо пас баргардонида мешаванд. Ҳуҷҷатҳое, ки бе имзо мебошанд ё дар онҳо суроҷаи шахси ирсолкарда нишон дода нашудааст, баррасӣ карда намешаванд.

96. Натиҷаҳои баррасӣ дар амрҳои хаттӣ инъикос меёбанд, ки дар қисми рости болои ҳуҷҷат, дар дигар ҷойи холӣ аз матн ва ё дар вараҳаи алоҳида гузошта мешаванд. Амри хаттӣ бояд дорои

нишондодҳои возеҳ ва мукаммал оид ба тартиб ва хусусияти иҷрои ҳуҷҷатҳо ва иҷрокунандагон бошад.

97. Ҳуҷҷатҳо бояд дар муҳлати муқарраргардида баррасӣ карда шаванд.

98. Ҳуҷҷатҳои воридгардида баъди баррасии роҳбарият барои ба қайд гирифтани амри хаттӣ дар сутунн дахлдори дафтари муросилоти воридотӣ ба воҳиди сохтории коргузорӣ баргардонида, тибқи таъинот фиристода мешаванд.

99. Шахсе, ки дар амри хаттӣ якум нишон дода шудааст, масъули иҷрои ҳуҷҷатҳо мебошад. Масъули иҷро ҳуқуқи даъват намудани ҳамиҷрочиёнро дорад.

100. Ҳамиҷрочиён уҳдадоранд, ки бо дархости масъули иҷро ба ӯ тамоми маводи заруриро пешниҳод намояид. Ҳамиҷрочиёи барои сари вақт ва хушсифат омода намудани лоиҳаи ҳуҷҷатҳо масъулияти баробар доранд.

101. Ҳуҷҷатҳои иҷрогардида барои ба парванда дӯхтан ба он воҳидҳои сохторӣ ё кормандоне, ки парвандаҳоро аз руйи масъалаҳои дахлдор тибқи феҳристи парвандаҳо тартиб медиҳанд, баргардонида мешаванд.

§2. Тартиби гардиши ҳуҷҷатҳои содиротӣ ва дохилӣ дар рафти омода намудани онҳо

102. Иҷрокунанда то пешниҳоди ҳуҷҷати омодашуда барои имзо, бояд мундариҷа, дурустии ба расмият даровардани он ва мавҷудияти иловаҳоро санҷад. Ҳуҷҷат барои имзо якҷоя бо маводе, ки дар асоси онҳо омода шудааст, пешниҳод карда мешавад.

103. Ҳуҷҷатҳои аз тарафи роҳбарият имзошуда барои бақайдгирӣ дар дафтари бақайдгирии ҳуҷҷатҳои содиротӣ, дохилӣ (замимаи 3) ва ирсол ба воҳиди сохтории коргузорӣ баргардонида мешаванд.

104. Ҳуҷҷатҳо барои ирсол дар шакли пурра ба расмият даровардашуда супорида мешаванд. Воҳиди сохтории коргузорӣ дурустии ба расмият даровардa шудани ҳуҷҷатҳо ва мавҷудияти иловаҳои дар ҳуҷҷати асосӣ нишондодашударо санҷида, лифофаро ба расмият медарорад ва худи ҳамон рӯз ба мақоми дахлдори алоқа месупорад.

105. Ҳуҷҷатҳои дохилӣ дар доираи дастгоҳи идоракунӣ омода, ба расмият даровардa, иҷро (истифода бурда) карда мешаванд.

106. Лоиҳаи ҳуҷҷатҳо баъди омода ва мувофиқакунӣ бо кормандони дахлдори ташкилот барои баррасӣ ё имзо ба роҳбарият пешниҳод мешаванд. Баъди имзои ҳуҷҷатҳои мазкур дар дафтари

бақайдгирии ҳуҷҷатҳои содиротӣ ва дохилӣ ба қайд гирифта, барои иҷро равон карда мешаванд.

107. Гузоришҳо ба номи роҳбарият, маълумотномаҳо, маълумот ва дигар ҳуҷҷатҳои дорои хусусияти фаврӣ баъди баррасӣ ва иҷрои онҳо дар парвандаи дахлдор ҷойгир карда мешаванд.

§3. Тартиби қабул ва супоридани ҳуҷҷатҳо

108. Қабул ва супоридани ҳуҷҷатҳои воридотӣ, содиротӣ ва дохилӣ дар ҳамаи марҳилаҳои гардиши худ бо гузоштани имзо амалӣ мешавад. Супоридани ҳуҷҷатҳо аз як воҳиди сохторӣ ба воҳиди сохтории дигар ё аз як корманд ба корманди дигар ҳатман тавассути воҳиди сохтории коргузорӣ сурат гирифта, дар дафтари бақайдгирии ҳуҷҷатҳо оид ба гардиши ҳуҷҷатҳо қайд карда мешавад.

§4. Бақайдгирии ҳуҷҷатҳо

109. Ҳуҷҷатҳоро воҳиди сохтории коргузорӣ ба таври мутамарказ ба қайд мегирад. Ҳуҷҷатҳои дар замимаи 4 нишондодашуда ба қайд гирифта намешаванд.

110. Ҳар як ҳуҷҷат як маротиба ба қайд гирифта мешавад. Ҳуҷҷатҳои воридотӣ дар рӯзи ворид шуданашон, содиротӣ ва дохилӣ бошанд, дар рӯзи баимзорасӣ ба қайд гирифта мешаванд.

111. Шохиси ҳуҷҷатҳои воридотӣ, содиротӣ ва дохилӣ аз рақами тартибии бақайдгирии ҳуҷҷат ва шохиси парванда аз рӯйи феҳрист иборат аст. Масалан:

№ 14/12 аз 05.01.17 Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳисоботи солонаи муҳосибӣ барои соли 2016 ирсол мегардад.

Директор имзо насаб, ном, номи падар

- дар ин ҷо 14 - рақами тартибни бақайдгирӣ, 12 - шохиси парванда аз рӯйи феҳрист мебошад.

112. Барои бақайдгирии ҳуҷҷатҳои воридотӣ, содиротӣ ва дохилӣ дафтарҳои зерин истифода бурда мешаванд:

- дафтари бақайдгирии ҳуҷҷатҳои воридотӣ;
- дафтари бақайдгирии ҳуҷҷатҳои дохилӣ;
- дафтари бақайдгирии ҳуҷҷатҳои содиротӣ;
- дафтари бақайдгирии қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дафтари бақайдгирии супоришҳои хаттӣ ва протоколҳои маҷлисҳои назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- дафтари бақайдгирии супоришҳои хаттӣ ва протоколҳои маҷлисҳои назди Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дафтари бақайдгирии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;
- дафтари бақайдгирии барқияҳои ҳукуматӣ;
- дафтари бақайдгирии ҳуҷҷатҳои баргардонидашуда.

4. ТАШКИЛИ НАЗОРАТИ ИҶРОИ ҲУҶҶАТҲО

113. Ҳамаи ҳуҷҷатҳои муҳими давлатие, ки бояд иҷро карда шаванд, аз ҷумла қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, супоришҳои Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ, дархостҳо, супоришҳои мақомоти болоӣ ва фармону фармоишҳои роҳбарияти ташкилот таҳти назорат гирифта мешаванд.

114. Иҷрои ҳуҷҷатҳои иисбатан муҳими дохилӣ низ бояд назорат карда шавад.

115. Тартиби ба назорат гирифтан ва аз назорат баровардани ҳуҷҷатҳои назоратӣ, инчунин ҳолатҳои тамдид кардани муҳлатҳои иҷро вобаста ба хусусиятҳои ташкили кор дар дастурамали коргузории ташкилот муқаррар карда мешавад.

116. Ба раванди иҷрои ҳуҷҷатҳо ва супоришҳои дар онҳо буда, роҳбарият тавассути воҳиди сохтории коргузорӣ ва ё шахсони алоҳидаи масъул назорат мебарад.

117. Ба назорат гирифтани ҳуҷҷатҳои назоратӣ ба тариқи кушодани варақаҳои назоратии шакли муқарраршудаи А5 андозааш 148х210мм тибқи замимаи 5 амалӣ карда мешавад.

118. Ҷиҳати ташкили назорати иҷрои ҳуҷҷатҳои назоратӣ ба унвони воҳиди сохтории дахлдор варақаи назоратӣ дар ду нусха пур карда шуда, бо имзои роҳбари воҳиди сохтории коргузорӣ ё шахси мансабдори мутасаддӣ тасдиқ карда мешавад.

119. Дар варақаи назоратӣ дар бораи рафти иҷрои ҳуҷҷати назоратӣ бояд тамоми маълумоти зарурӣ мухтасар инъикос карда шавад.

120. Муҳлати иҷрои ҳуҷҷат аз лаҳзаи ба ташкилот ворид шудани он ҳисоб карда мешавад.

121. Ҳуҷҷатҳо бояд дар муҳлатҳои зерин иҷро (баррасӣ) карда шаванд:

- қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон - мувофиқи талаботи қонунгузорӣ;

- таҳияи санадҳои зерқонунӣ - тибқи муҳлатҳои муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳо ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳо ва фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - мувофиқи муҳлатҳои дар онҳо зикршуда;

- дархостҳо ва мактубҳои узви Маҷлиси миллӣ, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ вобаста ба фаъолияти вакилии онҳо то як моҳ, агар омӯзмш ва санҷиши иловагиро талаб нанамоянд - бетаъхир;

- супоришҳои Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президент ва муовинони ӯ - як моҳ ё мувофиқи муҳлатҳои дар онҳо зикршуда;

- супоришҳои Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президент ва муовинони ӯ дар хусуси ба Ҳукумат ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани иттилоот, ҳуҷҷатҳо ва дигар маводи зарурӣ дар муҳлати панҷ рӯз аз рӯзи қабул гардиданашон, агар муҳлати дигар нишон дода нашуда бошад;

- мактубҳо ва арзу шикоятҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ»;

- қарорҳои ҳайати мушовара, мақомоти машвараті ва фармоишҳои роҳбари ташкилот - мувофиқи муҳлатҳои дар онҳо зикршуда;

- мактуб, дархостҳо ва супоришҳои ташкилотҳои болоӣ - то даҳ рӯз ё мувофиқи муҳлатҳои дар онҳо зикршуда;

- барқияҳои телефонӣ - мувофиқи муҳлатҳои дар онҳо зикршуда ё вобаста ба таъҷилӣ будани масъала.

122. Агар дар санадҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин протоколҳои маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлиси назди Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳлати иҷрои дастур, супориш, чорабинӣ, бандҳо ба таври мушаххас муайян нашуда бошад, пас дар варақаи назоратӣ вобаста ба муҳтавои супориш муҳлати назоратии иҷро дар мувофиқа бо воҳидҳои сохтории Дастгоҳи иҷроияи

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи зайл муқаррар карда мешавад:

- фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҳар семоҳа, нимсола ва солона;

- амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҳар семоҳа;

- қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҳар семоҳа;

- фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҳар семоҳа;

- протоколҳои машваратҳои назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҳар семоҳа;

- протоколҳои маҷлисҳои Раёсат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҳар семоҳа;

- протоколҳои маҷлиси назди Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҳар моҳ;

- барномаҳо, консепсияҳо, стратегияҳо ва нақшаҳои чорабиниҳо ҳар нимсола, солона;

- иҷрои нақшаи чорабиниҳо, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд - ҳар нимсола, солона;

- иҷрои нақшаи кори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - ду моҳ қабл аз моҳи нишондодашуда.

123. Бо мақсади дар сатҳи муносиб ташкил ва ҳамоҳанг намудани раванди назорати иҷро воҳиди сохтории коргузории ташкилот метавонад муҳлати иҷрои ҳуҷҷатҳои назоратиро дар мувофиқа бо воҳидҳои сохтории дахлдори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти болоӣ муайян намуда, дар варақаҳои назоратӣ нишон диҳад.

124. Ҳуҷҷат ҳамон вақт иҷрогардида ҳисобида мешавад, ки тамоми масъалаҳои дар он ба миён гузошташуда ҳал гарданд ва ба муаллиф ҷавоби саҳеҳ дода шавад.

125. Маълумот оид ба вазъи интизоми иҷроия ва натиҷаҳои иҷрои ҳуҷҷатҳои назоратшаванда аз тарафи воҳиди сохтории коргузорӣ ё шахсони алоҳидаи масъул ба ҳолати санаи 1-уми ҳар моҳ ҷамъбаст шуда, ба маълумоти роҳбарият расонида мешаванд.

126. Дар асоси таҳлил барои тезонидани ҷараёни иҷрои ҳуҷҷатҳо ва баланд бардоштаии интизоми иҷроия, такмили ташкили назорат ва идоракунӣ дар маҷмӯъ дастуру пешниҳодҳо таҳия карда мешаванд.

5. ТАРТИБ ДОДАНИ ФЕҲРИСТ ВА ТАШКИЛ НАМУДАНИ ПАРВАНДАҲО

§1. Тартиб додани феҳристи парвандаҳо

127. Ҳуҷҷатҳо баъди иҷрои (истифодаи) онҳо дар парвандаҳои иборат аз маҷмӯи ҳуҷҷатҳои мансуб ба масъалаи муайян ва дар муқоваи алоҳида дӯхташуда гурӯҳбандӣ карда мешаванд.

128. Бо мақсади дуруст ба тартиб даровардани парвандаҳо, ки ҷустуҷӯи фаврии ҳуҷҷатҳоро аз рӯйи мазмун ва навъ таъмин мекунад, феҳристи парвандаҳо тартиб дода мешавад, ки он руйхати батанзимдароварандаи номгӯи парвандаҳое мебошад, ки бо нишон додани муҳлати нигаҳдории онҳо дар коргузорӣ ҷорӣ карда мешавад.

129. Феҳристи парвандаҳоро воҳиди сохтории коргузорӣ якҷоя бо дигар кормандони дастгоҳ тартиб медиҳад. Феҳристи парвандаҳои тартибдодашуда бо бойгонии давлатии дахлдор мувофиқа карда, аз тарафи роҳбарият тасдиқ ва аз 1 январи соли нав (замимаи 6) мавриди амал қарор дода мешавад.

130. Феҳристи тасдиққардашуда дар давоми якчанд сол амал карда, дар мавриди таҷйир ёфтани сохтори ташкилот бояд аз нав тартиб ва тасдиқ карда шавад. Агар чунин таҷйирот рӯй надиҳад, феҳристи парвандаҳо дар охири ҳар сол танҳо дақиқ ва аз нав чоп карда мешавад.

131. Ба феҳристи парвандаҳо ҳамаи ҳуҷҷатҳое, ки ҳам дар дохили ташкилот таҳия мешаванд ва ҳам аз берун ворид мегарданд, дохил карда мешаванд.

132. Ба феҳристи парвандаҳо нашрияҳои чопӣ, китобчаҳо, маълумотномаҳо, варақаҳо ва дигар нашрияҳои ба инҳо монанд ворид карда намешаванд.

133. Шохиси парвандаҳо дар феҳрист аз аломати воҳиди сохторӣ ва рақами тартибии парванда дар ҳудуди воҳиди сохторӣ ё самти фаъолият иборат аст.

134. Номи парвандаҳо аз рӯйи аҳамиятнокии ҳуҷҷатҳо, ки дар парванда ташкил шудааст, дар фаслҳои дахлдори феҳрист ҷойгир карда мешавад.

135. Номи парванда бояд мазмун ва таркиби асосии ҳуҷҷатҳои парвандаро дар шакли возеҳ ва ҷамъбастӣ инъикос намояд.

136. Номи парвандаҳо оид ба масъалаҳои дар давоми сол ҳалнагардида «гузаранда буда», бо ҳамон шохис ба феҳристи парвандаҳои соли ояндаи ташкилот гузаронида мешавад.

137. Агар дар давоми сол дар фаъолияти дастгоҳ соҳаҳои нави корӣ ва корҳои пешбининашудае, ки бояд ҳуҷҷатнок карда шаванд,

ба вуҷуд омада бошанд, онҳо ба таври илова ба феҳристи парвандаҳо ворид карда мешаванд. Бо ин мақсад дар ҳар як фасли феҳрист рақамҳои эҳтиёти гузошта мешаванд.

138. Баъди ба охир расидани соли коргузорӣ дар охири феҳрист оид ба миқдори парвандаҳои ташкилкардашуда сабти ҷамъбастӣ карда мешавад (замимаи 7).

139. Вазорату идораҳо, мақомоти марказии ташкилотҳои ҷамъиятӣ барои ташкилоту муассиса ва корхонаҳои ҳамнавъи тобеи худ феҳристи намунавии парвандаҳоро таҳия менамоянд. Масалан: «Феҳристи намунавии парвандаҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ», «Феҳристи намунавии парвандаҳои марказҳои саломатии шаҳрӣ (ноҳиявӣ)» ва ҷайра.

§2. Ташкил намудани парвандаҳо

140. Ҳуҷҷатҳои иҷрошуда ва мутаносибан ба расмият даровардашуда гурӯҳбандӣ шуда, дар парванда ба тартиб даровардашуда мешаванд. Батартибдарории парвандаҳо тибқи феҳристи парвандаҳо дар воҳидҳои сохторӣ дар ҷойи иҷрои ҳуҷҷатҳо амалӣ мешавад.

141. Яке аз талаботи асосӣ нисбати батартибдарории ҳуҷҷатҳо ин дар парвандаҳои алоҳида тартиб додани ҳуҷҷатҳои муҳлати нигоҳдориашон доимӣ ва муваққатӣ мебошад.

142. Ҳангоми батартибдарории парвандаҳо қатъӣ риоя намудани ҳаҷм ва таркиби ҳуҷҷатҳое, ки бояд дар ин парванда ҷой дода шавад, зарур аст. Ба парванда ворид намудани ҳуҷҷатҳои ба он мансубнабуда, инчунин сиёҳнависҳо, вариантҳо ва нусхаҳои зиёдшуда мумкин нест. Ҳар як парванда набояд аз 250 саҳифа зиёд бошад.

143. Ҳуҷҷатҳо дар дохили парванда аз рӯйи тартиби ҳалли масъалаҳо тибқи хронология ва шохисбандӣ ҷойгир карда мешаванд.

144. Фармоишҳо оид ба ҳайати шахсӣ аз фармоишҳо оид ба фаъолияти асосӣ ҷудо гурӯҳбандӣ карда мешаванд.

145. Нақшаҳо, ҳисоботҳо ва харҷномаҳо аз лоиҳаҳои ин ҳуҷҷатҳо ҷудо гурӯҳбандӣ карда мешаванд.

146. Ҳуҷҷатҳо дар парвандаҳои шахсӣ бо тартиби зерин ҷойгир карда мешаванд:

- рӯйхати дохилии ҳуҷҷатҳо, ки дар парвандаи шахсӣ мавҷуд аст;
- ариза дар бораи ба кор қабул кардан, роҳхат ё пешниҳод;
- пурсишнома, варақаи баҳисобгирии кадрҳо;
- ҳолнома;

- ҳуҷҷатҳо оид ба маълумот;

- нусхаи фармоишҳо оид ба таъйинот, аз ҷое ба ҷое гузаронидан, озод кардан.

147. Варақаҳои шакли Т-2 (варақаи шахсии корманд - ҳуҷҷати ба як шакли муайян дароварда мебошад, ки дар асоси фармоиши роҳбари ташкилот дар бораи қабул ба кор, аз ҷониби кормандони ҳамаи соҳаҳо пур карда мешавад, ки намунаи он аз ҷониби мақомоти омор тасдиқ карда мешавад) аз рӯйи тартиби алифбоӣ ҷойгир карда мешаванд.

148. Мукотибот дар парванда дар давраи соли таҚвимӣ гурӯҳбандӣ карда мешаванд.

149. Дар парвандаи мукотибот ҳамаи ҳуҷҷатҳои дар ҷараёни ҳалли масъала таҳияшуда ҷой дода мешаванд. Мукотибот бо пайдарҳамии хронологӣ мураттаб гардонида мешаванд: ҳуҷҷат-ҷавоб баъди ҳуҷҷат-дархост ҷойгир карда мешавад. Ҳангоми аз нав оҷоз намудани мукотиба оид ба масъалаи муайян ҳуҷҷатҳо ба парвандаи соли ҷорӣ бо нишон додани шохиси парвандаи соли гузашта, ки дар он ҳуҷҷатҳо оид ба ин масъала нигоҳ дошта мешаванд, ворид карда мешаванд.

150. Мукотибот бо ташкилоти болоӣ аз рӯйи масъалаҳои мушаххас гурӯҳбандӣ карда мешавад.

6. ОМОДА НАМУДАНИ ҲУҶҶАТҲО БАРОИ НИГОҲДОРӢ, ИСТИФОДАБАРИИ МИНБАЪДА, ТАРТИБИ НОБУД СОХТАНИ ОНҲО

§1. Ташхиси илмӣ ва амалии муҳимияти ҳуҷҷатҳо

151. Ташхиси муҳимияти ҳуҷҷатҳо ин муайян намудани аҳамиятнокии сиёсӣ, хоҷагии халқ, иҷтимоию фарҳангӣ ва дигар аҳамияти ҳуҷҷатҳо бо мақсади ҷудо намудани онҳо барои нигоҳдории минбаъда ё нобудкунӣ мебошад.

152. Ташхиси муҳимияти ҳуҷҷатҳо аз тарафи кормандони воҳидҳои сохторӣ таҳти роҳбарии методии комиссияи ташхисии (КТ) доимоамалкунандаи ташкилот амалӣ мешавад.

153. Интихоби ҳуҷҷатҳо барои нобудкунӣ бо санади шакли муайян ба расмият дароварда мешавад. Санадҳоро комиссияи ташхиси баррасӣ намуда, ба онҳо раис ва аъзои ин комиссия имзо мегузоранд ва роҳбарият тасдиқ менамояд.

154. Ҳуҷҷат ва парвандаҳои ба санад воридкардашуда танҳо баъди аз тарафи мақомоти бойгонии давлатӣ тасдиқ кардани

руйхатҳои парвандаҳои муҳлати нигоҳдориашон доимӣ ва муваққатии давраи дахлдор нест карда мешаванд.

§2. Тартиб додани парвандаҳо

155. Дар оҷози сол дар ҳар як воҳиди сохторӣ тибқи феҳристи парвандаҳо муқоваи парвандаҳои ташкилшаванда тартиб дода мешавад.

156. Тартиб додани парвандаҳо аз навиштани муқоваи парвандаҳо, ҷузъбандӣ, рақамгузории варақҳо ва таҳияи навиштаҷоти тасдиқкунанда иборат аст.

157. Парвандаҳои муҳлати нигоҳдориашон доимӣ ва дарозмуҳлат (аз 10 сол ва зиёда аз он) дар муқоваи сахт муқовабандӣ шуда, варақҳояшон рақамгузорӣ карда мешаванд. Дар охири парвандаҳо дар саҳифаи алоҳида навиштаҷоти тасдиқкунанда гузошта мешавад.

158. Парвандаҳои муҳлати нигоҳдориашон муваққатӣ (то 10 соли пурра) ба таври оддӣ ба расмият даровардa мешаванд: онҳо муқовабандӣ, варақҳояш рақамгузорӣ, рӯйхати парвандаҳо тартиб дода намешавад ва баҳисобгирӣ аз рӯйи феҳристи парвандаҳо амалӣ мешавад.

159. Навиштаҷот дар муқоваи парвандаҳои муҳлати нигоҳдориашон доимӣ ва дарозмуҳлат бояд ба таври возеҳ, бо ранги сиёҳи офтоббардор ё туши сиёҳ анҷом дода шаванд.

160. Оид ба масъалаҳои мураккаби вобаста ба расмият даровардани парвандаҳое, ки бояд ба нигоҳдории давлатӣ супорида шаванд, бо бойгонии давлатии дахлдор машварат намудан зарур аст.

§3. Ба рӯйхат гирифтани ҳуҷҷатҳои муҳлати нигоҳдориашон доимӣ ва дарозмуҳлат

161. Баъди ба охир расидани соли коргузорӣ аз руйи натиҷаҳои ташхиси гузаронидашудаи муҳимияти ҳуҷҷатҳо парвандаҳои муҳлати нигоҳдориашон доимӣ ҷудо карда мешаванд, ки бояд ба руйхат дохил карда шаванд (замимаи 8).

162. Рӯйхат аз тарафи воҳиди сохтории коргузорӣ бо ёрии методии бойгонии давлатии дахлдор тартиб дода мешавад. Рӯйхатҳои солонаи парвандаҳо бояд аз тарафи комиссияи ташхису тафтишотии (КТТ) мақомоти бойгонии давлатӣ тасдиқ карда шаванд.

163. Рӯйхатҳо ба парвандаҳои муҳлати нигоҳдориашон доимӣ, дарозмуҳлат ва ҳайати шахсӣ алоҳида тартиб дода мешаванд.

164. Ҳар як парванда (ҷилд) тибқи рӯйхат рақами тартибии мустақил дорад. Парвандаҳо дар рӯйхатҳо аз рӯйи феҳристи парвандаҳо мураттаб гардонида мешаванд.

§4. Таъмини ҳифзи ҳуҷҷатҳо

165. Барои ҳифзи ҳуҷҷатҳои ташкилот воҳиди сохтории коргузорӣ ва роҳбарони воҳидҳои сохторӣ масъул мебошанд.

166. Парвандаҳо аз лаҳзаи оғоз дар коргузорӣ то вақти супоридан ба бойгонии ташкилот ё нобудкунӣ, дар утоқҳои корӣ, дар ҷевонҳои пӯшидашаванда ё биноҳои маҳкамшавандаи махсус ҷудокардашуда нигоҳ дошта мешаванд.

167. Гирифтан ва додани нусхаи аслии ҳама гуна ҳуҷҷат аз парвандаҳои муҳлати нигоҳдориашон доимӣ манъ аст. Дар ҳолатҳои истисно (масалан, бо талаби мақомоти судӣ-тафтишотӣ) гирифтани ҳуҷҷатҳо бо иҷозати роҳбарият, бо роҳи дар парванда ҳатман гузоштани нусхаи аслии тасдиққардашудаи ҳуҷҷати гирифташуда ва гузоштани санад оид ба гирифтани нусхаи аслӣ, ба амал бароварда мешавад.

§5. Супоридани парвандаҳо ба бойгонии ташкилот

168. Парвандаҳои муҳлати нигоҳдории доимӣ ва дарозмуҳлат баъди як соли ба охир расидани онҳо дар коргузории воҳидҳои сохторӣ ба бойгонии ташкилот супорида мешаванд. Парвандаҳои муҳлати нигоҳдории муваққатӣ (то 10 сол) ба бойгонӣ супорида нашуда, дар воҳидҳои сохторӣ нигоҳ дошта мешаванд.

169. Бойгонии ташкилот парвандаҳоро аз рӯйи рӯйхат ё феҳристи парвандаҳо қабул менамояд.

170. Агар парвандаҳои алоҳидаро дар коргузорӣ барои кори ҷорӣ мондан зарур бошад, он гоҳ бойгонӣ барои ба истифодаи муваққатӣ додани онҳоро ба расмият медарорад.

§6. Тартиби нобуд сохтани ҳуҷҷатҳо

171. Рӯйхати ҳуҷҷатҳои нобудшавандаро воҳиди сохтории коргузорӣ якҷоя бо дигар кормандони ташкилот тартиб медиҳад. Ҳамзамон, санади нобудсозии ҳуҷҷатҳо тартиб дода шуда, бо бойгонии давлатии дахлдор мувофиқа гардида, аз тарафи роҳбарият тасдиқ карда мешавад.

172. Нобудсозии ҳуҷҷатҳо бояд бо қоидаҳои зерин мувофиқат кунад:

- қонунӣ ба расмият дароварда шавад (санад оид ба нобудсозӣ);

- эътимоднок ва махфӣ бошад (аз байн бурдани имконияти азнавбарқароркунӣ);

- гирифтани иҷозати хаттӣ барои нобудсозӣ аз комиссияи ташхисии ташкилот;

- дар ҳузури комиссияи ташхисӣ гузаронида мешавад.

173. Танҳо ҳамон ҳуҷҷатҳое нобуд карда мешаванд, ки аз ташхиси муҳимияти ҳуҷҷат гузаштаанд ва онҳое, ки муҳлати нигоҳдориашон гузаштааст.

174. Тартиби асосии нобуд сохтани ҳуҷҷатҳои коҷазӣ аз руйи дараҷаи махфият ин резакунӣ ё сӯзонидан мебошад.

175. Ҳангоми нобуд сохтани ҳуҷҷатҳо берун аз ҳудуди ташкилот интиқоли онҳо то ҷойи нобудсозӣ тавассути нақлиёти хизмати анҷом дода шуда, ҷиҳати ба шахсони бегона дастрасӣ пайдо накардан чораҳои зарурӣ андешида мешавад.

7. ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ ТЕХНИКӢ ҲАНГОМИ ТАҲИЯИ ҲУҶҶАТҲО, КОРҲОИ НУСХААФЗОӢ ВА САБТИ МАГНИТӢ

176. Дар ҷараёни кор бо ҳуҷҷатҳо дар ташкилот компютерҳо ва дигар воситаҳои техникии электронӣ, аз ҷумла аудиоӣ ва видеоӣ истифода бурда мешаванд. Роҳбарии методии таҳияи ҳуҷҷатҳоро бо истифодаи воситаҳои техникӣ ё корманди масъули ташкилот анҷом медиҳад.

177. Нусхаафзоии ҳуҷҷатҳо зери назорати қатъии роҳбари воҳиди сохторӣ анҷом дода мешавад. Нусхаафзоӣ намудани ҳуҷҷатҳои ҷайрихизматӣ ва дорои муҳри махфӣ манъ аст.

178. Мутахассиси масъули воҳиди сохтории коргузорӣ ҷиҳати ҳифзи маълумоти ҳуҷҷатҳои нусхашуда, пешгирӣ намудани нусхаафзоии барзиёд ва ҷайриқонунӣ, дастрас нагардидани нусхаи ҳуҷҷатҳо ба дигар шахсон, масъул мебошад.

179. Сабти магнитии чорабиниҳое, ки дар ташкилот баргузор мегарданд, аз ҷониби воҳиди сохтории дахлдори ташкилот анҷом дода мешавад. Рамзхонии сабти чорабиниҳо дар мавриди зарурат бо иҷозати роҳбари ташкилот ба ҷо оварда мешавад. Сабтҳои магнитии ҷаласаҳо, дигар чорабиниҳо бо тартибе, ки барои ҳуҷҷатҳои дорои муҳри «Барои истифодаи хизматӣ» муқаррар гардидааст, нигоҳ дошта мешаванд.

180. Тартиби истифодаи компютерҳо, принтерҳо, сканерҳо, дастрасӣ ба захираҳои муштараки иттилоотӣ, истифодаи воситаҳои

ҳифзи ҳуҷҷатҳо аз истифодаи ҷайриқонунӣ ба таври алоҳида муайян карда мешавад.

181. Ҳангоми ба кор қабул кардани корманд аз ҷониби корфармо, донистани маҳорати амалии кор бо воситаҳои техникӣ санҷида мешавад.

Замимаи 2

ба Дастурамали намунавии коргузорӣ
дар мақомоти давлатӣ, муассиса, корхона
ва дигар ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дафтари бақайдгирии ҳуҷҷатҳои воридотӣ

№ р/т	Саноии воридшавии ҳуҷҷат	№ ва шохиси ҳуҷҷати воридшуда	Ирсолкунанда	Мазмуни мухтасар	Шумораи саҳифаҳо/замима	Амри хаттӣ ё ба кӣ фиристода шудани ҳуҷҷат	Мухлати иҷрои ҳуҷҷат	Қайд дар бораи иҷро ва рақами парвандае, ки ҳуҷҷат ба он дӯхта шудааст

Замимаи 3

ба Дастурамали намунавии коргузорӣ
дар мақомоти давлатӣ, муассиса, корхона
ва дигар ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дафтари бақайдгирии ҳуҷҷатҳои содиротӣ ва дохилӣ

№ р/т	Сана ва шохиси ҳуҷҷат	Ирсолкунанда	Мазмуни мухтасар	Қайд дар бораи иҷрои ҳуҷҷат ва рақами парвандае, ки ҳуҷҷат ба он дӯхта шудааст	Шумораи саҳифаҳо

Замимаи 4
ба Дастурамали намунавии коргузорӣ
дар мақомоти давлатӣ, муассиса, корхона
ва дигар ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рӯйхати ҳуҷҷатҳое, ки аз тарафи воҳиди сохтории коргузорӣ ба қайд
гирифта намешаванд

1. Маълумот дар бораи ҷаласаҳо, машваратҳо ва рӯзнома

2. Ҷадвалҳо, супоришномаҳо, дархостҳо, таҚсимбандиҳо

3. Нақшаҳои таълимӣ, барномаҳо (нусхаҳо)

4. Огоҳномаҳои эълонӣ, овезаҳо, барномаҳои машваратҳо, конференсияҳо

5. Номаҳои табрикотӣ ва даъватномаҳо

6. Нашрияҳои чопӣ (китобҳо, маҷаллаҳо, варақаҳо)

7. Намунаҳои ҳисобот оморӣ

8. Ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ.

Замимаи 5
ба Дастурамали намунавии коргузорӣ
дар мақомоти давлатӣ, муассиса, корхона
ва дигар ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

ВАРАҚАИ НАЗОРАТӢ	Саҳифаи 1
	Ба _____
	(номи воҳиди сохторӣ)
Номи ҳуҷҷат:	_____
	Роҳбари воҳиди сохтории коргузорӣ _____
аз _____ ___ с.20 ____	
	_____

Мазмуни мухтасар	_____ с. 20_____

Муҳлатҳои назорат:

Саҳифаи 2 (дар паси саҳифаи 1)
_____
_____

Қайд дар бораи иҷро
_____
_____

Роҳбари воҳиди сохторӣ _____ «Аз назорат гирифта шуд»

«____» _____ с. 20 ____
_____

Роҳбари воҳиди сохтории коргузорӣ

«____» _____ с. 20 ____

Замимаи 6
ба Дастурамали намунавии коргузорӣ
дар мақомоти давлатӣ, муассиса, корхона
ва дигар ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шакли феҳристи парвандаҳои ташкилот:

Номи ташкилот
Феҳристи парвандаҳо барои соли_____

Тасдиқ мекунам
Номи вазифаи
роҳбари ташкилот
имзо насаб, ном, номи падар
сана

_____
_____
_____

(номгӯи воҳиди сохторӣ)

Шохиси парванда	Сарлавҳаи парванда (ҷилдҳо, қисмҳо)	Миқдори парвандаҳо (ҷилдҳо, қисмҳо)	Муҳлати нигоҳдории парванда (ҷилд, қисм) ва рақами моддаҳо аз рӯйи Номгӯй[1]	Эзоҳ

Номи вазифаи роҳбари воҳиди
сохтории коргузории ташкилот
имзо насаб, ном, номи падар
сана

[1] Номгӯйи ҳуҷҷатҳои намунавие, ки дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, идораҳо, дигар ташкилоту корхонаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ бо нишон додани муҳлати нигоҳдорӣ ташкил мешаванд, ки бояд ва набояд ба нигоҳдории давлатӣ барои ҳуҷҷатҳои умумӣ ва махсус супорида шаванд, ки сардори Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июли соли 2002 тасдиқ кардааст ё Номгӯи ҳуҷҷатҳои дар фаъолияти ташкилотҳои соҳа ташкилшаванда.

Манзурии мудири бойгонии идоравӣ
(Шахси масъули бойгонӣ)
Маъқул дониста шуд
Мувофиқа шуд
Протоколи КТ[2] Протоколи КТТ[3]
аз_____ № _____
аз_____ № _____

Замимаи 7
ба Дастурамали намунавии коргузорӣ
дар мақомоти давлатӣ, муассиса, корхона
ва дигар ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шакли қайди ҷамъбастӣ ба феҳристи парвандаҳои ташкилот

Қайди ҷамъбастӣ оид ба гурӯҳҳо ва миқдори парвандаҳое, ки дар соли _____ дар ташкилот ташкил карда шудаанд

Тибқи муҳлатҳои нигоҳдорӣ	Ҳамагӣ	Аз ҷумла	
		Гузаранда	Бо аломати КТТ

доимӣ

_____
_____
дарозмуддат (беш аз 10 сол)

[2] Ниг. ба қисми 6, банди 92
[3] Ниг. ба қисми 6, банди 99

_____
_____
муваққатӣ (то 10 соли пурра)
_____
_____
ҶАМЪ:

Номи вазифаи роҳбари воҳиди сохтории коргузории ташкилот имзо насаб, ном, номи падар

Сана
Маълумотҳои ҷамъбастӣ ба бойгонии идоравӣ супорида шудаанд

Номи вазифаи шахсе, ки маълумотҳоро фиристодааст имзо насаб, ном, номи падар

Сана

Замимаи 8
ба Дастурамали намунавии коргузорӣ
дар мақомоти давлатӣ, муассиса, корхона
ва дигар ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рӯйхати парвандаҳои муҳлати нигоҳдориашон доимӣ

Тасдиқ мекунам
Номи вазифаи роҳбари ташкилот

имзо насаб, ном, номи падар
сана
Фонд № _____
Рӯйхати № _____
парвандаҳои муҳлати
нигоҳдории доимӣ
барои соли _____

_____
_____
(номи ташкилот ё воҳиди сохтории он)

р/т	Шохиси парванда	Сарлавҳаи парванда (ҷилд, қисм)	Санаи парванда (ҷилд, қисм)	Миқдори варақҳо дар парванда (ҷилд, қисм)	Эзоҳ

Ба ин фасли рӯйхат _____ парванда
(бо рақам ва ҳарфҳо)

аз № _____то № _____, аз ҷумла:

рақамҳои литерӣ:

рақамҳои партовташуда:
ворид карда шудааст.
Номи вазифаи тартибдиҳандаи рӯйхат имзо насаб, ном, номи падар

Мудири бойгонии ташкилот имзо насаб, ном, номи падар

Бо протоколи КТ ташкилот Бо протоколи КТТ
аз_____ №_____
ташкилоти бойгонӣ
маъқул дониста шуд. аз_____
№_____
тасдиқ шудааст.

ҚАРОРИ
ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 29 августи соли 2017, №409 ш. Душанбе

«Дар бораи Дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Мутобиқи моддаи 23 Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1.Дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2.Назорат ва таъмини иҷрои Дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шавад.

3.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 сентябри соли 2001, №419 "Дар бораи Дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз эътибор соқит дониста шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз "29" августи соли 2017, №409
тасдиқ шудааст

Дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби тайёр кардан ва гузаронидани маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро танзим менамояд.

1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Ҳукумат) мақомоти ҳокимияти иҷроияи давлатӣ буда, масъалаҳои идоракунии давлатии таҳти салоҳияташ қарордоштаро мутобиқи Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудаанд, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон", қонунҳои конституцсионӣ, кодексҳо, қонунҳо, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасл менамояд.

2. Фаъолияти Ҳукумат ба баррасӣ дар асоси дастаҷамъӣ ва ҳалли масъалаҳо дар ҳамбастагӣ бо масъулияти шахсии аъзои Ҳукумат дар назди Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон асос меёбад.

3. Ҳалли масъалаҳои ба зиммаи Ҳукумат гузошташуда тавассути маҷлисҳои мунтазам баргузоршавандаи он, фаъолияти ташкилию амалии Раис, аъзои Ҳукумат ва роҳбарони дигар мақомоти идоракунии давлатии ваколатдоргардида таъмин карда мешавад.

2. ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ҲУКУМАТ

4. Шакли асосии фаъолияти Ҳукумат маҷлиси Ҳукумат ба ҳисоб меравад.

5. Дар маҷлисҳои Ҳукумат масъалаҳои мансуб ба салоҳияти Ҳукумат баррасӣ карда мешаванд.

6. Аз рӯйи масъалаҳои дар маҷлисҳои Ҳукумат баррасишуда қарор ва фармоишҳои Ҳукумат қабул карда мешаванд.

7. Ҳангоми зарурат, бо иҷозати хаттии Раиси Ҳукумат ё тибқи супориши ӯ бо иҷозати хаттии Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Сарвазир) қарорҳо ва фармоишҳои Ҳукумат аз рӯи масъалаҳои алоҳидаи хусусияти фавридошта мумкин аст бе гузаронидани маҷлис бо роҳи пурсиши хаттии аъзои он бо тарафдории нисф зиёди аъзои Ҳукумат қабул карда шаванд.

8. Вобаста ба қарору фармоишҳое, ки ҳар моҳ бо роҳи пурсиш қабул шудаанд, раёсати коргузорӣ ва назорати Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколи дахлдор тартиб медиҳад ва он аз ҷониби Сарвазир имзо карда мешавад.

9. Фаъолияти Ҳукумат мутобиқи нақшаҳои тасдиқгардида, ки дар таҳияи онҳо вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, ҳамчунин дигар мақомоти идоракунии давлатӣ (минбаъд - идораҳо), раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, воҳидҳои сохтории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок менамоянд, амалӣ карда мешавад.

10. Дар нақшаҳо масъалаҳои мушаххас, ки бояд дар маҷлисҳои Ҳукумат баррасӣ гарданд, иҷрокунандагон ва масъулони таҳияи масъалаҳо зикр карда мешаванд.

11. Пешниҳодҳо ҷиҳати ворид намудани чорабиниҳо ба нақшаҳои кори Ҳукумат як моҳ пеш аз оҷози давраи банақшагирӣ барои ҷамъбасти минбаъда ва бо тартиби муқарраргардида барои тасдиқ ба Ҳукумат пешниҳод намудан ба Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур мегарданд.

12. Таҷйиру иловаҳо ба нақшаҳои кори тасдиқшудаи Ҳукумат дар асоси дархости пешакии бо Сарвазир мувофиқанамудаи аъзои Ҳукумат, роҳбарони идораҳо, раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва воҳидҳои сохтории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо бо қарори Ҳукумат ворид карда мешаванд.

3. ТАРТИБИ ПЕШНИҲОД НАМУДАНИ МАСЪАЛАҲО БА БАРРАСИИ ҲУКУМАТ

13. Ба баррасии Ҳукумат масъалаҳое пешниҳод карда мешаванд, ки таҳти салоҳияти Ҳукумат қарор дошта, наметавонанд аз ҷониби вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот мустақилона ҳаллу фасл шаванд.

14. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилоту муассисаҳо ва корхонаҳои давлатӣ тавассути мақомоти болоии худ масъалаҳоро ба Ҳукумат пешниҳод менамоянд.

15. Доир ба масъалаи ба баррасии Ҳукумат пешниҳодшаванда аъзои Ҳукумат, роҳбарони идораҳо, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воҳидҳои сохтории он, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот лоиҳаи қарори (фармоиши) Ҳукумат ва маълумотномаи асосноккунандаи мувофиқи мақсад будани қабули он ва дар ҳолатҳои зарурӣ бо замимаи ҳисобҳои дахлдор ва маводи иттилоотӣ пешниҳод менамоянд. Лоиҳа дар як вақт бояд ҳам дар шакли ҳомили коҷазӣ ва ҳам дар шакли ҳомили электронӣ бо забони давлатӣ ва забони русӣ пешниҳод карда шавад.

16. Лоиҳаи қарор (фармоиш) ва замимаҳои он бояд ба қонунгузорӣ мувофиқат намуда, мақсад ва чорабиниҳои дақиқ баёнёфтаро доир ба ҳалли масъалаҳое, ки дар он иҷрокунандагон ва муҳлати иҷро зикр гардидааст, дар бар гирад. Лоиҳа ва маълумотномаи асосноккунандаи зарурати қабули он бояд аз ҷониби шахси мансабдори масъаларо манзурнамуда имзо карда шаванд. Дар сурати имконнопазирии қабули эрод ва таклифҳои ба лоиҳа пешниҳодшуда дар маълумотномаи асосноккунанда сабаб ва асосҳои қабул нашудани онҳо бояд нишон дода шаванд.

17. Лоиҳаи қарори (фармоиши) Ҳукумат бояд бо вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва идораҳои дахлдор мувофиқа гардад. Ҳангоми пайдо шудани ихтилофот оид ба лоиҳа, тамоми эроду мулоҳизаҳо бояд ба таври хаттӣ пешниҳод карда шаванд.

18. Лоиҳаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд бо Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва идораҳои дахлдор мувофиқа гардида, ба онҳо хулосаи экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва муборизаи бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон замима карда шавад.

19. Лоиҳаи қонунҳо ба баррасии Ҳукумат мутобиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" ва Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегарданд.

20. Вазирон, раисони кумитаҳои давлатӣ, роҳбарони идораҳо, раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ вазифадоранд, оид ба

лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии барои мувофиқа ирсолгардида на дертар аз панҷ рӯз аз лаҳзаи воридшавии онҳо, агар муҳлати дигар муқаррар нашуда бошад, таклифу пешниҳодҳои хаттии расмӣ пешниҳод намоянд. Лоиҳа баъди мувофиқа барои имзо пешниҳод мегардад. Дар ин ҳолат роҳбарони мақомоти давлатӣ ва ё шахсони онҳоро ивазкунанда вазифадоранд дар муҳлати на дертар аз як рӯз лоиҳаро бо қайди номи мақомоти давлатӣ, сана ва ё бо назардошти пешниҳод имзо кунанд.

21. Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаҳои қонунҳои конституционӣ, қонунҳо, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумат бояд дар муҳлати на дертар аз понздаҳ рӯз аз рӯзи воридшавии онҳо, агар муҳлати дигар муқаррар нашуда бошад, хулосаи расмии хаттӣ пешниҳод намояд.

22. Лоиҳаҳои қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дурнамоҳо ва барномаҳои рушди иқтисодию иҷтимоӣ аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз баррасии пешакӣ якҷоя бо вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳои дахлдор ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба Ҳукумат пешниҳод мегарданд.

23. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари ба Ҳукумат пешниҳод намудани лоиҳаҳои буҷети давлатӣ, дурнамои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамзамон ба аъзои Ҳукумат, роҳбарони идораҳо, раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ маводи ба онҳо дахлдорро оид ба ин лоиҳаҳо ирсол менамоянд.

24. Лоиҳаҳои санадҳои ба Ҳукумат пешниҳодшуда оид ба масъалаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ, минтақаҳои он, ҳамчунин масъалаҳои муҳими фаъолияти вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бояд пешакӣ дар ҷаласаҳои ҳайати мушовараи онҳо, иҷлосияҳои маҷлисҳои дахлдори вакилони халқ баррасӣ гарданд.

25. Лоиҳаи санади ба баррасии Ҳукумат дохилшуда ҷиҳати муайян намудани асоснокии он пешакӣ дар воҳидҳои сохтории соҳавии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, маълумотнома таҳия мегардад, ки дар он масъалаҳои баррасишаванда, мувофиқи мақсад будани қабул, бо вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳо ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии дахлдор мувофиқа гардидани он нишон дода мешавад.

26. Лоиҳаҳои санадҳои Ҳукумат бояд бо муовини якум ва муовинони Сарвазир - масъулони соҳаҳо, раёсати ҳуқуқ ва воҳидҳои сохтории дахлдор ва шуъбаи тарҷумаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шаванд ва ин ҳолатҳо низ бояд дар маълумотнома зикр гардад.

27. Дар сурати имконнопазирии мувофиқаи пурраи лоиҳаи санад, дар маълумотномаи воҳиди сохтории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сабабҳои мувофиқа нагардидан ва асосҳои қабул нашудани таклифу пешниҳодҳо бояд нишон дода шаванд.

28. Дар сурати иҷро нагардидани санадҳои қаблии шабеҳ, ба баррасии Ҳукумат пешниҳод намудани лоиҳаҳои санадҳои нав манъ аст. Ҳар як санади нав оид ба ҳамон масъала дар ҳолате бояд қабул гардад, ки агар санадҳои қаблан қабулшуда иҷро гардида ва ё ҳолатҳои нав ба миён омада бошанд.

29. Лоиҳаи қарорҳо ва фармоишҳои ба баррасии Ҳукумат пешниҳодшаванда бояд мутобиқи талаботи ҳамин Дастур таҳия гардида, мувофиқи тартиби муайяннамудаи Дастурамали коргузорҳ дар Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шаванд.

30. Лоиҳаҳое, ки ба Ҳукумат бе риояи талаботи дар ҳамин боб нишондодашуда пешниҳод мегарданд, аз ҷониби муовини якум ва муовинони Сарвазир ва (ё) Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба таври зарурҳ таҳия намудан ба муаллифон баргардонда мешаванд.

31. Лоиҳаи қонунҳое, ки Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар субъектҳои дорои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорҳ барои хулоса ба Ҳукумат пешниҳод намудаанд, бо супориши муовини Сарвазир - масъули соҳа ба Вазорати адлия ҷиҳати баррасии якҷоя бо вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ таҳти сарварии он ва минбаъд пешниҳод намудани хулосаи хаттҳ ва лоиҳаи қарори дахлдори Ҳукумат ирсол карда мешаванд.

4. БАРРАСИИ МАСЪАЛАҲО ДАР РАЁСАТИ ҲУКУМАТ

32. Масъалахое, ки барои баррасӣ дар маҷлисҳои Ҳукумат таҳия шудаанд, қаблан аз рӯи зарурат дар маҷлиси Раёсати Ҳукумат муҳокима мешаванд.

33. Маҷлиси Раёсати Ҳукуматро Сарвазир ва дар набудани ӯ муовини якуми Сарвазир даъват мекунад ва мегузаронад.

34. Ҳангоми зарурат мумкин аст ба маҷлиси Раёсати Ҳукумат дигар аъзои Ҳукумат ё шахсони мансабдор даъват карда шаванд.

35. Масъалаҳо ҷиҳати муҳокимаи пешакӣ дар Раёсати Ҳукумат аз ҷониби Сарвазир ва дар сурати набудани ӯ аз ҷониби муовини якуми Сарвазир бо пешниҳоди воҳидҳои сохтории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо муовинони дахлдори Сарвазир мувофиқа гардидааст, ворид карда мешаванд.

36. Оид ба масъалаҳои аз ҷониби вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасии Ҳукумат таҳиягардида воҳидҳои сохтории дахлдори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷлиси Раёсати Ҳукумат гузориш медиҳанд.

37. Шахсони мансабдор, ки масъаларо барои баррасӣ ба Ҳукумат пешниҳод мекунанд ва воҳидҳои сохтории дахлдори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои риояи муҳлатҳои муқарраргардида ва сифати таҳияи маводу ҳуҷҷатҳо масъул мебошанд.

38. Раёсати Ҳукумат оид ба ташаккули рӯзномаи маҷлиси навбатии Ҳукумат қарори хусусияти тавсиявидошта қабул менамояд.

39. Тавсияҳои Раёсати Ҳукумат дар бораи ба рӯзномаи маҷлиси Ҳукумат дохил намудани масъалаҳо бо протоколи маҷлиси Раёсати Ҳукумат ба расмият дароварда мешаванд.

40. Лоиҳаи рӯзнома ва дигар маводи зарурии маҷлиси Ҳукумат ба Раиси Ҳукумат аз ҷониби Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад.

5. ТАЙЁР КАРДАН ВА ГУЗАРОНИДАНИ МАҶЛИСҲОИ ҲУКУМАТ

41. Маҷлисҳои Ҳукумат аз рӯи зарурат, вале на камтар аз як маротиба дар як моҳ гузаронида шуда, дар сурате салоҳиятдор ҳисобида мешаванд, ки агар дар онҳо на камтар аз се ду ҳиссаи аъзои Ҳукумат иштирок намоянд.

42. Санаи гузаронидани маҷлиси Ҳукуматро Раиси Ҳукумат муайян мекунад.

43. Маҷлиси Ҳукуматро Раиси Ҳукумат ё бо супориши ӯ Сарвазир мегузаронад.

44. Рӯзномаи маҷлиси Ҳукуматро Раиси Ҳукумат бо назардошти тавсияҳои Раёсати Ҳукумат муайян менамояд ва он дар маҷлиси Ҳукумат тасдиқ карда мешавад.

45. Ба рӯзномаи маҷлиси Ҳукумат раисикунандаи маҷлис метавонад масъалаҳои иловагиро ворид намояд, агар ин масъалаҳо

таҳияи пешакиро талаб накунанд, ё ин ки тартиби пешакии таҳияи онҳо анҷом ёфта бошад.

46. Лоиҳаи рӯзнома ва маводи маҷлис ба аъзои Ҳукумат ва оид ба масъалаҳои дахлдор ҳамчунин ба шахсони мансабдор дар муҳлати на дертар аз 3 рӯз пеш аз маҷлис фиристода мешавад.

47. Дар маҷлиси Ҳукумат аъзои Ҳукумат, Роҳбар ва муовинони Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ёрдамчиёни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарони воҳидҳои сохтории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок мекунанд.

48. Дар маҷлисҳои Ҳукумат Раиси Маҷлиси миллӣ ва Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Суди конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд, иштирок намоянд.

49. Дар маҷлисҳои Ҳукумат раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони идораҳо, дигар шахсони мансабдор, ки маърӯзачии масъалаи ба баррасии маҷлиси Ҳукумат пешниҳодшуда ба ҳисоб мераванд, даъват карда мешаванд.

50. Дар асоси пешниҳоди воҳидҳои сохтории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мувофиқаи Сарвазир ба маҷлисҳои Ҳукумат мумкин аст, шахсони дигари мансабдор вобаста ба баррасии масъалаҳои муҳим ҳангоми гузаронидани маҷлис дар ҳайати васеъ ё дар ҳолате, ки дар марҳилаи таҳия ва мувофиқаи масъалаҳои вобаста ба онҳо ихтилофи назар ба миён омадааст, даъват карда шаванд.

51. Дар маҷлисҳои Ҳукумат оид ба масъалаҳо роҳбарони вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳо, воҳидҳои сохтории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо ва дигар шахсони мансабдор, ки ба масъалаи баррасишаванда дахл доранд, гузориш медиҳанд.

52. Дар маҷлисҳои Ҳукумат барои гузориш то 10 дақиқа, барои муҳокима то 5 дақиқа ва барои маълумот то 3 дақиқа вақт муқаррар карда мешавад.

53. Раисикунанда дар маҷлиси Ҳукумат метавонад муҳлати дигарро низ муқаррар намояд.

54. Дар маҷлиси Ҳукумат санадҳо бо аксарияти овозҳои аъзои Ҳукумат қабул карда мешаванд.

55. Баъди баррасии масъалаҳои ба рӯзномаи маҷлис дохилгардида маҷлиси Ҳукумат пӯшида эълон карда мешавад.

56. Натиҷаи баррасии масъалаҳо бо протоколи маҷлиси Ҳукумат ба расмият дароварда мешавад, ки онро раисикунандаи маҷлиси Ҳукумат имзо мекунад.

57. Мутобиқи принсипи ошкорбаёнӣ дар фаъолияти Ҳукумат масъалаҳое, ки дар маҷлисҳои Ҳукумат баррасӣ мешаванд ва санадҳои дар онҳо қабулгардида, ба истиснои санадҳое, ки дорои сирри давлатӣ мебошанд, дар мақоми расмии табъу нашри Ҳукумат ва дигар воситаҳои ахбори омма нашр карда мешаванд. Ташкили ин корҳоро хадамоти матбуоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд.

58. Ба толори маҷлиси Ҳукумат овардан ва истифода намудани дастгоҳҳои наворбардорӣ ва сабти овоз аз тарафи иштирокчиён ва шахсони даъватшуда бе иҷозати Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст.

59. Фиристодани маводи маҷлиси Ҳукумат, хабардор намудани аъзои Ҳукумат ва ҳамчунин шахсони даъватшуда оид ба сана ва вақти гузаронидани маҷлис, бақайдгирии иштирокчиён ва хизматрасонии маҷлис (сабти баромадҳо, бурдани протоколҳо ва ҷайраҳо) аз тарафи раёсати коргузорӣ ва назорати Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда мешавад.

6.БАРАСМИЯТДАРОРӢ, ФИРИСТОДАН, НАШР НАМУДАН ВА ЭЪТИБОР ПАЙДО КАРДАНИ САНАДҲОИ ҲУКУМАТ

60. Санади меъёрии ҳуқуқии Ҳукумат дар шакли қарори Ҳукумат қабул карда мешавад.

61. Санадҳои хусусияти фардидошта, инчунин оид ба масъалаҳои таъҷилӣ ва дигар масъалаҳои ҷорие, ки хусусияти меъёрӣ надоранд, дар шакли қарор ё фармоиши Ҳукумат қабул мешаванд.

62. Қарору фармоишҳои Ҳукуматро Раиси Ҳукумат имзо мекунад.

63. Қарору фармоишҳое, ки дар маҷлиси Ҳукумат қабул шудаанд, инчунин протоколи маҷлис дар давоми се рӯзи корӣ барои имзо манзур мегарданд.

64. Лоиҳаи санадҳои Ҳукумат, ки дар ҷараёни муҳокимаи онҳо фикру мулоҳизаҳо баён гардида, таҷйиру иловаҳо ворид ва дақиқ карда шудаанд, бо тартиби муқарраргардида аз тарафи воҳидҳои сохтории дахлдори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё комиссия ва гурӯҳҳои кории дар маҷлисҳои Ҳукумат махсус барои ин мақсад таъсисёфта такмил дода шуда, дар

муҳлатҳои муқаррарнамудаи раисикунандаи маҷлиси Ҳукумат барои имзо манзур мегарданд.

65. Оид ба масъалаҳое, ки дар рафти маҷлиси Ҳукумат ба миён меоянд ва қабули қарор ё фармоишро талаб намекунанд, раисикунандаи маҷлис метавонад супориш ё тавсия диҳад, ки ба протоколи маҷлис ворид карда, ба иҷрокунандагон дар шакли нусха аз протоколи маҷлис фиристода мешаванд.

66. Нусха аз протоколи маҷлиси Хукумат бо муҳри дахлдори раёсати коргузорӣ ва назорати Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

67. Санадҳои Ҳукумат бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ эътибор пайдо мекунанд.

68. Қарору фармоишҳои Ҳукумат баъди имзо шуданашон мутобиқи номгӯй ва тартиби муқаррарнамудаи Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботи Дастурамали коргузорӣ дар Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода мешаванд.

69. Қарорҳои дорои хусусияти меъёрии Ҳукумат дар нашрияҳои расмии Ҳукумат ва маҷмӯа бо муҳри "Барои истифодаи хизматӣ" нашр карда мешаванд.

70. Санадҳои Ҳукумат вобаста ба чорабиниҳои муҳим ва таъҷилии дар онҳо пешбинигардида бояд ба таври васеъ ва дарҳол ба маълумоти умум расонида шаванд, дар рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ интишор гарданд ва дар ҳолатҳои зарурӣ бо тартиби муқарраргардида тавассути телевизион ва радио эълон карда шаванд.

71. Қарорҳои Ҳукумат мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ аз ҷониби раёсати коргузорӣ ва назорати Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлати на дертар аз даҳ рӯз баъди имзо дар шакли нусхаи тасдиқшуда ва электронӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баҳисобгирӣ ва дохил намудан ба

Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда мешаванд.

7. КОМИССИЯҲО ВА ГУРӮҲҲОИ КОРИИ ҲУКУМАТ

72. Бо мақсади мусоидат намудан ҷиҳати татбиқ кардани санадҳои Ҳукумат, назорати ҷараёни нҷрои қарорҳои қабулгардида ва ҳамоҳангсозии фаъолияти вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, оид ба масъалаҳои алоҳидаи муҳим Ҳукумат комиссияҳои доимӣ таъсис медиҳад.

73. Комиссияҳои доимӣ фаъолияти худро мутобиқи низомнома, ки онро Ҳукумат тасдиқ намудааст, анҷом медиҳанд.

74. Барои омодасозии лоиҳаҳои санадҳои Ҳукумат ва баррасии ихтилофот оид ба лоиҳаҳои қарорҳо ва ҳамчунин барои ташкили иҷрои санадҳои алоҳидаи Ҳукумат аз тарафи Ҳукумат комиссияҳои муваққатӣ ва гурӯҳҳои корӣ ташкил карда мешаванд.

75. Қарорҳои комиссияи муваққатӣ ва гурӯҳҳои корӣ дар протоколҳо ба расмият дароварда шуда, ба иҷрокунандагони дахлдор дастрас карда мешаванд. Протоколи маҷлисҳои комиссия ва гурӯҳҳои кориро роҳбарони онҳо имзо мекунанд.

8. НАЗОРАТИ ИҶРО

76. Ҳукумат назорати фаъолияти вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ анҷом медиҳад ва вобаста ба ин ҳангоми зарурат дар маҷлисҳои худ масъалаи аз тарафи онҳо иҷро гардидани Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудаанд, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қонунҳои конституционӣ, кодексҳо, қонунҳо, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарору фармоишҳои Ҳукумат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ менамояд.

77. Муовини якум ва муовинони Сарвазир мувофиқи масъулиятҳои байни онҳо тақсимшуда ба роҳбарони вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини иҷрои қарор ва фармоишҳои Ҳукумат супоришҳо медиҳанд.

78. Ташкили назорати иҷрои санадҳои Ҳукуматро Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳад.

79. Санадҳои Ҳукумат бо тартиби муқаррарнамудаи Дастурамали коргузорӣ дар Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назорат гузошта мешаванд ва бо ҳамон тартиб бо дархости асосноки воҳидҳои сохтории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз назорат бароварда мешаванд.

ҚАРОРИ
ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 27 апрели соли 2018, №194 ш. Душанбе

«Дар бораи Номгӯйи мансабҳои хизматчиёни граждании (ҳайати техникӣ ва хизматрасони) мақомоти давлатӣ»

Мутобиқи моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва моддаи 264 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1. Номгӯйи мансабҳои хизматчиёни граждании (ҳайати техникӣ ва хизматрасони) мақомоти давлатӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот номи мансабҳои ҳайати техникӣ ва хизматрасони мақомоти худро ба Номгӯйи мазкур мутобиқ намоянд.

3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2008, №530 «Дар бораи тасдиқи Номгӯи мансабҳо ва касбҳои ҳайати техникӣ ва хизматрасони мақомоти давлатӣ» аз эътибор соқит дониста шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 27 апрели соли 2018,
№194 тасдиқ шудааст

НОМГӮЙИ
мансабҳои хизматчиёни граждании (ҳайати техникӣ ва хизматрасони) мақомоти давлатӣ

Мудири қабулгоҳ
Нозир-референт
Нозир-коргузор
Нозири шабака
Нозири сервер
Нозири сомона
Нозири бехатарии зидди сӯхтор
Нусхабардор
Корманди бойгонӣ (архивариус)
Мудири китобхона, корманди китобхона
Нозири бахши рухсатномадиҳӣ
Хазинадор
Мудири хоҷагӣ
Комендант
Хаткашон
Муқовасоз
Духтур
Директор (мудир), муовини директор (муовини мудир), маъмур, навбатдор, пешхизмати меҳмонхона, бӯстонсарой, осоишгоҳ, хобгоҳ
Маъмури навбатдор, маъмури толор
Устои шабакаи гармидиҳӣ, челонгар оид ба хизматрасонии
шабакаҳои гармидиҳӣ
Устои таъмири компютерҳо
Мудири анбор, коргари анбор
Техники асбобҳои тақвиятдиҳандаи овоз
Аксбардор, наворбардор
Таҳвилгар
Таъмингар
Устои таъмири дастгоҳҳои нусхабардор
Техники алоқа

Устои барқ, устои таҷҳизоти барқӣ
Коргари ёрирасон, коргари таъмири ҷории бино ва иншоот
Ходими либосхона, дарзмолкунанда
Кафшергар, кафшергари барқ, кафшергари газ
Мудири ошхона, ошпаз, пешхизмат
Мутахассиси лифт
Мудири гараж, сармуҳандис, муҳандис, сармеханик, механик, танзимгари калон, танзимгар, харрот, механик-назоратчӣ, челонгари автомобилҳо, устои муҳаррик, вулканизатор, устои аккумулятор, устои карбюратор, мисгар, равгангар, озмоишгари баллонҳо, ронанда,
Устои дегхона, оташмони дегхона
Сантехник
Дуредгар
Наҷҷор
Оташмон
Посбон, дарбон
Боғбон, гулпарвар
Фаррош Ҳавлирӯб

ҚАРОРИ
ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 7 сентябри соли 2019, №457 ш. Душанбе

«Дар бораи шакли намунавии шартнома (қарордоди) меҳнатии қабул ба хизмати давлатӣ»

Мутобиқи моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
қ а р о р м е к у н а д:

1. Шакли намунавии шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2.Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар танзими муносибатҳои меҳнатии кормандон шакли намунавии шартномаи (қарордоди) меҳнатии мазкурро ба роҳбарӣ гиранд.

3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2007,№633 «Дар бораи Намунаи шартномам (қарордоди) меҳнатии қабул ба хизмати давлатӣ» аз эътибор соқит дониста шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

Замима
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «7» сентябри соли 2019, № 457

Шакли намунавии
шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ

_____
_____
_____
(номи мақомоти давлатӣ)

дар шахси
_____
___
(мансаби роҳбари мақомоти давлатӣ)

_____
__ (насаб, ном ва номи падари роҳбари мақомоти давлатӣ, ки ҳуқуқи бастан ва қатъ намудани шартномаи меҳнатиро

_____
_____
__дорад)

(минбаъд -корфармо) аз як тараф ва шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон_____
_____
(насаб, ном, номи падар, рақам ва ҷойи дода шудани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият)

_____
_____
_____
(нишонии ҷойи истиқомати доимӣ ва рақами мушаххаси андозсупоранда)

(минбаъд - корманд) аз тарафи дигар, шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ (минбаъд-шартномаи меҳнатӣ)-и мазкурро бо шартҳои зерин бастанд:

1._____
(насаб, ном, номи падари корманд)

ба мансаби
_____
(номи пурраи мансаби ишғолнамуда)

_____
(номи воҳиди сохтории корфармо)

аз «____» _____соли 20____ таъин карда шудааст.

2.Муҳлати амали шартномаи меҳнатӣ

Шартномаи меҳнатӣ ба муҳлати_____-_____баста мешавад.

(муайян/номуайян -яке нишон дода шавад)

Санаи оғоз: «____»_____соли 20_____

(барои шартномаи меҳнатии муҳлаташ муайян)

Санаи охир: «___ «_____ соли 20_____

(барои шартномаи меҳнатии муҳлаташ муайян)

Асосҳои ба муҳлати муайян бастани шартномаи меҳнатӣ_____

_____

_____

Шартномаи меҳнатӣ ба муҳлати иҷрои кори муайян_____

(муҳтавои кори иҷрошаванда)

_____баста мешавад.

3. Низом ва реҷаи вақти корӣ

Барои корманд низом ва реҷаи вақти кории зерин муқаррар карда мешавад:

-ҳафтаи _____корӣ бо давомнокии_____

(панҷрӯза/ шашрӯзаи-яке нишон дода шавад)

соати корӣ бо _____ рӯзи истироҳат

(ду ё як)

-ҳафтаи нопурраи корӣ _____

-рӯзи нопурраи корӣ _____

-вақти оғози кор _____

-вақти анҷоми кор _____

4. Вақти истироҳат

Ба корманд:

-танаффусҳо дар давоми рӯзи корӣ аз соати_____ то соати _____ барои _____

-танаффусҳои дигари пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, созишнома ва шартномаи коллективӣ барои_____ _____дода мешавад.

5.Давомнокии рухсатии меҳнатӣ ва дигар намуди рухсатиҳо

Ба корманд:

-ба муҳлати _____ рӯзи таҚвимӣ рухсатии ҳарсолаи пардохтшаванда;

-ба муҳлати_____ рӯзи таҚвимӣ рухсатии иловагии ҳарсолаи пардохтшаванда;

-ба муҳлати _____ рӯзи тақвимӣ рухсатии иловагии пардохтшавандаи ҳарсола барои кор дар шароитҳои махсуси табиию иқлимӣ;

-ҷамъ ба муҳлати _____ рӯзи тақвимӣ рухсатии ҳарсолаи пардохтшавандаи меҳнатӣ дода мешавад.

Намудҳои дигари рухсатиҳо (рухсатиҳои иҷтимоӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд, барои нигоҳубини кӯдак, барои таҳсил, рухсатии эҷодӣ, рухсатии бемузди меҳнат, рухсатии муваққатии бемузд ё қисман музднок) тибқи асосҳои қонунгузории хизмати давлатӣ ва меҳнат дода мешаванд.

6. Андоза ва шартҳои пардохти музди меҳнат

Ба корманд барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ пардохт карда мешаванд:

-маоши мансабӣ _____сомонӣ;

(бо рақам ва ҳарфҳо навишта мешавад)

-мукофотпулӣ, кумакпулӣ, иловапулӣ, ҷубронпулӣ, изофапулӣ (минбаъд-иловапулиҳо) дар ҳолати ба онҳо ҳуқуқ доштани корманд_____сомонӣ.

(бо рақам ва ҳарфҳо навишта мешавад)

Музди меҳнати моҳонаи корманд тибқи ҳамин шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ ва ё санадҳои меъёрии дохилӣ (локалӣ) ва тартиби муқаррарнамудаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то санаи 5-уми моҳи ояндаи пас аз моҳи ҳисоботӣ бо роҳи гузаронидан ба кортҳои бонкӣ пардохта мешавад.

Ба корманд барои иҷрои уҳдадориҳои иловагӣ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иловапулиҳо дар ҳаҷми _____пардохта мешавад.

(бо рақам ва ҳарфҳо навишта мешавад)

7. Ҳуқуқҳои корманд:

-ҷиҳати тағйир додан ё бекор кардан шартномаи меҳнатӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба корфармо таклиф пешниҳод намояд;

-музди меҳнат, аз ҷумла мукофотпулӣ, кумакпулӣ, иловапулӣ, ҷубронпулӣ, изофапулӣ ва дигар кафолатҳои пешбининамудаи қонунгузориро сари вақт ва дар ҳаҷми пурра гирад;

-барои зарари ба саломатӣ ва молу мулкаш бинобар иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ расонидашуда ҷубронпулро тибқи қонунгузорӣ гирад;

-аз дигар ҳуқуқҳо, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ пешбинӣ намудаанд, истифода намояд.

8. Уҳдадориҳои корманд:

-талаботи Конституцсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ба уҳдадориҳои мансабӣ алоқаманд мебошанд, риоя ва таъмин намояд;

-ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони ҳуқуқиро риоя, ҳифз ва эҳтиром намояд;

-агар манфиати шахсии корманд барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ монеа гардад, ё ба манфиати давлатӣ мухолифат кунад ва ё боиси дигар ҳолатҳои бархӯрди манфиатҳо гардад, бояд ба роҳбари мақоми давлатӣ, ки барои таъин намудан ба мансаб ва озод намудани ӯ аз мансаб ваколат дорад, хабар диҳад;

-аз рӯзи гирифтани иттилооти расмӣ дар бораи қатъ намудани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё соҳиб шудан ба шаҳрвандии давлати дигар ба корфармо, ки ҳуқуқи ба мансаб таъин ва аз мансаб озод намуданро дорад, хабар диҳад;

-сатҳи касбӣ ва тахассусии худро барои иҷрои самараноки уҳдадориҳои мансабӣ баланд бардорад;

-сирри давлатӣ ва сирри дигари бо қонунҳо ҳифзшавандаро, аз ҷумла баъди қатъи муносибатҳои меҳнатӣ дар давоми муҳлати муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нигоҳ дорад;

-монеа ва маҳдудиятҳои пешбининамудаи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намояд;

-эъломиякунонии даромадҳо ва вазъи молумулкии худро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намояд;

-қарорҳо, фармоишҳо, амрҳо ва дастурҳои роҳбарияти мақоми давлатӣ, мақомоти болоӣ ва шахсони мансабдорро, ки дар доираи ваколати онҳо қабул шудаанд, тибқи тартиби муқарраргардида иҷро намояд;

-талаботи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя кунад;

-қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатиро риоя намояд;

-интизоми меҳнатиро риоя намояд;

-молу мулки ба иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ вобаста шударо мақсаднок истифода карда, маҳорату нигоҳ доштани ӯро таъмин намояд;

-шартномаи меҳнатии мазкурро, ки фаъолияти меҳнатии ӯро ба танзим медарорад, иҷро кунад.

9. Ҳуқуқҳои корфармо:

-шартномаи меҳнатиро бо корманд тибқи тартиби муқаррарнамудаи
қонунгузорӣ бандад, тағйир диҳад ва бекор намояд;

-аз корманд иҷро намудани уҳдадориҳои мансабӣ, риояи қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ ва муносибати эҳтиёткорона ба молу мулки ба ӯ боваркардашударо талаб намояд;

-кормандро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба ҷавобгарии интизомӣ ва моддӣ кашад;

-кормандро барои хизмати поквиҷдонона ва самаранок ҳавасманд намояд;

-аз ҳуқуқҳои дигари муқаррарнамудаи қонунгузорӣ истифода намояд. 10. Уҳдадориҳои корфармо:

-шартҳо ва талаботи ин шартномаи меҳнатиро мазкурро иҷро намояд;

-кормандро бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор, аз ҷумла санадҳои меъёрии дохилии (локалии) корфармо шинос намояд;

-шароити кор, бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат, хизматрасонии беҳдоштию маишӣ ва тиббии кормандро, ки барои иҷрои уҳдадориҳои мансабии ӯ заруранд, таъмин намояд;

-сари вақт ва дар ҳаҷми пурра пардохт намудани музди меҳнат, аз ҷумла мукофотпулӣ, кумакпулӣ, иловапулӣ, ҷубронпулӣ ва изофапулӣ (дар ҳолати ба онҳо ҳуқуқ доштани корманд)-ро таъмин намояд;

-кормандро тибқи тартиби муқарраргардида ба таҳсил ва такмили ихтисос фаро гирад;

-ҳангоми барҳам додан, азнавташкилдиҳӣ, таҷдиди мақоми давлатӣ, ихтисори шумора ё воҳиди корӣ музди меҳнати кормандро тибқи қонунгузорӣ дар муҳлатҳои муқарраргардида нигоҳ дорад;

-ҳангоми пурра ё қисман гум кардани қобилияти меҳнатӣ ҷуброни зарарро тибқи қонунгузорӣ пардохт намояд;

-ҳифзи маълумотҳои шахсии кормандро таъмин намояд;

-кормандро тибқи қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқи дигари, созишнома ва шартномаи коллективӣ ба суғуртаи ҳатмии давлатӣ фаро гирад;

-кормандро оид ба ҳолатҳое, ки барои иҷрои шартномаи меҳнатии мазкур таъсир мерасонанд, хабардор намояд;

-барои ҳимоя ва таъмини амнияти фаъолияти корманд мусоидат намояд;

-зарари ба ҳаёт ва саломатии корманд ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ расонидашударо тибқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн намояд;

-уҳдадориҳои дигари, муқаррарнамудаи қонунгузориро иҷро намояд.

11. Шартҳои дигар шартномаи меҳнатӣ, ки ба хусусияти хоси фаъолияти корманд алоқаманд мебошанд

_____

_____

_____

12. Тартиби тағйир додан ва қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ

Шартҳои шартномаи меҳнатии мазкурро бо розигии тарафҳо мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар тағйир дода шуда ё амали шартномаи меҳнатӣ қатъ карда мешавад.

Баҳсҳои тарафҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ҳал карда мешаванд.

13. Ҷавобгарии тарафҳо

Тарафҳои шартномаи мазкур мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

14. Санаи бастан ва рақами тартибии шартномаи меҳнатӣ

Шартномаи меҳнати мазкур дар ду нусха бо забони давлатӣ таҳия, аз тарафи корфармо имзо ва бо муҳр тасдиқ ва аз тарафи корманд имзо карда шуда, як нусха ба корманд дода шуда, нусхаи дигар дар парвандаи шахсии корманд нигоҳ дошта мешавад.

_____

_____

(корфармо) (насаб, ном, номи падар)

_____

_____

(мансаби роҳбар) (мансаби корманд)

_____

_____

(имзо, ному насаби роҳбар) (имзо)

_____

_____

(санаи имзо) (санаи имзо)

Ҷ.М.

№_____

(рақами тартибии шартномаи меҳнатӣ)

ҚАРОРИ
ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 24 июли соли 2020, №411 ш. Душанбе

Дар бораи эъломия оид ба андоз аз даромад»

Мутобиқи моддаи 156 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

Шакли эъломия оид ба андоз аз даромад, Тартиби пур кардан ва пешниҳод намудани эъломия оид ба андоз аз даромад тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

Замимаи 1
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз «24» июли соли 2020, №411

Шакли эъломия
оид ба андоз аз даромад

1. МАЪЛУМОТ ОИД БА МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ
_____ (ном ва маҳалли ҷойгиршавии мақомоти андоз)
«____» _____ соли ____ (санаи қабули эъломия) _____ (имзои роҳбари нозироти андоз)
2. МАЪЛУМОТ ОИД БА ЭЪЛОМИЯКУНАНДА
1. Насаб, ном ва номи падар
2. Мансаби (вазифаи) ишғолнамуда ва ҷойи кор
3. Рақами мушаххаси андозсупоранда
4. Ҷойи истиқомат, рақами телефон, нишонии электронӣ
5. Соли ҳисоботӣ (аз 1 январ то 31 декабри соли 20___)
3. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ДАРОМАДҲО

№	Номгӯи даромад, аз ҷумла дар хорича	Маблағи даромад (бо сомонӣ)	Маблағи андози пардохтшуда (бо сомонӣ)
1	Даромад аз ҷойи кори асосӣ		
2	Даромад аз ҷойи кори ғайриасосӣ (дар ҳолати дар ду ё зиёда ҷой кор кардан бо нишон додани ҷой (ҷойҳо)-и кори ғайриасосӣ) _____		
3	Даромад аз фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ (бо нишон додани намуди фаъолият ва ҷойи кор) _____ _____		
4	Даромад аз иҷораи молу мулк		
5	Даромад аз ҚИТҲаи замини наздиҳавлигӣ		
6	Даромад аз замини ба иҷора гирифташуда (додашуда)		
7	Даромад аз пасандозҳои бонкӣ		
8	Даромад аз доштани саҳм дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ (аз ҷумла суди саҳмияҳо) ва дигар коғазҳои қиматнок		

9	Дигар даромадҳо (бо нишон додани намуди даромадҳо) _____		
Ҷамъи бандҳои 1-9			

Эзоҳ: Агар барои ҷойгир кардани номгӯи даромадҳо дар бандҳои дахлдори боби 3 сатрҳо камӣ кунанд, эъломиякунанда бояд сатрҳои нав кушода, маълумотҳоро дохил намояд.

Дурустӣ ва пуррагии маълумоти дар эъломия нишондодашударо тасдиқ мекунам.

«____» _____соли _____
(санаи тартиб додани эъломия) (имзо)

Эъломияи пешниҳодшударо қабул кардам

_____ _____ _____
Мансаби ишғолнамуда (насаб, сарҳарфҳои ном ва номи падари корманди нозироти андоз) (имзо)

«____»_____ соли _____
(санаи қабули эъломия)

Замимаи 2
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «24» июли соли 2020, №411

Тартиби
пур кардан ва пешниҳод намудани эъломия оид ба андоз аз даромад

1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби пур кардан ва пешниҳод намудани эъломия оид ба андоз аз даромад (минбаъд-Тартиб) қоидаҳои эъломиякунонии андоз аз даромади довталабони мансабҳои давлатӣ ва мансабҳои ба онҳо баробаркардашуда, шахсони ишғолкунандаи мансабҳои давлатӣ ва мансабҳои ба онҳо баробаркардашуда, инчунин дигар шахсоне, ки уҳдадории эъломиякунонии андоз аз даромади онҳо дар қонунгузорӣ пешбинӣ шудааст (минбаъд–эъломиякунанда), муҳлати пешниҳод, баҳисобгирии эъломияҳо, инчунин уҳдадориҳои хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои давлатӣ ва масъулияти эъломиякунандагони зеринро муайян менамояд:

- номзадҳо ва шахсони ишғолкунандаи мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ;
- довталабон ва ишғолкунандагони мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ;
- довталабон ва шахсони мансабдоре, ки ба хизматчиёни давлатӣ баробар карда шудаанд;
- кормандони Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар ташкилотҳои қарзии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи қонунгузории бонкӣ уҳдадоранд эъломия оид ба андоз аз даромад пешниҳод намоянд;
- шахсоне, ки вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ, маъмурию хоҷагидориро дар корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои давлатӣ, дигар субъектҳои хоҷагидори давлатӣ ва субъектҳои хоҷагидоре, ки дар онҳо ҳиссаи давлат на кам аз нисфро ташкил медиҳад (минбаъд-ташкилотҳои давлатӣ), иҷро менамоянд.

2. Амали тартиби мазкур нисбат ба ҳайати техникӣ ва хизматрасонии мақомот ва ташкилотҳои давлатӣ, Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои дигари қарзии давлатӣ (минбаъд–мақомот ва ё ташкилотҳои давлатӣ) паҳн намегардад.

2.ТАРТИБИ ПУР КАРДАНИ ЭЪЛОМИЯ ОИД БА АНДОЗ АЗ ДАРОМАД

2. Шакли эъломия оид ба андоз аз даромад аз 3 боб иборат буда, бо тартиби зерин пур карда мешавад:

- дар боби 1 номи мақомоти андоз бо маҳалли ҷойгиршавӣ, санаи қабули эъломия ва имзои роҳбари нозироти андоз нишон дода мешавад;

- дар боби 2 оид ба насаб, ном ва номи падари эъломиякунанда мувофиқи шиноснома, мансаби ишғолнамуда ва ҷойи кор, рақами мушаххаси андозсупоранда дар асоси шиноснома ё гувоҳнома дар бораи додани рақами мушаххаси андозсупоранда, ҷойи истиқомати доимӣ ё маҳалли будубоши муваққатии ӯ, ки дар шиноснома қайд шудааст, рақами телефон, нишонии электронии ӯ ва соли ҳисоботӣ (1 январ-31 декабри соли 20__) нишон дода мешаванд;

- дар боби 3 номгӯи даромад, аз ҷумла дар хорича, маблағи даромад, маблағи андози пардохтшуда, вобаста ба даромад аз ҷойи кори асосӣ, даромад аз ҷойи кори ғайриасосӣ (дар ҳолати дар ду ё зиёда ҷой кор кардан) бо нишон додани ҷой (ҷойҳо)-и кори ғайриасосӣ (банди 2), даромад аз фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ бо нишон додани намуд (намудҳо)-и фаъолият ва ҷой (ҷойҳо)-и кор (банди 3), даромад аз иҷораи молу мулк (банди 4), даромад аз қитъаи замини наздиҳавлигӣ (банди 5), даромад аз замини ба иҷора гирифташуда (додашуда) (банди 6), даромад аз пасандозҳои бонкӣ (банди 7), даромад аз доштани саҳм дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ (аз ҷумла суди саҳмияҳо) ва дигар коғазҳои қиматнок (банди 8), дигар даромадҳо бо нишон додани намуди даромадҳо (банди 9) ва ҷамъи даромадҳо ва маблағи андози пардохтшуда бо сомонӣ барои номгӯи бандҳои 1-9 дар соли ҳисоботӣ нишон дода мешаванд.

3. Дар сурати надоштани даромад дар бандҳои дахлдори боби 3 эъломия оид ба андоз аз даромад аломати «—» гузошта мешавад.

3. ТАРТИБИ ПЕШНИҲОД НАМУДАНИ ЭЪЛОМИЯ ОИД БА АНДОЗ АЗ ДАРОМАД

4. Эъломия оид ба андоз аз даромад дар Тартиби мазкур шакли варақаи аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида мебошад, ки дар он маълумот оид ба вазъи даромади эъломиякунанда дохил карда шуда, ба мақомоти давлатӣ ва ё ташкилотҳои давлатии ҷойи кор пешниҳод карда мешавад.

5. Эъломиякунанда уҳдадор аст, ки эъломия оид ба андоз аз даромади худро дар муҳлати зерин пешниҳод намояд:

- маротибаи аввал ҳангоми довталаби мансаби давлатӣ будан ё таъин (интихоб) ба мансаб барои соли ҷорӣ;

- ҳар сол то 1 апрел барои соли гузашта.

6. Роҳбарони мақомоти давлатӣ ва ё ташкилотҳои давлатӣ, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё бо розигии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансаб таъин карда мешаванд, эъломия оид ба андоз аз даромади худро ба Дастгоҳи ичроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарони мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба раиси шаҳр ё ноҳияи дахлдор пешниҳод менамоянд. Дигар эъломиякунандагон эъломия оид ба андоз аз даромади худро ба мақомот ва ё ташкилотҳои давлатии ҷойи кор пешниҳод мекунанд.

7. Шахсони ишғолкунандаи мансабҳои давлатӣ дар муассисаҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар намояндагиҳои вазорату идораҳо дар хориҷа низ эъломия оид ба андоз аз даромади худро мувофиқи банди 6 ҳамин Тартиб пешниҳод менамоянд.

8. Эъломиякунанда барои дурустӣ ва пурра будани маълумоти дар эъломия оид ба андоз аз даромад нишондода масъулияти шахсӣ дорад.

9. Эъломия оид ба андоз аз даромад ба ҳолати рӯзи охири сол, бо забони давлатӣ бо даст ё дар компютер хонапурӣ карда шуда, ба он мувофиқан бо дасти худ ё дар шакли электронӣ имзо гузошта мешавад.

4.УҲДАДОРИҲОИ ХАДАМОТИ КАДРИИ МАҚОМОТ ВА Ё ТАШКИЛОТҲОИ ДАВЛАТӢ

10. Хадамоти кадрии мақомот ва ё ташкилотҳои давлатӣ уҳдадор аст:

- эъломиякунандагонро бо варақаи эъломия оид ба андоз аз даромад ва Тартиби мазкур дар шакли коғазӣ ва электронӣ таъмин намоянд ва ба онҳо тартиби пур кардани эъломия оид ба андоз аз даромадро тавзеҳ диҳанд;
- барои эъломиякунандагон ҷиҳати дар шакли коғазӣ ё электронӣ пешниҳод кардани эъломия оид ба андоз аз даромад шароит муҳайё намоянд;
- феҳристи баҳисобгирии эъломияҳо оид ба андоз аз даромадро пеш барад;
- назорат ва таъмини пешниҳоди саривақтии эъломияҳоро аз ҷониби эъломиякунанда анҷом диҳанд;
- ба парвандаи шахсии эъломиякунанда эъломия оид ба андоз аз даромадро замима карда, махфӣ нигоҳ доштани онҳоро таъмин намоянд;
- рӯйхати шахсони дар муҳлати мукарраршуда эъломия оид ба андоз аз даромад пешниҳоднакардаро, дар давоми 3 рӯзи корӣ аз санаи гузаштани муҳлати пешниҳод таҳия карда, ҷиҳати андешидани чораҳои дахлдор ба роҳбари мақомот ва ё ташкилоти давлатӣ пешниҳод намоянд.

5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

11. Дар сурати муайян гардидани маълумот дар бораи бардурӯғ пур кардани эъломия оид ба андоз аз даромад аз ҷониби эъломиякунанда, мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон санҷиш гузаронида мешавад.

12. Кормандони мақомот ва ё ташкилотҳои давлатӣ, ки ҷиҳати пешбурди корҳо вобаста ба эъломиякунонӣ масъул мебошанд, уҳдадоранд махфияти маълумоти дар эъломия оид ба андоз аз даромад нишондодашударо таъмин намоянд. Барои ифшо кардани маълумот, ба ғайр аз ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, онҳо ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

13. Баҳсҳо оид ба масъалаҳои эъломиякунонӣ аз ҷониби роҳбари мақомот ва ё ташкилоти давлатӣ ё тариқи судӣ ҳал карда мешаванд.

ҚАРОРИ
ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 24 июли соли 2020, №412 ш.Душанбе

«Дар бораи эъломия оид ба вазъи молумулкӣ»

Мутобиқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия», моддаи 79 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», моддаи 25 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ва моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1. Шакли эъломия оид ба вазъи молумулкӣ ва Тартиби пур кардан ва пешниҳод намудани эъломия оид ба вазъи молумулкӣ тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2005, №289 «Дар бораи тасдиқи Эъломия оид ба андоз аз даромад ва Эъломия оид ба вазъи амволии хизматчии давлатӣ» аз эътибор соқит дониста шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

Замимаи 1
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 24 июли соли 2020, №412

Шакли эъломия
оид ба вазъи молумулкӣ

1. МАЪЛУМОТ ОИД БА МАҚОМОТ ВА Ё ТАШКИЛОТИ ДАВЛАТӢ
_____ (номи мақоми давлатӣ/ташкилоти давлатие, ки эъломияи мазкур ба он пешниҳод карда мешавад) «_____»_____соли_____ _____ (санаи қабули эъломия) (имзои роҳбари мақоми давлатӣ, муҳр)
2.МАЪЛУМОТ ОИД БА ЭЪЛОМИЯКУНАНДА
1. Насаб, ном ва номи падари эъломиякунанда
2. Мансаби ишғолнамуда ва ҷойи кор
3. Рақами мушаххаси андозсупоранда
4. Ҷойи истиқомат, рақами телефон ва нишонии электронӣ
5. Соли ҳисоботӣ (аз 1 январ то 31 декабри соли 20___)

3. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МОЛУ МУЛК
§1. Молу мулки ғайриманқул (биною иншоот)

№	Номгӯйи молу мулк (моликияти хусусӣ), аз ҷумла дар хорича	Миқдор	Масоҳат (м²)	Маҳалли ҷойгиршавӣ ва бақайдгирӣ	Сана ва рақами бақайдгирии ҳуҷҷати тасдиқ-кунандаи ҳуқуқи моликият	Маблағи андози пардохт-шуда (сомонӣ)
1.	Хонаи истиқоматӣ (квартира)					
2.	Хонаи истиқоматӣ (ҳавлӣ)					
3.	Бӯстонсаро					
4.	Дигар молу мулки ғайриманқул _____ (номи молу мулк)					
Ҷамъи бандҳои 1-4 ҷадвал						

§2. Молу мулки ғайриманқул (қитъаи замин)					
№	Номгӯйи қитъаи замин, аз ҷумла дар хорича	Масоҳат (га)	Маҳалли ҷойгиршавӣ ва бақайдгирӣ	Ном, сана ва рақами бақайдгирии ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҳуқуқи истифодаи замин	Маблағи андози пардохтшуда (сомонӣ)
1.	Қитъаи замини наздиҳавлигӣ				
2.	Қитъаи замин барои хоҷагии ёрирасони шахсӣ				
3.	Қитъаи замин барои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)				
4.	Дигар қитъаҳои замин _____ (таъиноти қитъаи замин)				
Ҷамъи бандҳои 1-4 ҷадвал					

§3. Молу мулки манқул						
№	Номгӯйи молу мулк (моликияти хусусӣ), аз ҷумла дар хорича	Миқдор	Тамға ва соли бароориш	Маҳалли бақайдгирӣ	Ном, сана ва рақами бақайдгирии ҳуҷҷати тасдиққунанда	Маблағи андози пардохтшуда (сомонӣ)
1.	Автомобили сабукрав					
2.	Автомобили боркаш					
3.	Мототсикл					
4.	Техникаи кишоварзӣ					
5.	Дигар воситаҳои нақлиёт ва техникаҳои таъиноташон гуногун _____ (номгӯйи воситаи нақлиёт ва техникаи таъиноташон гуногун)					
Ҷамъи бандҳои 1-5 ҷадвал						

4. МАЪЛУМОТ ОИД БА САРШУМОРИ ЧОРВО ВА ПАРАНДА		
№	Номгӯй	Саршумор
1.	Чорвои калони шохдор	
2.	Чорвои хурд	
3.	Асп	
4.	Паранда	
5.	Дигар ҳайвонот _____ (номгӯи ҳайвонот)	

5. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ДОШТАНИ САҲМ ДАР ТАШКИЛОТҲОИ ТИҶОРАТӢ ВА ҚОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОК §1. Саҳмдорӣ дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ					
№	Шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва номи ташкилоти тиҷоратӣ	Маҳалли ҷойгиршавӣ (нишонӣ)	Сармояи оинномавӣ (сомонӣ)	Ҳиссаи иштирок (саҳмияҳо) бо фоиз	Ном, сана ва рақами шартнома ва ё дигар ҳуҷҷати тасдиқ-кунанда
1.					
2.					
3.					
4.					

§2. Қоғазҳои қиматнок					
№	Намуд (ном)-и қоғазҳои қиматнок, аз ҷумла дар хорича	Ташкилоте, ки қоғазҳои қиматнок-ро баровардааст	Маҳалли ҷойгиршавии ташкилот	Шумораи қоғазҳои қиматнок	Арзиши умумӣ (сомонӣ)
1.					
2.					
3.					
4.					
Ҷамъи бандҳои 1-4 ҷадвал					

6. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ПАСАНДОЗҲО ВА МЕТАЛЛУ САНГҲОИ ҚИМАТБАҲО §1. Пасандозҳо (амонатҳо) дар бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ					
№	Ном ва маҳалли ҷойгиршавии бонк ё дигар ташкилоти қарзӣ бо нишон додани намуди пасандозҳо (амонатҳо), аз ҷумла дар хорича	Ном, сана ва рақами бақайдгирии ҳуҷҷати тасдиққунанда	Муҳлати нигоҳдории пасандоз (амонат)	Намуди асъор	Маблағи пасандоз (амонат)
1.					
2.					
3.					

4.					
Ҷамъи бандҳои 1-4 ҷадвал					

§2. Металл ва сангҳои қиматбаҳо

№	Макони нигоҳдорӣ (номи ташкилоти қарзӣ), аз ҷумла дар хорича	Ном ва намуди металл ва сангҳои қиматбаҳо	Миқдор	Иёр (проба)	Арзиш (сомонӣ)
1.					
2.					
3.					
4.					
Ҷамъи бандҳои 1-4 ҷадвал					

7. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ УҲДАДОРИҲОИ ХУСУСИЯТИ МОЛИЯВИДОШТА

№	Ном ва маҳалли ҷойгиршавии ташкилоти қарзӣ, дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ	Сана ва рақами шартнома	Муҳлати уҳдадорӣ (қарз)	Маблағи уҳдадорӣ (қарз), (сомонӣ)	Фоизи солонаи уҳдадорӣ (қарз)	Бақияи қарз дар санаи пешниҳод
1.						
2.						
3.						
4.						
Ҷамъи бандҳои 1-4 ҷадвал						

Эзоҳ:

Эъломиякунанда мувофиқи банди 4 Тартиби пур кардан ва пешниҳод намудани эъломия оид ба вазъи молумулкӣ дар шакли эъломия оид ба вазъи молумулкӣ маълумот оид ба молу мулкеро нишон медиҳад, ки арзишашон чунин нишондиҳандаҳо барои ҳисобҳоро ташкил намояд:

- дар бобҳои 3, 4, 5 ва 7 зиёда аз 1000 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;
- дар боби 6 зиёда аз 3500 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;
- ҳангоми кам будани арзиши молу мулки эъломиякунанда аз нишондиҳандаҳои болозикр ва ё надоштани молу мулк, аз эъломиякунанда талаб намудани маълумотнома ва ё дигар намуди ҳуҷҷат манъ аст.

Дурустӣ ва пуррагии маълумоти дар эъломия нишондодашударо тасдиқ мекунам.

«____» _____соли_____ _____

(санаи тартиб додани эъломия) (имзо)

Эъломияи пешниҳодшударо қабул кардам.

_____ _____ _____

Мансаби ишғолнамуда (насаб, сарҳарфҳои ном ва номи падари масъули ҳадамоти кадрӣ) (имзо)

«____»_____ соли _____

(санаи қабули эъломия)

Замимаи 2
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 24 июли соли 2020, №412

Тартиби
пур кардан ва пешниҳод намудани эъломия оид ба вазъи молумулкӣ

1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби пур кардан ва пешниҳод намудани эъломия оид ба вазъи молумулкӣ (минбаъд-Тартиб) қоидаҳои эъломиякунонии вазъи молумулкии довталабони мансабҳои давлатӣ ва мансабҳои ба онҳо баробаркардашуда, шахсони ишғолкунандаи мансабҳои давлатӣ ва мансабҳои ба онҳо баробаркардашуда, кормандони Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар ташкилотҳои қарзии давлатӣ (минбаъд-эъломиякунанда), муҳлати пешниҳод, баҳисобгирии эъломияҳо, инчунин уҳдадориҳои хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои давлатӣ ва масъулияти эъломиякунандагони зеринро муайян менамояд:

- номзадҳо ва шахсони ишғолкунандаи мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ;
- довталабон ва ишғолкунандагони мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ;
- довталабон ва шахсони мансабдоре, ки ба хизматчиёни давлатӣ баробар карда шудаанд;
- кормандони Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар ташкилотҳои қарзии давлатӣ;
- шахсоне, ки вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ ва маъмуриро дар корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои давлатӣ, дигар субъектҳои хоҷагидори давлатӣ ва субъектҳои хоҷагидоре, ки дар онҳо ҳиссаи давлат на кам аз нисфро ташкил медиҳад (минбаъд-ташкилотҳои давлатӣ), иҷро менамоянд.

2. Тартиби мазкур нисбат ба ҳайати техникӣ ва хизматрасони мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои давлатӣ, Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар ташкилотҳои қарзии давлатӣ (минбаъд–мақомот ва ё ташкилоти давлатӣ) татбиқ намегардад.

2. ТАРТИБИ ПУР КАРДАНИ ЭЪЛОМИЯ ОИД БА

ВАЗЪИ МОЛУМУЛКӢ

3. Шакли эъломия оид ба вазъи молумулкӣ аз 7 боб иборат буда, бо тартиби зерин пур карда мешавад:

1) дар боби 1 мувофиқи талаботи банди 9 Тартиби мазкур номи мақомот ва ё ташкилоти давлатии ҷойи кор, мақомоти давлатии дахлдор, ки эъломия оид ба вазъи молумулкӣ ба онҷо пешниҳод мегардад, санаи қабул ва имзои роҳбари мақомот ва ё ташкилоти давлатии ҷойи кор нишон дода шуда, ба он муҳри мақомот ва ё ташкилоти давлатӣ гузошта мешавад;

2) боби 2 «Маълумот оид ба эъломиякунанда» ном дошта, аз бандҳои 1-5 иборат аст. Дар он насаб, ном ва номи падари эъломиякунанда мувофиқи шиноснома, мансаби ишғолнамуда ва ҷойи кор, рақами мушаххаси андозсупоранда дар асоси шиноснома ё гувоҳнома дар бораи додани рақами мушаххаси андозсупоранда, ҷойи истиқомати доимӣ ё маҳалли будубоши муваққатии ӯ, ки дар шиноснома қайд шудааст, рақами телефон, нишонии электронии ӯ ва соли ҳисоботӣ (1 январ-31 декабри соли 20__) нишон дода мешавад;

3) боби 3 «Маълумот дар бораи молу мулк» ном дошта, аз параграфҳои 1-3 зерин иборат аст:

- дар параграфи 1 «Молу мулки ғайриманқул (биною иншоот)» маълумот дар бораи номгӯи молу мулк (моликияти хусусӣ), аз ҷумла дар хорича (хонаи истиқоматӣ (квартира), хонаи истиқоматӣ (ҳавлӣ), бӯстонсаро, дигар молу мулки ғайриманкул), миқдори масоҳати ишғолнамуда (м^2), маҳалли ҷойгиршавӣ ва бақайдгирӣ, сана ва рақами бақайдгирии ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҳуқуқи моликият, маблағи андози пардохтшуда бо асъори миллӣ нишон дода мешавад. Дар банди 4 ҷадвал (Дигар молу мулки ғайриманқул) дар ҳолати доштани дигар молу мулки ғайриманқул (масалан, гараж, нуқтаҳои савдо, хӯроки умумӣ, хизматрасонӣ ва ғайра) дар сатри холӣ номи молу мулки мазкур нишон дода мешавад. Дар ҳолати доштани дигар молу мулки ғайриманқул сатрҳои нав кушода шуда, маълумот вобаста ба ҳар як номгӯи молу мулк бо нишон додани номи молу мулк дар сатрҳои алоҳида дарҷ карда мешавад. Ҳамчунин дар ҷамъбасти параграфи 1 ҷамъи масоҳати молу мулк (м^2), ҷамъи маблағи андози пардохтшуда барои номгӯи бандҳои 1-4 ҷадвал бо асъори миллӣ нишон дода мешавад;

- параграфи 2 «Молу мулки ғайриманқул (қитъаи замин)» номида шудааст. Дар он номгӯи қитъаҳои замин, аз ҷумла дар хорича (қитъаи замини наздиҳавлигӣ, қитъаи замин барои хоҷагии ёрирасони шахсӣ, қитъаи замин барои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ), дигар қитъаҳои замин), масоҳати қитъаҳои замин (га), маҳалли ҷойгиршавӣ ва бақайдгирии қитъаҳои замин, ном, сана ва рақами

бақайдгирии ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҳуқуқи истифодаи замин (масалан, шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ ва ғайра), маблағи андози барои қитъаи замин пардохтшуда дар ҳар банд нишон дода мешавад. Дар ҳолати доштани дигар қитъаи замин маълумот дар ҷои холии ҷудогардидаи банди 4 ҷадвал (Дигар қитъаҳои замин) бо нишон додани номи қитъаи замин мувофиқи таъинот (масалан, барои боғдорӣ, полизкорӣ), аз ҷумла дар хорича ворид карда мешавад. Дар ҳолати доштани боз дигар қитъаҳои замин, сатрҳои нав кушода шуда, маълумот оид ба ҳар як қитъаи замин бо нишон додани таъиноти он дохил карда мешавад. Дар параграфи 2 ҳамчунин ҷамъи масоҳати замин (га) ва ҷамъи маблағи андози пардохтшуда барои номгӯи бандҳои 1-4 ҷадвал бо асъори миллӣ нишон дода мешаванд;

- дар параграфи 3 «Молу мулки манқул» маълумот оид ба номгӯи воситаҳои нақлиёт ва техникаи таъиноташон гуногун, аз ҷумла дар хорича (автомобили сабукрав, автомобили боркаш, мототсикл, техникаи кишоварзӣ, дигар воситаҳои нақлиёт ва техникаҳои таъиноташон гуногун), миқдор, тамға, соли истеҳсол, маҳалли бақайдгирии нақлиёт ва техникаҳо, ном, сана, рақами ҳуҷҷати тасдиққунанда, маблағи андози барои воситаи нақлиёт ва техникаҳо пардохтшуда нишон дода мешавад. Дар банди 5 ҷадвал (Дигар воситаҳои нақлиёт ва техникаҳои таъиноташон гуногун) дар ҷойи холӣ номи воситаи нақлиёт ва техникаи дигар нишон дода мешавад. Дар сурати доштани боз дигар воситаи нақлиёт ва техникаи таъиноти гуногун сатрҳои нав кушода шуда, маълумот вобаста ба ҳар як номгӯ нишон дода мешаванд. Ҳамчунин дар параграфи 3 ҷамъи андози пардохтшуда барои ҳама намуди нақлиёт ва техникаҳо мувофиқи бандҳои 1-5 ҷадвал бо асъори миллӣ нишон дода мешавад.

4) дар боби 4 маълумот оид ба саршумори чорво ва паранда (чорвои калони шохдор, чорвои хурд, асп, паранда ва дигар ҳайвонот) дар алоҳидагӣ нишон дода мешавад;

5) боби 5 «Маълумот дар бораи доштани саҳм дар ташкилотҳои тиҷоратӣ ва қоғазҳои қиматнок» ном дошта, аз 2 параграфи зерин иборат аст:

- дар параграфи 1 «Саҳмдорӣ дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ» шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва номи ташкилоти тиҷоратӣ (масалан, ҷамъияти саҳомӣ, ҷамъияти масъулияташ маҳдуд, ширкати хоҷагидорӣ, кооперативи тиҷоратӣ ва ғ.), маҳалли ҷойгиршавии он (нишонӣ), сармояи оинномавии ташкилот дар асоси ҳуҷҷатҳои таъсисии он бо асъори миллӣ, ҳиссаи иштирок (саҳмияҳо)-и эъломиякунанда бо фоиз аз сармояи

оинномавӣ, ном, сана ва рақами шартнома ва ё дигар ҳуҷҷати тасдиққунанда (масалан, шартномаи таъсисӣ) нишон дода мешавад;

- дар параграфи 2 «Қоғазҳои ҳиматнок» маълумот дар бораи намуд (ном)-и қоғазҳои қиматнок (вомбарг, вексел, чек, сертификати бонкӣ, ҳуҷҷатҳои дигаре, ки мувофиқи санадҳои қонунгузорӣ дар бораи қоғазҳои қиматнок ё бо тартиби муқаррарнамудаи онҳо ба қоғазҳои қиматнок мансуб дониста шудаанд), аз ҷумла дар хорича, номи ташкилоте, ки қоғазҳои қиматнокро баровардааст, маҳалли ҷойгиршавии ташкилот, шумораи қоғазҳои қиматнок, арзиши умумии қоғазҳои қиматнок, ҷамъи арзиши қоғазҳои қиматнок мувофиқи бандҳои 1-4 ҷадвал бо асъори миллӣ нишон дода мешавад. Ҳангоми нишон додани арзиши қоғазҳои қиматнок арзиши номиналии онҳо ба инобат гирифта мешавад.

6) боби 6 «Маълумот дар бораи пасандозҳо ва металлу сангҳои қиматбаҳо» ном дошта, аз параграфи 1 «Пасандозҳо (амонатҳо) дар бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ» ва параграфи 2 «Металл ва сангҳои қиматбаҳо» иборат аст:

- дар параграфи 1 ном ва маҳалли ҷойгиршавии бонк ё дигар ташкилоти қарзӣ, бо нишон додани намуди пасандозҳо (амонатҳо), аз ҷумла дар хорича, ном, сана ва рақами бақайдгирии ҳуҷҷати тасдиққунанда, ки ташкилоти қарзӣ бо эъломиякунанда дар бораи нигоҳдории пасандоз (амонат) ё дигар дорои имзо кардааст (масалан шартнома), муҳлати нигоҳдории пасандоз (амонат), намуди асъор, маблаги пасандози эъломиякунанда дар ташкилоти қарзӣ дар ҳар сатр, ҷамъи маблаги пасандоз (амонат) мувофиқи бандҳои 1-4 ҷадвал нишон дода мешавад;

- дар параграфи 2 маълумот дар бораи макони нигоҳдорӣ (номи ташкилоти қарзӣ), аз ҷумла дар хорича, ном ва намуди металл ва сангҳои қиматбаҳо, миқдор, иёр (проба), арзиши металл ва сангҳои қиматбаҳо, ҷамъи арзиши онҳо мувофиқи бандҳои 1-4 ҷадвал бо асъори миллӣ нишон дода мешавад.

7) дар боби 7 «Маълумот дар бораи ҳададориҳои хусусияти молиявидошта» маълумот оид ба ном ва маҳалли ҷойгиршавии ташкилоти қарзӣ, дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, сана ва рақами шартномаи байни ташкилоти қарзӣ ва қарзгиранда (эъломиякунанда), муҳлати ҳададорӣ (қарз), маблаги ҳададорӣ (қарз) бо асъори миллӣ, фоизи солонаи ҳададорӣ (қарз), бақияи қарз ба санаи пешниҳоди эъломия оид ба вазъи молумулкӣ, ҷамъи маблаги ҳададорӣ (қарз) ва бақияи қарз мувофиқи бандҳои 1-4 ҷадвал нишон дода мешавад.

4. Эъломиякунанда дар шакли эъломия оид ба вазъи молумулкӣ маълумот оид ба молу мулкеро нишон медиҳад, ки

арзишашон чунин нишондиҳандаҳо барои ҳисобҳоро ташкил намояд:

- дар бобҳои 3, 4, 5 ва 7 зиёда аз 1000 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- дар боби 6 зиёда аз 3500 нишондиҳанда барои ҳисобҳо.

5. Дар сурати надоштани молу мулк дар ҷадвалҳои дахлдори (бобҳои 3-7) эъломия оид ба вазъи молумулкӣ аломати «—» гузошта мешавад.

6. Эъломиякунанда ба эъломия оид ба вазъи молумулкии худ нусхаи эъломия оид ба андоз аз даромадро бо тасдиқномаи мақомоти андоз дар бораи қабули он замима менамояд.

3. ТАРТИБИ ПЕШНИҲОД НАМУДАНИ ЭЪЛОМИЯ ОИД БА ВАЗЪИ МОЛУМУЛКӢ

7. Дар эъломия оид ба вазъи молумулкӣ маълумот оид ба вазъи молумулкии эъломиякунанда дохил карда шуда, ба мақомот ва ё ташкилотҳои давлатии ҷойи кор пешниҳод карда мешавад.

8. Эъломиякунанда уҳдадор аст, ки эъломия оид ба вазъи молумулкии худро дар муҳлати зерин пешниҳод намояд:

- маротибаи аввал ҳангоми довталаби мансаби давлатӣ будан ё таъин (интихоб) ба мансаб барои соли ҷорӣ;

- ҳар сол то 1 апрел барои соли гузашта.

9. Роҳбарони мақомот ва ё ташкилотҳои давлатӣ, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё бо розигии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансаб таъин карда мешаванд, эъломия оид ба вазъи молумулкии худро ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарони мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот бошанд ба раиси шаҳр ё ноҳияи дахлдор пешниҳод менамоянд. Дигар эъломиякунандагон эъломия оид ба вазъи молумулкии худро ба мақомот ва ё ташкилотҳои давлатии ҷойи кор пешниҳод мекунанд.

10. Шахсони ишғолкунандаи мансабҳои давлатӣ дар муассисаҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар намояндагиҳои вазорату идораҳо дар хориҷа низ эъломия оид ба вазъи молумулкии худро мувофиқи банди 9 Тартиби мазкур пешниҳод менамоянд.

11. Эъломиякунанда барои эътимоднок ва пурра будани маълумоти дар эъломия оид ба вазъи молумулкӣ нишондода масъулияти шахсӣ дорад.

12. Эъломия оид ба вазъи молумулкӣ бо забони давлатӣ бо даст ё дар компютер хонапурӣ карда шуда, ба он мувофиқан бо дасти худ ё дар шакли электронӣ имзо гузошта мешавад.

4. УҲДАДОРИҲОИ ХАДАМОТИ КАДРИИ МАҚОМОТ ВА ТАШКИЛОТҲОИ ДАВЛАТӢ

13. Хадамоти кадрии мақомот ва ташкилотҳои давлатӣ уҳдадоранд:

- эъломиякунандагонро бо варақаи эъломия оид ба вазъи молумулкӣ ва Тартиби мазкур дар шакли қоғазӣ ва электронӣ таъмин намуда, ба онҳо тартиби пур кардани эъломия оид ба вазъи молумулкиро тавзеҳ диҳанд;
- феҳристи баҳисобгирии эъломияҳо оид ба вазъи молумулкиро пеш барад;
- барои супоридани эъломия оид ба вазъи молумулкӣ маълумотнома диҳанд;
- назорат ва таъмини саривақтии пешниҳоди эъломияҳо оид ба вазъи молумулкиро аз ҷониби эъломиякунанда анҷом диҳанд;
- ба парвандаи шахсии эъломиякунанда эъломия оид ба вазъи молумулкиро замима карда, махфӣ нигоҳ доштани онҳоро таъмин намоянд;
- рӯйхати шахсони дар муҳлати муқарраршуда эъломия оид ба вазъи молумулкӣ пешниҳоднакардаро, дар давоми 3 рӯзи корӣ аз санаи гузаштани муҳлати пешниҳоди он таҳия карда, ҷиҳати андешидани чораҳои дахлдор ба роҳбари мақоми давлатӣ ва ташкилоти давлатӣ пешниҳод намоянд.

5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

14. Дар сурати пайдо гардидани маълумот дар бораи ошкоро бардурӯғ пур кардани эъломия оид ба вазъи молумулкӣ аз ҷониби эъломиякунанда, мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ санҷиш гузаронида мешавад.

15. Кормандони мақомот ва ё ташкилотҳои давлатӣ, ки ҷиҳати пешбурди корҳо вобаста ба эъломиякунонӣ масъул мебошанд, уҳдадоранд махфияти маълумоти дар эъломия оид ба вазъи молумулкӣ нишондодашударо таъмин намоянд. Барои ифшо кардани маълумот, ба истиснои ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, онҳо ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

16. Баҳсҳо оид ба масъалаҳои эъломиякунонӣ аз ҷониби роҳбари мақомот ва ташкилоти давлатӣ ё тариқи судӣ ҳал карда мешаванд.

ҚАРОРИ
ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 30 июни соли 2021, №268 ш. Душанбе

«Дар бораи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ»

Мутобиқи моддаи 17 Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р м е к у н а д:

1. Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

2. Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дигар ҷиҳати амалисозии қарори мазкур чораҳои дахлдор андешида, фарҳанги имло, дастурҳои методӣ, таълимӣ, асарҳои бадеӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқиро бо риояи талаботи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ ба нашр расонанд.

3. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ амалӣ намудани Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ чораҳои зарурӣ андешад.

4. Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикиро таблиғ намояд.

5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2011, №458 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» аз эътибор соқит дониста шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

Замимаи №1
ба қарори
Ҳукумати
Ҷумҳурии
Тоҷикистон
аз «30» июни соли 2021, №268

Қоидаҳои
имлои забони тоҷикӣ

1. АЛИФБО, ТАРТИБ ВА НОМИ ҲАРФҲО

1. Алифбои забони тоҷикӣ 35 ҳарф дорад:

Аа	Бб	Вв	Гг	Ғғ	Дд	Ее	Ёё	Жж	Зз	Ии	Йй	
а	бе	ве	ге	ғе	де	йэ	йо	же	зе	и	й	
Йй	Кк	Ққ	Лл	Мм	Нн	Оо	Пп	Рр	Сс	Тт	Уу	
Йот	ка	қе	ле	ме	не	о	пе	ре	се	те	у	
Ӯӯ	Фф	Хх	Ҳҳ	Чч	Ҷҷ	Шш	Ъъ	Ээ	Юю	Яя		
ӯ	фе	хе	ҳе	че	ҷе	ше	сакта	э	йу	йа		

2. ИМЛОИ САДОНОКҲО

2. Ҳарфҳои **а, о** дар оғоз, байн ва анҷоми калима навишта мешаванд: *абр, баҳор, замон, хона, дара, об, овоз, бол, бод, доро*, *тавоно* ва ғайра.

Эзоҳ. Дар калимаҳое, ки бо садонокҳои **а** ва **о** анҷом меёбанд, ҳангоми калимасозӣ пасванди **-ӣ (-гӣ, -вӣ)** чунин навишта мешаванд:

- агар калима бо садоноки **а** (ё йотбарсари **я**) анҷом ёбад, ҳангоми калимасозӣ пасванди **-гӣ (-вӣ)** навишта мешавад: *хонагӣ*, *бачагӣ, оворагӣ, бечорагӣ, нокорагӣ, дилбастагӣ, бандагӣ, хастагӣ, даниягӣ, соягӣ, ҳамсоягӣ, алоҳидагӣ, дусолагӣ, дуҳуҷрагӣ, барномавӣ, садамавӣ, мафкуравӣ, оммавӣ, операвӣ* ва ғайра;

- агар калима бо садоноки **о** (ё йотбарсари **ё**) анҷом ёбад, ҳангоми калимасозӣ пасванди **-ӣ** навишта мешавад: *доноӣ, дорӣ,*

ошнӣ, тавонӣ, дилрабӣ, овӣ, ёбӣ, зебӣ, бобӣ, устӣ, дарёӣ, зиёӣ ва ғайра.

3. Ҳарфҳои у ва ӯ дар мавридҳои зерин навишта мешаванд:

1) ҳарфи у дар мавридҳои зерин навишта мешавад:

- барои ифодаи овози у-и ноустувор: *булбул, буз, бузург, шутур, сурх, умед, усто, устувор, устухон, хушк* ва ғайра;

- дар ҳиҷои аввали калимаҳои тоҷикӣ пеш аз ҳарфи **ҳ**: *Суҳроб, нуҳ, куҳна//куҳан, гуҳар, муҳр, муҳра* ва ғайра;

- дар калимаҳои иқтибосии арабӣ: *таваҷҷуҳ, таҷаммуъ, таматтуъ, тарашшуҳ, тазарруъ, таваққуъ, табарруъ, муҳтарам, муҳлат, шуъба, шуъла, муъмин, суҳбат, уҳда* ва ғайра;

- барои ифодаи овози **у**-и устувор: *бумӣ, дуд, дур, хуб, зуд, гуна, зону, андуҳ* ва ғайра;

2) ҳарфи ӯ дар мавридҳои зерин навишта мешавад:

- *барои ифодаи овози ӯ-и устувори дароз:* кӯҳ, рӯз, гӯш, рӯд, *дӯст, пӯст* ва ғайра;

- дар ҳиҷои дуюми калимаҳои навъи *фурӯғ, дурӯғ, гурӯҳ, шукӯҳ, афрӯз* ва ғайра;

- дар калимаҳое, ки таърихан дар решаашон ҳамсадои **й** доранд: *рӯй, сӯй, ҷӯй, шӯй, бӯй, мӯй* ва ғайра.

*4. Ҳарфҳои **и** ва **ӣ** дар мавридҳои зерин навишта мешаванд:*

1) ҳарфи и дар мавридҳои зерин навишта мешавад:

- барои ифодаи овози ***и***-и ноустувор***:*** *дил, китоб, шитоб, нигоҳ, нигор* ва ғайра*;*

- барои ифодаи бандаки изофӣ: *кишвари сарсабз, шаҳрванди Тоҷикистон, сари кӯҳи баланд* ва ғайра;

- дар анҷоми пешояндҳо меояд*: барои, баъди, дар бораи, бо мақсади* ва ғайра;

- дар охири пайвандакҳо меояд*: ки, чи (чи…чи), чунки, агарчи, азбаски, ё ин ки, ба сабаби он ки, бинобар он ки ва ғайра;*

- дар охири ҷонишинҳо меояд*:* ҳар ки, ҳар чи ва ғайра;

- дар исмҳои хосе, ки иқтибосианд**:** Леонардо да Винчи, Индира Ганди, Паганини, Ибарури, Сочи, Тбилиси, Батуми, Миссисипи ва ғайра;

- барои ифодаи овози **и**-и устувор: *тир, шир, пир, дид, дин, оин, низ, миз* ва ғайра;

2) ҳарфи **ӣ** дар мавридҳои зерин навишта мешавад:

- дар охири калима барои ифодаи овози **и**-и устувори *дароз:моҳӣ, шоҳӣ, шолӣ, биҳӣ, сӣ, бародарӣ, далерӣ, таксӣ, туфлӣ* ва ғайра;

- дар бандакҳои феълӣ ва хабарӣ: *(ту) омадӣ, (ту) гуфтӣ, (ту) гуфтаӣ, (ту) ҳунармандӣ* ва ғайра;

- дар ҷонишинҳои саволии *кӣ? ва чӣ?*: *кӣ омад? чӣ шуд*? ва ғайра.

Эзоҳ. Дар мавриди калимаву иборасозӣ овози **ӣ** бо **и** навишта мешавад: *моҳӣ – моҳиҳо, моҳиён, моҳигир, моҳии бирён, моҳиро бо шаст гирифтан; кӣ? – киҳо?, кист?, киро?, киям?; ободӣ – ободии кишвар; сӣ – сиюм, сисола; шолӣ – шоливу гандум* ва ғайра.

5. Ҳарфи **э** дар мавридҳои зерин навишта мешавад:

- дар оғози калимаҳои тоҷикӣ: *Эрач, Эзид, Эрон, эдун, эдар* ва

ғайра;

- дар оғоз, байн ва анҷоми баъзе аз калимаҳои иқтибосӣ: *эҷод, эзоҳ, эҳсон, эҳтиром, элак, эрка, эстрада, экватор, экскаватор, дуэт, дуэл, Буэнос-Айрес, Бэкон, Бодуэн де Куртенэ, Улан-Удэ* ва ғайра;

- агар калима бо ҳарфи **э** оғоз шавад, ин навишт ҳангоми калимасозӣ низ риоя мешавад: *тозаэҷод, соҳибэҳсон, боэҳтиром, боэътимод* ва ғайра.

6. Ҳарфи **е** дар мавридҳои зерин навишта мешавад:

- дар байн ва анҷоми калимаҳо пас аз ҳамсадоҳо ба ҷойи ҳарфи **э** ҳарфи **е** навишта мешавад: *меҳр, себ, деҳ, меҳ, меҳан, неҳ, шанбе, се*, *шамъе, ҷамъе, навъе* ва ғайра;

- дар оғози калимаҳои иқтибосии навъи зерин: *Евгений, Екатеринбург, Елена, Ереван* ва ғайра.

3. ИМЛОИ ҲАМСАДОҲО

7. Ҳарфи **ж** дар оғоз, байн ва анҷоми калима навишта мешавад: *жола, жарф, жанда, мижа, мижгон, лаҒжидан, нажод, пажуҳиш, аждаҳо, жож* ва ғайра.

8. Ҳарфи **й** дар мавридҳои зерин навишта мешавад:

- дар байн ва анҷоми калима: *кайҳон, майдон, айвон, май, най, ҷой, пой, пай* ва ғайра;

- дар оғоз ва байни баъзе калимаҳои иқтибосӣ: *йод, йот, йог(а), таҒйир, майор, майонез, Ню-Йорк, Огайо* ва ғайра;

- ҳамсадои **й** дар ҳолати бо садонокҳои **а, о, у, э** омадан бо ҳарфҳои йотбарсар навишта мешавад: **й+а=я, й+о=ё, й+у=ю, й+э=е**: *як, ях, поя, соя, Яҳё, юҒ, юмн, Юсуф, ёдгор, ёр, ёвар, мегӯед, оҳуе* ва ғайра;

- ҳамсадои «**й**» дар ибора ва калимасозии вожаҳои решагӣ нигоҳ дошта мешавад: *ба рӯйи миз, ба сӯйи хона, ба ҷойи муносиб, найистон, чорачӯйӣ, ҷомашӯйӣ, раҳпойӣ, бӯйидан, рӯйидан, найи хушсадо, майи лаългун, пайи пой, донишҷӯйи фаъол, чойи сиёҳ, пайомад, пайопай* ва ғайра.

9. Ҳамсадои **н** пеш аз **б** ба сурати **м** талаффуз шавад ҳам, аммо тибқи меъёр **н** навишта мешавад: *анбор, анбур, гунбаз, занбар, пунба, сунбул, санбуса, танбал, ҷунбиш, ҷанба, анбар, шанбе* ва ғайра.

10. Ҳарфи **ъ** дар мавридҳои зерин навишта мешавад:

- дар байн ва анҷоми калимаҳои иқтибосии арабӣ ба ҷойи айн ва ҳамза: *аъло, баъзе, ҷамъ, мавзуъ, навъ, масъул, масъала, таърих* ва ғайра;

- дар калимаҳое, ки бо **ъ** анҷом меёбанд, ҳангоми қабули пасванди ҷамъбандии «**-ҳо**», пайвандаки «**у**» ва бандаки изофӣ (**и**): *шамъҳо, табъу нашр, шамъу парвона, ҷамъи мардум, рафъи мушкилот, навъи ангур* ва ғайра.

11. Ҳарфи **ъ** дар мавридҳои зерин навишта намешавад:

- дар калимаҳои иқтибосие, ки зимни калимасозӣ бо пасвандҳои ***-ан, -от, -ӣ, -а, -ият*** ва ғайра ҳарфи **ъ** дар байни садонокҳо қарор мегирад: *бадеъ – бадеӣ; воқеъ – воқеӣ, воқеа, воқеият, воқеан, воқеот; монеъ – монеа, монеӣ; моеъ – моеӣ, моеот* ва ғайра;

- дар байни ду садонок, ба истиснои калимаҳои *фаъол, таъин* навишта намешавад: *маориф, таом, лаин, манбаи ҳаёт, аҳволи иҷтимоӣ, мавзуи баҳс, тулуи офтоб, шуруи кор, маҷмуи ашъор* ва ғайра.

12. Ташдиди ҳамсадоҳо дар мавридҳои зерин сурат мегирад:

- дар баъзе калимаҳои тоҷикӣ: *арра, барра, бурро, ғалла, пурра* ва ғайра;

- ҳамсадоҳои ташдиддор дар калимаҳои иқтибосии арабӣ, тибқи қоида, дар калимаҳои навъи *наҷҷор, раззоқ, ҳаммол, ташаккур, таҳаввул, таназзул, мураккаб, муаззам, мунаққаш, мусаввир, мударрис, мумаййиз, мутавассит, мутакаббир, мутаҳаййир, мутақаддам, мутааххар, иттиҳод, иттилоъ, иттисол, муттаҳид, муттафиқ, мубарро, муҷалло, мусаммо, мутасаддӣ, мутасаллӣ, мутаваллӣ, табарро, тавалло, тасалло* ва ғайра навишта мешаванд;

- ҳамсадоҳои анҷоми калимаҳои иқтибосии навъи *дур, кул, зид, қад, сир, хат, фан, ҳад, син* ва ғайра, ки таърихан ташдид доранд, ҳангоми калимаю иборасозӣ ташдиди онҳо

барқарор мегардад: *дурри ноёб, зидди душман, кулли мардум, қадди расо, сирри ҳарбӣ, фанни забон, ҳадди ақал, синни томактабӣ, хатти ниёгон, хатти алоқа, маҳаллӣ, фаннӣ, хаттӣ, тиббӣ, ростхатта, каҷхатта, хатту савод, ҷидду ҷаҳд* ва ғайра;

- ташдиди ҳарфи **й** якҷо бо ҳарфҳои йотбарсар дар шакли зерин навишта мешавад: *айём, муҳайё, сайёҳ, сайёд, тайёр, муайян, музайян, тахайюл, Айюб, Қайюм* ва ғайра;

- дар баъзе калимаҳои иқтибосии аврупоӣ риоя мешавад: *коррупсия, коммуна, профессор, новелла* ва ғайра.

Эзоҳ. Дар калимаҳои иқтибосӣ ба ҷойи ҳарфи русии **ц** ҳарфҳои **с** ва **тс** дар мавридҳои зерин навишта мешаванд:

- дар аввали калима (пеш аз садонок) **с** навишта мешавад: *семент – цемент, сирк – цирк, ситрон – цитрон* ва ғайра;

- дар дохили калима пас аз ҳамсадо ва пеш аз садонок **с** навишта мешавад: *консерт – концерт, конференсия – конференция* ва ғайра;

- дар байни ду садонок ҳарфҳои **тс** навишта мешаванд: *дотсент –доцент, милитсия – милиция, фарматсевт – фармацевт, конституцсия –конституция, ассотсиатсия – ассоциация ва* ғайра;

- баъд аз садонок ва пеш аз ҳамсадо ҳарфҳои **тс** навишта мешаванд: *Липетск – Липецк, Донетск – Донецк* ва ғайра;

- дар охири калима баъд аз садонок **тс** ва пас аз ҳамсадо **с** навишта мешавад: *платс – плац, Вадутс – Вадуц, кварс – кварц* ва ғайра;

13. Ҷинсияти грамматикии калимаҳои иқтибосӣ дар имлои забони тоҷикӣ корбурд намешавад: *муҳтарам, раис, шоир, адиб, муаллим, котиб, магистрант, аспирант* ва ғайра.

4. АЗ САТР БА САТР ГУЗАРОНИДАНИ ҲИҶОИ КАЛИМА

14. Аз сатр ба сатр гузаронидани ҳиҷои калима дар асоси қоидаҳои зерин сурат мегирад:

- риояи яклухтии ҳиҷо: *хо-на, бод-бон, маъ-руф, аъ-ло, боғ-бон, эъ-лон, ба-ро-дар, та-аҷ-ҷуб, тар-тиб, рав-шан, панд-нома, мо-дар* ва ғайра;

- агар ҳиҷо аз як ҳарф иборат бошад, дар сатри аввал монда ё ба сатри дигар намегузарад: *аро-ба*, *ово*-за, *оро-мӣ* ва ғайра.

Эзоҳ. Калимаю ибораҳо дар ҳолатҳои зерин аз сатр ба сатр намегузаранд:

- ихтисораҳо ва ҳиссаҳои калимаҳои бо рақам ифодаёфтаю бо нимтире ҷудошуда: *ЮНЕСКО, СММ, ТУ-154, ДМТ* ва ғайра;

- аломатҳо ҳангоми бо рақамҳо омадан: 25%, +20°С, 20 м^2, 40 км/с, №1-4/353 ва ғайра.

5. ИМЛОИ ИСМ

15. Исмҳои навъи зер ду тарзи навишт доранд:

- як гурӯҳ исмҳое, ки дар анҷом ҳамсадои **ҳ** доранд: *роҳ//раҳ, чоҳ//чаҳ, моҳ//маҳ, коҳ//каҳ, шоҳ//шаҳ* ва ғайра;

- як гурӯҳ исмҳое, ки дар анҷом ҳарфи **й** доранд: *рӯй//рӯ, мӯй//мӯ, кӯй//кӯ, ҷӯй//ҷӯ, пой//по, сарой//саро, шӯй//шӯ* ва ғайра.

16. Якҷо навишта мешаванд:

- бо артикли арабии ал (ва гунаҳои он): *алқисса, алвидоъ, алҳазар, алҳақ, алғараз, фавқуззикр, маликушшуаро, Низомулмулк, Ҳорунаррашид* ва ғайра;

- исмҳои мураккаби навъи *гулдаст, садбарг, гарданбанд, хушдоман, сарфармондеҳ, хештаншинос* ва ғайра;

- агар аз шумораи миқдорӣ исм сохта шавад, калимаи охири он бо ҷузъи ***-солагӣ*** якҷо навишта мешавад: *бисту панҷсолагӣ, ду ҳазору панҷсадсолагӣ, ду ҳазору панҷсаду панҷсолагӣ* ва ғайра;

- исмҳои мураккабе, ки ба воситаи миёнвандҳои **-у-** ва **-о-** аз асосҳои феъл сохта шудаанд: *гуфтушунид, рафтуомад, гирудор, гирогир, даводав, паропар* ва ғайра;

- исмҳои мураккабе, ки ба воситаи миёнвандҳои **-у-** ва **-о-** аз исмҳо сохта шудаанд: *обутоб, сарулибос, сарутан, корубор, саруно, сарукор* ва ғайра;

- исмҳои мураккаби омехта, ки аз шумораву исм бо пасванди **-а (-я)** сохта шудаанд: *себарга, чоркунҷа, чоргӯша, дуоба, сепоя* ва ғайра;

- исмҳои мураккаби омехта, ки дар қолаби исм+асоси замони ҳозираи феъл ва пасвандҳои **-й**, **-ак** сохта шудаанд: *дастгирӣ, роҳсозӣ, навсозӣ, шабнишинӣ, оташгирак, обкашак, тортанак, хонабарорӣ* ва ғайра;

- исмҳое, ки дар қолаби асоси замони ҳозираи феъл ва пасванди **-иш** сохта шудаанд: *варзиш, парвариш, супориш, хониш, фармоиш, фаҳмиш, нолиш, дониш, бароориш, озмоиш* ва ғайра.

Эзоҳ. Истифодаи калимаи **иҷро**, ки маънои иҷрои амалро дорад, дар шакли **иҷроиш** нодуруст аст.

17. Бо нимтире навишта мешаванд:

- исмҳое, ки ҷузъи шумораи онҳо бо рақам ифода шудааст: *1000-солагии зодрӯзи Абуалӣ ибни Сино, 700-солагии Камоли Хуҷандӣ, 1000-солагии «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, 1100-солагии давлатдории Сомониён* ва ғайра;

- баъзе исмҳои таркибӣ, аз қабили *сотсиал-демократ, вагон-ресторан, механик-ронанда, контр-адмирал, модар-ватан* ва ғайра;

- дар аввали номи одамон артикли ал (ва гунаҳои он) бо ҳарфи калон навишта шуда, бо нимтире ҷудо карда мешавад: *Ал-Мутанаббӣ, Ал-Форобӣ, Ал-Ҳайсом, Ал-Киндӣ* ва ғайра;

- дар осори илмию адабӣ артикли ал (ва гунаҳои он) дар аввал бо ҳарфи калон ва дар байн бо ҳарфи хурд навишта шуда, дар аввал баъд аз **ал** ва дар байн аз ду тараф бо нимтире ҷудо карда мешавад: *«Ат-тафҳим»-и Абурайҳони Берунӣ, «Ал-қонун фи тиб»-и Ибни Сино, «Мантиқ-ут-тайр»-и Фаридаддини Аттор, «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш* ва ғайра;

- исмҳои иқтибосии навъи *Волга-Дон, Коста-Рика, Ню-Йорк, Порт-Артур, Сан-Марино, Рио-де-Жанейро* ва ғайра;

- калимаҳои тақлидӣ ва тасвирӣ: *тақ-тақи дарвоза, шилдир-шилдири об, чак-чаки борон, тиқ-тиқи соат, милт-милти чароғ, чир-чири малах, чаҳ-чаҳи булбул, гулдур-гулдури раъду барқ* ва ғайра.

Эзоҳ. Ҳангоми бо пасванд навишта шудани ин гуна исмҳо нимтире гузошта намешавад: *фирфирак, шаршара, ғарғара* ва ғайра.

18. Ҷудо навишта мешаванд:

- таркибҳои ҷуфте, ки бо пайвандаки **-у (-ю, -ву)** шакл гирифтаанд: *шаъну шараф, молу ҳол, долу дарахт, марзу бум, орзую ҳавас, зебу зинат, сарвату дорӣ* ва ғайра;

- исмҳои таркиби ибораҳои изофии зерин: *аспи гули бодом, атласи абри баҳор, гули ошиқи печон, гули намози шом* ва ғайра;

- номҳои ҷуғрофӣ, ки дар қолаби ибораи изофӣ сохта шудаанд: *Осиёи Марказӣ, Осиёи Ҷанубӣ, Шарқи Дур, Пули Гирдоб, Пилдони Боло, Қалъаи Лаби Об* ва ғайра.

Эзоҳ. Агар ҳар ду ҷузъи чунин исмҳо задаи ягона дошта бошанд, якҷо навишта мешаванд: *Конибодом, Шаҳринав, Сарихосор, Шаҳрисабз, Шаҳритус, Даштиҷум* ва ғайра.

19. Баёнияҳо ба таври зерин навишта мешаванд:

- баёнияҳои изофӣ ва беизофаи унвон, мансаб, лақаб, касбу кор, ки ба маънои аслии худ корбаст шудаанд, бо ҳарфи хурд ва ҷудо навишта мешаванд: *Саидмуъмини паҳлавон, Шокири муаллим, Набии мироб, академик Раҷабовҳо, амир Ҳамза, шоҳ Фаррух, Шарифи ошпаз, Аҳмади алочабоф* ва ғайра;

- агар баёнияҳо пас аз исми хос бе бандаки изофӣ омада бошанд, бо нимтире навишта мешаванд: *Аҳмад-махдум, Салим-паҳлавон, Ҳошим-корвон, Қорӣ-ишкамба* ва ғайра;

- баёнияҳои хешутаборӣ ва эҳтиром бидуни алоқаи изофӣ бо исми хос якҷо навишта мешаванд: *Акашариф, Бибиоиша, Шарофатхола, Барноапа, Шодиамак* ва ғайра;

- баёнияҳои изофии лақаб, ки бо исми хос омадаанд, бо ҳарфи калон навишта мешаванд: *Баҳроми Гур, Махдуми Гав, Муҳаррами Ғарч* ва ғайра.

20. Насаб, ном ва номи падар дар ҳуҷҷатҳои расмӣ ба таври зайл навишта мешаванд:

- бо пасвандҳои насабсози **-ӣ, -зод, -зода, -он, -ён, -иён, -ниё, -ёр, -фар, -пур, -духт:** *Ниёзӣ Ҳамза Ҳакимзода, Афсаҳзод Аълохон, Салимзода Шаҳло Раҳимзод, Ализода Наргис, Бобакон Ардашер, Шодиён Ромиш, Асрориён Рустам Шуҳратёр, Нодирниё Баҳром Озодфар, Довудфар Сомон Мирзо, Зафарпур Низом Акбар, Каримдухт Манижа Султон* ва ғайра;

- бо пасвандҳои ташаккулдиҳандаи номи падар **-зод, -зода, -ёр, -ниё, -фар, -пур, -духт:** *Парвиз Сафарзод, Шоҳрух Шарифзода, Парвин Ҳамдамёр, Шаҳло Аҳмадниё, Ҷамшед Зарафшонфар, Рустам Салимпур, Таҳмина Баҳромдухт* ва ғайра;

- насаб ва номи падар бе иловаи пасвандҳои насабсоз ва пасвандҳои ташаккулдиҳандаи номи падар низ навишта мешаванд: *Рустам Саид Шоҳрух, Баҳром Манижа Зафар, Шуҳрат Таҳмина, Шералӣ Лоиқ* ва ғайра;

- насаб, ном ва номи падар дар дафтар (журнал)-и синфии муассисаҳои томактабӣ, миёнаи умумӣ, дафтари қайди мавзуъҳои муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, ҳангоми пешниҳоди рӯйхати кормандони ташкилотҳо, мактубҳои расмӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба таври пурра навишта мешаванд: *Саломиён Фарзона Шаҳром, Азизӣ Сомон, Раҳмонзода Зафар Абдуҷаббор, Ализода Маҳваш Комрон, Саъдизода Гулрӯ Наврӯз, Қурбонзод Юсуф Фирдавс, Фирӯздухт Фараҳноз, Хоҷапур Шерзод* ва ғайра;

- насаб, ном ва номи падар дар лавҳаҳо, навиштаҷоти кӯчаю хиёбонҳо, шиору овеза, реклама, борчасп, сатри равони телевизион, дар нутқи ровиёни радио ва телевизион пурра оварда мешавад: *Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур, Исмоили Сомонӣ, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Саъдии Шерозӣ, Абуалӣ ибни Сино, Камоли Хуҷандӣ, Шамсиддин Шоҳин, Фазлиддин Муҳаммадиев, Ҷаббор*

Расулов, Муҳаммад Осимӣ, Зиёдулло Шаҳидӣ, Максим Горкий, Пётр Чайковский ва ғайра.

21. Ному насаб дар асарҳои бадеӣ, илмӣ, публитсистӣ ва маводи дигари чопӣ (дар мавриди ғайрирасмӣ) метавонанд ба таври зайл низ навишта шаванд:

- бо бандаки изофӣ: *Масъуди Саъди Салмон, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Шуҳрати Шоҳмурод* ва ғайра;

- бе бандаки изофӣ: *Раҳим Ҷалил, Ҳаким Карим, Ғаффор Мирзо, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ* ва ғайра;

- бо пасванди **-ӣ**, ки тахаллус низ месозад: *Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҷомӣ, Шукӯҳӣ, Фарғонӣ* ва ғайра;

- бо пасвандҳои ташаккулдиҳандаи номи падар **-пур, -духт:** *Олимпур, Мирзопур, Зоҳирдухт, Мирзодухт* ва ғайра;

- бо калимаҳои **ибн, бинт, валад,** ки дар байни ном ва номи падар бо ҳарфи хурд ва ҷудо навишта мешаванд: *Абуалӣ ибни Сино, Муҳаммад ибни Ҷарир*, *Робиа бинти Каъб, Ёдгор валади Бозор* ва ғайра;

- калимаи ибн дар оғоз пеш аз исми хоси шахс ҷудо ва бо ҳарфи калон навишта мешавад: *Ибни Сино, Ибни Ҷарир, Ибни Ямин* ва ғайра;

- дар асарҳои бадеӣ, илмӣ, публитсистӣ ва маводи дигари чопӣ номи шоирон, адибон, донишмандон ва одамони касбу кори гуногун метавонанд тибқи тартиби муқарраршуда навишта шаванд: *А.С. Пушкин, Ш. Руставели*, *А.П. Чехов, В.С. Расторгуева, Т.Г. Шевченко, М. Авезов* ва ғайра.

22. Насаб, ном, номи падар ва тахаллусу лақабҳои қавму миллатҳои дигар, ки дар таркиби худ унсурҳои ёрирасон (артиклҳо, пешояндҳо, ҳиссачаҳо, аломатҳо ва ҷузъҳои насабсоз) доранд, ба забони тоҷикӣ бо риояи талаботи

Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ навишта мешаванд: *Гай Юлий Сезар, Жан Жак Руссо, Ҷорҷ Ноэл, Гордон Байрон, Ван Дейк, Ле Шапеле, Леонардо да Винчи, Леконт де Лил, Роже Мартен дю Тар, Перо делла Франческо, Валтер фон дер Фогелвейде, Вилгелм фон Ҳумболдт, Ким Ир Сен, Фом Ван Донг, У Ганг Чжи, Муравёв-Амурский, Сен-Жюст, Турсун-қизи, Сен-Симон, Тер-Петросян, Мамед-оғли, Семёнов-Тян-Шанский, Чио-Чио-сан, Сан-Мартин* ва ғайра.

23. Ҳарфи калон дар мавридҳои зерин навишта мешавад:

- ҳарфи аввали исмҳои хоси шахс: *Манучеҳр, Масъуд, Мафтуна, Азиза, Шаҳром, Сумая* ва ғайра;

- ҳарфи аввали ном ва сифатҳои Худо: Х*удо, Худованд, Парвардигор, Офаридгор, Кирдугор, Яздон, Эзид, Аллоҳ, Раб, Холиқ* ва ғайра;

- ҳарфи аввали исмҳои хоси маъмурӣ, ҷуғрофӣ ва ҷирмҳои кайҳонӣ (номи қитъа, кишвар, вилоят, шаҳр, ноҳия, шаҳрак, деҳа, маҳалла, майдон, хиёбон, уқёнус, баҳр, дарё, обанбор, кӯҳ, сайёра) ва монанди инҳо: *Осиё, Аврупо, Ҷумҳурии Тоҷикистон,* вилояти *Суғд,* вилояти *Хатлон,* шаҳри *Душанбе,* ноҳияи *Варзоб,* шаҳраки *Сарбанд,* деҳаи *Шинг,* маҳаллаи *Зарнисор,* майдони *Исмоили Сомонӣ,* хиёбони *Рӯдакӣ,* уқёнуси *Ором,* баҳри *Хазар,* обанбори *Сарез,* дарёи *Вахш,* кӯҳи *Анзоб, Офтоб, Моҳ, Замин, Зуҳра, Зуҳал* ва ғайра.

- ҳарфи аввали номи тарабхона, меҳмонхона, марказҳои хизматрасонӣ ва ғайра бо ҳарфи калон ва дар дохили нохунак навишта мешаванд: тарабхонаи *«Шоми Душанбе»,* меҳмонхонаи *«Тоҷикистон»,* кошонаи ҳусни *«Зебо»,* мағозаи *«Меҳр»,* дорухонаи *«Сино»,* маркази хизматрасонии *«Дилкушо»,* маркази забономӯзии *«Нури маърифат»* ва ғайра;

- ҳарфи аввали номи китобҳои муқаддаси динӣ бо ҳарфи калон ва бе аломати нохунак навишта мешавад: *Қуръон, Таврот, Инҷил, Авасто, Забур, Аржанг* ва ғайра;

- ҳарфи аввали номи сулолаҳои таърихӣ: *Ҳахоманишиён, Ашкониён, Сосониён, Тоҳириён, Саффориён, Сомониён, Ғазнавиён* ва ғайра;

- ҳарфи аввали исмҳои хоси шахс дар шакли ҷамъ ҳангоми муайян будани насаби шахсиятҳо: бародарон *Қосимзодаҳо,* оилаи *Каримзодаҳо* ва ғайра.

- ихтисораҳое, ки аз ҳарфҳои аввали калимаю ибора ва таркибҳо сохта шудаанд: *ВКД ҶТ (Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон), АМИТ (Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон), ДМТ (Донишгоҳи миллии Тоҷикистон), БМТ (Бонки миллии Тоҷикистон), ҶДММ «Орзу»(Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Орзу»), МТМУ №8-уми шаҳри Душанбе (Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8-уми шаҳри Душанбе)* ва ғайра;

- ҳарфи аввал ва исми хоси баъзе мансабҳои ҳокимияти давлатӣ: *Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон*.

Эзоҳ. Номи мақомоти давлатӣ ва мансабҳои ҳокимияти давлатӣ дар шакли расмии қабулшуда навишта мешаванд;

- ҳарфи аввали калимаи нахуст ва исми хоси номи рамзҳои давлатӣ: *Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон*, *Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон*;

- ҳарфи аввали калимаи нахуст ва исми хоси дохили номи таркибии мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ: *Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти зиддиинҳисорӣ, Саридораи бойгонӣ, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат, Ҷамоати деҳоти Шинг* ва ғайра.

- ҳарфи аввали калимаи нахуст ва исми хоси таркиби номи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ: *Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Эъломияи ҳуқуқи башар, Созишномаи истиқрори сулҳ ва созгории миллӣ дар Тоҷикистон* ва ғайра;

- ҳарфи аввали калимаи нахуст ва исми хоси дохили номи асарҳои бадеӣ, илмӣ, таълимӣ, маҷаллаю рӯзномаҳо, суруду мусиқӣ, филмҳо, асарҳои саҳнавӣ ва озмунҳо бо ҳарфи калон ва дар дохили нохунак навишта мешаванд: *«Писари Ватан», «Садои Шарқ», «Омӯзгор», «Ушшоқи Самарқанд», «Забони тоҷикӣ», «Фурӯғи субҳи доноӣ...», «Зебосанам», «Дави миллӣ», «Сайри гули лола»* ва ғайра;

- ҳарфи аввали калимаи нахуст ва исми хоси анҷуманҳо, ҷашну идҳо, форумҳо: *Анҷумани байналмилалии тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон, Ҷашни 1400-солагии Борбад, Ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Форуми сиёсии сатҳи баланди Созмони Милали Муттаҳид оид ба рушди устувор* ва ғайра;

- ҳарфи аввали калимаи нахуст ва исми хоси таркиби мукофотҳои давлатӣ: (унвони) *Қаҳрамони Тоҷикистон,* (унвони фахрии) *Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон,* (унвони фахрии) *Корманди шоистаи Тоҷикистон,* (унвони фахрии) *Нависандаи халқии Тоҷикистон, Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино,* (ордени) *Исмоили Сомонӣ дараҷаи I,* (ордени) *Шараф дараҷаи II,* (медали) *Хизмати шоиста, Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон* ва ғайра;

- ҳарфи аввали калимаи нахусти номи воқеаҳои таърихӣ ва исмҳои хоси дохили онҳо: *Ҷанги якуми ҷаҳон, Исёни Муқаннаъ, Рӯзи байналмилалии забони модарӣ* ва ғайра;

- ҳарфҳои аввали калимаҳои номҳои ҷуғрофӣ ва кишварҳо: *Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Федеративии Олмон, Ҷумҳурии Қазоқистон* ва ғайра;

- ҳарфи аввали калимаи мухтасар ифодакунандаи номи пурраи мақомоти муайян, ташкилот ва ё санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ: *Донишгоҳ* (ба ҷойи *Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*), *Феҳрист* (ба ҷойи *Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ*), *Барнома* (ба ҷойи *Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030*) ва ғайра.

Эзоҳ. Исмҳо дар ҳолатҳои зерин бо ҳарфи хурд навишта мешаванд:

- исмҳои хоси шахс ҳангоми калимасозӣ: *ҳофизшинос, бедилшинос, ҳофизшиносӣ, мавлавихонӣ, бедилхонӣ, сомонизодагон, рустамтаборон* ва ғайра;

- исмҳои хоси шахс ҳамчун симо дар шакли ҷамъ: *одинаҳо, шоҳмуродҳо, раҳимзодаҳо, спитаменҳо* ва ғайра.

- номи мансабҳо, дараҷа ва унвонҳои илмӣ, рутбаҳо (-и тахассусӣ, давлатӣ ва ҳарбӣ): *вазир, раис, роҳбар, ректор, директор, муовин, сардор, декан, номзади илм, доктори илм, дотсент, профессор, академик, генерал* ва ғайра;

- номи факултету кафедраҳо, шуъба, дигар воҳидҳои сохторӣ ва монанди инҳо: *факултети ҳуқуқшиносӣ, кафедраи забони тоҷикӣ, шуъбаи илмҳои биология ва тиб, шуъбаи танзими истилоҳот* ва ғайра.

6. ИМЛОИ СИФАТ

24. Якҷо навишта мешаванд:

- пешвандҳои сифатсози **ба-, бар-, бе-, бо-, но-, то-:** *бомаърифат, бофаросат, бомаслиҳат, баркамол, бебунёд, бамеҳр, ноором, ношинос, тоалифбо* ва ғайра;

- сифатҳое, ки аз калима ё ибораҳои исмӣ (ҳамроҳӣ, изофӣ, пешояндӣ) бо пасвандҳои **-а, -ӣ (-гӣ, -вӣ)** сохта шудаанд: *панҷсола, умумихалқӣ, байналмилалӣ*, *хонагӣ, дунявӣ* ва ғайра;

- сифатҳои мураккаби навъи пири *барнодил,* шахси *некандеш,* шахси *бадхашм,* коргари *пешқадам* ва ғайра;

- сифатҳое, ки аз такрори калима ва миёнвандҳои **-ба-, -дар-** ибораанд: ҷанги *танбатан,* суҳбати *рӯбарӯ,* овораи *дарбадар,* такрори *пайдарпай* ва ғайра;

- сифатҳое, ки аз шумора (бо ҳарф) ва исм бо пасвандҳои **-а, -ӣ (-гӣ)** сохта шудаанд: санги *панҷоҳграма,* нигини *панҷкарата,* роҳи

даҳкилометра, камони *думила,* дарвозаи *дутабақа,* хонаи *дуҳуҷрагӣ* ва ғайра;

- сифатҳое, ки аз шумораи миқдории таркибӣ ва исми ченаку андоза бо пасванди **-ӣ (-гӣ)** сохта шудаанд: вазни *чорсаду панҷоҳкилоӣ,* сангҳои *бисту панҷкилоӣ* ва ғайра;

- сифатҳое, ки аз номи шахсиятҳо (исмҳои хос) таркиб ёфтаанд: *рӯдакивор, саъдисифат, бедилӣ, лайливаш, маҷнунсон* ва ғайра.

25. Ҷудо навишта мешаванд:

- сифатҳои таркибие, ки бо пайвандаки **-у (-ю, -ву)** сохта шудаанд: гулҳои *сурху сафед,* суханҳои *пасту баланд,* хешовандони *дуру наздик,* марғзори *сабзу хуррам,* масъалаҳои *иҷтимоию сиёсӣ,* корҳои *илмию таҳқиқотӣ* ва ғайра;

- сифатҳои ҷуфте, ки бо пешвандҳои **ба-, бо-, бе-** ва пешвандгунаҳои **сер-, пур-, хуш-** ва пайвандаки **-у** сохта шудаанд: *бамеҳру муҳаббат, боақлу фаросат, бедолу дарахт, сершоху барг, пурнозу неъмат, хушобу ҳаво, банангу номус* ва ғайра;

- сифатҳои таъкидии навъи *сурхи сурх, зарди зард, сафеди сафед* ва ғайра.

26. Бо нимтире навишта мешаванд:

- сифатҳое, ки аз такрори калима сохта шудаанд: коғази *рах-рах,* мӯйҳои *тор-тор,* дили *реш-реш* ва ғайра;

- сифатҳое, ки аз шумора (бо рақам) ва исм бо пасвандҳои **-а -ӣ (-гӣ)** сохта шудаанд: санги *50-грама,* нигини *5-карата,* роҳи *10-километра,* қалами *20-дирама,* тангаи *50-дирама* ва ғайра;

- сифатҳои таъкидии навъи *заб-зард, каб-кабуд, сап-сафед, тип-торик* ва ғайра.

7. ИМЛОИ ШУМОРА

27. Якҷо навишта мешаванд:

- пасвандҳои шумораи тартибӣ **-ум (-юм), -умин (-юмин)** бо шумораҳои сода ва ҷузъи охири шумораҳои таркибӣ: *сеюм, шашум, сиюм, сеюмин, панҷум, панҷумин, даҳум, даҳумин, шасту сеюмин, як ҳазору як саду панҷоҳумин* ва ғайра;

- шумораҳои мураккаби аз ёздаҳ то нуздаҳ ва аз дусад то нуҳсад: *дувоздаҳ, сездаҳ, шонздаҳ, ҳаждаҳ, сесад, шашсад* ва ғайра;

- шумораҳои касрӣ: *сеяк, чоряк, шашяк, даҳяк* ва ғайра;

- нумеративи **-то** бо шумораи миқдории бо ҳарф навишташуда: *дуто, сето, даҳто, садто, ҳазорто* ва ғайра.

28. Ҷудо навишта мешаванд:

- шумораҳои таркибие, ки бо пайвандаки **-у (-ю, -ву)** сохта шудаанд: *бисту як, сиву//сию се, панҷоҳу панҷ, як ҳазору сиву шаш* ва ғайра;

- шумораи касрӣ аз шумораи аслӣ: *яку ним, дуву//дую ним* ва ғайра;

- шумораҳои касрӣ бо пешоянди аз: *аз се як, аз шаш чор, аз панҷ се* ва ғайра;

- калимаҳои нумератившудаи навъи **дона, сар, нафар, даста, дарза, ҷуфт** ва амсоли инҳо аз шумора ва исми шумурдашаванда: *ду дона себ, панҷ сар асп, ду нафар коргар, як даста гул, як дарза алаф, чор ҷуфт кафш* ва ғайра;

- шумораҳои миқдорӣ аз калимаи дарсад: *100 дарсад, 50 дарсад, даҳ дарсад, бист дарсад* ва ғайра.

29. Шумораҳои навъи зер ду тарзи навишт доранд:

- шумораҳои миқдорӣ: *чор//чаҳор, чил//чиҳил, дусад//дувист* ва ғайра;

- шумораҳои тартибӣ: *дуюм//дувум*, *сеюм//севум, чорум//чаҳорум* ва ғайра.

30.Бо нимтире навишта мешаванд:

- шумораҳои тахминӣ: *як-ду, се-чор, даҳ-понздаҳ, сӣ-чил, сад-дусад, ҳазор-ду ҳазор* ва ғайра;

- нумеративи **то** дар шуморае, ки бо рақам навишта шудааст: *3-то, 5-то, 20-то, 100-то, 1000-то* ва ғайра;

- пасвандҳои шумораи тартибии **-ум (-юм), -умин (-юмин)** аз рақам: *5-ум, 12-ум, 2-юм, 30-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон,8-уми март, 23-юми феврал, хонаи 54-ум, ошёнаи 12-ум* ва ғайра.

Эзоҳ. Агар шумораҳо бо рақамҳои римӣ навишта шаванд, пасвандҳои **-ум (-юм), -умин (-юмин)** ва бандаки изофӣ навишта намешаванд: *асри XX, синфи X, боби II* ва ғайра.

Дар матни санадҳои ҳуқуқӣ пасвандҳои шумораи тартибии **-ум (-юм), -умин (-юмин)** пас аз рақам навишта намешаванд: *сархати дуюми қисми 4 моддаи 20 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон* ва ғайра.

8. ИМЛОИ ҶОНИШИН

31. Якҷо навишта мешаванд:

- ҷонишинҳои сохта: *ҳамин, ҳамон, чунин, чунон* ва ғайра;

- ҷонишинҳои мураккаб: *инчунин, ончунон, ҳамчунин, ҳамчунон, ҳамдигар, инҷониб* ва ғайра;

- бандакҷонишинҳо **(-ам//-ям, -ат//-ят, -аш//-яш, -амон//-ямон, -атон//-ятон, -ашон//-яшон)** бо калимаҳо: *китобам, китобат, китобаш, китобамон, китобатон, китобашон, орзуям, орзуят, орзуяш, орзуямон, орзуятон, орзуяшон* ва ғайра;

- ҳангоми ихтисор дар назм бандакҷонишинҳои шумораи танҳо ва ҷамъ дар калимаҳое, ки бо садонок анҷом меёбанд: *дунёт (дунётон), савдош (савдошон), ғамҳот (ғамҳотон)* ва ғайра;

- ҳангоми ихтисор дар назм бандакҷонишинҳои шумораи ҷамъ дар калимаҳое, ки бо ҳамсадо анҷом меёбанд: *писармон, писартон, писаршон* ва ғайра.

32. Ҷудо навишта мешаванд:

- ҷонишинҳои таркибӣ: *ин гуна, он гуна, ин қадар, он қадар, ҳар қадар, ҳар як, ҳар ки, ҳар чи, ҳеҷ як, чӣ гуна?, чӣ хел?, чӣ қадар?, чӣ навъ*? ва ғайра;

- ҷонишинҳои саволии *кӣ?*, *чӣ?, чанд?, кадом?* дар таркибҳо: *чӣ хел?, чӣ гуна?, чӣ тавр?, чӣ қадар?, чанд хел?, кадом навъ?* ва ғайра.

33. Бандакҷонишинҳои **-ам//-ям, -ат//-ят, -аш//-яш** дар калимаҳое, ки бо ҳамсадо анҷом меёбанд, ҳангоми ихтисор дар назм бо нимтире навишта мешаванд: *писар-м, падар-т, лашкар-ш; гуфтам-ш, додам-ш* ва ғайра.

9. ИМЛОИ ФЕЪЛ

34. Якҷо навишта мешаванд:

- пешвандҳои феъли **дар-, бар-, фур-, фар-, боз- во-:** *даромадан, баромадан, бархостан, фуромадан, фаромадан, бозгаштан*, *вогирифтан, вогузоштан* ва ғайра;

- пешвандҳои шаклсози **ме- (ҳаме-), би- (бу-):** *меравад, меояд, ҳамегуфт, ҳаменаравад*, *бишкуфтан, бубар, бубин* ва ғайра;

- пешвандҳои инкории маъносози **на-, ма-:** *нарав, марав, нагӯ(й), магӯ(й), нахостан, надоштан* ва ғайра;

- бандакҳои феъли **-ам, -ӣ, -ад, -ем, -ед, -анд** *(донам, донӣ, донад, донем, донед, донанд);* **-ам, -ӣ, -ем, -ед, -анд** *(хондам, хондӣ, хондем, хондед, хонданд)* ва бандакҳои хабарии **-ам, -ӣ, -аст, -ем, -ед, -анд:** хондаам, хондаӣ, хондааст, хондаем, хондаед, хондаанд ва ғайра;

- феъли **ҳаст** дар шакли ихтисор (**-ст**): *мардест, шахсест, доност, хонданист, рафтанист* ва ғайра.

35. Ҷудо навишта мешаванд:

- ҷузъҳои феъли таркибии номӣ: *даъват кардан (намудан, шудан), андеша кардан, сурх шудан, якҷо шудан* ва ғайра;

- ҷузъҳои феъли таркибии номии пешояндор: *аз бар кардан, аз ёд кардан, ба ҷо овардан, умр ба сар бурдан, дар бар гирифтан, ба воя расидан, ба кор бурдан* ва ғайра;

- шаклҳои таркибии феъл: *хонда буд, нахоҳад хонд, хондан гирифт, рафта истода буд, ташкил карда мешавад, бояд иҷро кунад* ва ғайра;

- калимаҳои **во** ва **боз** ҳамчун ҷузъҳои мустақил: *во кардан, во шудан, боз гардидан, боз хондан, боз истодан* ва ғайра.

36. Пешванди инкории **на-** ҳангоми ихтисор дар назм бо нимтире навишта мешавад: *н-омӯзад, н-омад, н-осояд* ва ғайра.

10. ИМЛОИ СИФАТИ ФЕЪЛӢ

37. Якҷо навишта мешаванд:

- сифатҳои феълие, ки аз асоси замони ҳозираи феъли таркибии номӣ бо пасванди **-анда** сохта шудаанд: донишҷӯёни имсол *хатмкунанда,* шахси ба саволҳо *ҷавобдиҳанда,* ҳуҷҷати оморро *нишондиҳанда,* неруи ҷомеаро *пешбаранда,* муборизони дар роҳи озодӣ *мағлубнашаванда,* молҳои ба бозор *фиристодашаванда* ва ғайра;

- сифатҳои феълие, ки аз асоси замони гузаштаи феъли таркибии номӣ бо пасванди **-а** сохта шудаанд: корҳои дирӯз *иҷрокарда,* гӯсфандони аз рама *қафомонда,* амалҳои неки *анҷомёфта,* мусофирони ба автобус *дермонда,* нақшаи кории *тартибдода,* ҷаву гандуми тирамоҳ *кишташуда,* нақшаи *таъинкардашуда,* чароғи ба миёнҷои миз *гузошташуда* ва ғайра;

- сифатҳои феълие, ки аз феъли таркибии номӣ ва ибораҳои пешояндӣ сохта шудаанд: корҳои имрӯз *баанҷомрасида,* ҷавонони имрӯзаи *азхудрафта,* пири барнодили *барҷомонда,* умеди пуринтизори *барбодрафта,* ҳодисаи ногаҳон *баамаломада* ва ғайра;

- сифатҳои феълии замони оянда бо пасванди **-ӣ:** беҳтарин солҳои *фаромушнашуданӣ,* ниятҳои неки *иҷрошуданӣ,* суханони бисёри *ногуфтанӣ* ва ғайра.

11. ИМЛОИ ФЕЪЛИ ҲОЛ

38. Ҷузъҳои феъли ҳол бо пасванди **-он** (**-ён**) бо нимтире навишта мешаванд: *хандакунон*, *бозикунон, навозишкунон, суҳбаткунон, рақскунон, додгӯён, сурудхонон* ва ғайра.

39. Феълҳои ҳоли таркибии замони гузашта ҷудо навишта мешаванд: *аз ҳуш рафта, аз по афтида* ва ғайра.

40. Бо нимтире навишта мешаванд:

- феъли ҳоли такрор: *ларзон-ларзон, хандон-хандон, хандида-хандида, давон-давон, лангон-лангон* ва ғайра;

- феъли ҳол бо ҷузъи номии такрор: *пичир-пичиркунон, ҳай-ҳайгӯён, чаҳ-чаҳзанон* ва ғайра.

12. ИМЛОИ ЗАРФ

41. Якҷо навишта мешаванд:

- зарфҳое, ки бо пешвандҳои **ба-, бо-, бар-, бе-, дар-, но- ва то-** сохта шудаанд: *баногоҳ, бакуллӣ, бодиққат, бомуваффақият, ботафсил, барвақт, барқасд, бемаврид, дарҳол, ногоҳ, торафт* ва ғайра;

- зарфҳои мураккаб: *дузону, дучанд, якзайл, якпаҳлу, дирӯз, чорзону, киноямез, пасфардо, порсол, парерӯз, умрбод* ва ғайра;

- зарфҳое, ки аз шумораву исм бо пасвандҳои **-а, -ӣ (-гӣ)** сохта шудаанд: *дудаста, дутоӣ, садметрӣ, седонагӣ, панҷдонагӣ, садграммӣ, чоркилоӣ* ва ғайра;

- зарфҳои мураккабе, ки ба воситаи миёнванди **-о-** сохта шудаанд: *дуродур, сарозер, лаболаб, пасопеш, пешопеш* ва ғайра.

42. Ҷудо навишта мешаванд:

- зарфҳое, ки аз такрори калима ва пешоянд сохта шудаанд: *дам ба дам, рӯз то рӯз, ваҷаб ба ваҷаб, сол ба сол, хона ба хона, рӯ ба рӯ, дар ба дар, пай дар пай* ва ғайра;

- зарфҳое, ки бо ибораи изофӣ ифода шудаанд: *дасти холӣ* (омадан), *сари остин* (салом кардан), *сари по* (нишастан), *пойи луч* (давидан) ва ғайра.

43. Бо нимтире навишта мешаванд:

- зарфҳое, ки аз такрори калима сохта шудаанд: *аҳён-аҳён, доман-доман, даста-даста, зуд-зуд, оҳиста-оҳиста, сето-сето, ҷо-ҷо, халта-халта* ва ғайра;

- зарфҳое, ки ҷузъи шуморавии онҳо бо рақам ифода ёфтааст: *450-килоӣ, 300-граммӣ, 10-тоннӣ// тоннагӣ, 90-сарӣ* ва ғайра;

- дар байни зарфҳое, ки аз калимаҳои тақлиди овозӣ бо пасванди** -он **сохта мешаванд: **қаҳ-қаҳзанон, пичир-пичиркунон, гумбур-гумбуркунон, чаҳ-чаҳзанон** ***ва ғайра.***

13. ИМЛОИ ПЕШОЯНД

44. Ҷудо навишта мешаванд:

- пешояндҳои аслии **ба, бо, бар, аз, зи, бе, барои, дар, андар, ҷуз, то** бо калимаҳои мустақилмаъно: *аз сафар баргаштан, аз ӯ пурсидан, ба бозор рафтан, бар (ба) бом баромадан, бо бародар нишастан, аз чор се ҳисса, дар бар гирифтан, андар хаёлоти ҷавонӣ, андар дил, аз ёд кардан, барои рафиқ, зи баҳор шукр гӯям, зи дурии замонаҳо, ҷуз модар, то саҳар* ва ғайра;

- пешояндҳои таркибии номии ғайриизофӣ: *пеш аз, пас аз, доир ба, роҷеъ ба, нисбат ба, оид ба, назар ба* ва ғайра.

45. Бо нимтире навишта мешаванд:

- пешояндҳои изофии номии такрор: *гирд-гирди, зер-зери, таг-таги, таҳ-таҳи, лаб-лаби, рӯ-рӯйи, пас-паси, сар-сари, қад-қадди, пеш-пеши* ва ғайра;

- пешояндҳои **ба** ва **аз (зи)** бо ҷонишинҳои **ин, он** ва **ӯ** танҳо дар назм чунин шакли навишт доранд: *бад-ин, бад-он, бад-ӯ; з-ин, з-он, з-ӯ* ва ғайра.

14. ИМЛОИ ПАСОЯНД

46. Пасоянди **-ро** бо калима якҷо навишта мешавад: *Ватанро бояд муҳофизат кард. Харбузаро буред. Мо меҳмононро пешвоз гирифтем* ва ғайра.

47. Пасояндҳои номӣ ва калимаҳои пасояндии *барин*, *боз, пеш, қабл, замон, ҳамон, ҳамоно* аз калимаҳо ҷудо навишта мешаванд: *гул барин нозук, ду сол боз, як ҳафта пеш, панҷ сол қабл, омадан замон, шунидан ҳамон* (*ҳамоно*) ва ғайра.

48. Пасоянди **-ро** пас аз нохунак, қавс, ихтисора ва рақам бо нимтире ҷудо карда мешавад: *Ман «Шоҳнома»-ро хондам. Сараъзо* (*мубтадову хабар*)*-ро бунёди ҷумла медонанд. ДМТ-ро соли 2020 хатм кард. Адади 4-ро ба 2 тақсим кунед* ва ғайра.

15. ИМЛОИ ПАЙВАНДАК

49. Якҷо навишта мешаванд:

- пайвандакҳои мураккаб: *балки, чунки, агарчи (гарчи), азбаски (баски), вагарна, ҳарчанд, гарчанд* ва ғайра;

- пайвандаки** -у, (-ву, -ю) **бо калимаи аввали иборaю таркибҳо: **ёру рафиқ, хонаву дар, кӯчаву бозор, донову нодон, орзуву омол, пастию баландӣ, сарею савдое, сиёсию иҷтимой** ***ва ғайра.***

50. Ҷудо навишта мешаванд:

- пайвандаки пайвасткунандаи **ва:** *устодон ва шогирдон, Забони модариро ҳама бояд хуб донанд ва гиромӣ доранд* ва ғайра;

- пайвандаки тобеъкунандаи **ки:** *Ӯ қавл дода буд, ки фардо меояд, Давлате, ки мо дар он зиндагӣ мекунем, биҳишти рӯи замин аст* ва ғайра;

- ҷузъҳои пайвандакҳои таркибӣ: *то ки, вақте ки, зеро ки, бо вуҷуди ин (он) ки, сарфи назар аз ин (он) ки, бо назардошти он ки, аз сабаби ин (он) ки, ҳарчанде ки, гарчанде ки, ба қадре ки, ба тавре ки, бе ин (он) ки* ва ғайра.

51. Пайвандакҳои **ва, ки** дар назм ба шакли ихтисор бо нимтире навишта мешаванд: *в-аз* (ва аз), *в-ӯ* (ва ӯ), *к-аз* (ки аз), *к-он* (ки он), *в-имрӯз* (ва имрӯз), *к-омад* (ки омад), *в-арна* (вагарна) ва ғайра.

16. ИМЛОИ ҲИССАЧА

52. Ҷузъҳои ҳиссача ва калимаҳои рехтаи навъи зер якҷо навишта мешаванд: *кошки, бигузор (бигзор), мабодо* ва ғайра.

53. Ҷудо навишта мешаванд:

- ҳиссачаҳои *ҳа (ҳо), оре, бале, на, на …. на, чи …. чи, не, фақат, танҳо, гӯё, магар, ҳатто, ҳаргиз, асло, оё, ҳам, низ* аз калимаҳои дигар: *На омадед ва на пайғом фиристодед. Ин гапро танҳо (фақат) як кас медонист. Ҳатто баъд аз ҷаласа баҳс идома дошт. Оё (магар) ин кор барои Шумо душвор нест? Меҳмон ҳам (низ) бо мо меравад. Ҳаргиз ба роҳи бад наравед. Ӯро асло надидаам* ва ғайра;

- ҳиссачаҳои таркибии *биё мон, гӯё ки, шояд ки, равад ки, на фақат, на танҳо* ва ғайра.

54. Ҳиссачаҳои **-чӣ, -ку, -а** пас аз калима бо нимтире навишта мешаванд: *равем-чӣ, баргардем-чӣ, рафтед-ку, нагуфтед-ку, наовардед-а* ва ғайра.

17. ИМЛОИ НИДО

55. Нидоҳои сохта якҷо навишта мешаванд: *дареғо, дардо, аҷабо, ҳайфо* ва ғайра.

56. Нидоҳои таркибӣ ҷудо навишта мешаванд: *сад дареғ, сад афсус, бисёр афсус, сад ҳайф, во дареғо, ҳай дареғ, э вой* ва ғайра.

57. Нидоҳои такрор бо нимтире навишта мешаванд: *бай-бай, баҳ-баҳ, вай-вай, ҳай-ҳай* ва ғайра.

Замимаи 2
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «30» июни соли 2021, №268

Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ

1. АЛОМАТИ НУҚТА (.)

1. Нуқта дар охири ҷумлаи ҳикоягӣ гузошта мешавад. Ҷумлае, ки дар охири он нуқта гузошта шудааст, фикри тамомшударо фаҳмонида, мазмуни хабарӣ дорад:
Ҷоми ҷаҳоннамои Кайхусрав ҷаҳонро фақат дар Наврӯз нишон медод. (Сотим Улуғзода)

Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад,
Ба дониш дили пир барно бувад.
(Абулқосим Фирдавсӣ)

Дар осмон ситораҳо медурахшиданд.
(Фазлиддин Муҳаммадиев)

ва ғайра.
2. Дар ҳолати бо оҳанги оромона баён кардани орзу, дуои нек ва таҳсину таманно дар охири ҷумла ба ҷойи аломати хитоб нуқта гузошта мешавад:

Офарин бар ин гуна пешсафони мусобиқа.
Эй хоқони аъзам, ҷовидон, зинда ва фархунда бош.
Эй наҷибаи вологавҳар, Худованд меҳри туро аз Бежан набурад.
(Сотим Улуғзода)

ва ғайра.

3. Дар вақти ихтисор кардани номҳо аломати нуқта баъд аз вожаи ихтисоршуда гузошта мешавад:
- дар вақти навиштани нишонӣ вобаста ба калимаҳои маъмурию ҷуғрофӣ: *вилоят (вил. Хатлон), шаҳр (ш. Душанбе), деҳа (д. Ҳамешабаҳор)* ва ғайра;
- дар вақти навиштани ном, насаб ва тахаллуси одамон: *М. Аминӣ, Б. Сафолзода, Ф. Каримдухт, Н. Азизпур* ва ғайра;

- дар вақти ба ҳисоб гирифтани тартибу миқдори ашёи ҷудогона пас аз калимаҳои ихтисоршудаи *сол, саҳифа, ҷилд* ва ғайра: *с.1970 (соли 1970), саҳ. 650 (саҳифаи 650), 240 саҳ. (240 саҳифа), ҷ. 3-юм (ҷилди 3*-юм*)* ва ғайра;
- дар феҳристи адабиёт номи баъзе шаҳрҳо, аз ҷумла, *Душанбе, Москва, Ленинград, Санкт-Петербург* агар ихтисор навишта шаванд: *– Д., – М., – Л., – СПб.* ва ғайра.
4. Нуқта дар мавридҳои зерин гузошта намешавад:
- дар охири *сарлавҳаҳо*:

Наврӯзи дилафрӯз
Диёри обҳои мусаффо

ва ғайра;
- дар муқоваи китобҳои илмӣ, бадеӣ, дарсӣ, маҷалла ва дигар нашрияҳо баъд аз насаби муаллиф ва унвони онҳо:

Садриддин Айнӣ
Дохунда

Бобоҷон Ғафуров
Тоҷикон

Қосимӣ Мукаррама Набидухт
Об дар «Шоҳнома»

ва ғайра;
- дар охири номи санадҳо ва ҳуҷҷатҳои расмӣ-коргузорӣ: *ариза, қарор, гувоҳнома, тасдиқнома, тавсифнома, фармон, фармоиш, амр* ва ғайра, ки моҳияти мазмуни онҳо ба тамоми матн иртибот дорад:

Ариза
Фармон
Фармоиш
Тавсифнома

ва ғайра;
- дар байн ва охири ҳарфҳои калимаҳои ихтисоршудаи номҳои ҷуғрофӣ: *ВМКБ (Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон);* ташкилотҳо: *АМИТ (Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон), ДМТ (Донишгоҳи миллии Тоҷикистон), БМТ (Бонки миллии Тоҷикистон), ҶДММ-**и** «Орзу» (Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Орзу»*), *СММ (Созмони Милали Муттаҳид)* ва ғайра;
- агар калимаҳои *грам(м), килограм(м), сентнер, сантиметр, метр, километр* ва монанди инҳо, ки воҳидҳои миқдор, ченак ва ё

ҳаҷму сатҳ мебошанд, дар шакли ихтисор оянд: *10 г спирт, 50 кг биринҷ, 80 м чит, 20 га замин, 3 млн, 7 м*^{2};
- дар охири таърихи рӯз:

27-уми октябри соли 1964
30-юми октябри соли 2020

ва ғайра.

2. АЛОМАТИ САВОЛ (?)

5. Аломати савол пурсишро ифода карда, дар охири ҷумлаи содаи саволӣ гузошта мешавад:
Яке аз бандиён пурсид:
Ту аз куҷоӣ ва писари кистӣ?
Аз фалон деҳа, писари Арбоб Камол ном шахс.
Падарат зинда аст?
Ҳо.
Молу мулк дорад? (Садриддин Айнӣ)
ва ғайра.

6. Дар охири ҷумлаҳои саволӣ, ки ҷавоби шунавандаро талаб намекунанд, аломати савол гузошта мешавад:
Ба омадан-ку омадам, аммо акнун ӯро чӣ тавр партофта меравам? (Сотим Улуғзода)
Модоме ки халқ ба ҷанговарон ҳадя мефиристодааст, ... ман чӣ тавр аз қатор берун монда метавонам? (Фотеҳ Ниёзӣ).
Эзоҳ. Агар ҷумлаҳои саволӣ эҳсосоти гӯяндаро дар бар гиранд, дар баробари аломати савол аломати хитоб ҳам гузошта мешавад:
Эй хунхор, то чанд чунин суханҳо мегӯйӣ?! (Сотим Улуғзода)
ва ғайра.

7. Дар ҷумлаҳои саволии аслӣ ва ғайриаслӣ барои ифодаи пурсиш се воситаи асосии саволӣ кор фармуда мешавад:
- ҷонишинҳои саволӣ (пурсишҷонишинҳо): кӣ?, чӣ?, киҳо?, чиҳо?, кадом?, чанд?, чаро?, ку?, куҷо?, кай?, чӣ тариқ?, чӣ тавр?:
Хуб, чӣ шудааст? Осмон ба замин фуру ғалтид, магар?
(Сотим Улуғзода)
Чаро имрӯз ба дарс наомадӣ?
Омад бари ман. Кӣ? Ёр. Кай? Вақти саҳар... (Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ)
Эй марди деҳқон, мақомгоҳи Рустами Дастон куҷост? (Сотим Улуғзода)
Ба куҷо равам? Чӣ кунам? Дарди дил ба кӣ гӯям? (Пӯлод Толис)

Чӣ хабар? Гулбарги рӯят аз чӣ пажмурда аст? (Сотим Улуғзода)
- ҳиссачаҳои саволӣ (магар, наход, наход ки, оё, -а, -чӣ ва ғайра):
Магар шумо хабар надоштед?
Наход ҳамин қадар ширин бошад? (Фотеҳ Ниёзӣ)

Оё Меҳрон фаҳмид, ки ин манзумаҳо ба ҷойи ариза аст?
(Сотим Улуғзода);
- тарзи талаффуз, оҳанги пурсиш:
Рост бигӯ, хулқу атвори онҳо чӣ гуна аст? Хушахлоқанд?
Шумо бо ин дурӯғ мехоҳед гиребони худро аз чанги ман бираҳонед?
(Сотим Улуғзода)

Наёмад ба гӯшат ба ҳар анҷуман,
Камону каманди гави пилтан?
(Абулқосим Фирдавсӣ)

Зи чашми шӯхи ту ҷон кай тавон бурд?
Ки доим бо камон андар камин аст.
(Ҳофизи Шерозӣ)
ва ғайра.

3. АЛОМАТИ ХИТОБ (!)

8. Аломати хитоб дар ҳолатҳои зерин гузошта мешавад:
- дар охири ҷумлаи хитобӣ:
Хуш омадед, дӯстон, бори дигар биёед!
Тоҷикистон, ба пеш!
Ҷовидон бод сулҳ дар олам!
ва ғайра;
- дар охири ҷумлаи амр ва хоҳиш, ки бо оҳанги хитоб талаффуз мешавад:
Фарзандонам, ҳамеша китоб хонед!
Инсоф кун! Гунаҳгор дигарон буданд, дигарон! (Ҳаким Карим);
- дар ҳолатҳое, ки хитоб, нидо ва калимаҳои *ҳа, оре, бале, не (на), эй, ҳошо, баҳ-баҳ* ва ғайра бо оҳанги хитоб талаффуз мешаванд:
Ҳа, парво накун, ғусса нахӯр! (Ҷалол Икромӣ)
Эй писар, бидон, ки дарахт бо решааш мустаҳкам аст! (Саъдии Шерозӣ)
Бале, аз қазову қадар гурез набудааст! (Сотим Улуғзода)
Банд дар пойи Рустам! Ҳошо! Маро чархи баланд ҳам баста наметавонад. (Сотим Улуғзода)

Баҳ-баҳ! Доноёни ман биҳишт дидааанд! (Сотим Улуғзода)
Тавба! Сад тавба! – аз нав даст ба гиребон бурд Абдулаҳад. (Саттор Турсун)
ва ғайра;
- пас аз мухотаб дар аввали ҷумла:
Эй худписанд! Ту лоф задӣ, ки ҳамоварди Исфандиёр ҳастӣ!
(Сотим Улуғзода)
ва ғайра.
9. Агар дар ҷумлаи хитобӣ оҳанги талаффуз бошиддат бошад, ду ё се аломати хитоб гузошта мешавад:
Эй нопоки хештанношинос! Ба дастам афтодӣ!! (Сотим Улуғзода)
Беҳаё ту, золим ту, беномус ту!!! (Сотим Улуғзода)
Ба чашмам нигоҳ кун, номард!! Ман Восеъ!!
(Сотим Улуғзода) ва ғайра.

4. АЛОМАТИ ВЕРГУЛ (,)

10. Аломати вергул дар мавридҳои зерин гузошта мешавад:
1) барои ҷудо кардани аъзои чидаи ҷумла, ки дар байни онҳо пайвандакҳои пайиҳами *ва, -у (-ю)* наомадаанд:
Илоҳӣ, сафари ҳамаи он касон, ки аз хона, ҷой, падару модар, зану фарзанд ҷудо шуда, ба хизмати аскарӣ рафтаанд, бехатар бошад. (Фотеҳ Ниёзӣ)
Нони гандумии хушбӯй, шири гарм ва асал ҷоғи меҳмонро тафсонд. (Сотим Улуғзода)
ва ғайра;
2) барои ҷудо кардани аъзои такрор:

Фазлу ҳунарам, Ватан, туӣ, ту,
Сози зафарам, Ватан, туӣ, ту.
(Мирзо Турсунзода)

ва ғайра;
3) барои ҷудо кардани аъзои истисноӣ:
- агар аъзои истисноӣ ҳаҷму андозаи маънои аъзои муқаррариро мушаххасу саҳеҳ кунад, аз ду тараф бо аломати вергул ҷудо карда мешавад: *Ҳоло бисёриҳо, махсусан, ҷавонон аз кӯҳистон оҳиста-оҳиста ба водӣ мекӯчанд.* (Саттор Турсун);
- агар аъзои истисноӣ бо аъзои муқаррарӣ (эзоҳшаванда) аз ҷиҳати ифодаи маъно баробар ё муодили якдигар бошад, пеш аз аъзои истисноӣ аломати тире ва пас аз он аломати вергул

гузошта мешавад: *Ӯро – Фирӯзаро, тамоман бекас мондан намехоҳад.* (Ҷалол Икромӣ)
Ман – Фирӯз Шоҳрухзода, соли 2020-ум ба донишгоҳ дохил шудам.....
ва ғайра;
4) барои ҷудо кардани мухотаб. Дар ин ҳолат чунин қоида бояд риоя карда шавад:
- дар аввали ҷумла пас аз мухотаб:
Эй шаҳриёр, гуфтори Гургин пур аз ёва аст. (Сотим Улуғзода)
Очаҷон, дар берун ҳаво хеле хунук, шумо одами пир, боз хунук назанад? (Фотеҳ Ниёзӣ);
- дар байни ҷумла аз ду тарафи мухотаб:
Яке панди модаратро шунав, писар, ба бадӣ макӯшу шитоб макун.
Рост мегӯӣ, эй ёри бовафо ва меҳрубонам, ҳама мусибати ту аз боиси ман аст. (Сотим Улуғзода);
- дар охири ҷумла пеш аз мухотаб:
Дар достонҳои Фирдавсӣ панду ҳикмат бисёр аст, соҳиб….
ва ғайра;
5) барои ҷудо кардани калимаву ибора ва ҷумлаҳои туфайлӣ:
- агар калимаву ибора ва ҷумлаҳои туфайлӣ дар аввал оянд, пас аз онҳо вергул гузошта мешавад:
Хушбахтона, Зебӣ пас аз муддате аз роҳ баргашт. (Сотим Улуғзода)
Ниҳоят, он рӯзи фирӯз расид. (Садриддин Айнӣ)
Ба назарам, имсол баҳор хеле серборон омад. (Ҷалол Икромӣ)
Ҳамин тавр, барои ифодаи навъҳои гуногуни рустаниҳои ҳосилдеҳ истилоҳоти мухталифе истифода мешаванд, ки дар онҳо калимаи асосӣ худи рустаниҳоянд.
Тавре ёдрас шудем, ин устоди бузург беш аз 30 сол сарвари кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро ба уҳда доштанд ва дар ин муддат кафедра яке аз марказҳои қавии илми забоншиносӣ ва таълими он гардид.;
- агар калимаву ибора ва ҷумлаҳои туфайлӣ дар охири ҷумла оянд, пеш аз онҳо вергул гузошта мешавад:
Дуруст мекунем, албатта. (Сотим Улуғзода)
Ин абераaш, гардам аз саратон… (Садриддин Айнӣ)
Мо қудрату тавони инро надорем, худат медонӣ….
ва ғайра;
- агар калимаву ибора ва ҷумлаҳои туфайлӣ дар байни ҷумла оянд, аз ду тараф бо вергул ҷудо карда мешаванд:
Аспи вай, бар хилофи чашмдошти ман, хеле тез метохт.

Тайсафуни қадима, ба арабӣ Мадоин, шояд ба ҳамин Бағдод монанд буд. (Сотим Улуғзода)
ва ғайра;
6) барои ҷудо кардани нидо, ки бо оҳанги хитоб талаффуз нашудааст:
Оҳ, Ҳомидҷон, омадед? Шумо бо мо меравед. (Раҳим Ҷалил)
Оббо, гӯр пирӣ шавад, қариб ки нашиносам-а? – гуфт охир Юнусбобо. (Фотеҳ Ниёзӣ)
ва ғайра;
7) барои ҷудо кардани ҳиссачаҳои тасдиқӣ (*ҳа, бале, оре*) ва инкорӣ (*не, на*):
Оре, вай дар он ҷавон писари худро шинохт. (Сотим Улуғзода)
Ҳа, аз модарам ва аз як муаллимаи мактаби деҳаамон. (Фотеҳ Ниёзӣ)
На, султонам, дар ин ҷо шинос шудам. (Сотим Улуғзода)
Не, ба фикрам, ҳеҷ гап не. (Фотеҳ Ниёзӣ)
Не, мон, гап занад вай. (Фазлиддин Муҳаммадиев)
ва ғайра;
8) барои ҷудо кардани ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаи мураккаби пайваст:
Золи Зар зуд аз асп фуруд омада, ба Баҳман таъзим кард, Баҳман ҳам пиёда шуд, ҳар дуяшон чанде пурсупос карданд. (Сотим Улуғзода)
Ҷаҳонро бо чашми ҷавонӣ мабин, хашму кинро аз дил бадар кун. (Сотим Улуғзода)
ва ғайра;
9) дар ҷумлаҳои мураккаби пайвасти хилофии пайвандакдор:
Манижа бояд ба шаҳр бармегашт, аммо дилаш ба ҷудоӣ аз Бежан андуҳгин буд.
Ин буд фикру хаёли шоир, вале тақдир ба вай чизи дигаре пеш овард.
Фаррухзод яке сахт ҳуҷуми ҷавобӣ кард, лекин ҳуҷумаш барор нагирифт. (Сотим Улуғзода)
ва ғайра;
10) барои ҷудо кардани ҷумлаи пайрав дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ:
Умар донист, ки кори хубе кардааст.
Агар бемор дуруст шуданӣ бошад, табиб ба дари хона меояд.
Ман ба ту таслим намешавам, зеро ту як нафар ғулом ҳастӣ ва ман шоҳ. (Сотим Улуғзода)
ва ғайра;

11) дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, аломати вергул дар мавридҳои зерин гузошта мешавад:
- агар ҷумлаи пайрав баъд аз сарҷумла омада бошад, пеш аз он вергул гузошта мешавад:
Бар қуббаи заррини қамар оҳиста-оҳиста сояи сиёҳ хазидан гирифт, то он ки се ҳиссаи онро тамоман пахш кард.
Ба ҳар ҳол пешомадҳои нохуш паси сар шуданд, гарчанде ки талхии онҳо дар дили шоир боқӣ монд.;
- агар ҷумлаи пайрав пеш аз сарҷумла омада бошад, аломати вергул пас аз ҷумлаи пайрав гузошта мешавад:
Вақте ки навкари вакили молиёт ба Бож омада, Фирдавсиро ба назди ҳоким бурданӣ шуд, шоир ҳайрон шуд. (Сотим Улуғзода);
- агар ҷумлаи пайрав дар байни сарҷумла омада бошад, аз ду тараф бо вергул ҷудо карда мешавад:
Одина, вақте ки аз баргашта рафтани Ибод хотирҷамъ шуд, ба модаркалонаш гуфт. (Садриддин Айнӣ)
Чакраҳое, ки аз чандин чунин чашмаҳо мечаканд, дар як ҷо ғун шуда, ҷӯйчаи мусаффоеро ба ҳам мерасонанд. (Садриддин Айнӣ)
ва ғайра;
12) дар нутқи мазмунан нақлшуда:
- агар сухани гӯянда баъд аз нутқи мазмунан нақлшуда омада бошад, аломати вергул пеш аз он гузошта мешавад:
Не, шумо пеш дароед, сарбоз, – ҷавоб медод дигаре бо овози ҳаяҷономези ларзон. (Фотеҳ Ниёзӣ);
- агар сухани гӯянда дар байн омада бошад, аз ду тараф бо вергул ҷудо карда мешавад:
Бегоҳ шуд, – ҷавоб дод Рустам, – шаби тира кас набард намекунад.
Шод бош, – ба расми ориёӣ салом дод ба вай Рустам, – тану ҷонат ба дониш обод бод. (Сотим Улуғзода)
ва ғайра;
13) дар вақти такрор омадани амале, ки маънои инкор дораду бо пайвандаки ҷудоии *ё… ё* меояд, ҷумлаи содаи якум бо вергул ҷудо карда мешавад:
Ё дар идора касе набуд, ё телефон вайрон буд.
Ё бояд корро хобонем, ё асбоби нав диҳед. (Садриддин Айнӣ)
Ин сандуқ ё аз тилло пур, ё аз китоб. (Фазлиддин Муҳаммадиев)
Ё ба кино медарояд, ё ба назди яке аз рафиқонаш меравад. (Фазлиддин Муҳаммадиев)
ва ғайра.

5. АЛОМАТИ НУҚТАВЕРГУЛ (;)

11. Нуқтавергул дар чунин мавридҳо гузошта мешавад:
- дар байни аъзои чидаи тафсилӣ, ки бо рақам ё ҳарф гурӯҳбандӣ шудаанд:
Дар адабиёти тоҷикӣ жанрҳои зерини шеърӣ мавҷуд аст:
1) рубоӣ;
2) дубайтӣ;
3) ғазал;
4) қасида;
5) қитъа;
6) маснавӣ;
7) достон;
- дар байни қисмҳои ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб:
Ришаш сиёҳ ва қайчӣ карда шуда буд; рӯяш пурраи сафедчаи сурхчатоб ва чашмони бемижгони пӯшида ва хушкидарафтааш дар он рӯйи сурхчатоб ба парчаи ҳарири гулобӣ монанд буд; абруҳояш сиёҳи сермӯйи баланд; либоси ин нобино фақирона, лекин бисёр озода буд. (Садриддин Айнӣ);
- дар байни ҳиссаҳои ҷумлаи мураккаби тобеъ:
Умре, ки баъд аз вафоти шавҳар дар дари мардум мегузаронд; таоми бадастае, ки аз деги ҳамсоягон ба ивази меҳнат ва машаққатҳои беандозааш мехӯрд; захми забони занони ҳамсоя, ки ӯ канизи бебаҳои онҳо шуда буд, сафедор барин қадди рости холаро камон барин қат карданд. (Ҳаким Карим);
- дар байни қисмҳои ҷумлаи мураккаби омехта:
Падар, то вақте ки чашмаш кор мекард, ба болои чархи осиё кор кард, аммо он рӯз аз ҳаррӯза барвақттар рӯз торик шуд; бод шиддат карда, аз ҳавои гарду ғуборолуд регборон сар шуд; рег монанди борон борида, дар андак фурсат рӯйи заминро регфарш кард; ҳарчанд дарҳои хонаро кушода, чароғро гиронда будам, аз таркишҳои дар рег ба хона ҳам медаромад. (Садриддин Айнӣ)
ва ғайра.

6. АЛОМАТИ БАЁН (:)

12. Аломати баён (дунуқта) дар мавридҳои зерин гузошта мешавад:
- пас аз калимаи хулосакунанда:
Деҳқонони бисёре, зану мард дар сабаду каҷоваҳо анвои меваҷот: ангур, нок, олу, зардолу, анор, анҷир, харбузаву тарбузҳоро барои фурӯш ба лашкаргоҳ оварданд. (Сотим Улуғзода);

- барои ҷудо кардани ҳудуди ҷумлаҳои сода, ки дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби бепайвандак омада, бо ҳамдигар муносибати сабабу натиҷа доранд ва яке дигареро шарҳ медиҳад:
Падарам ба ман насиҳат карда гуфт: – «Ту бояд ҷавони кордон ва зирак шавӣ!». Манижа шитобон назди Рустам рафт, ба вай аз Бежан паём дод ва гуфт: – «Рустами Дастон туӣ!». (Сотим Улуғзода);
- дар муколама ва суҳбат ҳудуди сухани муаллиф аз нутқи айнан нақлшуда ҷудо карда мешавад:
Абуалӣ ибни Сино баъд аз тамом кардани таҳсили илм ба сараш чӣ воқеа рӯй доданро ба тарзи зерин ҳикоя мекунад: «Дар 18-солагиям ман аз ҳамаи ин илмҳо фориғ гардидам, баъд аз он падарам вафот кард ва бар аҳволи ман дигаргуниҳо рӯй дод ва бар гардани ман чизеро аз амалҳои султонӣ бор карданд ва баъд аз он зарурат маро бар он дошт, ки аз Бухоро биравам ба Гурганҷ». (Садриддин Айнӣ)
ва ғайра.

7. АЛОМАТИ ТИРЕ (–)

13. Аломати тире вазифаи тавзеҳ ва ҷудо карданро иҷро менамояд ва дар мавридҳои зерин гузошта мешавад:
- дар байни мубтадо ва хабари номие, ки феъли ёвар ҳазф шудааст.
Лоиқ – шоир.
Душанбе – пойтахти тоҷикон.
Фарзанди хуб – боғи падар, фарзанди бад – доғи падар. (Зарбулмасал).
Эзоҳ. Агар феълҳои ёвар кор фармуда шуда бошанд, байни мубтадову хабар тире гузошта намешавад:
Лоиқ шоир аст.
Душанбе пойтахти тоҷикон мебошад.
Фарзанди хуб боғи падар аст, фарзанди бад доғи падар аст.
ва ғайра;
- дар охири аъзои чида пеш аз калимаи хулосакунанда:
Қасрҳо, кӯшкҳо, саройҳо, корвонсаройҳо, бозорҳо, ятимхонаҳо, мадрасаҳо, китобхонаҳо, манораҳо – ҳама ва ҳама сӯхта хокистар гардида буданд. (Садриддин Айнӣ);
- дар ҷумлаҳои мураккаби пайвасти хилофии бепайвандак:
Меҳнат фаровон мекунад – танбалӣ вайрон мекунад. (Зарбулмасал)

Вай намехандад – ҳаёт ба вай механдад. Ҳамаи ин чизҳо мурдаанд – танҳо ишқи зан зинда аст. (Абдусалом Деҳотӣ);
- дар ҷумлаи мураккаби тобеи бепайвандак, ки ҷумлаи пайрав шарти воқеии амалу ҳолати сарҷумларо мефаҳмонад:
Ҳурмат кунӣ – ҳурмат мебинӣ. (Зарбулмасал)
Меҳнат кунӣ – роҳат мебинӣ. (Зарбулмасал);
- барои ҷудо кардани сухани муаллиф (нақлкунанда) аз нутқи айнан нақлшуда:
«Наход ки шумо аз ман хафа бошед?», – гуфт Ҳошим-корвон. (Сотим Улуғзода)
«Корамон як рӯз барор гирад, рӯзи дигар, ба қавле, фақат ситора мешуморем», – гуфт вай;
- дар байни исм ва шумораҳое, ки барои ифодаи фосилаи замон, ҳадди масофа, андозаи ҳаҷм ва вазн истифода мешавад:
Автобуси Душанбе – Бохтар ба роҳ баромад. Мо бо қатораи тезгарди Душанбе – Москва ба саёҳат рафтем. Роҳи мошингарди Душанбе – Хуҷанд аз нақбҳои "Истиқлол" ва "Шаҳристон" мегузарад. Қатораи Душанбе – Хуҷанд ҳамеша пуродам аст. Дар саҳро 10 - 15 литр об лозим мешавад. Барои ҷашни имрӯза 40-50 кг пахта лозим аст....;
- баёнияи истисноӣ аз муайяншаванда бо тире ҷудо карда мешавад:
Вазорат аризаи шаҳрванд Беҳин Абдулло – донишҷӯйи курси якуми Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро мавриди баррасӣ қарор дод;
- дар муколама:
– Номат чист? – гуфта пурсид.
– Ёдгор!
– Номи падарат?
– Бозор!
– Чанд сол боз ин ҷо ҳастӣ?
– Аз даҳ сол зиёд шуд. (Садриддин Айнӣ)
Модар аз тирезаи ҷониби варзишгоҳ сарашро бароварда, писарашро ҷеғ зад:
– Шаҳзо-о-д, ҳо Шаҳзо-о-д!
Ҷавобе нашунид. Шавҳараш, ки дар хонаи дигар саргарми мутолиа ва навиштан буд, шишаҳои айнакро бо лаби доман поккунон ба ҳуҷра омада, коҳишомез ғур-ғур кард:
– Мардумро безобита кардан хуб не, Ширин.
Фурсати лаб кушодан нарасида, мард боз пурсид:
– Вақти аз хона баромадан иҷозат пурсида буд?

– Бале, таъкид кардам, ки дур нарав, овози ман набаромада баргард.
– Чӣ ҷавоб дод?
– «Хуб, модарҷон, хуб» гуфту туб дар даст парида-парида поин фуромад.
– Чаро ба ташвиш меафтӣ?
– Торикиро намебинед? (Абдулҳамид Самад)
ва ғайра.

8. АЛОМАТҲОИ ҚАВС ( ) ВА ҚАВСИ МУРАББАЪ [ ]

14. Аломати қавс ҳудуди калима, ибора, ҷумлаҳои сода ва ҳатто чанд ҷумлаи шарҳу эзоҳдиҳандаро нишон медиҳад, ки ба матни асосӣ алоқаи грамматикӣ надорад, он баъзан аз ҷиҳати вазифа ба аломати тире ва калимаи «яъне» баробар аст. Қавс дар ҳолатҳои зерин гузошта мешавад:
- барои ҷудо кардани аъзои чидаи ҷумла, ки баъд аз калимаҳои хулосакунанда бо мақсади тавзеҳ кор фармуда мешавад:
Зардолуҳои пешпазак (ҷавпазак, моҳтобӣ, лучак) кайҳо пухтаанд. Умуман, маъмурони амир (қозиҳо, раисҳо, ҳокимҳо ва дигарон) аз хазина моҳона намегирифтанд ва бо ягон роҳе, ки аз замони пеш одат шуда омадааст, маишати худро таъмин карда, ба амир ҳам пешкаш мекарданд. (Садриддин Айнӣ);
- барои ҷудо кардани воҳидҳои туфайлӣ, ки ҷиҳати возеҳ намудани нутқ хизмат мекунанд ва ё маълумотеро ба гуфтаи аввал илова менамоянд:
Дар он ҷо коллективона лӯбиёшӯрак пухта мехӯрдем (ман лӯбиёшӯракпазиро дар қисми дувуми романи «Ғуломон» тасвир кардаам). (Садриддин Айнӣ);
- барои эзоҳи калимаҳои камистеъмол, куҳнашудаву аз истеъмолмонда, шевагӣ, истилоҳоти соҳавӣ ва муродифҳои маълуму машҳури онҳо дар дохили қавс зикр мешаванд:
Офтоби форами моҳи мизон (сентябр) ҳавои Ёвонро монанди ҳавои баҳорони беборон хушу хуррам гардонида буд.
Ҳамин тавр нест? – гуфта ба Одина нигоҳ карданд. (Садриддин Айнӣ);
- барои шарҳу эзоҳи таъбиру ибора ва ҷумлаҳои душворфаҳм ва мақолу зарбулмасалҳои арабӣ кор фармуда мешавад:

Хатти «настаълиқ» (хатте, ки аз хатҳои «насх» ва «таълиқ» ба вуҷуд омадааст) пеш аз замони Навоӣ баромада буд. (Садриддин Айнӣ);
- дар асарҳои драмавӣ (намоишӣ) қайду эзоҳҳое, ки ба амалу ҳолатҳои қаҳрамонон дахл доранд, дар қавс нишон дода мешаванд:
ТАРИЭЛ (аз даҳлез ҷаҳида баромада): Лайло, ман дар ин ҷо!
МАРТА (ба тарафи Лайло меравад): Чӣ гап шуд, ҷони хола? (аз намоишномаи «Ду ошиқи як дилбар»);
- барои ҷудо кардани маълумоте, ки ба гуфтаи аввал зам мешавад:
Шеъри Бозор Собир «Забони модарӣ» (пештар ин шеър «Забони Ватан» ном дошт) дар қироати ровии шинохта садо дод.
15. Қавси мураббаъ маъмулан дар асару мақолаҳои илмӣ ҳангоми истинод ба адабиёт истифода мешавад: *[5, 2020, 39], яъне чунин маъно дорад, ки рақами 5 ба адабиёти истифода, 2020 соли нашри асар ва 39 рақами саҳифае, ки аз он истинод шудааст. Дар асарҳои илмӣ тарзи дигари нишон додани иқтибос низ истифода мешавад [Гулназарова, 2017, 55]*
ва ғайра.

9. АЛОМАТИ СЕНУҚТА (…)

16. Аломати сенуқта (бисёрнуқта) нотамомӣ, давомнокӣ, бурида шудани нутқ ва ихтисор шудани як қисми матнро ифода менамояд. Ин аломат дар мавридҳои зайл гузошта мешавад:
- дар вақти ба ҳаяҷону изтироб омадани гӯянда ва ё бо сабабе бурида шудани ҷараёни нутқ:
Наход, гӯед, шишта будем, ки… и-е-и-! – дар ҷояш истода монд пирамард писари боборо дида. – О…охир, ин Олимҷон-ку! (Пӯлод Толис);
- дар оғози ҷумла барои нишон додани ҷойи бурида шудани нутқ:
…Хайр, бо телефон мегӯям… Аз афти кор, аз ман ранҷид… Не, вай бояд фаҳмад, ки ҳозир вақти… (Пӯлод Толис);
- дар иқтибос зимни ихтисори матн (аз аввал, мобайн ва охир):
«…миннатдор мешавем; агар рафиқон, аъзои маҳфил ба ман, ба идораи маҷаллаи «Хониши адабӣ», шеър ва ҳикояҳои машқкардаашонро фиристанд». (Максим Горкий);
- ҳангоми канда-канда баён кардани фикр:
Модарҷон, маро… бубахш… ман… гуноҳ… надорам… о-о-о… охир вай… ма… ро ранҷонд…;

- дар сурати ихтисор шудани лафзи қабеҳ, суханони мамнуъ:
Аввал ба риши миршабу дарвозабон р…
В-он гаҳ ба риши муфтию қозикалон р…;
- дар вақти ҷавоб надодан ба пурсиш:
- *Ту ҳезумкаш бошӣ, дос, арғамчин ва харат дар куҷост?*
- *Чикорӣ?*
- …
Амин дид, ки аз бандӣ ҳеҷ садое намебарояд, ба яке аз одамони худ нигоҳ карда фармон дод. (Садриддин Айнӣ) ва ғайра.

10. АЛОМАТИ НОХУНАК (« »)

17. Аломати нохунак дар мавридҳои зерин гузошта мешавад:
- барои ҷудо кардани нутқи айнан нақлшуда аз сухани худи гӯянда:
Рӯзе он подшоҳро дар роҳе бо вай мулоқот афтод ва забон ба мақолот бикушод: «Эй дарвеш, сабаб чист, ки алоқа аз мо буридӣ ва қадам аз омадурафт кашидӣ?» Дарвеш ҷавоб дод: «Сабаб он ки донистам, ки наомада савол шунидан беҳтар аст, аз омада малол дидан». (Абдураҳмони Ҷомӣ)
Зубайда ҷавоб дод: – «Дар заминҳои ман ба коштани пахта сар карданд».
«Ҳамаи гапи бобоям ҳамин будааст?»,– гуфта ҳайрон шудӣ?
(Фазлиддин Муҳаммадиев);
- барои ҷудо кардани калимаву ибораҳое, ки ба маъноҳои маҷозӣ ё киноямез кор фармуда шудаанд:
Ман бо нигоҳи машварат ба «шарики худ»,– ба бобоям нигаристам. (Садриддин Айнӣ)
Дина, рӯзи дароз, катро «иҷора» гирифтам… («Ҷумҳурият»)
Аспҳо «оила»-ро пок нигоҳ дошта, асло ба «бегона»-ҳо чашм ало намекунанд ва ба «доми фиреб» намеафтанд. («Ҷумҳурият»);
- номи ташкилотҳо, китобҳо, маҷаллаву рӯзномаҳо ҳангоми истифодаи онҳо дар матн:
Шумораи нахустини рӯзномаи нави тоҷикӣ «Паёми Душанбе», ки пайки айёми бозсозист, аз чоп баромад.
Нависанда Ҷумъа Одина романи «Гузашти айём»-ро қабл аз давраи бозсозӣ навишта буд.
«Омӯзгор» нашрияи расмии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аст....;
- иқтибос аз дигар асару мақолаҳо дар асарҳои илмӣ: *А. Раҳмонзода доир ба китобу китобхонӣ чунин гуфтааст:*

«Саромадони ҳикмат ва адаби тоҷик ба китоб бо меҳру муҳаббат муносибат намуда, онро ягона омили дарёфти дониш медонистанд ва дар осору ашъори пурмуҳтавои хеш арзиши баланди ин дӯсти беминнатро ситоиш мекарданд».

18. Аломати нохунак ҳангоми тартиб додани рӯйхати адабиёт дар асару мақолаҳои илмӣ гузошта намешавад.

Тарзи овардани адабиёт чунин аст:

1. Айнӣ С. Куллиёт. Ҷилди 11. Китоби 2. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 436 с.
2. Қосимова М.Н. Ганҷи сухан. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. –639 с.
3. Саломиён М. Вижагиҳои услубии баъзе пасвандҳо дар забони шеъри тоҷикӣ//Суханшиносӣ. №1. – Душанбе: Дониш, 2016. – С. 33-38.
4. Ҳалимов С. Калимасозии исм дар забони адабии тоҷик /аз рӯи забони «Гулистон»-и Саъдӣ //Масъалаҳои забон ва адабиёт. Қисми 1/2. – Душанбе: Дониш, 1975. – С. 283-307.

11. САРХАТ

19. Сархат дар мавриди зерин гузошта мешавад:

- одатан, дар аввали сатри ҳар фикри нав, ки дар чанд ҷумла ифода ёфтааст, ҷойи холӣ гузошта мешавад. Аз ин рӯ, ҷойи холие, ки аз аввали сатр ба миқдори гунҷоиши панҷ ҳарф аст, ҷойи сархат ном дорад. Гузоштани сархат ба мазмуни нави матне, ки ба варақ сабт мегардад, вобаста мебошад;
- пас аз сарлавҳа ҳар як мавзуъ ё фикри нав дар матн ҳамеша аз сархат навишта мешавад.

12. НИМТИРЕ (-)

20. Нимтире (дефис) хатчаи васлкунандаи байни қисмҳои калимаи мураккаб ҳангоми якҷоя навиштан ё байни ду калимае мебошад, ки яке аз онҳо муносибати баёниявӣ дошта, якҷоя калимаи мураккабро ташкил медиҳанд. Ин аломат дар ҳолатҳои зерин гузошта мешавад:

- дар байни калимаҳои такрор: *тозон-тозон, давон-давон* ва ғайра;
- дар байни калимаҳое, ки ҷузъи шуморавиашон бо адад ифода шудааст: *1000-солагии зодрӯзи* Абуалӣ *ибни Сино, 5500-солагии Саразми бостон, 15-рӯза, 9-моҳа, 100-сола, 575-солагӣ* ва ғайра;

- исмҳое, ки ҷузъи дуюми онҳо маънои мустақил надоранд: *нон-пон, бача-кача, чой-пой, бозор-мозор,қанд-панд, тахта-пахта* ва ғайра;
- дар байни калимаҳои тақлидӣ ва тасвирӣ: *шар-шар, фаш-фаш, чак-чак, гум-гум, ғиҷир-ғиҷир, тиқ-тиқ, тақ-тақ, ялт-ялт, шав-шав, ав-ав* ва ғайра;
- дар исмҳои хоси иқтибосӣ: *Коста-Рика, Улан-Удэ*, *Сан-Марино, Рио-де-Жанейро, Буэнос-Айрес* ва ғайра;
- артикли арабии *«ал» (ва гунаҳои он: -ал-, -ул-, -ут-, -ус-, -уш-)* дар аввали номи шахсон, аввал ва мобайни асарҳои таърихӣ: *Шайх Ал-Форобӣ, Ал-Азҳар,* «*Бадоеъ-ул-вақоеъ», «Мантиқ-ут-тайр», «Китоб-уш-шифо», «Ҳабиб-ус-сияр», «Лубоб-ул-албоб»* ва ғайра;
- дар байни сифатҳои таъкидӣ: *суп-сурх, сап-сафед, сип-сиёҳ, кап-кабуд, луб-лунда, тип-торик, каппа-калон* ва ғайра;
- дар байни сифатҳое, ки аз такрори калимаҳои ҷудогона сохта шудаанд: *коғази рах-рах, риши тор-тор, хурмои калон-калон, дарахтони хурд-хурд, хонаҳои паст-паст, ниҳолҳои борик-борик, говони фарбеҳ-фарбеҳ, бузҳои лоғар-лоғар* ва ғайра;
- дар байни сифатҳои таркибӣ: *ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ, китобҳои адабӣ-таърихӣ, фарҳанги тоҷикӣ-русӣ, сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ* ва ғайра;
- дар сифатҳое, ки аз шумораву исм ва пасвандҳои -а, -ӣ (-гӣ), -ина сохта шудаанд: *тоқии 4-кунҷа, масофаи 100-метра, санги 50-грамма, хонаи 2-ҳуҷрагӣ* ва ғайра;
- дар байни шумораҳои тахминӣ: *чор-панҷ рӯз, сесад-чорсад тонна, шаст-ҳафтод нафар одам, сад-саду сӣ сар гов, даҳ-понздаҳ китоб* ва ғайра;
- пеш аз пасванди -ум (-юм) ва нумеративи -то, ки бо шумораҳои миқдорӣ ё тахминӣ меоянд: *3-юм, 5-то, 10-12-то* ва ғайра;
- дар байни зарфҳое, ки аз калимаҳои тақлиди овозӣ бо пасванди -он сохта мешаванд: *чир-чиркунон, гумбур-гумбуркунон, гум-гумзанон, чаҳ-чаҳзанон* ва ғайра;
- дар байни феълҳои ҳоле, ки аз такрори феълҳо сохта мешаванд: *дав-давон, давон-давон, ҳай-ҳайгӯён, тоз-тозон, давида-давида, рафта-рафта, хонда-хонда, хандида-хандида, лангида-лангида, лангон-лангон* ва ғайра;
- дар назм дар байни пешоянду пайвандакҳои ихтисорӣ ва дигар ҳиссаҳои нутқ: *к-ин, к-он, з-ин, з-он, к-ӯ, в-ин, в-аз, к-аз, в-он, з-ӯ, бад-ин, бад-он, бад-ӯ, в-омад, к-омад* ва ғайра;

- дар байни нидоҳои такрор: *баҳ-баҳ, ҳай-ҳай, вой-вой, ҳа-ҳа-ҳа, ҳи-ҳи-ҳи* ва ғайра.

Эзоҳ. Ҳангоми навишти тире дар аввал аз як тараф ва дар мобайн аз ду тараф фосила гузошта мешавад, вале ҳангоми навишти нимтире, ки дар байн меояд, фосила гузошта намешавад.

13. РАМЗҲОИ ИШОРАТӢ

21. Одатан, дар асарҳои бадеӣ, китобу рисола, мақолаҳои илмӣ ва илмию оммавӣ муаллифон барои шарҳу эзоҳи калима, ибора, ҷумла ва ё ба асару мақолае ишора кардан аз рақам ва рамзҳои махсуси ишоратӣ истифода мебаранд. Рақам ва рамзҳо тавассути компютер ба таври автоматӣ гузошта мешавад. Рамз ва рақамҳои ишоратӣ дар қисмати болоии анҷоми калимаҳо гузошта мешаванд ва дар поварақ маънидод мегарданд:

Китоб аст, ки бо нури донишу маърифат роҳи мардумонро равшан сохта, боиси ҳастиву пойдории миллат, таърих, забон, адабиёт ва фарҳанг гардидааст[4]*. (Эмомалӣ Раҳмон)*

Осоиши ду гетӣ тафсири ин ду ҳарф аст,

*Бо дӯстон мурувват бо душманон мадоро.** (Ҳофизи Шерозӣ)

- агар ҳарфҳо барои муайян кардани шумораҳои бо рақам ифодаёфта оянд, чунин навишта мешаванд: *3*[а]*, 3,*[б] *4*[в]*, хонандаи синфи 11*[г]*, кӯчаи Борбад 98*[в]*, бинои №10*[д]*;*

- аломати параграф (§) барои ҷудо кардани зерфаслҳои бобҳо дар рисолаҳои илмӣ ва баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ гузошта мешавад:

Боби 1. Забони тоҷикӣ дар нимҷазираи Ҳиндустон

§ 1. Густариши забони тоҷикӣ дар Ҳинд ва даврабандии он

§ 2. Сабки ҳиндӣ ва вижагиҳои савтии он

Боби 2. Муродифоти ҷумлаҳои сода дар «Чор дарвеш»

§ 1. Матолиби муқаддамотӣ

§ 2. Муродифоти ҷумлаҳои содаи тасдиқӣ ва инкорӣ

§ 3. Муродифоти қолабҳои аслӣ ва ҳосила

Хулоса

ва ғайра.

[1] Китоб – сарчашмаи маърифат//*Маҷмуаи* мақолаҳои илмӣ (зери назари академик Абдуҷаббор Раҳмонзода). – Хуҷанд: Ношир, 2020. – С.3.

**мадоро* ба маънои *муросо, таҳаммул*

АГЕНТИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ФАРМОНИ
РАЁСАТИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

«Оид ба тасдиқи қоидаҳои тартиби ба идоракунии эътимоднок додани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчиёни давлатӣ»

Мутобиқи моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва бо мақсади ба низом даровардани тартиби ба идоракунии эътимоднок додани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчиёни давлатӣ ф а р м о н м е д и ҳ а м:

1. Қоидаҳои замимагардидаи тартиби ба идоракунии эътимоднок додани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчиёни давлатӣ тасдиқ карда шавад.

2. Роҳбарони мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳалии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои муқаррароти муайяннамудаи қоидаҳои мазкури тартиби ба идоракунии эътимоднок додани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчиёни давлатро таъмин намоянд.

Муовини сардори Раёсат А. Латипов

ш. Душанбе

аз 14 сентябри соли 2005, №59-Д

Бо фармони
Раёсати хизматидавлатии
назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 14 сентябри соли 2005,
№59-Д тасдиқ шудааст

ҚОИДАҲОИ
тартиби ба идоракунии эътимоднок додани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчиёни давлатӣ

Қоидаҳои тартиби ба идоракунии эътимоднокдодани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчиёни давлатӣ (минбаъд-Қоидаҳо) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», муқаррароти Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, тартиби ба идоракунии эътимоднок додани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчиёни давлатиро дар давраи гузаштани (адои) хизмати давлатӣ муайян менамояд.

1. Қоидаҳои умумӣ

1.Мафҳумҳое, ки дар қоидаҳои мазкур истифода мешаванд:

1) идоракунии эътимоднок - фаъолияти сардори ваколатдор дар хусуси аз номи худ идора намудани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчии давлатӣ мебошад, ки соҳиби истифода ва ихтиёрдории он ба ӯ дода шудааст ва ба манфиати хизматчии давлатӣ ё манфиати шахси зикрнамудаи он (бадастоварандаи фоида) дар доираи ваколатҳои муқаррарнамудаи шартномаҳои идоракунии эътимоднок анҷом дода мешавад;

2) объекти идоракунии эътимоднок - ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчии давлатӣ, ки истифодабарии он боиси ба даст даровардани даромад мегардад;

3) сардори ваколатдор - ҳар шахсе (ба ғайр аз мақоми давлатӣ), ки мувофиқи интихоби хизматчии давлатӣ идоракунии

эътимодноки ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти ӯро дар асоси шартномаи дахлдор ба амал мебарорад;

4) бадастоварандаи фоида, ба истиснои сардори ваколатдор ва мақоми давлатӣ, ҳар гуна шахси дигаре буда метавонад.

2. Хизматчии давлатӣ бо назардошти талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон доираи ваколатҳои сардори ваколатдорро бо хоҳиши худ муайян менамояд.

3. Хизматчии давлатӣ ба гирифтани даромад аз ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти худ, ки ба идоракунии эътимоднок додааст, ҳуқуқ дорад.

4. Ба идоракунии эътимоднок додани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчии давлатӣ боиси гузаштани ҳуқуқи моликият ба ин ҳисса ба сардори ваколатдор намегардад.

2.Асосҳо ва тартиби ба идоракунии эътимоднок додани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчии давлатӣ

5.Идоракунии эътимодноки ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчии давлатӣ дар асоси шартномаи идоракунии эътимоднок, ки миёни хизматчии давлатӣ ва сардори ваколатдор баста мешавад ва дигар асосҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меояд (таъсис дода мешавад).

6. Хизматчии давлатӣ дар давоми як моҳи баъди таъин шудан ба мансаб дар давраи гузаштани (адои) хизмати давлатӣ ӯҳдадор аст ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти худро ба идоракунии эътимоднок диҳад.

7. Хизматчии давлатӣ ӯҳдадор аст, нусхаи шартномаи идоракунии эътимодноки аз тарафи нотариус тасдиқ карда шударо ба хадамоти кадрии мақоми давлатии ҷои кораш пешниҳод намояд.

8. Дар сурати пеш аз мӯҳлат бо хоҳиши тарафҳо бекор гаштани шартномаи идоракунии эътимоднок хизматчии давлатӣ ӯҳдадор аст, ки дар ин хусус хадамоти кадрии ҷои корашро огоҳ созад ва ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣқарордоштаи моликияташро дар мӯҳлати 1 моҳи баъди

бекор карда шудани шартнома аз нав ба идоракунии эътимоднок диҳад.

9. Минбаъд ҳар гуна маълумот оид ба гузаштани мӯҳлати амали шартномаи идоракунии эътимоднок, қатъ ё аз нав тамдид шудани амали он ба хадамоти кадрии мақоми давлатии ҷои кор пешниҳод карда мешавад.

3. Кафолатҳои ҳуқуқҳои хизматчиёни давлатие, ки ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти худро ба идоракунии эътимоднок додаанд

10. Маълумотҳо дар хусуси дода шудани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчии давлатӣ ба идоракунии эътимоднок ахбороти хизматии мақоми давлатиро ташкил медиҳанд ва фош карда намешаванд.

11. Барои фош намудани ин маълумотҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарӣ муқаррар карда мешавад.

4. Қоидаҳои хотимавӣ

12. Нусхаи шартномаи идоракунии эътимодноки ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчии давлатӣ дар делои шахсии ӯ нигоҳ дошта мешавад.

13. Хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ ӯҳдадор аст, ки беосеб нигоҳ доштани ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ва махфиёти маълумоти гирифташударо таъмин намояд. Иҷозати шинос шудан ба ин маълумот ба роҳбари мақоми давлатӣ ва муовинони ӯ, инчунин дар маврид ва тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дода мешавад.

14. Аз тарафи хизматчии давлатӣ пешниҳод накардани маълумот ё пешниҳод кардани маълумоти нодуруст дар бораи додани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияташ ба идоракунии эътимоднок мумкин аст барои татбиқи ҷазои интизомӣ асос гардад.

ФАРМОНИ
РАЁСАТИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар бораи тартиби Савганд ёд кардани хизматчии давлатӣ

Бо мақсади муайян намудани тартиби савгандёдкунии хизматчии давлатӣ ва дар сатҳи зарурӣ гузаронидани он фармон медиҳам:

Тартиби замимагардидаи Савганд ёд кардани хизматчии давлатӣ тасдиқ карда шавад.

Муовини Сардор А. Латипов

ш. Душанбе
аз 2 августи соли 2007, №33-Д

Замима
бо фармони Раёсати
хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 2 августи соли 2007, №33-Д

Тартиби Савганд ёд кардани хизматчии давлатӣ

Савганд ёд кардани хизматчии давлатӣ аз талаботи моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» бармеояд, ки тибқи он шаҳрванде, ки бори аввал ба хизмати давлатии маъмурӣ қабул мешавад, дар ҳузури кормандони мақомоти давлатӣ ботантана савганд ёд мекунад.

Хизматчиёни давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни давлатии ҳарбӣ, ки дар мақомоти зикршуда савганд ёд кардаанд, дар вақти ба кор ба хизмати давлатии шаҳрвандӣ гузаштан савганд ёд намекунанд. Савгандёдкунии худро онҳо бо гувоҳномаи мақомоти зикршуда тасдиқ мекунанд, ки он дар делои шахсии онҳо нигоҳ дошта мешавад.

Савгандёдкунии хизматчии давлатӣ дар толори махсус, ки дар он рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуданд, гузаронида мешавад. Он нишон, ифодаи иродаи масъулияти шаҳрванди ба хизмати давлатӣ дохилшуда дар назди ҷомеа ва давлат аст, инчунин ифодаи таҳкими давлату давлатӣ, рушди хизмати давлатӣ ва устувории ҳайати дастгоҳи давлатӣ мебошад.

Маросими савгандёдкунӣ бо сухани ифтитоҳии роҳбари мақоми давлатӣ, ки ҳуқуқи таъин ва озод кардани хизматчии давлатиро дорад, гузаронида мешавад.

Роҳбари мақоми давлатӣ метавонад ташкил ва гузаронидани ин маросимро ба зиммаи муовин, роҳбари воҳиди сохторӣ ва хадамоти кадрӣ вогузор намояд.

Дар маросими савгандёдкунӣ даъват кардани дигар шахсони мансабдор ва кормандони воҳидҳои сохтории мақоми давлатӣ мумкин аст.

Шахси савгандёдкунанда ба минбар баромада, матни савгандро мехонад, ки матни он чунин аст:

«Ман (ному насаб), шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба хизмати давлатӣ қабул шуда, ботантана ва бо ҳисси масъулияти баланди ватандӯстӣ савганд ёд мекунам:

–адои хизмати давлатиро дар мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ифодаи боварии махсус аз тарафи ҷомеа ва давлат дарк намуда,

–Конституцсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намуда,

–дар фаъолияти худ принсипҳои қонуният, адолат, беғаразӣ ва ростқавлиро ба роҳбарӣ гирифта,

–тибқи талаботи Кодекси одоби хизматчии давлатӣ бовиҷдонона ва ба дараҷаи баланди касбӣ хизмат намуда,

–ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф ва эҳтиром намуда, афзалияти манфиатҳои давлат ва ҷомеаро вазифаи асосии худ ҳисоб мекунам.

Барои вайрон намудани савганди ёдкардаам худро дар назди ҷомеа ва давлат масъул меҳисобам».

Баъди хондани савганд хизмачии давлатӣ бо имзои худ ва санаи рӯз маросими савгандёдкуниро тасдиқ менамояд ва аз ҳамон лаҳза ба хизмати давлатӣ дохилгардида эътироф мешавад.

Матни савганд дар делои шахсии хизматчии давлатӣ нигоҳ дошта мешавад.

Маросими савгандёдкунӣ бо баён шудани суханони табрикотии иштироккунандагон ва садо додани гимни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом мерасад.

ФАРМОИШИ
РАЁСАТИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

«Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои пешбурди делои шахсии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Бо мақсади муқаррар намудани тартиби ягонаи пешбурди делои шахсии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқи моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ф а р м о н м е д и ҳ а м:

1. Қоидаҳои замимагардидаи пешбурди делои шахсии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шаванд.

2. Мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот делои шахсии хизматчиёни давлатиро бо талаботи Қоидаҳои мазкур мутобиқ намоянд.

3. Ба корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳои давлатӣ тавсия дода шавад, ки бо мақсади таъмини ягонагии ҳуҷҷатгузории мақомот ва ташкилотҳои давлатӣ дар таҳия ва пешбурди делои шахсии кормандон Қоидаҳои мазкурро ба роҳбарӣ гиранд.

4. Қоидаҳои пешбурди делои шахсии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифтан мавриди амал қарор дода шаванд.

5. Ба шӯъбаи таъминоти ҳуқуқии хизмати давлатӣ ва назорати иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқии хизмати давлатӣ супорида шавад, ки бо тартиби муқарраргардида дар бораи аз эътибор соқит донистани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикисоон аз 6 майи соли 2003 № 1072 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби пешбурди делои шахсии шахсоне, ки Мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ ва Мансабҳои давлатии хизмати давлатиро ишғол менамоянд» таклиф пешниҳод намояд.

Сардори Раёсат Ҷ.Давлатов

шаҳри Душанбе
аз 06 августи соли 2008, №3

Аз 13 августи соли 2008
№435 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
ба қайди давлатӣ гирифта шудааст

Замима
Бо фармоиши сардори Раёсати хизмати давлатии назди
ПрезидентиҶумҳурии Тоҷики
н«6» аз 6 августи соли 2008, №
асдиқ шудааст

ҚОИДАҲОИ ПЕШБУРДИ ДЕЛОИ ШАХСИИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Қоидаҳои пешбурди делои шахсии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Қоидаҳо) дар асоси моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» таҳия шуда, тартиби аз тарафи хадамоти кадрии (корманди масъули) мақомоти давлатӣ тартиб додан ва пеш бурдани делои шахсии хизматчиёни давлатии шаҳрвандии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд. Қоидаҳои мазкур нисбати делоҳои шахсии ишғолкунандагони мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ низ татбиқ мегарданд.

2. Делои шахсии хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – делои шахсӣ) - маҷмӯи санадҳо ва ҳуҷҷатҳое мебошад, ки дар онҳо маълумотҳои мувофиқи ҳамин қоидаҳо муқарраркардашудаи шахсӣ ва хизматии хизматчиёни давлатӣ маҳфуз дошта мешаванд. Шакли намунавии делои шахсии хизматчии давлатӣ замима карда мешавад (замимаи 1).

3. Делои шахсӣ дорои нишонаи «барои истифодаи хизматӣ» мебошад ва ошкор намудани маълумотҳои он ба ғайр аз ҳолатҳои дар ҳамин Қоидаҳо пешбиникардашуда манъ аст.

4. Барои хизматчии давлатӣ дар тамоми давраи фаъолият танҳо як делои шахсӣ тартиб дода мешавад. Барои ишғолкунандагони мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ, хизматчиёни давлатие, ки таъини (пешниҳоди) онҳо аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ваколатдори болоӣ анҷом дода мешавад, мумкин аст, аз тарафи

мақомоти таъинкунанда (пешниҳодкунанда) делои шахсии иловагӣ кушода шавад.

5. Пешбурди делои шахсӣ аз тарафи хадамоти кадрии (корманди масъули) мақомоти давлатии ҷои кор ва пешбурди делои шахсии иловагӣ аз тарафи хадамоти кадрии (корманди масъули) мақомоти таъинкунанда (пешниҳодкунанда) амалӣ карда мешавад. Ҳангоми пешбурди делои шахсии иловагӣ низ қоидаҳои мазкур татбиқ карда мешаванд.

II. САНАДҲО ВА ҲУҶҶАТҲОИ ДЕЛОИ ШАХСӢ

6. Дар делои шахсӣ чунин санадҳо ва ҳуҷҷатҳо ба фаслҳои зерин тақсим карда шуда, маҳфуз дошта мешаванд:

-дар фасли I:

варақаи шахсии баҳисобгирии кадрӣ (шакли намунавии он замима карда мешавад - замимаи 2);

тарҷумаи ҳоли хизматчии давлатӣ (шакли намунавии он замима карда мешавад - замимаи 3);

нусхаи шиноснома;

нусхаи шаҳодатномаҳои дахлдори сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ;

нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот, дараҷаи илмӣ ва такмили ихтисос (агар чунин ҳуҷҷатҳо бошанд);

маълумотнома оид ба вазъи саломатии шакли 086УЕ (бо шакли аз тарафи мақомоти тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардашуда);

нусхаи гувоҳнома дар бораи додани рақами мушаххаси андозсупоранда;

маълумотномаҳо оид ба пешниҳод намудани эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва эъломияҳо оид ба вазъи амволии хизматчии давлатӣ (бо шакли аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардашуда).

-дар фасли II:

нусхаи санадҳо (қарорҳо, амрҳо, фармонҳо) дар бораи таъин кардан, озод намудан ва гузаронидан ба дигар мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ;

нусхаи шартномаи (қарордоди) меҳнатии қабул ба хизмати давлатӣ;

нусхаи санадҳо (қарорҳо, амрҳо, фармонҳо, шартномаҳо) оид ба дароз намудани мӯҳлати дар хизмати давлатӣ будан;

маълумотнома оид ба доғи судӣ;

матни имзошудаи савганди хизматчии давлатӣ;

забонхат дар бораи ошкор накардани маълумоти дорои сирри давлатӣ ва дигар сирҳои бо қонун ҳифзшаванда.

-дар фасли III:

нусхаи санадҳо (қарорҳо, амрҳо, фармонҳо) дар бораи додани рутбаҳои тахассусӣ, дараҷавӣ, дипломатӣ, ҳарбӣ ва дигар унвонҳои махсус (агар чунин ҳуҷҷатҳо бошанд);

нусхаи санадҳо (қарорҳо, амрҳо, фармонҳо) дар бораи сарфарозгардонӣ бо мукофотҳои давлатӣ ва соҳавӣ (агар чунин ҳуҷҷатҳо бошанд);

нусхаи санадҳо (қарорҳо, амрҳо, фармонҳо) дар хусуси ба ҷавобгарии интизомӣ кашидан ва бардоштани муҷозоти интизомӣ (агар чунин ҳуҷҷатҳо бошанд);

варақаҳои аттестатсионӣ (бо шакли аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардашуда);

варақаи шиносоии хизматчии давлатӣ бо делои шахсӣ (шакли намунавии он замима карда мешавад - замимаи 4);

номгӯи санадҳо ва ҳуҷҷатҳои делои шахсии хизматчии давлатӣ (шакли намунавии он замима карда мешавад - замимаи 5);

дафтарчаи меҳнатӣ (нусхаи аслӣ).

7. Ҳуҷҷатҳои дар фасли I, нусхаи санадҳо дар бораи сарфарозгардонӣ бо мукофотҳои давлатӣ ва дафтарчаи меҳнатии дар фасли III делои шахсӣ нигоҳдошташаванда аз тарафи ишғолкунандагони мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ ба хадамоти кадрии (корманди масъули) мақомоти давлатӣ барои ҳамроҳ кардан ба делои шахсӣ пешниҳод карда мешаванд. Нусхаи санадҳо ва ҳуҷҷатҳои бо забонҳои ғайридавлатӣ тартиб додашуда дар якҷоягӣ бо тарҷумаи онҳо бо забони давлатӣ пешниҳод карда мешаванд. Санадҳо ва ҳуҷҷатҳои дигари дар банди 4 Қоидаҳои мазкур пешбинигардида аз тарафи хадамоти кадрии (корманди масъули) мақомоти давлатӣ ба делои шахсӣ ҳамроҳ карда мешаванд.

8. Маълумоти пешниҳоднамудаи ишғолкунандагони мансабҳои давлатии маъмурии категорияҳои якум, дуюм, сеюм, чорум, панҷум, шашум ва ҳафтум, ки таъин ва озод намудани онҳо ба салоҳияти роҳбари мақоми давлатӣ вогузор шудааст, тибқи тартиби муқарраршуда аз ҷониби хадамоти кадрии (корманди масъули) ин мақомот санҷида мешаванд.

9. Маълумоти пешниҳоднамудаи ишғолкунандагони мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ, мансабҳои давлатии сиёсӣ ва маъмурии категорияҳои олӣ ва якум, ки таъин ва интихоби онҳо аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад, аз ҷониби сохтори ваколатдори кадрии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санҷида мешаванд.

10. Санадҳо ва ҳуҷҷатҳои муқарраргардида дар делои шахсӣ маҳфуз дошта мешаванд ва саҳифаҳои он бо қалам рақамгузорӣ карда мешаванд.

11. Ба делои шахсӣ ҳамроҳ намудани дигар санадҳо ва ҳуҷҷатҳое, ки дар Қоидаҳои мазкур пешбинӣ карда нашудаанд, манъ аст.

III.ТАРТИБ ДОДАН ВА ПЕШБУРДИ ДЕЛОҲОИ ШАХСӢ

12. Барои ҳар як хизматчии давлатӣ на дертар аз 7 рӯзи қабул шудан ба хизмати давлатӣ делои шахсӣ тартиб дода мешавад. Минбаъд ҳар як илова низ ба делои шахсӣ дар давоми 7 рӯз баъди ба амал омадани тағйирот ворид карда мешавад.

13. Хароҷотҳо оид ба кушодан, тартиб додан ва пешбурди делои шахсӣ аз ҳисоби маблағҳои дар сатри 2.1.1 «Хароҷоти конселярӣ, воситаҳои аёнӣ ва китобҳои дарсӣ»-и сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти барои соли ҳисоботӣ муайянгардидаи мақомоти давлатӣ анҷом дода мешаванд.

14. Санадҳо ва ҳуҷҷатҳо дар ҳар фасли делои шахсии хизматчии давлатӣ бо тартиби дар банди 4 Қоидаҳои мазкур нишондодашуда маҳфуз дошта мешаванд. Санадҳо ва ҳуҷҷатҳои монандшакл пайдарпай (сол ба сол, моҳ ба моҳ, рӯз ба рӯз) маҳфуз дошта мешаванд.

15. Шаҳрвандон ҳангоми дохил шудан ба хизмати давлатӣ варақаи шахсии баҳисобгирии кадрӣ ва тарҷумаи ҳоли худро пешниҳод менамоянд, ки онҳо бо дасти худ пур карда мешаванд.

16. Варақаи шахсии баҳисобгирии кадрӣ ҳангоми маротибаи аввал ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ таъин шудани хизматчии давлатӣ тартиб дода мешавад.

17. Дар варақаи шахсии баҳисобгирии кадрӣ маълумоти зарурии муқарраргардида нишон дода шуда, расми андозаи 4х6 дар ҷойи муқарраргардида ҷойгир карда шуда, санаи тартиб додани он нишон дода шуда, дурустии он бо имзои шахсӣ тасдиқ карда

мешавад. Ҳангоми ба дигар мақомоти давлатӣ ба кор гузаштан ва ба синни 45 – солагӣ расидан варақаи шахсии баҳисобгирии кадрӣ аз нав тартиб дода мешавад.

18. Тарҷумаи ҳоли хизматчии давлатӣ шарҳи маълумотҳои шахсӣ, фаъолияти меҳнатӣ ва хизматии хизматчии давлатӣ буда, онҳо мухтасар, дақиқ ва фаҳмо нишон дода мешаванд.

19. Тарҷумаи ҳоли хизматчии давлатӣ нишондодҳои зеринро дар бар мегирад:

-насаб, ном, номи падар (пурра), рӯз, моҳ, сол ва ҷои таваллуд (аз рӯи номи имрӯза), баромади иҷтимоӣ;

-таҳсилот, кай ва кадом муассисаҳои таълимиро хатм кардан (номҳо аз рӯи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи таҳсилот), ихтисоси хизматчии давлатӣ;

-фаъолияти меҳнатӣ (номҳо аз рӯи дафтарчаи меҳнатӣ);

-мукофотҳои давлатӣ ва соҳавӣ (номи мукофотҳои давлатӣ ва соҳавӣ, сана ва асоси гирифтан);

-хизмат дар қувваҳои мусаллаҳ;

-маълумотҳо оид ба вазъи оилавӣ ва хешовандони наздик (падар, модар, бародарон, хоҳарон, зан, фарзандон, падару модари зан бо нишон додани насаб, ном, номи падар, сол ва ҷои таваллуд, дар куҷо ва дар кадом мансаб кор мекунанд, ҷои истиқомат);

-дигар маълумотҳое, ки ворид намудани онҳо зарур шуморида мешаванд.

20. Дар тарҷумаи ҳол санаи тартиб додани он нишон дода шуда, он бо имзои шахсӣ тасдиқ карда мешавад.

21. Дар ҳолати тағйир ёфтани маълумотҳои тарҷумаи ҳол хизматчии давлатӣ аз нав тарҷумаи ҳол пур карда, барои илова намудан ба делои шахсӣ ба хадамоти кадрӣ (корманди масъул) месупорад.

22. Варақаи шахсии баҳисобгирии кадрӣ ва тарҷумаи ҳол дар асоси санадҳо ва ҳуҷҷатҳои аслӣ бо истифодаи як ранг бо дасти худ пур карда мешаванд. Дар ин ҳуҷҷатҳо ба ихтисори номҳои мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо, инчунин ворид намудани ислоҳ роҳ дода намешавад.

23. Назорат аз болои дурустӣ ва пуррагии маълумотҳои варақаи шахсии баҳисобгирии кадрӣ ва тарҷумаи ҳоли хизматчии давлатӣ ба зиммаи хадамоти кадрии (корманди масъули) мақомоти давлатӣ гузошта мешавад.

24. Хизматчии давлатӣ ҳуқуқ дорад бо ташаббуси худ ё бо дархости корманди масъули хадамоти кадрӣ дар утоқи кории хадамоти кадрӣ ё дигар ҷойи муайянкардашуда дар иштироки

корманди масъули хадамоти кадрӣ бо делои шахсии худ шинос шавад.

25. Ҳолати бо делои шахсии худ шинос шудани хизматчии давлатӣ дар варақаи шиносоии хизматчии давлатӣ бо делои шахсӣ қайд мегардад.

26. Мақсад аз шиносоии хизматчии давлатӣ бо делои шахси худ аз инҳо иборат аст:

-назорат аз болои дурустии сабтҳои санадҳо ва ҳуҷҷатҳои делои шахсӣ ва иловаҳои ба онҳо воридшаванда;

-ошкор намудани зарурати ворид намудани иловаҳо ба санадҳо ва ҳуҷҷатҳои делои шахсӣ;

-муайян намудани пуррагии санадҳо ва ҳуҷҷатҳои делои шахсӣ;

-назорати мувофиқати сабти санадҳо ва ҳуҷҷатҳои делои шахсӣ бо дафтарчаи меҳнатӣ.

27. Ҳангоми бо делои шахсии худ шинос шудани хизматчии давлатӣ, аз тарафи ӯ ба делои шахсӣ ворид намудани тағйиру иловаҳо манъ аст. Ин амал аз тарафи корманди масъули хадамоти кадрии мақомоти давлатӣ анҷом дода мешавад. Варақаи шахсии баҳисобгирии кадрӣ ва тарҷумаи ҳол бо тартиби дар ҳамин қоидаҳо пешбинигардида аз тарафи хизматчии давлатӣ аз нав тартиб дода шуда, ба хадамоти кадрии (корманди масъули) мақомоти давлатӣ супорида мешаванд.

28. Бо мақсади осон намудани истифодаи санадҳо ва ҳуҷҷатҳои делои шахсӣ, онҳо дар номгӯи санадҳо ва ҳуҷҷатҳои делои шахсӣ бо тартиби хронологӣ ворид карда мешаванд. Номгӯи санадҳо ва ҳуҷҷатҳои делои шахсӣ аз тарафи хадамоти кадрӣ (корманди масъул) тартиб дода мешавад. ҳангоми тартиб додани номгӯи нав номгӯи қаблӣ аз делои шахсӣ хорич карда мешавад.

IV. ВАЗИФАҲОИ ХАДАМОТИ КАДРИИ МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАРТИБ ДОДАН ВА ПЕШБУРДИ ДЕЛОИ ШАХСӢ

29. Вазифаи хадамоти кадрӣ оид ба кушодан, таҳия ва пешбурди делои шахсӣ аз инҳо иборат аст:

-кушодани делои шахсӣ ҳангоми қабул шудан ба хизмати давлатӣ;

-пешбурди делои шахсӣ тибқи муқаррароти қоидаҳои мазкур;

-ба делои шахсӣ ворид намудани иловаҳо, аз ҷумла ворид намудани қайдҳои зарурӣ ба дафтарчаи меҳнатии хизматчии давлатӣ;

-таъмини пуррагии санадҳо ва ҳуҷҷатҳои делои шахсӣ;

-таъмини саҳеҳӣ, дурустӣ ва бехато пур кардани санадҳо ва ҳуҷҷатҳои делои шахсӣ ва иловаҳои ба он воридкардашуда;

- нигоҳдории делои шахсии хизматчиёни давлатӣ;

-бо дархости шифоҳии хизматчии давлатӣ додани делои шахсӣ барои шинос шудан;

-тибқи тартиби муқарраргардида талаб карда гирифтани маълумотнома оид ба доғи судии хизматчии давлатӣ;

-риояи тартиби дархост намудан, гирифтан ва фиристодани делои шахсӣ;

-тибқи тартиби муқаррарнамуда ба бойгонӣ супоридани делои шахсӣ;

-риояи таъмини махфияти маълумотҳои делои шахсӣ;

-иҷрои вазифаҳои дигаре, ки дар Қоидаҳои мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешбурди делои шахсӣ пешбинӣ гардидаанд.

30. Роҳбари хадамоти кадрии (кормандони масъули) мақомоти давлатӣ барои пешбурд ва нигоҳдории делои шахсии хизматчиёни давлатӣ ва фош накардани маълумоти дар делоҳои шахсӣ мавҷудбуда масъулияти шахсӣ дорад.

V. ВАЗИФАҲОИ ХИЗМАТЧИИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ПЕШБУРДИ ДЕЛОИ ШАХСӢ

31. Вазифаҳои хизматчии давлатӣ оид ба пешбурди делои шахсӣ аз инҳо иборат аст:

-ба хадамоти кадрӣ (корманди масъул) пешниҳод намудани санадҳо ва ҳуҷҷатҳои дахлдор барои сари вақт тартиб додани делои шахсӣ;

-пешниҳод намудани санадҳо ва ҳуҷҷатҳои дахлдор барои ба делои шахсӣ ворид намудани иловаҳо;

-тартиб додани варақаи шахсии баҳисобгирии кадрӣ, тарҷумаи ҳол ва масъулияти шахсӣ оиди пурра, дуруст ва объективӣ будани маълумотҳои онҳо;

-таъмини саҳеҳӣ, дурустӣ ва бехато пур кардани санадҳо ва ҳуҷҷатҳои делои шахсӣ ва ворид намудани илова ба онҳо;

-иҷрои вазифаҳои дигаре, ки дар қоидаҳои мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешбурди делои шахсӣ пешбинӣ гардидаанд.

VI. ТАРТИБИ НИГОҲ ДОШТАНИ ДЕЛОҲОИ ШАХСӢ

32. Делоҳои шахсӣ дар давраи фаъолияти хизматчии давлатӣ дар ҷевони махсуси утоқи кории хадамоти кадрии (корманди масъули) мақомоти давлатӣ нигоҳ дошта мешаванд.

33. Роҳбари мақомоти давлатӣ вазифадор аст, ки ба хадамоти кадрӣ (корманди масъул) шароити зарурии нигоҳдории делоҳои шахсии хизматчиёни давлатиро таъмин намояд.

34. Делои шахсии хизматчии давлатии ба истеъфо ё ба нафақа баромада ё бо дигар асосҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмати давлатии онҳо қатъгардида, дар хадамоти кадрии мақомоти дахлдори давлатӣ дар мӯҳлати 15 сол аз рӯзи қатъ шудани хизмати давлатӣ нигоҳ дошта шуда, пас аз он ба бойгонӣ супорида мешавад.

35. Ҳангоми ба мақомоти дигари давлатӣ ё ташкилоти давлатӣ гузаштани хизматчии давлатӣ делои шахсии ӯ дар асоси дархости роҳбари ҳамин мақомот (ташкилот) тавассути алоқаи махсус фиристода мешавад.

36. Мақомоти давлатӣ ё ташкилоте, ки делои шахсии хизматчии давлатиро қабул намудааст, ӯҳдадор аст, ки ирсолкунандаро оид ба қабули делои шахсӣ хаттӣ хабардор намояд.

VII. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

37. Санҷиши риояи Қоидаҳои мазкур аз тарафи мақомоти болоӣ ва мақомоти ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ амалӣ карда мешавад ва шахсони ваколатдори ин мақомот ҳуқуқи санҷидани санадҳо ва ҳуҷҷатҳои делои шахсиро доро мебошанд.

38. Ба дигар мақомоти давлатӣ ва шахсони сеюм ба ғайр аз ҳолатҳои дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида ошкор намудани маълумотҳои делои шахсӣ манъ аст.

39. Риоя накардани муқаррароти қоидаҳои мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси ҷавобгарӣ мегардад.

Замимаи 1
Ба Қоидаҳои пешбурди
делои шахсии хизматчиёни
давлатии Ҷумҳурии
Тоҷикистон

«Барои истифодаи хизматӣ»

Делои
шахсии хизматчии давлатӣ
№_____

(насаб)

_____

(ном)

_____

(номи падар)

Тартиби
пешбурди делои шахсии хизматчии давлатӣ

Барои ҳар як хизматчии давлатӣ на дертар аз 7 рӯзи қабул шудани ӯ ба хизмати давлатӣ, аз ҳисоби маблағҳои дар сатри 2.1.1 «Хароҷоти конселярӣ, воситаҳои айёнӣ ва китобҳои дарсӣ»-и сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти барои соли ҳисоботӣ муайянгардидаи мақомоти давлатӣ делои шахсии шаклаш муқарраргардида кушода мешавад.

Делои шахсӣ аз муқова ва се фасл иборат аст. Дар болои муқова навиштаҷоти «Барои истифодаи хизматӣ», «Делои шахсии хизматчии давлатӣ» ва «№__» сабт карда шуда, барои насаб, ном ва номи падари хизматчии давлатӣ ҷой ҷудо карда мешавад. Дар саҳифаи дохили муқова ҳамин Тартиб ҷой дода мешавад.

Хизматчии давлатӣ ӯҳдадор аст, ки ба хадамоти кадрии (корманди масъули) мақоми давлатӣ нусхаҳои аслӣ ва стандартии санадҳо ва ҳуҷҷатҳои дахлдорро барои тартиб додани делои шахсӣ пешниҳод намояд.

Санадҳо ва ҳуҷҷатҳои барои делои шахсӣ пешниҳодшуда ба се фасл ҷудо карда шуда, бо тартиби муқарраршуда маҳфӯз дошта мешаванд.

Дар фасли I санадҳо ва ҳуҷҷатҳои зерин маҳфуз дошта мешаванд:

-варақаи шахсии баҳисобгирии кадрӣ;
-тарҷумаи ҳоли хизматчии давлатӣ;
-нусхаи шиноснома;
-нусхаи шаҳодатномаҳои дахлдори сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ;
-нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот, дараҷаи илмӣ ва такмили ихтисос (агар чунин ҳуҷҷатҳо бошанд);
-маълумотнома оид ба вазъи саломатии шакли 086УЕ;
-нусхаи гувоҳнома дар бораи додани рақами мушаххаси андозсупоранда;
-маълумотномаҳо оид ба пешниҳод намудани эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва эъломияҳо оид ба вазъи амволии хизматчии давлатӣ.

Дар фасли II санадҳо ва ҳуҷҷатҳои зерин маҳфуз дошта мешаванд:

-нусхаи санадҳо (қарорҳо, амрҳо, фармонҳо) дар хусуси таъин кардан, озод намудан ва гузаронидан ба дигар мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ;
-нусхаи шартномаи (қарордоди) меҳнатии қабул ба хизмати давлатӣ;
-нусхаи санадҳо (қарорҳо, амрҳо, фармонҳо, шартномаҳо) оид ба дароз намудани мӯҳлати дар хизмати давлатӣ будан;
-маълумотнома оид ба доғи судӣ;
-матни имзонамудаи савганди хизматчии давлатӣ;
-забонхат дар бораи ошкор накардани маълумоти дорои сирри давлатӣ.

Дар фасли III санадҳо ва ҳуҷҷатҳои зерин маҳфуз дошта мешаванд:

-нусхаи санадҳо (қарорҳо, амрҳо, фармонҳо) дар хусуси ба хизматчии давлатӣ додани рутбаҳои тахассусӣ, дараҷавӣ,

дипломатӣ, ҳарбӣ ва дигар унвонҳои махсус (агар чунин ҳуҷҷатҳо бошанд);

-нусхаи санадҳо (қарорҳо, амрҳо, фармонҳо) дар бораи сарфарозгардонӣ бо мукофотҳои давлатӣ ва соҳавӣ (агар чунин ҳуҷҷатҳо бошанд);

-нусхаи санадҳо (қарорҳо, амрҳо, фармонҳо) дар хусуси ба ҷавобгарии интизомӣ кашидан ва бардоштани муҷозоти интизомӣ (агар чунин ҳуҷҷатҳо бошанд);

-варақаҳои аттестатсионӣ;

-варақаҳои шиносоии хизматчии давлатӣ бо делои шахсӣ;

-номгӯи санадҳо ва ҳуҷҷатҳои делои шахсии хизматчии давлатӣ.

Дар саҳифаи дохилии охири муқоваи делои шахсии хизматчии давлатӣ лифофа барои нигоҳ доштани дафтарчаи меҳнатӣ ҷой дода мешавад.

Замимаи 2
Ба Қоидаҳои пешбурди делои
шахсии хизматчиёни давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Варақаи шахсии
баҳисобгирии кадрӣ

Ҷой барои расм
(ҳаҷми 4/6)

1.Насаб_____
Ном_____
Номи падар_____
2. Насаб, ном ва номи падар (то давраи ивазшавӣ), санаи иваз намудан_____
3. Ҷинс_____
4. Рӯз, моҳ ва соли таваллуд_____
5. Ҷои таваллуд
_____
(деҳа, ноҳия, шаҳрак, шаҳр, вилоят мувофиқи тақсимоти маъмурию ҳудудии ҷорӣ)
_____
_____

6. Миллат
_____

7. Шаҳрвандӣ_____
_____

8. Ҳизбият_____
_____

9. Ҳолати суд шудан_____
_____
_____

10. Дар ду ва зиёда ҷой кор кардан_____
_____
_____

11. Ба идоракунии боваринок супоридани ҳиссаи дар сармояи оинномавии (шариконаи) ташкилотҳои тиҷоратидошта_____
_____

_____
_____

12. Гирифтани нафақа_____

13. Дарачаи донистани забонҳои хориҷӣ_____

14. Таҳсилот_____

15. Дарачаи таҳсилот_____

(магистр, мутахассис, бакалавр)

Номи муассисаи таълимӣ ва маҳали ҷойгиршавии он	Факултет ё шӯъба	Оғози таҳсил	Анҷомиташ аҳсилё қатъиён	Агар хатм накарда бошад, курси қатъ намудани таҳсил	Ихтисос, тахассус бо нишон додани рақами диплом ё шаҳодатнома

16. Дарача ва унвони илмӣ _____
_____

17. Корҳои илмӣ ва ихтироот _____
_____
_____
_____
_____
_____

18. Фаъолияти меҳнатӣ. Ҳангоми пур кардани банди мазкур номгӯи мақомоти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо тавре номбар шаванд, ки дар вақти фаъолият чунин номгузорӣ шудаанд. Хизмати ҳарбӣ бо нишон додани мансаб сабт карда мешавад.

Моҳ ва сол	Мансаб бо нишон додани номи	Маҳал

а з кадо м вақт	т о кадо м вақт	мақомоти давлатӣ, корхона, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо	и ҷойги ршави и мақом и давлат ӣ, корхо наҳо, муасс исаҳо, дигар ташки лотҳо

19. Такмили ихтисос_____

Номи муассисаи таълимӣ, курсҳои такмили ихтисос ва маҳали ҷойгиршавии онҳо	Номи барномаи таълимӣ	Давраи такмили ихтисос	Санади тасдиққунандаи такмили ихтисос

20. Будубош дар хорича

Моҳ ва сол		Мамлакати будубош	Мақсади будубош дар хорича (кор, сафари хизматӣ, ҳамроҳ бо ҳайат ва дигар мақсадҳо)
аз кадом ваҚт	то кадом ваҚт		

21. Интихоб дар мақомоти намояндагии чумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, шаҳрак ва деҳот

Маҳали ҷойгиршавии мақоми намояндагӣ	Номи мақомоти намояндагӣ	Ба ҳайси кӣ интихоб шудан	Соли	
			интихоб	қатъи ва колат

22.Мукофотҳои давлатӣ _____

(номи мукофоти давлатӣ, асос ва санаи гирифтан)

_____
_____
_____
_____
_____

23.Мукофотҳои соҳавӣ _____

(номи мукофоти соҳавӣ, асос ва мақоме, ки кормандро сарфароз намудааст)

_____
_____
_____
_____
_____
_____

24. Ухдадории ҳарбӣ ва рутбаи ҳарбӣ_____
_____

_____

(ҳайати фармондеҳӣ, сиёсӣ, маъмурӣ ва ғайра)

_____

_____

_____

_____

Навъи қӯшун _____

_____

25.Рутбаи тахассусии хизмати давлатӣ

_____

(номи рутба ва санаи гирифтан)

_____

_____

_____

_____

26. Вазъи оилавӣ ҳангоми пур кардани варақаи шахсӣ_____

(насаб, ном ва номи ҳамсари аъзои оила, фарзандон (фарзандхондагон) бо нишон додани сана, ҷои таваллуд

ва машғулияти онҳо)

_____

_____

_____

_____

_____

_____

_____

_____

_____

_____

_____

_____

_____

_____

_____27.Суроғаи ҷои

истиқомат_____

_____

_____

«_____»_____соли 20__ _____ _____

(санаи пур кардан) (имзои шахсӣ вобаста ба дурустии

(ҳарфи аввали ном,)

тасдиқи маълумотҳои

пешниҳодшуда) ва насаб-пурра)

Замимаи 3
Ба Қоидаҳои пешбурди
делои шахсии хизматчиёни
давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ТАРҶУМАИ ҲОЛИ ХИЗМАТЧИИ ДАВЛАТӢ

1. Насаб, ном, номи падар, рӯз, моҳ,
сол ва ҷои таваллуд (аз рӯи номи имрӯза)
2. Таҳсилот, кай ва кадом муассисаҳои таълимиро хатм кардан (номҳо аз рӯи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи таҳсилот)
3.Фаъолияти меҳнатӣ (номҳо аз рӯи дафтарчаи меҳнатӣ)
4. Мукофотҳои давлатӣ ва соҳавӣ
5. Хизмат дар Қувваҳои мусаллаҳ

_____
(насаб)
_____
_____
(ном)
_____
_____
(номи падар)

« соли 20—»
(санаи пур кардан)

6. Маълумот оид ба вазъи оилавӣ ва хешовандони наздик (падар, модар, бародарон, хоҳарон, зан, фарзандон, падару модари зан бо нишон додани насаб, ном, номи падар, сол ва ҷои таваллуд, дар куҷо ва дар кадом мансаб кор мекунанд, ҷои истиқомат)
7. Дигар маълумоте, ки сабти онро хизматчии давлатӣ зарур мешуморад
_____
_____
_____
_____
_____
_____

_____
_____
_____
_____

(имзои шахсӣ)

Эзоҳ: Хизматчии давлатӣ ӯҳдадор аст, ки хадамоти кадриро оид ба тамоми тағйироти нишондодҳои пешбининамудаи тарҷумаи ҳол бо пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда дар мӯҳлати 7 рӯз баъди ба амал омадани тағйирот огоҳ намояд.

Замимаи 4
ба Қоидаҳои пешбурди делои
шахсии хизматчиёни
давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Варақаи
шиносоии хизматчии давлатӣ бо делои шахсӣ

Р/т	Насаб, ҳарфҳои аввали ном ва номи падар	Мансаби ишғолнамуда	Санаи шиносшавӣ бо делои шахсӣ	Имзо

Замимаи 5
ба Қоидаҳои пешбурди
делои шахсии хизматчиёни
давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Номгӯи
санадҳо ва ҳуҷҷатҳои делои шахсии
хизматчии давлатӣ

_____
_____
(насаб, ном, номи падари хизматчии давлатӣ ва мансаби
ишғолнамуда)

Р/т	*Номгӯи санадҳо ва ҳуҷҷатҳо*	Санаи ворид намудани ҳуҷҷатҳо ба делои шахсӣ	Миқдори саҳифаҳо

Шахси масъул _____

(имзо) (ҳарфи аввали ном ва насаб)

ФАРМОИШИ
РАЁСАТИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

«Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои таҳияи дастурамалҳои мансабии хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Мувофиқи моддаҳои 8 ва 28 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва банди 8 Низомномаи Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2007, №264 тасдиқ карда шудааст ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1) Қоидаҳои таҳияи дастурамалҳои мансабии хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мешаванд).

2) Мақомоти марказӣ ва иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот бо назардошти муқаррароти қоидаҳои мазкур дастурамалҳои мансабии хизматчиёни давлатии маъмурии мақомоти худро таҳия ва тасдиқ намоянд.

3) Фармоиши мазкур ҷиҳати бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда, баъд аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

4) Фармоиши сардори Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2009, №2 «Дар бораи тасдиқи Тавсияҳои методӣ оид ба тартиби таҳияи дастурамалҳои мансабии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз эътибор соқит дониста шавад.

Муовини сардори Раёсат Г. Қосимов

ш. Душанбе
аз 12 майи соли 2011, №64

Аз 20 июни соли 2011,
№614 дар Вазорати адлияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
ба қайди давлатӣ
гирифта шудааст

Бо фармоиши
Раёсати хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз майи 12 соли 2011, №64
тасдиқ карда шудааст

ҚОИДАҲОИ
ТАҲИЯИ ДАСТУРАМАЛҲОИ МАНСАБИИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТИИ МАЪМУРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1) Қоидаҳои таҳияи дастурамалҳои мансабии хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои қисми 2 моддаи 28 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» таҳия гардида, тартиби таҳия, тасдиқ, маҳфуз доштан ва истифодаи дастурамалҳои мансабии хизматчиёни давлатии маъмуриро муайян мекунад.

2) Амали Қоидаҳои мазкур нисбати хизматчиёни давлатии сиёсӣ ва хизматчиёни давлатии маъмурии категорияи олӣ татбиқ намегардад.

3) Дастурамали мансабӣ - санадест, ки номгӯи мансаби хизмати давлатӣ, талаботи тахассусии мушаххас нисбати ишғолкунандагони мансаби мазкур, ӯҳдадориҳои мансабӣ, ҳуқуқ ва масъулияти хизматчии давлатиро пешбинӣ менамояд.

4) Мақсади таҳияи дастурамалҳои мансабӣ:

- иттилоотонии довталабон ва ишғолкунандагони мансабҳо оид ба талаботи тахассусии мушаххас, ӯҳдадориҳо, ҳуқуқҳо ва масъулияти ишғолкунандагони мансабҳо;

- ташкили фаъолияти хизматчии давлатии маъмурӣ;

- истифодаи хулосаҳои натиҷаи фаъолият ҳангоми гузаронидани аттестатсия, баҳодиҳии фаъолият, додани рутбаҳои тахассусӣ, дараҷавӣ ва унвонҳои махсус, муайян намудани эҳтиёҷ ба таҳсил ва такмили ихтисос, татбиқи ҳавасмандгардонӣ ва додани муҷозоти интизомӣ.

5) Дастурамалҳои мансабӣ вобаста ба ҳар як мансаби маъмурии хизмати давлатӣ таҳия гардида, хусусияти

ғайриинфиродӣ доранд ва бо фармоиши (қарори) роҳбари мақоми давлатие, ки ҳуқуқи таъин намудан ба мансаби давлатиро дорад ва/ё дар доираи ӯҳдадориҳои мансабии ӯ тасдиқи дастурамалҳои мансабӣ дохил шудааст (минбаъд - роҳбари мақоми давлатӣ), тасдиқ карда мешаванд. Мумкин аст, ки як, якчанд ва ё ҳамаи дастурамалҳои мансабӣ бо як фармоиши (қарори) роҳбари мақоми давлатӣ тасдиқ карда шаванд.

6) Дастурамалҳои мансабӣ барои ҳар як мансаби давлатии маъмурӣ бояд алоҳида бо тартибе таҳия карда шаванд, ки иҷрои онҳоро тафтиш ва баҳодиҳӣ намудан мумкин бошад.

2. ӮҲДАДОРИҲОИ ВОҲИДҲОИ СОХТОРИИ МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ ДАР РАВАНДИ ТАҲИЯИ ДАСТУРАМАЛҲОИ МАНСАБӢ

7) Дар раванди таҳия ва тасдиқи дастурамалҳои мансабӣ барои мансабҳои хизмати давлатии маъмурӣ роҳбарони воҳидҳои сохторӣ (раёсат, шӯъба, бахш) масъул мебошанд. Дар ин ҷараён хизматчии давлатии маъмурӣ, ки бевосита ин мансабро ишғол менамояд (дар ҳолате, ки мансаб холӣ набошад), хадамоти кадрӣ ва хадамоти ҳуқуқии мақомоти давлатӣ ва инчунин ҳангоми зарурат роҳбари болоии воҳиди сохтории мақомоти давлатӣ ҷалб карда мешаванд.

8) Роҳбари воҳиди сохторӣ:

- маълумоти аввалияро, ки барои таҳияи дастурамалҳои мансабӣ заруранд, ҷамъ меорад;
- дастурамалҳои мансабиро барои мансабҳои сохторҳои худ тибқи талаботи боби 3 Қоидаҳои мазкур таҳия менамояд;
- дар ҳолати ба таври ҷиддӣ тағйир ёфтани ӯҳдадориҳои мансабӣ ва ҳуқуқи хизматчии давлатии маъмурӣ аз рӯи натиҷаи аттестатсия ва/ё баҳодиҳии фаъолияти солона, инчунин ҳангоми азнавташкилдиҳии воҳиди сохторӣ (раёсат, шӯъба, бахш) ва/ё худи мақоми давлатӣ дастурамалҳои мансабиро аз нав дида мебарояд;
- дастурамалҳои мансабии таҳияшударо бо хадамоти кадрӣ ва ҳуқуқӣ (ҳуқуқшинос) ва дар ҳолати зарурат бо дигар воҳидҳои сохторӣ, инчунин шахсони мансабдори дахлдор мувофиқа менамояд.

9) Хадамоти ҳуқуқӣ (ҳуқуқшинос):

- мутобиқати дастурамалҳои мансабии пешниҳодшударо бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдори соҳавӣ месанҷад.

10) Хадамоти кадрӣ:

- ҷараёни таҳия ва тасдиқи дастурамалҳои мансабиро дар воҳидҳои сохтории мақомоти давлатӣ назорат менамояд;

- дастгирии методӣ, ташкилӣ ва техникиро вобаста ба масъалаҳое, ки ба раванди таҳия ва тасдиқи дастурамалҳои мансабии воҳидҳои сохтории (раёсатҳои, шӯъбаҳои, бахшҳои) мақоми давлатӣ дахл доранд, таъмин менамояд;

- барои шинос кардани роҳбарони воҳидҳои сохторӣ бо Қоидаҳои мазкур, инчунин мувофиқатии шакли дастурамалҳои мансабии таҳиягардида бо ҳамин қоидаҳо масъул мебошад;

- нусхаи ниҳоии лоиҳаи дастурамалҳои мансабиро барои тасдиқ ба роҳбари мақоми давлатӣ пешниҳод менамояд.

3. ТАРТИБИ ТАҲИЯИ ДАСТУРАМАЛҲОИ МАНСАБӢ

11) Пеш аз номи дастурамалҳои мансабӣ дар кунҷи болоии тарафи рост нишондодҳои бо фармоиши (қарори) роҳбари мақоми давлатӣ тасдиқ гардида, санаи тасдиқ ва рақами ин фармоиш (қарор) ва мӯҳри нишондори мақомоти давлатии дахлдор ҷой дода мешаванд.

Дар номи санади меъёрии ҳуқуқӣ номи пурраи мансаб, воҳиди сохторӣ ва мақоми давлатӣ дарҷ карда мешаванд.

Таркиби дастурамалҳои мансабӣ бояд инҳоро дар бар гирад:

1. Муқаррароти умумӣ
2. Талаботи тахассусӣ
3. Ӯҳдадориҳои мансабӣ
4. Ҳуқуқҳо
5. Масъулият
6. Муқаррароти хотимавӣ

12) Дар бобҳои дахлдори дастурамалҳои мансабӣ бояд маълумоти зерин дарҷ шаванд:

а) Дар боби 1 Муқаррароти умумӣ:

- номи пурраи мансаб бо нишон додани номи воҳиди сохторӣ ва номи мақоми давлатӣ;

- категорияи мансаби маъмурии хизмати давлатӣ мутобиқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- тартиби таъин ва озод намудан мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- мансаби мазкур ба кӣ тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад;

- ба мансаби мазкур кӣ тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад (агар мавҷуд бошанд);

- дар мавриди зарурӣ киро хизматчии давлатии маъмурии мазкур метавонад иваз намояд ва кӣ метавонад мансаби ишғолнамудаи ӯро иваз намояд;

- ишғолкунандаи мансаби мазкур бо кадом шахсони мансабдор ва воҳидҳои сохторӣ ҳамкорӣ менамояд.

б) Дар боби 2 Талаботи тахассусӣ:

Дар ин боб талаботи тахассусии муқарраргардида, ки тибқи онҳо хизматчии давлатӣ таъин (интихоб) мегардад, нишон дода мешаванд. Дар баробари нишон додани тахассус, собиқаи умумии меҳнатӣ ва собиқаи хизмати давлатӣ, инчунин барои хизматчии давлатӣ донистани муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, таърих ва фарҳанг, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, Конституцсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатиро ба танзим медароранд, бояд пешбинӣ карда шавад.

Масалан: Боби ба таҳсилот дахлдошта бо ин тартиб мушаххас гардонида мешавад:
- барои мансабҳои шӯъбаи ҳуқуқ - таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ;
- барои мансабҳои хадамоти кадрӣ- таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ ё гуманитарӣ;
- барои мансабҳои шӯъбаи молия - таҳсилоти олии молиявӣ;
- барои мансабҳои шӯъбаи иқтисод - таҳсилоти олии иқтисодӣ.

Талаботи тахассусӣ шартан ба ду зербанди ҳатмӣ тақсим мешаванд:

- талаботи умумӣ ба таҳсилот, собиқаи корӣ, малака ва донишҳои соҳа, ки ба ҳамаи хизматчиёни давлатии маъмурии мансаби категорияи мазкур пешбинӣ мешаванд;

- талаботи махсус ба таҳсил, собиқаи корӣ, малака ва дониш, ки барои кор кардан дар мақомоти давлатӣ зарур мебошанд.

Масалан:
- дониш ва малака барои истифодабарии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи хизмати давлатӣ;
- дониш ва малака барои истифодабарии қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ дар соҳаи дахлдор.

в) Дар боби 3 Ӯҳдадориҳои мансабӣ:

Дар боби мазкур ӯҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатии маъмурӣ муайян карда мешаванд. Пеш аз таҳияи ин боб бояд таҳлили фаъолият ва вазифаҳои мақомоти давлатӣ ва воҳидҳои сохтории он дар асоси қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, барномаҳои дахлдор, низомномаҳои мақоми давлатӣ ва воҳидҳои сохтории он, нақшаҳои кории тасдиқгардида, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади истифода намудани онҳо дар таҳияи дастурамалҳои мансабӣ гузаронида шавад.

Ӯҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатии маъмурӣ дар асоси вазифаҳои мақоми давлатӣ, воҳидҳои сохторӣ ва таъиноти функсионалии мансаб тартиб дода мешаванд.

Дар ӯҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатии маъмурӣ бояд вазифаҳои асосӣ муайян карда шаванд. Муқаррароти ӯҳдадориҳо бояд кори воқеан иҷрошавандаро инъикос намоянд ва ба мақсадҳои мансаби мазкур мутобиқат кунанд.

Ӯҳдадориҳои мансабии хизматчиёни давлатии маъмурии воҳиди сохториро бо тартибе таҳия кардан зарур аст, ки тамоми вазифаҳои ин воҳиди сохторӣ ба кормандон тақсим гардида, ягон вазифаҳои воҳиди сохторӣ берун аз доираи ӯҳдадориҳои кормандон намонанд ва ҳолатҳои такрорёбии ӯҳдадориҳои хизматчиёни давлатии маъмурӣ асоснок карда шаванд.

Ӯҳдадориҳои мансабие, ки дар мувофиқа бо роҳбар ё дар якҷоягӣ бо дигар кормандон иҷро карда мешаванд, бояд бо ишораҳои «дар мувофиқа бо …», «дар якҷоягӣ бо …» нишон дода шаванд.

Тавсия дода мешавад, ки дар матни ӯҳдадориҳои мансабӣ ибораҳои «…амалӣ менамояд», «…ташкил мекунад», «…баррасӣ менамояд», «…иҷро мекунад», «…назорат мекунад», «…иштирок мекунад», «…таъмин менамояд» ва ғайра истифода бурда шаванд.

Масалан:
- лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба фаъолияти воҳиди сохторӣ дахлдоштаро таҳия менамояд;
- дар санҷишҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа иштирок мекунад ва аз натиҷаи санҷиш ҳисобот манзур менамояд;
- муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуда, ҷавоб омода

менамояд;
- бо супориши роҳбари воҳиди сохторӣ ё роҳбари мақоми давлатӣ дар кори комиссияҳо, гурӯҳҳои кории мақоми давлатӣ, ҷаласаҳо, машваратҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои мақоми давлатӣ иштирок намуда, ба роҳбари воҳиди сохторӣ гузориш/ҳисобот пешниҳод менамояд.

г) Дар боби 4 Ҳуқуқҳо:

Дар ин боб номгӯи ҳуқуқҳои мансабӣ пешбинӣ мешаванд, ки хизматчии давлатии маъмурӣ дар доираи салоҳияти худ метавонад ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ истифода барад. Барои муайян намудани ҳуқуқҳои хизматчии давлатии маъмурӣ қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, ҳуҷҷатҳои барномавӣ, низомномаҳои мақоми давлатӣ ва воҳидҳои сохтории он, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои ӯҳдадориҳои мансаби мазкурро ба танзим медароранд, асос шуда метавонанд.

Ҳуқуқҳои хизматчии давлатии маъмурӣ аз хусусияти ӯҳдадориҳои хизматии ба зиммаи ӯ вогузоргардида вобаста буда, барои иҷрои саривақтӣ ва сифатноки онҳо бояд кифоя бошанд.

Масалан:
- аз мақомоти дахлдор маълумот ва маводҳои барои иҷрои босифат ва саривақтии ӯҳдадориҳои мансабӣ зарурро бо тартиби муқарраргардида талаб карда гирад;
- дар доираи ваколатҳои худ дар баррасӣ ва қабули қарор аз рӯи масъалаҳои ба ӯҳдадориҳои мансабии ӯ дахлдошта иштирок намояд;
- ба роҳбари воҳиди сохторӣ ва/ё роҳбари мақоми давлатӣ дар доираи ӯҳдадориҳои мансабӣ ва фаъолияти воҳиди сохторӣ оид ба мукаммал намудани самти кор таклиф пешниҳод намояд;

д) Дар боби 5 Масъулият:

Дар ин боб доираи масъулияти хизматчии давлатии маъмурӣ пешбинӣ карда мешавад.

Масалан:
- барои иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани ӯҳдадориҳои мансабӣ, ки дар дастурамали мансабӣ пешбинӣ шудаанд;
- барои пешниҳод накардани маълумоти дуруст ҳангоми қабул ба

хизмати давлатӣ;
- мавҷудияти мамониатҳои муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» барои таъин ва дар мансаб будан;
- барои риоя накардани маҳдудиятҳое, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» муқаррар намудаанд;
- барои риоя накардани меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ;
- барои ошкор намудани сирри хизматӣ, давлатӣ ва сирри дигаре, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд;
- барои риоя накардани интизоми меҳнатӣ ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ;
- барои пешниҳод накардан ва/ё пешниҳоди нодурусти эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва оид ба вазъи амволии хизматчии давлатии маъмурӣ дар мӯҳлатҳои муқарраргардида;
- барои ғайримақсаднок истифода бурдан ва/ё вайрон намудани моликияти давлатии вобастакардашуда.

е) Дар боби 6 Муқаррароти хотимавӣ:

Дар боби мазкур тартиби нигоҳдорӣ ва истифодаи дастурамалҳои мансабӣ пешбинӣ мегардад.

13) Дастурамалҳои мансабӣ дар ду нусха тартиб дода мешаванд.

Нусхаи якуми дастурамалҳои мансабӣ баъди тасдиқ дар хадамоти кадрӣ нигоҳ дошта мешавад. Нусхаи дуюмро хадамоти кадрӣ баъди гирифтани имзо ва нишон додани ному насаб ва сана дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои мансабӣ барои иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ ба хизматчии давлатии маъмурӣ месупорад.

Ба хизматчии давлатие, ки дар оянда ба мансаби мазкур таъин мешавад, дастурамали мансабӣ бо чунин тартиб супорида мешавад.

Тартибдиҳии дастурамалҳои мансабӣ дар ду нусха бо супоридани яке аз онҳо ба хизматчии давлатӣ ҳолатҳои худсарона дигар намудани онҳоро аз байн мебарад.

14) Роҳбарони воҳидҳои сохтории мақомоти давлатӣ ҳамчунин ҳуқуқ доранд барои истифодаи хизматӣ нусхаи дастурамалҳои мансабиро гиранд, ки дар ин хусус дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои мансабӣ сабт карда мешавад.

ФАРМОИШИ
РАЁСАТИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

«Дар бораи тасдиқи Дастурамали талаботи тахассусӣ барои хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Мутобиқи моддаҳои 8 ва 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва банди 8 Низомномаи Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2007 №264 тасдиқ карда шудааст, бо мақсади баланд бардоштани сатҳи касбии хизматчиёни давлатии маъмурӣ ва таъмини мувофиқати онҳо ба

мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Дастурамали талаботи тахассусӣ барои хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мешавад).

2. Мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот зимни интихоб ва ҷобаҷогузории хизматчиёни давлатии маъмурӣ муқаррароти Дастурамали талаботи тахассусии мазкурро риоя карда, дастурамалҳои мушаххаси мансабии хизматчиёни давлатии маъмурии мақомоти худро мувофиқи он таҳия ва тасдиқ намоянд.

3. Дастурамали талаботи тахассусӣ барои хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати хизматчиёни давлатии маъмурӣ, ки то мавриди амал қарор гирифтани он дар мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ таъин шудаанд, татбиқ намегардад. Таъиноти минбаъдаи онҳо ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ мувофиқи ҳамин дастурамал анҷом дода шавад.

4. Фармоиши мазкур ҷиҳати бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда, баъди бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

5. Фармоиши сардори Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 августи соли 2008 №4 «Дар бораи тасдиқи Дастурамали талаботҳои тахассусӣ нисбати ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 августи 2008, таҳти рамзи №436 ба қайд гирифта шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

Муовини сардори Раёсат Г. Қосимов
шаҳри Душанбе
аз 24 августи соли 2011, №153

Аз 26 сентябри соли 2011, №436 «а» дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст

Бо фармоиши Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 августи соли 2011, №153 тасдиқ шудааст

ДАСТУРАМАЛИ
ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ БАРОИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТИИ МАЪМУРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамали талаботи тахассусӣ барои хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Дастурамали талаботи тахассусӣ) меъёри асосии хоста гирифтан ва ҷобаҷогузории хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд.

2. Барои ишғолкунандагони категорияҳои мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, Конституцсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатиро ба танзим медароранд, зарур аст.

3. Барои хизматчиёни давлатӣ мунтазам баланд бардоштани тахассуси касбӣ (на камтар аз як маротиба дар 3 сол) ҳатмист.

4. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ дигар талаботи тахассусӣ, ки дар ҳамин санад ва бо назардошти хусусиятҳои соҳа дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, ҳатмӣ мебошанд.

5. Дастурамали талаботи тахассусии мазкур ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатии шаҳрвандӣ дар мақомоти давлатии ҳифзи ҳуқуқ ва идоракунии ҳарбӣ низ татбиқ мегардад.

2. ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ БАРОИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТИИ МАЪМУРИИ ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

6. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи олӣ:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи якум ё 8 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 10 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- одобу ахлоқи шоиста, ҳисси баланди эҳтиром нисбат ба инсон, шаҳрвандон ва кормандон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

7. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи якум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи дуюм ё 7 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 8 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

8. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи дуюм:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи сеюм ё 6 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 7 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

9. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи сеюм:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 5 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 6 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

10. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи чорум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

11. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи шашум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ.

12. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи ҳафтум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад.

- 1 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 2 сол собиқаи умумии меҳнатӣ.

3. ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ БАРОИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТИИ МАЪМУРИИ МАҚОМОТИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ВАЗОРАТҲО, КУМИТАҲОИ ДАВЛАТӢ ВА СОХТОРҲОИ ОНҲО, ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

13. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи олӣ:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи якум ё 7 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 8 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- одобу ахлоқи шоиста, ҳисси баланди эҳтиром нисбати инсон, шаҳрвандон ва кормандон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

14. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи якум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи дуюм ё 6 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 7 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

15. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи дуюм:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи сеюм ё 5 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 6 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

16. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи сеюм:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

17. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи чорум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

18. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи панҷум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

19. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи шашум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ.

20. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи ҳафтум:

- таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад.

4. ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ БАРОИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТИИ МАЪМУРИИ ДАСТГОҲҲОИ МАҶЛИСИ МИЛЛӢ ВА МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

21. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи олӣ:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи якум ё 7 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 8 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- одобу ахлоқи шоиста, ҳисси баланди эҳтиром нисбати инсон, шаҳрвандон ва кормандон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

22. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи якум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи дуюм ё 6 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 7 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

23. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи дуюм:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи сеюм ё 5 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 6 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

24. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи сеюм:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

25. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи чорум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

26. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи панҷум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

27. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи шашум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ.

28. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи ҳафтум:

-таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад.

5. ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ БАРОИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТИИ МАЪМУРИИ ДАСТГОҲҲОИ СУДИ КОНСТИТУТСИОНӢ, СУДИ ОЛӢ, СУДИ ОЛИИ

ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА КОМИССИЯИ МАРКАЗИИ ИНТИХОБОТ ВА РАЪЙПУРСИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

29. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи олӣ:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи якум ё 7 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 8 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- одобу ахлоқи шоиста, ҳисси баланди эҳтиром нисбати инсон, шаҳрвандон ва кормандон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

30. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи якум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи дуюм ё 6 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 7 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

31. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи дуюм:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи сеюм ё 5 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 6 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

32. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи сеюм:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

33. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи чорум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

34. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи панҷум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

35. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи шашум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ.

36. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи ҳафтум:

- таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад.

6. ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ БАРОИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТИИ МАЪМУРИИ ИДОРАҲОИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, МАҚОМОТИ ДИГАРИ МАРКАЗИИ ҲОКИМИЯТИ ИҶРОИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

37. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи олӣ:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи якум ё 7 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 8 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- одобу ахлоқи шоиста, ҳисси баланди эҳтиром нисбати инсон, шаҳрвандон ва кормандон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

38. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи якум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи дуюм ё 6 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 7 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

39. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи дуюм:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи сеюм ё 5 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 6 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

40. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи сеюм:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

41. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи чорум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

42. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи панҷум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

43. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи шашум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ.

44. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи ҳафтум:

- таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад.

7. ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ БАРОИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТИИ МАЪМУРИИ МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

45. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи сеюм:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

46. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи чорум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

47. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи панҷум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

48. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи шашум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ.

49. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи ҳафтум:

- таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад.

8. ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ БАРОИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТИИ МАЪМУРИИ НАМОЯНДАГИҲОИ ДОИМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАШКИЛОТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ, БАЙНИДАВЛАТӢ (БАЙНИҲУКУМАТӢ)

50. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи олӣ:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи якум ё 7 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 8 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- одобу ахлоқи шоиста, ҳисси баланди эҳтиром нисбати инсон, шаҳрвандон ва кормандон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

51. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи якум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи дуюм ё 6 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 7 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

52. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи дуюм:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи сеюм ё 5 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 6 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

53. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи сеюм:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

54. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи чорум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

55. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи панҷум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

56. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи шашум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ.

57. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи ҳафтум:

- таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад.

9. ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ БАРОИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТИИ МАЪМУРИИ ДАСТГОҲИ РАИСИ ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН, ВИЛОЯТ, ШАҲРИ ДУШАНБЕ, ШАҲР, НОҲИЯ, СОХТОРҲОИ МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ ТОБЕИ РАИСИ ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН, ВИЛОЯТ, ШАҲРИ ДУШАНБЕ, ШАҲР, НОҲИЯ ВА СОХТОРҲОИ МАҲАЛЛИИ МАҚОМОТИ МАРКАЗИИ ҲОКИМИЯТИ ИҶРОИЯ

58. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи олӣ:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи якум ё 7 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 8 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- одобу ахлоқи шоиста, ҳисси баланди эҳтиром нисбати инсон, шаҳрвандон ва кормандон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

59. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи якум:

-таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи дуюм ё 6 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 7 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

60. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи дуюм:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи сеюм ё 5 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 6 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

61. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи сеюм:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- малакаи хуби муошират бо аҳлиҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

62. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи чорум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

63. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи панҷум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

64. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи шашум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад.

65. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи ҳафтум:

- таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад.

10. ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ БАРОИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТИИ МАЪМУРИИ МАҚОМОТИ ХУДИДОРАКУНИИ ШАҲРАК ВА ДЕҲОТ

66. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи дуюм:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи сеюм ё 5 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 6 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

67. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи сеюм: - таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

68. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи чорум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

69. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи панҷум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;

- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

70. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи шашум:

- таҳсилоти олии касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад.

71. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи ҳафтум:

- таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад.

11. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

72. Шахсоне, ки муқаррароти Дастурамали талаботи тахассусии мазкурро вайрон мекунанд, тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

ФАРМОИШИ ЯКҶОЯИ РАЁСАТИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

«Дар бораи тасдиқи Номгӯи беморихое, ки барои иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатӣ монеа мегарданд»

Мутобиқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва Низомномаи Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2007, №264 тасдиқ шудааст, бандҳои 6 ва 7 Низомномаи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006, №603 тасдиқ карда шудааст, ф а р м о и ш м е д и ҳ е м:

1. Номгӯи замимагардидаи беморихое, ки барои иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатӣ монеа мегарданд, тасдиқ карда шавад.

2. Фармоиши мазкур ҷиҳати бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда, баъд аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

3. Назорати иҷрои Фармоиш ба зиммаи муовини сардори Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазири тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шавад.

Вазири тандурустии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Н. Салимов
аз 27 сентябри соли 2012, №476»А»

Муовини сардори Раёсати
хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Г. Қосимов
аз 11 сентябри соли 2012, №117

Замима
Бо фармоиши якҷояи
Раёсати хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
ва Вазорати тандурустии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «11,27» сентябри соли 2012,
№117, №476»А» тасдиқ карда шудааст

Номгӯи
бемориҳое, ки барои иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатӣ монеа мешаванд

р/т	Номгӯи бемориҳо	Асосноккунӣ	Рамз (МКБ 10)
1	Сили фаъол: узвҳои нафаскашӣ, андоми пешоб, рӯдаҳо, пардаи шикам, гиреҳҳои лимфатикӣ, арзанӣ	Бемор барангезандаи бемории сил буда, барои атрофиён сироятнок мебошад.	А15–19 А15–16 А 18.1 А 18.3, А 19
2	Бемориҳои хун ва узвҳои хунофар: Эритремияи шадид ва лейкози омехта Миелолейкози музмин Лимфолейкози музмини тавъам бо камхунӣ Бемории Хоҷкин (лимфогранулематози паҳнгашта) Сафедхунии шадид (лейкоз) Миеломаи сершумор (II-III дараҷа) Ҳемофили Бемории Виллебрант Бемории Пандю - Ослер (бо нишонаҳои	Беморони гирифтори камхунии дараҷаи вазнин ба монанди: камхунии ҳипопластикӣ, апластикӣ, ҳемолитикӣ, диатези хунравӣ ва лейкози хун аз сабаби вазнинии ҷараёни ин бемориҳо, хуруҷи пайвастаи беморӣ ва оризаҳо дучор шуданашон ба табобати тӯлонӣ (2-3 сол) мӯҳтоҷанд. Қобилияти кории беморони мазкур маҳдуд аст.	Д 50-89 С94.0 С92.1 С 91.2 С 81,9 С 91.0 С 90.0 Д 66. Д 68.0 I 78.0 Д 69.4 Д 69.9

	хунравӣ) Тромбоситопении ирсӣ бо хунравӣ, дараҷаи вазнин Диатези хунравии зуд-зуд такроршаванда		
3	Оқибатҳои бемории рагзоди майна бо вайроншавии ҳаракат, мувозинат ва биноиш	Бемор корношоям мегардад	I.69
4	Бемориҳои музмини дил ва пардаи рӯи дил бо заъфи гардиши хун дараҷаи III. Бемории ишемиявии дил. Стенокардии устувор бо маҳдудияти фаъолияти ҷисмонии марҳилаи IV, стенокардии ноустувор бо аворизҳо. Бемории фишорбаландии дараҷаи III, хатари IV. Номуратаббии кори дил дар собиқаи беморӣ: - фибриллятси ва тахикардии меъдачавӣ; -васеъшавии шоҳраг; Атеросклерози рагҳои майнаи сар бо вайроншавии музмини гардиши хун дар майна Сирингомиели бо тетрапарез, сирингобулби бо ихтилоли нутқ (садо)	Бемор корношоям мегардад Хатари фавти нобаҳангом. Хатари фалаҷ Хатари фавти нобаҳангом ва тромбоэмболи Маъюбшавӣ. Деменсия (камақлӣ), хатари фалаҷ. Бемор корношоям мегардад.	1.31 I.50 I.20-1.25 I.10 - 1.15 I.47.2 I.48 I.71 I.69.2 G 95.0
5	Бемории асаб ва ҳароммағз бо вайроншавии фаъолияти такя ва	Ба вайроншавии фаъолияти такяву ҳаракат ва нишонаҳои экстрапирамидӣ	G 25

	ҳаракат	(ларзиши дасту пой), фурӯравии забон, кашиши мушакҳо ва маҳдудияти ҳаракат оварда мерасонад.	
6	Склерози фарогир	Бемории зудамалкунанда бо маҳдудшавии ҳаракати дасту пой, фурӯбарии забон. Давомнокии беморӣ аз оғоз то фавт на зиёдтар аз 2 сол.	G 35
7	Бемории Алтсгеймер, бемории Пик	Ҳангоми бемории мазкур фаромӯшхотирии кул, ки ба корношоямӣ меорад, мушоҳида карда мешавад.	G 30.9
8	Бемории саръ бо хуруҷи пайвастаи саръӣ	Хуруҷи пайвастаи саръӣ ба коҳиши хирад ва корношоямӣ мерасонад.	G 40
9	Энсефаломиелитҳо бо вайроншавии фаъолияти такяву ҳаракат-тетрапарез, трипарез, фалаҷи пойҳо ва вайроншавии мувозинат	Гирифторони бемории мазкур бистарӣ буда, ба ёрдами атрофиён ниёз доранд.	G 04.8
10	Илтиҳоби пардаҳои мағзи сар (энсефалит, менингоэнсефалит, миэлит, энсефаломиелит, арахноидит) бо фишорбаландии ликворӣ	Дар беморон ба вайроншавии яклухти пардаҳои мағзи сар, ки ба фалаҷ, нимфалаҷ, маҳдудияти рӯҳӣ оварда мерасонад, дида мешавад. Ин беморон ба ёрии атрофиён ниёз доранд.	G 03 G 05
11	Нобиноии номаълуми ҳарду чашмҳо (сабабаш номаълум). Нейрохориоретинити дутарафа	Бемор намебинад. Бемории мазкур авҷгиранда буда, ба нобиноӣ оварда мерасонад.	H 54.3 H 30-31
12	Бемориҳои рӯҳӣ	Дар асоси хулосаи ташхиси тиббӣ- рӯҳӣ	C20, F 10- 19, F22, F23
13	Бронхити музмини	Ҳаракати ночизи ҷисмонӣ	J44,

	обструктивӣ, ҳолати вазнин бо заъфи нафаскашии дараҷаи III	ба заъфи нафаскашии дараҷаи III оварда мерасонад.	J60-J 70
14	Артрити тарбодмонанд бо вайроншавии фаъолияти узвҳои ҳаракату такягоҳ	Беморие мазкур тезамалкунанда буда, оқибат ба норасогии фаъолияти буғумҳо ва узвҳои дарунӣ (гурда, дил) оварда мерасонад.	M05-06
15	Беморие бодхӯрдаи фарогири (СКВ) намуди вазнин	Беморӣ сараввал бо иллатёбии узвҳо оғоз гардида, оқибат ба норасоии фаъолияти гурдаҳо оварда мерасонад. Табобати якумраро талаб мекунад.	M 32
16	Склеродермияи фарогир	Беморӣ бо осебёбии пӯст, мушак, узвҳои ҳаракат, узвҳои дарунӣ мегузарад ва оқибат ба норасогии кори гурдаҳо, узвҳои нафаскашӣ ва кори дил оварда мерасонад. Табобати якумраро талаб мекунад.	M-34
17	Ношунавоии кули модарзодӣ ва пайдошуда. Талафи нейросенсории шунавоӣ	Бемор шунида ва нутқ ронда наметавонад.	H 90.4
18	Аломати норасоии модарзодии йод: асабӣ, омехта, шакли варами балғамӣ (микседема) ва муайяннашуда	Дар мавриди гузариши беморӣ ба дараҷаи III-IV андоми асаб, узвҳои хунгардиш, узвҳои биноӣ осеб ёфта, боиси коҳиши қобилияти корӣ мегардад.	E00.1, 03.9 E05, E04.0
19	Тиреотоксикози вазнин бо вайроншавии гардиши хун ва биноӣ. Беморие Базедова		

20	Диабети қанд навъи I ва II бо оризаҳои вазнин (ретинопати, нефропати, попанҷаи диабетӣ)	Давомнокии беморӣ вазнин буда, дар гирифторони бемории мазкур тез-тез авҷгирии беморӣ дида мешавад, ки боиси коҳиши қобилияти корӣ мегардад.	E11
21	Бемории Итсенко–Кушинга дараҷаи миёна ва вазнин, аломати Нелсон	Равиши ин беморӣ вазнин буда, тез-тез хуруҷи беморӣ дида мешавад, ки боиси коҳиши қобилияти корӣ мегардад.	E24
22	Бемории баъд аз осеби майнаи сар	Дар гирифторони бемории мазкур пайдошавии фалаҷ ва нимфалаҷи дасту пойҳо ва ҷароҳати мағзи сар дида мешавад.	T90.5
23	Сиррози ҷигар бо ҳипертензияи порталӣ	Дар беморон фаъолияти кори ҷигар коҳиш меёбад (ҳолати декомпенсатсия), ки боиси коҳиши қобилияти корӣ мегардад.	K74.6 K76.6
24	Омосҳои бадфарҷом	Гирифторони бемории мазкур ба табобати махсусгардонидашудаи тӯлонӣ ниёз доранд	C04 то C- 62

МУНДАРИҶА

Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

1	Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (*бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 999, аз 22 июни соли 2003 ва аз 22 майи соли 2016)*……5-31
2	***Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 майи соли 2001, №28 «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» (бо тағйиру иловаҳо аз 22 апрели соли 2003, №22; аз 5 январи соли 2008, №346, аз 3 декабри соли 2009, №575, аз 23.07.2016, №1325 ва аз 18.07.2017, №1455, аз 18.03.2022, №1851)……32-48***
3	***Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 майи соли 2004, №28 «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» (бо тағйиру иловаҳо аз 21 ноябри соли 2006, №211; аз 3 декабри соли 2009, №576; аз 29 декабри соли 2010, №653; аз 19 марти соли 2013, №960; аз 22 июли соли 2013, №1012; аз 30 майи соли 2017, №1411, аз 19 июли соли 2019, №1641, аз 2 январи соли 2020, №1670, аз 17 декабри соли 2020, №1748, аз аз 17 декабри соли 2020, №1748, аз 25 январи соли 2021, №1800, аз 8 июни соли 2022, №1872)……49-76***
4	Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2007, №233 «Дар бораи хизмати давлатӣ» *(бо тағйиру иловаҳо аз 8 июни соли 2007, №273, аз 11 марти соли 2010, №603; аз 28 июни соли 2011, №741; аз 1 августи соли 2012, №900; аз 28 декабри соли 2012, №914; аз 22 июли соли 2013, №1016; аз 26 июли соли 2014, №1128, аз 25 декабри соли 2015, № 1260, аз 15 марти соли 2016, №1303, аз 24 феврали соли 2017, №№1405, 1406; аз 30 майи соли 2017, №1433; аз 3 августи соли 2018, №1543, аз 4 апрели соли 2019, №1597,аз 2 январи соли 2020, №1672……77-103*
5	***Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 июни соли 2007, №272 «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (бо тағйиру иловаҳо аз 18 июни соли 2008, №390; аз 21 июли соли 2010, №636; аз 30 майи соли 2017, №1428 ва аз 28 августи соли 2017, №1461, аз 25 июни соли 2021, №1792)……104-111***
6	Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 августи соли 2009, №549 «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» (*бо тағйиру иловаҳо аз 16 апрели соли 2012, №827; аз 1 августи соли 2012, №899; аз 23 ноябри соли 2015, №1243; аз 30 майи соли 2017, №1431; аз 4 апрели соли 2019, №1598)*……112-133
7	Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 октябри соли 2009, №553 «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ……134-139

8	***Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2011, №762 «Дар бораи маъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (бо*** *тағйиру иловаҳо аз 15 марти соли 2016, №1294; аз 17 майи соли 2018, №1532; аз 4 апрели соли 2019, №1594, аз 8 июни соли 2022, №1885, аз 24 декабри соли 2022, №1938)*.....*140-149*
9	Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 апрели соли 2012, №828 «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.....150-164
10	Қонунии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, №1339 «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ».....165-179
11	Қонунии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 августи соли 2020, №1714 «Дар бораи муқовимат ба коррупсия 180-198
	Қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
12	Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 майи соли 2007, №579 «Дар бораи муқаррар намудани рутбаҳои тахассусӣ ба хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон».....199
	Фармонҳо ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
13	Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 1999, №5 «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа».....200-201
14	Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 апрели соли 2008, №443 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби ба хизматчиёни давлатӣ додани рутбаҳои тахассусӣ».....202-208
15	Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 апрели соли 2008, №449 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби ҳисоб кардани собиқаи хизмати давлатӣ» (*бо тағйиру иловаҳо аз 6 августи соли 2019, №1330)*.....209-214
16	Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2008, №468 «Дар бораи Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ» *(бо тағйиру иловаҳо аз 6 августи соли 2019, №133)*.....215-230
17	Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 декабри соли 2008, №577 «Дар бораи тасдиқи Дастурамали гузаронидани санҷиши хизматӣ».....231-234
18	Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 майи соли 2024, №828 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба риояи

	қонунгузории хизмати давлатӣ».....235-240
19	Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 феврали соли 2009, №622 «Дар бораи вокуниши шахсони мансабдор ба маводҳои танқидӣ ва таҳлилии воситаҳои ахбори омма».....241
20	Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 июли соли 2010, №901 «Оид ба тасдиқи Низомномаи намунавӣ дар бораи хадамоти кадрии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон».....242-248
21	Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 ноябри соли 2013, №12 «Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» *(бо тағйиру иловаҳо аз 30 майи соли 2017, №887, аз 5 апрели соли 2018, №1043, аз 31 майи соли 2018, №1062); аз 15 августи соли.2018, №1085; аз 27 январи соли 2020 №1430, 3 апрели соли 2021, №147)* *249-255*
22	Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2015, 590 «Дар бораи таъмини татбиқи сиёсати ягонаи хоричӣ»…….256-258
23	Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2015, №591 «Дар бораи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» *(бо тағйиру иловаҳо аз 11 августи соли 2017, №916)*.....*259-268.*
24	Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2016, №1047 «Дар бораи Низомномаи Хадамоти ташрифоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон»……269-276
25	Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2023, №523 «Оид ба Низомнома дар бораи захираи кадрҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон».....277-283
26	Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2016, №647 «Оид ба Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ».....284-298
27	Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 августи соли соли 2016, №737 «Дар бораи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» *(бо тағйиру иловаҳо аз 27.12.2016, №794; аз 3.08.2017, №907; аз 26.09.2017, №939; аз 31.10.2017, №955; аз 21.06.2018, №1066; аз 8.08.2018, №1083; аз 01.10.2018, №1112; аз 16.11.2019, №1374;аз 26.02.2020, №1460;аз 30.04.2020, №1526; аз 22.10.2020, №1624; аз 27.02.2021, №129)*.....*299-300*
28	Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июли соли 2019,

	№1287 «Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷикистон.....301-308
29	Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2019, №1328 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон».....309-316
	Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
30	*Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 7 апрели соли 1999, №142* «Дар бораи суғуртаи ҳатмии давлатии хизматчиёни давлатӣ» *(бо тағйиру иловаҳо аз 1 августи соли 2012, №395)..... .....317-318*
31	*Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 апрели соли 1999, №154* «Дар бораи тасдиқи тартиби корбурди дафтарчаи меҳнатии кормандон *(бо тағйиру иловаҳо аз 31 августи соли 2004, №368 ва аз 2 ноябри соли 2011, №566).....319-343*
32	***Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2008, №272* «Дар бораи Қоидаҳои додани қарзи бефоиз ба хизматчиёни давлатӣ барои харидан, сохтмони манзил ва беҳтар намудани шароити манзилӣ» *(бо тағйиру иловаҳо аз 31 майи соли 2012, №288).....344-347***
33	Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2009, №700 «Дар бораи тасдиқи Тартиби санҷиши маълумоти пешниҳоднамудаи шаҳрванд ҳангоми таъин намудан ба мансаби давлатии хизмати давлатӣ».....348-352
34	***Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 сентябри соли 2023, №462 «Дар бораи низомнома ва сохтори намунавии дастгоҳи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр, ноҳия, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ва шуморaи ниҳоии хизматчиёни давлатии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ».....353-365***
35	Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 сентябри соли 2014, №579 «Дар бораи Дастури методӣ оид ба таҳияи низомномаҳои дастгоҳи марказӣ, воҳидҳои сохтории он ва воҳидҳои тобеи мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ» 366-375
36	Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли *2014, №694* «Дар бораи Тартиби ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ» *(бо тағйиру иловаҳо аз* 24 июли

	соли 2020, №415).....376-390
37	Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2015, №361 «Дар бораи тартиби амалӣ намудани назорати хизматӣ дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон».....391-400
38	Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2015, №587 «Дар бораи Тартиби вогузор намудани функсияҳои мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳо ва бастани шартномаи маъмурӣ».....401-406
39	Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2015, №590 «Дар бораи бақайдгирии басти вазифаҳои хизматчиёни давлатӣ ва сметаҳои хароҷоти нигоҳдории дастгоҳи мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти судӣ ва прокуратура, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби мақомоти молия».....407-414
40	Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2017, №276 «Дар бораи Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ од ба муроҷиатҳои шахсони воҷеӣ ва ҳуқуқӣ».....415-431
41	Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2017, №358 «Дар бораи Дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, муассиса, корхона ва дигар ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон».....432-467
42	Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 августи соли 2017, №409 «Дар бораи Дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» 468-478
43	Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2018, №194 «Дар бораи Номгӯйи мансабҳои хизматчиёни граждании (ҳайати техникӣ ва хизматрасони) мақомоти давлатӣ».....479-481
44	Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 сентябри соли 2019, №457 «Дар бораи шакли намунавии шартнома (қарордоди) меҳнатӣ».....482-488
45	Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон *аз* 24 июли соли 2020, №411 «Дар бораи эъломия оид ба андоз аз даромад».....489-495
46	Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июли соли 2020, №412 «Дар бораи эъломия оид ба вазъи молумулкӣ».....496-

	506
47	Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №268 «Дар бораи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ».....507-543
	Фармоишҳои Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
48	Фармони Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 сентябри соли 2005, №59-Д «Оид ба тасдиқи Қоидаҳои тартиби ба идоракунии эътимоднок додани ҳиссаи (маҷмӯи саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти хизматчиёни давлатӣ» 544-547
49	Фармони Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли2007, №33-д «Дар бораи тартиби савганд ёд кардани хизматчии давлатӣ».....548-550
50	Фармоиши Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2008, №3 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои пешбурди делои шахсии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 августи соли 2008, №435 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст) 551-573
51	Фармоиши Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 майи соли 2011, №64 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои таҳияи дастурамалҳои мансабии хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июни соли 2011, №214 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст) 574-581
52	Фармоиши Раёсати хизмати давлатии назди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 августи соли 2011, №153 «Дар бораи тасдиқи Дастурамали талаботи тахассусӣ барои хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2011 №436 «а» ба қайди давлатӣ гирифта шудааст).....582-601
53	Фармоиши якҷояи Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 сентябри соли 2012, №117 ва Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 сентябри соли 2012, №476 «А» «Дар бораи тасдиқи Номгӯи беморихое, ки барои иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатӣ монеа

	мегарданд».....602-607

Барои қайдҳо

САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ СОҲАИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ

Нашри шашум

Китоби мазкур аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Точикистон бо дастгирии молиявии Бунёди Ҳанс Зайдел (Олмон), нашр гардидааст.

Ба матбаа супорида шуд __.02.2021. Ба чопаш __.03.2021 имзо шуд.
Андозаи 70х100 $^{1}/_{16}$.
Ҷузъи чопӣ 33. Адади нашр 250 нусха.

Дар матбааи «Нашри Камол» чоп шудааст.
ш. Душанбе, к. Борбад, 23 а.
E –mail: saidov.makhmadkarim@mail.ru